# МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
2020. №4

---

# МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ
## ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
2020.№4

---

# YOUNG RESEARCHER
## TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
2020. No4

---

*МАРКАЗИ ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА*
*ДУШАНБЕ – 2020*
*ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН*

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»**
**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2019 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилҷон Хушвахт** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Точикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмаҳмад** | *Доктори илмҳои техникӣ, профессор* |
| **Солиҳов Давлат Қуватович** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Сатторов Абдуманон** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия* |
| **Валиев Шариф Файзуллоевич** | *Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор, декани факултети геологии ДМТ* |
| **Расулиён Қаҳҳор** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Муродов Мурод** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ* |
| **Низомова Туҳфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор* |
| **Одинаев Фурқат Фарҳодович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сафарализода Хучамурод Қуддус** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Рачабов Имомиддин Ширинович** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **НуриддиновРаймалихон Шаҳбозович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Шарипов Фаридун Файзуллоевич** | *Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент* |
| **Устоев Мирзо Бобоҷонович** | *Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ* |


Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2020©

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»**
**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2019 г. Издается 6 раз в год.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

***РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:***

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмахмад** | *Доктор технических наук, профессор* |
| **Солихов Давлат Кувватович** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Сатторов Абдуманнон** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Валиев Шариф Нарзуллоевич** | *Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ* |
| **Расулиён Ҡаххор** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Дустов Хамрохон** | *Кандидат филологических наук, доцент* |
| **Муродов Мурод** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Абдусатторов Абдушукур** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарходович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сафарзода Бахтовар Амирали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Раджабов Имомиддин Ширинович** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Сафарализода Хучамурод Куддус** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Шарипов Фаридун Файзуллоевич** | *Доктор педагогических наук, доцент* |
| **Устоев Мирзо Бободжонович** | *Доктор биологических наук, профессор* |

**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41
© ТНУ, 2020

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**SCIENTIFIC JOURNAL "YOUNG RESEARCHER"**
**Founder of journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal was founded in 2019. It is published 6 times a year.**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht** | *Doctor of Economics, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo Badridinovich** | *Candidate of philological sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

***EDITORIAL BOARD:***

| | |
|---|---|
| **Shermatov Nurmahmad** | *Doctor of technical sciences,* Professor |
| **Solihov Davlat Quvatovich** | *Doctor of physical and mathematical sciences* |
| **Sattorov Abdumannon** | *Doctor of physical and mathematical sciences* |
| **Fayzulloev Erkin Fathulloevich** | *Candidate of chemical sciences, dean of the chemical faculty* |
| **Valiev Sharif Fayzulloevich** | *Doctor of geological and mineralogical sciences, Professor* |
| **Rasuliyon Qahhor** | *Doctor of historical Sciences, Professor* |
| **Kucharov Alamkhon** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University* |
| **Dustov Hamrokhon Dzhumaevich** | *Candidate of philological sciences,* |
| **Murodov Murod** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University* |
| **Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economics, Professor* |
| **Odinaev Furqar Farhodovich** | *Candidate of Economics, assistant professor* |
| **Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi** | *Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science* |
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of law, Professor* |
| **Safarzoda Bakhtovar Amirali** | *Doctor of law, Professor* |
| **Rajabov Imomiddin Shirinovich** | *Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science* |
| **Nuriddinov Raymalikhon Shahbozovich** | *Doctor of politics, Professor* |
| **Sharipov Faridun Fayzulloevich** | *Doctor of pedagogical sciences, Professor* |
| **Ustoev Mirzo Bobojonovich** | *Doctor of Biological sciences, Professor* |

Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
**E-mail:** molodoy.issledovatel@mail.ru
**Phone:** (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2020

# ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ – HISTORY AND ARCHAEOLOGY

## ИНЪИКОСИ ҒОЯҲОИ ЭЪЛОМИЯИ КУРУШИ КАБИР ДАР ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР

***А.Абдуллоев, Зиёзода Т.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши II Кабир ҳанӯз дар давлатҳои дунёи қадим мавриди таваҷҷӯҳи ҷиддӣ қарор гирифта будааст. Бинобар ин, муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки Лулаи Куруши Кабир нусхаи ягона набуда, он дар ҷадвалчаҳои зиёди дигар низ навишта шуда будааст ва чунин ҷадвалчаҳои гилини пурмондаро бостоншиносон аз ҷойҳои гуногуни Шоҳаншоҳии Байнаннаҳрайн пайдо мекунанд. Лулаи Эъломияи Куруши Кабир низ дар як нусха набудааст. Масалан, бостоншиносони чиноии муосир яке аз нусхаҳои Лулаи Куруши Кабирро дар Чин меёбанд ва он ҳоло дар Осорхонаи Пӯшидаи Пекин маҳфуз мебошад. Қисме аз муҳаққиқон боварӣ доранд, ки Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ба Юнону Руми Қадим низ роҳ ёфта будааст. Яъне ҳуқуқи Рум низ дар асоси татбиқи ғояҳои Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ва қонунгузории Шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён ба миён омадааст.

Имрӯз Эъломияи Куруши Кабир бо номи «Лулаи Куруши Кабир» боиси таваҷҷӯҳи сиёсатмадорон, муҳаққиқон, ҳуқуқшиносон ва ҷомеаи умумибашарӣ қарор гардида, тавре дар болотар ҳам ёдовар шудем, он дар таҳияи «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар», ки онро Иҷлосияи III Кулли СММ бо қатъномаи худ зери рамзи 2200 А аз 10 декабри соли 1948 қабул кардааст, мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дарнатиҷаи ташхис ва таҳлили Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир маълум гардид, дар он беш аз 50 ғояи башардӯстӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ инъикос ёфтааст:

1. Шоҳ кафили ҳуқуқи инсон ба зиндагӣ мебошад. 2. Шоҳ кафили амнияти раият мебошад. 3. Шоҳ кафили тартибу низом дар ҷомеа мебошад. 4. Шоҳ кафили ҳуқуқу озодиҳои раият мебошад. 5. Шоҳ кафили дахлнопазирии манзили раият аст. 6. Шоҳ кафили ҳифозати шаклҳои гуногуни моликият аст. 7. Шоҳ дахлнопазирии ибодатгоҳҳо ва шоҳҳоро таъмин менамояд. 8. Шоҳ кафили таъмини ҳуқуқ ба эътиқодҳои динӣ мебошад. 9. Шоҳ дар мамлакат пуштибони асосии расму оинҳо мебошад. 10. Кас ҳак дорад манзилашро тарк кунад ва ба он баргардад. 11. Шоҳи золим бояд ба ҷазои сахт гирифтор карда шавад. 12. Шоҳ бояд зулмро дар мамлакати хеш аз байн бардорад. 13. Шоҳ набояд нисбати халқ ҳудсарона рафтор кунад. 14. Ҳоким ва шоҳ бояд адолатпеша ва бо рахму шафқат бошанд. 15. Мардуқ ба вазифаи шоҳ адолатпешаро интихоб мекунад. 16. Муқаддасгоҳҳо бояд дар зери ҳимояи давлат бошанд. 17. Шоҳи ҳақиқӣ касест, ки сазовори эҳтироми раият шудааст. 18. Мардуми Бобул баробарҳуқуқ мебошанд. 19. Ҳокимияти шоҳ на барои он аст, ки халқ аз он тарсад. 20. Ёдгориҳои таърихиро бояд шоҳ ҳимоя кунад. 21. Ҳеҷ кас набояд дар ҳолати ғуломӣ қарор дошта бошад. 22. Ҳар кас ҳуқуқи истифода аз ёдгориҳои маданиятро дорад. 23. Касе ҳак надорад раиятро аз ҳуқуқи шаҳрвандӣ маҳрум созад. 24. Мардум ҳак доранд ба макомоти давлатӣ муроҷиат намоянд. 25. Куруш ҳимоятгари манфиатҳои мардуми Бобул мебошад. 26. Қонунҳо бояд баробарҳуқуқии ҳамаро таъмин намоянд. 27. Қӯшун аз ҷумлаи кафилони таъмини осудагии раият мебошад. 28. Давлат кафили таъмини ҳуқуқу озодиҳои мардум мебошад. 29. Шоҳ ҳак надорад дар давлати худ ба қонуншиканӣ роҳ диҳад. 30. Шоҳ ҳак надорад касеро маҷбуран аз як ҷо ба дигар кӯчонад. 31. Шоҳ ҳак надорад раиятро аз мамлакат пеш кунад. 32. Шоҳ бояд арзу шикояти раиятро баррасӣ ва ҳаллу фасл намояд. 33. Шоҳ бояд дар назди худоҳо ва раият масъулият дошта бошад. 34. Шоҳ бояд барои раият аз ҳар ҷиҳат намунаи ибрат бошад. 35. Шоҳ бояд ба корҳое машғул шавад, ки халкро ба некрӯзӣ биёранд. 36. Шоҳ кафили асосии ҳуқуқу озодиҳо ва беҳдошти зиндагии раият аст. 37. Шоҳ бояд амнияти мардуми давлатҳои истилокардаро таъмин намояд. 38. Шоҳ бояд ғамхори беҳдошти зиндагии мардуми давлати истилошуда бошад. 39. Қонунҳо бояд дар пояи адолати сиёсӣ ва иҷтимоӣ қарор дошта бошанд. 40. Дар муносибатҳои байналмилалӣ на ҷанг, балки дипломатия афзалият дорад. 41.

Зарурати ба назар гирифтани накш ва мақоми эътиқодоти динӣ дар ҷомеа. 42. Инсон ҳуқуқҳои азалӣ дорад ва онҳоро касе ҳақ надорад шиканад. 43. Пуштибони олии ҳуқуқҳои азалии инсон дар Бобул ҳудохо ва махсусан Мардук мебошад. 44. Ҳамаи нажодхо баробарҳуқуқанд. 45. Ибодатгоҳҳо ва моликияти онҳо дахлнопазиранд. 46. Ҳоричиён дар Бобул ҳуқуқи ҳимоят доранд. 47. Бобул моликияти ҳоричиро аз они ҳуд намекунад 48. Ҳамаи халқҳо ҳуқуқи истиқ-лолияти ҳудро доранд. 49. Касе ҳақ надорад инсонро ба қатл расонад. 50.Ҳар кас ҳуқуқ ба зиндагӣ дорад [1, с.272].

**Мукоисаи Эъломияи Кӯруши Кабир бо Эъломияи умумии ҳуқуқи башар.** Мо хостем ду санади ҳуқуқиро, ки яке Эъломияи ҳуқуқи башар (соли 539 то милод) ва дигаре Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (10.12.1948) СММ мебошад, бо ҳам мукоиса намоем ва муайян созем, ки эъломияи дуюм то кадом дарача ба ғояҳои башардӯстонаю ҳуқуқӣ ва ахлоқии Эъломияи Кӯруши Кабир такя кардааст:

**(Эзохот:** Дар мавридхое, ки дар ҳулосахои тахлил мафхуми «шох» омадааст, дар он маънии «ҳукумат» , ки ба он шоҳ сарварӣ мекунад, низ дар назар дошта мешавад)

| /р | Эъломияи ҳуқуқи башар | Модда | Эъломияи умумии ҳуқуқи башар |
|---|---|---|---|
| | Шоҳ кафили ҳуқуқи инсон ба зиндагӣ мебошад. | **31** | Ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад. Тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ ба ҳам баробар ба дунё меоянд. Онҳо соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд. |
| | Шоҳ кафили амнияти раият мебошад. | **31** | Ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад. Тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ ба ҳам баробар ба дунё меоянд. Онҳо соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд. |
| | Шоҳ кафили тартибу низом дар ҷомеа мебошад | **3** | Ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад. |
| | Шоҳ кафили ҳуқуқу озоди-ҳои раият мебошад. | **31** | Ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад. Тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ ба ҳам баробар ба дунё меоянд. Онҳо соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд. Мардуми Бобул баробарҳуқуқ мебошанд. |
| | Шоҳ кафили дахлнопазирии манзили раият аст. | **21** | 1.Ҳар як инсон ба чунин сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла хӯрок. пӯшок, манзил ҳақ дорад |
| | Шоҳ кафили хифозати шакл-ҳои гуногуни моликият аст. | **17** | 1.Ҳар як инсон ҳақ дорад амволро чӣ шахсан ва чӣ якҷоя бо дигарон ихтиёрдорӣ намояд.<br>2. Ҳеҷ кас набояд аз амволи ҳуд ҳудсарона маҳрум карда шавад. |
| | Шоҳ дахлнопазирии ибодат-гоҳҳо ва шоҳҳоро таъмин менамояд. | **18** | Ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ аз тағйири озодонаи дин ва эътиқод ва пайравии озодонаи дин ё эътиқоди ҳуд чӣ бо тартиби инфиродӣ ва чӣ якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ, дар таълим гирифтан, ибодат намудан ва расму оинҳои динӣ ва маросимиро иҷро кардан иборат аст. |
| | Шоҳ кафили таъмини ҳуқуқ ба эътиқодҳои динӣ мебошад. | **18** | Ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ аз тағйири озодонаи дин ва эътиқод ва пайравии озодонаи дин ё эътиқоди ҳуд чӣ бо тартиби инфиродӣ ва чӣ якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ, дар таълим гирифтан, ибодат намудан ва расму оинҳои динӣ ва маросимиро иҷро кардан иборат аст. |
| | Шоҳ дар мамлакат пушти-бони асосии расму оинҳо мебошад. | **18** | Ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ аз тағйири озодонаи дин ва эътиқод ва пайравии озодонаи дин ё эътиқоди ҳуд чӣ бо тартиби инфиродӣ ва чӣ якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ, дар таълим гирифтан, ибодат намудан ва расму оинҳои динӣ ва маросимиро иҷро кардан иборат аст. |
| 0 | Кас ҳақ дорад манзилашро тарк кунад ва ба он баргардад. | **13** | 1. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар ҳудуди ҳар як давлат рафтуомад кунад ва ба ҳуд маҳалли зист интихоб кунад. 2. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки ҳар кишвар, аз ҷумла кишвари ҳудро тарк кунад ва ба кишвари ҳуд бозгардад. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Шоҳи золим бояд ба ҷазои сахт гирифтор карда шавад. | 5 | Ҳеҷ кас набояд таҳти азият ва ё муомила ва ҷазои сахт, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шарафи ӯ қарор дода шавад. |
| 2 | Шоҳ бояд зулмро дар мамлакати хеш аз байн бардорад . | Аз пешгу фтор | Бо дарназардошти ин, ки таҳқиру беэътиноӣ ба ҳуқуқи башар боиси сурат гирифтани аъмоли ваҳшиёнае гардидааст, ки виҷдони башариятро сахт озурда мегардонад ва эҷоди чунин дунёе, ки дар он одамон дар сухан ва ақида озод ва аз тарсу эҳтиёҷ фориғ бошанд, ҳамчун волотарин орзуи одамон эълон гардидааст |
| 3 | Шоҳ набояд нисбати халқ худсарона рафтор кунад. | Аз пешгу фтор | Бо дарназардошти ин, ки таҳқиру беэътиноӣ ба ҳуқуқи башар боиси сурат гирифтани аъмоли ваҳшиёнае гардидааст, ки виҷдони башариятро сахт озурда мегардонад ва эҷоди чунин дунёе, ки дар он одамон дар сухан ва ақида озод ва аз тарсу эҳтиёҷ фориғ бошанд, ҳамчун волотарин орзуи одамон эълон гардидааст; |
| 4 | Хоким ва шоҳ бояд адо-латпеша ва бо раҳму шафқат бошанд. | Аз пешгу фтор | Бо дарназардошти ин, ки таҳқиру беэътиноӣ ба ҳуқуқи башар боиси сурат гирифтани аъмоли ваҳшиёнае гардидааст, ки виҷдони башариятро сахт озурда мегардонад ва эҷоди чунин дунёе, ки дар он одамон дар сухан ва ақида озод ва аз тарсу эҳтиёҷ фориғ бошанд, ҳамчун волотарин орзуи одамон эълон гардидааст |
| 5 | Мардук ба вазифаи шоҳ адолатпешаро интихоб меку-над. | | |
| 6 | Мукаддасгоҳҳо бояд дар зери ҳимояи давлат бошанд. | | |
| 7 | Шоҳи ҳақиқӣ касест, ки сазовори эҳтироми раият шудааст. | | |
| 8 | Мардуми Бобул баробарҳу-қуқ мебошанд. | | |
| 9 | Хокимияти шоҳ на барои он аст, ки халқ аз он тарсад. | | |
| 0 | Едгориҳои таърихиро бояд шоҳ ҳимоя кунад. | **27** | **1.** Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа озодона ширкат варзад, аз ҳунар баҳра барад, дар пешрафти илм саҳм гирад ва аз дастовардҳои он истифода намояд. |
| 1 | Ҳеҷ кас набояд дар ҳолати ғуломӣ қарор дошта бошад. | **4** | Ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шавад; ғуломӣ ва ғуломфурӯши дар ҳамаи навъҳои онҳо манъ аст. |
| 2 | Хар кас хукуки истифода аз ёдгориҳои маданиятро до-рад. | **27** | 1.Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа озодона ширкат варзад, аз ҳунар баҳра барад, дар пешрафти илм саҳм гирад ва аз дастовардҳои он истифода намояд. |
| 3 | Касе хак надорад раиятро аз ҳуқуқи шаҳрвандӣ маҳрум созад. | **15** | 1. Ҳар як инсон ба шаҳрвандӣ ҳақ дорад.<br>2. Ҳеҷ касро худсарона аз шаҳр-вандӣ ё аз ҳаққи тағйири шаҳр-вандӣ маҳрум кардан мумкин нест. |
| 4 | Мардум хак доранд ба ма-комоти давлатӣ муроҷиат намоянд. | **8** | Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конституцсия ё қонун пешбинӣ шудданд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад. |
| 5 | Кургуш ҳимоятгари манфиат-ҳои мардуми Бобул мебо-шад. | 1 | Тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ ба ҳам баробар ба дунё меоянд. Онҳо соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошан |
| 6 | Қонунҳо бояд баробарҳу-қуқии ҳамаро таъмин нам-оянд. | **17** | Тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ ба ҳам баробар ба дунё меоянд. Онҳо соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд. Ҳамаи одамон дар назди қонун баробаранд ва бидуни ҳеҷ як тафовут |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | ба ҳимояи баробари ҳуқуқӣ ҳақ доранд. Ҳамаи одамон дар муқобили ҳар гуна табъиде, ки хилофи ҳамин Эъломия мебошад ва таҳдиди табъид аз ҷонибе, ки набошад, ба ҳимояи баробар ҳақ доранд. |
| 7 | Қӯшун аз ҷумлаи кафилони таъмини осудагии раият мебошад. | | |
| 8 | Давлат кафили таъмини ҳу-қуқу озодиҳои мардум мебошад. | **3** | Ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад. |
| 9 | Шоҳ ҳақ надорад дар давлати худ ба қонуншиканӣ роҳ диҳад. | Аз пешгуфтор | Бо дарназардошти ин, ки ҳуқуқи башар бояд бо ҳукми қонун ҳимоя карда шавад, то башар ҳамчун охирин илоҷ ба қиёми зидди зулму истибдод маҷбур нагардад. |
| 0 | Шоҳ ҳақ надорад касеро маҷбуран аз як ҷо ба дигар кӯчонад. | **9** | Ҳеҷ касро худсарона дастгир, ҳабс ё бадарға кардан мумкин нест. |
| 1 | Шоҳ ҳақ надорад раиятро аз мамлакат пеш кунад. | **9** | Ҳеҷ касро худсарона дастгир, ҳабс ё бадарға кардан мумкин нест. |
| 2 | Шоҳ бояд арзу шикояти раиятро баррасӣ ва ҳаллу фасл намояд. | **8** | Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конституцсия ё қонун пешбинӣ шудданд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад. |
| 3 | Шоҳ бояд дар назди худоҳо ва раият масъулият дошта бошад. | | |
| 4 | Шоҳ бояд барои раият аз ҳар ҷиҳат намунаи ибрат бошад. | | |
| 5 | Шоҳ бояд ба корҳое машғул шавад, ки халқро ба некрӯзӣ биёранд. | **Аз пешгуфтор** | Бо дарназардошти ин, ки давлатҳои аъзо ӯҳдадор шудаанд ба эҳтироми риояи воқеии ҳуқуқи башар ва озодиҳои асосӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ҳамкорӣ намоянд; |
| 6 | Шоҳ кафили асосии ҳуқуқу озодиҳо ва беҳдошти зинда-гии раият аст. | **Аз пешгуфтор** | Бо дарназардошти ин, ки давлатҳои аъзо ӯҳдадор шудаанд ба эҳтироми риояи воқеии ҳуқуқи башар ва озодиҳои асосӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ҳамкорӣ намоянд; |
| 7 | Шоҳ бояд амнияти мардуми давлатҳои истилокардаро таъмин намояд. | - | |
| 8 | Шоҳ бояд ғамхори беҳдошти зиндагии мардуми давлати истилошуда бошад. | **Аз пешгуфтор** | Бо дарназардошти ин, ки ҳуқуқи башар бояд бо ҳукми қонун ҳимоя карда шавад, то башар ҳамчун охирин илоҷ ба қиёми зидди зулму истибдод маҷбур нагардад; |
| 9 | Қонунҳо бояд дар пояи адолати сиёсӣ ва иҷтимоӣ қарор дошта бошанд. | **Аз пешгуфтор** | Бо дарназардошти ин, ки ҳуқуқи башар бояд бо ҳукми қонун ҳимоя карда шавад, то башар ҳамчун охирин илоҷ ба қиёми зидди зулму истибдод маҷбур нагардад |
| 0 | Дар муносибатҳои байнал-милалӣ на ҷанг, балки дипломатия афзалият дорад. | | |
| 1 | Зарурати ба назар гирифтани накш ва макоми эътиқодоти динӣ дар ҷомеа. | **18** | Ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ аз тағйири озодонаи дин ва эътиқод ва пайравии озодонаи дин ё эътиқоди худ чӣ бо тартиби инфиродӣ ва чӣ якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ, дар таълим гирифтан, ибодат намудан ва расму оинҳои динӣ ва маросимиро иҷро кардан иборат аст. |
| 2 | Инсон ҳуқуқҳои азалӣ дорад ва онҳоро касе ҳақ надорад шиканад. | **1** | Тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ ба ҳам баробар ба дунё меоянд. Онҳо соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд. |
| 3 | Пуштибони олии ҳуқуқҳои азалии инсон дар Бобул худоҳо | **1** | Тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ ба ҳам баробар ба дунё меоянд. Онҳо соҳиби ақлу |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ва махсусан Мардук мебошад. | | вичдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд. |
| 4 | Хамаи нажодҳо баробарҳуқуқ мебошанд. | **1** | Тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ ба ҳам баробар ба дунё меоянд. Онҳо соҳиби ақлу вичдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд. |
| 4 | | **2** | Ҳар як инсон бояд бидуни тафовуте, махсусан аз лиҳози нажод, ранги пӯст, ҷинсия, забон, дин, ақиидаи сиёсӣ ё ақидаи дигар, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, хонаводагӣ ё вазъи дигар тамоми ҳуқуқ ва тамоми озодиҳоро, ки дар ҳамин Эъломия зикр шудаанд, дошта бошад. Ғайр аз ин дар заминаи мақоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ё байналмилалии кишвар ё қаламраве, ки фард ба он тааллуқ дорад, сарфи назар аз он, ки оё ин қаламрав мустақил аст, таҳти васоят қарор дорад, худидора намебошад ё истиқлолияти он бо ягон тарз маҳдуд гардонида шудааст, набояд тафовуте гузошта шавад. |
| 5 | Рӯҳониён ҳуқуқи ҳимояти давлатӣ доранд. | **25** | Ҳар як инсон бояд бидуни тафовуте, махсусан аз лиҳози нажод, ранги пӯст, ҷинсия, забон, дин, ақиидаи сиёсӣ ё ақидаи дигар, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, хонаводагӣ ё вазъи дигар тамоми ҳуқуқ ва тамоми озодиҳоро, ки дар ҳамин Эъломия зикр шудаанд, дошта бошад. Ҳеҷ кас набояд таҳти азият ва ё муомила ва ҷазои сахт, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шарафи ӯ қарор дода шавад. |
| 6 | Ибодатгоҳҳо ва моликияти онҳо дахлнопазиранд. | | |
| 7 | Хоричиён дар Бобул ҳуқуқи ҳимоят доранд | **2** | Ҳар як инсон бояд бидуни тафовуте, махсусан аз лиҳози нажод, ранги пӯст, ҷинсия, забон, дин, ақиидаи сиёсӣ ё ақидаи дигар, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, хонаводагӣ ё вазъи дигар тамоми ҳуқуқ ва тамоми озодиҳоро, ки дар ҳамин Эъломия зикр шудаанд, дошта бошад. |
| 8 | Бобул моликияти хоричиро аз они худ намекунад | | |
| 9 | Хамаи халкҳо ҳуқуқи истиқ-лолияти худро доранд. | **2** | Ҳар як инсон бояд бидуни тафовуте, махсусан аз лиҳози нажод, ранги пӯст, ҷинсия, забон, дин, ақиидаи сиёсӣ ё ақидаи дигар, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, хонаводагӣ ё вазъи дигар тамоми ҳуқуқ ва тамоми озодиҳоро, ки дар ҳамин Эъломия зикр шудаанд, дошта бошад. |
| 0 | Касе ҳақ надорад инсонро ба қатл расонад.[2, с.20] | **5** | Ҳеҷ кас набояд таҳти азият ва ё муомила ва ҷазои сахт, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шарафи ӯ қарор дода шавад.[3, с.44] |

Аз ин мукоиса бармеояд,ки дар 30 моддаи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар 44 мавриди он ғояҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши II Кабир дар шаклу мазмуни дақиқи имрӯза набошанд ҳам, омадаанд. Дар баробари ин, дар Эъломияи ҳуқуқи башар ғояҳои башардӯстонаи зиёде ҳам ҷой доранд, ки аз доираи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар берун мондаанд, чунки онҳо масъалаҳои хос ба Бобул ва вокеияти сиёсию иҷтимоӣ ва динию эътиқодии ба ҳамон замон мувофиқбударо ифода мекунанд.

Аз тафовут дар байни Эъломияи Куруши Кабир ва Эъломияи умумии ҳуқуқи башар бармеояд, ки конунҳо, дар баробари талаботи умумӣ, бояд махсусиятҳои ҷомеаи мушаххасеро низ ифода намоянд, ки барои он навишта мешаванд, бо истисноии Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва асноди дигари ҳуқуқи байналмилалие, ки дар замони мо барои давлатҳои аъзо аз тарафи СММ ва созмонҳои дигари байналмилалӣ навишта ва кабул карда шудаанд. Бояд гуфт, ки кабули конунҳо ва санадҳои дигари байналмилӣ ва минтакавии ҳуқуқию меъёрии замони мо дар шакл ва усули дастаҷамъонаи намояндагони давлатҳои аъзои созмон сурат мегирад ва аз тасдику бақайдгирӣ (ратификатсия) дар макомоти конунгузор мегузаранд.

Эъломияи ҳуқуқи башар аз тариқи андешаҳои Куруши Кабир дар сатҳи хеле баланди ғояҳои башардӯстона, соддаю бо забони равон ва нақлӣ таҳия карда шуда,

кариб ҳамаи он масъалаҳоеро инъикос кардааст, ки барои инсоният натанҳо дар Бобулу тамоми Шаҳаншоҳии Ҳахоманишиён ва аксарияти давлатҳои дунёи қадим, балки дар асрҳои миёна ва ҳатто дар асрҳои нав ва замонҳои таърихи навину муосир ҳам хос ба назар мерасанд. Албатта он ғояҳои ахлокию ҳуқуқии Эъломияи Куруши Кабир, ки дар боло оварда шуданд, мумкин набуд дар шакле навишта шуда бошанд, ки Эъломияи умумии ҳуқуқи башари имрӯз амалкунанда, ки барои тамоми ҷаҳон таҳия карда шудааст, муроттаб сохта мешуд. Муаллифи Эъломияи ҳуқуқи башар – Куруши II Кабир дар шароити мушаххаси таърихӣ – дар оғози асри XVIII то милод, замоне дар Бобул ба сари ҳокимият меояд, ки шоҳи собиқи Бобул Набонид нисбати халқ ва мукаддасоти миллию динии он ба бедодгарии маҳз роҳ додааст. Дар ин шароити ҳассос ва фоҷеабор Куруши Кабир тавонистааст, ки дар Бобул оқибатҳои бедодгарии Набонидро сарбаландона бартараф намояд, нисбати Набониди чиноятпеша ҳам ҷора андешид. Азбаски Куруш шоҳи золим набуд, Набонидро зиндонӣ накарда, ба бадарғаи фахрӣ мефиристонд ва ӯ дар он ҷо то дами вопасин сукунат доштаст.

Бояд дар назар дошт, ки Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир воқеияти таърихии дар Бобули беш аз 2480-соларо ифода кардааст, гарчанде қисме аз ғояҳои Эъломияи Куруши Кабир дар Байнаннаҳрайн ва кишвару минтақаои дигари Шарқи Қадим низ хеле барвақт ба миён омада буданд, чунки режимҳои сиёсӣ дар аксарияти онҳо истибдодӣ буд ва мардум аз ин ни режимҳои сиёсӣ азият кашида, дар бораи шоҳи одил ору мекарданд. Ва дар шахси Куруши Кабир чунин шоҳи одилпеша дар Бобул ба сари ҳокимият меояд ва орзую умеди онҳоро пиёда мекунад.

Вале Куруши Кабир дар Бобул ба сари ҳокимият омада, чандин мушкилӣ дошт, ки онҳо ба ӯ халал мерасонданд. Мушкилӣ дар он таҷасум ёфтаааст, ки шоҳ Куруши Кабир дар Эъломияи ҳуқуқи башар дар чанд накш омадааст: ҳам дар накши шоҳи адолатпешаи барои Бобул интихобкардаи худо Мардук, ҳам аз зери ҳокимияти шоҳи разил Набонид озодкунандаи мардуми Бобул, ҳам подшоҳу ҳукумат, ҳам додгоҳу додҳоҳ, ҳам ҳимоятгари ҳуқуқу озодиҳои мардум, ҳам дар накши рӯҳонии аввал, ҳам иҷрокунандаи супоришҳои Мардук ва, ниҳоят, батартибдарорандаи идораи давлати Ҳахоманишиён.

Барои ҳамин дар Эъломия Бобулро Куруш аз рӯи иродаи худо Мардук идора мекунад, гарчанде дар аввал ӯ дар Бобул ба ҷои худ писараш Камбуҷияи II-ро ҳоким таъйин карда буд. Вале баъди чанде ӯро дар канор монда, дар баробари шоҳаншоҳи давлати Ҳхоманишиён будан, идораи Бобулро низ ба зима мегирад. Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар чунин шароити таърихӣ рӯи кор омадааст [4, с.252].

Сарфи назар аз ин, Эъломияи Куруш он ҳолати иҷтимоию сиёсиеро ифода намудааст, ки натанҳо ҳоси Бобул ва тамоми Шарқи Қадим, балки тавре аз таърихи башар маълум гардид, барои ҳамаи давру замонҳо хос будааст.

Дар оғози асри XVIII то милод фоҷеаи мудҳиш Дар Байнаннаҳрайн танҳо як давлат – Бобулро фаро мегирад. Вале дар таърихи башар чунин фоҷеаҳои сиёсию иҷтимоӣ бисёр рух додаанд: ҳам дар давлатҳои дигари дунёи қадим, ҳам дар давлатҳои асрҳои миёнаю замони нав ва онҳо ҳар ҳел ном гирифтаанд: ошӯби халқ, исёни ҳарбӣ, табаддулоти давлатӣ, табаддулоти ҳарбӣ, инқилоби буржуазӣ ва ғайра. Ба ҳар ҳол то охирҳои асри XIX, замоне ки ҳанӯз аслиҳаи қатлиом ихтироъ карда нашуда буд, пешбурди ҷанг асосан бо истифода аз аслиҳаи оташфишон сурат гирифта, мисли ҷангҳои оянда, ки дар онҳо аслиҳаи қатлиом истифода бурда шуданд, талафоти оммавӣ ба бор намеоварданд. Вале дар ибтидои асри XX вазъият тағйир меёбад: кӯшунҳои тарафҳои бо ҳам мукобил дар амалиётҳои ҳарбӣ аз моддаҳои захрнок, бомба, снаряд, танк, ҳавопаймо ва воситаҳои дигари қатлиомро истифода мебурданд.

Фалокати бемислу монандро аз сар гузаронида истода, ҷомеаи пешкадами ҷаҳонӣ бо тамоми ҷиддият эътироф карданд, ки алҳол инсоният дар назди қудрати ҷангҷӯён бехимоя қарор доранд. Бинобар ин, сарварони давлатҳои Иттиҳоди миллатҳои муттаҳидаи зиддифашистӣ тасмим гирифтанд, ки Созмони Милали Муттаҳидро таъсис дода, ба ҳамин васила пеши роҳи ҷангҳои пурдаҳшати навро, ки метавонанд насли инсонро нест кунанд, бигиранд. Ҳамин тариқ, тавре дар болотар ҳам гуфта шуд, соли 1945 дар Конференсияи байналмилалии Лос-Анҷелеси ИМА СММ таъсис ёфта, дар рӯзи охирини он – 26 июн Оинномаи фаъолияти ҳудро кабул кард. Дар он архитектураи муносибатҳои нави байналмилалӣ дар асоси ҳифзи сулҳ, гирифтани пеши роҳи низоъҳои ҳарбӣ, ҳамкории давлатҳои аъзои СММ дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон инъикос гардидааст [3, с.4].

Дар баробари ин, СММ тасмим мегирад, ки «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар» ҳамчун ҳиради дастачамъонаи ҷомеаи тараккиҳоҳу башардӯсти ҷаҳонӣ таҳия ва қабул карда шавад. Дар он натанҳо ғояҳои башардӯстонаи мукобилони ҷанг, балки ғояҳои хирадмандона ва абадзиндаи Куруши Кабир оид ба ҳифзи ҳуқуқи башар низ инъикос гардидаанд. Дар ин бора мухаккикони зиёд фикри худро баён сохта, ба Эъломия ва муаллифи он Куруши II Кабир баҳои баланд додаанд.

Таъкид бояд кард, ки Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир натанҳо ба таҳияи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар таъсир расонидааст. Ҳанӯз замоне, ки (10 декабри соли 1948) ин санади муҳимтарини ҳуқуқи байналмилалии мусир қабул карда шуда буд, маълум гардид, ки он ҳанӯз тамоми паҳлуҳои ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар бар нагирифтааст ва дар бар ҳам гирифта наметавонад, чунки ин санад бештар масъалаҳои умумии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар бар гирифтааст. Бинобар ин, Иҷлосияи III Кулли СММ дар соли 1948 тасмим гирифт, ки дар асоси Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ду санади дигари ҳуқуқи байналмилалӣ низ таҳия карда шавад: «Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқуқҳои граждани ва сиёсӣ» ва «Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ». Ин се санади ҳуқуқии СММ Билл дар бораи ҳуқуқҳоро таҷассум менамоянд [3, с.9].

Вале ин санадҳо ба макоми ҳуд яку якбора сохиб нашуданд, чунки онҳоро аввал бояд аз се ду ҳиссаи давлатҳои аъзои СММ маъкул (ратификатсия) медонистанд, баъди ин онҳо ба макоми вокеии ҳуд сохиб мешуданд. Бинобар ин, боз кариб 10 соли дигар лозим шуд, то ки ба ин маком сохиб шаванд. Хамин тарик, «Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ» 3 январи соли 1976 ва «Паймони байналҳалкӣ доир ба ҳуқуқуқҳои граждани ва сиёсӣ» 23 марти соли 1976 ба мақоми ҳуқуқи байналмилалӣ сохиб шуданд. .

Таъкид бояд кард, ки дар таҳияи ин санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ низ, дар баробари Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ғояҳои зиёди ҳуқуқӣ ва ахлоқии дар Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши II Кабир инъикосёфта низ мавриди истифода ва бахрабардорӣ карор гирифтаанд. Тавре мухаккикони зиёди мусир низ кайд мекунанд, чор моддаи аввали «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар»-и мусир аз ғояҳои ҳуқуқию ахлоқии «Эъломияи ҳуқуқи башар»- и Куруши II Кабир гирифта шудааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Ксенофонт, VI. – Ксенофонт. «Киропедия». VI. М. Наук. 1788. – 347с.
2. Эмомалӣ Р. “Чеҳраҳои мондагор” – Душанбе. 2019. - 580 с.
3. tg. m. Wikpedia. Org. “Эъломияи умумии ҳуқуқии башар”. 60с.
4. Иброҳимзода У. “Таърихи тамаддуни Ориён”. Душанбе – 2006. – 558с.


## ИНЪИКОСИ ҒОЯҲОИ ЭЪЛОМИЯИ КУРУШИ КАБИР ДАР ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР


Мақолаи иншошуда доир ба таҳлили муқоисавии ду эъломияи бузург, ки яке “Эъломияи Куруши II Кабир” ва дигаре “Эъломи умуми ҳуқуқи башар” бахшида шудааст. Инчунин доир ба бузургии ва таъсири “Лулаи Куруш” аз давари қадим то ба имрӯз ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ сухан меравад. Ғояҳои баланди башардӯстона, соддаю бо забони равон ва нақлӣ таҳия кардашудаи Куруш, ки қариб ҳамаи он масъалаҳоро инъикос кардааст, барои инсоният натанҳо дар Бобулу тамоми Шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо ва аксарияти давлатҳои қадим, балки дар асрҳои миёна ва хатто дар асрҳои нав ва замонҳои таърихи навину мусир ҳам хос ба назар мерасанд. Таъкид бояд кард, ки Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир натанҳо ба таҳияи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар таъсир расонидааст. Ҳанӯз замоне, ки (10 декабри соли 1948) ин санади муҳимтарини ҳуқуқи байналмилалии мусир қабул карда шуда буд, маълум гардид, ки он ҳанӯз тамоми паҳлуҳои ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар бар нагирифтааст ва дар бар ҳам гирифта наметавонад, чунки ин санад бештар масъалаҳои умумии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар бар гирифтааст. Бинобар ин, Иҷлосияи III Кулли СММ дар соли 1948 тасмим гирифт, ки дар асоси Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ду санади дигари ҳуқуқи байналмилалӣ низ таҳия карда шавад: «Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқуқҳои граждани ва сиёсӣ» ва «Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ». Ин се санади ҳуқуқии СММ ҳуқуқҳоро таҷассум менамоянд.



**Калидвожаҳо**: Эъломия, Куруш, ҳуқуқ, шоҳ, башар, СММ, инсон, таҳлил.


## ОТРАЖЕНИЕ ИДЕЙ КИРА II ВЕЛИКОГО В ОБЩЕЙ ДЕКЛАРАЦИИ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА


Данная статья посвящена сравнительному анализу двух великих деклараций, одна из которых - «Декларация Кира II», а другая - «Всеобщая декларация прав человека». Также говорят о размахе и влиянии «Лулаи Кабир» с древних времен до наших дней в международно-правовых документах. Высокие идеи Кира о человечности, упрощении и красноречии, которые отражали почти все эти проблемы, служили человечеству не только в Вавилоне и всей империи Ахеменидов и большинстве древних королевств, но также в Средние века и даже в Новые века и в наше время. Следует отметить, что Всеобщая декларация прав человека не только повлияла на разработку Всеобщей декларации прав человека. Это стало ясно, когда (10 декабря 1948 г.) был принят этот важнейший документ современного международного права, что он не охватывает и не может охватывать все аспекты прав и свобод человека, поскольку этот документ охватывает более общие

вопросы защиты прав и свобод человека. Поэтому Третья сессия Генеральной Ассамблеи ООН в 1948 году решила разработать два других инструмента международного права на основе Всеобщей декларации прав человека: Международный пакт о гражданских и политических правах и Международный пакт об экономических и социальных правах. и цивилизованно ». Эти три правовых документа ООН воплощают права.

**Ключевые слова:** Декларация, Кир, закон, царь, человек, ООН, человек, анализ.

**REFLECTION OF THE IDEAS OF CYRUS II THE GREAT IN THE GENERAL DECLARATION OF HUMAN RIGHTS**

This article is devoted to a comparative analysis of two great declarations, one of which is the "Declaration of Cyrus II" and the other is the "universal Declaration of human rights". There is also talk about the scope and influence of "Lulai Kabir" from ancient times to the present day in international legal documents. Cyrus ' lofty ideas of humanity, simplification, and eloquence, which reflected almost all of these problems, served humanity not only in Babylon and the entire Achaemenid Empire and most of the ancient kingdoms, but also in the Middle ages and even in the New ages and in our time. It should be noted that the universal Declaration of human rights not only influenced the development of the universal Declaration of human rights. This became clear when (December 10, 1948) this most important document of modern international law was adopted. that it does not and cannot cover all aspects of human rights and freedoms, since this document covers more General issues of protection of human rights and freedoms. Therefore, the Third session of the UN General Assembly in 1948 decided to develop two other instruments of international law based on the universal Declaration of human rights: the international Covenant on civil and political rights and the international Covenant on economic and social rights. and civilized ." These three legal document of the United Nations embody the law.

**Keywords:** Declaration, Cyrus, law, king, man, UN, man, analysis.

**Сведения об авторах:** ***Абдуллоев Асомиддин*** – магистр второе курса исторического факультета ТНУ. E-mail: Asomiddin-5@mail.ru. Тел: **915 89 89 09.**
***Зиёзода Т.Н*** – профессор кафедры истории древнего мира и среднего века и археологии Таджикского национального университета. Тел.: **988 08 32 62**

**Information about the authors:** ***Abdulloev Asomiddin*** – first year master of the Faculty of History of TNU. E-mail: Asomiddin-5@mail.ru. Tel: **915 89 89 09.**
***Zivozoda T. N.*** – a Professor of the Department of ancient and middle age history and archeology at the Tajik National University. Phone: **988 08 32 62**

## ҶУНБИШИ ЗАНОН ДАР АФҒОНИСТОН ПАС АЗ СУҚУТИ ҶУНБИШИ “ТОЛИБОН”

***Носири Важма.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар даврони сиёҳи ҳукумати “Толибон” дар Афғонистон занон ранҷу машақатҳои зиёдеро таҳаммул менамуданд. Издивоҷҳои иҷборӣ бо ноболиғон, маҳрум шудан аз таҳсил, нишастан дар хона ва надоштани ҳаққи вазифа, пӯшидани чодар, тавҳин ва таҳқир, надоштани ҷойгоҳи инсонӣ дар ҷомеа аз ҷумлаи мавридҳое буданд, ки барои гурез аз ин ҳама душвориҳо дунболи роҳи илоҷ ва нишон додани ҳувияти аслиашон буданд, то ин ки бо аз ҳам пошии ҳукумати “Толибон” занон ҷунбишеро барандохтанд, теъдоди маҳдуди аз занон зирак шурӯъ карданд ба огоҳӣ додани дигар занон дар робита ба ҳуқуқ ва ҷойгоҳи инсониашон.

Занон ҳам бо алоқаи фаровон дар иҷтимоиёти онон иштирок мекарданд. Оҳиста-оҳиста ин иҷтимоиёт бузургтар шуд ва кумитаҳои таҳти унвонҳои: “Кумитаи занони Афғонистон”, “Занони ҷавон” барои тағйир ва мавриди шурӯъ ба фаъолият оғоз карданд. Дар ин мақола нигоҳе меандозем ба ҳуввияти ҷунбиши занон дар Афғонистон ва таъсири ин ҷунбиш дар зиндагии занони афғон.

Ҷунбиш падидаи иҷтимоӣ аст, ки дар аботи мухталиф ва андозаҳои гуногун ба тағйир додани таркиббандии сиёсӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ ё фарҳангӣ мунҷар мешавад. Ҷунбиш дар истилоҳи дониши ҷомеашиносӣ ҳар гуна кушиши ҷамъӣ барои пешбурди манофеи муштараку ё таъмини ҳадафи аслӣ аз тариқи амали ҷамъи хориҷ аз ҳавзаи ниҳодҳои расмӣ аст.

Ҷунбиши занон дар Афғонистон низ таъсири ҷунбиши занон дар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон аст. Бо таваҷҷӯҳ ба дод ва сутуди фарҳангӣ ва иттилоотҳое, ки байни ҷомеъа вуҷуд дорад, равобити иттилоотӣ ва фарҳангӣ низ истеҳком меёбад.

Ҷунбиши занон дар Афғонистон ҳарчанд ба даврахои гузашта бармегардад, аммо ба рӯи кор омадани низоми навин мубоҳас тоза ва фурсатҳои тозае дар

равобити иҷтимоӣ ва зиндагии мардуми Афғонистон ворид гардид, ки заминаро барои шаклҳо ва ҳаракатҳои ҷадиди занон фароҳам сохт.

Ҷомеъаи занони Афғонистон низ вориди ин раванди равобити фарҳангӣ ва иттилоотӣ бо ҷавоме пайваст гардид ва онҳо тавонистанд бо истифода аз таҷрибаҳои кишварҳои дигар ҳам дар сатҳи минтаҷа ва ҳам дар сатҳи ҷаҳон по ба арсаи иҷтимоъ, сиёсат ва фарҳанг бигузоранд [11, с.45].

Дар Афғонистон наметавон ҷунбиши занонро як ҷунбиши сартосарӣ қалам дод кард, балки ин ҷунбиш дар манотиқи хоси шаҳрӣ ва дар миёни гурӯҳи хосе аз занон даромадааст. Ҳарчанд ба метавон гуфт, ки барномаҳо ва аҳдофи ин ҷунбиш барои тамоми занони Афғонистон аст. Аммо то ҳанӯз натавонистааст, дар миёни тамоми занон, ба вижа занони рустой, барои худ аъзое дошта бошад. Балки бештар фаъолон ва даст андаркорон шомили занони зирак мегардад: монанди занони мутасадӣ, курсҳои донишгоҳӣ, нависандагон, коргарони давлатӣ ва фаъолони ҷомеаи маданӣ ва бахши хусусӣ мебошад. Ҳарчанд дар миёни занони омма шоҳиди тағйироти андак мебошем, назири ширкат дар интихобот, ширкат дар шӯроҳои занон рафтан ба макотиб ва ғайра. Вале ин занон ҳеҷ гоҳ натавонистанд ба нерӯи фишор ва мутолибгар табдил шаванд [5, с.84].

Ҷунбиши занон дар Афғонистон як ҷунбиши баробари хоҳона ва аз навъи ҷунбишҳои ҷадиди иҷтимоӣ аст, ки занон барои ибрози вуҷуд ва ибрози ҳувияти худ тавом бо тағйири азҳони умумӣ дар мафҳуми ҷинсият, мубориза менамоянд. Охирин лоиҳае, ки занон дар Афғонистон бароҳ андохтаанд бо унвони “Номам куҷост”? буд. Ин лоиҳа дар баробари ном бурдани занон дар ҷомеаи Афғонистон ва мавриди хитоб намудани онҳо бо ановини хешовандӣ, ба роҳ афтод. Аз занон пештар таърифи хешовандӣ ва номусӣ сурат мегирад ва онҳоро бо авсофи монанд: ҳамсари фалонӣ, модари фалонӣ ва ғайра мавриди хитоб қарор медиҳанд ва аз исми хоси онҳо ба нудрат истифода мешавад. Ин мавзӯъ реша дар зеҳнияти умумӣ ва фарҳанг ҳоким бар ҷомеа дорад, ки дар сохторҳои иҷтимоӣ низ ниҳода шудааст. Номуспиндории занон дар Афғонистон дар қадами нахуст ҳувияти фардӣ ва шахсии занонро катмон мекунад. Номус пиндоштани занон, илова бар китмон ҳувияти фардии соири ҳуқуқи онҳоро низ нақз менамояд. Истиқлоли фардӣ, ҳаққи интихобот ва дигар ҳуқуқи башарии занон қурбони аслии ин мавзӯъ мегардад. [9, с.45]

Дар луғатномаҳои форсӣ “номус”-ро маънои обурӯ, некномӣ, қонун ва шариъати иллоҳӣ, шараф, ҷавоҳир, модар, духтар ё ҳамсари марде, ки вазифаи ҳифзи ҳурмати онҳо бар уҳдаи ӯст, овардаанд. Ба ин тартиб шеваи зиндагӣ ва рафтори занони хонавода ба вижа онҷо, ки ба ҷинсияти онҳо марбут аст, ба навъи таъинкунандаашон шинохта мешавад [10, с.12].

Ҷунбиши занон дар Афғонистон дар аксар маврид ҳамсӯ бо қонун ва давлат аст. Қавонин, ки фардияти занонро ба расмият шинохтааст, қавонине, ки ҳуқуқи башарии занонро пазируфтааст, аммо ин қавонин ба далели муқовиматҳои бурунӣ, ки аз ҷомеаи мардсолорӣ тавлид мешавад, татбиқ намегардад. Дар берун аз шаҳрҳо, ба ҷои иҷрои қонун як вижа қавонини марбут ба хонавода ва масоили шахсии мардум аз адолати ғайри расмӣ ё ҳамон равишҳои қазоии суннатӣ истифода мекунанд ва қурбони аслии ин равишҳои суннати қазоӣ, занон ҳастанд. Бинобар ин ҷунбиши занон ҳамсӯ бо қавонин ва ниҳодҳои давлатӣ ва дар муқобили ҳинҷорҳои мусаллати иҷтимоӣ ва фарҳанги суннатӣ ҳоким ҳаракат мекунад [2, с.36].

Занони Афғонистон фақат рӯи тағйир дар вазъи занон фикр намекунанд, онҳо рӯи мушкилоти муҳими кишварӣ ва тағйир дар вазъи зиндагии тамоми шаҳрвандон фикр мекунанд ва барнома ироа менамоянд, занони рӯшанфикр ва таҳсилкарда ба ин фикр расидаанд, ки тағйир дар вазъи занон бидуни тағйир дар вазъи ҷомеа имконпазир нест [12, с.8].

Ҷунбишҳо ҳамеша дар баробари навъи маноеъ ё нерӯи муқовим доранд ва пайваста саъй бар дарҳам шикастани душман ё душманоне доранд ва бидуни тартиби ҷунбиши иҷтимоӣ лузуме дорои ҳариф аст, ки бидуни он наметавонад вуҷуд дошта бошад [8, с.131].

Ҳар гоҳ ҷунбиш фақат зидият гардид, дигар ҷунбиш маҳсуб намегардад. Ҷунбиши занон ба хотири мавҷудияти худ ниёз ба ҳарифоне дорад, ки дар зидият ба онҳо ба масири худ идома диҳад. Занони чунбишгар дар Афғонистон бо ин

зидиятҳо мубориза мекунанд то ҳинҷорҳои иҷтимоиро, ки ҳуқуқи занонро поймол кардааст аз байн баранд.

Дар Афғонистон бо эҷоди низоми навини сиёсӣ ва ҳузури густурдаи ҷомеаи ҷаҳонӣ заминаи як таҷрибаи ҷадиди сиёсӣ барои мардум пеш омадааст. Афғонистон дорои Қонуни асосӣ буда, тақрибан ба тамоми эъломияҳои ҳуқуқи башарӣ ва байналмиллалӣ пайваст аст ва барои бархе аз онҳо барномаҳои иҷроӣ низ тадвин намудааст.

Ҷунбишҳои рӯзафзун алайҳи занон, табъизи ҷинсияти густурда ва адами дастрасии занон ба ҳуқуқашон дар ин солҳо онҳоро ба сурати мустамар ба расонаҳо, семинарҳо, конфронсҳо ва хиёбонҳо кашидааст, ба гунае, ки ҷунбиши занон дар ин солҳо эҷоди низоми навини сиёсӣ вориди марҳилаи тозае гардидааст ва барои расидан ба як ояндаи рӯшан кор мекунанд.

Суннатҳои қабилавӣ бештар дар равобити байни тоифавӣ ва қабилавӣ роиҷ аст, ки дар Афғонистон то ҳанӯз ҳам дар бархе вилоятҳо ба асоси ҳамин суннатҳо рафтор мегардад. Ниҳодҳо ва сохторҳои иҷтимоӣ дар ин бистар беш аз дигар фарҳагҳо падарсолорона ҳастанд. Падарсолорӣ, як маънои фармонравоии мард ба кор бурда мешавад. Шакле аз ташкилотҳои иҷтимоӣ аст, ки дар он, мардон бар занон бартарӣ доранд ва онҳоро истеъмол мекунанд. Дар Афғонистон беш аз ҳама, намодҳо ва ҷилваҳои хашми падарсолорӣ дар хонаводаҳо мушоҳида мешавад. Ба гунае, ки як мард метавонад ба чаҳор тариқ занеро ба ҳамсарӣ интихоб кунад; мумкин аст як беваро ба орс бибарад, занеро аз тариқи издивоҷ бадар ба ҳамсарӣ гузинад, занеро дар бал салоҳи як ҷиноят ба даст овард, ки ӯ ё яке аз бистагонаш қурбони он ҷиноят буда ё қимати маъниро дар бадал издивоҷ ба як зан бипардозад [4, с.5].

Занон дар робита бо тақобули ҷунбиши занон рӯи ин таъкид кардаанд, мафҳуми падарсолорӣ ва ҳокимияти он дар зиндагии мардуми Афғонистон ҳарчанд дигар падидаҳое, ки дар инҷо ба унвони душмани ҷунбиши занон матраҳ шудааст зери маҷмуъи мафҳуми мардсолорӣ мешавад. Аммо аз миёни посухдиҳандагон теъдоди қобили мулоҳизаи ин мафҳумро ба сурати интизоъӣ низ бар шумурдаанд. Мардсолорӣ низоми иқтидори мардона, ки аз роҳи ниҳодҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ занонро зери зулм ва саркуб қарор медиҳанд. Қудрати мардсолорӣ аз инҷо нишот мегирад, ки мардон ба манобеъ ва имтиёзоти сохторӣ қудрат дар дарун ва берун аз хона дастрасии бештаре доранд ва воситаи тақсими онҳо дар ҷомеаанд.

Бо таваҷҷӯҳ ба навъи зиндагӣ ва муносиботи иқтисодии ҳоким дар Афғонистон метавон гуфт, ки тамоми ниҳодҳои мусалати арсаи муносибот мардон ҳастанд ва занон дар онҳо дорои нақши поинтар аз мардон мебошанд, ки ин мисол занонро дар мавқеи нобаробар ва эътироз қарор додааст.

Озори ҷинсӣ яке аз падидаҳое аст, ки ҷунбиши занон дар Афғонистон алайҳи он мубориза мекунад, шакле аз табъи ҷинсӣ аст, ки дар муҳитҳои корӣ нисбат ба занон аъмол мешавад. Ин истилоҳ дар қатъномаи Федеросиюни байналмиллалии иттиҳодҳои коргарӣ чунин таъриф шудааст: озори ҷинсӣ иборат аз ҳар навъи кӯшише, ки барои наздик шудани одам аз ишорае ё забонӣ ё тамоси нохостаи ҷисмӣ ва ба вижа ишораҳои таҳқиромӯз, ки дар муҳитҳои корӣ ба дифоъот анҷом шавад ва аз сӯи шахсе, ки ин гуна рафтор мутаваҷҷеҳи ӯ аст, тавҳиномез талқин шавад ва дар натиҷаи ин рафтори шахс эҳсос кунад, ки мавриди таҳдид ё таҳқир ё музоҳимат воқеъ шуда ё мавқеи шуғлиаш ба хатар афтодааст ё ин, ки дар муҳити кор фазои нохушоянд ё таҳдидомӯз ба вуҷуд ояд. Ба таври куллӣ ҳар навъи талош барои наздикӣ ба шахсе, ки толиб наздике нест, озори ҷинсӣ номида мешавад.

Бар асоси кӯшишҳои ҷинсиятӣ дар Афғонистон занонро инсонҳои эҳсосотӣ ва дорои қувваҳои истидоли заъиф мепиндоранд, ки кори хона вазифаи аслии онҳо мебошад. Дар ҳоле, ки мардҳоро афроди бо нерӯи ҷисмии зиёд ва тавонманд мепиндоранд, боварӣ бар ин, ки занон мутаалиқ ба хона ҳастанд. Боис шудааст, ки дар бисёре аз арсаҳои корӣ натавонанд ҳузур дошта бошанд ва дар хеле аз шуғлҳо сирф ба хотири зан будан ҳуқуқи камтаре дарёфт кунанд.

Маҳдудият дар мавриди занон дар ҳавзаи умумӣ ва доштани шуғли иҷтимоӣ бештар дар чорчуби омӯзҳо ва мафоҳими динӣ тарҳ ва таваҷҷӯҳ мегардад. Фаҳми динӣ дар Афғонистон ба шиддат аз пиндорҳо ва усули рафтори маҳаллӣ ва қабилаҳои мутаасир мебошад. Дар ин навъи фаҳми динӣ, иштироки занон дар ҳавзаи умумӣ, ба унвони як ҳаққи асосӣ барои инҳо ба расмият шинохта

намешавад, балки табйини муносиботи мард ва зан бартарии мардон бар занон ва ин, ки ҳузури занон дар ҳавзаи умумӣ дар чаҳорчуби тарҷиҳоти шахсӣ ва хонаводагӣ мардон таъриф мегардад.

Табъиз ба сурати густурда дар саросари сохторҳои иҷтимоии Афғонистон вуҷуд дорад ва як чизе амиқ байни қонун ва зиндагии амалии шаҳрвандон машҳуд аст. Сақфи шишае дар тамоми лоиҳаҳои зиндагии афроди ҷомеаи Афғонистон вуҷуд дорад ва дар тамоми арсаҳо, фаъолиятҳои занонро ба чолиш мекашад. Дар масоили иҷтимоӣ ва умумӣ берун аз манзил, занон ба сурати мусовӣ бо мардон дар назар гирифта намешаванд ва агар эҳтироме ҳам ба зан сӯрат мегирад аз ҷиҳати нақши модарии он аст то нақшҳои иҷтимоии ӯ. Нобаробарии ҷинсиятӣ дар густураҳои ҷомеаи Афғонистон, бар ҳамаи сохторҳои иҷтимоӣ соя андохтааст ва ба шаклҳои мухталиф, мушкилоти зиёдеро фарорӯи занон эҷод менамояд. Сохторҳои иҷтимоии ҳамаи онҳо дар як иртиботи мутақобила бо ҳам қарор доранд. Ҳар гуна вазъияте дар яке аз онҳо, рӯи дигаре низ асар мегузорад ва дар иртибот бо ҳам амалӣ менамоянд, бинобарин ҳар як навъи имтиёзи дар як ҳавза, рӯи дигар нақши таъйинкунандае ба ҷо мегузорад.

Дар сохтори хонаводаи падарсолор, тасмимгириҳо ва салоҳиятҳо дар қабзаи мардони хонавода аст ва ба занон камтар ҳаққи интихоб ва тасмимгирӣ дода мешавад. Вале анҷоми корҳои хона ва масъулияти умури он коре аст, ки занон ба он расидагӣ намояд. Арсаи дигаре, ки занон дар он бо мушкили гирифтор ҳастанд, муҳити кории берун аз хона аст. Ҷое ки афрод дар он, шуғли даромаднок бояд анҷом диҳанд. Мардона будани муҳити иштиғол, боис мешавад, ки занон камтар шуғли собит пайдо кунанд ва дар арсаи корӣ бо мушкилот ва ҷолишҳои гуногун дучор шаванд. Қазои падарсолорӣ шадиди хонавода ва ақоиди мазҳабии мардон, рӯи низоми омӯзиш ва парвариш соя андохта ва аз тариқи он худашро боз тавлид менамояд. Нигоҳ аз боло ба пойн аз ҷониби мардон нисбат ба занон дар ҷомеа дасти кам гирифтани онҳо дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ боис мешавад, ки занон дар зиндагии маданиашон бо мушкилоти бештар гирифтор шаванд ва барои дастёбӣ ба ҳуқуқ ва имтиёзоти шаҳрвандии худ, хазинаи бештаре бипардозанд.

Сиёсати мардон ва инҳисори қудрат дар дасти мардон аз дигар мавриде аст, ки фаъолон ҳуқуки занонро чолиши умда дар муқобили ҷунбиши занон талқӣ мекунанд ва барои тавзеъи одилонаи қудрат саъй менамоянд. Дар ин росто занони Афғонистон лоиҳаҳои мутаадидеро ба роҳ андохтаан, ки умдатарини он, иштироки 50 дар сади занон дар интихоботи раёсати ҷумҳурӣ 2005 ва 25 дарсадӣ барои ихтисос 25 дарсад курсҳои Шӯрои миллӣ ва шӯроҳои маҳаллӣ барои занон буд, ки дар қонуни ҷадиди интихобот, ин саҳм барои занон дар назар гирифта шудааст. Ба боварии фаъолони ҷунбиши занон дар Афғонистон, ҳанӯз ҳам манобеъи қудрат ба шакли густурда ва як ҷониба, дар ихтиёри мардон қарор дорад ва ҳузури занон бештар ҷанбаи намодин ва сунбулак дорад. Ба ақидаи ин фаъолон, ҳузӯр намудани занон бояд ба ҳузӯри фаъол дар қудрат табдил шавад.

Занони дар ин пужа ва ҳуш, масоил ва мушкилоти умумии кишварро низ баён доштанд, ки дар баробари ҷунбиши занон амал мекунанд ва ин ҷунбиш, набояд аз онҳо ба хотири расидан ба аҳдофаш ғофил гардад. Аҳдофи иҷтимоӣ ба дидгоҳи ҷунбиш аз назм иҷтимоӣ ишора мекунад, ки ҷунбиш мехоҳад дар уфиқи торихи кунуши ҷамъи худ ба он бирасад [13, с.27].

Падидаи ҷанг (ноамнӣ) дар ин миён, мавриди ишораи теъдоди зиёде аз фаъолони ҷунбиши занон қарор гирифтааст. Ба бовари ин занон, қурбони аслии ноамнӣ занон ҳастанд ва занон бештарин садамаро мутаҳамал мегарданд. Аз тарафи дигар, ноамнӣ дар шаҳрҳои перомун ва манотиқи рӯстоӣ боис шудааст, ки огоҳии лозим ва хадамоти умумӣ барои мардум, ба вижа занон дода нашавад. Барномаҳои омӯзишие, ки барои иртиқои сатҳ огоҳии занон роҳ андохта мешавад, ба далели ноамнӣ наметавонад дар аксари вилоятҳо татбиқ гардад. Ин масъала боис гардидааст, ки занон ба худогоҳӣ нарасанд ва аз ҳуқуқи худ маҳрум бошанд, бинобар ин ноамнӣ ҷолиши ҷидии фароравии ҷунбиши занон дар Афғонистон эҷод кардааст, ки ҷунбиш бояд дар чашм андози муборизоти худ он чашмпӯшӣ ннамояд [3, с.98].

Ҷунбиши занон дар Афғонистон ботосирпазири аз фенимизим дар ҷаҳон барои дастёби ба ҳукуки модию маънавӣ дар ҳоли лишрафт аст, ки бештар дидгоҳи занони Афғонистон дар бунёдҳои фенимизми ҳуқуқи фенемизми фарҳангӣ ва фенимизми амалгарон мегунҷад.

1. Феминизми ҳуқуқи: дифоъ аз ҳуқуқи занон сангбинои фенимизм аст. Дар вокеъ метавон гуфт, ки тамоми шаклҳои фенимизмро ин накди классики фенимизмистиро сидк мекунанд, ки занон инсон ҳастанд на арусак, барда, шайъ ё ҳайвон. Аз ин манзар бояд гуфт, фенимизм дар вокеъ шохаи аз наҳзати ҳуқуқи башар аст.
2. Феминизми фарҳангӣ: дар паи эҷоди ниҳодҳои ҷойгузин аз озоди барои занон дар батни ҷомеаи падарсолор аст. Ҷомеаи, ки арзишҳо ва ниҳодҳои, он душмани наҳзат ҳисоб мешавад.
3. Феминизми амалгаро: ин навъи фенимизм бештар дар мавриди муборизоти занон манотиқ дар ҳоли тавсай ва ҳамчунон занони табақаи коргар ва созмонҳои маҳаллӣ дар кишварҳои пешрафта дида мешавад [6, с.244].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки занони афғон пас аз сипарӣ намудани як давраи сиёҳ дар замони ҳукумати “Толибон” ба рӯи кор омадани ҳукумати ҷадид, ҷунбишеро ба роҳ андохтанд, ки ҳадафи онҳо дастёбӣ ба ҳуқуқи аввалияи инсонӣ аст, дар замони толибон аз онҳо гирифта шуда буд.

**АДАБИЁТ**


1. Амрӣ, Сакина. Номам куҷост?, Гом нахуст ҳувиятхоҳии занони афғон ва эҳтимоли шаклгирии ҷунбиши бузурги занон дар Афғонистон. Сиёсат хабарнома, 1396.
2. Ваҳдатӣ, Суҳайло.Ҷунбиши занони Эрон дар ҷустуяӯи ҳувият. Теҳрон. Исломӣ ё сукулор. Мадрасаи феманистӣ, 1389.
3. Дармон, Исмоил. Равоншиносӣ болини ҳувиятӣ, 1391.
4. Зййо мубаллғ. Хонавода ва ҷойгохӣ зан аз манзар шаррйат ва юрф дар Афғонистон. Ормоншаҳҳр Кобул, 1393.
5. Костлаз, Монувел. Асри иттилоот: иктисоди ҷомеъ ва фарҳанг, тарҷума: Аҳмад аликилиён, Афшин Хокбоз ва Ҳасан Човишиён, 1382, ҷилди 3.Теҳрон, тарҳи нав
6. Иброҳими Дориюш. Даромаде бар ҷунбиши занон дар Афғонистон пас аз толибон. Кобул. Нашри Паранд, 1398.
7. Мавсаӯи, Фахр. Занон ва таърихи Афғонистон. Ҷунбишҳои иҷтимоии занон; маҷмуъаи мақолот, бо кӯшиши Руҳуламини Аминӣ, чопи аввал.интишороти ормоншаҳр: 1389, 61- 95.
8. Рӯша, Гӣ. Тағйироти иҷтимоӣ, тарҷумаи Мансур ва Жӯқӣ. Чопи ҳаждаҳум. Теҳрон. Нашри най, 1385.
9. Содикёр Ҳумайро. Мафҳуми номус дар Афғонистон. 1391.
10. Ҷафари, Фотима. Мушорикоти сиёсии занон дар Афғонистон, нашри аввал. Интишороти донишманд, 1395.
11. Чангинз, Риҷорд. Ҳуввияти иҷтимоӣ,тарчма, Турчиор Оҳмади,Тихрон: нажри жироза, 1381.
12. Юсуфзода, Мунира. Зани афғон ва ҷунбишҳои рӯшан фикрӣ, 1392.
13. Ларистонӣ, Феребарз. Ҷунбиши иҷтимоии заноно Эрон, фаслномаи пажӯҳиши занон, 1382, маҷаллаи даврӣ 1, шумораи 6


**ҶУНБИШИ ЗАНОН ДАР АФҒОНИСТОН ПАС АЗ СУҚУТИ ҶУНБИШИ “ТОЛИБОН”**


Пас, аз суқути ҳукумати “Толибон” дар соли 2001 занон бо таъсирпазирӣ аз ҷунбиши занон дар кишварҳои минтаҳа ва ҷаҳон вориди фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ гардидаанд то занон ба унвони ниме аз бадани ҷомеаи афғонӣ матраҳ кунанд. Аммо мутаасифона бо вуҷуди фаъолиятҳои зиёди ин ҷунбиш ҳанӯз натавониста ба як ҷунбиш сартосари дар Афғонистон қаламдод шавад. Ин ҷунбиш бо зидият бо гурӯҳҳои ифротӣ ва суннатӣ қарор дорад, ки занро танҳо дар маҳдудхона қабул доранд ва намепазиранд бо занон дар як сатҳ қарор бигиранд. Фаъолони ҷунбиши занон дар Афғонистон бо хатароти ҷиддӣ аз ҷумла таҳдид ба марг рӯ ба рӯ ҳастанд, ки ин хатарот таъсири ҷиддӣ рӯи фаъолияти занон коркар ҷунбиши занон доштааст. Ҷунбиши занон дар Афғонистон пуштибони қонун ва ҳукумат дар шаҳрҳо бештар фаъолият доранд ва ба як силсила ҳуқуқи асосӣ аз ҷумла: фаъолияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ҳаққи номзад шудан дар интихобот ва раъйдиҳӣ, ҳақи таҳсил, ҳақи интихоби ҳамсар. Дар ҷомеаи суннатӣ ва мардсолор Афғонистон даст ёфтаанд. Фаъолони зан танҳо барои тағйири зиндагии занон кор намекунанд, онҳо барои тағйири зеҳнияти ҷомеа ҳам кор мекунанд. Зеро онҳо ба ин натиҷа расидаанд, ки бидуни тағйири тафаккури иҷтимоъ роҷеъ ба зан, наметавон ба ҳуқуқи занон даст ёфт.



**Калидвожаҳо:** ҳукумат, толибон, ҷунбиши занон, феминизм, ҷомеаи афғон, кишвар, ҳуқуқи зан дар Афғонистон.


**ДВИЖЕНИЕ ЖЕНЩИН В АФГАНИСТАНЕ ПОСЛЕ ПАДЕНИЯ ДВИЖЕНИЯ “ТАЛИБАН”**


После падения движения “Талибан” в 2001 году женщины находились под влиянием женских движений в регионе и во всем мире, участвуя в общественной и политической деятельности, показывая женщин как половину афганского общества. При режиме талибов произошли значительные изменения, которые коснулись жизни женщин в Афганистане. Многие гендерные проблемы по сей день остались неразрешенными, но в настоящее время, к счастью, ситуация постепенно начинает налаживаться. Намного хуже все было в восьмидесятых-девяностых годах прошлого века, когда женщин фактически лишили всех прав. Это движение расходится с экстремистскими и традиционными группами, которые принимают женщин только в условиях заключения и не принимают их наравне с женщинами. Активистки женского движения в Афганистане сталкиваются с серьезными рисками, в том числе

угрозами смертью, которые серьезно повлияли на деятельность женщин, работающих в женском движении. Женское движение в Афганистане является более про-законным и проправительственным в городах и пользуется рядом основных прав, включая политические и социальные права, право баллотироваться и голосовать, право на образование и право выбирать супруга. В традиционном обществе, где преобладают мужчины, Афганистан добился успеха. Женщины-активистки не только работают над изменением жизни женщин, но и работают над изменением мышления общества. Потому что они пришли к выводу, что права женщин не могут быть реализованы без изменения отношения общества к женщинам.

**Ключевые слова:** правительство, Талибан, женское движение, феминизм, афганское общество, страна, права женщин в Афганистане.

**WOMEN'S MOVEMENT IN AFGHANISTAN AFTER THE FALL OF THE TALIBAN"**

After the fall of the Taliban in 2001, women were influenced by women's movements in the region and around the world, participating in public and political activities, showing women as half of Afghan society. Under the Taliban regime, there have been significant changes that have affected the lives of women in Afghanistan. Many gender issues remain unresolved to this day, but now, fortunately, the situation is gradually beginning to improve. It was much worse in the eighties and nineties of the last century, when women were actually deprived of all rights. This movement is at odds with extremist and traditional groups that accept women only in prison and do not accept them on an equal basis with women. Women's activists in Afghanistan face serious risks, including death threats, which have seriously affected the activities of women working in the women's movement. The women's movement in Afghanistan is more Pro-legal and Pro-government in urban areas and enjoys a number of basic rights, including political and social rights, the right to run and vote, the right to education, and the right to choose a spouse. In a traditional male-dominated society, Afghanistan has been successful. Women activists not only work to change women's lives, but also work to change the way society thinks. Because they came to the conclusion that women's rights cannot be realized without changing the attitude of society towards women.

**Keywords:** government, Taliban, women's movement, feminism, Afghan society, country, women's rights in Afghanistan.

**Сведения об авторе:** ***Нуриддинов Раймали Шахбозович*** – д.полит.н., профессор, зав. кафедрой международных отношений Таджикского национального университета: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки,17.
***Носири Важма*** – магистрант второго курса факультета международные отношения Таджикского национального университета. Тел.: **55 735 95 95**

**Information about the author*: Nuriddinov Raimali Shakhbozovich*** – doctor of political sciences, Professor, head of the Department of International relations of the Tajik National University: 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan.
***Nasiri Vajma*** – graduate student of the second course of the faculty of International relations of Tajik National University. Phone: **55 735 95 95**

## АВВАЛИН ЗАДУХӮРДҲО МИЁНИ АРАБҲО ВА НЕРӮҲОИ ЭРОНӢ

***Қодиров М.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҳоле ки ду империяи бузурги Шарқ (Эрон) ва Ғарб (Византия) бо ҳам зид буданд, рӯйдодҳое дар нимҷазираи Араб рух доданд, ки ба тағйирот дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии тамоми Шарқ ва қисман Ғарб – пайдоиш ва паҳншавии дини ислом оварда расонд.

Ин ислоҳоти фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ буд ва баъзан дар бархе ҷойҳо, ки одатан расму оинҳо сохтори нав набуданд [8, с.18]. Пеш аз зуҳури ислом арабҳо ҳеҷ як ниҳоди сиёсии ҳукуматӣ надоштанд ва ҳаёти онҳо дар дохили қабила ва авлод идора мешуд. Муносибатҳои қабилавӣ ва авлодӣ асосан тартиби патриархалӣ доштанд ва сардори қабила иҷрокунандаи урфу одатҳо буд. Сарвари қабила, пирон ягона шохаи қонунгузорӣ буданд. Интиқоми хунӣ дар байни қабилаҳои араб маъмулӣ буд. Агар хун рехта мешуд, пас тамоми қабила вазифадор буд, аз ин интиқом гирад, ки ин амал аксар вақт сабаби ҷанги тӯлонӣ дар байни қабилаҳо мешуд. Ин одат дар байни қабилаҳои араб дер боз вуҷуд дошт ва пас аз паҳн шудани ислом бекор карда шуд, аммо пас аз муддате он дубора барқарор гардид.

Дар асоси урфу одат, хуни ҳар инсон хуни тамоми қабила ҳисобида мешуд ва агар касе аз қабила кушта шуда бошад, пас чунин ҳисобида мешуд, ки тамоми қабила кушта шудааст, то он даме, ки қабила барои ин амал қасос нагирад. Муддати тӯлонӣ хуни зиёде рехта шуд, то дини наве пайдо шуд, норозигиҳои қаблӣ фаромӯш шуданд, дӯстӣ ва ризоият ба ҷои ҷанг расид. Дини нав сохтори

иҷтимоии ҷомеаи арабиро дигар кард ва эътиқод ба ҷои адовати хунӣ ҳукмрон шуд. Ихтилофоти асосӣ баъд аз марги пайғамбар, дар сурати набудани вориси ҳуқуқӣ, зиддият байни ҷонибдорони Абубакр ва Алӣ ба вуҷуд омад. Ҳукумати динии Мадина вориси пайғамбар Абубакрро интихоб кард, ки барои муқовиматҳо дар ҷаҳони мусалмон, ки ҳоло ҳам идома дорад, асос гузошт [4, с.266]. Яҳудиён, ки таҳти роҳбарии Мӯсо тавонистанд давлати худро таъсис диҳанд, бо ин сабаб, яҳудият дар Ясриб (Мадина) паҳн шуд, ки ба рушди ислом таъсир расонд.

Дар сохтори исломӣ халифа аз ҷониби Худо ва вориси паёмбар буд ва аз ин сабаб дастурҳои халифа бояд бидуни эътироз амалӣ мешуданд. Аммо воқеан тавре, ки таърих нишон медиҳад, фармоишҳои халифаҳо аз ҷониби пайравони ислом иҷро нагардиданд [8, с.25].

Арабҳо нажодпараст буданд ва дар марҳилаи таҷзияи системаи ибтидоии коммуналӣ ва қабилавӣ буданд. Баландтарин ва муҳимтарин санъат барои онҳо – ин иҷрои сурудҳо буд. Баъзе аз қабилаҳои арабӣ дар биёбонҳо ва даштҳои нимҷазираи Араб тарзи ҳаёти чорводорӣ доштанд, қисми дигар, ки дар наздикии яҳудиён зиндагӣ мекарданд, ба тиҷорат машғул буданд.

Қабилаҳои арабӣ бо чунин тарз дар нимҷазира зиндагӣ мекарданд ва танҳо ду шаҳр доштанд – Макка ва Ясриб (Мадина) ва аз замонҳои қадим то пайдоиши ислом ҳеҷ яке аз подшоҳон дар қаламрави худ ба қаъри биёбон ва қуму даштҳои ҷангӣ ҷанг накардааст [7, с.211]. Ин омилҳо – беобӣ ва биёбонҳо дар ҷомеаи араб нақши муҳим бозида, пайдоиши тамаддун, фарҳанг ва санъатро пешгирӣ кардаанд ва мусалмонон онро "даврони ҷоҳилият" номидаанд [9, с.675]. Пайдоиши ислом барои ҷомеаи араб инқилоби фарҳангӣ ва иҷтимоӣ буд, ки дар кӯтоҳтарин муддат нажодҳои ҷоҳилро ба фарҳанги баланд муаррифӣ кард ва ҳокими қариб тамоми Осиёро аз арабҳои оддӣ сохт. Намояндаи қабилаи Қурайш – Муҳаммад (с.) тавонист дар тӯли ин муддат сохтори иҷтимоии ҷомеаи арабиро тағйир диҳад. Аҳкоми асосии ислом дар давраи аввал несту нобуд кардани хурофоти қадимӣ ва бутҳои қабилавии маҳаллӣ буданд. Ин бутҳо дар ҳама ҷо дар хурдтарин қабилаҳо ва авлодҳо ҷой доштанд ва аксар вақт дар ҳаёти маънавии ҷомеаи арабӣ нақши муҳим доштанд. Қоидаҳои нав аввал ба арабҳо боварӣ, парастиши бутҳо ва унсурҳои табиатро манъ карданд: офтоб, осмон, моҳ. Ва дар муддати кӯтоҳ тавонистанд қабилаҳои нобаробарро дар зери парчами ягонаи ислом муттаҳид кунанд ва боиси таъсиси эътирофи нави пуриқтидор гардиданд, ки ҳоло дар зиндагии одамони Шарқи Наздик нақши муҳим мебозанд.

Паҳншавии ислом дар Арабистон дар байни қабилаҳои арабӣ метавонад аз он сабаб бошад, ки пайғамбар Муҳаммад (с) тавонист ду қабиларо дар Мадина ба ҳам орад, ки муддати дароз бо ҳам душманӣ доштанд [11, с.395].

Қабули фармонҳо ва интизоми нав дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи араб боиси пайдоиши мушкилот ва душвориҳои нав гардид. То ин дам ҳамаи фармонҳо дар асоси қонунҳои нонавишта аз насл ба насл танзим мешуданд. Муттаҳидсозии ҷомеа, идеологҳои арабро водор сохт, ки қонунҳои навиштаро қабул ва муқаррар кунанд, ки дар асоси онҳо ҷомеа дуруст танзим карда шавад.

Дар ибтидо мавъизаи исломӣ дар муттаҳид кардани қабилаҳои араб нақши мусбат бозида, ҷанҷолҳои қасоси хун ва дигар амре, ки ба рушди ҷомеа таъсир мерасонданд, барҳам дода шуданд. Вале пас аз марги паёмбар бисёре аз қабилаҳо ҷангҳои дохилии худро идома доданд. Балозурӣ ба муносибати пардохти закот менависад: "Гурӯҳе аз онҳо изҳор доштанд, ки мо намоз мехонем, аммо закотро намедиҳем" [1, с.135]. Ҳамагӣ 10 рӯз пас аз марги пайғамбар, бисёре аз қабилаҳои араб аз ислом рӯй гардонданд ва дубора ба паҳн кардани динҳои қаблӣ шурӯъ карданд. Гумон карданд, ки пас аз марги паёмбар ҳама чиз тамом шуд ва онҳо метавонанд зиндагии пешинаи худро паси сар кунанд. Ин ҳодиса дар Мадина сурат гирифт. Мушкилоти интихоби вориси ҳуқуқӣ низ ба яке аз масъалаҳои душвортарин табдил ёфта буд, ки метавонад ба бӯҳрон оварда расонад. Илова бар ин, муҳоҷирон ва намояндагони қабилаҳои дигар бо худи қабилаи Қурайш розӣ набуданд, аммо онҳо дар байни худ ягонагӣ надоштанд.

Муборизa миёни ду гурӯҳ, тарафдорони Абубакр ва Алӣ баъдан ба тақсимоти ислом ва пайдоиши ду ҷараён оварда расонд. [9:1335] Вазъият дар берун аз Мадина низ ба изтироб омад, зеро бисёре аз асирон муттаҳид шуданд, ки тарафдор ва мухолифони тарафҳои ҷангӣ буданд.

Абубакр Холид ибни Валидро фармондеҳ таъин кард ва амр кард, ки қабилаҳои ҷудоихоҳон ва касонеро, ки аз ислом рӯ гардондаанд, ба "роҳи рост" баргардонад [1, с.141].

Бо вуҷуди ҳама ихтилофҳои дохилӣ, арабҳо тавонистанд як давлати мутамаркази мутамаддин ва дорои қоидаҳои қатъиро таъсис диҳанд, ки он гоҳ дар муваффақияти маъракаҳо ва забткориҳояшон нақши ҳалкунанда доштанд ва бархӯрди ду империяи бузурги Византия ва Сосониёни Эрон дар фатҳи Эрон охирин набуд.

Яке аз рӯйдодҳои муҳимтарин, ки аввалин ғалабаи арабҳо бар зидди Сосониёнро ба назар гирифт, чанде пеш аз ҳуҷуми арабҳо ба амал омад. Дар соли 604, дар макони оббозии Зу-Кар, қабилаҳо тавонистанд ба лашкари Сосониён, ки барои сулҳ ба онҳо фиристода шудаанд, зарба зананд. Дар Зу-Кар қабилаҳои атроф дар тобистон чорпоёнро ба ҷои обёрӣ меронданд, зеро пас аз борон дар Зу-Кар мавҷҳои баланд меоянд ва ҳатто дар моҳҳои гарм дар он миқдори зиёди об мавҷуд аст. Лашкари омехтаи иборат аз артиши арабӣ, ки ба муҳофизати сарҳадҳои Сосониён хидмат мекарданд, бар зидди бодиянишинон фиристода шуд. Тибқи маълумоти Табарӣ, шумораи нерӯҳо се ҳазор араб ва ду ҳазор форс буд. [9, с.1036]. Мубориза якранг буд, якчанд рӯз давом кард. Ғалаба бо бединҳо монд. Он аз ду омил иборат аст:

1. Моил набудани қисмҳои арабии лашкари шоҳ аз ҷанг бо ҳамватанони худ; дар лаҳзаи вазнини ҷанг онҳо мавқеи ҷангии худро тарк карданд ва ақибнишинӣ карданд ва дар воҳидҳои савори аспони Сосониён воҳима ба амал оварданд. Ҳамин тавр, ҷанҷолҳои қабилавӣ ба ҳамбастагии қабилавӣ роҳ доданд.

2. Аслиҳаи кофӣ ва омодагии хуби ҷангии бединҳо; силоҳҳои занҷирие, ки Нуман (ҳокими охирини Лаҳмиҳо) интиқол дода буд, барои артиш кофӣ буд [6, с.78].

Нокомии ин экспедитсия дар пойтахти Сосониён хеле дардовар дониста шуд. Хусрави II бар зидди бединҳо отрядҳои нав омода мекард, аммо рӯйдодҳо дар сарҳади ғарбии империя ва ҷанги Византия аз нав ба қайд гирифтани қуввахо таҳозо мекарданд ва орзуҳои нобуд кардани қабилаҳои араб амалӣ намешуданд. Санаи дақиқи ҷанг то ҳол муайян карда нашудааст.Табарӣ ин ҷангро бо оғози фаъолияти пешгӯии пайғамбар, яъне 610 алоқаманд мекунад [9, с.1038]. А.И. Колесников чунин мешуморад, ки бархӯрдҳои мусаллаҳ каме пас аз интиқом алайҳи ҳукмронии охирини Лаҳмид, на дертар аз соли 604-605 рух додааст [6, с.78].

Дар натиҷа, шароити вазнини сиёсии хориҷӣ ва дохилӣ дар Эрон (ҷанги тӯлонӣ бо Византия, ҷанги шаҳрвандӣ, мушкилоти иқтисодӣ) ба Сосониён на танҳо мағлуб кардани бединон, балки ба андозае онҳоро дар рейдҳо ҷой дод.

Аввалин озмоиши қувва бо рақиби ҷиддӣ барои бединҳо бомуваффақият анҷом ёфт. Вай ба онҳо дар бораи қуввахои лашкари Сосонӣ илҳом бахшид ва эътимоди худро ба қуввахои худ мустаҳкам кард. Онро метавон ҳамчун пешгӯии забт шудани арабҳои оянда арзёбӣ кард. Масъалаи асосии забт шудани арабҳо, ки муҳаққиқонро ба ташвиш меорад, мавзӯи зерин аст: оё забтҳои араб воқеан танҳо бо паҳншавии ислом дар қаламравҳои забтшуда алоқаманд буданд? Аммо таҳқиқот нишон медиҳанд, ки арзишҳои моддӣ барои ҳамлаҳо назар ба арзишҳои динӣ хеле зиёд буданд.

Ихтилофҳои дохилӣ ва ҷангҳо нишон доданд, ки агар пешвоёни араб масъалаҳои таксимоти истеҳсолотро дар ин мӯҳлат ҳал накарданд, пас дар муддати кӯтоҳ ин низоъ ва хунрезиро дар байни сарбозони араб ба вуҷуд овард [1, с.135]. Аз тарафи дигар, пардохти закот, ки як навоварӣ дар ҷомеаи арабӣ буд, барои худи арабҳо хеле мушкил ва гарон буд. Манбаъҳо нишон медиҳанд, ки бисёре аз қабилаҳо дар давраи ҳукмронии Абубакр дар ичрои фармонҳои мазҳабӣ мушкилӣ доштанд ва аз пардохти закот норозӣ буданд [9, с.1407].

Ҳамаи ин омилҳо ба ҷангиёни дохилӣ ва хунрезӣ дар байни қабилаҳои араб таҳдид мекарданд. Аз ин рӯ, пешвоёни араб зарур шумурданд, ки ҷангҳоро берун аз нимҷазираи Араб оғоз ва баргузор кунанд, то ба хунрезӣ дар байни арабҳо роҳ надиҳанд. Барои он ки вазъияти дохилӣ шадидтар нашавад, Абубакр маҷбур шуд ҷанги беруна эълон кунад. Холид ибни Валид пас аз саркӯб кардани бетартибиҳои дохилӣ ва ихтилофи дохилӣ, фармондеҳи ситоди кулли мусалмонон эълон шуд.

Роҳбарони динӣ ва сиёсӣ дар шӯрои қабилаҳо тавонистанд дигаронро ба аҳамияти ҷангҳои беруна бовар кунонанд, ки таваҷҷуҳи арабҳоро аз мушкилоти

дохилӣ парешон карда, арсаи ҷангро аз нимҷазираи Араб ба минтақаҳои дигар интиқол дода метавонанд. Ин сиёсат ба мусалмонон натиҷаҳои хуб дод [9, с.1411].

Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки пешвоёни рӯҳонии мусалмонон дар эълони ҷанг ба кишварҳои дигар ва пардохтани ихтилофи дохилии худ ба натиҷаҳои назаррас ноил шудаанд. Ин роҳбарон дар муддати кӯтоҳ дар бораи бархӯрди ду империяи бузурги Шарқ ва Ғарб: Византия ва Сосониёни Эрон огоҳ шуданд. Онҳо инчунин фаҳмиданд, ки лашкари ин кишварҳо нисбат ба ҷанговарони араб хеле калонтар ва беҳтар мусаллаҳ буданд, ки танҳо яроқашон камон, тир ва шамшер буданд.

Камбизоатӣ ва бадбахтии иқтисодиёти минтақа пешвоёни арабро водор карданд, ки аскаронро ба сарҳадҳои Эрон ва Византия фиристанд, то фоида ба даст оранд [9, с.1587].

Бешубҳа, вазъи иқтисоди дохилӣ он қадар мураккаб буд, ки шумораи зиёди сарбозони арабро маҷбур сохт, ки хонаҳои худро тарк кунанд ва худро ба майдони ҷанг кашанд, то манфиати моддӣ ба даст оранд ва камбизоатии худро бо унвони “ҷанги имон” бартараф созанд. Аммо, вазъ дар байни бисёри арабҳо яксон набуд. Табарӣ иқтибос меорад: "Вақте ки Холид ба ҷанг равона шуд, бисёриҳо ноумед шуданд ва гуфтанд, ки агар касе ба мо ҳамла кунад, ягон кас моро аз душман муҳофизат намекунад ва агар бо мо ин воеқеа рӯй диҳад, пас мардум аз мо рӯй мегардонанд. "Ин суханон вазъияти арабҳоро нишон медиҳанд.

Дар суханронии Умар ба арабҳо пас аз хароб шудани пул гуфта шуд, ки “Ҳиҷоз ҷои зист нест, шумо метавонед хӯрокро дар ҷои дигаре пайдо кунед” [9, с.1588].

Табарӣ боз ҳам ривоят мекунад, ки бори дуюм қасри сурхи Рум ва бори сеюм қасри боҳашамати онҳоро хароб кард ва ба мусалмонон хабар дод. Ин як баҳси хеле қавӣ барои пешвоёни рӯҳонӣ ва сиёсии мусулмон буд.

Навиштан ва фиристодани мактуби пайғамбар ба кишварҳои ҳамсоя бо мақсади даъват кардани онҳо ба дини нав низ як сабаби ҷанг буд [11, с.442]. Аммо ин далел дар байни олимони муосир шубҳаовар аст ва чунин ҳисобида мешавад, ки муаллифи нома халифа Умар дар давраи ҳукмронии худ буд. Дар соли 628 Хусрави Парвиз кушта шуд, дар ҳоле ки мактубҳои паёмбар пас аз ин ҳодиса фиристода шуданд. Халифа Умар дар давраи ҳукмронии худ ба ҳокимони Осиёи Миёна номаҳо фиристодааст. Бисёре аз муҳаққиқон боварӣ доранд, ки фиристодани номаҳо пас аз марги паёмбар ба ҳақиқат мувофиқат намекунад ва онро афсонаи таърихчиён мешуморад [4,с.261].

Аз ҷониби дигар ҷанги Мутӣ дар соли 629 ин ҷанги якуми беруна дар давраи паёмбар Муҳаммад (с.) ҳисобида мешавад. Мусулмонҳо бо вуҷуди мағлубият, аз ин ҷанг дарс гирифтанд. Маълум аст, ки мусулмонон як шикасти сахтро аз сар гузаронидаанд ва се пешвои беҳтарини ҳарбии худро аз даст доданд, ки ин зарбаи сахти равонӣ барои онҳо буд [10, с.709]. Дар соли 630 паёмбар Муҳаммад (с.) барои интиқом пас аз ҷанги Мутӣ лашкари 10 000 мусалмонро бар зидди лашкари Византия ҷамъ овард. Худи паёмбар вазифаи роҳбариро ба ӯҳда гирифтааст ва аз ҷиҳати равонӣ аскаронро таълим додааст. Муҳаммад (с.) 10 рӯз дар Табук монд ва баъд ба Мадина баргашт. Инҳо аломатҳои аввали ҷанг барои "имон" буданд. Замоне, ки бетартибӣ бар вазъи сиёсӣ ҳукмрон буд ва қудрат дар дасти судяҳо буд, қӯшунҳои мусалмонон зери парчами ягонаи ислом муттаҳид шуданд ва регзори Арабистонро тарк карданд ва ба сарҳадҳои шимолӣ кӯчиданд.

Мӯсо ибни Ҳироси Шайбон, ки пеш аз ислом бо ғорат кардани деҳаҳои хурд ва корвон зиндагӣ мекард, аввалин шуда, дар бораи ихтилофҳо ва нофаҳмиҳо дар Эрон огоҳ буд ва халифа Абубакрро маслиҳат дод, ки нерӯҳои худро ба сарҳади Сосониёни Эрон фиристад, зеро мавқеи Эрон хеле вазнин аст ва онҳо намехоҳанд ба аскарони араб муқовимат намоянд [3, с.121]. Аз ин сабаб, халифа Абубакр ӯро таҳти сарварии Холид барои ҷанг дар сарҳади Эрон гузошт [1, с.345].

Таърихи дақиқи бархӯрди аввал комилан маълум нест, аз рӯи иттилооти манбаъҳо аз ҳукмронии Абубакр оғоз меёбанд. Вақте ки Холид ибни Валид Хуросонро аз Сосониёни Эрон забт кард [1, с.346], артиши араб дар нимаи аввали асри VII аз Византия ва ҳам аз Форс хеле фарқ дошт.

Он аз пиёдагардон ва аспсаворон иборат буд, аммо дар аввал арабҳо аспҳои кам доштанд ва аксари саворон дар шутурҳо буданд.Ташкили артиш табиатан қабилавӣ буд, аз қабилаҳо ва авлод иборат буд. Қисмҳои хурди ҳарбӣ, ба мисли

даҳҳо, аз аъзои қабила ва иттиҳодияҳои калон аз як қабила буданд. Тақсимоти қабилавии артиш афзалиятҳо ва нуқсонҳои худро дошт. Бартарӣ аз ҳамватанони маъруф ва наздик ва аксаран хешовандон иборат буд, ки ба ягонагии дастаи ҷангӣ мусоидат карданд; камбудӣ дар он изҳор карда шуд, ки ҳамаи феодалҳои қабилавӣ, ки арабҳоро ба бисёр кишварҳои хурди ҷангӣ тақсим мекарданд, ҳоло ба худи артиши араб интиқол дода шудаанд [2, с.67].

Артиши араб дар аслиҳаи худ нисбат ба лашкари Византия ва Форс заифтар буд. Арабҳо шумораи лозимаи шамшерҳои вазнинро надоштанд, бо яроқҳои пурзӯре мусаллаҳ набуданд, аз ҳамин сабаб византиягиҳо ва форсҳо аз онҳо дида боқувватар буданд. Аз тарафи дигар, қувваҳои араб рақибони худро зиёдтар карданд, зеро бединҳо ҳама мардонро ҳамчун сарбоз доштанд. Лашкари араб ба зудӣ аспҳоро дар бисёр ҷангҳо ҳамчун фоида ба даст овард ва ҳоло тавонист бо аспон ба қаламрави душман гузарад. Хусусияти хоси артиши арабҳо ин осонии таҷҳизот ва ҳаракат буд. Он корвони вазнин надошт, он хуб ва зуд аз дашту биёбонҳо гузашт, аммо дар муҳити ғайри оддии кӯҳӣ аз даст дода шуд. Ҷунбиши қӯшунҳои арабӣ барои рақибони онҳо як хислати хеле хатарнок буд, зеро арабҳо ба осонӣ ба қафои душман ворид шуданд, корвонҳоро несту нобуд карданд ва робитаҳои худро вайрон карданд [2, с.80].

Мунзир ибни Саувия қабл аз ислом ҳокими Эрон дар Байнанаҳрайн буд. Дар соли 629 Алоа ибни Абдуллоҳ Хузрам барои даъвати сокинон ба ислом фиристода шуд. Мунзир ва марзбонон, ки аз вазъияти дохилии Эрон огоҳ буданд ва мутмаин набуданд, ки кӯмак хоҳанд кард, созишномаи сулҳро имзо карданд [10, с.847].

Аммо, пас аз марги пайғамбар, мардуми Байнанаҳрайн боз аз ислом дур шуданд. Онҳо ба қасри шоҳ нома фиристода ва хоҳиш карданд, ки дубора таҳти назорати Эрон бошад. Ҳукумати марказӣ тасмим гирифт, ки Мунзир ибни Нуъмонро боз ба Байнанаҳрайн фиристад, аммо пас аз он ки хабар расид, ки эрониҳо назорати минтақаро дубора ба даст оварданд, Абубакр Алоа ибни Хузрамро бо ду ҳазор аскар аз ансор фиристод. Алоа ғолиб омад ва дар соли 632 қудрат дар ин минтақа дубора барқарор карда шуд. Ба гуфтаи шоҳидони айнӣ, мардумро арабҳо сахт таъқиб мекарданд."Аҳолии Куфа аслан кушта шуд, занон ва кӯдакон ғулом шуданд ва молу мулк пурра ғорат карда шуд" [1, с.124].

Дар солҳои 633-634 вақте, ки дар Эрон муборизаи барои қудрат ба амал омад, мусулмонони Ироқ боз амалиёти низомиро оғоз карданд. Ин амалҳо асосан хусусияти ғоратгарона доштанд. Халифа Абубакр бо ин мақсад Холидро ба Ироқ фиристод.

Қабилаи бакрит маъракаи мусалмониро алайҳи Эрон оғоз карда буд. Ривояте ҳаст, ки Мусанн ибни Ҳаррис, бешубҳа, ба қудрати худ такя накарда, ба Абубакр номае навиштааст, ки дар он заъфи порсиёнро хабар дода, ба халифа кӯмаки низомӣ дархост кардааст. [3:154] Ҳикояе, ки худи Мусанна ба Мадина рафтааст ва онро Абубакр гирифтааст, шубҳаовар аст, гарчанде, ки ӯ Балозуриро иқтибос мекунад; Табарӣ, Диноварӣ ва Ибни Асир дар ин бора чизе намегӯянд. Иттиҳоди бодиянишинон бо мусулмонон тасодуфӣ набуд. Вай робитаи амиқи дохилӣ байни тавсеаи араб ва муҳоҷирати пеш аз исломӣ ба мардумро нишон дод. Деҳаи Иброҳим аввалин ҷои бархӯрд байни нерӯҳои арабӣ ва эронӣ буд. Ин муборизаи асосан хусусияти миллӣ дошт, зеро ин вилоятро ҳокимони маҳаллӣ роҳбарӣ мекарданд. Бо истифода аз тактикаи ҳарбӣ дар ин ҷо арабҳо мухолифонро фиреб карданд. Ҷанг бо пирӯзии мусулмонон хотима ёфт [5, с.100].

Гурӯҳи дигари машҳур дар Хароб мутамарказ шуданд. Ин мардуме буданд, ки аз ҳуҷумҳои мусалмонон хаста шуданд ва қарор доданд, ки бар зидди онҳо муттаҳид шаванд. Холид дар ин ҷанг "ғалаба карда, сокинони онро ба ғуломӣ гирифт" [1, с.346].

Ҳамин тавр, даргириҳои зиёде байни қӯшфунҳои арабӣ ва сокинони маҳаллӣ дар деҳоти минтақаҳои наздисарҳадӣ ба амал омаданд, аммо ҳамеша ғалабаи мусалмонон бо хароб кардани деҳаҳо ва фурӯши сокинон ба ғуломӣ буд. Аҳолии маҳаллӣ, ки танҳо бо табарҳо ва чӯбҳо мусаллаҳ буданд, ба муқобили арабҳо муқовимати дуруст нишон дода наметавонистанд. Ҳамин тавр, Холид бо ғоратгарӣ, куштор ва фурӯши сокинон ба ғуломӣ, ба Ҳирот расид [1, с.374]. Инчунин вазъи Ҳирот, дар муқоиса бо ноҳияҳои қаблӣ каме беҳтар буд. Ин ҷо метавон заифии мақомоти марказиро дид.

Абдулмусоҳ ибни Умар ибни Қайс аз қабилаи Узод, Ҳоно ибни Қабис ибни Масъуди Шайбонӣ, Ёс ибни Қабиси Той ва фармондеҳи қувваҳои Сосониён Фаррух ибни Ёс, ки аз Ҳирот буданд, созишномаи сулҳро имзо карданд, ки тибқи он онҳо бояд ба андозаи сад ҳазор дирҳам хироҷи солона пардохт кунанд ва ҳамзамон "чашмҳо ва гӯшҳо" -и арабҳо бошанд. "Ва ин аввалин ҷизя (андоз аз кофирон) дар таърихи мусалмонон буд, ки аз форсҳо ситонида мешуд" [9, с.1498].

Дар моҳи марти соли 633 Холид ибни Валид, ки он вақт дар Яман буд, аз Абубакр фармон гирифт, то ба Ироқ рафта, бо гурӯҳҳои Мусанна барои амалиёти муштарак алайҳи гарнизони Эрон муттаҳид шавад. Мувофиқи шаҳодати Табарӣ ва Балозурӣ, дар деҳаи Нибай, воқеъ дар қисми шимолии Яман дар роҳ ба Басра, Холид ибни Валид истод ва дар ин ҷо лашкари ӯ бо дастаи Мусанна пур карда шуд. Аз ин ҷо ҳарбиёни араб ба Ҳафиф расид, ки қисми моликони аспсавори эронӣ Ҳурмузд ҳисоб мешуд, ки он замон вазифаи марзбонро иҷро мекард. Ба гуфтаи ибни Асир, Ҳурмузд он вақт дар ду ҷабҳа, дар замин бо арабҳо ва дар баҳр бо ҳиндуҳо ҷанг мекард. Артиши Форс тавонист арабҳоро шиносад ва дар наздикии об мавқеи муфидро ишғол кард.

Тибқи гуфтаи Табарӣ, Кавад ва Анушаҷон, насли Ардашери Бобакон, асосгузори давлати Сосониён, дар сафи пеши артиши Эрон меистоданд. Эрониҳо занҷирбанд шуданд, то роҳи гурезо пешгирӣ кунанд. Аммо, Ҳурмузд дар як рақобат бо Холид кушта шуд ва арабҳо ҳамла карданд ва пирӯз шуданд. Ғолибон тоҷи қиматбаҳои Ҳурмуздро ба маблағи сад ҳазор дирҳам тақдим карданд [9, с.145]. Ин набард дар таърих бо номи Ҷанги Казим, ки дар дохили Кувайти муосир ҷойгир буд, шинохта шудааст [6, с.54].

Ҳамин тавр, дар асоси шаҳодати сарчашмаҳои таъихӣ дар бораи аввалин задухӯрдҳо миёни арабҳо ва нерӯҳои эронӣ метавон гуфт, ки ин халқи соҳибтамаддун ба ягон хел душворӣ нигоҳ накарда, гарчанде солиёни дароз дар зери зулму ситами истилогарон қарор доштанд, бо истилогарони араб муборизаҳои қаҳрамонона бурдаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Балозӯрӣ, Аҳмад ибни Яҳё. “Футуҳ-ул-булдон.” “Забти Хуросон”. Тарҷума аз забони арабӣ, пешгуфтор, эзоҳ ва сарсухан. // Ғоибов Ғ. –Душанбе: “Дониш”, 1987. – С. 120.
2. Беляев Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннем средневековье. –М: “Наука”, 1966, – С. 67.
3. Диноварӣ, Абуҳанифа. “Ахбор-ут-тивол.” // Диноварӣ. –Душанбе: 2000. – С. 121.
4. Зарринкӯб А. “Таърихи Эрон баъд аз ислом”. А.Зарринкӯб. – Теҳрон.“Амири Кабир,” 1379. (2000). – 266 с.
5. Ибни Асир, Азуддин. “Ал-Комил фи-т-таърих” Ҷ.3. – Душанбе: 2006. – С. 187.
6. Колесников А.И. Иран в начале VII века. – Санкт – Петербург: «Наука», Ленинградское отделение, 1970. – С.78.
7. Мискавайҳ, Абуалӣ. “Таҷоруб -ул - умам”.// З.И. Гусейновой – М: “Наука”, 2000 –С. 375.
8. Петрушевский И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках. –Л: Издательство Ленинградского университета, 1966. – С. 389.
9. Табарӣ, Муҳаммад. “Таърих-ар-русул ва-л-мулук”. Тарҷумаи Абулқосими Пояндӣ. Дар 16 ҷилд. – Теҳрон: 1931. –Душанбе: 2014. – С. 555.
10. Тоҳир, Муқаддаси Мутаҳҳар. “Офариниш ва таърих”. Тарҷумаи Муҳаммадризоъ Шафеъии Қадқанӣ. –Теҳрон: 1374. (1995.) – С. 709.
11. Яъқубӣ, Китоб - ул - булдон. Тарҷумаи С. Волина // МИТТ. Т 1. –М. – Л., 1939. – С.395-396.


**АВВАЛИН ЗАДУХӮРДҲО МИЁНИ АРАБҲО ВА НЕРӮҲОИ ЭРОН**

Пеш аз зуҳури ислом, арабҳо ҳеҷ як ниҳоди сиёсии ҳукуматӣ надоштанд, ки дар дохили қабила ва авлод идора мешуд. Муносибатҳои қабилавӣ ва авлодӣ асосан тартиби патриархалӣ доштанд ва сардори қабила иҷро кунандаи урфу одатҳо буд. Сарвари қабила пирон, ягона шохаи қонунгузорӣ буданд. Интиқоми хунӣ дар байни қабилаҳои араб маъмулӣ буд. Агар хун рехта мешуд, пас тамоми қабила вазифадор буд аз ин интиқом гиранд, ки аксар ба вақт ҷанги тӯлонӣ дар байни қабилаҳо оварда мешуд. Ин одат дар байни қабилаҳои арабҳо дер боз вуҷуд дошт ва пас аз паҳн шудани Ислом бекор карда шуд, аммо пас аз муддате он дубора барқарор шуд. Дар асоси урфу одат, хуни инсон хуни тамоми қабилаҳо ҳисобида мешуд ва агар касе аз қабила кушта шуда бошад, пас чунин ҳисобида мешуд, ки тамоми қабила кушта шудааст, то он даме, ки қабила барои ин ҷиноят амал нагирад. Яке аз рӯйдодҳои муҳимтарин, ки аввалин ғалабаи арабҳо бар зидди Сосониёнро ба назар гирифт, чанде пеш аз хуҷуми арабҳо ба амал омад. Дар соли 604, дар макони оббозии Зу-Кар, қабилаҳо тавонистанд ба лашкари Сосониён, ки барои сулҳ ба онҳо фиристода шудаанд, зарба зананд. Дар Зу-Кар қабилаҳои атроф дар тобистон чорпоёнро ба ҷои обёрӣ меронданд, зеро пас аз борон дар Зу-Кар мавҷҳои баланд меоянд ва ҳатто дар моҳи гарм дар он миқдори зиёди об мавҷуд аст. Лашкари омехтаи иборат аз артиши арабӣ, ки ба муҳофизати сарҳадҳои Сосониён хидмат мекарданд, бар зидди бодиянишинон фиристода шуд. Нокомии ин экспедитсия дар пойтахти Сосониён хеле дардовар дониста шуд. Хусрави II бар зидди бадавиҳо дастаҳои нав омода мекард, аммо рӯйдодҳо дар сарҳади ғарбии империя ва ҷанги Византия аз нав

ба қайд гирифтани қувваҳоро тақозо мекарданд ва орзуҳои нобуд кардани қабилаҳои араб амалӣ намешуданд. Санаи дақиқи ҷанг то ҳол муайян карда нашудааст. Табарӣ ин ҷангро бо оғози фаъолияти пешгӯии пайғамбар, яъне соли 610 алоқаманд мекунад. А.И. Колесников чунин мешуморад, ки бархӯрдҳои мусаллаҳ каме пас аз интиқом алайҳи ҳукмронии охирини Лаҳмид, на дертар аз соли 604-605 рух додааст.

**Калидвожаҳо:** Эрон, давлати Сосониён, Византия, арабҳо, қабилаҳо, Хусрави II, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, Зу-Кар, қасос, Лаҳмид, сохтор.

**ПЕРВЫЕ СТОЛКНОВЕНИЯ АРАБОВ С ВОЙСКАМИ ИРАНА**

До появления ислама у арабов не было государственного политического института, который управлялся бы племенем или кланом. Племенные отношения были в основном патриархальными, и вождь племени был исполнителем обычаев. Глава племени старейшин был единственной ветвью законодательной власти. Кровавая месть была обычным явлением среди арабских племен. Если проливалась кровь, то все племя было обязано отомстить за это, что часто приводило к длительной войне между племенами. Этот обычай существовал у арабских племен долгое время и был отменен после распространения ислама, но через некоторое время вновь возродился. Согласно традициям, человеческая кровь считалась кровью всех членов племени, и если кто-то из племени был убит, то считалось, что убивали все племя. Одно из важнейших событий, ознаменовавших первую победу арабов над Сасанидами, произошло незадолго до арабского вторжения. В 604 году в месте для купания Зу-Кар племена смогли победить армию Сасанидов, посланную к ним для мира. В Зу-Кар окрестные племена загоняли свой скот на орошение летом, потому что после дождей в Зу-Каре бывают высокие волны и даже в теплые месяцы в нем много воды. Против кочевников была отправлена смешанная армия, состоящая из арабских армий, служивших для защиты границ Сасанидов. Провал этой экспедиции в столице Сасанидов считался очень болезненным. Хосрав II подготовил новые силы против бедуинов, но мечта об уничтожении арабских племен не сбылась. Точная дата боя пока не определена. Табари связывает эту войну с началом пророчества, то есть 610 годом.

**Ключевые слова:** Иран, государство Сасанидов, Византия, арабы, племена, Хусрав II, культурный, социальный, экономический, политический, Зу-Кар, месть, Лахмид, структура.

**THE FIRST CLASHES OF THE ARABS WITH THE FORCES OF IRAN**

Before the advent of Islam, the Arabs did not have a state political institution that was governed by a tribe or clan. Tribal relations were mostly Patriarchal, and the chief of the tribe was the executor of customs. The head of the tribe of elders was the sole branch of the legislature. Blood feuds were common among the Arab tribes. If blood was spilled, the entire tribe was bound to avenge it, which often led to a long war between the tribes. This custom existed among the Arab tribes for a long time and was abolished after the spread of Islam, but after a while it was revived again. According to tradition, human blood was considered the blood of all members of the tribe, and if someone from the tribe was killed, it was considered that the whole tribe was killed. One of the most important events that marked the first Arab victory over the Sassanids occurred shortly before the Arab invasion. In 604, at the bathing place of Zu-Kar, the tribes were able to defeat the Sassanid army sent to them for peace. In Zu Kar, the surrounding tribes drove their cattle for irrigation in the summer, because after the rains in Zu Kar there are high waves and even in the warm months there is a lot of water. A mixed army was sent against the nomads, consisting of Arab armies that served to protect the borders of the Sassanids. The failure of this expedition in the Sassanid capital was considered very painful. Khosrav II prepared new forces against the Bedouins, but the dream of destroying the Arab tribes did not come true. The exact date of the fight has not yet been determined. Tabari connects this war with the beginning of the prophecy, i.e. 610.

**Keywords:** Iran, Sasanian state, Byzantium, Arabs, tribes, Khusrav II, cultural, social, economic, political, Zu-Kar, revenge, Lakhmid, structure.

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Махмадулло Нуралиевич*** – магистр 2-го курса кафедры истории таджикского народа факультета истории ТНУ, **Тел: 988 65 18 80**

**Information about the author:** ***Kodirov Makhmadullo Nuralievich*** – 2nd year master of the Department of History of the Tajik people of the faculty of history of TNU, Tel: **988 65 18 80**

# НАҚШИ САЙИД ҶАМОЛИДДИН АФҒОНӢ ДАР ИСЛОҲОТИ АМИР ШЕРАЛИХОН

***Азизраҳимӣ Марзия***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мутаффакир ва донишманди Шарқ Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, дар таърихи таҳаввулотҳои сиёсиву иҷтимоии асри 19 мардумони Шарқ аз бунёдгузорони назарияи сосиализми исломӣ шинохта шуда, дар баробари осори зиёди илмӣ-таърихӣ, рисола,мақола, шеър, дар раванди бедорӣ ва истиқлолиятхоҳии давлатҳои Шарқ, аз ҷумла ватанаш Афғонистон бо фаъолиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва илмӣ-ислоҳотӣ ҷойгоҳи хешро пайдо намудааст.

Номи аслии Сайид Муҳаммад Ҷамолиддин Сафдар, писари Алӣ бинни Мирзоуддини Ҳусайнӣ яке аз шайхҳои ислом ва модараш Сокина бегим ном доштанд. Пайванди аҷдодии Сайид Ҷамолиддин ба ҳазрати Муҳаммад (С.) ва яке аз имомҳои муътабари ҳадис ва ривоят Алии Тирмизӣ рафта мерасад. Ин ки насабаш ба сардори парастандагон ҳазрати Муҳаммад (С.) мерасад, бисёр фахр меварзад ва барои хештан на имтиёзи болотар аз иззати бузургтар аз ин мебинад, ки аз сулолаи ин хонадони пок аст [6. с. 120-121].

Ин алломаи замон соли 1254 х.ҷ дар деҳаи Асадободи Кунари Афғонистон чашм ба ҷаҳон кушодааст. Таҳсилоти ибтидоии худро аз вилояти Ҷунари Афғонистон оғоз намуд. Ибтидо назди падар илми исломиро омӯхт.

Дар мавриди ҳаёт ва зиндагии Сайид Ҷамолиддин маълумотҳои гуногуне мавҷуд аст. Кисме аз муҳаққиқон ба он назаранд, ки эшон дар Кобул ба касби илму дониш пардохтааст, иддаи дигаре дар Эрон ва Ҳиндустон. «Сайид баъд аз ба поён расонидани улуми исломӣ ба Ҳинд рафт ва як солу чанд моҳ дар онҷо монд. Улуми риёзиёти ҷадидро аз худ намуд. Сипас барои маросими ҳаҷ ба Ҳиҷоз рафт. Аммо маросими ҳаҷ тул кашид, чаро ки Сайид аз шаҳре ба шаҳре ва аз қария ба қариае мерафт. Вақте соли 1273 ҳ.ҷ. ба зиёрати хонаи Худо расид маросими ҳаҷ тамом шуд» [7. с.35].

Муҳаққиқи эронӣ Лутфуллохони Асадободӣ дар ин маврид чунин андеша дорад. «Дар ибтидои соли 1266 ба Теҳрон рафтам ва дар маҳаллаи Санглиҷ дар хонаи Сулаймон Соҳиб Ихтиёр, ки падарамро мешинохт ва аҳли вилоят ва ҳокими Асадобод буд,манзил кардем. Дар рӯзи баъд аз чанд тан пурсидам, ки имрӯз олим ва муҷтаҳиди Теҳрон кист,Сайид Содиқро муаррифӣ карданд.» [9. с.4-5].

Ба ҳамин тартиб Сайид Ҷамолиддин пас аз анҷоми ин сафар ба Кобул баргашта дар дастгоҳи ҳукумати амир Дӯстмуҳаммадхон ба кор гирифта мешавад. Бо зуди обрӯ ва эътибори Сайид Ҷамолиддин дар дарбор густариш ёфта, аз ҷумлаи надимони амир Дустмуҳаммадхон (1834-1863) мешавад. Вале фаъолияти кории Сайид Ҷамолиддин дар дарбор дер давом наёфт. Пас аз вафоти Дустмуҳаммадхон соли 1863 ҷангҳои хонаводагии амирони Муҳаммадзай сар мезанад.

Гарчанде писари калонии Дустмуҳаммадхон Шералихон ҷойгузини тахти падар гардид, вале муборизаҳои хонаводагӣ миёни бародарон ва хоҳарзодагони Шералихон ба шиддат идома ёфт.

Пас аз чанд муддате бародари Шералихон Аъзамхон ва хоҳарзодааш Абдураҳмонхон ба пойтахт баргашта Аъзамхон,ки дар ҷараёни муборизаҳо дастгир ва бо дастури Шералихон ба зиндон андохта шуда буд, раҳо намуда амир таъин намуданд.

Ҳамин, ки соли 1867 Афзалхон ба қудрат расид Сайид Ҷамолиддинро ба ҳайси вазири аввал ба дарбори худ хонд. Дар корҳои давлатдорӣ низ аз ӯ машварат мегирифт. Вале муносибати дӯстонаи амир Афзалхон бо Сайид Ҷамолиддин дер давом наёфт.

Шералихон аз саҳнаи муборизa барои қудрат даст накашид. Бо бародараш Муҳаммад Афзалхон ва бародарзодааш сардор Абдураҳмонхон муборизa бурд. 7 сентябри соли 1868 дар Шашгови Ғазнӣ онҳоро шикаст дода бори дигар қудрати марказиро ба дасти худ гирифт.

Ҳамин,ки Шералихон дубора ба тахт расид дар зери таъсири мудохилоти Муҳаммадрафиқхон ва дигар мансабдорони дарбор муносибатаашро бо Сайид Ҷамолиддин дигар намуд.

Аз рӯи баъзе маълумотҳо баҳонаи бад гардидани муносибати амир Шералихон бо Сайид Ҷамолиддин дар он будааст, ки дар замони амир Дӯстмуҳаммадхон ба ҳайси устоди сардор Муҳаммадаъзамхон ва паноҳгоҳи тарафдорони Муҳаммадаъзамхон,ки яке аз рақибони асосии Шералихон дар муборизаҳои хонаводагӣ ба ҳисоб мерафт, гумонбар дониста мешавад.

Дар мавриди бо кадом сабаб ба хориҷ сафар кардани Сайид Ҷамолиддин ва дар мавқеи ҷанги писарони Дӯстмуҳаммадхон ба Афғонистон баргаштани ӯ низ маълумоти дақиқ ва мушаххас мавҷуд нест. Аввалин гузориш роҷеъ ба баргаштани Сайид Ҷамолиддин ба Кобул аз навиштаҳои вакили ҳукумати Ҳинд аз 31 январи соли 1868 мелодӣ чунин бармеояд. … як Сайиди Истонбулӣ аз чанде ба ин тараф дар Кобул мебошад. Ӯ мегӯяд, ки барои саёҳат дар зимни мусофиратҳои худ ба Кобул омадааст [8. с. 335].

Бо ин тартиб Сайид Ҷамолиддин, ки мухолифи ханаҷангиҳои амирони борикзай буд ба хотири шиддат наёфтани вазъият дар кишвар тибқи амри Шералихон қавл дод, ки аз роҳи Эрон убур кунад ва бо амир Муҳаммадаъзамхон

низ мулоқот анҷом нахоҳад дод, рафтор намуда аз Афғонистон берун мешавад ва мактубе, ки дар он барномаи гузаронидани ислоҳот нишон дода шуда буд ба Шералихон медиҳад. Бо мухолифатҳое, ки амир дар муқобили ӯ пеш гирифта буд, нигоҳ накарда, ҳангоми видоъ дар Боло Ҳисори Кобул бо амир Шералихон барномаи ислоҳотии хешро мукаммал навишта тақдим менамояд [7. с.771-772].

Амир Шералихон, гарчанде аз Сайид Ҷамолиддин бадгумон шуд, вале барои мустаҳкам кардани ҳокимияти марказӣ зарурияти гузаронидани ислоҳотро дар кишвар пеш гирифт, ки дар пиёда кардани ин ислоҳотҳо нақши Сайид Ҷамолиддин низ хеле муассир мебошад.

Нахустин иқдоми муҳими амир Шералихон дар қисмати ислоҳоти фарҳангӣ ин нашри нахуст рӯзнома «Шамс ун-наҳор» ва тавлиди чопхона дар Болоҳисори Кобул мебошад.

Рӯзномаи Шамс ул-наҳор ахбори дастдоштаи мардуми Афғонистон буда ва аввалин қадами амали дар матбуоти Афғонистон ба ҳисоб меравад. Аввалин шумораи рӯзнома соли 1873 дар ду саҳифа рӯи чоп омад ва баъдан дар ҳаҷми 16 саҳифа расонида мешавад.

Рӯзнома дар ҳар ду ҳафта як бор маротиб рӯи чоп меомад. Мудир ва масъули он Мирзоалихон хаттот, хушнавис, ва яке аз шахсиятҳои маъруфи Кобул ба ҳисоб мерафт. Сарлавҳаи «Шамс ул-наҳор» дар байни ду шер,ки бо як даст шамшер ва бо дасти дигар унвони «Шамс ул-наҳор» ро дошт, ҷой дода шуда буд. Муҳтавои ин рӯзнома шомили сармақола, гузоришоти хориҷии Вилояти Афғонистон ва итилоотҳоро дар бар мегирифт.Матни рузномаи «Шамс-ул-наҳор» ба забони дарборӣ ва хатти настаълиқ чоп мегардид, ки фаҳмидани он як андоза мушкил буд.

Иқдоми дигари пешгирифтаи амир Шералихон ин ташкили кабинаи замонавӣ дар соли 1874 мебошад.Ҷавҳари асли ин кабина дар ин буд.ки тамоми аъзои онро шахсони некном ва кордон ташкил медод ва ҳеҷ кас аз хонадони подшоҳ дар ин идора ба кор гирифта нашуда буд. Ҳамзамон шӯрои дувоздаҳнафарӣ аз ашхоси бофарҳанг таъсис ёфт ва дар иҷрои корҳои давлатӣ ба амир машварату маслиҳат медод.

Ҳамзамон Шералихон дар заминаи чорабиниҳои пешгирифтааш ба ба хотири ташкили як давлати босубот, эҷоди урдуи замонавиро аз ҷумлаи корҳои аввалини худ донист ва барои амали шудани он иқдом намуд. Зеро ихтилофҳои дохилӣ аз як тараф, аз сӯи дигар таҳдидҳои мустамликадорони англис ба хотири нӯфуз ва тавсеаи қудрати худ мудом ба кор гирифта мешуд. Дигар инки мавқеи ҷуғрофии Афғонистон дар байни ду абарқудрат қарор дошт ва зарурият барои таъсиси урдуи замонавӣ барои Шералихон лозим буд.

Ин урду дар ҳашт минтақа – Кобул, Ҷалолобод, Шеробод, Қандаҳор, Куррам, Ҳирот, Маймана ва Балх мавқеият доштанд ва аз ҳар лиҳоз муназзам буданд ва аз ашхоси саворaю пиёда ташкил ёфта буданд. Дорои либосҳои муназзам кулоҳ, шинел, курта буданд ва худи Шералихон низ ҳангоми дидор аз урду либосҳои муназзами ҷангӣ мепӯшид,ки дарвоқеъ аз ташкили як урдуи муназзам далолат менамуд. Вале. маттасифона амир Шералихон иҷозаи муқобилаи ин урдуро дар муқобили англисҳо надод. Аз назари коргузорони англис агар ин артиш дар ҷанг ширкат менамуд шояд ангдисҳо наметавонистанд дар Афғонистон комёб шаванд.

Иқдоми дигари амир Шералихон обод ва пешрафти шаҳрҳо буд. Замоне ки амир Шералихон ба қудрат расид шаҳри Кобул ҳамчун шаҳри марказӣ чандон инкишоф наёфта буд. .Кучаҳои танг ва номуназам дошт. Шоҳони қабл аз Шералихон таваҷҷӯҳи бештар ба тарафи Болоҳисор дода буданд. Шералихон худаш аз атрофи шаҳр дидан мекунад ва барои сохтани шаҳри ҷадид дар минтақаи Бибимоҳрӯи Кобул, ки аз ҳар нигоҳ муносиб буд, ду ҳазор ҷириб (гектар) заминро ҷудо менамояд ва бунёди тарҳи шаҳри ҷадид соли 1870-и мелодӣ оғоз мегардад.

Дар ободу азнавсозии шаҳр ҳамарӯза 6 ҳазор коргар ва ҳазор меъмор масруфи кор буданд. Муддати 5 сол сохтмони шаҳр давом кард. Билохира вазъи номуносиби молиявии кишвар кори сохтмони шаҳрро ба ақиб кашонид. Аз сӯи дигар сохтмони шаҳри Кобул ба замоне рост омада буд, ки англисҳо дар остонаи ҳамла ба Афғонистон омодагӣ доштанд.Назар ба бетавҷуҳӣ роҳбарони баъдӣ ин шаҳр комилан осеб дид ва хароб гардид [5, с. 150-153].

Сайид Ҷамолиддин баъд аз баромадан аз ватани худ сарсону саргардон ба кишварҳои мухталиф, ба мисли Ҳиндустон, Миср, Эрон ва билохира ба Туркия меравад ва дар онҷо низ фаъолиятҳои маданию фарҳангии хешро идома дода роҳбарии маънавии ислоҳотхоҳон ва озодихоҳонро ба души худ мегирифт. Бо

дониш ва истеъдоди зотие, ки Сайид Ҷамолиддин дошт ба зудӣ авзои ҷаҳони исломро дарк намуд ва барои начоти давлатҳое, ки зери сиёсати мустамликадорони хоричӣ монда буданд аз Афғонистон то Миср, Эрон, Ироқ, Ҳиндустон ва Туркия сафар намуд ва роҳҳои берун кардани сиёсати ишғолгаронаи ғарбиёнро ҷустуҷӯ намуд [4. с.3-5].

Сайид Ҷамолиддин истеъморгарони англисро душмани тамоми машриқзамин дониста сабаби муборизa набурди мардумро дар ҷаҳолат ва зери таъсири хуруфот мондани мардум дониста аз қудратмандони давр тақозо намуд то роҳбарии мардумро дар муқобили истилогарон ба души худ гиранд. Англис душмани тамоми машриқзамин аст ва ба он хотир комёб аст, ки мардум дар нодонӣ ва ҷаҳолат ба сар мебаранд ва зери таъсири хурофот мондаанд. Начот додани мардум аз ин гуна мушкилот вазифаи шоҳон ва зимомдорон аст, ки билохира бо пешниҳоди ин суханон аз ватан хорич мешавад [6, с.146].

Ҳангоме, ки Сайид Ҷамолиддин аз ватан берун шуд чӣ дар Ҳинду, Миср, Туркияву Эрон ва соири кишварҳои Шарқ неҳзатҳои нави зиддии истеъморӣ ташаккул меёфтанд, ки ба андеша ва афкори ӯ таъсири амиқе гузоштанд.

Зиндагӣ ва фаъолияти баъдинаи Сайид Ҷамолиддин дар кишварҳои дигар низ бо манзури боло бурдани сатҳи маърифати сиёсии мардум, пеш аз ҳама мардуми Шарқ равона шуда буд. Ба ҳар кишваре рафт бо иқдомҳои гуногун даст зад. Халқаҳои бонуфӯзи сиёсиро барои расидан ба истиқлолияти кишварҳои Шарқи мусалмон ташвиқ ва зарурияти муборизаи зиддиистеъмориро таъкид намуд, ки он дар масири бедории мардумони Шарқ дар муқобили истеъморгарони англис нерӯи нав ва усули навини муборизаро беш аз пеш тақвият дод.

Дарвоқеъ афкор ва андешаҳои озодихоҳонаи Сайид Ҷамолиддин дар раванди бедорӣ ва истиқлиятхоҳии миллати мусалмони Шарқ ҳамчун муборизи арсаи ҳақ ва ҳақиқат, муноди дифоъ аз маҳрумӣ, мухолифони зулми истеъмор нақши муассир ва ҷойгоҳи худро гузоштааст. Ва аз баракати андешаҳои маърифатпарваронаи Сайид Саид Ҷамолиддин давраи амир Шералихон ҳамчун мактаби муътабари барномаҳои бунёдӣ ва ислоҳотӣ дар Афғонистон номгузорӣ гардидааст.

**АДАБИЁТ**


1. Доктор Муҳаммад ҲалимиТанвир. Таърихи рӯзноманигнорӣ дар Афғонистон. Пешовар.1378.
2. Сайид Қосим Риштиё. Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ ва Афғонистон. Мазори Шариф,1355.
3. Сайид Қосим Риштиё. Афғонистон дар қарни XIX. Кобул-Майванд 1377.
4. Сайид Муҳаммад Амин Ориф. Чеҳраҳои мондагори Афғонистон. Кобул,1397.
5. Иброҳим Атоӣ. Нигоҳе мухтасар ба таърихи муосири Афғонистон. Кобул Майванд, 1389.
6. Доктор Муҳамамад Имора. Рӯҳи овораи Шарқ.Кобул, 1395.
7. Мир Ғулом Муҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масри таърих Кобул,1394.
8. Мир Муҳаммад Сиддиқи Фарҳанг. Афғонистьн дар панҷ қарни охир. Пешовар-Хайбар. 1391.
9. Муртазо Мадрасӣ Чордеҳӣ. Сайид Ҷамолиддин ва андешаҳои ӯ. Теҳрон Амири Кабир, 1381.
10. Татимат ул-баён фи таърих ил-афғон. Таҳияи пешгуфтор, тавзеҳот ва луғатнома аз Бозоргул Азимова Душанбе, 1999.


**НАҚШИ САЙИД ҶАМОЛИДДИНАФҒОНӢ ДАР ИСЛОҲОТИ АМИР ШЕРАЛИХОН**


Дар мақола нақш ва мақоми Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ дар роҳи амалӣ шудани ислоҳотҳои амири вақтии Афғонистон (1863-1879) Шералихон баррасӣ гардидааст. Ҳамзамон ҳидмати Сайид Ҷамолиддин ба ҳайси роҳбари маънавии ислоҳотхоҳон ва озодихоҳон барои озодӣ ва истиқлолияти мардумони Шарқи мусалмон нишон дода шудааст. Мутаффакир ва донишманди Шарқ Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, дар таърихи таҳаввулотҳои сиёсиву иҷтимоии асри 19 мардумони Шарқ аз бунёдгузорони назарияи сосиализми исломӣ шинохта шуда, дар баробари осори зиёди илмӣ-таърихӣ, рисола,мақола, шеър, дар раванди бедорӣ ва истиқлолиятхоҳии давлатҳои Шарқ, аз ҷумла ватанаш Афғонистон бо фаъолиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва илмӣ-ислоҳотӣ ҷойгоҳи хешро пайдо намудааст. Дарвоқеъ афкор ва андешаҳои озодихоҳонаи Сайид Ҷамолиддин дар раванди бедорӣ ва истиқлолиятхоҳии миллати мусалмони Шарқ ҳамчун муборизи арсаи ҳақ ва ҳақиқат, муноди дифоъ аз маҳрумӣ, мухолифони зулми истеъмор нақши муассир ва ҷойгоҳи худро гузоштааст. Ва аз баракати андешаҳои маърифатпарваронаи Сайид Саид Ҷамолиддин давраи амир Шералихон ҳамчун мактаби муътабари барномаҳои бунёдӣ ва ислоҳотӣ дар Афғонистон номгузорӣ гардидааст.



**Калидвожаҳо:** Сайид Ҷамолиддин, амир Шералихон, ҷангҳои хонаводагӣ, ислоҳот, фарҳанг, иқтисод, урду, шаҳри Кобул.


**РОЛЬ САИДА ДЖАМОЛИДДИНА АФГАНИ В РЕАЛИЗАЦИИ РЕФОРМ АМИРА ШЕРАЛИХОНА**


В статье рассматривается роль и статус Сайида Джамолиддина Афгани в реализации реформ Временного эмира Афганистана (1863-1879 гг.) Шерали-хана. В то же время подчеркивается заслуга Сайида Джамолиддина как духовного лидера реформаторов и борцов за свободу и независимость народов мусульманского Востока. Сайид Джамолиддин Афгани, мыслитель и исследователь Востока, известен в истории политической и социальной эволюции XIX века как один из основоположников теории исламского социализма. Афганистан нашел свою нишу благодаря своей социально-политической и научно-реформаторской деятельности. Фактически,

либеральные мысли и идеи Сайида Джамолиддина сыграли важную роль в процессе пробуждения и независимости мусульманской нации Востока как борца за правду и защитника простых людей. А благодаря просвещенным идеям Саида Джамолиддина период Амира Шерали-хана был назван авторитетной школой фундаментальных и реформаторских программ в Афганистане.

**Ключевые слова:** Сайид Джамолиддин, Амир Шералихон, семейные войны, реформа, культура, экономика, урду, Кабул.

**ROLE OF SAID JAMOLIDDIN AFGHANI IN IMPLEMENTING REFORMS OF AMIR SHERALIKHAN**

The article examines the role and status of Sayyid Jamoliddin Afgani in the implementation of the reforms of the Interim Emir of Afghanistan (1863-1879) Sherali Khan. At the same time, the merit of Sayyid Jamoliddin as a spiritual leader of reformers and fighters for the freedom and independence of the peoples of the Muslim East is emphasized. Sayyid Jamoliddin Afghani, a thinker and researcher of the East, is known in the history of political and social evolution of the XIX century as one of the founders of the theory of Islamic socialism. Afghanistan has found its niche through its socio-political, scientific and reform activities. In fact, the liberal thoughts and ideas of Sayyid Jamoliddin played an important role in the process of awakening and independence of the Muslim nation of the East as a fighter for the truth and defender of ordinary people. And thanks to the enlightened ideas of said Jamoliddin, the period of Amir Sherali Khan was called an authoritative school of fundamental and reform programs in Afghanistan.

**Keywords:** Sayyid Jamoliddin, Amir Sheralikhon, family wars, reform, culture, economy, Urdu, Kabul.

**Сведения об авторе:** ***Азизрахими Марзия*** – магистрант второго курса кафедры новой и новейшей истории факультета истории Таджикского национального университета. Тел.: 917 01 85 55

**Information about the author:** ***Azizrahimi Marziya*** – a second-year master's student of the Department of modern and contemporary history of the faculty of history of the Tajik national University. Phone: **917 01 85 55**

# СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН ДАР САМТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Нуриддинов Р.Ш., Некзод Шарафуддин***
**Донишгоҳи Милллии Тоҷикистон**

Сиёсати хориҷии ҳар як кишвар пайванди ногусастанӣ бо сиёсати дохилӣ дорад. Бар мабнои сиёсати хориҷӣ, идома ва басти сиёсати дохилӣ як давлат ва равобит бо давлатҳо ва кишварҳои дигар аст. Дар ин миён дар замони Ҳомид Карзай Вазорати умури хориҷаи Афғонистон бори авввал “Консепсияи сиёсати хориҷии Афғонистон”-ро дар 11 модда ба унвони санади расмӣ таҳия ва татбиқ намуд. Ҳукмати Ваҳдати Миллӣ ва нигоҳи он ба сиёсати хориҷии дар солҳои гузашта ва имрӯз дар самти Осиёи Марказӣ рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст [7].

Дар замони гузашта сиёсати хориҷии Афғонистонро ин ҷаҳор усул ташкил медод [3];

**1.** Ҳисси истиқлолхоҳӣ
**2.** Мавқеи геополитикии кишвар,
**3.** Мавқеи ҷуғрофӣ бо унвони ҷуғрофияи энержӣ ва иттисолдиҳандаи иқтисоди минтақа,
**4.** Мавқеи ҷуғрофӣ ба унвони маркази иттисоли фарҳангии минтақа

Дар замони имрӯза бошад, баъди суқути ҳукумати Муҷоҳидин, воқеаҳои 11-уми сентябри соли 2001 ва ба қудрат расидани Ҳомид Карзай, сиёсати хориҷии Афғонистон се ҳалқаро дорост [1 ].

**I.** Кишварҳои минтақа яъне кишварҳои Осиёи Марказӣ
**II.** Кишварҳои ҷаҳони ислом,
**III.** Ҷомеаи ҷаҳонӣ.

Сиёсати хориҷии Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ бо роҳбарии доктор Ашраф Ғанӣ ва Абдулло Абдулло мутафовитар аз сиёсати хориҷии Ҳомид Карзай мебошад ва он ҳоло 5 ҳалқа дорад [5 ].

- Кишварҳои ҳамсоя
- Ҷаҳони ислом
- Аврупо, Амрико, Ҷопон, Австралия.
- Кишварҳои Осиё
- Созмонҳои байналмилалӣ.

Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо дарназардошти умумиятҳои таърихӣ, қавмӣ ва мазҳаби алоқаҳои зиёд бо ҳамсоягони шимолии худ, яъне панҷ кишвари

минтақаи Осиёи Марказӣ дорад. Барои афзоиши равобити худ қодир ба рафъи монеаҳои пеши рӯяшон ҳастанд [2] .

Дар гузоришҳое, ки дар бораи сиёсати хориҷии Афғонистон дар самти Осиёи Марказӣ ироа мешавад ин кишварҳо ба шакли як блоки муттаҳид тарсим мешаванд. Аммо ин навъ нигоҳ иникоскунандаи воқеияти мавзӯъ нест. Дар воқеъ, ин кишварҳо дар муносиботи хуб бо Афғонистон новобаста аз дорои бисёр тафовуте ҳастанд, муносибатҳои онҳо асосан ба шакли дуҷониба ва маҳҳали аст [1].

Дар марзи Афғонистон, гурӯҳҳои мухталифи мардумӣ (чеҳраҳои сиёсӣ, низомӣ, мақомоти давлатӣ, тоҷирон, донишҷуён, муҳоҷирон ва соири мардуми маҳаллӣ), ки асосан дар минтақаҳои шимолӣ ҳастанд, ба шакли маҳдуд бо ҳамсоягони худ дар Осиёи Марказӣ таомул доранд. Бо ин ҳол, равобити имрӯзаи онҳо ба андозае нест, ки тавонанд мабное барои равобити пойдор ва қобили таваҷҷӯҳ бошад.

Дар айни замон Афғонистон дар талоши раҳои аз вобастагии шадиди иқтисодӣ ба кумакҳои хориҷӣ маҳви фасоди идорӣ ва суистифода аз мансаб дар манобеи маҳҳалӣ мебошад. Бо вуҷуди таъкиди рӯи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ба унвони фарзияи илоҷи тамоми мушкилоти иқтисодии Афғонистон, ҳануз ин кишвар қодир ба эҷоди равобити мутақобилан судманди иқтисоди бо ҳамсоягони худ дорад. Ин амр ба вижа дар равобити Афғонистон бо ҳамсоягони шимолии хеш, яъне панҷ кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ ( Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон) қобили қабул ва томил аст. Афғонистон бе рӯшди равобити иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ наметавонад нақши таърихии худро ба унвони як марказ ва пули зиминие, ки бо сабаби он метавонад Осиёи Ҷанубиро бо Аврӯпо васл кард, дарк ва ифо намояд. Ин масъала бо шеваи худ монеае дар баробари тавоноии Афғонистон ба суи худкифои дар солҳои оянда хоҳад шуд [3] .

Ба ақидаи афғоншиноси тоҷик Р.Ш.Нуриддинов вобастагӣ ба кумакҳои хориҷӣ, фасоди идорӣ ва суистифода дар манобеи маъданӣ, аз ҷумлаи омилҳои аслие мебошанд, ки инкишофи иқтисодии Афғонистонро бесубот мекунад [6 ].

Ҳарчанд интиқоли сиёсӣ дар соли 2014 бо вуҷуди тақалуби густурдаи интихоботӣ, нахустин интиқоли демократия ва мусолиҳатомези қудрат дар таърихи кишвар ёд мешавад, аммо дар ниҳоят боиси шаклгирии як Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ шуд, ки дар асл фоқиди ваҳдат мебошад. Натиҷаҳои он як фазои номаълуми тавъам бо ташвиқро дар мавриди ояндаи сулҳу субот дар Афғонистон ба вуҷуд оварда аст. Ҳамчунин коҳиши кумакҳои ҷомеаи байналмилалӣ ба Афғонистон, ки дар Конфронси Бонн ва Токиё ба он ишора шуда буд, шакле аз шурӯи озмуни тавоноии иқтисодии Афғонистон ба суи худкифоӣ мебошад. Бо коҳиши тадриҷии кумакҳои хориҷӣ ба Афғонистон, ин кишвар дар озмуни зарфияти иқтисодӣ дар инкишофи манобеъ дар ҷиҳати худкифоягӣ қарор гирифта аст.

Яке аз омилҳои ҳамгирои дар масоили тиҷоратӣ, интиқол, иттисол ва сармоягузории фаромарзӣ мебошад. Барои ин, ки дар даҳаи таҳаввул ба худкифоягӣ бирасад, зарӯр аст, ки дар ду ҳавзаи калиди тамаркузи бештар намояд.

Аввалан - мавқеи ҷуғрофии Афғонистон аст, ки аз он метавон ба унвони пули иртиботи миёни Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ ва фаротар аз он истифода намояд. Дар Конфронси Бонн дар соли 2011, Ҳукумати Афғонистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, бар ин асл таъкид карданд ва изҳор доштанд, ки “ Мо аз густариши тиҷорати тавъам бо роҳҳои таърихӣ он ҷиҳат истифода аз зарфиятҳои иқтисодии Афғонистон дар сатҳи минтақавӣ ҳимоят мекунем” [4].

Дуюм – инкишшофи саноати маъдан Афғонистонро метавонад аз вобастагии шадид ба кумакҳои хориҷӣ берун созад. Соҳаи маъдани Афғонистон зарфияти кумаки барзиёди авоили нохолиси Афғонистонро дорад ва сабаби бунёди шуғли мустақим ва ғайримустақим дар кишвар мегардад. Дар зимн метавонад барои моркети дохилӣ ва хориҷӣ тавлидоти барқ, сузишворӣ ва дигар ниёзҳои сохтмониро фароҳам созад. Ин ду ҳавза мутақобилан ҳамдигарро ҳимоят намуда ва зарфияти хуб дар таҳқиқи паймонҳои иқтисодии ҳукумати Афғонистон мебошанд.

Профессор Р.Ш.Нуриддинов ба ин ақида аст, ки иқтисоди минтақавӣ аз соли 2001 ин фурсатро дошт ва метавонист, ки аз як Афғонистони босубот бештарин

судро бибарад, ки аз сиёсати иқтисодии либералӣ бархурдор аст. Бо ин ҳол ин ҳамкориҳо бо тамоми ҳамсоягони Афғонистон як хел набуда ва натоиҷи мухталиферо барои иқтисоди ин кишвар дар қибол дошта аст. Бахусус ҳамкорҳои миёни Афғонистон ва кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ заиф боқи монда ва ин масъала дар муқоисаи тиҷорати Афғонистон ба сатҳи мубодилоти тиҷоратӣ бо кишварҳои Покистон, Чин ва Эрон суди бештар дорад. Ба ҳар ҳол, ин омил ҳамчунон як фурсати ягонаро барои инкишофи ҳамкориҳои иқтисодии миёни Афғонистон ва кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ пешкаш намуда аст, ки метавонад ба васли минтақавӣ дурӯст ва муассир бошад [6].

Аз сӯи дигар, дар тӯли як даҳаи гузашта кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар бозсозии иқтисоди Афғонистон саҳм гирифтаанд, бахусус дар соҳаи энержӣ. Ҳоло аксарияти шаҳрҳои муҳими Афғонистон бо барқи транзитии кишварҳои Тукрманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон васл шудаанд. Ин хатҳои интиқоли метавонад заминаи хуберо барои барқарории ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни Афғонистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи энержӣ бошад. Барои мисол, лоиҳаҳои энержӣ мислӣ, “Хатти интиқоли лӯлаи газӣ ТАПИ”, миёни кишвари Туркманистон, Афғонистон, Покистон ва Ҳиндустон ва лоиҳаи барқи “CASA-1000”, миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мебошанд. Равобити тиҷоратии миёни Афғонистон ва 5 кишвари Осиёи Марказӣ, бастаги ба воридоти Афғонистон дорад. Нафти тасфияшуда, гандум ва гази табии аз ҷумла колоҳои асосии воридотии Афғонистон аз ин кишварҳоро месозад.

Бар асоси гузориши идораи омории марказии Афғонистон дар соли 2015 Ӯзбекистон бузургтарин манобеи воридоти дар миёни тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ 721 миллион доллар воридот доштааст. Ба дунболи он Туркманистон 464 миллион, Қазоқистон 390 миллион, Тоҷикистон 114 миллион ва Қирғизистон 18 миллион доллар мебошад. Дар муқобил, содироти умумии Афғонистон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ба 26 миллион доллари амрикоӣ расидааст, ки асосан шомили сабзиҷот ва меваҳои хушк мебошад. Дар умум воридоти Афғонистон аз кишварҳои Осиёи Марказӣ бештар аз содироти он аст. Ба ин маъни, ки Афғонистон бо ҳомсоягони шимолии худ дорои як равобити мутақобилан судманди тиҷоратӣ нест. Барои Афғонистон, ҷараёни тиҷорати ғайрирасмӣ, адами шафофият дар асноди гумрӯкӣ, норасоии зерсохтҳои транзити ва ворид намудани маҳсулот метавонад дар дохили кишвар хотима ёбад. Таркибе аз ин чолишҳо дар барқарории тиҷорати мутақобил вуҷуд дорад.

Ташаббусҳое мисли барномаи махсуси СММ барои иқтисоди Осиёи Марказӣ (SPECA Конфронси ҳамкориҳои минтақавӣ барои Афғонистон) (RECCA ) ва ҳамкориҳои иқтисодӣ ва минтақавии Осиёи Марказӣ (CAREC) дар доираи минтақавӣ барои Афғонистон ин фурсатро додааст то нигарониҳо ва фурсатҳое бароро баҳри ҷалби ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ барҷаста созад. Ин соҳаҳо мусталзам арзёбии тасҳили зарфиятҳои феълии содирот, воридот, вазияти ҳол ва ояндаи иттисоли тарнзит ва монеаҳои тиҷоратӣ мебошад. Муҳимтар аз ҳама арзёбии ин мавзӯъ аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ чи нақшаҳои навиеро метавонанд дар беҳбудии иқтисоди Афғонистон дар ин таҳаввул бози намоянд [5 ].

Равобити иқтисодии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо Осиёи Марказӣ; аз замони кушодашавии марзҳо баъд аз суқути Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1991 ва ба хусус аз замони сақвати Толибон дар соли 2001 равобити Афғонистон бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ густариш ёфт. Аммо шурӯи он дар сатҳи бисёр пасте будааст [6 ].

Бо ин ҳол, якпорчагии иқтисоди минтақа ҳамҷунон дар ҳоли осеб аст чун ки ҳамаи ин кишварҳо ҳануз дорои иқтисоди ҳошиявӣ ҳастн, ки ба шакли пурра бо нуқоти мухталифе дар иртибот мебошанд ( Афғонистон бо Покистон ва Эрон, Осиёи Марказӣ бо Руссия ва Чин). Дар айни замон бо мушкилоти амниятӣ ва зерсохтҳои ҷидди дасту панҷа нарм мекунад [2].

Метавон гуфт, ки аҳамияти Афғонистон барои иқтисоди минтақаи Осиёи Марказӣ камтар аз шарикони бо арзише чун Чин нест. Бо иловаи ҳамаи ин кишварҳои минтақа ба хотири доро будани низомҳои марзии маҳдуд, сай доранд аз ҳамкориҳои бисёрҷонибаи воқеи канорагӣ кунанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аҳамияти иқтисодии Афғонистон ба таври ҷидди, танҳо

дар бархе шаҳрҳои кучактар, ки дар наздикии марзи ин кишвар қарор доранд, мебошад.

Дар ин минтаҚа, мардуми маҳалли дар ҳар ду ҷониби марз табодулоти фаолтаре доранд. Ҳамҷунин дар наздикии марказҳои савдо дар ин ду кишвар, одамон ва ширкатҳое ҳастанд, ки манофеи иқтисодӣ дар Афғонистон доранд. Бо ин ҳол, манофеъ дар муқоиса бо аксари шарикони тиҷоратии бузургтар, нисбатан кам аст [5 ].

Кишвари Туркманистон низ умед ба бархе аз зерсохтҳои муҳими иқтисодӣ дорад, ки метавон ин кишварро ба Афғонистон марбут кунад.

Марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон яке аз манотиқе аст, ки шоҳиди густариши бештари равобити иқтисодӣ буда ва бахусус дар вилоятҳои Қундуз, Бадахшон, ва минтаҚаи Шерхонбандар ба вижа пас аз ифтитоҳи пул бар рӯи дарёи марзӣ “ Панҷ” дар соли 2008, ки аз ҷумлаи он метавон ба ҷаласаҳои муназами маҚомоти давлати маҳҳали, маҚомоти гумрӯк ва савдо ишора кард. Аммо бо ин вуҷуд тиҷорати дуҷониба аз тариқи ин бандар бе мушкили ҳам нест.

Бо ин ҳол, на камтар аз шаш пул ва се бозори муштарак дар Бадахшон иртиботи мардуми ва фаъолиятҳои иқтисодӣ қобили таваҷҷӯҳи байни сокинони маҳалли Афғонистон ва Тоҷикистон анҷом мешавад.

Ин тиҷорат тавассути маҚоммоти маҳаллӣ назорат шуда ва маъмулан дар шаҳри “ Ишкошим”-и вилояти Бадахшони Афғонистон беш аз дигар нуқот анҷом мепазирад.

Дар ин ҳол роҳбарони ду кишвар дар моҳи марти соли ҷорӣ аз эътимоли роҳандозии пулҳо ва бозорҳои муштарак бештар дар ояндаи наздик хабар додаанд [1].

Вале дар самти ғарб ва дар марзи Афғонистон бо Ӯзбекистон, тиҷорати маҳаллӣ аз тариқи “Бандари Ҳайратон” яъне аз тариқи “Пули дӯстӣ” ба шиддат маҳдуд аст, ки иллати ин амр низ анҷоми иқдомоти амниятии шадид аз ҷониби давлати Ӯзбекистон аст. Илова бар ин Афғонистон ва Ӯзбекистон аз тариқи обҳои Амударё низ то ҳадде ба тиҷорат мепардозанд. Барои мисол, интиқоли аввалин тонкари сӯхт аз тариқи бандари Ҳайратон дар моҳи октябри соли 2012 пас аз 16 соли умедҳо барои таҚвияти тиҷорати миёни ин ду кишварро афзоиш дод [6].

Аз охири соли 2001 бандари “ Турағандӣ” ва “ Оқина”, ки байни Афғонистон ва Туркманистон воқеъ шудаанд, ба хотири ниёзҳои иқтисодӣ амнияти меҳвар даҳҳо ҳазор сарбози амрикои ва НАТО мустаҚар дар Афғонистон, беҳбуд пайдо кардаанд. Ин дар ҳоле аст, ки қабл аз соли 2001 тиҷорати миёни афғонҳо ва туркманҳо дорои навсони зиёде буд. Бо ин вуҷуд, поён ёфтани ниёзҳои тадорӯкоти “ ISAF” метавонад мунҷар ба коҳиши тиҷорат дар ин ду бандар шавад [2 ].

Агарчи мизони даромадҳои тиҷоратмеҳвар дар бандари Турағандӣ ва Оқина афзоиш пайдо карда ва вазъияти ин бандар, бахусус дар баҳси зерсохтҳо, бо пешрафтии хубе ҳамроҳ буда аммо ҳодисаҳои амниятӣ ҳамҷунон таҳдиди фазояндае барои ҷараёни муназами тиҷорат дар ин манотиқ ба шумор меравад.

Дар самти ғарб ва дар роҳии миёни Турағандӣ ва Ҳирот, бисёре аз мусоифроние, ки барои давлати Афғонистон ё барои созмонҳои ғайридавлатӣ, милли ва байналмилалӣ кор мекунанд, дардисари зиёде барои пинҳон кардани ҳуввияти созмони худ мутаҳамил мешаванд ва умуман аз сафар кардан ҳарос доранд ва ҳамин вазъият дар вилояти Форёб низ вуҷуд дорад [9 ].

Аз лиҳози идорӣ ва ичрӣ, интиқоли қонуни коло дар марзи Афғонистгон ва Туркманистон бисёр душвор ва вақтгир аст. Барои мисол, ба гуфтаи як маҚоми давлати маҳаллӣ Афғонистон дар “ Турағандӣ” ҳатто агар як тоҷир дорои як ширкат сабтшуда бошад бояд барои судури визаи ( туркманӣ) худ ҳудуди 2 моҳ мунтазир бимонад.

Ба таври кулли, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон ба шакли фарояда ва бо тарғиби ҷомеаи байналмилалӣ машғули таълимоти бисёрҷониба ва минтаҚавӣ бо якдигар шуданд, лоиҳаҳое, ки чун ТАПИ ва “CASA-1000”, ослан мубтани бар мавзуи энержӣ ва зерсохти мебошад [5] .

Метавон гуфт, ки ҳамкориҳои рӯ ба рӯшди минтаҚавӣ номутмаин ба назар меерасад, ки иллати он адами итминон дар баоари амнияти ояндаи Афғонистон ва низ коҳиши устувоври алоҚаи ҷомеаи байналмилаӣ ба ин минтаҚа дар ояндаи наздик аст.

Ҳар яке аз панҷ кишвари Осиёи Марказӣ, тибқи манофеи худ дорои сиёсати хориҷии хоси худ мебошанд. Ба таври кулли, давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бар рӯйи таҳдидоти дохилии хеш рӯи ҳукуматҳои худ тамаркуз доранд, ки ин мавзӯъ иртиботи чандоне бо Афғонистон надорад[7 ].

Равоби миёни Афғонистон кишварҳои Осиёи Марказӣ танҳо аз тариқи созмонёфта қобили иртиқо хоҳад буд ва барои ин, ки чунин иттифоқе рӯх диҳад, бояд манофеи дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҳуқуқии байни ин кишварҳо бунёд шавад ва ангезаҳоии хориҷӣ мисли прӯсаи “ Қалби Осиё” танҳо бояд нақши ҳимояти дар ин раванд дошта бошад.

Ин шакл муҳарикҳо наметавонанд оғозгари ин робита бошанд дар ҳамин ҳол, кишварҳои Осиёи Марказӣ низ барои кумак ба ин ҷараён, дигар набояд ба Афғонистон ба унвони як таҳдид, ё таҳдиди бузург, нигоҳ кунанд ва дар узв, бояд мутаваҷеҳи бошанд, ки Афғонистон кишваре аст, ки равобити зиёде бо ин минтақа дорад.

Рӯшди равобити дарҳам танида, як лоиҳаи баландмуддат хоҳад буд ва ҳамҷунин бояд дар умум ба ояндаи ин нуктаро дар назар дошт, ки убур аз монеаҳои равони ғолибан сахтар аз монеаҳои физикӣ аст [2].

**АДАБИЁТ**


1. Ваҳиди Мужда “ Афғонистон ва панҷ соли суултаи Толибон” Теҳрон 1382.
2. Масъуди Мумин “ Афғонистон ва ҳамсоягони Осиёи Марказии он” Кобул 1394.
3. Мироқо Ҳакҷӯ “ Афғонистон ва мудохилоти хориҷӣ” теҳрон 1389.
4. Муҳаммад Вайси Формалӣ “ Нақши қудратҳои бузург дар сиёсати хориҷии Афғонистон дар як даҳаи охир” 1396.
5. Нуриддинов Р. Ш. Место и роль России в формировании новой геополитической системы в странах Среднего Востока. / Р. Ш. Нуриддинов.-Новосибирск: СибАГС, 2009.
6. Нуриддинов Р. Ш. Нуриддинов П. Р. Сиёсати ҷаҳонӣ. Душанбе: “Эр-граф”, 2016. 352 с,
7. Рӯзномаи Ово “ Афғонистон ва Осиёи Марказӣ дар ҷустуҷуи густариши ҳамкориҳо” 28 қавси 1393. Кобул. Саҳ -5.
8. Рамазони Буниш “ бистарҳои сиёсӣ ва иқтисодии густариши равобити Афғонистон ва Тоҷикистон” Кобул. 1390. Са5 44
9. Фарҳод Рамазонӣ “ Фурсатҳои навин дар равобити Тоҷикистон ва Афғонистон”. Кобул. 3 саратони 1394 саҳ-10.
10. Фаромарзи Таманно “ Сиёсати хориҷии Афғонистн; гузашта, акнун, оянда” 24 фарвардини соли 1394 саҳ 1-3
11. Халил Аҳмади ҶОмӣ “Нигоҳе ба таърихи муосири Афғонистон” Кобул 1398.
12. www. af shafaqna. com.
13. www. Af. Ovo com. Шумораи 14 – саҳ 8.


## СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН ДАР САМТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро дар самти Осиёи Марказӣ мавриди таҳлилу барасси қарор додааст. Равобити Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо Осиёи Марказӣ аз замони кушодашавии марзҳо баъд аз суқути Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1991 ва ба хусус аз замони сақвати Толибон дар соли 2001 бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ густариш ёфтаст. Бо ин ҳол, якпорчагии иқтисоди минтақа ҳамҷунон дар ҳоли осеб аст чун ки ҳамаи ин кишварҳо ҳануз дорои иқтисоди ҳошиявӣ ҳастан, ки ба шакли пурра бо нуқоти мухталифе дар иртибот мебошанд. Метавон гуфт, ки аҳамияти Афғонистон барои иқтисоди минтақаи Осиёи Марказӣ камтар аз шарикони бо арзише чун Чин нест. Бо иловаи ҳамаи ин кишварҳои минтақа ба хотири доро будани низомҳои марзии маҳдуд, сай доранд аз ҳамкориҳои бисёрҷонибаи воқеи канорагӣ кунанд. Барои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ- Афғонистон аз аҳамияти геополитикӣ ва геостратеги бархурдор аст. Равоби миёни Афғонистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ танҳо аз тариқи созмонёфта қобили иртиқо хоҳад буд ва барои ин, ки чунин иттифоқе рӯх диҳад, бояд манофеи дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҳуқуқии байни ин кишварҳо бунёд шавад ва ангезаҳоии хориҷӣ мисли прӯсаи “ Қалби Осиё” ва дигар лоиҳаҳои хурду бузург ба роҳ монда шуда ва амали шаванд. Бояд нақши ҳимояти дар ин раванд дошта бошад, то мавриди эътимоди якдигар ва ҳусни ҳамвавори, ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба вуҷуд оварда ва онҳоро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётан муҳим рушду тасеа бахшанд.



**Калидвожаҳо;** Сиёсати хориҷӣ, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Осиёи Марказӣ, Қалби Осиё, Консепсияи Сиёсати Хориҷии Афғонистон, Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ, Осиёи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Туркманистон, Ҳомид Карзай, Вазорати Умури Хориҷаи Афғонистон;


## ВНЕШНЯЯ ПОЛИТИКА ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ АФГАНИСТАН В НАПРАВЛЕНИИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ


В данной статье автор анализирует внешнюю политику Исламской Республики Афганистан в направлении Центральной Азии. Отношения Исламской Республики Афганистан с Центральной Азией расширились с момента открытия границ после распада Советского Союза в 1991 году, и особенно после убийства талибов в 2001 году. Однако экономическая целостность региона также подрывается,

поскольку все эти страны все еще имеют маргинальные экономики, которые полностью связаны с различными точками зрения. Можно сказать, что значение Афганистана для экономики центральноазиатского региона не меньше, чем значение партнеров, не уступающих по значимости Китаю. Помимо всех этих стран в регионе, из-за ограниченных пограничных систем они стараются избегать реального многостороннего сотрудничества. Для стран Центральноазиатского региона Афганистан имеет геополитическое и геостратегическое значение. Отношения между Афганистаном и Центральной Азией могут быть укреплены только посредством организованного союза, и для того, чтобы такой союз состоялся, между этими странами должны быть установлены двусторонние и многосторонние правовые интересы, а также должны быть установлены внешние мотивы, такие как процесс «Сердце Азии». и другие крупные и мелкие проекты, которые будут запущены и реализованы. Он должен играть вспомогательную роль в этом процессе для построения взаимного доверия и доброй воли, взаимовыгодного сотрудничества и их развития во всех жизненно важных областях.

**Ключевые слова:** Внешняя политика, Исламская Республика Афганистан, Центральная Азия, Сердце Азии, Концепция внешней политики Афганистана, Правительство национального единства, Южная Азия, Республика Таджикистан, Республика Узбекистан, Республика Казахстан, Кыргызская Республика, Туркменистан, Хамид Карзай, Министерство иностранных дел Афганистана;

**FOREIGN POLICY OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF AFGHANISTAN TOWARDS CENTRAL ASIA**

In this article, the author analyzes the foreign policy of the Islamic Republic of Afghanistan towards Central Asia. The Islamic Republic of Afghanistan's relationship with Central Asia has expanded since the opening of borders following the collapse of the Soviet Union in 1991, and especially after the assassination of the Taliban in 2001. However, the economic integrity of the region is also undermined, as all of these countries still have marginal economies that are totally linked to different viewpoints. It can be said that the importance of Afghanistan for the economy of the Central Asian region is no less than the importance of partners who are not inferior in importance to China. Apart from all these countries in the region, due to limited border systems, they try to avoid real multilateral cooperation. For the countries of the Central Asian region, Afghanistan is of geopolitical and geostrategic importance. Relations between Afghanistan and Central Asia can only be strengthened through an organized alliance, and for such an alliance to take place, bilateral and multilateral legal interests must be established between these countries, as well as external motivations such as the Heart of Asia process must be established. and other large and small projects to be launched and implemented. He should play a supporting role in this process to build mutual trust and goodwill, mutually beneficial cooperation and their development in all vital areas.

**Keywords:** Foreign Policy, Islamic Republic of Afghanistan, Central Asia, Heart of Asia, Afghanistan Foreign Policy Concept, Government of National Unity, South Asia, Republic of Tajikistan, Republic of Uzbekistan, Republic of Kazakhstan, Kyrgyz Republic, Turkmenistan, Hamid Karzai, Ministry of Foreign Affairs of Afghanistan.

**Сведения об авторе:** ***Некзод Шарофиддин*** – магистрант второго курса факультета международных отношений ТНУ, Тел.: **000 40 21 21**

**Information about the author:** ***Nekzod Sharofiddin*** – second-year master's student of the faculty of International Relations of TNU, Tel.: **000 40 21 21**

## ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Бутаева Г.М., Шарипов А.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истиқлол волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст, ки бисту нуҳ сол муқаддам 9 сентябри соли 1991 расман эълон гардид. Аз ҳамон вақт то имрӯз ин санаи муборак барои миллати тоҷик иди муқаддас маҳсуб мешавад.

Аз ҷашни касби истиқлолияти давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ ва заминаҳои ҳуқуқию меъёри он самти тамоман нав буд. Шурӯъ аз декабри соли 1991 давлатҳои хориҷӣ пайи ҳамдигар ба эътироф намудани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пардохтанд. Моҳи январи соли 1992 дар Душанбе нахустин сафоратхонаи кишвари хориҷӣ (Ҷумҳурии Исломии Эрон) ба фаъолият оғоз намуд. Дар муддати кӯтоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон узви бонуфузтарин созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо гардид [5, с. 182].

Сарвари давлат ҳифзи манфиатҳои миллии кишварро ҳамчун мақсади ниҳоии сиёсати хориҷӣ муайян кард. Дар он шабу рӯз масъалаи аз ҳама муҳим дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ба ҷои муқимии худ баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, барқарор намудани манзилу маскани харобгардидаи онҳо ва фурӯ нишондани оташи ҷанги шаҳрвандӣ буд. Бо назардошти имкониятҳои

маҳдуди ҷумҳурӣ роҳбарияти давлат аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ низ ёрӣ пурсид. Дар натиҷа, аз соли 1993 раванди бозгашти шаҳрвандон ба ҷойҳои зисти доимии худ, бахусус аз Афғонистон шурӯъ шуда, дар давоми ду сол ғолибан ҳалли худро пайдо кард.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 29 сентябри соли 1993 нахустин маротиба аз минбари Созмони Милали Муттаҳид сухан ронда, ҷомеаи ҷаҳониро ба нияту нақшаҳои бунёдкорона, ҳадафҳои сиёсии сулҳҷӯёна, расидан ба ваҳдати миллӣ, инчунин таҳкиму тақвияти ҳамкорӣ бо ҳама кишварҳои дӯсту сулҳпарвари ҷаҳон ошно намуданд [8].

Раванди музокироти сулҳи тоҷикон низ яке аз саҳифаҳои махсус дар таърихи дипломатияи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Гуфтушунидҳои миёни тоҷикон байни ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид сурат гирифтанд. Дар ин раванди музокироти мураккаб Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ оид ба Тоҷикистон хизматҳои миёнаравӣ мерасонд, инчунин бо хоҳиши ҷонибҳои алоқаманд дар ҷаласаҳо раисӣ мекард. Дар вохӯриҳо намояндагони Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, дигар созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои дӯст, аз ҷумла, Руссия, Эрон, Афғонистон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ба сифати нозир ширкат меварзиданд [6, с94].

Ҳамин тариқ, дар рафти амалиётҳои ҷангӣ раванди мураккабу бисёрдавраи гуфтушуниди миёни тоҷикон 5-уми апрели соли 1994 оғоз ёфта, 27-уми июни соли 1997 бо имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон анҷом ёфт. Раванди бисёрдавраи гуфтушунид, ки дар пойтахти Россия оғоз гардид, минбаъд пайи ҳам дар Теҳрон, Исломобод, Ашқобод, Алмаато, Бишкек, Машҳад, Хосдеҳ (шимоли Афғонистон) идома ёфта, дар Маскав ба анҷом расид [1, с. 218].

Хушбахтона сулҳи тоҷикон на танҳо заминаи оғози ислоҳот ва пешрафт дар кишвар, балки ҳамчун намуна – формулаи татбиқи сулҳ барои оламиён муаррифӣ гашта, аз ҷониби Донишгоҳҳои Созмони миллали муттаҳид мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ду даҳсолаи соҳибистиқлолии кишвар роҳи бузургеро тай кард. Таҷрибаи ҳосилшуда имкон медиҳад, ки равандҳои гуногуни муносибату ҳамкориҳоро дар ҷаҳони муосир зери мушоҳида гирифта, нисбати онҳо назари хосаи худро дошта, ба онҳо аз мавқеи худ баҳогузорӣ намоем. Дар ин давра ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори худро дар ин самт хеле боло бурда, сол то сол доираи вазифаҳои Вазорати корҳои хориҷӣ, сафоратҳо ва намояндагиҳои дигари кишварро васеъ менамояд. Яке аз чунин вазифаҳои муҳим ба вуҷуд овардани асосҳои илмӣ ва назариявии сиёсати хориҷӣ, таъсиргузорӣ ба пажӯҳишҳо дар ин самт мебошад.

Дар рушди тадриҷаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши асноди меъёри ҳуҷуқӣ, ба хусус Консепсияи сиёсати хориҷӣ муҳим мебошад.

Консепсияи аввалини сиёсати хориҷӣ ки сентябри соли 2002 қабул гардида, аввалин маротиба моҳияти сиёсати “Дарҳои кушод” ва мундариҷаи бисёрсамтии онро инъикос намуд. Дар баробари ин қонун дар бораи хизмати дипломатӣ ба мақсади самаранок ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти низоми хизмати дипломатӣ қабул гардид. Дар баробари ин, шабакаи васеи намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ба вуҷуд оварда шуд, ки барои таъмин намудани робитаҳои доимӣ ва пайгирии рафти иҷрои тавофуқҳо бо кишварҳои дӯсту ҳамёр нақши муҳим мебозанд [9, с. 5].

Ҳамаи ин тадбиру ибтикорҳо ба он овард, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро мустаҳкам намуда, доираи муносибату ҳамкориҳои худро сол то сол тавсеа мебахшад.

Ба шарофати сиёсати хориҷии мутавозин дар ин давра Тоҷикистони мо дар арсаи байналмилалӣ мавқеи шоистаи худро пайдо намуда, муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо кишварҳои дунё, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ба роҳ монд.

Дар ин замина мусоидат ба эҷоди фазои эътимоду амният атрофи кишвар аз роҳи густариш ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор бо истифода аз василаҳои сиёсиву дипломатӣ, саъю талоши пайваста

ҷиҳати ҳалли саривақтии масоили мубрами минтақа дар сархати сиёсати хориҷии давлати мо қарор хоҳад дошт [3].

Лекин бояд тазаккур дод, ки тағйиротҳои муҳимми муносибатҳои байналхалқӣ ва осебпазирии кишварҳои миллӣ дар солҳои 2013-14 воқеияти навро возеҳ намуданд. Дар ин самт бо назардошти таъмини манфиатҳои миллӣ мебояд арзишҳои нав ба консепсияи сиёсати хориҷӣ ворид гарданд. Ин арзишҳо вокуниш ба воқеиятҳои муосир ба хотири ҳифзи истиқлолият ва пайгирӣ аз сиёсати мутавозини хориҷӣ мебошад [7, с. 1508].

Ҳамзамон зарурати қабули Консепсияи нави сиёсати хориҷӣ, ҷиҳати имконияти вокуниш ба тамоюлоти муосир ва ташаккули механизмҳои нав баҳри татбиқи ҳадафҳои миллӣ дар радифи зуҳури анвои нави дипломатия (иқтисодӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ, ҳарбӣ ва ғайра) ба миён омад.

Консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадаф, вазифа ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишварро дар раванди дигаргуниҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии мамлакат мушаххас намуда, ба ҷараёни мутобиқшавии мамлакат ба равандҳои ҳамгирой ва ҷаҳонишавӣ мусоидат менамояд, ки 27 январи соли 2015 қабул шудаст.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии мустақили бисёрсамтаро, ки ба талаботи манфиатҳои олии давлатӣ ва миллӣ ҷавобгӯст, ба роҳ монда, муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судмандро бо кишварҳои гуногуни олам пайгирӣ ва татбиқ менамояд. Хусусан сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи солҳои истиқлолияти давлатии кишвар даврахои асосии ташаккулро аз сар гузаронида, марҳила ба марҳила ба як мактаби бузурги усулманд, суфта ва коркардшудаи сиёсии ташаккулёфта табдил ёфтааст [2].

Солҳои охир низоми байналмилалӣ хусусиятҳои нав касб карда, таҳдиди хатарҳои ҷиддиро ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлат эҷод менамояд. Дар ин росто, дар манзараи геополитикии сайёра ҳодисаҳои нави сиёсию иқтисодӣ ба вуқӯъ омадаанд, ки сабаби дигаргуншавии низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар солҳои оянда хоҳанд гашт.

Ҷаҳонишавӣ ва манфиатҳои миллии кишварҳо бояд якдигарро пурра созанд ва кафили боэътимоди рушди устувори муносибатҳои байналмилалӣ бошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии «дарҳои кушода»-ро пайгирона дар амал татбиқ намуда, эҷоди воситаҳои самарабахши ба ҳам овардани манфиатҳои миллӣ ва кӯшишҳои байналмилалӣ, муттаҳид намудани саъю талошҳои ҳамаи давлатҳоро барои омода намудани аксуламали муносиб дар баробари таҳдид ва хатарҳои замони муосир имконпазир мешуморад.

Дар айни ҳол ба таври доимӣ суръат гирифтани тамоюли ҳамгироии иқтисодиву сиёсӣ хусусияти хоси муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Низоми нави ҷаҳонӣ бояд аз ҷангу низоъҳо, фишору зӯроварӣ комилан озод бошад ва бар ҳамкориҳои густурда, баробар ва мутақобилан судманди ҳамаи кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ асос ёбад. Танҳо дар чунин шароит, тавассути саъю кӯшишҳои якҷоя, метавон дар баробари мушкилоти куллии замони муосир – терроризми байналмилалӣ, ифротгароии сиёсӣ, паҳншавии силоҳи қатли ом, фалокатҳои техногенӣ, экологӣ, инчунин гармшавии иқлим – истодагарӣ ва муқовимат намуд [2].

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ ҳамкории худро бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ тадриҷан ба роҳ монда, дар доираи ҳамкорӣ бо онҳо ва дар чаҳорчӯбаи онҳо мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ мустаҳкам намуд.

Барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди минбаъдаи кишвар барои Тоҷикистон ҳамкорӣ бо чунин созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ба мисли Созмони Милали Муттаҳид ва муассисаву ниҳодҳои он, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Конфронси исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ манфиати судманд дорад.

Тоҷикистон низ бо як қатор созмонҳо ва иттиҳодияҳои минтақавӣ, аз қабили Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ҳамкориҳо дошта, худ низ дар рушди фаъолияти онҳо саҳми босазо дорад.

Бояд таъкид намуд, ки барои расидан ба чунин сатҳи рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои байналхалқию

минтақавӣ нақши Вазорати корҳои хориҷӣ назаррас мебошад, ки воқеан дар даврони истиқлолият ташаккули касбӣ, сохторӣ ва сифатии худро соҳиб гаштааст. Таҳаввулоти ҷиддӣ дар фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ пас аз иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҷумҳурӣ шурӯъ шуд. Бо супориши роҳбари давлат сохтори ин вазорат, салоҳияту зарфияти он мавриди бознигарӣ қарор гирифт. Дар ин асос 12 январи соли 1993 бо қарори Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ сохтори нави дастгоҳи марказии вазорат тасдиқ гардид. Теъдоди кормандони он ба 75 нафар расонида шуда, пешбинӣ гардид, ки Вазир се муовин, аз ҷумла, як муовини аввал дошта метавонад[9, с. 30].

Барои нишон додани таҳаввули сифатии ин сохтор зикри як далел кофист, ки мо дар оғози истиқлол ниҳод ё сохтори мукаммали татбиққунандаи сиёсати хориҷиро надоштем ва Вазорати корҳои хориҷие, ки аз замони шӯравӣ мерос монда буд, 11 нафар корманд дошту халос. Аз ин рӯ, бо камоли итминон метавон гуфт, ки ҳам сиёсати хориҷии мо ва ҳам мақомотӣ ба ҳаёт татбиққунандаи он – Вазорати корҳои хориҷӣ зодаи ҳақиқии истиқлоланд[4, с. 22].

Маҳз ба шарофати истиқлол мо бо оғоз риштаи ҳамкорӣ аз Созмони Милали Муттаҳид, узви муҳимтарин созмонҳои байналмилалии дунё гаштем. Тоҷикистонро 175 давлати дунё чун кишвари соҳибистиқлол эътироф намуда, айни замон бо 140 кишвари ҷаҳон равобити дипломатӣ барқарор намудаем, ҳамзамон мо узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шуда, кишварҳои олам Тоҷикистонро ҳамчун чумҳурии соҳибистиқлол эътироф менамоянд. Ҳоло мо дар шароите қарор дорем, ки ҷаҳонишавӣ ба ҳайси раванди ҳокими таҳаввулоти сайёра, агар, аз як тараф, барои рушди иқтисодиву технологӣ ва умуман такомули кишварҳо имкониятҳои бузург фароҳам орад, аз сӯи дигар, метавонад боиси тезутундшавии масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву ахлоқӣ, инчунин торафт бештар гардидани нобаробарии иҷтимоии мардум ва шиддат гирифтани буҳрони маънавии ҷомеаи ҷаҳон гардад. Воқеъбинии сиёсӣ асосҳои истиқлолияти кишварро мустаҳкам гардонида, ин раванд бояд бо дарназардошти паҳлӯҳои нави муносибатҳои байналмилалӣ бо такя ба ҳақиқати воқеии марҳалаи ҷаҳонишавӣ сурат гирад.

Омили дигари шаҳодати ташаккули сиёсати хориҷӣ ин таҳаввул дар самти муайян намудани ҳадафҳои он ба шумор меравад. Ага дар марҳилаи аввали истиқлолият мо ҳадафи пешгирии ҷанги шаҳрвандӣ, истикрори сулҳ ва роҳандозии муносибатҳои мутақобиларо бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати ҳадафҳои асосӣ муайян намуда бошем, пас дар марҳилаи муосир ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат ҳифзи манфиатҳои стратегии кишвар дар арсаи байналмилалӣ буда, он аз тариқи фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори ҳамаҷонибаи мамлакат, мусоидат ба таҳкими беш аз пеши пояҳои истиқлолияту соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон ва кӯшишҳои пайгирона ҷиҳати дарёфти ризоят ва манфиатҳои мутақобила бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии кишвар амалӣ мегардад [2].

Дар баробари ин, бояд таъкид сохт, ки муваффақияти сиёсати хориҷӣ аз бисёр ҷиҳат ба тавозуни байни ҳадафҳо ва имкониятҳои татбиқи онҳо вобаста мебошад. Давлати мо, чун кулли кишварҳо, дар муайян кардани афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ аз рӯи ҳадафҳо ва манфиатҳои волои миллии худ амал мекард ва хоҳад кард.

Ба шарофати истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар баробари кишварҳои дигар мавқеву манзалати худро дар арсаи байналмилалӣ пайваста устувор менамояд. Сиёсати пешгирифтаи Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба қуллаҳои баланди истиқлолият, таъмини амният, беҳбудӣ ва рушду шукуфоии беш аз пеши ҷумҳурӣ ба комёбиҳои назаррас мушарраф мегардад. Дар ин росто тарҳандозӣ, татбиқ ва пешрафти сиёсати хориҷии кишвар нақши муҳим дорад. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун идораи асосӣ дар раванди пиёдасозӣ ва пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон бомуваффақият фаъолият намуда, дар роҳи афзоиши эътибори байналмилалии ҷумҳурӣ, муаррифӣ ва касби ҷойгоҳи сазовори он миёни кишварҳои ҷаҳон саҳми босазоеро соҳиб аст.

Гузашти вақт исбот намуд, ки пайгирӣ аз сиёсати «дарҳои кушод» дар сиёсати хориҷӣ самти ягонаи дурусти пешбурди муносибат ва ҳамкорӣ бо

кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шароити мураккаби тағйиротҳои бунёдӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ ба шумор меравад.

Имрӯз мо дар замоне умр ба сар мебарем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз буҳронҳои шадидтаринро аз сар гузаронида, тамоми мушкилотҳое, ки метавонистанд инсониятро ба ташвиш оранд алакай пайдо шуда бо суръати хеле баланд рушд менамоянд. Дар шароити муташанниҷи ҷаҳони имрӯза, муайян намудани оянда ва аз он ҳам муҳимтар пешгӯи намудани мушкилоти дар пай доштаи он кори саҳл нест. Ҳар як рӯз мушкилоти нав ба вуҷуд меоянд, ки ба сиёсати дохиливу хориҷии Тоҷикистон метавонанд таъсир расонанд. Яке аз мисолҳои оддӣ ин дар муддати хеле кӯтоҳ пайдо ва паҳн шудани короновируси “COVID 19” мебошад, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш андохта, ҷони ҳазорҳо нафарро бурда, миллиардҳо доллар ба давлатҳои ҷаҳон хисорот овардаст. То ин дам ягон кишвар чораи бартараф кардани ин бемориро пайдо накардааст, зарари он хисороти ҷиддии иқтисодӣ ва кам шудани теъдоди аҳолии ҷаҳон гардидааст. Мавҷи нави каронавирус хатари таъсири ин бемориро возеҳтар намуд. Тамоми олимони дунё саъю талош доранд то аз хавфи ин беморӣ аҳолии дунёро наҷот диҳанд. Ин мушкилӣ чи аз ҷиҳати иқтисодӣ ва чӣ аз лиҳози иҷтимоӣ ба кулли аҳолии сайёра ҳама тарафа зарари худро расонид. Новобаста аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон монанди дигар давлатҳо талоши рафъи мушкилии мазкурро карда, дар ин самт ба дастовардҳои нав ба нав ноил мегардад.

Возеҳ аст, ки ин афзалиятҳо наметавонанд доимӣ ва тағйирнопазир бошанд, зеро онҳо ба сатҳ ва муҳтавои муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистон бо ин ё он давлат ё гурӯҳи давлатҳо мувофиқ мебошанд. Ин аз он дарак медиҳад, ки дар тӯли истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯз аз рӯз нуфузи худро дар арсаи ҷаҳонӣ пайдо намуда, робитаҳои худро ба давлатҳои хориҷӣ мустаҳкам менамояд.

Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд.

Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бакои симои миллат, рамзи асолату хувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Яке аз дастовардҳои возеҳи истиқлол ҳифзи он ва ташаккули пайгиронаи сиёсати хориҷӣ чиҳати таъмини манфиатҳои миллӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ барои аҳолии кишвар, истиқрори муносибатҳои мутакобила бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дарёфти ҷойгоҳи хосса дар саҳнаи байналхалқӣ мебошад.

Аз ин рӯ, зарур аст, арзишҳои истиқлолро қадр намуда, чиҳати муаррифии кишвари азизамон саъю талош созем. Баҳри татбики ин ҳадафҳо, дарки равандҳои мусир, вокуниши фаврӣ ва дақиқ ба онҳо бо назардошти таъмини манфиатҳои миллӣ муҳим мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. [Матн] (зери назари Ҳ.Зарифӣ) Душанбе, “Ирфон”, 2009. 296 с. – С.218
2. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст
3. Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ аз 22 декабри соли 2016. [манбаи электронӣ] URL: http://prezident.tj/node/13739 (санаи дастрасӣ: 18 09. 2020)
4. Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик. [Матн] Зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе. «Ирфон», 2013, 160 с. С.22
5. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ Душанбе: «Ирфон», 2011, 340 с. С.182
6. Шарипов А.Н. Из истории таджикско-казахстанских отношений Монография [Текст] / А.Н. Шарипов Душанбе: ЭР-Граф. -2012 г.- 192 с. С. 94.
7. Шарипов А.Н. Основные этапы формирования внешней политики Республики Таджикистан [Текст] //Журнал постсоветские исследования. Москва, 2019, Том 2, №7. –С.1503-1510
8. Шарифзода А., Шамсуддинзода С Сиёсати муваффаки сиёсатмадори тавоно. [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/21504# (санаи дастрасӣ: 16 09. 2020)
9. Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. [Текст] (Зери назари Ҳ. Зарифӣ). – Душанбе. «Ирфон», 2012, 272 с. С.5, 30

## ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Дар мақола таърихи ташаккули сиёсати хоричии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият инъикос ёфтааст. Муаллиф зарурати истиқрор ва инкишофи ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистонро нишон дода, вазъ ва дурнамои онро дар солҳои истиқлолият муайян намудааст. Ҳамзамон раванди истиқрор ва рушди ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият аз рӯйи таҳқиқоти илмии муҳаққиқон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ба роҳ мондан ва густариш додани сиёсати хориҷии мустақили бисёрсамта барои кишвари Тоҷикистон ҷавобгӯи талаботҳои олии давлатӣ ва миллӣ арзёбӣ мегардад, ки дар рушди сиёсати хориҷӣ нақши босазо дорад, қабул ва татбиқ пайгириҳои сиёсати хориҷии “дарҳои кушод” аз ҷониби пешвои миллат боиси эҷоди воситаҳои самараноки ба таъмини манфиатҳои миллӣ, василаи рушди муносибатҳои иқтисодию сиёсии Тоҷикистон дар саҳнаи байналмилалӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** сиёсати хориҷӣ, истиқлолияти давлатӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамоишҳои илмӣ-назариявӣ. сиёсати хориҷии “дарҳои кушод”, манфиатҳои миллӣ, терроризми байналмилалӣ, ифротгароии сиёсӣ, Созмони Милали Муттаҳид, Консепсияи сиёсати хориҷӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЗА ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

Автор рассматривает историю формирования внешней политики Республики Таджикистан в годы независимости. Автор подчеркивает необходимость становления и развития внешней политики Республики Таджикистан, определяет ее состояние и перспективы в годы независимости. В то же время исследователи проанализировали процесс становления и развития внешней политики Республики Таджикистан за годы независимости. Установление и расширение независимой, многогранной внешней политики Таджикистана считается самым высоким государственным и национальным требованием, которое играет значительную роль в развитии внешней политики страны. Обеспечение национальных интересов – инструмент развития экономических и политических отношений Республики Таджикистан на международной арене.

**Ключевые слова:** внешняя политика, государственная независимость, международные отношения, научно-теоретические конференции, внешняя политика «открытые двери», национальные интересы, международный терроризм, политический экстремизм, ООН, концепция внешней политики.

## FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FOR YEARS OF INDEPENDENCE

The author examines the history of the formation of the foreign policy of the Republic of Tajikistan in the years of independence. The author emphasizes the need for the formation and development of the foreign policy of the Republic of Tajikistan, defines its state and prospects in the years of independence. At the same time, the researchers analyzed the process of formation and development of the foreign policy of the Republic of Tajikistan over the years of independence. The establishment and expansion of an independent, multi-faceted foreign policy of Tajikistan is considered the highest state and national requirement, which plays a significant role in the development of the country's foreign policy. Ensuring national interests is a tool for developing economic and political relations of the Republic of Tajikistan in the international arena.

**Keywords:** foreign policy, state independence, international relations, scientific and theoretical conferences, foreign policy "open doors", national interests, international terrorism, political extremism, UN, foreign policy concept.

**Сведения об авторе:** ***Бутаева Гулнисо Махмадшарифовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан, Таджикского национального университета.
***Шарипов Амриддин Нуридинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан Таджикского национального университета.

**Information about the authors:** ***Butaeva Gulniso Makhmadsharifovna*** – Tajik National University, Master of the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan Tajik National University.
***Sharipov Amriddin Nuridinovich*** – Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor of department of diplomacy and foreign policy of the Republic of Tajikistan, Tajik National University.

# ФАЛСАФА – ФИЛОСОФИЯ – PHYLOSOPHY

## КОРКАРД ВА ТАҲЛИЛИ АХБОРИ ТАДҚИҚОТИ СОТСИОЛОГӢ

***Нурматова А.М.***
***Гардоншоев А.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тадқиқоти сотсиологӣ – маҷмуи амалиётҳои пайдарҳами методологӣ-методӣ ва ташкилӣ-техникиест, ки барои ба даст овардани маълумоти зарурӣ оид ба ҳодисаҳои иҷтимоӣ истифода мешавад. Ҷамъоварии ахбор аз кори саҳроӣ оғоз мегардад, ки минбаъд ахбороти бадастомада мавриди коркард ва таҳлил қарор мегирад. Коркарди ахбор дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

*Коркарди ахбор дар тадқиқоти сотсиологӣ аз таҳрирнамоӣ шурӯъ мегардад.* Мақсад аз таҳрирнамоии ахбор санҷиши дақику пуррагии маълумотҳо ва сифати воситаҳои ҷамъоварии ахбор (анкетаҳои пуршуда ва сабтҳои аудио ва видеоӣ) мебошад. Дар ин марҳила ахбороти муҳиму аввалиндараҷа аз ахбороти нолозиму зиёдатӣ ва дуюминдараҷа ҷудо карда шуда, хатогиҳои роҳёфта бартараф карда мешаванд. Масалан, дар пурсиши анкетавӣ тамоми анкетаҳои пуршуда таҳрир карда шуда, агар мусоҳиб зиёда аз 20%-и саволҳои анкета ҷавоб нагирифта бошад, саволномаи пуршуда сифати паст дошта, корношоям ҳисобида мешавад.

Пас аз таҳрири ахбороти ҷамъовардашуда марҳилаи дигари тадқиқоти сотсиологӣ – рамзгузории ахборро шурӯъ мегардад. Асосан, натиҷаҳои методҳои миқдории тадқиқоти сотсиологӣ рамз гузошта мешаванд. Мақсад аз р*амзгузории ахбор* батартибдароӣ ва қулай намудани ахбор барои ворид намудан ба ба базаи компютерӣ ва минбаъд коркарди омории он мебошад. Як қисми ахбороти сотсиологӣ ҳанӯз дар давраи тартиб додани саволнома рамз гузошта мешаванд. Ба ҷавобҳои саволҳои нимкушода ва кушода пас аз пур шудани саволнома рамз мегузоранд.

Шакли аз ҳама соддаи коркарди ахбор – ин гурӯҳбандӣ кардани онҳо мебошад. Гурӯҳбандии ахбор дар шаклҳои зерин сурат мегирад: гурӯҳбандии зуҳуротҳои гуногун, ҷудо кардани зуҳуротҳои монанд, муайян кардани навъҳои фарқияти зуҳуротҳо ва фосилаи гузаштани навъҳо ба намуди дигар. Чунин намудҳои гуруҳбандии ахборро аз якдигар фарқ мекунанд:

1. Ҷамъ кардани аломатҳои якхела барои муайян кардани шумораи мутлақи зуҳуроти онҳо дар аҳолии таҳқиқшуда.
2. Гурӯҳбандии гурӯҳҳои аҳолӣ вобаста ба афзоиш ё кам шудани хусусияти омӯхташуда.
3. Сохтани ҷадвалҳои оморӣ (ҷамъбасти маълумот вобаста ба вақт ва вазъият).

Ахбори аз тадқиқот бадастомада ва коркардгардида худ ба худ дар бораи воқеъият ва ё масъалаи омӯхташаванда маълумот намедиҳад. Барои ин ахбороти ҷамъшуда бояд мавриди таҳлил қарор гирад. Таҳлили оморӣ давраи аз ҳама муҳимтарини таҳлили маълумотҳои сотсиологӣ мебошад. Қонуниятҳо ва вобастагиҳои оморие муайян карда мешаванд, ки онҳо ба ҷамъбастнамоӣ ва хулосабардорӣ мусоидат менамоянд. Дар аснои таҳлили оморӣ усулҳои гуногуни риёзӣ истифода бурда мешаванд, то ки иттилооти ғуншуда ҳаматарафа таҳлил карда шавад.

Таҳлили ҳар гуна ахбори ба даст овардашуда аз мақсад ва вазифаҳои тадқиқот вобаста аст. Яъне ин пеш аз ҳама маънои ҷудо намудани фикрҳои муҳим, батарибдарорӣ, муқоисаи мантиқии ҷавобҳои иштирокчиёнро дорад. Усули ягонаи таҳлили ахбор вуҷуд надорад. Таҳлили ахбор аз таҳлилгар фикронӣ, эҷодкорӣ ва хулоса бароварданро талаб мекунад. Аз ин рӯ, таҳлили ахбор яке марҳилаи мушкил ва мураккаб ба ҳисоб меравад. Таҳлили ахборро аслан тадқиқотчии таҷрибадор кор мекунад. Раванди таҳлили ахборро ба 3 марҳила ҷудо мекунанд: тавсиф, шарҳ ва пешгуӣ.

Аслан таҳлилро ба таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ ҷудо мекунанд. Ба намуди таҳлили сифатӣ дохил мешаванд:

- таҳлили функционалӣ;
- таҳлили сохторӣ;

– таҳлили системавӣ.

Ба намуди таҳлили миқдорӣ дохил мешаванд:

– таҳлили омории яктарафа;
– таҳлили ҳамбастагӣ ва коррелятсия аломатҳо;
– санҷиши фарзияҳои оморӣ;
– таҳлили омории бисёрҷанбаъ.

Дар ҷараёни таҳлили сотсиологӣ се модели асосӣ ташаккул меёбанд: модели априории мазмун, модели консептуалӣ ва модели расмӣ. Моделӣ априорӣ аз интихоби объект ва предмети тадқиқот иборат мебошад. Объекти омӯхташавандаи моделӣ априории таҳлили сотсиологӣ қонунияти амиқи равандҳо ва падидаҳои ҷаҳони муосир мебошад. Моделӣ консептуалӣ барои муайян кардани объекти омӯхташаванда ва тавсифи онҳо нигаронида шудааст. Ғайр аз ин, дар таҳлили сотсиологӣ ба интихоби қатъии нишондиҳандаҳо ва инчунин принсипи таҳлилнамоии онҳо диққат дода мешавад.

Дар ин ҷо ду нуқта хеле муҳим аст: муносибатҳои сабабӣ ва муносибатҳои оморӣ (интихоби усули мушаххаси таҳлили сотсиологӣ). Дар модели расмии таҳлили сотсиологӣ мустақиман таваҷҷӯҳи асосӣ ба натиҷаҳои тадқиқот равона карда мешавад. Инчунин дар ин модел коэффисиенти коррелятсия (модели омории зуҳуроти омӯхташаванда ва инчунин баъзе қонунияти расмии оморӣ) нақши муҳимро мебозад.

Сотсиологияи муосир ба ду сатҳи асосии таҳлили сотсиологӣ ҷудо мешавад: макродараҷа ва микродараҷа. Макродараҷаи таҳлили сотсиологӣ ба монанди макросотсиология ба омӯзиши системаҳои бузурги иҷтимоӣ (ҷамъият, гурӯҳи иҷтимоӣ, сохтори ҷамъиятӣ) диққат медиҳад. Дар раванди таҳлил инчунин хусусиятҳои функционалӣ, раванди тағйирёбӣ ва муносибати байниҳамдигарии гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ омӯхта мешаванд. Ба сифати объекти таҳлили сотсиологӣ намояндагони макросотсиология ҷамъият баромад менамоянд. Инчунин намояндагонӣ ин сатҳи таҳлил чунин мешуморанд, ки ахбори сифатиро танҳо ба воситаи омӯзиши зуҳуротҳои иҷтимоӣ ва равандҳои бузурги ҷамъияти ба даст овардан мумкин аст ва ба омӯхтани арзишҳои ҷамъиятҳои хурд ягон зарурат надорад. Микродараҷаи таҳлили сотсиологӣ ба рафтори алоҳидаи одамон, муносибати байни онҳо, муносибати онҳо дар гурӯҳҳои хурд диққат медиҳад. Ба ин сатҳ сотсиологон аз нуқтаи назари ду назария нигоҳ мекунанд: назарияи мубодила ва назарияи интераксионизми расмӣ.

Пас аз ба анҷом расидани марҳилаи коркард ва таҳлили ахборот, марҳилаи ҷамъбасти тадқиқоти сотсиологӣ оғоз мегардад. Натиҷаи ҳамагуна тадқиқоти сотсиологӣ навиштани ҳисобот ва намоиш (презентатсия)-и он мебошад. Ҳисоботи натиҷаи тадқиқоти сотсиологӣ дар се намуд навишта мешаванд: ҳисоботи шифоҳӣ, ҳисоботи хатии мухтасар ва ҳисоботи хатии муфассал. Дар бештари тадқиқотҳо фармоишгар ҳисоботи муфассалро интихоб менамояд. Сабаб дар он мебошад, ки дар ин гуна ҳисобот маълумот пурра оварда мешавад.

Ғайр аз намудҳои ҳисобот боз дар рафти навишти он шакли тадқиқоти гузаронидашуда низ нақши бузургро мебозад. Аз ҳамин сабаб, ҳисоботи тадқиқоти сифатӣ аз ҳисоботи тадқиқоти миқдорӣ каме фарқ менамояд. Чунки аксарияти тадқиқотҳои сотсиологӣ ба шумораи пурсидашавандагон равона шудааст ва онҳо гурӯҳи тадқиқотҳои миқдорӣ номида мешаванд. Навиштани ҳисоботи тадқиқоти миқдорӣ аз сифатӣ соддатар мебошад, чунки таҳлилгар бо рақамҳо кор мекунад. Дар тадқиқоти сифатӣ таҳлилгар ҷумла, калима ва ибораҳоро ҷудо намуда, онҳоро гуруҳбандӣ намуда, ҳисобот менависад.

Методи муосир ва аз ҳама осон барои таҳлил – ин методи пурсиши мустақим (онлайн) мебошад. Дар он бештари ахбор худ аз худ ва таъҷилан таҳлили оморӣ карда мешавад. Ин бартарият ба таҳлилгар имкон медиҳад, ки маълумоти аниқу дақиқро зудтар ба даст оварад ва ба хатогиҳо камтар роҳ диҳад. Дар пурсиши мустақим таҳлили омории ахборот вақти камтарро мегирад ва графикаву диаграммаҳо зудтар сохта мешаванд.

Марҳилаи аввалини омодашавӣ ба навиштани ҳисобот – ин ҷамъоварии ахбори иловагӣ мебошад. Мушкилоти асосии ин марҳила, ки таҳлилгар ба он рӯ ба рӯ мешавад – ин миқдори зиёди иттиллоот мебошад. Дар ҳисобот на танҳо натиҷаҳои тадқиқот оварда мешавад, балки барои асоснок намудани натиҷа, аз дигар сарчашмаҳо низ маълумотҳо гирифтан зарур мебошад. Ба ҳайси сарчашмаи маълумотҳои иловагӣ китобҳои илмӣ, мақолаҳо, маводи интернетӣ, ахбороти оморӣ, намоишҳо аз телевизион ва радио баромад карда метавонанд. Пас аз он ки миқдори маълумоти лозима ҷамъ

оварда шуд, таҳлилгар онҳоро таҳлил намуда, ахбороти ба объекти тадқиқот мувофиқро ҷудо менамояд.

Пеш аз навиштани ҳисоботи тадқиқоти сотсиологӣ бояд сараввал таҳлилгар бо сохтори ҳисобот шинос шавад. Ҳисоботи тадқиқоти сотсиологӣ аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

1. Варақаи аввал
2. Мундарича
3. Муқаддима
4. Методологияи тадқиқот
5. Натиҷаҳои тадқиқот
6. Хулоса ва пешниҳоду тавсияҳо
7. Замима [1, с. 410].

Ҳангоми навиштани ҳисобот ба сохтор ва сифати он диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Дар варақаи аввали ҳисобот номи ташкилот ва мавзӯи тадқиқоти сотсиологӣ бо санаи гузаронидани он навишта мешавад. Саҳифаи дуюм мундарича мебошад, ки дар он қисматҳои ҳисобот бо тартиби саҳифаҳо оварда шудааст. Пас аз мундарича дар муқаддима маълумоти аввалиндараҷа дода мешавад. Дар он ба таври мухтасар паҳлуҳои гуногуни масъала инъикос мегарданд.

Дар қисмати методологии ҳисоботи тадқиқоти сотсиологӣ объекту предмети тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, категорияҳо, мафҳумҳо, руйхати мафҳумҳои ихтисоршуда, шумора ва таркиби ичтимоӣ-демографии иштирокчиён, методи тадқиқот, методҳои коркард ва таҳлили ахбор, нақшаи таҳвимӣ ва молиявии тадқиқоти сотсиологӣ ҷой дода мешаванд.

Қисмати асосии ҳисобот – ин натиҷаҳои худи тадқиқоти сотсиологӣ мебошад. Дар ин қисмат идеяҳои муҳим, хулосаҳои асосии тадқиқотчӣ ва таҳлилҳои анҷомёфтаи ӯ ҷой дода мешавад. Дар қисмати натиҷаҳои тадқиқот таҳлилгар бояд бо забони содда ва равон маълумотро ба фармоишгар пешниҳод намояд. Тадқиқотчӣ ва ё таҳлилгар бояд аз истифодаи мафҳумҳои мураккаб ва душворфаҳм худдорӣ намояд. Ҳисобот бояд тарзе навишта шавад, ки шахсони оддӣ низ мазмуни матни ҳисоботро дарк намуда, оид ба масъалаи омӯхташаванда меълумот пайдо намояд.

Инчунин барои беҳтар намудани ахборот аз тарафи хонандаҳо таҳлилгар аз воситаҳои аёнӣ, ба монанди диаграммаҳо ва ҷадвалҳо истифода бурда метавонад. Диаграмма ва ҷадвалҳо кӯмак менамояд, ки хонанда маълумотро зудтар ва саривақт аз худ намояд. Пас аз ҷой додани диаграммаҳо ва ҷадвалҳо дар ҳисобот таҳлилгар бояд ҳар яки онҳоро ба таври кофӣ шарҳ диҳад.

Дар қисмати хулосаву тавсияҳо ҳисоботнавис қадам ба қадам хулосаҳои худро нишон медиҳад. Тадқиқотчӣ дар ин қисмат пешниҳод менамояд, ки бо натиҷаҳои аз тадқиқот ба даст омада чи бояд кард, барои ҳалли мушкилоти мавҷуда чи тадбирҳо бояд андешида шаванд ва тадқиқотчӣ роҳи ҳалли мушкилиро пешниҳод менамод. Тавсияҳо дар асоси хулосаҳои мантиқии тадқиқотчӣ ва идеяҳои мусоҳибон кор карда баромада шуда, ба фармоишгар пешниҳод карда мешаванд.

Қисмати хотимавии ҳисобот замима буда, дар он барои асоснок намудани ҳисобот ва ҳаматарафа фаҳмидани натиҷаҳои тадқиқот маводҳои иловагӣ пешниҳод карда мешавад. Масалан, дар замима маълумоти оморӣ, гайд ё стенограммаи фокус-гурӯҳ, ҷадвалу графикҳоро овардан мумкин аст. Аммо ҳисоботнавис бояд дар хотир нигоҳ дорад, ки дар замима натиҷаҳои тадқиқот ва ё маълумоти зарурӣ бояд ҷой дода нашавад [3, с. 232].

Дар раванди навишти ҳисобот, чун дар дигар марҳилаҳо, тадқиқотчӣ ба якчанд мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад. Мушкилии асосие, ки дар раванди навиштани ҳисобот ба миён меояд – ин таъсири андешаҳои субъективии таҳлилгар мебошад, ки ин ба инъикос намудани ҳолати объективии мшкилот халал мерасонад. Мушкилии дигар ҳангоми навиштани ҳисобот мувофиқ наомадани натиҷаҳои тадқиқот бо андешаҳои фармоишгар мебошад. Дар ин ҳолат таҳлилгар ӯҳдадор аст, ки ба ҳадди имкон фикру андешаҳои фармоишгарро тағйир диҳад [4].

Ғайр аз навиштани ҳисобот натиҷаҳои тадқиқот ба фамоишгар дар шакли презентатсия пешниҳод карда мешавад. Одатан, презентатсияи маърӯзаест бо маводи намоишӣ тавассути варақаи калон (Ватман) ё воситаи электронӣ, масалан, слайдҳои барномаи Power Point дар проектор ё доскаҳои калони электронӣ пешниҳоди аудитория мегардад.

Мақсади ниҳоии презентатсияи натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологиро чунин ифода намудан мумкин аст:

- нишон ва намоиш додани натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ ва имкониятҳои тадқиқотӣ мувовиқи талаботҳои истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ;
- Шакли намоиши аёнии маърӯза ва ҳисобот оиди натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ [2, с. 3].

Дар презентатсия ҷойҳо асосии ҳисоботи тадқиқоти сотсиологӣ, ба монандӣ сабаби пайдошавии мушкилот ва роҳҳои бартараф намудани он ҷой дода мешавад. Дар маҷмӯъ давомнокии презентатсия бояд аз 30 то 45 дақиқаро дарбар гирад. Дар ин муҳлати кӯтоҳ тадқиқотчӣ бояд натиҷаҳои ба даст овардаашро баён намуда, барои ҳалли мушкилӣ тавсияҳои худро пешниҳод намояд.

Хулоса, коркард ва таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ марҳилаи ҷамъбастии кори тадқиқотчӣ ба ҳисоб рафта, малака, таҷриба ва касбияти баландро талаб менамояд. Дар раванди коркард ва таҳлили ахбор барномаҳои муосири технологияи компютерӣ истифода мешаванд. Аз ин сабаб мутахассисони соҳаи тадқиқоти сотсиологиро лозим меояд, ки вобаста ба пешрафти технологияи комуникатсионӣ малаукаҳои касбии худро пайваста такмил диҳанд ва дар кори худ аз технологияи нави компютерӣ васеъ истифода баранд.

**АДАБИЁТ**


1. Кравченко А.И. Социология: Учебник для студентов несоциологических специальностей, естественно-научных и гуманитарных вузов / Кравченко А.И., Анурин В.Ф.-СПб и др. Питер, 2008.
2. Методические рекомендации по подготовке мультимедийной презентации доклада на защите выпускных квалификационных работ [Электронный ресурс]. – Нижний Новгород, 2008 // https://docplayer.ru/410683-Metodicheskie-rekomendacii.html (дата просмотр: 30.10.2020)
3. Миров Ф., Ҷураев Ҷ., Шоинбеков Ҳ. Шиносоӣ ба методҳои тадқиқоти иҷтимоӣ. Воситаи таълими– Душанбе: Авалон, 2015. – 248 с.
4. https://cyberleninka.ru/article/n/napisanie-otcheta-po-kachestvenomu-isledovaniyu/viewer


**КОРКАРД ВА ТАҲЛИЛИ АХБОРИ ТАДҚИҚОТИ СОТСИОЛОГӢ**


Дар мақола намудҳои коркард, таҳлил ва тафсири маълумотҳои сотсиологӣ, инчунин мавридҳои истифода намудани методҳои коркард ва таҳлили ахбори аз тадқиқоти сотсиологӣ бадастомада нишон дода шудааст. Муаллифон принсипҳои методологии коркард ва таҳлили ахбороти аввалиндараҷа ва дуюминдараҷаро, ки дар раванди тадқиқоти сотсиологӣ ба даст омадаанд, шарҳ додаанд. Дар мақола ба қисмати хотимавии тадқиқоти сотсиологӣ, махсусан, навиштани ҳисобот ва презентатсия он таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда шудааст. Муаллифон роҳҳои навиштани ҳисоботи тадқиқоти сотсиологӣ ва презентатсияи натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологиро бо далелҳои равшан арзёбӣ намудаанд.



**Калидвожаҳо:** тадқиқоти сотсиологӣ, ахбори сотсиологӣ, коркарди ахбор, таҳрирнамоӣ, рамзгузорӣ, гурӯҳбандии ахбор, таҳлили ахбор, таҳлили оморӣ, ҳисоботи сотсиологӣ, презентатсия.


**ОБРАБОТКА И АНАЛИЗ ДАННЫХ СОЦИОЛОГИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ**


В статье рассматривается типи обработки, анализа и интерпретации данных социологического исследования, а также в каких условиях нужно использовать данный тип обработки и анализа. Формулируются и разъясняются методологические принципы анализа и интерпретации первичных и вторичных данных, получаемых в ходе эмпирических социологических исследований. Особое внимание уделяется последней стадии социологического исследования, написание отчёта и её представление в виде презентация. Рассматриваются возможности и преимущество различных типов отчёта.



**Ключевые слова:** социологическое исследование, социологическая информация, обработка данных, редактированние, кодирование, группировка информации, анализ информации, статистический анализ, социологический отчёт, презентация.


**PROCESSING AND ANALYSIS OF THE SOCIOLOGICAL RESEARCH DATA**


The article deals with types of processing, analysis and interpretation of data from sociological studies, as well as in what conditions it is necessary to use this type of processing and analysis. The methodological principles of analysis and interpretation of primary and secondary data obtained in the course of empirical sociological research are formulated and explained. Particular attention is paid to the last stage of sociological research, writing a report and presenting it in the form of a presentation. The possibilities and advantages of various types of reports are considered.



**Keywords:** sociological research, sociological information, statistical analysis, data processing , editing, coding, grouping information, analysing information, statistical analyzes, sociological report, presentation.



**Сведения об авторах:** ***Нурматова Адиба Муҳиддинджоновна*** - Таджикский национальный университет магистр второго курса кафедры социологии факультета философии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 17; **E-mail:** adiba.nurmatova@gmail.com; Тел.: **(+992) 900 01 69 05.**

***Гардоншоев Алишер Мехробшоевич*** – Таджикский национальный университет магистр второго курса кафедры социологии факультета философии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 17; **E-mail:** gmalishrer@gmail.com; **Тел.:** (+992) 501 78 42 08.

**Information about authors:** ***Nurmatova Adiba Mukhiddinjonovna*** **–** Tajik National University master degree student department of sociology faculty of philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki str. 17; **E-mail:** adiba.nurmatova@gmail.com; Phone: **(+992) 900 01 69 05.**
***Gardonshoev Alisher Mehrobshoevich*** – Tajik National University master degree student department of sociology faculty of philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki str. 17; **E-mail:** gmalishrer@gmail.com; Phone: **(+992) 501 78 42 08.**

## НАҚШИ ВОЛИДОН ДАР ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

***Ашуров Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо имрӯзҳо рӯ ба тараққӣ овардааст ва ба ҳамагон маълум аст, ки ояндаи дурахшони кишварамон аз насли наврас вобастагӣ дорад. Насли навраси мо бояд дорои хислатҳои беҳтарини шахсият бошанду барои гулгулшукуфон шудани кишварамон бикӯшанд. Албатта, барои хислатҳои беҳтаринро ташаккул додан дар насли наврас мебояд таълим ва тарбияи фарзандонро беҳтар намоем. Барои беҳтар кардани сифати таълим ва тарбияи фарзандон волидонро мебояд аз дастовардҳои навтарини илм истифода баранд. Мувофиқи дастовардҳои илми имрӯза волидонро лозим аст, ки ба таълим ва тарбияи фарзандон аз лаҳзаи аввалини таваллуд шудани навзод ин ҷараёнро оғоз намоянд.

Ба андешаи психологи амрикои Ҷон Боулби “муносибатҳои байниҳамии барвақтии байни навзод ва волидон дар инкишофи кӯдакон нақши калидӣ иҷро мекунад ва ба муносибати иҷтимоии онҳо дар тамоми тули ҳаёти минбаъда таъсири назаррас мегузорад. Мувофиқи назарияи дилбастагӣ навзодон ба дилбастагиҳое, ки барои зинда мондани кӯдак аҳамияти бештар доранд, талаботи ботинӣ эҳсос мекунад. Кӯдакон ба дилбастагии зич ба одамони барои онҳо ғамхор ва таъминкунандаи муҳити бехатар майл доранд” [2, с.41-42].

Дар шароити ғамхорӣ ва дастгирии доимӣ дар кӯдак, одатан, ҳангоми ҳамкорӣ бо дигар одамон низ дилбастагии боваринок ташаккул меёбад. Дар шароити нигоҳубини нокифоя ва ё номуназзам дар кӯдакон метавонад тарзи канорагирона ва ё амбивалентии ташаккули муносибатҳо инкишоф ёбад. Аз ин рӯ, волидонро лозим аст, ки тавассути тарбия ва зоҳир кардани меҳру муҳаббат дар фарзанди худ дилбастагӣ ба худ, ба оилаи худ ва миллати худро ташаккул диҳанд.

Бояд қайд намуд, ки дар оилаи хушбахт фарзандон таввалуд мешаванд ва фарзандон барои пурра кардони дизайн ё барои аз ғайбатҳо озод шудан таввалуд намешаванд: то ки нагӯянд, ки ту нозой ҳастӣ.

Фарзандон барои мақсади муайян таввалуд мешаванд, ва онҳо аз рӯзи таввалуд набояд, ки раъдшуда бошанд. Волидайн ӯҳдадоранд, ки фарзандони худро рӯҳбаланд карда, нисбати худ дилбастагиро ҳосил намоянд.

Дар ҳаёт муттаассифона, бисёр фарзандони раъдшударо дидан мумкин аст. Бояд гуфт, ки раъдшавии фарзанд ибтидои худро дорад. Вақте ки падару модар нисбати фарзандони худ ғамхорӣ зоҳир намекунанд. Волидайнро мебояд бо маслиҳату машварат ба пешравии фарзанди худ ёрӣ расонанд.

Сабаби асоси ба шахси машҳури олам табдил ёфтани тифл ин тарбияи дуруст гирифтани ӯ аз тарафи волидонаш мебошад. Аз як рассоми машҳур пурсиданд, ки «минатдоран бо чӣ ӯ ҳамчун рассом машҳур гашт? Дар ҷавоб гуфт: Вақто, ки ман хурдсол будам ба девор расмкаширо дӯст медоштам. Модарам инро дида мегуфт: «Чӣ хел зебо ту расм мекашӣ!». Ва ин суханҳои рӯҳбаландкунандаи модарам сабаб шуд, ки ман рассом шавам»» [5, с.76].

Медонед, барои ба девор расм кашидан одатан волидони аз психологияи фарзанди худ бехабар ҷазо медиҳад, на ин ки мукофот медиҳанд. Волидони хуб ҳар як кори хуб кардаи фарзандашро дастгирӣ намуда, ӯро тавассути таърифу таҳсин руҳбаланд менамояд.

Кӯдак - ин мисли вараҳи тозаст, ки қалам ба ӯ нарасидааст ва масъулияти волидайн аст, ки он варакро бо хусни хатӣ худ пур кунанд. Имрӯзҳо бисёр падару модарон барои фарзандони худ вақт надоранд. Онҳо кӯдаки худро, яъне ин вараҳи тозаро ба кӯча ё телевизору интернет медиҳад, ки онҳо пур кунанд. Кӯдак доимо ба маълумот мӯҳтоҷ мебошад ва барои ин назди падараш меояд, то ки ба саволҳои худ ҷавоб гирад. Дар ҷавоб мешунавад: «Рафта аз модарат пурс». Кӯдак ба ошхона

рафта саволҳои худро ба модараш медиҳад. Модараш ба суҳбати ҳамсояҳо банд асту ҷавоб медиҳад, ки «Ба ҳуҷраат рафта бозӣ бикун».

Дар тули бачагӣ ин ҳодиса борҳо такрор мешаваду он аввалин нишонаҳои раъдшавӣ мебошад. Падару модар барои суҳбат ва навозиши фарзанд намехоҳанд, ки вақти худро сарф намоянд.

Дар асл чи рӯй медиҳад? Аз ҳама даҳшатнокаш он аст, ки кӯдак ба ҳуҷраи худ рафта ба саволҳои худ худаш ҷавоб медиҳад. Ӯ медонад, ки ба ғайр аз худаш ба саволҳои ӯ ҳеҷ кас ҷавоб намедиҳад, волидайн барои ӯ вақт надоранд. Барои тамошои кинофилм ё намоишҳои варзишӣ назди телевизор нишастан, маҷала хондан, баҳс кардан дар волидон вақт ҳаст лекин барои кӯдак вақт нест. Падару модар набояд фаромӯш кунанд, ки барои кӯдак ҳама чиз шавқовар аст, инчунин чӣ гуна ӯ ба ин дунё омадааст. Волидонро зарур аст ба фарзанд фаҳмонанд, ки онҳо якдигарро дӯст медоштанд ва ӯ меваи ҳамин муҳаббати онҳо мебошаду барои ҳамин ҳам волидон ниҳоят зиёд фарзанди худро дӯст медоранд.

Муттаассифона бисёре аз волидон аз куҷо пайдо шудани фарзанди худро бо роҳҳои гуногун ва хатто мефаҳмонанд. Масалан, модар мегуяд, ки туро дар ҷангал ёфтем. Бобояш мегуяд, ки туро лаклак овардааст, бибиаш мегуяд, ки туро мавҷи баҳр ба соҳил партофтааст. Кӯдак фаҳмида наметавонад, ки кадом аз ақидахо дуруст аст ва одатан ҳамаи онро қабул мекунад. Кӯдак чунин фикр мекунад, ки лаклак маро оварда ба баҳр афтонид, мавҷҳо маро ба соҳил бароварда ба ҷангал партофтаанд ва дар он ҷо маро пайдо карданд. Тасавур кунед, ки шумо савол доред ва ба шумо дурӯғ мегӯяд ё умуман ҷавоб намедиҳанд. Дар гирду атрофи мо ҳама чизро маънидод кардан мумкин аст.

Акнун мо мебинем, ки аз куҷо решаи раъдшавӣ бармеояд. Ҳар гуна решаҳо аз оила сар мезананд, мисли он ки дарёҳо сарчашмаи худро аз кӯҳҳо мегиранд.

Мо бояд ба тарбияи фарзандони худ бо диққат бошем. Чандто фарзанд тарбия карда метавонем, бояд ҳамон қадар таввалуд кунем. Тарбия кардан, на ин ки машқ додани ҳайвонот бошад: бишин, бархез, об биёр он корро бикун.

Тарбия кардан - ин пеш аз ҳама вақт ҷудо кардан мебошад. Агар ту вақт надошта бошӣ, онгоҳ барои бадбахт кардани ягон кӯдак ту ҳак надорӣ.

Қарзи ҳар як падару модар – ин хушбахт кардани фарзанди худ мебошад. Мо бовар мекунем, ки фарзандон ин тӯҳфа ва файз аз ҷониби Худованд мебошад, новобаста аз он ки писар аст ё духтар. Хатои асоси падару модар дар тарбияи фарзанд дар он зоҳир мешавад, ки одати бади айбҷӯӣ ва сиёсат намудани волидон боиси он мешавад, ки фарзанд ҳамаи танқиду танбеҳро аз падару модар мешунавад, чунки фарзанд танҳо хурдсол асту бас. Умуман, падару модар фарзандро дӯст намедоранд гуфтан нодуруст аст. Дурустараш, падару модар нисбати фарзанд ниҳоят серталабанд, ҳол он ки фарзанд барои ин ҳама хурдсол аст. Падару модар бошанд фарзандро бо ченаки синну соли худашон чен менамоянд.

Ҳаминро ба асос гирифта, лозим донистем, ки ин масъаларо ба сифати мавзӯи тадқиқотӣ интихоб намоем. Инчунин тасмим гирифтем, ки сабабҳои асосии тарбияи нодурусти кӯдакон мегарданд, кушода диҳем. Зеро, мушоҳидаҳои психологӣ нишон медиҳанд, ки дар зери таъсири тарбияи нодуруст ва вазъиятҳои мушкили ҳаётӣ дар кӯдакони хислатхои манфии шахсият ташаккул меёбанд.

Одатан, мо фикр мекунем ки тарбияи писар кори душвор ва пурташвиш буда, тарбияи духтар бошад хеле осон аст, зеро духтарон ором ва фармонбардор буда, умуман психологияашон фарқ дорад. Дар ҳақиқат, мавриди омӯзиши ҷидии ин масъала, маълум мегардад ки чунин нуктаи назар ба воқеият мувофиқат намекунад ва номаълум аст, ба кӣ душвортар аст- ба волидоне, ки писар доранд ё ин ки ба онҳое ки духтар доранд!

Асри XX имкониятҳои зиёдеро ба занон пешниҳод намуда, баробари ин бори вазнини масъулиятнокиро низ ба дӯши онҳо гузоштааст. Занҳо ҳуқуқҳои баробарро бо мардон пайдо намуданд, ки ин ба онҳо имконият дод, ки баробари мардон таҳсилу меҳнат карда, ба сиёсат ворид шаванд ва тақдирсози худ гарданд. Ҳамаи ин дастовардҳо хубанд, аммо чаро пояи устувори оила суст шуд? Маълум мешавад, ки занҳо ба ҳама кор вақт ёфтааанду, ба фарзандону шавҳарҳояшон вақт пайдо карда натавонистанд.

Имрӯз педагогикаи мо ҷинсиятро ба назар намегирад, яъне дар тарбияи фарзанд фарқиятҳои ҷинсӣ ба эътибор гирифта намешаванд. Дар оила, кӯдакистону мактабҳо, тарбия ва муносибат ба писарону духтарон ягона мебошад.

Тағъирёбии нақшҳо ва тамсилаҳои анъанавии рафтор оқибати нохуш дорад, аксар вақт ин оқибатҳои манфиро баъд аз гузаштани вақт мушоҳида кардан мумкин.

Солҳои охир садоҳо оиди таҳсили алоҳидаи писарону духтарон шунида мешаванд. Тадқикотҳои мутахассисони англисӣ дар мактабҳое, ки духтарону писарон таҳсили алоҳида доранд, муайян намуд, ки пешрафти мактаббачагон дар ин мактабҳо нисбат ба мактабҳое, ки писарону духтарон таҳсили якҷоя доранд, хеле баланд аст.

Сабаб дар он аст, ки рушди психологию физиологии духтарҳо нисбат ба писарбачаҳо якчанд сол барвакттар оғоз меёбад. Аз ин рӯ, дар писарҳо «комплекси номувафаккӣ» инкишоф меёбад. Дар синфҳои ибтидоӣ ва миёна писарҳо нисбат ба духтарҳо чисман сусту лоғар буда, дар иҷрои вазифаҳои таълимӣ низ қафо мемонанд. Аз ин хотир, писарҳо худро ноором ҳис карда, дар таҳсил натиҷаҳои на чандон хубро зоҳир менамоянд.

Аз тарафи дигар, духтарҳо, ки одатан, нисбат ба писарҳо шавку ҳаваскро ба ҷинси мукобил барвакттар пайдо менамоянд, мавриди таҳсили алоҳида, диккатро фақат ба таҳсил равона менамоянд.

Чи тавре ки қайд намудем, тарбияи духтар нисбат ба писар хеле мураккаб аст. Психологияи занона чунин хусусиятро дорад, ки агар духтар ба роҳи бад (шаробнушӣ, беҷогардӣ, фоҳишагӣ) равад баргардонданаш аз ин роҳ ниҳоят душвор аст. Яке аз сабабҳои ба роҳи бад рафтани духтарҳо (инчунин писарҳо) низоҳои оилавӣ ва талоқ мешаванд.

Тағирёбии тарзи ҳаёт ва психология ба низоҳои хонаводагӣ оварда, минбаъд ба талоқ мерасонад. Талоқ бошад, дар навбати худ, тақдир ва ҳаёти кӯдаконро маъюб месозад. Кӯдак дар оилаи талоқшуда калон шуда, ба волидонаш тақлид менамояд.

Ба фикри ман, масъалаи асосии тарбия духтар – тарбияи хислатҳои ҳамидаи занона мебошад. Имрӯз духтарон хислатҳои беҳтарини занонаро инъкор карда, хислатҳои мардонаро дар худ ташаккул медиханд, ки дар даҳалӣ, бадхашмӣ, ҳукмронӣ ифода меёбанд. Хислатҳои занонаро онҳо ҳамчун ифодаи камбудӣ ва норасогӣ медонанд. Ин гуна духтаракҳоро дар нақши модарони ҳалиму меҳрубон тасаввур кардан душвор аст.

Духтаракони наврас монанди писарҳо дашному суханҳои қабеҳ мегӯянд, бо карате, бокс машғул шуда, шаробу маводи мухаддир истеъмол менамоянд, ба алоқаҳои бетартиби ҷинсӣ медароянд. Онҳо фикр мекунанд ки доно, мустақилу муваффақ мебошанд ва ҳамаи хушиҳои зиндагӣ дастрасашон аст.

Духтаракеро мисол меорам ки 14 сола буда, аз сабаби пайдошудани низоъ бо модараш (падару модар дар талоқанд), аз хона баромада ба кӯча меравад. Бевақтии шаб ба хонаи падараш меравад, баъд аз чанд рӯз ба тарабхонае рафта пешхизмат шуда ба кор медарояд. Ба саволи ман: «Ту ноболиғро чи хел ба кор қабул карданд?», гуфт: «Ман худамро 18 сола гуфтаму аз ман ҳуҷҷат напурсиданд». Ҳамин тарик, аз соати 6 субҳ то 11 шаб кор карда, то 200 сомонӣ маблаг пайдо намуда, ниҳоят аз ин хурсанд буд. Баъд аз чанд вақт дугонаҳояш ӯро ба танфурӯшӣ ҷалб менамоянд. Ҳамин тариқ, духтараки ноболиғро ба мардҳои калонсол мефурӯхтанд. Аз ҳодисаи рухдода ӯ ниҳоят пушаймон буд, аммо мегуфт: «ман ба ҳеҷ кас лозим нестам, падарам бо зиндагии худаш машғул аст, модарам бо ҳаёти худаш андармон аст. Ман пушаймонам, ҳаётамро худам вайрон кардам, бояд мехондам, соҳиби касб мешудам». Ҳамин тариқ, духтаракҳои ноболиғ ба доми одамони ифлос афтида, роҳи ҳаёташон каҷ мешавад. Дар аввал, чи хеле ки мебинем, онҳо худро мустақилу доно мешуморанд, гӯё ки тамомои ҷаҳон зери пояшон мебошад, лекин дере нагузашта, онҳо ҳамчун ашъёи истифодашудаи нолозим, партофта мшаванд ва ба майдон духтаракҳои боз ҳам ҷавонтар ҷалб карда мешаванд.

Маслиҳату тавсияҳо ба волидони духтарони ноболиғ:

- Эътибори зиёд додан ба тарбияи ҳиссиётҳои романтикии духтарон. Романтизм руҳи одамро обутоб медиҳад ва ба табиати духтарон мувофиқат менамояд. Романтизм ба воситаи хондани китоб ва тамошои филмҳои романтикӣ рушд меёбад.
- Ба духтарон дар бораи занҳо аз қатори шиносҳо ва хешутабороне, ки сазовори ҳурмату эҳтиром ва ибрат мебошанд, маълумот диҳед.
- Образҳои занонро аз таъриху адабиёти кишвар ва хориҷи он мисол оварда, дар бораи хислатҳои ҳамидаи занона суҳбат кунед.

• Бештар кӯшиш намоед, ки духтар бо нигоҳубини касе машғул шавад ва албатта ин амали некро бо таърифу тасдиқ мустаҳкам намоед.

Шавқу ҳаваси духтарбачаи ноболиғро ба ороиши худ (косметика) дастгирӣ накунед, чунки ин амал дар идроки духтарбачаи хурдсол қадами муҳими ӯро ба ҳаёти калонсолон ифода менамояд. Ва агар духтарчаи 4-5 солаи Шумо нохунҳояшро сурх карда давида бозиашро давом медиҳад, духтараки 12-сола худро ороиш дода, ба ҷои дигар рафта, бо бозиҳои дигар машғул мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Дружинин В. Н. Экспериментальная психология – Спб.: Питер, 2007
2. Еникеев М.С. Общая психология: Учебник.- М.: Изд-во ПРИОР, 2000
3. Қодиров Б.Қ., Давлатов М., Расулов С. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ. – Душанбе: Ирфон, 2008
4. Қодиров С., Давлатов М. Психология. – Душанбе, 2002
5. Леонтьев А.Н. Лекции по общей психологии. -М., 2000
6. Миралиев А.М., Давлатов М. Педагогика ва психология. -Душанбе , «Ирфон», 2007
7. Нарзуллоева М. Равоншиноси мактаб ва самтҳои фаъолияти ӯ. -Душанбе, 2008
8. Немов Р.С. Психология. Учебник.- М.: Юрайт.-Издат., 2009
9. Общая психология. Под. ред. Тугушева Р.Х. и Гарбера Е.И..- М.: Изд. Эксмо, 2006
10. Петровский А.В., Ярошевский М.Г. Психология: Учебник для студентов.- М.: Изд. Центр «Академия», 2000
11. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии – СПб: Изд-во "Питер", 2000


**НАҚШИ ВОЛИДОН ДАР ТАРБИЯИ ФАРЗАНД**


Дар мақолаи мазкур сухан оид ба тарбияи фарзанд ва нақши волидон дар ин раванд меравад. Қайд карда мешавад, ки Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо имрӯзҳо рӯ ба тараққӣ овардааст ва ояндаи дурахшони кишварамон аз насли наврас вобастагӣ дорад. Насли навраси мо бояд дорои хислатҳои беҳтарини шахсият бошанду барои гулгулшукуфон шудани кишварамон бикӯшанд. Албатта, барои хислатҳои беҳтаринро ташаккул додан дар насли наврас мебояд таълим ва тарбияи фарзандонро беҳтар намоем. Барои беҳтар кардани сифати таълим ва тарбияи фарзандон волидонро мебояд аз дастовардҳои навтарини илм истифода баранд. Мувофиқи дастовардҳои илми имрӯза волидонро лозим аст, ки ба таълим ва тарбияи фарзандон аз лаҳзаи аввалини таваллуд шудани навзод ин ҷараёнро оғоз намоянд. Дар мақола инчунин қайд карда мешвад, ки кӯдак - ин мисли варақи тозает, ки қалам ба ӯ нарасидааст ва масъулияти волидайн аст, ки он варақро бо ҳусни хатӣ худ пур кунанд. Имрӯзҳо бисёр падару модарон барои фарзандони худ вақт надоранд. Онҳо кӯдаки худро, яъне ин варақи тозаро ба кӯча ё телевизору интернет медиҳад, ки онҳо пур кунанд. Кӯдак доимо ба маълумот мӯҳтоҷ мебошад ва барои ин назди падараш меояд, то ки ба саволҳои худ ҷавоб гирад. Дар ҷавоб “вақт надорам”-и волидонро мешунавад. Дар тули бачагӣ ин ҳодиса борҳо такрор мешаваду он аввалин нишонаҳои раъдшавӣ мебошад. Падару модар барои суҳбат ва навозиши фарзанд намехоҳанд, ки вақти худро сарф намоянд. Дар натиҷа кӯдак ба хуҷраи худ рафта ба саволҳои худ худаш ҷавоб медиҳад. Чунин тарзи тарбияи фарзанд дилбастагиро ташаккул намедиҳаду оқибати манфӣ дорад.



**Калидвожаҳо**: оила, фарзанд, волидон, падар, модар, писар, духтар, тарбия, дилбастагӣ, раъдшавӣ.


**РОЛЬ РОДИТЕЛЕЙ В ВОСПИТАНИИ ДЕТЕЙ**


В данной статье речь идёт о воспитании детей и роль родителей в данном процессе. Отмечается, что наш независимый Таджикистан успешно развивается и её будущее зависит от подрастающего поколения. Наша подрастающее поколение должна иметь лучшие свойства личности и стремится к развитию нашей страны. Для воспитания лучших свойств личностей семья и общество должны улучшить качество обучения и воспитания подрастающего поколения. Но для улучшения обучения и воспитания подрастающего поколения, необходимо родителям и общество воспользоваться от передовых достижениях науки. В соответствии с передовых достижениях науки родителям необходимо начать воспитание детей от самого рождения детей. В данной статьи также отмечается, что ребенок подона как чистый листок бумаги в которой ещё перо неприкасалась и родители сами должны заполнять её своим почерком. Сегодня многие родители не имеют время для воспитания своих родителей. Они передают свои полномочию по воспитанию ребенка телевизорам и компьютеру. Ребенок постоянно нуждается в информации и поэтому обращается к папе, чтобы получить ответ на свои вопросы. В ответ слышет “у меня нет времени” от родителей. В процессе детства это неоднократно повторяется, что воспринимается им как отвергание. Родители не хотять потратить свое время на воспитание ребенка. Впоследствии ребенок сидит в своей комнате и отвечает на свои вопросы. Такое воспитание не формирует у ребенка привязанность к своим родителям и имеет плачевные последствия.



**Ключевые слова**: семья, ребёнок, родители, папа, мама, сынь, дочь, воспитание, привязанность, отвергания.


**THE ROLE OF PARENTS IN RAISING CHILDREN**


In this article we are talking about parenting and the role of parents in this process. It is noted that our independent Tajikistan is developing successfully and its future depends on the younger generation. Our younger generation should have the best personality traits and strive for the development of our country. To bring up the best qualities of individuals, the family and society must improve the quality of education and upbringing of the younger generation. But to improve the education and upbringing of the younger generation, it is necessary for parents and society to benefit from the advanced achievements of science. In accordance with the advanced

achievements of science, parents need to start raising children from the very birth of children. This article also notes that the child is presented as a blank piece of paper in which the pen has not yet been touched and the parents themselves must fill it out in their own handwriting. Today, many parents do not have time to educate their parents. They hand over their child-rearing powers to TV sets and computers. The child is constantly in need of information and therefore turns to the Pope to get an answer to their questions. In response, he hears" I don't have time " from his parents. In the process of childhood, this is repeated many times, which is perceived by them as rejection. Parents don't want to spend their time raising a child. Afterwards, the child sits in their room and answers their questions. Such upbringing does not form a child's attachment to their parents and has disastrous consequences.

**Keywords:** family, child, parents, father, mother, son, daughter, upbringing, attachment, rejection.

**Сведения об авторе:** ***Ашуров Ромиш Шерафганович*** – магистр второго курса кафедры психологии факультета философии Таджикского национального университета. Тел.: **000 11 26 28**

**Information about the author:** ***Ashurov Romish Sherafganovich*** – second-year master of the Department of psychology, faculty of philosophy, Tajik National University. Phone: **000 11 26 28**

# ИНФОГРАФИКА ҲАМЧУН ТАСВИРИ ГРАФИКИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТИ СОТСИОЛОГӢ

***Нурматова А.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз давраҳои қадим инсоният кӯшиш менамуд, ки бо ҳар гуна роҳу воситаҳо фикру ақидаҳои худро баён намояд. Сараввал барои баён кардани фикру андешаҳо расмҳо ва баъдан, ҳарфҳо пайдо шуданд. Инфографика низ яке аз роҳҳои инъикос намудани фикру ақидаи мусоҳибон мебошад. Инфографика аз калимаи лотинии "информатио" – хабардор будан ва калимаи юнонии "графос" – менависам гирифта шудааст. Бо ибораи дигар инфографика - ин зуд ва ба таври мушаххас пешниҳод намудани маълумот ва иттилооти душворфаҳм мебошад.

Инфографика таърихи тулонӣ дорад, аммо бо гузашти вақт шакл ва намуди он хеле тағйир ёфтааст. Умуман, асосгузори инфографика одамони давраи полеолит (33 ҳазор сол пеш аз мелод) ба шумор мераванд. Маҳз онҳо аввалин шуда, оид ба фаъолияти худ дар сангҳо аксҳоро мекашиданд. Бо ин восита ҳомосапиенсҳо кӯшиш мекарданд, ки таҷрибаи зиндагии худро ба наслҳои оянда боқӣ гузоранд.

Асосгузори графикаҳои таҳлилӣ Леонардо да Винчи ба ҳисоб меравад. Ӯ аввалин шахсест, ки кӯшиш намуд асрорҳои мураккаб ва пинҳониро тавассути расм ва матнҳо ба одамони оддӣ фаҳмонад. Масалан, принсипи кори ин ё он механизмро дар шакли инфографика тасвир намуд.

Падари инфографикаи муосирро Эдвард Тафти мешуморанд, ки консепсияи инкишоф ва коллексияи зиёди намунаи инфографикаро нишон додааст. Бо сабаби рушд кардани техника ва пайдо шудани технологияҳои нави полиграфӣ инфографика дар амалияи иҷтимоӣ зиёд истифода гардида, намунаҳои гуногуни он пайдо гардиданд. Бори аввал Э. Тафти (соли 1844) инфографикаро ба якчанд қисмҳо ҷудо кард, ки дар натиҷа барои дар як диаграмма ҷой додани якчанд нишондиҳандаҳо имконият пайдо гардид. Ҳамин тавр, намудҳои нави диаграммаҳо (хаттӣ, даврӣ, сутунӣ, ҷадвалӣ ва ғайра) барои истифода омода шуданд.

Бо гузашти вақт ва рушди технология дар коркарди инфографика низ равияҳои гуногун ба вуҷуд омаданд. Дар дизайни инфографика ду равияи ба ҳам зид вуҷуд дорад, ки онҳо дар масъалаҳои эстетикӣ ва ороишии инфографика аз ҳам фарқ мекунанд. Эдвард Тафтӣ асосгузори равияи якум бо номи "равияи инфогафикаи тадқиқотӣ" ва муаллифи якчанд китоб оид ба дизайни иттилоотӣ мебошад. Мувофиқи пешниҳоди ӯ маълумот дар инфографика ба дараҷаи минималӣ ҷой дода шавад. Ҳама объктҳое, ки дуюминдараҷаанд, аз инфографика берун бароварда шаванд. Ба андешаи Э. Тафтӣ ба таври дақиқ интиқол додани маълумот вазифаи асосии инфографика мебошад. Мақсади асосии ин равия ба дараҷаи максималӣ интиқол додани маълумот ба гурӯҳи мақсаднок мебошад. Ин метод дар корҳои илмӣ, таҳлили маълумот ва таҳдили тиҷорат васеъ истифода бурда мешавад.

Равияи дигар "инфографикаи сюжавӣ ё ҳикоягӣ" ном дорад, ки асосгузори он Найгел Холмс эътироф шудааст. Н. Холмс мафҳуми "иллюстратсияи айёнӣ"-ро

истифода намуд, ки ба ин равия инфографикаи диққатҷалбкунанда ва дизайни зебо хос аст. Ба ақидаи Н. Холмс дизайни диққатҷалбкунанда барои хонанда ҳам азхудкунии маълумотро осонтар мегардонад ва ҳам фароғат мебахшад. Дар журналистика маводҳои маркетингӣ ва рекламавии равияи дуюмро истифода мебаранд. Ҳамин тавр, дар равияи инфогафикаи тадқиқотӣ азхудкунии маълумот ба худи хонанда вобаста аст, яъне хонанда маводро мехонад ва худ онро таҳлил мекунад. Дар равияи инфографикаи ҳикоягӣ маълумот бо хулоса оварда мешавад ва хонанда бояд танҳо онро азхуд намояд.

Аввалин рӯзномае, ки дар он маълумот ҳам ба таври матнӣ ва ҳам графикӣ аз чоп мебаромад рӯзномаи амрикоии “USA Today” буд, ки барномаи худро соли 1982 оғоз намуда буд. Дар муддати чанд сол ин рӯзнома ба рӯйхати панҷ нашриёти беҳтарин ворид гардид. Яке аз навоварии намоён ва серталаби “USA Today” расмҳои зебо бо шарҳи он – инфографика буд. Ба аҳолии Амрико - ин тарзи пешниҳоди маълумот писанд омад. Нисбат ба матн бо инфографика маълумот бештар интиқол дода мешуд. Самаранокии як инфографикаи босифат нисбат ба якчанд саҳифаҳои мант зиёдтар буд. Бо гузашти вақт истифодаи инфографика пешниҳод кардани маълумотро дигар рӯзнамаҳою маҷаллаҳо низ оғоз карданд. Пас аз якчанд даҳсола соҳаҳои истифодаи инфографика васеъ шуд ва он дар тамоми ҷаҳон паҳн гардид. Маълум шуд, ки инфографика на танҳо технология ва тиҷорат аст, балки он як намуди санъат низ ба шумор меравад [3].

Дар Тоҷикистон низ инфографика васеъ истифода бурда мешавад. Ҳарчанд инфографика дар тӯли якчанд садсолаҳо арзи вуҷуд дошта бошад ҳам, аммо танҳо дар даҳсолаи охир он диққати мутахассисони тоҷикро ба худ ҷалб намуд. Сабаб дар он аст, ки инфографика воситаи идеалии пешниҳоди маълумоти мураккаб мебошад. Дар замони муосир маълумот аз ҳад зиёд буда, рӯз аз рӯз техникаву технология рушд мекунад. Дар ин ҷараёни рушди бошиддат инсоният имконияти пурра аз худ кардани ҳамаи маълумотҳоро надорад. Одамон кӯшиш менамоянд, ки бо сарфи камтари вақт маълумоти бештарро аз худ кунанд. Дар ин маврид инфогафика усули беҳтарин аст.

Инфографика на танҳо маълумоти зиёдро ба тартиб медарорад, балки бо воситаи он таносуби предметҳо ва далелҳоро дар фазои вақт ва муҳит нишон додан мумкин аст. Инчунин ба воситаи инфографика тасвири тамоюли ягон ҳодиса имконпазир мебошад. Дар раванди тартиб додани инфографика таҳлилгар ғайр аз ҷадвал, графика ва диаграмма боз аз акс, харита, блок-схема ва рӯйхат истифода карда метавонад, ки раванди азхудкунии маълумотро боз ҳам осонтар ва шавқовартар мегардонад.

Дар замони муосир дар қисми зиёди соҳаҳои фаъолияти инсон инфографика истифода бурда мешавад. Сотсиология низ яке аз ин соҳаҳо мебошад. Натиҷаи тадқиқоти сотсиологӣ ҳисобот буда, маълумоти аз тадқиқот бадастомада, ба фармоишгар дар шакли ҳисобот пешкаш карда мешавад [2, с. 226]. Дар сотсиология низ барои ба таври содда баён намудани натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ усулҳои гуногун истифода бурда мешавад. Масалан, барои дар сохтори муайян пушниҳод намудани маълумот таҳлилгарон аз ҷадвал истифода мебаранд ва барои ба таври аёни нишон додани ахборот графику диаграммаҳо истифода мегарданд. Ҷадвал, график ва диаграмма воситаҳои соддатарини аёнияти маълумот мебошанд. Сотсиологон дар вақти пешниҳод намудани маълумот аз усули мураккабтари тасвири айёнии ахбор, яъне инфографика васеъ истифода мебаранд.

Дар раванди навиштани ҳисобот таҳлилгар аввал маълумотро ба шакли ҷадвал ва ё диаграмма пешниҳод менамояд ва баъдан, онро шарҳ медиҳад. Масалан, соли 2019 бо ташаббуси Ташкилоти ҷамъиятии маъюбон "Имконият" ва иштироки мутахассисони кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар масъалаи “Рушди иқтидори ташкилотҳои минтақавии ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба волоияти қонун ва ҳуқуқу имкониятҳои занону шахсони имконияташон маҳдуд дар сатҳи маҳал” тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд.

Бартарияти ҳисобот бо диаграмма дар он аст, ки ҳар яке аз ин нишондиҳандаҳо шаҳр дода шуда, вобаста ба минтақаҳо муқоиса карда мешаванд. Дар инфографика бошад, барои кам намудани ҳачми маълумот танҳо нишондиҳандаҳои бо фоизи бештар қайд карда шуда, дигар нишондиҳандаҳо ба инобат гирифта намешаванд [4]. Ин имкон медиҳад, ки диққати хонандаро ба

маълумотҳои аввалиндараҷа равона намуда, аз худкунии маълумотро осонтар гардонад.

Хулоса, инфографика шакли қулай, осон, фаҳмо ва нисбатан айёнӣ тасвири графикии ахбор мебошад, ки ғайр аз пешниҳоди маълумоти ҳисоботи тадқиқоти сотсиологӣ боз дар дигар соҳаҳо низ хеле васеъ истифода бурда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Миров Ф., Ҷураев Ҷ., Шоинбеков Ҳ. Шиносоӣ ба методҳои тадқиқоти иҷтимоӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Авалон, 2015. – 248 с.
2. Рушди иқтидори ташкилотҳои минтақавии ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба волоияти қонун ва ҳуқуқу имкониятҳои занону шахсони имконияташон маҳдуд дар сатҳи маҳал // Ҳисоботи таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ. Ҷамъияти маъюбони ш. Душанбе “Имконият”– Душанбе, 2019. – 77 с.
3. https://cmsmagazine.ru/journal/items-jj-2011-10-25/
4. https://www.owox.ru/blog/articles/data-visualization/


## ИНФОГРАФИКА – ҲАМЧУН ТАСВИРИ ГРАФИКИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТИ СОТСИОЛОГӢ


Дар мақола таърихи пайдоиши инфографика, намудҳо, рушди он дар замони муосир ва таъсири он ба хонандагон нишон дода шудааст. Таваҷҷуҳи асосӣ муаллиф ба тарзи истифода намудани инфографика ва дар кадом маврид истифода гардидани он нигаронида шудааст. Муаллиф дар мисоли натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ фарқи байни матн, диаграмма ва инфографикаро нишон дода, чиҳатҳои мусбӣ ва манфии ҳар яке аз онҳоро шарҳ додааст. Дар мақола инфографика ба сифати мураккабтарин шакли тасвири графикии ахбори сотсиологӣ арзёби гардида, қайд мегардад, ки тавассути инфографика натичаҳои тадқиқоти сотсиологӣ мухтасар, фаҳмо ва содда пешниҳод мегарданд. Дар замони имрӯза бо пешрафти технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ сохтани инфогарафки нисбатан осонтар ва шаклҳои он пурмазмуну диққатҷалбкунанда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ, ахбороти сотсиологӣ, таҳлили ахбор, таҳлилгар, инфографика, методҳои аёнӣ, ҳисоботи сотсиологӣ, диаграмма, презентатсия.


## ИНФОГРАФИКА КАК ГРАФИЧЕСКОЕ ОПИСАНИЕ РЕЗУЛЬТАТОВ СОЦИОЛОГИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ


В статье рассматривается история появления инфографики, виды, развитие в современном обществе и влияние на аудиторию. Особое внимание автора направлена на то что в каких случаях и какой вид инфографики использовать. Автор на примере социологического отчета показал различие между текстом, диаграммой и инфографикой, а также описал преимущество и недостатки каждого из них. В статье инфографика рассматривается как самый сложный вид предоставления социологической информации и отмечается, что с помощью инфографики информация передаётся коротко, понятно и легко. В настоящие время с развитием информационной технологии и коммуникации создание инфографики стало легче, их смысл стал содержательнее, а информация привлекающее внимание.



**Ключевые слова:** результаты социологического исследования, социологическая информация, анализ информации, аналитик, инфографика, показательные средства, социологический отчёт, диаграмма, презентация.


## INFOGRAPHIC AS A GRAPHICAL DEMONSTRATION THE RESULT OF SOCIOLOGICAL RESEARCH


The article examines the history of the emergence of infographic, types, development in the modern society and its impact on the audience. Particular attention of the author paid what cases and what kind of infographic to use. The author, using the example of a sociological research showed difference between text, diagram and infographic, and also describe the advantages and disadvantages of each of them. In the article infographics are considered as the most difficult type of providing sociological information and it is noted that information is transmitted with the help of infographic in a short, understandable and easy way. Nowadays, with the development of information technology and communication, the creation of infographic has become easier, their meaning has become meaningful and information attracts attention.



**Keywords:** result of sociological research, sociological information, analyzing information, analytic, infographic, sociological report, diagram presentation.



**Сведения об авторе:** ***Нурматова Адиба Муҳиддинджоновна*** **–** Таджикский национальный университет магистр второго курса кафедры социологии факультета философии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 17; **E-mail:** adiba.nurmatova@gmail.com; **Тел.: (+992) 900 01 69 05**.

**Information about author*: Nurmatova Adiba Mukhiddinjonovna*** **–** Tajik National University master degree student, department of sociology, faculty of philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki str. 17; **E-mail:** adiba.nurmatova@gmail.com; **Phone: (+992) 900 01 69 05**.

## ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ – ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ – PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

# ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ҲАЁТИ ЭМОТСИОНАЛИИ КӮДАКОН

***Нурии Нақибулло***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаи ҳаёти эмотсионалии кӯдакон дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим ва доимии фарҳанг ва ҷамъият мебошад. Аз ин рӯ, ҳалли он вазифаи рӯзмарраи психологҳо, сотсиологҳо ва педагогҳо мебошад. Мақолаи мазкур ба тадқиқи ҳаёти эмотсионалии кӯдакон дар оила равона шудааст, ки ба ҳаёти оилавии одамони синну соли гуногун таъсирбахш мебошад. Ин масъала дар тарбияи насли рӯҳан солим нақши муҳим мебозад. Кӯдаки хурсанду солим нишонаи ободӣ ва хушбахтии оила аст.

Масъалаи омӯзиши ҳаёти эмотсионалии кӯдакон ҳамчун унсури пешрафти шахс ва ҷомеа дар илмҳои психология ва педагогика мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Чун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва тадқиқи амалии ин масъала ба таври васеъ ба роҳ монда нашудааст, мо дар кори худ бештар аз адабиётҳо ва натиҷаи тадқиқотҳое истифода бурдем, ки дар дохил ва хориҷи кишвар гузаронида шудаанд /1/.

Дар адбиётҳои хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни тадқиқ ва ташхиси ҳаёти эмотсионалии кӯдакон ҳамчун унсури пешрафти шахс ва ҷомеа инъикос ёфтанд, ки барои шинос шудан бо хусусиятҳои психологии ин раванд мусоидат мекунанд.

Эмотсия ҷиҳати зоҳирии ҳиссиёт буда, дар шакли гиря, табассум, шодӣ, хурсандӣ, каҳру ғазаб, ханда, завқ, ғамгинӣ ва ғайра ифода мешавад. Ҳолатҳои эмотсионалӣ кутоҳмуддат бошад ҳам, вале хаяҷони ба вуҷудомада тамоми қишри майнаи сарро фаро мегирад. Ҳангоми ба вуҷудоии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар намуди зоҳирии одам тағйиротҳо ба монанди аз шарм суп-сурх ва аз тарс ранги рӯйи одам сап-сафед мешавад, дар ҳолати ба ҳайрат афтодан, чашмҳоро калон-калон кушодан, тағйирот дар афту андом ба вуҷуд меояд. Кори дил, узвҳои нафаскашӣ, меъдаю рудаҳо, тақсимоти хун дар рагҳои хунгард, узвҳои ҳозима низ тағйир меёбад. Зеро ҳолати азсаргузаронӣ дар маркази зери пустлохӣ, дар системаи асаби вегетативӣ ба амал меояд. Аз 12 ҷуфт торҳои асаби майнаи сар як ҷуфт асабҳои гумроҳ иштирок намуда вазифаҳоро ба тартиб медароранд. Дар поёнтари пустлохи калони майнаи сар, ки маркази физиологии як қатор уэвҳо (нафаскашӣ, ҳаракати хун дар рагҳои хунгард, ҳозима, ғадудҳои дохилӣ) дар он ҷой гирифта аст, хаяҷони ба марказҳои зери пустлохи ба вуҷуд омада фаъолияти дигар узвҳоро пурқувват намуда тағйиротҳоро ба амал меорад. Масалан, аз хабари нохуш оби чашм мебарояд, аз ҳаяҷон оби даҳон хушк мешавад, дил тез ва ё суст кор мекунад, аз тарс гавҳараки чашм васеъ ва ё танг мешавад.

Дар ҷараёни ба вуҷудоии эмотсия ва ҳиссиёт саҳми системаи сигнали дуюм - калима калон аст. Эмотсия сарчашмаи ифодашавии психика, шакли ба дигарон фаҳмондани ҳаёт ва ҳолати ботинӣ мебошад. Кӯдак аз рӯзи таваллуд дорои як қатор маҷмуъҳои эмотсионалӣ буда, тавассути онҳо ҳолати ботинии худро ифода мекунад, таъсири эмотсияи худро ба дигарон мерасанад ва дигарон ба эмотсияи ӯ ҷавоб мегардонанд. Ҳолати эмотсионалӣ ба тарзи муошироти оддитаринии калонсолон вобастагӣ дошта, минбаъд дар кӯдак ҳисси худшиносии «Ман»-ро ба вуҷуд меорад.

Эмотсияи аввалини кӯдак, ки дар шакли гиря, додзанӣ, табассум, мавқеи фаъолиро нигоҳ доштан ифода мешавад, як чанд вазифаҳоро дар бар мегирад. Вазифаи аввалини эмотсия ба вуҷуд омадани аксуламали тези атрофиён мебошад. Вазифаи дуюми эмотсия бартарафкунии фишори ҷисмонии кӯдак аст. Масалан, ба кӯдаки гиря карда истода, ягон ашёро диҳем ва ё ӯро калонсол ба даст гирад, фишори ҷисмониаш суст мешавад.

Вазифаи сеюми эмотсия вазифаи коммуникативӣ буда, кӯдак ҳолати ботинии худро ифода мекунад ва дигаронро ба муносибат даъват мекунад. Мушоҳидаҳои психологи намоёни франсавӣ А. Валлон нишон медиҳад, ки аввалин эмотсияи кӯдак дар синни 3 - 12 моҳагии ҳаёт ба амал омада, он алоқаи моддӣ ва иҷтимоиро

дар бар мегирад. Шписа эмотсияи кӯдакро ҳамчун зарурияти зиндамонӣ ва инкишофи ҷисмонӣ ва психикии кӯдак баҳо дода буд /10,с.34/.

Агар эмотсияи кӯдак дар синни 2 моҳагӣ бо конеъ гардонидани талаботҳои моддии ӯ (талабот ба хӯрок, ба об, дард, ҳолати санитарӣ-гигиенӣ) дар шакли гиря ифода гардад, минбаъд дар кӯдак талабот барои ба муошироти калонсолон дохилшавӣ ба амал меояд. Масалан, кӯдаки гиря карда истода бо шунидани суханони калонсолон ором мешавад, гарчанде, ки ба маънои суханҳои онҳо сарфаҳм наравад ҳам, ба овози онҳо гуш медиҳад ва ҳисси каноатмандии худро бо табассум ифода мекунад. Минбаъд эмотсияи кӯдак дар рафти бо ашё муносибат кардан ва хусусиятҳои онро дониста гирифтан ташаккул меёбад. Бо дидани ашё ва ё бозичаи серрангу садодор кӯдак ба ҳаяҷон меояд, ба тарафи он нигоҳ мекунад, завқ карда механдад.

Дар ифодашавии эмотсияи мусбии кӯдак саҳми калонсолон хеле калон аст. Калонсолон ба кӯдак наздик шуда бо ӯ ба муносибат ва муошират дохил мешаванд, ба ӯ сурудҳои форамро мехонанд, диққати ӯро ба ашёҳои олами иҳотакарда ҷалб менамоянд. Масалан, бозии «Рустшавакон» - ро ташкил карда, кайфияти руҳии кӯдакро баланд мебардоранд, яъне рӯяшонро бо даст ва ё руймолча пинҳон карда, баъд рӯяшонро мекушоянду ба кӯдак нигох карда «дикак» мегӯянд. Дасти кӯдакро ба дасташон гирифта, бо ангушти ишоратӣ ба кафи дасти кӯдак ҳаракати даврагиро иҷро карда истода шеъри зеринро хонда, бо навбат ангуштони кӯдакро кат мекунанд:

Ҳавзак - ҳавзак,
Гирдаш сабзак.
Орӯ биёд, об нӯшад,
***Оҳу*** биёд, об нӯшад.
Ин гов кушад,
Ин пуст канад,
Ин пазаду соз кунад,
Ин хураду ноз кунад.

Ё калонсолон кӯдакро рӯ ба рӯи худ шинонда, аввал дасти рост баъд дасти чапи кӯдакро ба тарафи худ кашида мегӯянд:

Ин арра, ин теша, гилдир-гилдир зоғча - гуён завқи кӯдаконро ба вуҷуд меоранд. Чунин тарзи муносибат на танҳо кайфияти рӯҳии кӯдаконро баланд мебардорад, инчунин ба инкишофи нутқ, диққату диққатнокии онҳо таъсири калон мерасонад. Ё ин ки модар аз табақчаи зебои серранг хӯрок дода истода бо кошуқ ба табақча мезанад, диққати кӯдакро на танҳо ба садо, балки ба ранги табақча ҷалб менамояд.

Дар бавуҷудоии эмотсияи мусбии кӯдакон нақши бозича калон аст. Калонсолон бояд бозичаҳоро бо навбат ба кӯдакон диҳанд, ҳар гоҳ онҳоро иваз намоянд, якбора як чанд бозичаро ба ӯ надиҳанд. Зеро дар як вақт кӯдак диққаташро ба як чанд ашё равона карда наметавонад.

То синни 1,5 солагӣ кӯдак бо калонсолон бозӣ мекунад. Калонсолон тарзи бо бозичаҳо амал карданро ба кӯдак ёд медиҳанд. Минбаъд вай бо бозичаҳо ва ё ашёҳо бозӣ карда, маҳорат ва малакаҳои азхуд кардаашонро мустақилона иҷро мекунад, ки ин ба инкишофи психикаи кӯдак таъсири мусбӣ мерасонад. Кӯдак бозичаҳои пештар бозӣ кардаашро дида хурсанд мешавад ва ба хотир меорад, ки бо онҳо чӣ гуна амалҳоро иҷро кардан мумкин аст [2,с.124].

Дар охири соли дуюми ҳаёт кӯдак бо ҳамсолони худ бозӣ карданро ёд мегирад. Дар рафти бозиҳои якҷоя кӯдакон тарзи бо ҳамдигар муносибат карданро меомӯзанд. Бозичаҳоро ба ҳаракат дароварда ҳиссиёти қаноатмандиро ифода мекунанд.

Дар соли сеюми ҳаёт ба ташаккули ҳолатҳои эмотсионалии кӯдак тамошои расмҳои манзаравӣ, ҳайвонот,

паррандаҳо, шунидани афсонаю ҳикояҳо, аз ёд кардани шеър, хондани суруд, тамошои театри лухтак, филмҳои тасвирӣ ва ғайра аҳамияти калон дорад. Нақши ин дилхушихо, сайругашт дар табиат, саёхат ба боғи ҳайвонот, ҷойҳои таърихӣ, осорхонаҳои кишваршиносӣ дар ифодашавии ҳолатҳои эмотсионалии кӯдакони синни барвақти бачагӣ ва томактабӣ хеле калон аст.

Калонсолон дар вақти бо кӯдак муносибати эмотсионалиро ба вуҷуд овардан, хоҳиш ва талаботҳои онҳоро ба назар гирифтанашон зарур аст. Масалан, агар кӯдак гурусна бошад, ё хоб кардан хоҳад, ӯро ба бозӣ маҷбур кардан лозим нест.

Дар ташаккули шахсияти кӯдак ифодашавии ҳолатҳои эмотсионалӣ нақши муҳимро мебозад. Падару модарон муносибатҳои эмотсионалиро ба вуҷуд оварда истода бояд ба талаботҳои зерин риоя намоянд:
- меҳру муҳаббати худро тавассути эмотсияи мусбӣ: табассум, ҳаяҷон, рӯҳбаландӣ, ханда ифода намоянд;
- амалҳои ичро кардаи кӯдакро назорат карда, ташаббуси ӯро дастгирӣ карда ӯро таърифу тавсиф кунанд;
- бо кӯдак оид ба он масъалаҳое, гап зананд, ки вай ба онҳо мароқ зоҳир мекунад, кӯшиш намоянд, ки «гуфтугӯи эмотсионалӣ» - ро бо нигоҳ, табассум, имою ишора, нишонаҳои қаноатмандӣ, хурсандӣ, ханда, мимика ва пантомимика ва ғайраро ба вуҷуд оранд;
- ба кӯдакон кӯмак намоянд, то ин ки диққаташонро ба ашё, ҳодисаҳои олами ихотакарда, ба амалу ҳаракатҳои парранда, ҳайвонҳои хонагӣ равона намуда, онҳоро дуруст эҳсосу идрок кунанд. Масалан, калонсолон диққати кӯдакро ба овози сагча ҷалб намуда мегуянд: Сагча чӣ гуна овоз мебарорад? Ё ба гунҷишк ишорат карда мегуянд: «Туту донҳоро чи гуна чида мехӯрад?», «Шамол чӣ тавр шохи дарахтонро меҷумбонад?» ва гайра;
- дар рафти суҳбат калонсолон ҳолатҳои эмотсионалии худро ба кӯдак нишон диҳанд (хурсанд, ғамгин, қаноатманд, норозӣ);
- ҳолатҳои азсаргузаронии кӯдакро тавассути саволҳо ба хотир оварда, якҷоя таҳлил намуда бо эмотсия ифода намоянд;
- амали назоратиро ба кӯдак ёд диҳанд ва нақшаи фаъолияти ӯро якҷоя мураттаб созанд. Ба монанди, бо ин бозича чӣ гуна амалҳоро ичро кардан мумкин аст [3,с.42]?

Бояд қайд кард, ки дар ифодаи ҳолатҳои эмотсионалии кӯдакони хурдсол эмотсияи манфии калонсолон ва шахсонн ӯро иҳотакунанда таъсири манфӣ мерасонад. Масалан, норозигӣ, мондашавии модар дар қиёфаи ӯ ифода мешавад. Гарчанде, ки кӯдак ба мазмуни суханони норозиёнаи модар сарфаҳм наравад ҳам, вале овози бошиддат, нигоҳи ғазаболуди ӯро мебинаду мешунавад, ки он баъзан боиси гиряи вай мегардад.

Директори расадхонаи донишгоҳи Киотои Япония Шатаро Миямо нақл мекунад: «Падарам, ки ба суруди буддоӣ мароқ дошт, ҳар бегоҳ бо рафиқонаш онро якҷоя месуруданд. Ман, ки дар хонаи ҳамшафати торик танҳо мехобидам, аз шунидани суруди дурударозу ғамангези онҳо ба даҳшат афтода, аз тарс сахт гиря мекардам. Он тарсе, ки тамоми вуҷудамро фаро гирифта буд, то кунун ҳис мекунам».

Аз ин рӯ, ба калонсолон зарур аст, ки барои кӯдак муҳити солимро ба вуҷуд оварда, бо меҳру муҳаббат, навозиш, табассум ба чеҳраи кӯдак нигоҳ карда, ӯро бо сурудҳои форам хобонанд. Ҳарчи бештар кӯдакро оғуш карда, муносибати эмотсионалиро ба вуҷуд оранд. Волидон бояд ба камаш дар як рӯз се маротиба кӯдакро бояд оғуш карда ба бигӯяд, ки «Ман туро дӯст медорам». Ашё, бозичаҳои диққатҷалбкунандаю шавқоварро нишон дода бо онҳо амалҳои гуногуне, ки завқи кӯдакро оварда метавонад, ичро кунанд. Зеро кӯдак мушохидакор, тадқиқотчӣ буда, хислату характери ӯ ба ифодашавии ҳолатҳои эмотсионалӣ вобастагии калон дорад.

Бо истифода аз нақшаи тартибдодаамон, бо мақсади мушоҳида намудани инкишофи эмотсионалии кӯдакон тадқиқотамонро дар кӯдакистони шаҳри Душанбе гузаронидем. Барои нишон додани ҷараёни инкишофи эмотсионалӣ ва иҷтимоии кӯдакон мо тасмим гирифтем, ки тадқиқоти худро дар моҳҳои сентябр ва октябри соли 2019 ва февралу марти соли 2020 гузаронем. Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мади аввал диққати мо ба масъалаи «Кӯдак дар ҳолатҳои эмотсионалии гуногун (шодӣ мекунад, ғамгин мешавад, ҳамдардӣ мекунад ва ғайра) қарор дорад» равона шуд.

Натиҷаҳоро таҳлил намуда, мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот танҳо 33,1 % кӯдакон метавонистанд, ки вобаста аз вазъият дар ҳолатҳои эмотсионалии гуногун қарор дошта бошанд: шодӣ кунанд, ғамгин шаванд, ҳамдардӣ кунанд ва ғ. Масалан, дар вазъияти хурсандӣ шодӣ менамуданд, дар вазъияте, ки боиси ғамгинӣ аст, ғамгин мешшуданд ва агар ягон кӯдак гиря кунад, вайро ором карда, ҳамдардӣ мекунанд. Баъди шаш моҳ дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2020 мо мушоҳида намудем, ки қисми бештари онҳо (56,7 %) метавонистанд, ки вобаста аз вазъият дар ҳолатҳои эмотсионалии гуногун қарор дошта бошанд: шодӣ кунанд, ғамгин

шаванд, ҳамдардӣ кунанд ва ғ. Дар охири тадқиқот мо кӯдаконеро пайдо накардем, ки ҳолатҳои эмотсионалии онҳо ҳамеша якранг бошад: ё ҳамеша шодӣ мекунанд, ё ҳамеша ғамгин ҳастанд ва ғ. Ин ҳама маълумотҳо гувоҳи он ҳастанд, ки аз нигоҳи эмотсионалӣ кӯдакон дар давоми дар боғча буданашон инкишоф ёфтанд.

Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мади дуюм диққати мо ба масъалаи «Кӯдак ба қоида ва дастурамалҳо риоя мекунад, инҷиқӣ ва қаҳру ғазаб нишон намедиҳад» равона шуд.

Натиҷаҳоро таҳлил намуда мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот 75,1 % кӯдакон метавонистанд, ки қоида ва дастурамалҳоро риоя кунанд, инҷиқӣ ва қаҳру ғазаб нишон намедоданд. Баъди шаш моҳ дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2020 мо мушоҳида намудем, ки қисми бештари онҳо (88,3 %) метавонистанд, ки қоида ва дастурамалҳоро риоя кунанд, инҷиқӣ ва қаҳру ғазаб нишон надиҳанд. Дар охири тадқиқот мо кӯдаконеро пайдо накардем, ки қоида ва дастурамалҳоро риоя накунад, инҷиқӣ ва қаҳру ғазаб нишон диҳанд. Ин ҳама маводҳо аз он хусус дарак медиҳанд, ки аз нигоҳи эмотсионалӣ кӯдакон дар ин муддат инкишоф ёфтанд.

Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мади дигар диққати мо ба масъалаи «Табъи кӯдак хуш аст, диққаташро мутамарказ карда метавонад, ба ӯ муддати дарози вақт ба ягон фаъолияти мушаххас машғул будан осон аст» равона шуд.

Натиҷаҳоро таҳлил намуда мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот 23,8 % кӯдакон табъи хуш доранд, диққаташонро мутамарказ карда метавонанд, ба онҳо муддати дарози вақт ба ягон фаъолияти мушаххас машғул будан осон аст. Баъди шаш моҳ дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2018 мо мушоҳида намудем, ки қисми бештари онҳо (60,2 %) табъи хуш доранд, диққаташонро мутамарказ карда метавонанд, ба онҳо муддати дарози вақт ба ягон фаъолияти мушаххас машғул будан осон аст. Дар охири тадқиқот мо кӯдаконеро пайдо накардем, ки табъи кӯдак хуш набошад, диққаташ парешон бошад, ба онҳо муддати дарози вақт ба ягон фаъолияти мушаххас машғул будан душвор бошад. Ин ҳама маълумотҳо гувоҳи он ҳастанд, ки аз нигоҳи эмотсионалӣ кӯдакон дар ин муддат инкишоф ёфтанд.

Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мади дигар диққати мо ба масъалаи «Кӯдак ҷанҷолӣ нест, аз нокомиҳои дигарон хурсанд намешавад, дигар кӯдаконро намезанад» равона шуд.

Натиҷаҳоро таҳлил намуда мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот 45,8% кӯдакон ҷанҷолӣ нестанд, аз нокомиҳои дигарон хурсанд намешаванд, дигар кӯдаконро намезананд. Баъди шаш моҳ дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2020 мо мушоҳида намудем, ки қисми бештари онҳо (63,3 %) ҷанҷолӣ нестанд, аз нокомиҳои дигарон хурсанд намешаванд, дигар кӯдаконро намезананд. Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки аз нигоҳи эмотсионалӣ кӯдакон дар ин муддат инкишоф ёфтанд.

Дар мади дигар диққати мо ба масъалаи «Кӯдак ором аст, бе қаҳру ғазаб навбати худро дар бозӣ, ҳангоми хӯрокхӯрӣ ва ғайра ба осонӣ интизор шуда метавонад» равона шуд.

Натиҷаҳоро таҳлил намуда мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот 28,2 % кӯдакон ором мебошанд, бе қаҳру ғазаб навбати худро дар бозӣ, ҳангоми хӯрокхӯрӣ ва ғайра ба осонӣ интизор шуда метавонанд. Баъди шаш моҳ дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2020 мо мушоҳида намудем, ки қисми бештари онҳо (63,3 %) ором мебошанд, бе қаҳру ғазаб навбати худро дар бозӣ, ҳангоми хӯрокхӯрӣ ва ғайра ба осонӣ интизор шуда метавонанд. Дар охири тадқиқот мо кӯдаконеро пайдо накардем, ки ором нестанд, бо қаҳру ғазаб навбати худро дар бозӣ, ҳангоми хӯрокхӯрӣ ва ғайра ба душворӣ интизор мешаванд. Ин ҳама маълумотҳо гувоҳи он ҳастанд, ки аз нигоҳи эмотсионалӣ кӯдакон дар ин муддат инкишоф ёфтанд.

Мушоҳидаҳои мо ва таҳлили маводҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки дар давоми шаш моҳи тадқиқоти гузарондаи мо кӯдакони дар боғча тарбиягиранда аз нигоҳи эмотсионалӣ инкишоф меёбанд, яъне фарзияи тадқиқоти мо «Ҷомеа қодир аст, ки ҳаёти эмотсионалии кӯдаконро омӯзаду инкишоф диҳад” тасдиқ гардид. Дар ҳақиқат, агар кӯдакони синну соли томактабӣ дар боғчаҳои кӯдакон дар зери тарбияи мутахассисони соҳибкасб қарор дошта бошанд, аз нигоҳи психологӣ онҳо инкишоф меёбанду ба фаъолияти **мактабӣ бештар омода мегарданд.**

## АДАБИЁТ

1. Божович Л.И. Личность и её формирование в детском возрасте.
М.: Просвещение, 1968.
2. Люблинская А.А. Детская психологии. М. Просвещение, 1971. – 124 с.
3. Мустафокулов Т., Нарзуллоева М. Асосхои психологияи синнусолӣ ва педагоги, Кӯлоб, 1993. – 341с.
4. Нарзуллоева М. Баъзе хусусиятҳои инкишофи психологии бачагони синни томактабӣ. – Душанбе, 1995. – С.102
5. Нарзуллоева М. Давлатова Н. Бозиҳои миллии тоҷикӣ дар боғчаи бачагон. – Кулоб, 1993.
6. Нарзуллоева М. Нақши падару модар дар ташаккули характери кӯдакон.// Ҷихатҳои пешгирии хушунат: таҳлили вазъият, таҷрибаи кор, роҳҳои ҳалли масъала. – Душанбе, 2005.
7. Нарзуллоева М, Ғуломова Н. Шинос намудани кӯдакони синни томактабӣ бо фаслҳои сол. – Душанбе, 2006.
8. Оила ва кӯдакистон: чӣ тавр кӯдакро ба мактаб омода намуд./ Маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе, 2006.
9. Проблемы развития раннего детства в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2006.
10. Развитие восприятия в раннем и дошкольном детстве. /Под.ред. Запорожца А.В., Лисиной М.И./ М. Просвещение, 1966. – 215с.


## ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ҲАЁТИ ЭМОТСИОНАЛИИ КӮДАКОН


Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи зуҳуроти хусусиятҳои психологии эмотсияю ҳиссиётҳои кӯдакон ва тадқиқи онҳо меравад. Қайд карда мешавад, ки масъалаи ҳаёти эмотсионалии кӯдакон дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим ва доимии фарҳанг ва ҷамъият мебошад. Аз ин рӯ, ҳалли он вазифаи рӯзмарраи психологҳо, сотсиологҳо ва педагогҳо мебошад. Мақолаи мазкур ба тадқиқи ҳаёти эмотсионалии кӯдакон дар оила равона шудааст, ки ба ҳаёти оилавии одамони синну соли гуногуни ҷомеа таъсирбахш мебошад. Ин масъала дар тарбияи насли рӯҳан солим нақши муҳим мебозад. Кӯдаки хурсанду солим нишонаи ободӣ ва хушбахтии оила аст. Масъалаи омӯзиши ҳаёти эмотсионалии кӯдакон ҳамчун унсури пешрафти шахс ва ҷомеа дар илмҳои психология ва педагогика мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Чун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва тадқиқи амалии ин масъала ба таври васеъ ба роҳ монда нашудааст, мо дар кори худ бештар аз адабиётҳо ва натиҷаи тадқиқотҳое истифода бурдем, ки дар дохил ва хориҷи кишвар гузаронида шудаанд. Мушоҳидаҳои мо ва таҳлили маводҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки дар давоми шаш моҳи тадқиқоти гузарондаи мо кӯдакони дар боғча тарбиягиранда аз нигоҳи эмотсионалӣ инкишоф меёбанд, яъне фарзияи тадқиқоти мо «Ҷомеа қодир аст, ки ҳаёти эмотсионалии кӯдаконро омӯзаду инкишоф диҳад” тасдиқ гардид. Дар ҳақиқат, агар кӯдакони синну соли томактабӣ дар боғчаҳои кӯдакон дар зери тарбияи мутахассисони соҳибкасб қарор дошта бошанд, аз нигоҳи психологӣ онҳо инкишоф меёбанду ба фаъолияти мактабӣ бештар омода мегарданд.


**Калидвожаҳо:** тадқиқоти психологӣ, кӯдак, ҳиссиёт, эмотсия, боғча, ташхис, тарбия, инкишоф.

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ЭМОЦИОНАЛЬНОЙ ЖИЗНИ ДЕТЕЙ


В данной статье речь идёт об исследовании проявления психологических особенностей эмоции и чувств детей. Отмечается, что проблема эмоциональной жизни детей является одним из постоянных и важных в культуре и обществе. Поэтому этот вопрос является повседневной проблемой для психологов, сотсиологов и педагогов. Данная статья направлена на исследование эмоциональной жизни детей в семье и обществе, так как данная проблема влияет на всех членов семьи и общества. Решение проблем эмоциональной жизни детей способствует целенаправленному воспитанию подрастающего поколения. Счастливый ребёнок в семье, является признаком благополучия семьи. Проблема исследования эмоциональной жизни детей изучаетя как компонент успешного становления личности в психологической и педагогической науках. Так как данная проблема в Республике Таджикистана недостаточно изучена, мы в своем исследовании ориентировались на зарубежные литературы. Наши наблюдения и анализ полученных данных показывают, что в течении шести месяцев, в которых продолжались эксперименты у детей, воспитывающихся в детском саду более благополучнее развивались эмоции. Таким образом, наша гипотеза о том, что общество способна развивать наши эмоции подтвердилась. Если дети будут воспитываться под руководством профессиональных специалистов, тогда эмоциональная жизнь у них становится более благополучным.


**Ключевые слова:** психологое исследование, ребенок, чувство, эмотсия, садик, диагностика, воспитания, развития.

## PSYCHOLOGICAL FEATURES OF CHILDREN'S EMOTIONAL LIFE


This article deals with the study of the psychological characteristics of children's emotions and feelings. It is noted that the problem of children's emotional life is one of the most constant and important in culture and society. Therefore, this issue is a daily problem for psychologists, psychologists and teachers. This article is aimed at studying the emotional life of children in the family and society, as this problem affects all members of the family and society. Solving the problems of children's emotional life contributes to the purposeful upbringing of the younger generation. A happy child in the family is a sign of the well-being of the family. The problem of studying the emotional life of children is studied as a component of successful personality development in psychological and pedagogical Sciences. Since this problem is not sufficiently studied in the Republic of Tajikistan, we focused on foreign literature in our research. Our observations and analysis of the data obtained show that during the six months in which the experiments continued, children raised in kindergarten developed emotions more successfully. Thus, our hypothesis that society is able to develop our emotions was confirmed. If children are brought up under the guidance of professional specialists, then their emotional life becomes more prosperous.


**Keywords:** psychological research, child, feeling, emotsia, kindergarten, diagnostics, education, development.

**Сведения об авторе*: Нурии Накибулло*** – магистр второго курса специальности психологии факультета философии ТНУ, Тел.: **917 88 80 81**

**Information about the author:** ***Nurii Nakibullo*** – second-year master's degree in psychology, faculty of philosophy, TNU, Tel.: **917 88 80 81**

# ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ДИҚҚАТ ВА ХОТИРИ КӮДАКОН

***Гурезов Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷараёни даркнамоии муҳити иҳотакарда аз ҷониби кӯдакон дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим ва доимии фарҳанг ва ҷамъият мебошад. Аз ин рӯ, ҳалли он вазифаи рӯзмарраи психологҳо, сотсиологҳо ва педагогҳо мебошад. Мақолаи мазкур ба тадқиқи диққат ва хотири кӯдакон дар боғча ва оила равона шудааст, ки ба ҳаёти оилавии одамони синну соли гуногун таъсирбахш мебошад. Ин масъала дар тарбияи насли рӯҳан солим нақши муҳим мебозад. Кӯдаки доною солим нишонаи ободӣ ва хушбахтии оила аст.

Масъалаи омӯзиши диққат ва хотири кӯдакон ҳамчун унсури пешрафти шахс ва ҷомеа дар илмҳои психология ва педагогика мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Чун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва тадқиқи амалии ин масъала ба таври васеъ ба роҳ монда нашудааст, мо дар кори худ бештар аз адабиётҳо ва натиҷаи тадқиқотҳое истифода бурдем, ки дар дохил ва хориҷи кишвар гузаронида шудаанд [4].

Дар адабиётҳои хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни тадқиқ ва ташхиси диққат ва хотири кӯдакон ҳамчун унсури пешрафти шахс ва ҷомеа инъикос ёфтанд, ки барои шинос шудан бо хусусиятҳои психологии ин раванд мусоидат мекунанд. Боиси қайд аст, ки дар кӯдакон суръати баланди инкишофи психикӣ сол ба сол мушоҳида мешавад. Масалан, кӯдакони синни томактабӣ на танҳо бо як ашё ва ё расми диққаташонро равона карда, онҳоро идрок мекунанд, инчунин диққаташонро ба ду ва зиёда ашёҳо равона карда метавонанд, ки ин амал ба кӯдакони 4 – 5 сола хос нест.

Диққати кӯдакони синни томактабӣ зина ба зина устувор мегардад. Тадқиқотҳои гузаронидаи Венгер нишон медиҳанд, ки агар устувории диққати кӯдакони яксола ба ягон ашё дар давоми 14, 5 дақиқа нигоҳ дошта шавад, дар кӯдакони сесола то 27 дақиқа ва дар синни 5-6 сола то 96-100 дақиқаро ташкил медиҳад [4].

Таҷрибаҳои гузаронидаи Г.В. Новикова нишон медиҳанд, ки устувории диққат инчунин ба давомнокии танаффус вобастагӣ дорад. Фаъолияти бозии кӯдакони 2, 6 сола – 3, 6 сола 17, 5 дақиқа давом кунад, ба ҳисоби миёна 7-8 дақиқа диққаташон парешон мешавад. Устувории диққати кӯдакони 5-6 сола 4 маротиба дарозтар давом мекунад. Масалан, агар фаъолияти бозиашон 62, 8 дақиқа давом кунад, парешонии диққати онҳо 1, 6 дақиқаро ташкил мекунад [7].

Аз рӯйи маълумотҳои ба даст овардаи Г.В. Новикова ҳисоби миёнаи парешондиққатии кӯдакони давраи миёна, калон ва омодаги ба мактаб ҳангоми азёд кардани шеър 3, 7 маротиба, дар машғулияти математики 2, 7 маротиба, дар машғулиятҳое, ки маҳорати фикркуниро талаб мекунанд 1, 8 маротиба мушоҳида мешаванд [7].

Бояд қайд кунем, ки устувории диққат ба хусусияти фардӣ – психологии кӯдакон вобастагӣ дорад. Дар кӯдаконе, ки диққаташонро идора карда метавонанд ва системаи асабашон баробарвазн аст, устувории диққат 1,5-2 маротиба нисбати бачаҳои ҳаяҷоннок зиёдтар аст.

Маҳорати мутамарказонидани диққат ба инкишофи диққати ихтиёрии кӯдакони синни калон ва омодаги ба мактаб замина мегузорад. Бачаҳои 5-7 сола диққати худро ихтиёрона ба он объектҳое, ки аз кӯдак мутамарказиятро талаб мекунанд, равона карданро ёд мегиранд. Мутамарказият ва устувории диққати кӯдакони синни томактабӣ аз маҳорати калонсолон ва мураббия, аз самаранок ташкил кардани фаъолияти кӯдакон вобастагии калон дорад. Аз ин хотир диққат фаъолияти алоҳидаи психики набуда, дар ҳамаи фаъолиятҳои кӯдак (бозӣ, таълим, меҳнат, расмкашӣ) иштирок менамоянд, кори шуурро равшан мекунад ва дар

натиҷа объект ҳаматарафа, ихтиёрона дурудароз дар хотир нигоҳ дошта мешавад. Диққат бо дигар фаъолиятҳои психики (нутқ, тафаккур, хаёл) алоқаи зич дошта, онҳоро такмил медиҳад.

Чӣ тавре ки психолог В. С. Мухина қайд мекунад, бо тағйир ёфтани синну сол диққати кӯдакон устувору мустаҳкам мегардад. Ҳангоми бо расм шинос шудани кӯдакони хурдсол давомнокии устувории диққаташон 6 – 7 сонияро ташкил медиҳад. Ҳамин расмро кӯдакони синни томактабӣ дар давоми 12 – 19 сония тамошо мекунанд [9].

Таҳти роҳбарии калонсолон диққати ихтиёрии кӯдакони синни томактабӣ инкишоф меёбад, ки дар он нақши калима ва сухан аввалиндарача аст. Масалан, калонсолон ба кӯдакон муроҷиат карда мегӯянд: «Дар вақти аз ҳалқаҳо сохтани манора, аввал ҳалқаи калонро, баъд ҳалқаҳои хурдро гузор. Ҳалқаи калонро ёфта, онро ба меҳвар андоз!» бо чунин тарзи ёддиҳи бача на танҳо тарзи сохтани манораро ёд мегирад, инчунин диққату диққатнокиаш тарбия меёбад. Тавассути нутқи калонсолон бача супоришҳои додаи онҳоро иҷро мекунад. Масалан, ба бача супориш дода шуд, ки расми ҳайвонҳои хонагӣ – гов, асп, гусфанд, бузро ҷудо кунад. Бача бояд аз байни расмҳои зиёд, ҳамон расмҳоеро интихоб кунад, ки ба ӯ супориш дода шуда буд. Диққати бачаро расми дигар парарандаю ҳайвонҳои хонагӣ саг, гурба, мург, гунҷишк ба худ ҷалб намекунад.

Дар охири синни томактабӣ диққати ихтиёрии бача дар зинаи инкишофёбӣ бошад ҳам, вале диққати ғайриихтиёрӣ дар ҳаёти вай мавқеи муҳимро соҳиб аст. Дар ҳолати якранг гузаштани машғулиятҳои таълимӣ диққати бача тез-тез парешон шуда, аз як объект бо объекти дигар мекӯчад. Ашёҳои серрангу ғайримуқаррарӣ диққати ӯро ба худ ҷалб мекунад. Аз ин рӯ, ба мураббия зарур аст, ки машғулиятҳоро бо айёниятҳои зебо серранг ва бо истифодаи тарзу усулҳои гуногуни таълимӣ гузаронида, диққати ихтиёрии кӯдаконро тарбия намояд. Диққату диққатноки имконият медиҳад, ки кӯдак чизҳои эҳсосу идрок кардаашро дурудароз ба хотир гирад ва дар хотир нигоҳ дорад.

Бача ҳангоми ҳал кардани ягон масъала, аз амалҳои фикрии тафаккур истифода бурда, ба инкишофи қобилияти ақлиаш замина мегузорад.

Мутамарказият ва устувории диққати бача дар рафти машғулиятҳо ва ташкили мушоҳидаю мушоҳидакорӣ зина ба зина инкишоф меёбанд. Кӯдак ҳангоми сайру гашт бо ашё ва ҳодисаҳои олами иҳотакарда шинос мешавад, хусусияти онҳоро ҳамон вақт дониста мегирад, ки калонсолон диққати вайро ба он ҷалб намоянд. Кӯдак дар рафти мушоҳидаю мушоҳидакорӣ на танҳо хусусияти ашёҳои олами иҳотакардаро дониста мегирад, инчунин умумият ва фарқияти онҳоро муайян мекунад, ба инкишофи амалҳои фикрии тафаккури кӯдак: муқоиса, таҳлил, таркиб, ҷамъбаст, абстраксия ва мушаххаснамоӣ замина мегузорад. Умуман, диққату бодиққати имконият медиҳанд, ки кӯдак чизҳои эҳсосу идрок кардаашро дурудароз ба хотир гирад ва дар хотир нигоҳ дорад.

Тавсифи протсесси хотирро мекунем, ки дар томактабиён чӣ гуна зоҳир мешавад. Ашёву ҳодисаҳои олами атроф на танҳо ҳисси таваҷҷӯҳи кӯдаконро ба худ ҷалб менамоянд, инчунин онҳоро ба хотир мегиранд, дар хотир нигоҳ медоранд ва дар вақти зарурӣ аз нав ба хотир меоранд. Ҳодисаю воқеаҳое, ки кӯдак мебинаду мешунавад дергоҳ дар лавҳи хотирааш нигоҳ медорад. Масалан, ҳар як шахс ҳамеша воқеаҳои давраи кӯдаки ва шеърҳои аз ёд кардаашонро бедушвори ба хотир оварда метавонанд.

Бо тағйир ёфтани синнусол таҷрибаи ҳаётии кӯдакон пайдарпай бой мегардад, ки он хотираашонро инкишоф медиҳад. Тасаввуроти кӯдак оиди мафҳуми ашёҳо васеъ гардида як қатор маҳорат ва малакаҳоро аз худ мекунад. Аввал он фикрашро ба тартиб медарорад ва дер гоҳ дар хотир нигоҳ медорад.

Хотири кӯдакони синни томактабӣ табиати механикӣ, образӣ ва ғайриихтиёрӣ дошта, онҳо бештар ҳодисаҳои шавқовару таъсирбахшро ба хотир мегиранд. Бачаҳои ин синну сол дар рафти машғулияти инкишофи нутқ бе сарфи қувваи зиёдатӣ шеъру сурудҳоро аз ёд кунанд ҳам, вале ба мазмуни онҳо пурра сарфаҳм намераванд. Аз ин рӯ, ба мураббия зарур аст, ки дар рафти машғулиятҳои инкишофдиҳии нутқ, шиносои бо адабиёти бадеӣ, диққати кӯдаконро бо калима ва ибораҳои навҷалб намуда, захираи луғавии онҳоро бой гардонад, то ки дар вақти аз нав нақл кардани афсонаю ҳикояҳо ва хондани шеър, бача моҳияти онҳоро дуруст идрок намояд.

Хотири образӣ дар ин давраи синнусолӣ бо суъат инкишоф меёбад. Кӯдак образи ашёи пештар идрок кардаашро дар хотир нигоҳ дошта, маълумотҳои худро дар бораи одамони гирду атроф, меваю сабзавотҳо, дарахту буттаҳо, ҳайвону паранда, ҳашароту хазанда, ашёҳои рӯзгор, фазо ва вақт бой гардонанд ҳам, вале тасаввуроташон норавшану пароканда, беҳаракату омехта мебошад.

Хотири ғайриихтиёрӣ дар томактабиён хусусияти новобастагӣ дошта, бача бештар он ашёҳоеро ба хотир мегирад, ки ба амалҳои мушаххаси онҳо алоқаманд бошад. Масалан, мураббия ба бача супориш медиҳад, ки ашёҳоро вобаста ба тарзи истифодабарӣ ба гурӯҳҳо ҷудо кунад: ашёҳо барои машғулиятҳои варзишӣ, ошхона ва ғайраҳо. Кӯдак аввал расмҳои дидашро ба хотир меорад, баъд онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад. Аз синни миёнаи томактабӣ сар карда, дар кӯдак ба хотиргирӣ ва аз нав ба хотироварии ихтиёрӣ мушоҳида мешавад, ки он минбаъд такмил меёбад.

Яке аз шароитҳои бомуваффақият ба хотир гирифтан, дар хотир нигоҳ доштани ашё ва ҳодисаҳои олами атроф дар рафти фаъолияти бозӣ ба амал меояд. Ин дар навбати худ, аз бача талаб мекунад, ки нақши ба зимма гирифтааш: духтур, ронанда, ошпазро дуруст ба хотир гирад ва амалҳои лозимиро дуруст иҷро кунад.

Бояд қайд намуд, ки миқдори калимаҳое, ки кӯдак дар рафти бозӣ ба хотир мегирад ва аз онҳо истифода мебарад, нисбати миқдори калимаҳое, ки калонсолон барои ба хотир гирифтан пешниҳод мекунанд зиёдтар аст. Масалан, бача нақши фурушандаро иҷро карда, бо харидор муносибат намуда, аз таҷриба, дониш ва мушоҳидаҳои худ ба таври васеъ истифода мебарад. Вале дар назди худ мақсад мегузорад, ки онҳоро ба хотир гирифта, (ашё ва усулҳои фурушандаро) дар хотир нигоҳ дорад. Бача мефаҳмад, ки агар ашё ё ҳодисаҳои дидаю шунидаашро хуб бахотир нагирад, он гоҳ дар вақти лозимӣ ба хотир оварданаш душвор мегардад.

Усулҳои бахотиргирӣ ва аз нав бахотировариро бача мустақилона аз худ карда наметавонад. Масалан, калонсол ба бача супориш дода, аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки супориши додаашро такрор намояд, то ки дуруст ва бехато иҷро кунад ё бо мақсади аз бача чизеро фаҳмидан калонсол диққати ӯро ба рафти воқеа ҷалб намуда, бо саволҳои зерин ба ӯ муроҷиат мекунад: «Баъд чӣ воқеа рӯй дод?», «Баъд ту чӣ кор кардӣ?», «Вай кӯҷо рафт?» ва ғайраҳо бо ин саволҳо калонсол ба бача хотиррасон мекунад, ки давоми ҳодисаро ба хотир оварда нақл кунад. Дар ин ҳолат бача метавонад, ҳодисаҳои дидаю шунидаашро бо ҳодисаҳои дар айни замон рухдода алоқаманд карда, воқеаро пурра нақл намоянд. Масалан, бача дар бораи ягон ҳайвон – асп нақл мекунад. Калонсол ба вай савол медиҳад: «Бигӯй, ки ба асп кадом ҳайвон монанд аст?». Бача бо мақсади ба хотир гирифтани фаъолияти психикиаш – диққаташро ба ашё ва ё ҳодиса ихтиёрона равона мекунад, мушоҳида менамояд, хусусиятҳои монандӣ ва фарққунандаи онҳоро дониста мегирад, аз амалҳои фикрии тафаккур (муқоиса, таҳлил, таркиб, ҷамъбаст) ба таври васеъ истифода мебарад. Масалан, бача расми ҳайвонҳоро тамошо карда истода, онҳоро ба ҳайвонҳои хонагӣ, ваҳшӣ ҷудо мекунад, хусусиятҳои онҳоро ба хотир меорад.

Хотир бо тасаввурот алоқаи ҷудонашаванда дорад. Тадқиқотҳои гузаронидаи олими рус Д.Б. Элконин нишон доданд, ки кӯдакони миллату халқиятҳои гуногун ва дар давраҳои гуногуни таърихӣ расми дар як мавзӯъ кашидаашон монандӣ дорад. Онҳо расмкашии кӯдаконро ба 3 давраи синнусолӣ ҷудо менамоянд [13].

Агар кӯдакони 3 сола қаламро ба рӯйи коғаз бурда аз хатҳои каҷу килеби кашидаи худ ҳисси қаноатмандӣ зоҳир кунанд, бачаҳои 4 сола бо кашидани ашёҳои мушаххас машғул мешаванд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакони синни томактабӣ бештар он расмҳоеро мекашанд, ки бо онҳо таъсири эмотсионалӣ расонида бошад. Маҳорати расмкашии кӯдакон ба тарзи нишон додан ва омӯзонидани калонсолон вобастагӣ дорад. Кӯдак расми кашидаи калонсолонро мебинад, ба хотир мегирад ва ҳангоми расмкашӣ аломатҳои нишондодаи онҳоро ба хотир оварда мекашад.

Дар инкишофи психикии кӯдакони синни томактабӣ хотири ҳаракатӣ ё худ хотири мотори нақши калонро соҳиб аст, ки тавассути он малакаҳои асосӣ барои ҳаракати даст ташаккул меёбад. Хотири ҳаракати дар ташаккули малакаҳои ҷисмонӣ: давидан, ҷаҳидан, партофтан, доштани туб ва ғайра замина мегузора.

Малакаҳои нав ва гунонгуне,ки дар сини миёна ва капони томактаби ташаккул меёбанд (малакаҳои худхизматрасони: кашидан ва пушидани сару либос,бастани банди пойафзо ба ташаккули малакаҳои бо қоғазу қалам амал каврдани кӯдакон кӯмак мерасонад. Дар аввал иҷрои ин амалҳо ба кӯдак душвориҳоро бавуҷуд орад ҳам, минбаъд иҷрои онҳо осонтар сабуктар шуда аз бача қувваи зиёди ҷисмонию рӯҳиро талаб намекунад.

Хотири капимагӣ-мантиқи то мактабиён ба инкишофи қобиляти фикрии онҳо мусоидат мекунад. Агар дар кӯдакони хурдсол хотир хусусияти зоҳири дошта бошад ашё ва ё ҳодисаҳои дидаю шунидаашонро айнан нақл кунанд, дар давраи калон ва омодаги ба мактаб мазмуни чизҳои дидаю шунидаашонро гуфта медиҳадиҳанд.

Маълумотҳои ба дастовардаи мутахссисон нишон дод,ки дар кӯдакони синни хурди томатабӣ хотири калимагӣ - мантиқиро мушоҳида кардан мумкин аст,башарте, ки кӯдак мазмун ва моҳияти чизҳои дидаву доннистаашро дурус дарк кунад, ба хотир гирад, ноҳоро бо чизҳои дигар дар алоқаманди дида тавонад.

Инкишофи хотири калимагӣ - мантиқӣ ба тағйиротҳои фаъолияти хаёлӣ бевосита таъсир мерасонад.

Дар синни калони томактабӣ талабот ба аёният ва идроки чизҳои мушаххас кам мешавад. Ҳангоми аз нав ба хотир овардан образҳои нав ба вуҷуд меояд. Масалан, бачаҳои 6-7 сола ҳангоми шунидан ва ё нақл кардани афсона худро ба ҷои қаҳрамонони он тасаввур карда, фантазияашонро эҷод мекунанд ва хаёли худро инкишоф медиҳанд.

Аз кӯдакони 3-4 сола хоҳиш карданд, ки ҳикояи навишташударо бо диққат гӯш карда онро давом диҳанд. Масалан, «ду писарбача дар ҷангал роҳро гум карданд»кӯдакон ҳикояро ин тавр давом доданд «Онҳо ба автобус савор шуда, ба хона омаданд». Бачаҳои 6-7 сола худро дар чунин вазъият тасаввур карда, вариантҳои гуногунро фикр када баромаданд, ки қисми хотимавии онро ба ягон ҳикоя ва ё афсонаи пештар шунидаашон алоқаманд намуданд. Хотири калимагӣ – мантиқии кӯдакони синни томактабӣ ба дониш, таҷриба ва тасаввуротҳои пештараи онҳо вобаста мебошад.

Дар инкишофи ихтиёрии кӯдакони синни томактабӣ аз нав ба хотир овардан нисбат ба хотир гирифтан бартарӣ доранд, чунки аз нав ба хотир овардан ба фаъолияти дар хотир нигоҳ доштан алоқаманд мебошад. Кӯдакон шеъри дар хотир нигоҳдоштаашонро тавассути аз нав ба хотир овардан такрор мекунанд. Фаъолияти дар хотир нигоҳ доштан ба фаъолнокии худи кӯдак вобаста мебошад. Агар супориши ба кӯдак додашуда маромии маърифатии ӯро бедор кунад, вай супориш, калима ва ё ашёи гуфтаи мураббияро хуб ба хотир мегирад ва дергоҳ аз хотир фаромӯш намекунад. Инчунин ихтиёрона, бомақсадона ба хотир гирифтан, дар хотир нигоҳ доштан ва аз нав ба хотир овардан аз моҳият ва аҳамияти чизи ба хотир гирифташаванда вобастагӣ дорад. Масалан, мураббия ба кӯдак супориш медиҳад, ки шеърро то рӯзи ид аз ёд кунад ва дар хотир нигоҳ дорад.

Ҳаҷми хотири кӯдакони синни томактабӣ зина ба зина васеъ шуда, бахотиргириашон аниқ, равшан ва мустаҳкам мегардад. Ба таври эҷодӣ истифода бурдани тасаввуротҳои дар хотир нигоҳдоштаи кӯдакон дар фаъолиятҳои гуногун (бозӣ, таълим, меҳнат) минбаъд такмил меёбад.

Бо мақсади тадқиқ намудани инкишофи диққат ва хотири кӯдакон омӯзишамонро дар кӯдакистони шаҳри Душанбе гузаронидем. Барои нишон додани ҷараёни инкишофи диққат ва хотири кӯдакон мо тасмим гирифтем, ки тадқиқоти худро дар моҳҳои сентябр ва октябри соли 2019 ва февралу марти соли 2020 гузаронем. Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мадди аввал диққати мо ба масъалаи «Кӯдак ба мавқеи предмет дар фазо диққат дода, бо истифода аз чунин калимаҳо, ба монанди «чаптар», «росттар», «наздиктар», «дуртар», «поёнтар», «болотар» ва ғайра фаҳмонда, пурсида онҳоро ба хотир гирифта метавонад» равона шуд.

Натиҷаҳоро таҳлил намуда мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот 46,8 % кӯдакон дар бораи мавқеъи предмет дар фазо бо истифода аз чунин калимаҳо, ба монанди «чаптар», «росттар», «наздиктар», «дуртар», «поёнтар», «болотар» ва ғайра фаҳмонда ё пурсида метавонанд. Ҳангоми суханронӣ аз ин калимаҳо истифода мебаранд, яъне ба ин калимаҳо диққат дода,. онҳоро дар хотирашон нигоҳ дошта метавонанд. Дар бораи бештари кӯдакон, яъне 50,2 %-и онҳо гуфтан мумкин аст, ки дар бораи мавқеи предмет дар фазо на ҳама вақт аз чунин

калимаҳо, ба монанди «чаптар», «росттар», «наздиктар», «дуртар», «поёнтар», «болотар» ва ғайра фаҳмонда ё пурсида метавонанд. Қисми камтари кӯдакон, яъне 3,4 % дар бораи мавқеи предмет дар фазо бо истифода аз чунин калимаҳо, ба монанди «чаптар», «росттар», «наздиктар», «дуртар», «поёнтар», «болотар» ва ғайра фаҳмонда ё пурсида наметавонанд.

Мушоҳидаҳои мо ва таҳлили маводҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки дар давоми шаш моҳи тадқиқоти гузарондаи мо кӯдакони дар боғча тарбиягиранда аз нигоҳи диққат ва хотир инкишоф меёбанд, яъне фарзияи мо «Ҷомеа қодир аст, ки фаъолияти даркнамоии кӯдаконро омӯзаду инкишоф диҳад” тасдиқ гардид. Дар ҳақиқат, агар кӯдакони синну соли томактабӣ дар боғчаҳои кӯдакон дар зери тарбияи мутахассисони соҳибкасб қарор дошта бошанд, аз нигоҳи психологӣ онҳо инкишоф меёбанду ба фаъолияти мактабӣ бештар омода мегарданд.

**АДАБИЁТ**


1. Архипова И.А. Подготовка ребенка к школе. Екатеринбург, 2004.
2. Барномаи давлатии рушди соаи тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солои 2006-2010. – Душанбе, 2005.
3. Возрастная и педагогическая психология /Под. ред. А.В.Петровского. – М.: Просвещение, 1979.
4. Венгер Л., Л.С. Выготский и детская психология./ Дошкольное воспитание, № 9,1986. – 33-35 с.
5. Гуткина А.И. Психологическая готовность к школе. Питер, 2006.
6. Дучина О.В., Коновалова И.О. Скоро в школу.// Ребенок в детском саду № 5, 2005. – 35-70с.
7. Новикова Г. Психолого-педагогическая подготовка к школе.// Дошкольное воспитание - № 8 – 2005. – 95 – 100 с.
8. Люблинская А.А. Детская психология. – М., Просвещение, 1971.
9. Мухина В.С. Детская психология, М., Просвещение, 1985.
10. Нарзуллоева М. Баъзе хусусиятҳои инкишофи психологии бачагони синни томактабӣ. – Душанбе, 1995. – С.102
11. Оила ва кӯдакистон: чӣ тавр кӯдакро ба мактаб омода намуд / Маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе, 2006.
12. Проблемы развития раннего детства в Республике Таджикистан. - Душанбе, 2006.
13. Эльконин Д.Б. Детская психология. – М., Учпедгиз, 1960.


## ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ДИҚҚАТ ВА ХОТИРИ КӮДАКОН


Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи зуҳуроти хусусиятҳои психологии диққату хотири кӯдакон ва тадқиқи онҳо меравад. Қайд карда мешавад, ки масъалаи диққату хотири кӯдакон дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим ва доимии фарҳанг ва ҷамъият мебошад. Аз ин рӯ, ҳалли он вазифаи рӯзмарраи психологҳо, сотсиологҳо ва педагогҳо мебошад. Мақолаи мазкур ба тадқиқи диққату хотири кӯдакон дар оила равона шудааст, ки ба ҳаёти оилавии одамони синну соли гуногуни ҷомеа таъсирбахш мебошад. Ин масъала дар тарбияи насли доною солим нақши муҳим мебозад. Кӯдаки доною солим нишонаи ободӣ ва хушбахтии оила аст. Масъалаи омӯзиши диққату хотири кӯдакон ҳамчун унсури пешрафти шахс ва ҷомеа дар илмҳои психология ва педагогика мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Чун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва тадқиқи амалии ин масъала ба таври васеъ ба роҳ монда нашудааст, мо дар кори худ бештар аз адабиётҳо ва натиҷаи тадқиқотҳое истифода бурдем, ки дар дохил ва хориҷи кишвар гузаронида шудаанд. Мушоҳидаҳои мо ва таҳлили маводҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки дар давоми шаш моҳи тадқиқоти гузарондаи мо диққату хотири кӯдакони дар боғча тарбиягиранда инкишоф меёбанд, яъне фарзияи тадқиқоти мо «ҷомеа қодир аст, ки диққату хотири кӯдаконро инкишоф диҳад” тасдиқ гардид. Дар ҳақиқат, агар кӯдакони синну соли томактабӣ дар боғчаҳои кӯдакон дар зери тарбияи мутахассисони соҳибкасб қарор дошта бошанд, аз нигоҳи психологӣ онҳо инкишоф меёбанду ба фаъолияти мактабӣ бештар омода мегарданд.



**Калидвожаҳо:** тадқиқоти психологӣ, кӯдак, диққат, хотир, боғча, ташхис, тарбия, инкишоф.


## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ВНИМАНИЯ И ПАМЯТИ ДЕТЕЙ


В данной статье речь идёт об исследовании проявлений психологических особенностей внимания и памяти детей. Отмечается, что проблема внимания и памяти детей является одним из постоянных и важных в обществе. Поэтому этот вопрос является повседневной проблемой для психологов, сотсиологов и педагогов. Данная статья направлена на исследование внимания и памяти детей в семье и обществе, так как данная проблема влияет на всех членов семьи и общества. Решение проблем внимания и памяти детей способствует целенаправленному воспитанию подрастающего покаления. Умный ребёнок в семье является признаком благополучия семьи. Проблема исследования о внимании и памяти детей изучаетя как компонент успешного становления личности в науках о психологии и педагогики. Так как данная проблема в Республике Таджикистан недостаточно изучена, мы в своем исследовании ориентировались на зарубежные литературы. Наши наблюдения и анализ полученных данных показывают, что в течении шести месяцев, которые продолжались эксперименты у детей, воспитывающихся в детском саду более блогополучнее развивались внимание и память. Таким образом, наша гипотеза о том, что общество способна развивать внимание и память потвердилась. Если дети будут воспитываться под руководством профессиональных специалистов, тогда внимание и память у них становится более развитым.



**Ключевые слова:** психологическое исследование, ребенок, внимание, память, садик, диагностика, воспитание, развитие.

**PSYCHOLOGICAL FEATURES OF CHILDREN'S ATTENTION AND MEMORY**

This article deals with the study of the manifestations of psychological features of children's attention and memory. It is noted that the problem of attention and memory of children is one of the constant and important in society. Therefore, this issue is a daily problem for psychologists, psychologists and teachers. This article is aimed at studying the attention and memory of children in the family and society, as this problem affects all members of the family and society. Solving problems of attention and memory of children contributes to the purposeful education of the younger generation. A smart child in a family is a sign of family well-being. The problem of research on children's attention and memory is studied as a component of successful personality development in the Sciences of psychology and pedagogy. Since this problem is not sufficiently studied in the Republic of Tajikistan, we focused on foreign literature in our research. Our observations and analysis of the data obtained show that during the six months that the experiments lasted, children brought up in kindergarten developed attention and memory more poorly. Thus, our hypothesis that society is able to develop attention and memory is confirmed. If children are brought up under the guidance of professional specialists, then their attention and memory become more developed.

**Keywords:** psychological research, child, attention, memory, kindergarten, diagnostics, education, development.

**Сведения об авторе:** ***Гурезов Ф.*** – магистрант кафедры психологии Таджикского национального университета. Тел.: **901-99-13-15**

**Information about the author:** ***F. Gurezov*** – master's student of the Department of psychology of the Tajik national University. Phone: **901-99-13-15**

# ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОН

***Нурии Нақибулло***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳаёти иҷимоии кӯдакон дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим ва доимии фарҳанг ва ҷамъият мебошад. Аз ин рӯ, ҳалли он вазифаи рӯзмарраи психологҳо, сотсиологҳо ва педагогҳо мебошад. Мақолаи мазкур ба тадқиқи ҳаёти иҷтимоии кӯдакон дар оила равона шудааст, ки ба ҳаёти оилавии одамони синну соли гуногун таъсирбахш мебошад. Ин масъала дар тарбияи насли рӯҳан солим нақши муҳим мебозад. Кӯдаки хурсанду солим нишонаи ободӣ ва хушбахтии оила аст.

Омӯзиши ҳаёти иҷтимоии кӯдакон ҳамчун унсури пешрафти шахс ва ҷомеа дар илмҳои психология ва педагогика мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Чун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва тадқиқи амалии ин масъала ба таври васеъ ба роҳ монда нашудааст, мо дар кори худ бештар аз адабиётҳо ва натиҷаи тадқиқотҳое истифода бурдем, ки дар дохил ва хориҷи кишвар гузаронида шудаанд /1/.

Дар адбиётҳои хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни тадқиқ ва ташхиси ҳаёти иҷтимоии кӯдакон ҳамчун унсури пешрафти шахс ва ҷомеа инъикос ёфтанд, ки барои шинос шудан бо хусусиятҳои психологии ин раванд мусоидат мекунанд.

Тайёрии иҷтимоӣ гуфта тайёрии шахсӣ ва иҷтимоӣ - психологии бачаро дар назар дорем. Вай бояд мавқеи нави иҷтимоӣ «мавқеи ботинии мактабхон шудан», сифатҳои нави маънавӣ, ки барои таълими мактабӣ лозиманд дар худ ташаккул диҳад. Ӯ бояд рафторашро идора карда тавонад, ба сифати муошират бо ҳамсолон, хурдсолон ва калонсолон диққати махсус диҳад. Зеро бача ба мактаб омада на танҳо ба ҳампарта ва хамсинфи худ, муаллими дарсдиҳанда, инчунин бо хонандагони синфҳои дигар, кормандони мактаб (фаррош, ошпаз, боғбон), сарвар ва ҷонишинҳои вай ба муошираті нутқӣ дохил мешавад.

Тарзи бо онҳо муносибат карданро донад, ба калонсолон бо эҳтиром салом диҳад, ҳангоми аз дар даромадан аввал ба онҳо роҳ диҳад, ба хурдсолон кӯмак расонад, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ рафтори худро идора карда бо овози баланд гап назанад, ба тозаю озода нигоҳ доштани гирду атроф ва синфхона риоя кунад ва ғайра. Зеро муошират як ҷузъи асосии тайёрии иҷтимоии бача ба мактаб буда, зарурияти онро як зумра олимон (М.И. Лисина, Я.Л.Коломинский, Е.Е.Кравсова, Е.О.Смирнова) ҳаматарафа омӯхта қайд кардаанд. Дар давраи омодагӣ ба мактаб ба кӯдакон на танҳо тарзи муошират, балки муошираті маданӣ, тарзи бо калонсолон ва ҳамсолон муносибат карданро тарбия намудан лозим меояд. Ҳангоми муошират ва муносибати ҳамкорӣ бо калонсолону ҳамсолон тасаввуроти бача дар бораи олами ихотакарда бой мегардад, тарзи бо ашёҳои таълимӣ муносибат карданро ёд мегирад, нуқсонҳои нутқиаш бартараф шуда, захираи луғавиаш зиёд мешавад. Ин имкон медиҳад, ки бача фикрашро пайдарпай баён кунад ва одобу маданияти суханрониро омӯзад.

Тайёрии эмотсионалӣ – иродавӣ аз кӯдак идора карда тавонистани ҳаяҷон, асабоният, ҳолатҳои аффективӣ, кайфияти рӯҳӣ ва кувваи иродавиро талаб мекунад. Кӯдак ҳамон вақт аз ҷиҳати эмотсионалӣ-иродавӣ ба мактаб тайёр мешавад, ки агар дар вай маҳорати мақсадгузорӣ, қарор қабулкунӣ, амалашро

ба нақша гирифтан, барои иҷрои он кӯшиш кардан, душвориҳои ба вуҷуд омадаро бартараф кардан ташаккул ёбад.

Олимон ва кормандони таълимгоҳҳо сабабҳои аз таълими мактабӣ саркашӣ кардани кӯдаконро тадқиқ намуда, ба чунин хулоса омаданд:

а) То ба мактаб омадан кӯдак ҳаёти мактабиро ба таври худ тасаввур мекард. Вақто, ки ба мактаб омада бо ҳақиқат рӯ ба рӯ мешавад, муносибаташ ба таълим ва мактаб тағйир ёфта, дилсардӣ ва ноумедӣ дар бағча мушоҳида мешавад. Зеро фаъолияти таълимӣ аз бача риояи қоидаи талабагиро талаб мекунад;

б) Ҳаёти мактабӣ аз бача ӯувваи иродавии доимиро талаб мекунад. Чунки дар оила ва кӯдакистон ба вай дар бораи маҳдудияти хоҳиш ва бартарафкунии душвориҳоро ёд надодаанд;

в) Бача то ба мактаб омадан тасаввуроташ нисбати таълим ва мактаб манфӣ буд, ба монандӣ: «Дар мактаб адаби туро медиҳанд»;

г) Бачаи эрка ва якрав эродҳо ва танқиди муаллимро касаливор аз сар мегузаронад, аз ин рӯ, аз мактабравӣ саркашӣ мекунад;

д) Вакто, ки бача ҳолатҳои эмотсионалиаш гиря, дод задан, ҳолати асабонишавиро идора карда натавонад, худашро дар ҳолати ногувор ҳис мекунад. Ҳар як ноомади кори ӯ боиси асабонӣ, нобовариро нисбат ба қувваш ҳис мекунад. Махсусан, бачаҳое бо дасти чап менависанд, гирифтори бемориҳои ҷунун (невроз), туткулок (эпилепсия), сакав (забонгирӣ), тарсончак ва ғайраҳо шуда метавонанд. Кӯдаконе, ки ба модари худ дилбастагии сахт доранд, ҳангоми аз онҳо дар вақти муайян дур шудан, ғамгин шуда кайфияти руҳиашон паст мешавад. Ин кӯдакон бояд таҳти назорати доимии кормандони тиб ва психологони мактаб қарор гирифта, бо онҳо корҳои фардӣ баранд. Зеро онҳо ба таълими мактабӣ бе тайёрии эмотсионалӣ омадаанд. Аз ин рӯ, ба бача машқҳои худоромкуниро ба монанди худ ба худ гуфтанӣ: «ҳамааш хуб мешавад, ҳозир ин ҳолат мегузарад, ман ором мешавам» ва ғайраҳоро ёд додан лозим аст. Дар ҳолати бо ягон сабаб гиря кардан машқи оддитарини нафаскашӣ, ба монанди, 10 маротиба нафаси чуқур кашидан ва нафасбаровардан ро омӯзонидан аз аҳамият холӣ нест.

Тайёрии умумии бачаро ба мактаб як қатор психологон (Божович Л.М., Давидов В.В.) тарафдорӣ карда онро ба дараҷаи баланди инкишофи ақлӣ, маънавӣ, иродавии кӯдакон алоқаманд мекунанд. Ин тайёриро кӯдак дар оила, аз таҷрибаи ҳаррӯзаи ҳаётӣ, ҳангоми ҳамкорӣ бо калонсолон, махсусан бачагони мактабхони хонавода мегирад. Тайёрии умумии бача дар кӯдакистон дар рафти машғулиятҳои таълимӣ, ҳангоми сайругашт ба табиат, саёҳат ба ҷойҳои таърихию осорхонаҳо, бозиҳои серҳаракату нақшофарӣ, таълимию саҳнагардонидашуда ва ғайра мегузарад.

Дар рафти ҳамкорӣ ва муошират бо калонсолон кӯдак дониш ва тасаввуроташро оид ба ашё ва ҳодисаҳои олами иҳотакарда, табиат ва тағйироту дигаргуниҳои он бой гардонида, хусусият, алоқа ва муносибатҳои байниҳамии онҳоро дониста мегирад.

Рафтору кирдорашро идора карда маънаван инкишоф меёбад. Нисбати одамони калонсолу хурдсолон ва табиат ғамхорӣ карда, ба қадри меҳнатӣ калонсолон мерасад. Расму оинҳо ва анъанаҳои миллии тоҷикиро омӯхта, бо таърих ва каҳрамониҳои он шинос шуда, нисбати Ватанаш ҳисси меҳру муҳаббатро пайдо мекунад.

Бо истифода аз нақшаи тартибдодаамон, бо мақсади мушоҳида намудани инкишофи иҷтимоии кӯдакон тадқиқотамонро дар кӯдакистони шаҳри Душанбе гузаронидем. Барои нишон додани ҷараёни инкишофи иҷтимоии кӯдакон мо тасмим гирифтем, ки тадқиқоти худро дар моҳҳои сентябр ва октябри соли 2019 ва февралу марти соли 2020 гузаронем. Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мади аввал мо ба масъалаи «Кӯдак бо ҳамсолонаш муошират мекунад, тайёр аст, ки ба онҳо чизҳои худ (бозича, хӯрок ва ғайра)-ро диҳад, ба ҳамсолонаш ёрӣ медиҳад, агар онҳо ғамгин бошанд, тасалло медиҳад» равона шуд.

Натиҷаҳоро таҳлил намуда мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот танҳо 32,1 % кӯдакон метавонистанд, ки бо ҳамсолонаш муошират кунанд, тайёранд, ки ба онҳо чизҳои худ (бозича, хӯрок ва ғайра) – ро диҳанд, ба ҳамсолонашон ёрӣ диҳанд, агар онҳо ғамгин бошанд, тасалло диҳанд. Баъди шаш моҳ дар боғча

тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2020 мо мушоҳида намудем, ки қисми бештари онҳо (59,8 %) метавонистанд, ки бо ҳамсолонаш муошират кунанд, тайёранд, ки ба онҳо чизҳои худ (бозича, хӯрок ва ғайра)-ро диҳанд, ба ҳамсолонашон ёрӣ диҳанд, агар онҳо ғамгин бошанд, тасалло медиҳанд. Дар охири тадқиқот мо кӯдаконеро пайдо накардем, ки бо ҳамсолонаш муошират намекунад, ба онҳо чизҳои худ (бозича, хӯрок ва ғайра) – ро намедиҳад, ба ҳамсолонаш ёрӣ намедиҳад, агар онҳо ғамгин бошанд, тасалло намедиҳад. Ин ҳама маълумотҳо боз ҳам нишонаи аз нигоҳи иҷтимоӣ дар ин муддат инкишоф ёфтани кӯдакон аст.

Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мади дуюм диққати мо ба масъалаи «Кӯдак кунҷкоб аст, бозичаҳои нав, китобча ва бозиҳо диққати ӯро ҷалб мекунанду хурсанд мешавад, ӯ саволҳо медиҳад» равона шуд.

Натиҷаҳоро таҳлил намуда мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот 48,8 % кӯдакон кунҷкобанд, бозичаҳои нав, китобча ва бозиҳо диққати онҳоро ҷалб мекунанду хурсанд мешаванд, онҳо саволҳо медиҳанд. Баъди шаш моҳ дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2020 мо мушоҳида намудем, ки қисми бештари онҳо (60,3%) кӯдакон кунҷкобанд, бозичаҳои нав, китобча ва бозиҳо диққати онҳоро ҷалб мекунанду хурсанд мешаванд, онҳо саволҳо медиҳанд. Маводҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки аз нигоҳи иҷтимоӣ кӯдакон дар ин муддат инкишоф ёфтанд.

Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мади дигар диққати мо ба масъалаи «Кӯдак ҷанҷолӣ нест, аз нокомиҳои дигарон хурсанд намешавад, дигар кӯдаконро намезанад» равона шуд.

Натиҷаҳоро таҳлил намуда мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот 45,8 % кӯдакон ҷанҷолӣ нестанд, аз нокомиҳои дигарон хурсанд намешаванд, дигар кӯдаконро намезананд. Баъди шаш моҳ дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2020 мо мушоҳида намудем, ки қисми бештари онҳо (63,3 %) ҷанҷолӣ нестанд, аз нокомиҳои дигарон хурсанд намешаванд, дигар кӯдаконро намезананд. Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки аз нигоҳи иҷтимоӣ кӯдакон дар ин муддат инкишоф ёфтанд.

Мушоҳидаҳои мо ва таҳлили маводҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки дар давоми шаш моҳи тадқиқоти гузарондаи мо кӯдакони дар боғча тарбиягиранда аз нигоҳи иҷтимоӣ инкишоф меёбанд, яъне фарзияи тадқиқоти мо «Ҷомеа қодир аст, ки ҳаёти иҷтимоии кӯдаконро омӯзаду инкишоф диҳад” тасдиқ гардид. Дар ҳақиқат, агар кӯдакони синну соли томактабӣ дар боғчаҳои кӯдакон дар зери тарбияи мутахассисони соҳибкасб қарор дошта бошанд, аз нигоҳи психологӣ онҳо инкишоф меёбанду ба фаъолияти мактабӣ бештар омода мегарданд.

**АДАБИЁТ**


1. Божович Л.И. Личность и её формирование в детском возрасте.
М.: Просвещение, 1968.
2. Люблинская А.А. Детская психологии. - М. Просвещение, 1971. – 124 с.
3. Мустафокулов Т., Нарзуллоева М. Асосхои психологияи синнусолӣ ва педагоги, Кӯлоб, 1993. – 345с.
4. Нарзуллоева М. Баъзе хусусиятҳои инкишофи психологии бачагони синни томактабӣ. – Душанбе, 1995. – С.102
5. Нарзуллоева М. Давлатова Н. Бозиҳои миллии тоҷикӣ дар боғчаи бачагон. – Кулоб, 1993.
6. Нарзуллоева М. Нақши падару модар дар ташаккули характери кӯдакон.// Ҷиҳатҳои пешгирии хушунат: таҳлили вазъият, таҷрибаи кор, роҳҳои ҳалли масъала. – Душанбе, 2005.
7. Нарзуллоева М, Ғуломова Н. Шинос намудани кӯдакони синни томактабӣ бо фаслҳои сол. - Душанбе, 2006.
8. Оила ва кӯдакистон: чӣ тавр кӯдакро ба мактаб омода намуд./ Маҷмуи мақолаҳо. - Душанбе, 2006.
9. Проблемы развития раннего детства в Республике Таджикистан. - Душанбе, 2006.
10. Развитие восприятия в раннем и дошкольном детстве. /Под.ред. Запорожца А.В., Лисиной М.И. – М. Просвещение, 1966. – 215с.


## ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОН

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи зуҳуроти хусусиятҳои психологии иҷтимоишавии кӯдакон ва тадқиқи онҳо меравад. Қайд карда мешавад, ки масъалаи ҳаёти иҷтимоии кӯдакон дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим ва доимии фарҳанг ва ҷамъият мебошад. Аз ин рӯ, ҳалли он вазифаи рӯзмарраи психологҳо, сотсиологҳо ва педагогҳо мебошад. Мақолаи мазкур ба тадқиқи ҳаёти иҷтимоии кӯдакон дар оила равона шудааст, ки ба ҳаёти оилавии одамони синну соли гуногуни ҷомеа таъсирбахш мебошад. Ин масъала дар тарбияи насли рӯҳан солим нақши муҳим мебозад. Кӯдаки хурсанду солим нишонаи ободӣ ва хушбахтии оила аст. Масъалаи омӯзиши ҳаёти иҷтимоии кӯдакон ҳамчун унсури пешрафти шахс ва ҷомеа дар илмҳои психология ва педагогика мавриди

омӯзиш қарор гирифтааст. Чун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва тадқиқи амалии ин масъала ба таври васеъ ба роҳ монда нашудааст, мо дар кори худ бештар аз адабиётҳо ва натиҷаи тадқиқотҳое истифода бурдем, ки дар дохил ва хориҷи кишвар гузаронида шудаанд. Мушоҳидаҳои мо ва таҳлили маводҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки дар давоми шаш моҳи тадқиқоти гузарондаи мо кӯдакони дар боғча тарбиягиранда аз нигоҳи иҷтимоӣ инкишоф меёбанд, яъне фарзияи тадқиқоти мо «Ҷомеа қодир аст, ки ҳаёти иҷтимоии кӯдаконро омӯзаду инкишоф диҳад” тасдиқ гардид. Дар ҳақиқат, агар кӯдакони синну соли томактабӣ дар боғчаҳои кӯдакон дар зери тарбияи мутахассисони соҳибкасб қарор дошта бошанд, аз нигоҳи психологӣ онҳо инкишоф меёбанду ба фаъолияти мактабӣ бештар омода мегарданд.

**Калидвожаҳо:** тадқиқоти психологӣ, кӯдак, иҷтимоишавӣ, боғча, ташхис, тарбия, инкишоф.

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СОЦИАЛИЗАЦИИ ДЕТЕЙ

В данной статье речь идёт об исследовании проявления психологических особенностей социализации детей. Отмечается, что проблема социализации детей является одним из постоянных и важных в культуре и обществе. Поэтому этот вопрос является повседневной проблемой для психологов, сотсиологов и педагогов. Данная статья направлена на исследование социализации детей в семье и обществе, так как данная проблема влияет на всех членов семьи и общества. Решение проблем социализации детей способствует целенаправленному воспитанию подрастающего поколения. Счастливый ребёнок в семье, является признаком благополучия семьи. Проблема исследования социализации детей изучаетя как компонент успешного становления личности в психологической и педагогической науке. Так как данная проблема в Республике Таджикистана недостаточно изучена, мы в своем исследовании ориентировались на зарубежные литературы. Наши наблюдения и анализ полученных данных показывают, что в течении шести месяцев, которые продолжались эксперименты у детей воспитывающихся в детском саду, более блогополучнее развивалась социализация. Таким образом, наша гипотеза потвердилась, что общество способна развивать процесс социализации. Если дети будут воспитываться под руководством профессиональных специалистов, тогда эмоциональная жизнь у них становится более благополучным.

**Ключевые слова:** психологое исследование, ребенок, общество, социализация, детский сад, диагностика, воспитание, развитие.

## PSYCHOLOGICAL FEATURES OF CHILDREN'S SOCIALIZATION

This article deals with the study of the manifestation of psychological features of socialization of children. It is noted that the problem of socialization of children is one of the permanent and important in culture and society. Therefore, this issue is a daily problem for psychologists, psychologists and teachers. This article is aimed at studying the socialization of children in the family and society, as this problem affects all members of the family and society. Solving problems of socialization of children contributes to the purposeful upbringing of the younger generation. A happy child in the family is a sign of the well-being of the family. The problem of research of socialization of children is studied as a component of successful formation of personality in psychological and pedagogical science. Since this problem is not sufficiently studied in the Republic of Tajikistan, we focused on foreign literature in our research. Our observations and analysis of the data obtained show that during the six months that the experiments lasted, children brought up in kindergarten developed socialization more poorly. Thus, our hypothesis is confirmed that society is able to develop the process of socialization. If children are brought up under the guidance of professional specialists, then their emotional life becomes more prosperous.

**Keywords:** psychological research, child, society, socialization, kindergarten, diagnostics, education, development.

**Сведения об авторе*: Нурии Накибулло*** – магистр второго курса специальности психологии факультета философии ТНУ, Тел.: **917 88 80 81**

**Information about the author:** ***Nurii Nakibullo*** – second-year master's degree in psychology, faculty of philosophy, TNU, Tel.: **917 88 80 81**

# ФИЛОЛОГИЯ – ФИЛОЛОГИЯ – PHILOLOGY

## СОВРЕМЕННАЯ ДИНАМИКА КОНЦЕПТА "БЕРЕЖЛИВОСТЬ" В РУССКОЯЗЫЧНОЙ КАРТИНЕ МИРА

*Алиева Гулафзо*
**Таджикский национальный университет**

Разразившийся в Западном мире и аукнувшийся в России финансовый кризис заставил отечественного обывателя, мягко говоря, усомниться в превосходстве «их» модели экономического поведения, которая активно пропагандировалась у нас финансовыми гуру. А ученые получили еще один повод глубже изучить психологию экономического поведения людей, как с точки зрения национальной специфики, так и с точки зрения глобальной интеграции. Известный вклад в решение этого вопроса могут сделать (и делают) лингвистические исследования, учитывая, что когнитивные процессы человеческого познания, отражая окружающую действительность, проецируются в языке в виде опосредованной картины мира.

Таковой выступает языковая картина мира, которую более точно можно определить как «совокупность зафиксированных в единицах языка представлений народа о действительности на определенном этапе развития народа, представление о действительности, отраженное в значениях языковых знаков - языковое членение мира, языковое упорядочение предметов и явлений, заложенная в системных значениях слов информация о мире» [2, с. 54]. Таким образом, язык предстает как материал и как средство анализа когнитивных представлений, или концептов.

Экономическое поведение человека «обслуживается» огромным арсеналом концептов, в том числе такими концептами-оппозициями, как богатство – бедность, жадность – щедрость, доход – расход, бережливость – расточительность, а также отдельными концептами-терминами: деньги, валюта, пенсия, льгота и т.д.

В рамках данной статьи предлагается сопоставительный анализ оппозиции концепта *бережливость* с учетом динамики движения когнитивных признаков в структуре концепта под влиянием меняющихся внешних стимулов. В качестве языкового материала были рассмотрены прямые номинации концепта, его производные, контекстуальные синонимы, устойчивые сочетания, фразеологические обороты, паремиологический материал.

В оценочную зону входят как положительная атрибуция (похвальная *бережливость*), так и отрицательная - в случае излишней бережливости, граничащей со скупостью (вызывающие раздражение прижимистость и крохоборство), а также вынужденной экономии. На сегодняшний день (судя по отзывам носителей языка), отрицательный фон оценочной зоны концепта усилился вследствие негативных эмоциональных переживаний (опасения, беспокойства за судьбу своих сбережений) из-за финансового кризиса. Утилитарная зона концепта также не обнаруживает значительных расхождений: бережливость нужна для поддержания благосостояния и, как следствие, счастливого спокойного существования.

Национальные особенности в восприятии бережливости выявляются при анализе социально-культурной зоны концепта. Наибольший контраст дает сравнение по признаку расположенность к бережливости, умение разумно тратить. В русскоязычном концепте отмечается неумение русских правильно тратить деньги, что приписывается как к национальной черте русского характера, так и к отсутствию традиции учить разумно распоряжаться своими средствами.

Между тем, анализ паремиологической зоны концепта выявил, что бережливость ценится как важное качество человека в русскоязычной культуре (*Запас карман не тянет, Деньги счет любят*). Кроме того, *бережливость* чаще всего ассоциируется с методичным сберегательным поведением «копить понемногу» *(Копейка к копейке - проживет и семейка*) и «копить за счет сокращения расходов» (*По одежке протягивай ножки*).

Анализ классификационных признаков концепта бережливость (на материале отобранных лексических единиц, включая ФЕ) позволил выделить следующие признаки:

1) незначительные траты, экономия (экономия, экономичность, бережливость, бережь, умеренность);

2) осторожность (осторожный, осмотрительный в тратах, недоверчивый (клиент));

3) запасливость (запасливый, рачительный, заначка, Плюшкин);

4) нежелание отдавать деньги (в английском языке этот признак имеет более обширную лексическую представленность) (прижимистый, крохобор, скряга);

5) умение считать, рассчитывать выгоду (расчетливый, практичный).

Интересно, что в русском языке в ближнюю периферию концепта входит и признак значимости бережливости для дома, семейного хозяйства (хозяйственный, крепкий хозяин, рачительный, домовитый).

Вместе с тем, в русском языке обнаруживаются пословицы, которые передают такие русские черты национального характера, как фатализм, терпимость к недостаткам, в том числе и расточительству (*Как не беречься, а видно ожечься, Дано добро - и нажить и прожить, Отцам копить, а деткам сорить*).

Исследование классификационных признаков русскоязычного концепта расточительность позволило выделить следующий ряд:

1) отсутствие экономии (небережливый, проматывать, переводить, растрачивать);

2) наличие богатства (*денег куры не клюют, беситься с жиру*);

3) вынужденная расточительность (угрохать, раскошелиться, издержаться);

4) разрушительность (спустить, просадить, прожечь);

5) глупость и легкомысленность (транжирить, просвистеть, сорить деньгами, пустить на ветер);

6) щедрость (*расщедриться, с барского плеча, «гулять так гулять»*).

В русском языке также выделяется признак, уточняющий, на что именно тратиться большие средства; обычно этот признак представлен глаголами с приставкой про- (*проесть, прогулять, пропить*).

Таким образом, проведенный анализ наглядно демонстрирует преобладающее совпадение в структурах рассматриваемых концептов в англоязычной и русскоязычной культурах, что отражает общую для наших культур систему общественных и нравственных ценностей. Однако немногочисленные расхождения, наблюдаемые в основном в интерпретационных зонах концептов, выделяются по своей яркости и приближенности к ядру и, как следствие, выступают в качестве ведущих признаков при апелляции к данным концептам.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Абрамов Н. Словарь русских синонимов и сходных по смыслу выражений. - М.: Русские словари, 1994. - 524 с.
2. Попова З.Д. Когнитивная лингвистика / З.Д. Попова, И.А. Стернин. - М.: АСТ: Восток-Запад, 2007.
3. Пословицы и поговорки. - Мн.: Харвест; М.: ООО «Изд-во АСТ», 200. - 320 с.

**СОВРЕМЕННАЯ ДИНАМИКА КОНЦЕПТА "БЕРЕЖЛИВОСТЬ" В РУССКОЯЗЫЧНОЙ КАРТИНЕ МИРА**

Данная статья анализирует концепт *бережливость* в русскоязычной и культуре, выявляя динамику движения когнитивных признаков в структуре концептов под влиянием экономических изменений последних лет. Национальные особенности в восприятии бережливости выявляются при анализе социально-культурной зоны концепта. Наибольший контраст дает сравнение по признаку расположенность к бережливости, умение разумно тратить. В русскоязычном концепте отмечается неумение русских правильно тратить деньги, что приписывается как к национальной черте русского характера, так и к отсутствию традиции учить разумно распоряжаться своими средствами.

**Ключевые слова:** бережливость, концепт, признак, русский язык, анализ, интерпретация, контраст, национальная черта, русский характер, средства, умение, социальный слой.

**ДИНАМИКАИ МУОСИРИ КОНСЕПСИЯИ "ЭҲТИЁТКОРӢ" ДАР ТАСВИРҲОИ ДУНЁ**

Дар ин мақола мафҳуми сарфа дар забони русӣ ва фарҳангӣ таҳлил шуда, динамикаи хусусиятҳои маърифатӣ дар сохтори консепсияҳо дар зери таъсири тағироти иқтисодӣ дар солҳои охир инъикос ёфтааст. Хусусиятҳои миллӣ дар дарки сарфакорӣ дар таҳлили минтақаи иҷтимоию фарҳангии консепсия зоҳир карда мешаванд. Тафовути бузургтарин тавассути муқоиса дар заминаи ихтилоф ба сарфакорӣ ва қобилияти сарфакорона сарф кардан дода мешавад. Консепсияи забони русӣ имконнопазирии русҳоро барои дуруст сарф кардани пул қайд мекунад, ки ин ҳам ба хати миллии характери рус ва ҳам набудани анъана дар омӯзонидани оқилона идора кардани маблағҳояш вобаста аст.

**Калидвожаҳо:** сарфа, мафҳум, аломат, забони русӣ, таҳлил, тафсир, контраст, хислатҳои миллӣ, хислати русӣ, воситаҳо, қобилият, қабати иҷтимоӣ.

**MODERN DYNAMICS OF THE CONCEPT "THRIFT" IN THE RUSSIAN-LANGUAGE PICTURE OF THE WORLD**

This article analyzes the concept of thrift in the Russian language and culture, revealing the dynamics of the movement of cognitive features in the structure of concepts under the influence of economic changes in

recent years. National features in the perception of thrift are revealed in the analysis of the socio-cultural zone of the concept. The greatest contrast is given by comparison on the basis of disposition to thrift, the ability to spend wisely. Russian Russian-language concept notes the inability of Russians to spend money correctly, which is attributed both to the national trait of the Russian character, and to the lack of tradition to teach reasonable disposal of their funds.

**Keywords:** thrift, concept, sign, Russian language, analysis, interpretation, contrast, a national trait of the Russian character, means, ability, social class.

**Сведения об авторе:** ***Алиева Гулафзо*** **–** магистрант второго курса факультета филологии Таджикского национального университета

**Information about the author:** ***Alieva Gulafzo*** **–** second-year master's student of the faculty of Philology of the Tajik National University

# ВИЖАГИҲОИ МАЪНАВӢ ВА МАВЗӮИИ АШЪОРИ ДАВЛАТИ РАҲМОНИЁН

***Бегонова С.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Давлати Раҳмониён яке аз шоироне мебошад, ки дар ашъораш тозагӯиҳо, тасвирҳои ҷолибу обнахӯрда, образофариниҳои нав ба назар мерасад. Бо истеъдоди хеш дар қатори адибони давраи нав мақоми хос касб кардааст.

Ҳар як нозиму носир сабку услуби хос ва фарқкунанда дорад. Ҳангоми мутолиа, ҷустуҷӯ ва тадқиқотҳо дар мавриди асари нависанда ва ашъори шоир мо бо вижагиҳои маънавӣ, мавзӯӣ ва услубии осори онҳо шинос мешавем. Тадқиқот бо дарку фаҳми осори адиб ба итмом намерасад. Агар пажӯҳишгар ё хонанда аз аҳли улум бошад, эҷодиёти адибро дар баробари омӯхтан бо офаридаҳои дигар адибон қиёс намуда, арзиши аслӣ, мартабаи адиб ва дараҷаи фаҳми ӯро муайян мекунад.

Ашъори Давлати Раҳмониён низ аз тарафи адибон мутолиа гардида, мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Чунончӣ Ҷамолиддин Саидзода иброз медоранд:

«Давлати Раҳмониён кам сухан мегӯяд, аммо қаламаш пухтаву таҳдору парварда аст, диққатро талаб мекунад, зеро ӯ ба зиндагӣ ва шеър нигоҳи хос дорад. Зебоиро дар ғаробат мепажӯҳад. Аз сухани каммоя, сабуку қолабӣ ҳароина парҳез мекунад. Ӯ худро ҳеҷ гоҳ ба шеър гуфтан маҷбур наменамояд, балки аз рӯйи илҳом, дар ҳолати муайян, баҳри мақсаду мароми вижа сухан мегӯяд ва як сабаби камсуханиаш ҳам дар ҳамин аст, ки фармудаҳои дилро берун мерезад» [9, с.12].

Дар кадом жанри адабӣ набошад ҷой додани маънии баланд аз ҳунари волои эҷодкор дарак медиҳад. Рустам Ваҳҳобзода шоир ва мунаққиди нуктасанҷ дар «Шеър ва дониш» дар ин маврид чунин мегӯянд:

«Бояд гуфт, ки гурӯҳе аз мардум чунин гумон доранд, ки вазифаи шоир ҳар чи печида ва пинҳон кардани маънои шеър аст ва маъно ҳар қадар печидаву нуҳуфта бошад ҳам, худи ин маъно ва ҳам шеър ҳамон андоза арзишманд мешавад. Борҳо мушоҳида шудааст, ки ин тоифа ҳатто вақте шеър ё байти мавриди суолашон шарҳу маъно мешавад ва хостаи соҳиби он сухан ба равшанӣ ва содагӣ барояшон шарҳу тавзеҳ дода мешавад, як навъ эҳсоси ноқаноатмандӣ мекунанд, на аз он ки ин шарҳу тавзеҳро намепазиранд, балки ба хотири он ки «тилисм» шикаста шудааст ва дигар ин байт ё шеър он ҷаззобияти тилисмгунаро надорад. Аммо шеър тилисму муаммо нест» [5, с.54].

Дар осори шоирону нависандагон дар баробари офаридани образҳои ҷолиб, маънии баланд, интихоби мавзӯъ низ яке аз хусусиятҳои эҷод бояд ба назар гирифта шавад. Ҳар адиб мавзӯъҳоеро интихоб мекунад, ки мувофиқи табъу завқи хонанда ва мутобиқ ба замону то қадри имкон дархури ҷомеа бошад. Рустам Ваҳҳобзода доир ба мавзӯъҳои шеърӣ чунин ибрози ақида намудаанд:

«Мавзӯъҳои ҷовидонии шеър дар заминаи мазмунҳои гуногун парвариш ва таҷассуми бадеӣ ёфтаанд. Ба фазилати густурдагӣ ва фаровонии мазмун (образ, асотир, воқеа, тамсил…умуман, зарф) идомаи бепоёни умри мавзӯъҳои адабиёт (мавзӯъҳои ҷовидонӣ) муяссар мегардад» [5, с.57].

Давлати Раҳмониён ҳам дар офаридани маънӣ ва ҳам дар интихоби мавзӯъ маҳорати баланди эҷодӣ нишон додааст. Мавзӯъҳои ашъори ӯ аз ҳаёти рӯзмараи халқи тоҷик маншаъ гирифта, роҳнамою маърифатбахши хурду калон мебошад.

Ашъори Давлати Раҳмониён дар мавзӯъҳои: ишқ, модар, танҳоӣ, ғам, зиндагӣ, фаслҳои сол, гузашти айём ва ғайра эҷод шудаанд. Мо интихобан мавзӯъҳои ишқ, модар, танҳоӣ ва ғамро мавриди таҳлил қарор хоҳем дод.

**А)** ***Мавзӯи ишқ***

Ишқ эҳсоси баланди эмотсионалие мебошад, ки ғайричашмдошт ба вуқуъ мепайвандад. Зинаи пасттарин ва нишонаҳои аввалини ишқ ба чизе ё нафаре, мухотабе майлу рағбат пайдо кардан, ки ба меҳр табдил меёбад, меҳр ки зиёда гашт ба ишқ мубаддал мегардад. Мафҳуми ишқ васеъ аст ва нисбат ба Ватан, ба волидайн, ба касб ва ба инсон инъикос меёбад. Инчунин ишқро ба заминию осмонӣ ҷудо мекунанд: ишқи заминӣ нисбат ба ашёву ашхоси рӯйи замин, ишқи осмонӣ нисбат ба мухотаби худ Худои яккаву ягона. Бо вуҷуди ин фарзияе низ вуҷуд дорад, ки мегӯянд: «Заминаи ишқи осмонӣ ишқи заминӣ мебошад». Баъзеҳо дар ҳақиқат ошиқанд, лек худ инро пай набурдаанд, бархеи дигар мехоҳанд ошиқ шаванд лекин ишқ гуфтанӣ эҳсосро ҳатто дарк намекунанд.

Дар радифи гуфтаҳои боло зикр кардан бамаврид аст, ки мавзӯи ишқ дар осори адибону эҷодкорон мавзӯи меҳварӣ маҳсуб мешавад. Ҳар адиб бо тарзи ба худ хос ишқро тавсиф мекунад. Дар тӯли қарнҳо шоирону нависандагони форсу тоҷик ишқро васф мекарданд. Аммо баъзе матлаби хешро бо маънии аслӣ содаву равон баён мекарданд, баъзеи дигар мақсади худро бо рамз ифода мекарданд. Қисме аз адибон худро аҳли риё мешумурданду қисми дигар аз аҳли тасаввуф, орифон буданд.

Рустам Ваҳҳобзода мегӯяд:«Ғами ишқ» яке аз ҷовидонатарин мавзӯъҳои адабиёт аст ва бо таваҷҷӯҳ ба ашъори шоиронаи орифмашраб ин мавзӯъ дар кул ва навъи маърифати онҳо аз олами вуҷуд ва муроди ҳастӣ мебошад» [5, с.57].

Дар ашъори Давлати Раҳмониён низ мавзӯи ишқ ҷойгоҳи махсус дорад. Бо таҳлили чанде аз шеърҳои ба ин мавзӯъ марбут ҳадафи шоирро муайян кардаву гуфтаҳои хешро пурратар мегардонем, чун намуна шеъри «Ошиқистон»-ро таҳлил хоҳем кард:

То тулӯи тоза бовар мешавад,
Субҳ дар хуни шафақ тар мешавад.
Бо шабе,ки орзуро пир кард,
Нак ҳисоби ман баробар мешавад.
Чун саҳар сар мекашам аз чоки ҷайб,
Дар сарам ғавғои маҳшар мешавад.
Сад вилоят ишқ месозам бино,
Ошиқистон номи кишвар мешавад.
Тарҳи ҷуғрофии мулки ишқи ман,
Нақши гулдӯзии дилбар мешавад.
Корҳо саҳланду ёрон низ аҳл,
Бо Худованде, ки ёвар мешавад.
То паронам ҷониби кӯйи мурод,
Рӯйи дастам дил кабӯтар мешавад.
Номаи ман мерасад рӯзе ба ёр
Ишқ бовар, ишқ бовар мешавад! [8, с.5].

Калимаҳои қофияи шеър: бовар, тар, баробар, маҳшар, кишвар, дилбар, ёвар, кабӯтар мебошанд. «Мешавад» радифи шеъри мазкур аст. Адиб дар шеъри «Ошиқистон» дар тавсифи ишқ чунин гуфтааст: то дами субҳи содиқро аз козиб фарқ кардан ва ба тулӯъ бовар кардан лаҳзае нагузашта мебинӣ ки аллакай ғуруб офтоби шӯълаварро ба гӯшаи пинҳонӣ кашид. Шаб фаро мерасаду орзуи навро пир мекунад, акнун вақташ фаро расидааст, ки ҳисобро баробар кунем. Ба монанди саҳар тулӯъ мекунам ва сад вилояти ишқ бунёд кардаву номи кишварро Ошиқистон мегузорам. Нақшаи ҷуғрофии давлати навбунёдро бо гулдӯзиҳои дилбарам оро медиҳам. Корҳо осон мегарданду ёрон ки аҳл ҳастанд, дар барамон хоҳанд шуд, албатта бо хости Худованд. Дар мавриде, ки ба ҳадафи аслии худ наздик мешавам дил ба рӯйи дастам кабӯтар мегардаду ба сӯйи қуллаи мурод парвоз мекунад.

Дар шеър санъатҳои бадеӣ бо тафсил ифода шудаанд: «субҳ дар хуни шафақтар шудан» - тавсиф, маҷоз, «шабе ки орзуро пир кард» - маҷоз, ташхис, «сад вилоят ишқ бино кардан» - тавсиф, маҷоз, муболиға, «дил кабӯтар шуда» - тавсиф маҷоз.

**Б)** ***Мавзӯи модар***

Модар шахси азизтарин барои ҳар фард ба шумор меравад. Қадрашро донистану ҳурматашро ба ҷо овардан, барои фарзандони содиқ фарз аст. Ҳар

қадаре ки хизмати модарро ба ҷо биёрем, дар ивази корҳое ки ба хотири мо кардааасту муҳаббатеро, ки ба мо арзонӣ додааст,навозишҳои ҳаррӯзае, ки нисорамон намудааст, месазад ки хоки қудуми модарро ба дидагон тӯтиё кунем. Ҳама эҷодкорону адибон модарро сутудаанд.

Давлати Раҳмониён низ модарро дар чанде аз ашъораш ситоиш карда, саногӯи модарон будани хешро собит намудааст. Тавре дар шеъри «Ночор» шоир хонаи фақиронаи модарро тасвир кардааст, ки ҷолиби диққат аст:

Ҳавои абрӣ оҳам тоза дорад,
Худоё, боми модар мечакад боз,
«Ҳама тар шуд бачам!» дар тӯли борон
Ба гӯшам мерасад аз гӯши овоз.
Аз ин овоз меларзад дили ман,
Қатори дасти кӯтоҳе, ки дорам.
Биронад, кони абр аз боми модар,
Ҳамин оҳе, ҳамин оҳе, ки дорам [8, с.71].

Муаллиф бо таассуф мегӯяд: ҳаворо абр фаро гирифт ва аз дил оҳи сарде баромад. Аз ташвише ки боми хонаи модар мечакад, боз инони ихтиёрамро аз даст додам. «Ҳама тар шуд бачам!» гуфтанҳои модарам ба гӯш мерасад. Аз ин садо дилам ба ларза медарояд. Эй кош дастони кӯтоҳи ман ба осмон бирасад то абрҳоро аз рӯйи боми модар биронам ва ба оҳи сабуке эҳсоси хушнудӣ кунам.

Дар шеър санъатҳои таносуби сухан, тавсиф (васфи хонаи фақиронаи модар), маҷоз, ташхис (ларзидани дил) истифода шудаанд. Дар бораи модар чи қадаре ки ҳарф занем кам аст, ҳар қадаре ки ситоишаш кунем, боз ҳам ҳисобӣ нест.

**В)** ***Мавзӯи танҳоӣ***

Танҳоӣ ҳолатест, ки ҳар нафар дар муддати муайян ба он ниёз пайдо мекунад, бисёртар дар авқоти ба ягон мушкил бархӯрд кардан ва ё дилтанг шудан, шахс танҳо будан мехоҳад. Зеро дар ин ҳангом инсон бо ботини худ дар иртибот мешавад, дар ин маврид шахс ҳар чиро ки аз сар гузаронидааст, як-як пеши рӯ оварда, варақгардонӣ мекунад. Дар бисёр маврид танҳоӣ натиҷаи манфиатбахш дода метавонад. Масалан, эҷодкорон, санъаткорон танҳоиро меписанданд, зеро дар танҳоӣ илҳом ба онҳо даст медиҳад ва ин имтиёзест, ки кори номумкинро имконпазир намоянд. Аммо на ҳама вақт танҳоӣ ба шахс фоидабахш аст, баъзан танҳоӣ сабабгори аз ҷамъият, аз наздикону пайвандон дур мондани шахс мегардад.

Инчунин донишмандону орифон ва аҳли тасаввуф ба хотири ба ҳадафи аслии хеш расидан чилла менишинанд ва дар хилвати танҳоӣ ба Парвардигори хеш роз мегӯянд. Ҳамин тариқ адибон дар бораи танҳоӣ ақидаҳои мухталиф доранд. Давлати Раҳмониён мавзӯи танҳоиро аз дидгоҳи хеш ба таври хос шарҳ додааст. Тавре дар шеъри «Сояи танҳоӣ» гуфтаанд:

Дигар зи сояи танҳои худ ҷудо нашавам,
Ҳазор ҷон биканам, бо кас ошно нашавам,
Зи ғуссаҳо, ки гирифтанд домани дили ман,
Дигар раҳо нашавам, ҳеҷ гаҳ раҳо нашавам.
Дилам бало ба бало меравад чу даст ба даст,
Бало бало нашавад, гарки мубтало нашавам.
Ба ин гирифтагӣ аз худ гурезаму роҳӣ
Шавам, валек ба ҷуз сӯйи нокуҷо нашавам
Зи хоҷаҳои маҷозӣ ба дод омадаам,
Кӣ дод медиҳад, ар бандаи Худо нашавам.
Ризои Ҳақ бикунад он чи к-аз манаш бинӣ,
Ризои ӯст, ки бо бахти худ ризо нашавам
Ҳақиқате, ки ба дил дорам ошкора мабод,
Гапи нуҳуфтаам, ай кош, бармало нашавам [8, с.63].

Калимаҳои қофия: ҷудо, ошно, раҳо, мубтало, нокуҷо, Худо, ризо, бармало мебошанд. Калимаҳои «нашавам» радифи шеъри «Сояи танҳоӣ» аст.

Шоир зикр мекунад: дигар аз сояи танҳои худ ҷудо нахоҳам шуд. Агар ҳазор ҷон биканам ҳам, бо касе ошно намешавам. Аз ғуссаҳое, ки маро дунболагиранд, ҳеҷ раҳоӣ надорам. Дилам гирифтори бало гаштааст, қалби ҳазинам гӯё аз даст ба даст рафта, ба ғам мубтало гаштааст. Ба ин афсурдагӣ аз хеш дар гурезам, вале поёни роҳе ки меравам маълум нест, ки то кучо мебарадам. Аз дасти хоҷаҳои қалбакӣ ба дод омадаам, ки то бандаи Худо набошам, касе ба додам намерасад ба ҷуз Худованд. Он кореро, ки анҷом медиҳам, ҳар амале ки аз ҷониби ман сар мезанад бо ризои Худо сурат мегирад. Худо мехоҳад, ки ман бо бахти бад қаноат

накунаму розӣ набошам. Ҳақиқате ки дар дилам маҳфуз аст, ҳеҷ гоҳ ошкор нахоҳам кард. Кош чунин шавад, ки гапи ниҳониям ҳеҷ гоҳ вирди забонҳо нагардад.

Дар шеъри «Сояи танҳоӣ» санъатҳои таносуби сухан, тавсиф, ташхис, маҷоз (гирифтани домани дил), киноя (ҷон кандан) истифода шудаанд.

**Г) *Мавзӯи ғаму дард***

Шахс чашмашро ба олами ҳастӣ бо гиря во мекунад. Гарчанде зиндагонӣ марҳилаи санҷишии инсон мебошад, ғаму шодиро баробар мебинад. Аммо аз чӣ бошад, ки рӯзҳои хушию хурсандӣ, лаҳазоти хуррамӣ дар назар зудгузар аст. Дақиқаҳои ғамангезу авқоти дилтангӣ чунон тоқатфарсост, ки гӯё соатҳову солҳост, ки дармондаву пойбандаш бошӣ. Аз ин рӯ, баъзеҳо худро сарзаниш мекунанд ва аз бахти худ меноланд, ки рӯзгор ба онҳо ғам зиёдаву хуширо андак додааст.

Инчунин шахсоне низ ҳастанд, ки агар ягон узви баданашон дард кунад ё ба беморие гирифтор шаванд, дигар ханда аз лабонашон гум мешаваду худро гирифтори ғами бузург мешуморанд ва гӯё тамоми умр хуширо надидаанд. Дар ҳоле ки ҳар кори нек подошеву ҳар дард давое дорад. Масалан, дар ҳар мушкилии пешомада ҳикмате ҳаст. Ҳама гуна масъалаву мушкилро бо диди ҳалкунанда мебояд ба назар гирифт. Хушҳолии ҳар нафар дар дасти худаш, дар ихтиёри худаш аст. Агар шахс дар ҳар кор хайре, дар ҳар мушкилӣ роҳи ҳаллеву ба ҳар дард дармонеро ҷӯё шавад, ҳатман ба ҳадаф мерасад ва аз ғаму андӯҳ ҳамешагӣ мераҳад. Дар осори Давлати Раҳмониён мавзӯи ғаму дард низ ҷойгоҳ дорад, ки бо овардани намуна аз онҳо ин мавзӯро пурратар мекунем.

«Рисолаи дард» ном гирифтааст, шеъри ба мавзӯи ғам бахшидаи шоир:

Ман доғи ҳазорсола дорам,
Дар сина мазори лола дорам.
Аз сурхии суратам ҳувайдост,
К-аз хуни ҷигар навола дорам.
Як пора маҳи шаби баҳорам,
Аз хӯрдани занг ҳола дорам.
Буғзам нашикаст дар гулӯям,
Ҳарчанд ҳавои нола дорам.
Аз сардии дил бубастаам ях,
Дар абри ду дида жола дорам.
Бар дӯши таваккул аст борам,
Худро ба Худо ҳавола дорам.
Дардам нашавад ифода дар шеър,
Ғам дархӯри сад рисола дорам [8, с.15].

Калимаҳои қофияи шеър: ҳазорсола, лола, навола, ҳола, нола, жола, ҳавола, рисола мебошанд. Радифи шеъри «Рисолаи дард» калимаи «дорам» аст. Шоир дарду ҳасрати ҳазорсола доштани худро ифшо мекунад. Гарчанде ибораи ҳасрати ҳазорсола маҷозан муболиғаомез ифода ёфтааст, хеле мавзун тасвир шудааст. Ҷаззобияти дигар дар он аст, ки: «Дар сина мазори лола дорам» гуфтани адиб, маънои онро дорад, ки лола худ ранги сурх дорад, бо ифодаи «мазори лола» дили пурхун доштани худро тасвир мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки ғаме сангин дар қалбам ошён ниҳодааст, ин дарди бедармони ман ба ҳама халқи Худо аён аст ва ҳоҷат ба баён кардани он нест. Муаллиф дар байти баъдӣ мегуяд: «К-аз хуни ҷигар навола дорам» бо истифодаи ин мафҳум ӯ гуфтан мехоҳад, ки аз рангу рӯям ба ҳамагон маълум аст, ки ҷигархунаму аз дарди ҷонсӯз нолаву фиғонам ба афлок мерасад. Дар байти сеюм Давлати Раҳмониён худро «як пора маҳи шаби баҳор» шумурдааст, ки бо истифодаи мафҳуми зикршуда мазмуни шеърро дигаргун сохтааст. Моҳро ки аввал як пора ба монанди доси дарав аст ва баъдан пурра шуда, ба муддати ду рӯз ғайб мезанад, ниҳоят бомаҳорат тасвир намудааст ва бо занг хӯрдани фулузот, ки ба нобудшавии он боис мегардад, ташбеҳ додааст. Байти дигари шеър бо мисраъи «Буғзам нашикаст дар гулӯям» оғоз мешавад, адиб гуфтан мехоҳад, ки ғаму дард то гулӯям расидааст, то ҳадде ки гиря кардан мехоҳам барои худро сабуктар ҳис кардан, ҳатто садо бароварда наметавонам. Ғаму андӯҳ гулӯямро банд карда, нафасгирам кардааст. Дар байти баъдӣ мафҳум маҷозан ифода ёфтааст. Аз зиллати бисёр ҳарорати қалб то ҳадде паст аст, ки аз сардӣ он қалби пурхун ба яхбандии шадид гирифтор шудааст ва ҳеҷ гармиеро дар худ эҳсос намекунад, ки боиси хуррамии он гардад. «Дар абри ду дида жола дорам» гуфтани адиб ашки чашмони худро, ки аз ин ҳама дарду алами беҳудуд, беист ҷорӣ мешавад, ба жола ташбеҳ додааст. Дар охир аз ҳоли зори худ афсӯс

хӯрда, оқибати корро ба Худо ҳавола мекунад. Адиб дар мақтаъ зикр мекунад, дарду ҳасрати ман беохир аст, ки дар шеър пурра ифода ёфта наметавонад, барои ифшои ҳасрати қалбаш сад рисола ҳам камӣ мекунад.

Дар аснои таҳлили ашъори Давлати Раҳмониён ба чунин натиҷа мерасем, ки ҳар сухане аз даҳони Давлати Раҳмониён берун меояд ё ҳар навиштае, ки аз қалами ӯ метаровад, ҳадафнок аст. Яъне осори адиб саршор аз бадеият, мазмунҳои баланд, тасвирҳои ҷолиб ва образҳои нав мебошад. Ҳар шеъре ки месарояд, гӯё аз қаъри дилаш баровардаву пешкаши хонгандагони асил мегардонад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуҷаббори С. Дар суроғи худ // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 7 –уми май. - № 19. – С.10.
2. Акбаров Ю. Шеъри нав – қисмати шеъри нав ва қисмати инсон. – Душанбе: Дониш,1980. – с. 140-187.
3. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав). – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672с.
4. Ваҳҳоб Р. адабиёт ва фарҳанги миллӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. – 224с.
5. Ваҳҳобзода Р. Шеър ва дониш (рисолаи илмӣ – омӯзишӣ). – Душанбе: «Адиб», 2017. – 188 с.
6. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф,1992. – 240 с.
7. Мусулмонқулов Р. Асрори сухан. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 151 с.
8. Раҳмониён Д. Қиёми рӯҳ. – Душанбе: Адиб, 2014. – 148 с.
9. Сайидзода Ҷ. Шоире аз табори баҳор ё бачаи тиллоии шаҳри муҳаббат // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 11-уми май. – №19. – С.12.
10. Тоиров У. Каломи манзум. – Душанбе: Шарқи озод, 2005. – 445 с.


**ВИЖАГИҲОИ МАЪНАВӢ ВА МАВЗӮИИ АШЪОРИ ДАВЛАТИ РАҲМОНИЁН**


Ашъори Давлати Раҳмониён дар назми муосири тоҷик ҷойгоҳи муайянеро барои худ ихтисос додаст. Ин нукта аз таваҷҷуҳи хонандагон ва пажӯҳишгарони назм ошкор аст. Бинобар ин таҳқиқи ашъори мавсуф барои ошкор кардани ҷанбаҳои қобили диққати назми муосир аз фоида холӣ нест. Дар ин мақола ба ҳамин ҳадаф кӯшиш шудааст, ки баъзе аз вижагиҳои ашъори ин шоири муосир баррасӣ гардад. Ҳар як нозиму носир сабку услуби хос ва фарқкунанда дорад. Ҳангоми мутолиа, ҷустуҷӯ ва тадқиқотҳо дар мавриди асари нависанда ва ашъори шоир мо бо вижагиҳои маънавӣ, мавзӯӣ ва услубии осори онҳо шинос мешавем. Тадқиқот бо дарку фаҳми осори адиб ба итмом намерасад. Агар пажӯҳишгар ё хонанда аз аҳли улум бошад, эҷодиёти адибро дар баробари омӯхтан бо офаридаҳои дигар адибон қиёс намуда, арзиши аслӣ, мартабаи адиб ва дараҷаи фаҳми ӯро муайян мекунад.



**Калидвожаҳо:** офаридан, маҳорат, маънӣ, мавзӯъ, эҷод, ашъор


**ДУХОВНО-ТЕМАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПОЭЗИИ ДАВЛАТИ РАХМОНИЁН**


Поэзия Давлати Рахмониён в современной таджикской поэзии занимает определённое место. Этот вывод может обосновываться большим вниманием читателей и исследователей современной таджикской поэзии. Исходя из этого, исследования специфики поэзии Давлата Рахмониён в определённой мере может послужить выявлению особенности современной таджикской поэзии. У каждого прозаика уникальный и неповторимый стиль. Читая, ища и исследуя произведения писателя и поэта, мы знакомимся с духовными, тематическими и стилистическими особенностями их произведений. Исследование не заканчивается осмыслением работы автора. Если исследователь или читатель является ученым, он сравнивает работу автора с произведениями других писателей и определяет ее истинную ценность, статус писателя и уровень его понимания.



**Ключевые слова:** создавать, способность, смысл, тема, творчество, стихи


**SPIRITUALLY-THEMED FEATURES POETRY DAWLATI RAHMANIAN**


Poetry Dawlati Rahmanian in modern Tajik poetry has its place. This conclusion can be justified by the great attention of readers and researchers of modern Tajik poetry. based on this, the study of the specifics of the poetry of davlat rakhmoniyen to a certain extent can serve to identify the features of modern tajik poetry. Each prose writer has a unique and inimitable style. Reading, searching and exploring the works of the writer and poet, we get acquainted with the spiritual, thematic and stylistic features of their works. The study does not end with an understanding of the author's work. If the researcher or reader is a scientist, he compares the author's work with the works of other writers and determines its true value, the status of the writer and the level of his understanding.



**Keywords:** create, ability, meaning, theme, creativity, poems



**Сведения об авторе:** ***Бегонова Суман Худойдодовна*** – магистр второго курса факультета таджикской филологии Таджикского национального университета, Тел.: **917 77 27 71**

**Information about the author:** ***Begonova SumanKhudoydodovna*** – second-year master of the faculty of Tajik Philology of the Tajik National University, Tel.: **917 77 27 71**

# ВИЖАГИҲОИ УСЛУБИИ АШЪОРИ АЛИМУҲАММАД МУРОДӢ

*Меликов Ф.*
**Донишгоҳи миллииТоҷикистон**

Алимуҳаммад Муродӣ яке аз шоирони маъруфи муосири тоҷик мебошад, ки аксари муҳаққиқон ва ҳаводорони адабиёт ба шеърияти хоссу мумтози офаридаҳои табъи ӯ ишора кардаанд. Метавон гуфт, ки Алимуҳаммад Муродӣ қариб дар ҳамаи анвои шеърӣ аз ҷумла, байт, рубоиву дубайтӣ, қитъа, мусаммат, арӯзи нав ( шеъри нимой) ва ғазал аз худ дарак додааст. Алимуҳаммад Муродӣ дар эҷоди шеър аз калимаву ибораҳои зебое истифода мекунад, ки ин як сабаби маҳбубияти ашъори ӯст:

Турнақатор
Турна хати шикастае дар осмон навишт,
Байти равон ба дафтари зарди хазон навишт.
Рафту чӣ гуфту рафт, надонам, чу тарҷумон,
Килки алам ба сафҳаи хотир фиғон навишт.
Дар барги зард чакраи хуни баҳори сабз,
Бо оҳи сард бод дареғи ҷавон навишт.
Нақше, ки буд аз пайи пое ба раҳ бишуст,
Борон гузашти умр ба оби равон навишт.
Ҳушам ба бонги турнаву гӯшам ба ҳарфи дил,
Гуфтам, ки чист тарки ватан, тарки ҷон навишт [9, с. 218].

Адабиётшинос, профессор Аламхон Кӯчаров роҷеъ ба шеърияти ғазали мазкур чунин қайд кардааст: «Китоби «Моҳи хасрав»-и Алимуҳаммад Муродӣ бо ҳамин ғазал оғоз меёбад ва хонандаи ҳушманд ҳис мекунад, ки дар ин шеър тасвир басо олӣ буда, мавзӯъ бо камоли ҳунармандӣ матраҳ гардидааст. Шоире нест, ки дар айёми мо ба мавзӯи ватану ватандорӣ даст назада бошад, вале чунин тасвири муассир, дардолуд ва воқеъбинона, ки хонандаро ба андешаи амиқ водор созад, хоси шоирони тавоное чун Алимуҳаммад Муродӣ мебошад» [7, с. 10].

Ин шеър дар ҳадди панҷ байт гуфта шудааст. Шоир бо истифода аз ҳунари эҷодӣ кӯшидааст фикру андеша ва мақсаду маромиҳудро равшан баён намояд. Дар ғазали боло шоир то андозае аз такрор гуфтан фосила гирифта, сухане мегӯяд нишонрас ва муассир мебошад. Дар байти аввал тасвири фасли хазон, гузашти қатори турнаҳо, ки одатан ин ҳолат дар фасли тирамоҳ ба вуқуъ мепайвандад, басо олӣ суруда шудааст. Ҷаззобияти ҳунари шоирии Алимуҳаммад Муродӣ дар он зоҳир мегардад, ки шоир бо унсурҳои табиати атроф ошност. Ҳамчунин шоир бо истифода аз ташбеҳҳои «дафтари хазон», «тарҷумон», «килки алам», «сафҳаи хотир», «хуни баҳори сабз», «ҳарфи дил» таъсирбахш ва хонданӣ гардидани ғазалро таъмин намудааст.

Албатта, мавзӯи ватан доманаи васеъ дорад ва барои дар ин гуна мавзӯъ пардохтану то қадри имкон чизи наву ҷолиби диққати хонандаро гуфтан ба ҳар эҷодкор даст намедиҳад ва аз эҷодкор дониши баланд тақозо мекунад. Новобаста аз онки ғазалҳои Алимуҳаммад Муродӣ дар қолаби классикӣ эҷод шудаанд, дар онҳо навпардозиҳои қобили таваҷҷӯҳ мушоҳида мешвад. Пеш аз ҳама дар баёни муҳтаво. Алимуҳаммад Муродӣ суханро ба дарозо намекашад ва аз нахустин мисраъҳо хонандаро ба андеша водор мекунад. Ба ҳамин монанд дар ин ғазал:

Эй ҳамватан
Эй ҳамватан, бо ҳамватан ноошно будан бас аст,
Шохоби як дарёстем, аз ҳам ҷудо будан бас аст.
Душман рабуда нони мо, душман рабуда хони мо,
Душман ба қасди ҷони мо, ғофил чу мо будан бас аст.
Бо ҳамдигар овехтан, хуни бародар рехтан,
Хоки ватанро бехтан, дар моҷаро будан бас аст.
Гардад ҷудо ҷон аз бадан, не ҷон ба ҷо монад на тан,
Қасди хиёнат бар худӣ, душманвафо будан бас аст.
Дасти худатро бӯса кун, муздурии нокас макун,
Аз тухмаи озодӣ, шоҳӣ, гадо будан бас аст [8, с. 8].

Вақте ба ин пора шеър муроҷиат мешавад, чизе ки дар аввал пеши назар ҷилва мекунад унвони ҳамин ғазал мебошад. Ин мафҳум, яъне «Эй ҳамватан» мафҳумест хонанда, муҳаққиқ ва умуман ҳаводори каломи бадеъро ба андеша водор мекунад. Мавзӯи асосӣ ва матлаби ҳалшаванда дар ғазали боло Ватан мебошад. Албатта, чӣ гунае ки гуфта шуд, мавзӯи ватан доманаи фарох дорад. Сар карда аз адабиёти классик то имрӯз шоирон дар ин мавзӯъ зиёд гуфтаанд. Чун ба адабиёти имрӯз назар меандозем, шоирон дар мавзӯи ватан ҳатто достонҳо сурудааанду қисмати дигар ашъори ватандӯстонаи хешро ҳамчун маҷмӯа дар шакли алоҳида чоп намудаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар ин ғазал тасвирҳое таҷассум ёфтаанд, ба бовари комил метавон гуфт, то имрӯз нақш нагардидаанд. Дар байти чорум калимаи наву нодир “душманвафо” истифода шудааст, ки аз ҳунари шоир дарак медиҳад. Шоир дар ин шеър инсонҳоро ба ҳамдилӣ, ҳамбастагӣ ва сулҳу амонӣ даъват мекунад. Дар ин панҷ байте, ки тасвир ёфтааст, ҳар мисраъро мебояд таҳлил намуд, чун сухан ба қавли шоир Рустам Ваҳҳобзода дар мавриди ягона “ҷонпаноҳ”- Ватан меравад. Қаҳрамони лирикӣ ҳатто ба таъкид мегӯяд, ки душман чӣ мақсад дорад ва ҳамватанонро ҳушдор медиҳад то фирефтаи идеологияи хасмона нагарданд. Байти охири ғазал низ хеле ҷолиб аст, ки ин ҷо сухан аз нажоди тоҷдор будани мардуми тоҷик меравад.

Оид ба мавзӯъҳои ашъори Алимуҳаммад Муродӣ порфессор Аламхон Кӯчаров андешаҳои ҷолиб дорад: «Ҳар як мавзӯъ дар коргоҳи эҷодии шоир гудохта, дар партави ҷаҳонбинии пешқадам ороиш ёфта, моҳияти амиқи эстетикӣ ва маънавию ахлоқӣ касб кардааст» [6]. Дар эҷодиёти Муродӣ омезиши мавзӯъҳо ба назар мерасад, яъне Муродӣ метавонад дар ҳар мавзӯъ шеъре гуфта бошад:

Эҳсони зиндагӣ
Бошад насиби хору хас борони зиндагӣ,
Мо гулбунему ташнаи эҳсони зиндагӣ.
Шукри ғамаш, ки бенасиб аз ғам набудаем,
Эй офарин ба ҳиммату имкони зиндагӣ.
Як умр саъй кардаму чашмам нагашт ром,
Мондам агарчӣ ҷони худ бар ҷони зиндагӣ.
Дил мезанад чу ғук, Худо, ташнамур шудам,
Хушкидааст чашмаи ҷӯшони зиндагӣ.
Саҳроие, ки банда буд, озод шуд чаро,
Озодаему хастаи зиндони зиндагӣ [9, с. 189].

Чи тавре ки гуфта шуд, ғазалҳои Алимуҳаммад Муродӣ бештар дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ навишта шудаанд. Бояд як нуктаро ҳам ба назар гирем, ки аслан шеърҳои Муродӣ дар муҳити деҳот эҷод мешаванд. Ин шояд аз он сабаб бошад, ки шоир имрӯзҳо дар як гӯшае аз Тоҷикистон ба кору фаъолият машғул аст. Дар идома зикри суханони Ислом Юсуфӣ, ки худро шогирди Муродӣ мехонад, фикр мекунем исботе хоҳанд гашт ба гуфтаҳои фавқ: «Ба маънии аслии ибора устоди ман- «шоири деҳқон» аст» - мегӯяд ӯ [12, с. 11].

Ин ҳолат дар шеъри «Эҳсони зиндагӣ» кушоду равшан зоҳир мегардад. Қаҳрамони лирикии шеъри Муродӣ деҳнишин аст ва ба ҳамаи душвориҳои ба сараш омада нигоҳ накарда, боз ҳам аз чунин зиндагӣ шукргузорӣ мекунад. Ҳатто ба ҳамаи бешу камиҳои зиндагии худ тоқат карда, розист аз ғамҳое, ки дорад ва офарин мегӯяд ба ҳамин қисмати зиндагӣ, ки чунин имкониятро ба ӯ додааст чун дигарон дар роҳи расидан ба мақсадҳои хеш мубориза барад.

Шеъри Алимуҳаммад Муродӣ ба зиндагии ӯ пайванди ногусастанӣ дорад, зеро дар қисмати шеърҳои шоир дарду ранҷи зиндагӣ инъикос ёфтаанд, ки баргирифта аз ҳаёти худи шоир буда, ҳар мисраъ аз чигунагии ҳол ва рӯзгори шоир дарак медиҳад:

Киштам зард асту киштзорам зард аст,
Рухсори тарам пур аз ғубору гард аст.
Ман шоири ошиқам, кунам деҳқонӣ,
Чизе, ки дарав кунам азобу дард аст [9, с. 279].

Муродӣ ҳар шеъре эҷод мекунад маҳсули дарду ғам медонад, билхосса қисса мекунад аз гузашта аз он даме, ки то ин вақт чӣ чизе ба даст оварду чизеро аз даст дод:

Карданд пур аз майи алам ҷоми маро,
Ширин накунад ба ғайри ғам коми маро.
Гумном наям чу метавон пайдо кард,
Аз рӯйхати “ ва ғайраҳо” номи маро [9, с. 270].

Ва рубоии дигар:

Садбарги сафеди синачок аст дилам,
Ангури пуроби хомток аст дилам.
Чун чашма миёни регу хок аст дилам,
Бо ин ҳама чашмавор пок аст дилам [9, с. 312].

Пеш аз таҳлили ин рубоӣ зикри суханони адиби рус Иван Тургенев хеле зиёд ба матлаби назар наздикӣ дорад. Ӯ мегӯяд: “ Шеър танҳо дар ашъор (- шоирон) нест: он ҳама ҷо рехтааст, дар атрофи мост.

Нигоҳ кунед ба ин дарахтон, ба ин осмон-аз ҳама сӯ (насими) зебоӣ ва зиндагӣ мевазад ва ҳар ҷо, ки зебоию зиндагӣ ҳаст, он ҷо шеър ҳам ҳаст” [2, с. 144].

Рубоии болозикр аз нигоҳи ҳунари шоирӣ дар ҳадди камол қарор дорад. Ин ҳолат бозгӯи он аст, ки шоир мушоҳидакор аст ва ҳамин ҳолатро хуб мушоҳида кардаву ба қолаби шеър даровардааст. Албатта, шукуфтани гули садбаргро нафаре мебинад, ки ӯ худ дар ҳамон фазо қарор дорад ё ҳар рӯз дар боғ бо чунин ҳолат рӯ ба рӯ гардидааст. Бешубҳа, метавон гуфт, ки Алимуҳаммад Муродӣ дар чунин фазо ба сар мебарад ва шукуфтани садбаргро ба ҳолати дили худ, яъне “садбарги сафеди синачок аст дилам” ташбеҳ кардааст, ки хеле олӣ баромадааст. Дар мисраъи дувум низ шоир аз санъати ташбеҳ истифода мекунад ва дили худро ба ангури хомтокшуда, ки бештар дар аввали фасли баҳор ангур ҳамин ҳолатро мегирад, ташбеҳ намудааст, ки ин гуна баёни андеша бисёр шоирона мебошад. Дар мисраъҳои сеюму чорум шоир то андозае сухани ниҳоии худро мегӯяд, ки он ҳама заҳматҳову талошҳоро ҳар инсон мехоҳад намехоҳад аз сар мегузаронад. Ҳамаи душвориҳо, ранҷҳову машаққатҳо, бешубҳа, дар ҳаёти инсонҳои соҳибдил ба назар мерасад, ҳамин инсон ба воситаи ақлу хирад ва дониши азалӣ чун чашма миёни регу хок роҳи мушкилеро паси сар намуда, пок будани худро нишон медиҳад.

Адабиётшиноси эронӣ Алиасғари Шеърдӯст чунин менависад: “Аз шеърҳои Алимуҳаммад Муродӣ бармеояд, ӯ ба шеъри нави Эрон ба хубӣ ошност. Метавон иддао кард, шеъри Муродӣ заминаи бумӣ надорад ва аз ҳамон забону фазои шеъри имрӯзи Эрон бархӯрдор аст. Аз миёни шоирони навпардоз Нимо Юшиҷ, Аҳмади Шомлу ва Фарухи Фарухзод ба шеъри Муродӣ таъсири бисёр ниҳодаанд” [7, с. 10].

Аммо чунин нест. Заминаи ташаккули шеъри Алимуҳаммад Муродӣ ҳаёти халқи тоҷик ва адабиёти классик мебошад, зеро худи шоир мегӯяд: “ Аз ҳар оташе, ки маҳзи ҷону устухонамро сӯзонад, чароғи шеърамро меафрӯзам. Ба сиёсатҳову андешаҳову эродҳо коре надорам. Дарди ман ҷуз дарди миллат, дарди андешаи дирӯзу имрӯзу фардои ин қавму диёр чизи дигаре нест” [10, с. 7]. Ин арзи ҳоле мебошад ба хонанда, ки самимӣ ва боғурур баён намудааст. Арзиши ин нусха дар он зоҳир мегардад, ки бевосита аз ҷониби худи шоир ифода ёфтааст.

Дар мавриди услуби эҷодии Алимуҳаммад Муродӣ адабиётшиносон М. Имомов ва Ш. Раҳмонов чунин ибрози ақида намудаанд: “Услуби эҷодии Алимуҳаммад Муродӣ услуби соф лирикӣ нест. Мо дар услуби ӯ ҷанбаҳои тахайюли доманадореро ба мушоҳида мегирем, ки ин ҳодиса дар аксари шеърҳояш кушода шудааст” [4, с. 125]. Чунончи:

Бишкуфт гули дилам зи наврӯзи Ватан,
Сӯзи дили ман нест ба ҷуз сӯзи Ватан.
Гар ҳамчу чароғи куштаам дар гирам,
Бинам, ки сиёҳ мешавад рӯзи Ватан [9, с. 246].

Қаҳрамони шеъри шоир дар ҳар ҳолате набошад, тайёр аст дар муқобили душман биистад, зеро мегӯяд “ ҳамчун чароғ шоми ватанро равшан хоҳам кард”. Чизи дигаре, ки дар ин рубоӣ диққатҷалбкунанда менамояд, шукуфтани гул дар фасли зебои наврӯзи Ватан мебошад. Албатта, дар ҳар ҷое, ки сулҳу оромӣ

ҳукмрон аст, мардум бо руҳияи болида ва хурсандӣ метавонанд аз қашнҳои миллӣ истиқбол намоянд.

Алимуҳаммад Муродӣ дар эҷоди шеър дар ҷойи аввал маъниро мегузорад ва гоҳо шаклро қурбони маънӣ месозад. Фаъолияти пурмаҳсул ва мушоҳидаҳои бардавом торафт шоирро ба муҷазбаёнӣ маҷбур мекунад. Дар чунин ҳолат шоирро мебояд як мавзӯи мукамалро ҳамагӣ дар ҳудуди чанд мисраъ баён намояд. Ва ин аз шоир ҳунару истеъдоди баландро тақозо мекунад. Хушбахтона, Алимуҳаммад Муродӣ дар ин роҳ як тан аз шоирони муваффақ маҳсуб мегардад:

Оҳангаре дорад
Ғуруби офтоби Шарқ,
Тулӯи дигаре дорад.
Сукути фарри ҷамшедӣ,
Фаридунофаре дорад.
Ало, эй морбардӯшон,
Ватан оҳангаре дорад [9, с. 98].

Ин абёт аз шаш мисраъ иборат буда, дар он метавон як ҷаҳон маъниро дарёфт ва танҳо шоире, ки тавони баланди ҳунарӣ дорад, метавонад чунин муҷаз, пуробуранг ва дорои унсурҳои шеърият як ҷаҳон маъниро дар ин чанд мисраъ ҷой диҳад. Дар ин мисраъҳо пеш аз ҳама ифтихори миллӣ, ғурур, таърих ва шукуҳи як миллати бостонӣ (тоҷик), ки дар тӯли таърих аз дами чандин туфонҳо гузаштаат, тасвир ёфтааст. Мусаллам аст, ки ғуруби офтоб ҳамеша тулуъе дорад ва ҳар касе, ки бар қасди аз байн бурдани ин миллат андешаҳои ғаразнок дорад, бояд фаромӯш накунад, ки ватан дар муқобили ӯ оҳангаре дорад, ки барои расидан ба ормонҳои хештан то охир муборизa мебарад.

Дар шеърҳои ба мавзӯи ишқ бахшидаи Алимуҳаммад Муродӣ меҳру муҳаббати самимонаи ошиқ нисбат ба маъшуқа хеле зебо тасвир ёфтаанд:

Хоҳиш
Ишқи туро фасонаи дил кардаам, биё,
Номи туро таронаи дил кардаам, биё.
Дар шаҳри бечароғ зи сӯзи хаёли ту,
Равшан чароғи хонаи дил кардаам, биё.
Бехонаему шукри Худо, бесуроға не,
Чашми ба раҳ нишонаи дил кардаам, биё.
Мардум дигар, замона дигар, зиндагӣ дигар,
Ман такя бар замонаи дил кардаам, биё.
Бисёр шуд баҳонаи ташвиши зиндагӣ,
Дидорро баҳонаи дил кардаам, биё [9, с. 204].

Дар ин ҷо сӯзу фироқи як ошиқ басо дилкаш ва ба обуранги бадеӣ саршор тасвир ёфтааст. Дар ғазали мазкур қаҳрамони шоир воқеан як ошиқеро мемонад, ки баҳри расидан ба истиқлоли ишқ ҳамвора кӯшиш мекунад. Бояд ёдовар гардид, ки унвони ҳамин ғазал, «Хоҳиш» баёнгари ҳолати рӯҳии қаҳрамон буда, дар ҳар мисраъ мушоҳида мешавад. Аслан одати ошиқон ҳамин аст, ки ба касе ва ё чизе кор намегиранд, дар роҳи худ ва бо ғами худ зиндагӣ мекунанд. Ба ягона чизе, ки бовар мекунанд ва гурӯҳе амал мекунанд, танҳо ва танҳо қалбашон аст, ки ин ҳолат дар ғазали боло бе муҳобот ба назар мерасад. Байти охири ғазал хотирмон аст:

Бисёр шуд баҳонаи ташвиши зиндагӣ,
Дидорро баҳонаи дил кардаам, биё.

Яъне, чун мушкилоти зиндагӣ зиёд мегардад, албатта, дар танҳоӣ наметавонад касе ба зудӣ ин ҳолатро бартараф намояд ва ба муваффақият ноил гардад, аммо танҳо ҳамин дидорбинии якдигар метавонад ба зиндагӣ рангу таровати дигар бахшад.

Маъмулан инсонҳо то замоне, ки ба ғаму дард гирифтор нагарданд яъне, то вақте ки ба ҳолати ногувор дучор нашаванд, ҳеҷ гоҳ қадри шодиву хурсандиро намедонанд. Алимуҳаммад Муродӣ ин вазъро дар худ санҷидааст ва ғамро чӣ гунае, ки мегӯяд “дар сина гӯрондам”, ки то донам қадри шод будан чист. Ҷойи дигар шоир ҳамин мавзӯъро каме дигаргунатар тасвир менамояд:

Ғаматро дар даруни сина парвардам,

Дилам боғи шукуфон шуд [10, с. 121].

Одатан ғаму андӯҳ ҷонгудоз аст, ки дар охир инсонро ба ҳадде аз по меафтонад, аммо ғами шоир, азбаски ғами дилдодаи ба ҷон баробараш мебошад, қалби шоирро чун боғ шукуфон намудааст. Намунаҳои дар боло овардашуда, бешубҳа, аз ҳунару истеъдоди Муродӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик дарак медиҳад. Алимуҳаммад Муродӣ бо истифода аз имконоти хеш метавонад чизе офарад барои оянда ва баҳри хотири хонандаи тоҷик.

**АДАБИЁТ**


1. Аҷамӣ М. Ватан оҳангаре дорад // Адабиёт ва санъат.-2016.-15 декабр. - С. 10-11.
2. Ваҳҳобзода Р. Шеър ва дониш (Рисолаи илмӣ– омӯзишӣ). – Душанбе: «Адиб», 2017. – 188 с.
3. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1992.- 304 с.
4. Имомов М. Бо азми парвоз // Хирмани андеша. – Душанбе: ДСРТ, 2009. - С. 123-126.
5. Кӯчаров А. «Ҳар кӣ дорад майли дидан, дар сухан бинад маро» (Оид ба ашъори Алимуҳаммад Муродӣ) Ҷавонони Тоҷикистон. – 2005. – 24 июн.
6. Кӯчаров А. Сӯзу гудози қалби дардошно (Ба муносибати 50- солагии Алимуҳаммад Муродӣ) // Садои коргар. – 1998. – 1 январ.
7. Кӯчаров А. Фавворaи ҳунари шоир // Адабиёт ва санъат. – 2015.- 30 июл. – С. 10.
8. Муродӣ А. Боғи мурод (Маҷмӯаи ашъор). –Душанбе: Адиб, 2015. – 224 с.
9. Муродӣ А. Сунбулкон (Гулчини ашъор). – Душанбе, «Адиб», 2018, 440 с.
10. Муродӣ А. Хайрбоди баҳор. – Душанбе: Матбааи Иттифоқи рӯзноманигорони Тоҷикистон, 2004. – 166 с.
11. Муродӣ А. Чароғи рӯзадор. (Маҷмӯаи шеърҳо). – Душанбе: Интишороти «Салим», 1998, 112 с.
12. Юсуфӣ И. Илҳому қалам // Дунёи китоб. – 2013. - № 6-7 (07). – август-сентябр. – С. 11.


**ВИЖАГИҲОИ УСЛУБИИ АШЪОРИ АЛИМУҲАММАД МУРОДӢ**


Алимуҳаммад Муродӣ яке аз шоирони маъруфи адабиёти муосири тоҷик аст, ки аксари муҳаққиқон ва ҳаводорони адабиёт ба шеърияти хоссу мумтоз ва вижагиҳои офаридаҳои табъи ӯ ишора кардаанд. Мақолаи манзур як кӯшише дар ростои ҳалли мавзӯи вижагиҳои ашъори Алимуҳаммад Муродӣ буда, муаллиф талош намудааст, ки ба василаи таҳлили бевоситаи матни ашъори шоир посух гӯяд ва заминаҳои ташаккули вижагиҳои ашъори ӯро маълум созад. Муаллиф ба ин ҳадаф аз таҳқиқоти анҷомшуда низ истифода намуда, дар баъзе мавридҳо мувофиқати худро бо назарҳои баёншуда, эълом дошта, дар айни ҳол баъзе нуқтаҳои назарро бо далели илмӣ мавриди интиқод қарор медиҳад.



**Калидвожаҳо:** ватан, мавзӯъ, вижагиҳои ашъор, шеър, шоир, ишқ, адабиёт, қаҳрамон.


**СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПОЭЗИИ АЛИ МУХАММЕДА МУРОДИ**


Али-Мухаммед Мурад является одним из самых выдающихся поэтов современной таджикской литературы. Многие исследователи и любители литературы упомянули его поэтический дар, превосходный талант и особенность его лирического произведения. В данной статье рассматривается особенность лирики Али-Мухаммеда Мурадi. Автор статьи усердно старался, чтобы отвечать на необходимые вопросы относительно лирических произведений поэта и основы формирования его лирики. Автор этой цели указывает, что в некоторых случаях его мнение соответствует с изложенными взглядами и с помощью критического взгляда и научно доказательного исследования придёт к решению.



**Ключевые слова:** родина, тема, особенность лирики, лирическая произведения, поет, литература, персонаж


**STYLISTIC FEATURES OF THE POETRY OF ALI-MUHAMMADI MURODI**


Ali-Muhammad Murod is recognized as one of the most prominent and famous poets of the modern tajik literature. Many of the researchers and fans of literature have pointed to the peculiarities of his poetry and identity of his lyrics. This article focuses on the peculiarities and uniquely of Ali-Muhammad's poetry and lyrics. The author tries to answer to the most important issues related to the research by using direct analysis and defines the bases formation of his poetry. By his goal the author agrees with the viewpoints of the researchers concerning to the research in some cases, but also he makes his own decision and comes to the main conclusion using the critical views and evidences.



**Keywords**: Motherland, subject, poetry, poet, love, literature, lyric, the peculiarity of poetry.



**Сведение об авторе:** ***Фарход Меликов*** **–** Таджикский Национальный Университет, магистрант кафедры теории и новейшей персидко-таджикской литературы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **93 811 77 19.**

**Information about the authors:** ***Farhod Melikov*** – Tajik National University, master student of the department of the theory and modern Persian-Tajik literature. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **93 811 77 19**

# УСУЛИ ТАЪЛИФИ ҚИССА АНДАР ҚИССА ДАР ТАЪЛИФИ АСАРИ “АНИСУ-Т-ТОЛИБИН”

***Негмонов Х.К.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар миёни мероси маънавии адабиёти форсии тоҷикӣ як қатор осори мазҳабӣ рӯйи кор омадаанд, ки дар ҳифзи маънавиёти адабии мо нақши хоссаи худро доранд. Дар радифи осори сирф адабию илмӣ як қатор осори сирф мазҳабианд, ки мамлу аз саргузашти пайғамбарону авлиё мебошанд. Муаллифони ин қиссаҳо дар таркиби ин осор арзишҳои адабиро низ ҳифз кардаанд. Аз ин рӯ, осори мазкур омехта аз мазмунҳои мазҳабӣ ва маҳорати таълифу гирдоварӣ ва суханварии муаллифони онҳо мебошанд.

Яке аз ин гуна асарҳо “Анис-ут-толибин” мебошад, ки аз як ҷиҳат агар шабеҳ ба китоби “Қасас-ул-анбиё” бошад, аз ҷиҳати ҳаҷм ва фарогирии қиссаҳо аз он маҳдудтар мебошад ва нақли қисса ҳам дар ҳар ду фарқ мекунад.

Ин асар бо “Бисми-л-ло-ҳи-р-раҳмони-р-раҳим” оғоз ёфта дар матлаи он як қатор сифатҳои Худованд ва оёти қуръонӣ зикр гардидаанд, ки ин анъанаи таълифи классискии мост: Алҳамдули-л-лоҳи-л-Малики-л-Азизи-л-Ғаффор, ал-Карим-ул-Ҷалил, ал-Ҷабборуллазӣ “Лайса камислиҳи шайъун” “ва Ҳува-л-Воҳид-ул-Қаҳҳор”, “Халақа-л-инсона мин салсолин кал фаҳҳор. Ва халаҷа-л-ҷонна мин мориҷи-м-мин нор”.

Сипас, мадҳияи манзуме дар оғози он эҷод шудааст, ки қиссаи хилқати кайҳонӣ дар он батадриҷ оварда шудааст:

Он Худованде, ки дар дил нури имон офарид,
Дар шаби торик бингар моҳи тобон офарид.
Меҳрро бар сақфи гардун сохта қандилвор
В-онгаҳон тобандае бар чархи гардон офарид.

Қиссаи “Анису-т-толибин” сирф қиссаи мазҳабӣ дошта, дарунмояи он ба масъалаи таърихи офариниши коинот, пайғамбарони мурсал, аз ҷумла пайғамбари охируззамон ҳазрати Муҳаммад (с)-ро дар бар гирифтааст. қиссаи мазкур дар ралифи силсилаи осори мазҳабӣ, аз ҷумла китобҳои “Қасас-ул-анбиё” ва дигар таърихномаҳои марбут ба таърихи оламу одам дар робита бо дини мубини Ислом робитаи зич дорад.

Қиссаи мазкур муаллифаш номаълум буда, бо ҳамди Худо оғоз меёбад. Дар оғози калом муаллиф аз сифатҳои Худованд ёдовар шудааст ва сипас сухани худро бо назм оро додааст. Инчунин, муқаддимаи он музайян бо оёти қуръонӣ аст. Муаллиф дар назме, ки дар муқаддима овардааст, талмеҳоти зиёдро ҷой додааст, яъне ба қиссаҳои пайғамбарон ишораҳои фаровон шуда, шахсиятҳое ба монанди Иброҳим, Намруд, Лут, Нӯҳ, Юнус, Айюб, Яъқуб, Юсуф, Фиръавн, Мӯсо зикр гардидаанд.

Ҳамин тариқ, пас аз зикри пайғамбарони мурсал, халифаҳои олами Ислом ва ёрони пайғамбар (с), ба монанди Абӯбакру Умар ва Усмону Ҳайдар зикр гардида, пас аз онҳо шахсиятҳои олами тасаввуф ба монанди Иброҳими Адҳам, Боязиди Бистомӣ, Сарии Сақатӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Шиблӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Абӯсаиди Абулхайр, Абдуллоҳи Шероз ва дигарон зикр шудаанд.

Гирдоварандаи китоб пас аз муноҷот худро чунин муаррифӣ кардааст: “Аммо баъд чунин гӯяд бандаи ҳақири фақир, муҳтоҷ ба раҳмати Раббу-л-Борӣ, Муҳаммад Ҳусайн ал-Боқӣ, ал-Бухорӣ ғаффара-л-Лоҳу зунубаҳо ва саттара уюбаҳо ва ин китобест дар баёни қиссаи пайғамбарон ҷамъ карда шуд аз барои ёрону дӯстон...”

Сипас, муаллиф нахуст ба таърихи офариниши ҳазрати Муҳаммад (с) ва нури ӯ оғоз мекунад ва хилқати эшонро қисса мекунад. Қиссаи мазкурро метавон аз ҷиҳати сохи қиссаи қисса андар қисса номид, чунки бе ягон фаслу унвонгузорӣ ҳодисаву вуқуот нақл карда мешаванд ва дар раванди нақли қисса аз забони Пайғамбар (с), саҳобагони ӯ ва уламои дигари бузурги Ислом ривоятҳо оварда мешаванд. Сипас, муаллиф аз хилқати Арши азим, табақаҳои осмон ва замин қисса ба миён меорад ва сифату миқдори онҳоро баён мекунад. Дар идомаи ривояти қиссаҳо муаллиф офариниши оламро, ки дар ҳафт рӯз сурат гирифтааст, баён

намуда дар идомаи он хилқати ҳазрати Одам алайҳиссалом ва офаридани биҳишту дӯзахро бозгӯ мекунад.

Дар оғози аслии қисса пас аз ҳамди Худою зикри акобир муаллиф нахуст таърихи навишта шудани қиссаро ёд мекунад ва мегӯяд, ки номи ин асари хешро "Қасас-ул-Ҳусайн" ниҳодааст. Ибтидо ёдовар мешавад, ки шашсаду панҷоҳ ҳазор сол пеш аз офаридани мавҷудоту маскунот нури Муҳаммад (с)-ро офаридааст. Қайд гардидааст, ки Ҷабраил – фариштаи ваҳйи илоҳӣ аз дар синну сол аз Муҳаммад (с) хурдтар аст. Муаллиф гоҳ-гоҳ сухани худро бо порчаҳои манзуми мазҳабӣ ва мутааллиқ ба мавзуъи қисса таҳвият мебахшад. Аз ҷумла:

Туйӣ, ки мазҳари эҳсону матлаъи ҷудӣ,
Ки кун фа кон зи Ту доранд номи мавҷудӣ.
Дар ин зиёфати ҳастӣ ба хони ҷуду карам,
Ҳама туфайли туанду туйӣ, ки мақсудӣ.
Ҳанӯз з-одаму олам набуд ному нишон,
Ки дар сарочаи ваҳдат халили Ҳақ будӣ.

Сипас, аз нури Муҳаммад (с) офарида шудани фариштагоне ба монанди Ҷабраил, Микоил, Исрофил ва Азроил нақл шудааст. Инчунин, аз нури Муҳаммад (с) офарида шудани Арш бо ҳаждаҳ ҳазор бурҷ ва ҳафт табақаи замину осмон, арзу тӯли онҳо баён шудааст. Сипас, ба нақли шаби меъроҷ пардохтааст. Офаридани қалам ва арзу тӯли он низ баён шудааст, ки ба қавли муаллиф дарозии лавҳ ҳафтсадсола роҳ буд ва паҳной сесадсола. Баъдан, дар ин асно сухан аз хилқати Нуҳ пайғамбар рафтааст. Пас аз инҳо ба қавли муаллиф Худованд курсиро офаридааст: "Ва дигар Халлоқи арқам дигар нури Саййиди башар курсиро биёфарид, ки вусъати он аз осмону замин васеъ аст, чунончи Аллоҳ таборак ва таъоло дар Қуръони маҷид хабар додааст, ки "васиъа курсиюҳу-с-самовоти вал арз..."

Баъдан офтобу моҳ ва ситораҳо офарида шуданд ва аз гавҳаре обу оташро пайдо кард. Дар миёни нақли қиссаҳои кӯтоҳ аз аҳволи одамон, ки фардо рӯзи қиёмат ба амал меояд, муаллиф сухан мегӯяд.

Яке аз хусусиятҳои сабки муаллифи қисса аз он иборат аст, ки гоҳо руҷуъҳои тарбиявӣ дорад ва андарз медиҳад мардумро. Масалан бо овардани абёти зерин:

Машав хоҷа мағрури молу манол,
Ки фардо чу мӯрон шавӣ поймол.
Агар ганҷ бошад ҳазорат замин,
Чу Қорун шавӣ охир андар замин.

Дар давоми қисса боз муаллиф насиҳат мекунад: Пас эй азиз, ин дунёи маккори нопойдори фонӣ дил мабанд, ки азизон чунин гуфтаанд:

Мапиндор моли ҷаҳон пойдор,
Ки ин молат он ҷо наояд ба кор.
Агар подшоҳӣ, гадо меравӣ,
Вагар Қоф то Қоф шоҳаншаҳӣ.
Ба хок андар ойӣ ба дасти тиҳӣ.

Муаллифи қисса дар такя ба оёти қуръонӣ мефармояд, ки Худованд оламро дар шаш рӯз офаридааст: Ҳаққ субҳонаҳ ин ҳафт рӯзро ба қудрати хеш пайдо гардонид ва аз қудрати баркамоли Карими лам язал ва ло язол ин оламро дар ҳафт рӯз пайдо гардонид, ибтидо дар офариниш подшоҳи арзу само аз якшанбе кард ва дар рӯзи ҷумъа тамом кард, рӯзи якшанбе Парвардигори олам осмону заминро биёфарид ва дар рӯзи душанбе офтоби тобону моҳи рахшон ва ситораҳои намоён пайдо гардонид ва дар рӯзи сешанбе ҷонваронро биёфарид ва рӯзи чаҳоршанбе ҳамаи дарёҳоро биёфарид ва дар рӯзи панҷшанбе буд, ки дарёҳову чашмаҳо ва дарахтону наботот бар рӯйи замин падид овард ва рӯзию ризқҳои мардумонро қисмат кард, чунон ки дар Қуръон хабар медиҳад: "ва лақад халақна-с-самовоти вал арза фӣ ситтати айёмин ва мо минно мин луғуб" дар рӯзи панҷшанбе биҳишти анбарсиришро биёфарид ва ҳурону ғилмон Парврдигори субҳон ҳаст гардонид ва рӯзе Одам Сафиро, ба ривояте фариштагонро ҳам дар рӯзи шанбе пайдо гардонид ва ҳам моҳи ошуро

буд, ҳам рӯзи одина буд, фариштагон тахти Одам алайҳиссаломро бар гардан гирифта бар биҳишт бурд...”

Яке аз хусусиятҳои сабки қисса дар он аст, ки пайи ҳам омадани қиссаҳо дар асар комилан ихтиёри муаллиф нест, балки бевосита чунин ривоят шудаанд ва муаллиф низ ногузир онҳоро ба тадриҷ зикр мекунад, чунки агар яке аз онҳоро аз миён бигирӣ, эҳтимол дорад, ки қиссаҳои хилқат, ки силсилаи офариниши замину кайҳонро фаро гирифтаанд, нокомил баён гарданд. Аз ин хотир, усули қисса андар қисса дар равиши баёни муаллиф ҷойгоҳи хоссаро касб кардааст.

Сипас, муаллифи қисса баъзе ҳолоти дар осмон ва он дунё рухдодаро аз меъроҷи Пайғамбар (с) ҳангоми боздид аз биҳишту дӯзах бо истидлол аз оёти қуръонӣ нақл мекунад.

Тартиби хилқати вуҷуди Муҳаммад (с)-ро муаллиф ба шакле меорад, ки дар дигар китобҳо дида намешавад ва он тартиб чунин аст: сари мубораки Муҳаммад (с)-ро аз баракоти биҳишт, рӯйи мубораки ӯро аз нури таҷаллӣ, ду чашми нозанини ӯро аз ҳаё, бинии мубораки ӯро аз анбари биҳишт, гӯшҳои ӯро аз заъфарони биҳишт, ду лаби мубораки ӯро аз тасбеҳ, забони ӯро аз зикр, дандонашро аз нур, дилашро аз ихлос, ду дасташро аз саховат, гӯшти онро аз мушк, ҳалқи ҳазратро аз асали биҳишт, рӯдаҳои он ҳазратро аз сабр, мӯяшро аз гиёҳи биҳишт, устухонҳояшро аз кофури биҳишт, қадамашро аз ибодат офаридааст.

Чизи дигаре, ки дар баёни қасас мо мебинем, ин мафкураи муаллиф аст. Мафкураи ӯ, яъне ҷаҳонбинии ӯ ахлоқӣ ва мазҳабӣ аст. Ба он хотир, ки муаллиф бевосита шавқманди нақли ривоёт аст. Илова бар ин, дар зимни қасас абёти пандомезро дарҷ мекунад. Аз ин ҷо равшан мешавад, ки муаллиф шахси бетарафе нест, ки танҳо ривоётро аз забони дигарон ривоят кунад ва худ бетараф бошад. Худ панд мегирад ва ба дигарон панд медиҳад. Инро мо дар мисоли зикри ашъор равшан мушоҳида кардан метавонем.

Дигар анъанае, ки муаллиф аз он сарфи назар накардааст, ин муноҷот мебошад. Муноҷот аслан наҷотхоҳии ровиро баён мекунад. Дар муноҷоти муаллиф мо силсилаи комили анбиёро мушҳида карда метавонем:

Худовандо, баҳаққи ҷуду фазлат,
Ба ҳаққи раҳмату изҳори адлат,
Ба ҳаққи қудратат бар чархи афлок,
Ба ҳаққи санъатат бар чашми намнок,
Ба ҳаққи ҷумла Қуръону каломат,
Ба ҳаққи покии унсур зи номат,
Ба ҳаққи ҳурматат бар оли Одам,
Ба афву раҳматат бар халқи олам,
Ба ҳаққи нури Иброҳиму Исҳоқ,
Ба ҳаққи Юсуфу Яъқуби мушток,
Ба ҳаққи Юнусу Довуду Ҷирҷис,
Ба ҳаққи Солиҳу Яҳёву Идрис…

Ҳамин тариқ, муаллиф ба зикри баъзе ҳодисоти дигар ҳангоми хилқати оламу одам рӯй додаанд, мепардозад. Қиссаҳои дар асар оварда шуда як силсилаи бузурги қиссаҳоро ташкил додаанд. Дар онҳо метавон чунин хусусиятҳоро мушоҳида кард:

1. Пайдарҳамии мантиқии қиссаҳо;
2. Ба ҳамдигар сахт робитаи зич доштани қиссаҳо;
3. Сирф хусусияти динӣ-мазҳабӣ доштани қиссаҳо;
4. Муаллиф асноди қиссаҳоро зикр намекунад;
5. Бевосита аз забони худи муаллиф баён гардидани қиссаҳо;
6. Таҳвият додани фикри худ бо порчаҳои манзум;
7. Зикри порчаҳои манзуму мансури хусусияти панду андарзӣ дошта дар асар;
8. Ҳадафи равшан доштан аз баёни қисса;

## АДАБИЁТ


1. Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ /Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Р. Мусулмонқулов —Душанбе: Ирфон, 1974.
2. Арӯзии Самарқандӣ Низомӣ. Чаҳор мақола. Хуҷанд-2015. 192 саҳ.
3. Атахонов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ.– Душанбе: «Шарқи озод», 2002, 456саҳ.
4. Бадриддин Мақсудов. Феҳристи нусхаҳои хаттии маркази фарҳангии ба номи профессор Ш.Ҳусейнзода. Душанбе, “Сино”, 2007.-99с.
5. Брагинскйи В.Г. Очерки из истории таджикской литературы. –Сталинабад, 1956.
6. Брагинский И. С. Очерки из истории таджикской и персидской литературы / И. С. Брагинский. – М: Наука, 1972. – 524 с.
7. Браун Э. Таърихи адаби Эрон / Э. Броун; тарҷумаи Алиасғари Ҳикмат. – Теҳрон,1351.
8. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ. /Мураттибон Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов.– Душанбе: «Ирфон», 1964.
9. Луғати мухтасар аз адабиёт. /Мураттибон Р. Абдуллозода ва Ҳ. Аҳадов.– Душанбе: «Ирфон», 1973.
10. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ.– Душанбе: «Маориф», 1999, 240 саҳ.
11. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт.– Душанбе: «Маориф», 1990, 334 саҳ.
12. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – иборат аз 3 ҷилд.– Душанбе, 2004.
13. Абдулманнони Насриддин. Куллиёти осор. Хуҷанд: “Ношир”, 2013, ҷ.6 саҳ 450.
14. Алимардонов А. Инкишофи фарҳанги китобсозӣ дар замони Камолуддини Беҳзод. Душанбе-2002.
15. Алимардонов А. Осори хаттии форсӣ (тоҷикӣ) ва мақоми он дар таърихи тамаддуни ҷаҳон. // Номаи пажӯҳишгоҳ, № 4.-2003.
16. Ибни Надим, Муҳаммад ибни Исҳоқ. Ал-Феҳраст. Теҳрон: Асотир, 1381.-450 с.
17. Моили Ҳиравӣ, Наҷиб. Китоборой дар тамаддуни исломӣ. Машҳад, 1372, 459 с.
18. Феҳрасти дастхатҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон. Иборат аз 6 муҷаллад. Сталинобод, 1960.-330 с.


## УСУЛИ ҚИССА АНДАР ҚИССА ДАР "ҚАСАС-УЛ-ҲУСАЙН"


Майлу рағбати инсон ба шунидани қисса сабаби он шудааст ки қиссагӯйӣ амре барои дарозии амал ходисаву воқеот гардид. дар аҳди қадим ки ҳанӯз хондану навиштан роиҷ набуд, қиссагӯйи миёни оммаи мардум дар ҳукми анана буд. Аз ин ҷо метавон гуфт ки куҳнатарин шакли адабиёти шифоӣ – қиссагуист чунки усулан, қиссаҳо ҷузъи аз зиндагии башар буда, аз ибтидо алоқаи мардум ба онҳо хеле зиёд будааст ва агар қиссагуиро яке аз роҳу равишҳои омӯзишу тарбияти инсоният дар тули қарнҳо ҳисобем хатто намекунем. Қиссаҳо моҳияти омӯзии худро бар асоси зиндагонии башар дарёфта ба хусусияти он пардохтаанд. Дар ин гуна достонҳо нигоҳи инсон ба ҷаҳони ҳастӣ ба атроф тасвир ёфтааст ва ба ҳамин далер кисаҳо роҳе барои интиқоли омӯзишу одоб расму оинҳо эътиқодот ва таърихи як насл ба насли дигар мебошанд. Қиссагӯйи мазҳабӣ низ аз равишхои вижа ба ҳисоб рафта, аз он мақомоту роҳбарони расмӣ ва ё нимарасми гуруҳҳои мазҳабӣ барои ташреҳу тарвичи мазҳабашон баҳра мегирифтанд. Дар ин навъи қиссагуйи масъалаву қавонини сунати ва одоби дини дар колаби қисса ба мухотабон расонида мешавад. Дар таълими исломи хама аз усули қиссахои мазҳабӣ ба кор гирифта мешавад. мавзӯи баҳси мо усули қисса андар қисса дар "Қасас-ул-Ҳусайн"-и Муҳаммад Ҳусайқни Боқии Бухоройӣ аст. барои таҳқиқи ин масъала, нахуст мобояд чигунагии қиссаҳои достони "Қасас - ул - Ҳусайн" - ро суайян намем ва дар асоси он усули қисса андар қассаро дар индостон баррасӣ кунем. Яке аз вижагиҳои қиссаҳои мазҳабӣ ин аст, ки он умдатан воқеаи ҳастанд, яънеҳаводиси худро азмуҳити зиндагӣ гирифтаанд. Чунин қиссаҳо барангезандаги ҳусну лаҷоҳати рафтори хонда гашта, маншаи он қаҳрамони воқеаииасар мебошад. Дар "Қасас-ул-Ҳусайн" ҳама қиссаҳои ҷолибе,ки баргирфта азсаргузашти Ҳусайн (а) аст, бо усули қисса андар қисса оварда шудаанд ва таҳқиқи он дар достони мазкур дорои аҳмияти муҳим мебошад.



**Калидвожаҳо:** "Қасас-ул-Ҳусайн", қисагӯйӣ, қисса андар қисса, усул, қиссаҳои мазҳабӣ, эътиқодот.


## МЕТОД РАССКАЗА В РАССКАЗЕ В «КАСАС-УЛ-ХУСАЙН»


Желание человека услышать историю долгое время заставляло его рассказывать истории. В Ветхом Завете, когда чтение и письмо еще не были обычным явлением, рассказывание историй было традицией среди масс. Исходя из этого, мы можем сказать, что самая старая форма медицинской литературы – это рассказывание историй, потому что, в принципе, рассказы являются частью человеческой жизни, и с самого начала люди очень интересовались ими, и если мы рассматриваем рассказывание историй как один из способов обучения и просвещения человечества на протяжении веков. Рассказы нашли свою образовательную ценность, основанную на жизни человека и уделившее внимание ее природе. В таких историях описывается взгляд человека на окружающий мир, и по этой причине карманы – это способ передать образование, обычаи, традиции, верования и историю от одного поколения к другому. Религиозные рассказчики также использовали особые методы, используемые официальными и полуофициальными органами и лидерами религиозных групп для объяснения и пропаганды своей религии. В этом типе повествования вопросы и законы традиции и религиозной этики доводятся до аудитории в форме рассказа. В преподавании ислама все используют метод религиозных повествований. Предметом нашего обсуждения является метод повествования в «Касас-уль-Хусейн» Мухаммада Хусейна Баки из Бухары. Чтобы исследовать этот вопрос, мы должны сначала изучить природу истории Касас-уль-Хусейна и, основываясь на ней, рассмотреть метод повествования в Индии. Одна из

особенностей религиозных историй состоит в том, что они в основном реальны, то есть они берут свои события из области жизни. Такие рассказы читаются как стимул к красоте поведения, источником которого является главный герой. В Касас-уль-Хусайне все интересные истории, взятые из жизни Хусейна (а), рассказываются методом рассказывания историй, и его изучение имеет большое значение в этой истории.

**Ключевые слова:** *«Касас-ул-Хусайн», повествование, рассказ в рассказе, метод, религиозные рассказы, убеждение.*

**THE METHOD OF TELLING A STORY IN " KASAS-UL-HUSAIN»**

A person's desire to hear a story has long driven them to tell stories. In the old Testament, when reading and writing were not yet commonplace, storytelling was a tradition among the masses. Based on this, we can say that the oldest form of medical literature is storytelling, because, in principle, stories are part of human life, and from the very beginning people were very interested in them, and if we consider storytelling as one of the ways of teaching and enlightening humanity for centuries. Stories have found their educational value based on human life and paying attention to its nature. These stories describe a person's view of the world around them, and for this reason, pockets are a way to pass on education, customs, traditions, beliefs, and history from one generation to the next. Religious narrators also used special methods used by official and semi-official bodies and leaders of religious groups to explain and promote their religion. In this type of narrative, questions and laws of tradition and religious ethics are brought to the audience in the form of a story. In teaching Islam, everyone uses the method of religious narratives. The subject of our discussion is the method of narration in "Kasas-ul-Husayn" by Muhammad Husayn Baki from Bukhara. To investigate this question, we must first examine the nature of the story of Kasas-ul-Hussein and, based on it, consider the method of narration in India. One of the features of religious stories is that they are mostly real, meaning they take their events from the realm of life. Such stories are read as an incentive to the beauty of behavior, the source of which is the main character. In Kasas-ul-Husayn, all the interesting stories taken from the life of Husayn (a) are told by the method of storytelling, and its study is of great importance in this story.

**Keywords:** "Kasas-ul-Husayn", narration, story within a story, method, religious narratives, persuasion.

**Сведение об авторе:** ***Негмонов Хусрав Курбонович*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры истории таджикской литературы. **Адрес**: г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **93-151-14-20**

**Information about the authors***: **Negmonov Khusrav Qurbonovich*** – Tajik National University, second-year graduate student of the department of the History of Tajik literature. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **93-151-14-20**

## ЗИНДАГИИ ҲАБИБ ЮСУФӢ АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚОН

***Орипова Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омӯзиши зиндагиномаи нависандаю шоирон барои омӯхтани асари онҳо ба мо муҳим аст. Ва аз ин хотир мо дар бораи Ҳабиб Юсуфӣ ки яке аз чеҳраҳои шинохтаи адабиёти муосири мо аст ва умри хеле кӯтоҳ, вале аз ҳар ҷиҳат пурмазмунро ба сар бурдааст, сухан меронем. Вай Ватанро чун модари мушфиқ дӯст медошт, ҳама бо ёди он зиндагӣ мекард. Дар бораи зиндагинома ва осори ӯ муҳаққиқони гуногун назари худро гуфтаанд, аз қабили Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, С. Табаров, Т. Зеҳнӣ, Ш. Ҳаниф, Ҳ. Шодиқулов, М. Диёрӣ, Т. Абдуҷабборов, А. Маҳмадаминов, М. Зайниддинов, М. Олимпур, Х. Абдулғафур, Ҳомидова Г ва дигарон. Мо дар ин мақолаи шогирдонаи худ дар бораи шоири ватандӯст Ҳабиб Юсуфӣ, адабиётшиносону нависандагон чиҳо гуфтаанд, сухан меронем. Пас аз даргузашти Ҳабиб Юсуфӣ муҳаққиқ ва адабиётшинос Ҳамроқул Шодиқулов шеърҳо, достонҳо ва намунаҳои тарҷума, дафтари ёдбудӣ Ҳабиб Юсуфиро ҷамъоварӣ намуда дар шакли ду китоб чоп кардааст.

Ҳақ бар ҷониби адабиётшинос Х. Абдулғафур аст, ки чунин андеша баёнкардааст: “Ҳабиб Юсуфӣ дар адабиёти тоҷик чун шоири ҷанговар маълуму машҳур аст ва умри барқ насибаш гашта, ҳамагӣ 29 сол умр дидааст. Шоир соли 1916 дар гузари Боғимайдони шаҳри Самарқанд дар оилаи шахси бомаърифат Ҳоҷи Юсуф ба дунё омадааст. Ӯ аз ҳафтсолагӣ ба мактаб рафтааст ва мактаби советӣ ба ӯ ҳаматарафа дониши васеъ дода, дар шуури ӯ хислатҳои меҳрубонӣ, ҳалимӣ, китобдӯстӣ, ростгӯӣ, донишҷӯӣ, ватандӯстӣ ба кори партияи Ленин содиқ будан ва кирдори наҷиби одамони советиро парваридааст” [1, с.3].

Ҳабиб Юсуфӣ баъд аз хатм кардани мактаби ҳафтсола вай ба техникуми мардонаи тоҷикии шаҳри Самарқанд дохил шудааст. Дар корҳои ҷамъиятии мактаб фаъолона иштирок карда, аъзои доимии маҳфили адабӣ буда, ба қавли адабиётшинос Холиқ Мирзозода “ Онҳо ба Юсуфӣ олами пурасрори шеъру шоириро боз намуда, аввалин сурудаҳои ӯро таҳрир мекарданд, маслиҳату машвараті судманд медоданд” [5, с.127-133].

Шеърҳои дар маҳфил муҳокимашудаи ӯ дар рӯзномаи деворӣ дарҷ мешуданд. Дар соли 1935 техникумро хатм карда, дар ҳаёт қадами аввалини мустақилона ниҳодааст. Вай дар мактабҳои миёна аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дарс дода, вале танҳо муаллимӣ кардан донишдӯстӣ ҷавонро қаноат накунонидааст. Бинобар ин, тирамоҳи соли 1936 ба факултети филологияи шуъбаи шабонаи донишгоҳ дарвозаи илму дониши советиро ба рӯи ӯ ба таври васеъ кушодааст. Вай дар он ҷо бо асосҳои илми марксистӣ, ленинӣ ва филология шинос шуда, ин фанҳоро дуруст аз худ кардааст. Шароити хубӣ мактаби олӣ ба Ҳабиб Юсуфӣ имконият додааст, ки аз ҷиҳати ғоявӣ ва дониш зуд инкишоф ёбад. Ӯ дар донишгоҳ ҳам аъло хондааст. Барои аъло хондан ва ба корҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок карданаш борҳо мукофотонида шудааст. Баъд аз хатми таҳсили донишгоҳӣ дар соли 1940 ба Душанбе омада, дар Институти забон ва адабиёт ва таърихи филиали Тоҷикистони Академияи фанҳои СССР (ҳоло АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ходими илмӣ таъин шудааст. Ба касби шоирӣ ва тарҷумониаш вазифаи ходими илмӣ илова гардидааст. Ҳабиб Юсуфӣ дар муддати кӯтоҳ чанде аз адибони классики рус Пушкин, Лермонтов ва дигаронро бомуваффақият ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. Ҳабиб Юсуфӣ соли 1942 ба сафи Армияи советӣ даъват шудааст. Ӯро аввал ба омӯзишгоҳи ҳарбии миномётии шаҳри Пенза фиристодаанд. Вай дар он ҷо техникаи ҳарбиро хуб омӯхта, сазовори унвони ҳарбии лейтинанти хурд гардидааст. Баъд аз як сол ба фронти Ленинград фиристода шудааст. Вай акнун шоир не, балки ҷанговар – офицери ҳарбӣ буд. Ӯ акнун бо душмани Ватан бо нафрат ва хашм рӯ ба рӯ истода ҷанг мекард ва вазифаи муқаддаси худро адо менамуд [4, с. 305-316].

Ҳабиб Юсуфӣ умри хеле кӯтоҳ, вале аз ҳар ҷиҳат пурмазмунро аз сар гузаронидааст. Вай Ватанро чун модари мушфиқ дӯст медошт, ҳамеша бо ёди он зиндагӣ мекард. Ишқи Ватан бартариҳои он Ҳабибро шеъргӯй карданд. Ҳабиб ҳам фарзанди арҷманд буд худро қосид ва сарбози Ватан медонист, баҳри тараннум ва ҳимояаш камари ҳиммат сахт мебаст.

Дар архиви Ҳабиб Юсуфӣ 5 мактуби аз фронт фиристодаи ӯ ба бародараш Убайдулло маҳфузанд. Дар яке аз мактубҳо шоири ҷанговар чунин навиштааст: “Аҳволи ман нағз, дар зери барфу борон ва хунуку шамол дар ҷангҳои барои озодии Ватани сотсиалистӣ закалида истодаам” – навиштааст, ӯ ба Деҳотӣ 2 феврали соли 1944 [10, с.113-114].

Юсуфӣ ҳаётдӯст буд. Аз мактуби навиштааш ба бародари калониаш Убайдулло маълум гашт, ки ӯ дар сардиҳои ҳаво нигоҳ накарда ба хизмати Ватан - модар тайёр буд. Ва боз бар зимми ин барои он ки ба пешрафти ҷамъияти мадад расонад, монда нашуда мехонд. Ба мутолиаи адабиёти Ватан – модар, адабиёти рус ва Ғарб, таърих, фалсафа чунон дода мешуд, ки шабҳоро рӯз мекард. Ба омӯхтани забони англисӣ ҳам эътибори ҷидди дода, нусхаҳои аслии асарҳои Байрон, Шекспир, Берлард, Шоурро аз назар гузаронидани мешуд.

Шодон Ҳаниф ба ифтихори 90-солагии зодрӯзи Ҳабиб Юсуфӣ чунин нуқтаи назар баён кардааст: “ Ба ифтихори 90-солагии ин шоири сарсупоридаи Ватан аз Ҳукумати ҷумҳурӣ, Иттифоқи нависандагон ва аз родмардони кишвар самимона тақозо мекунем, ки нимпайкараи шоирро сохта дар шаҳри Палтуск, болои хокҷои ӯ бигзоранд, ки дигарон низ аз фарзанди Тоҷикистон будани ӯ огоҳ шаванд ”[8, с. 5].

Барои ҳар яки мо ҷавонон боиси ифтихор аст, ки ашъори чунин шоири баландистеъдоди тоҷик ва ҳимоятгари Ватан дили моро ба ваҷд меоранд. Ҳар як шеъру достони шоир дили моро ба ваҷд меорад. Мақолаҳои илҳомбахши ин шоири соҳибистеъдоди тоҷик, шоҳиди Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба мавзӯъҳои қаҳрамонӣ, фидокорӣ, ҳимояи Ватан ва ҷоннисориҳо дар роҳи Ватан бахшида шудаанд. Шеъру достон ва мақолаҳое, ки ба қалами ӯ тааллуқ доранд, мо

хонандагонро ба ҳисси муҳаббат нисбат ба халқу Ватан даъват мекунанд ва Ҳабиб Юсуфиро чун як нафар фидокорӣ роҳи Ватан, ҳимоятгар ва таронасарои кишвари ба ҷону дил баробар ҷилвагар месозад. Баъди мутолиаи шеърҳо ва мақолаҳои шоир ба худ як илҳоми тоза ва фараҳи беандоза гирифтан мумкин аст. Шоири ватандӯст тамоми меҳри худро нисбат ба Ватан ифода кардааст. Ӯ меҳри Ватанро аз ҳама чиз болотар ва муқаддастар медонист ва барои Ватан қурбон шуданро хушбахтӣ ҳисоб мекард.

Гулбаҳор Ҳомидова – корманди Китобхонаи миллии Тоҷикистон оид ба мавзӯи ашъори шоири ҷанговар ва таронасарои Ватан Ҳабиб Юсуфӣ ва дар иртибот ба 100 – солагии шоири маҳбуб чунин навиштааст: “ Ӯ дар роҳи муҳофизати Ватан қаламро бо шамшер иваз кардааст, ки ин қаҳрамони бемисл мебошад”[7, с.10].

Адабиётшинос Муртазо Зайниддинов дар мақолаи “Дар ливо бо хун бинвиштам: “Ба пеш” суханҳои пурмазмунеро зери авроқи сафед оварда, қайд кардааанд: Шоири наҷиби рус Сергей Есенин хело ба мавқеъ гуфтааст, ки “Шоирон аслан ҳамхунанд”. Ҳамин ҳикмати бамантиқро дар мисоли ҳаёти шоири ҷанговари тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ ва шоири муборизи тотор Мӯсо Ҷалил ба хуби дида метавонем. Барои мо равшан нест, ки ин ду фидои роҳи озодии Ватан ҳамдигарро медонистанд ё не. Вале инаш аниқ аст, ки ин ду шоири қаҳрамон ба диёри ҳамдигар, ба адабиёту маданияти ҳамдигар ихлоси неку муҳаббати гарм доштанд [3, с.3].

Дар ин мақолаи устод камтар мухолифат ҷой дорад, зеро вақте ки мо бо маслиҳати роҳбари илмиам проф. Раҳмонӣ ба хонаи янгаи Ҳабиб Юсуфӣ ташриф овардам, он кас ба мо гуфта буданд, ки Ҳабиб Юсуфӣ ва Мӯсо Ҷалил бо ҳам дӯстонӣ наздик буданд. Онҳо дар Самарқанд ҳамеша якҷоя буданд. Шеъру суруд мехонданд, вақте ки Ҳабиб Юсуфӣ дутор менавохтанд.

Ба қавли адабиётшинос Талъат Абдуҷабборов “Ҳабиб Юсуфӣ умри хеле кӯтоҳ, вале аз ҳар ҷиҳат пурмазмунро ба сар бурдааст. Вай Ватанро чун модари мушфиқ дӯст медошт, ҳамеша бо ёди он зиндагонӣ мекард. Ишқи Ватан бартариҳои он Ҳабибро шеъргӯй карданд. Ҳабиб ҳам фарзанди арҷманд буд, худро қосид ва сарбози Ватан медонист, баҳри тараннум ва ҳимояаш камари ҳимматро сахт мебаст” [2, с. 8].

Риштаи ҳаёти Ҳабиб Юсуфӣ, мутаассифона хеле барвақт, дар синни 29-солагӣ канда шуд. Ҳабиб дар арафаи ғалабаи бузурги халқи советӣ аз болои фашизми истилогар дар орзуи баҳори сулҳу устувор буд, вале тири беамони душман 25 феврали соли 1945 ӯро аз байни мо рабуд.

Шодон Ҳаниф нигоштааст, ки “Юсуфӣ то ба ин кати беморӣ роҳи вафодорӣ, роҳи садоқат ва роҳи хунинро тай карда омада буд. Комиссариати ҳарбии шаҳри Сталинобод дар қатори дигар нависандагони тоҷик барои ӯ ҳам броня, яъне санади махсусинигоҳдорӣ аз даъвати ҳарбиро навишта буд, аммо яке аз роҳбарони онвақтаи Иттифоқи Нависандагон аз ғарази шахсӣ ва шояд рашку ҳасад онро пинҳон дошт. Юсуфӣ инро медонист” [8, с.5].

Юсуфӣ бо шеърҳои эҳсоспарвари маҷмӯаи аввалини худ таваҷҷӯҳи хонандагон ва адабиётшиносону мунаққидонро ба худ ҷалб кардааст.

Масалан, А. Ҳоҷибоев нигоштааст:

Ҳаёти дилкашу зебо – ҳаёти озод аст,
Чунин ҳаёт на арзон ба даст афтодааст.
Барои он ки ҳаёте чунин диҳад моро
Ҳазор бор Ватан сад ҳазор ҷон додааст.

Ин сатрҳо ба шоири баландистеъдод, адиби ҷавони тоҷик, ки дар айни нашъу намои ҳаёт ва фаъолияташ дар муборизa ба муқобили фашистони истилогари немис диловарона қурбон шудааст, тааллуқ доранд. Оре, то ин ки ҳаёти озоду дилкаш таъмин карда шавад, ватани советии мо – умедбахши меҳнаткашони тамоми дунё ҳазорон қурбониҳо дода, садҳо маҳрумиятҳоро аз сар гузаронидааст”[9, с. 4].

Юсуфӣ – шоир ва Юсуфӣ – сарбозро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин нест. Вай аз бемуваффақиятҳои рӯзҳои аввали ҷанг ғамгин, аз пешравиҳо хурсанд

мешуд. Бо ордени “Ситораи Сурх” мукофотонида шудан барои Ҳабиб Юсуфӣ бахти калон буд. Вай дар ин хусус ба дӯсташ Холиқ Мирзозода якуми майи соли 1944 чунин навишта буд: “Дар синаи худ нишони Ленин дорам. Наконец, имрӯз дар синаи ман нишони “Ситораи Сурх”. Ту мефаҳмӣ? Маро имрӯз бо тантанаи калон мукофот карданд... Бигузор , халқи тоҷик донад, ки писари ӯ шарафи халқи худро дар майдони муборизa нигоҳ медорад. Дар рӯзҳои наздик ба ту як ҳикояи кӯдакона мефиристонам”.

Таронасарои пирӯзиҳои сотсиализм Ҳабиб Юсуфӣ, навъе ки муҳаққиқон қайд карданд, шоири ҳассос, ҳозирҷавоб ва тарғибгари ғояҳои ватан ва ватанхоҳӣ буд. Мазмуну мундариҷаи ашъори ӯро Ватан, муҳаббат ба Ватани сотсиалистӣ, садоқат ба идеалҳои олии коммунизм ташкил додаанд. Бесабаб нест, ки Юсуфӣ дар мақолаҳояш аз моҳияти граждани назм сухан ронда дар образҳои бадеӣ ва шаклу мазмуни баланд тасвир кардани воқеияти сотсиалистиро маҳаки асосии шеър донистааст. Шоир адибонеро, ки шаклу навъҳои адабии классикиро бе ягон навҷӯӣ ва назари тоза барои ифодаи мазмуну мундариҷаи нав истифода мекунанд, сахт танқид кардааст.

Вай авввалин шеърҳои худро, ки шаклану мазмунан кӯҳна ва аз умимигӯӣ чандон дур набудаанд, низ танқид мекунад. Ба таъкиди шоир “ҳанӯз ифодаҳои рангину хушку холӣ ва аз мафҳуми омма дур, инчунин тақлидҳои бемаънӣ, дар қатор порчаҳои ман ҳам, ки онро ҳоло ҳам шеър номидан душвор ва нодуруст аст, бисёр дида мешаванд”.

Адабиётшинос Ҳамроқул Шодиқулов чунин ибрози ақида кардаанд: “Шоири соҳибистеъдоди тоҷик, командири далеру шуҷоатманд дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ҳабиб Юсуфӣ аз ҷумлаи адибоне мебошад, ки аз тири душман ногаҳон ва ҷавон рафта бошад ҳам, ҳамеша ҷавон мондааст ва дар марҳилаҳои ҳозираи сохтмони коммунистӣ низ ҳамроҳи навтарин корномаҳои насли муосир қадам мезанад. Аз шасти имрӯза ӯ 31 сол бо мо ҷисман ҳамроҳӣ надорад, вале назми пуртуғёну сухани самимонаи меҳрпарвараш ҳамқадами мост”[6, с. 136-143].

Як хусусияти характерноки мактубҳои фронтии Ҳабиб Юсуфӣ дар он аст, ки ҳар он чизе ки ӯ дар майдони набард бо чашмони худ дидааст ва шоҳиди он будааст, дар мактубҳояш бевосита акс ёфтаанд. Вай дар яке аз мактубҳояш дар бораи хислатҳои хуби ҳайратовари солдатҳои оддӣ, дар бораи корнамоӣ ва қаҳрамониҳои онҳо чунин менависад: “... Як чиз мутаассир менамояд, - рафтор ва кирдори одамон. Бо вуҷуди ин ҳама хавфу хатар, касе ғингӣ намекунанд, аз кор даст намекашанд ва ҳам рӯи хандон доранд. Ҳазл ва шӯхи мекунанд. Инро “одат” гуфтан мушкил аст, қаҳрамонӣ гӯям, ҳеҷ кадоми онҳо унвони қаҳрамонӣ надоранд...” [6, с. 136-143].

Аз мактубҳои аз майдони набард ба ёру дӯстон фиристодаи Ҳабиб Юсуфӣ маълум мегардад, ки ӯ дар шароити даҳшатноки ҷанги хонумонсӯз низ аз корҳои эҷодӣ ва омӯзиш боз наистодааст. Дар баъзе аз ин мактубҳо порчаҳои назмиеро вомехурем, ки бевосита дар майдони набард иншо шудаанд. Дар баъзе мактубҳо бошад, вай дар хусуси нақшаҳои эҷодии худ сухан меронад. Ин мактубҳо мактубҳои оддӣ набуда, мактубҳои эҷодианд. Онҳо ҳолату рӯҳияи ин адиби ҷанговар ва умуман ҳолату рӯҳияи онвақтаи ҳамаи аскарони моро нишон медиҳанд.

Ҳабиб Юсуфӣ дар айни авҷи ҳунару камолоти эҷодӣ буд. Дар дил нақшаҳои зиёди эҷодӣ дошт ва назмии советии тоҷик низ аз ӯ сарсабзиҳои зиёде чашмдор буд. “Умедворам, ки ҷанги Ватаниро бо ғалаба тамом карда саломат ба хизмати адабиёти тоҷик бармегардам”, навиштааст ӯ ба Абдусалом Деҳотӣ дар яке аз мактубҳояш.

Ҳабиб Юсуфӣ бар зидди душманони хунхор қаҳрамонона ҷангида, дар роҳи озодии хоки поки Ватани азизаш ҷони худро нисор намудааст. Вале хотираи ӯ, асарҳои илмию адабӣ ва мактубҳои фронтиаш, ки ба мо мерос мондаанд, аз рӯзгору қаҳрамонӣ ва орзую омоли ин марди шуҷоъ ва шоири пурэҳсос ҳикоя менамоянд.

**АДАБИЁТ**

1. Абдулғафур Х. Мотами сухан. Шеър ба ёди Ҳабиб Юсуфӣ. // Паёми Душанбе. – 1941. – 26 апрел. – с.3.
2. Абдуҷабборов Талъат. Адибе, ки ҳама ёд мекунанд // Ӯзбакистони Сурх. – 1962. – 10 январ. – с.8.

3. Зайниддинов М. Дар ливо бо хун бинвиштам: Ба пеш! Дар бораи ҳамдиливу ҳаммаромии ду шоири боистеъдод, муҳофизони Ватан – Ҳабиб Юсуфӣ ва Мӯсо Ҷалил // Комсомоли Тоҷикистон. – 1985. – 22 феврал. – с.3.
4. Маъсумӣ Н. Шоири ҷанговар Ҳабиб Юсуфӣ // Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷ1. – Душанбе, 1977. – 305 – 316с.
5. Мирзозода Х. Ҳабиби мо. Ёддошт, дар бораи Ҳабиб Юсуфӣ // Садои Шарқ. – 1967. - №2. – 127 – 133 с.
6. Ҳамроқул Ш. Лермонтов ва шуарои тоҷик. Тарҷумаҳои Ҳабиб Юсуфӣ аз осори шоири бузурги рус Лермонтов // Садои Шарқ. – 1967. - №5. – 136 – 143 с.
7. Ҳомидова Г. Шоири таронасарои Ватан: Ба ифтихори 100 – солагии шоири маҳбуб, ватандӯст, тарҷумон, ҷанговар Ҳабиб Юсуфӣ // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2016. – 31 март. – с.10.
8. Шодон Ҳаниф. Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам. Ба муносибати 60 – солагии рӯзи таваллуди шоири ҷанговар Ҳабиб Юсуфӣ // Комсомоли Тоҷикистон. – 1976. – 17 октябр. – с.5.
9. Ҳоҷибоев А. Ҳабиб Юсуфӣ (Очерк). Ба муносибати панҷсолагии дар фронти ҷанги ватанӣ қурбон шудаанд. // Ҳақиқати Ленинобод. – 1950. – 22феврал. – с.4.
10. Юсуфӣ Ҳ. Лаҳзаи хурсандии ман. Шеър. Ҳозиркунандаи он С. Мустафоқулов // Садои Шарқ. – 1976. - №5. – 113-114 с.

**ЗИНДАГИИ ҲАБИБ ЮСУФӢ АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚОН**

Зиёд шеърҳои Ҳабиб Юсуфӣ ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст. Шоир диққати асосиро ба корнамоиҳои намояндагони халқи тоҷик дар ҷабҳаҳои ҷанг ҳамчунин фаъолияти халқро дар ақибгоҳ ба риштаи тасвир кашидааст. Муҳаққиқон зиндагӣ ва ҳаёти шоири ҷанговарро аз лиҳози илмӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ҳабиб Юсуфӣ умри хеле кӯтоҳ, вале аз ҳар ҷиҳат пурмазмунро аз сар гузаронидааст. Вай Ватанро чун модари мушфиқ дӯст медошт, ҳамеша бо ёди он зиндагӣ мекард. Ишқи Ватан бартариҳои он Ҳабибро шеъргӯй карданд. Ҳабиб ҳам фарзанди арҷманд буд худро қосид ва сарбози Ватан медонист, баҳри тараннум ва ҳимояаш камари ҳиммат сахт мебаст.

**Калидвожаҳо:** таърих, ҷанг, ғалаба, қаҳрамон, ҷабҳа, мазмун, тасвир.

**ЖИЗНЬ ХАБИБА ЮСУФИ ГЛАЗАМИ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ**

Многие стихи Хабиба Юсуфи посвящены Великой Отечественной войне. Поэт акцентирует внимание на достижениях таджикского народа на полях сражений, а также на деятельности людей на заднем плане. Исследователи научно изучили жизнь и творчество поэта-воина. Хабиб Юсуф прожил очень короткую, но содержательную жизнь. Он любил свою Родину как любящую мать и всегда жил ее памятью. Любовь к Родине сделала Хабиба поэтом. Хабиб тоже был знатным сыном, он был солдатом и знал, что он всегда является одним из верных сынов своей Родины.

**Ключевые слова:** история, война, победа, герой, фронт, содержание, изображение.

**LIFE OF HABIB YUSUFI FROM THE POINT OF VIEW OF RESEARCHERS**

Many of Habib Yusufi's poems are dedicated to the Great Patriotic War. The poet focuses on the achievements of the Tajik people on the battlefields, as well as on the activities of people in the background. Researchers have scientifically studied the life and work of the warrior poet. Habib yousufi lived a very short but meaningful life. He loved his Homeland as a loving mother and always lived in its memory. Love for the Motherland made Habib a poet. Habib was also a noble son, he was a soldier and knew that he was always one of the loyal sons of his homeland.

**Keywords:** history, war, victory, hero, front, content, image.

**Сведение об авторе:** ***Орипова Нигора*** – магистр второго курса факультета филологии, кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы ТНУ, Email: oripovanigora@mail.ru Тел.: **985 74 96 95**

**Information about the author:** ***Oripova Nigora*** – second-year graduate student of the Faculty of Philology, graduate student of the department of the theory and modern Persian-Tajik literature of TNU, Email: oripovanigora@mail.ru, phone: **985 74 96 95**

# ШАКЛШИНОСИИ ДОСТОНҲОИ ХУРДИ ТАРКИБИ “ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

***Пиров С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Чун дар маркази таҳқиқи мо симои Баҳроми Гӯр ҳамчун шахсияти таърихӣ қарор дорад, зарур донистем, то дар хусуси сарчашмаҳои муҳимми ба вуҷуд омадани образи Баҳроми Гӯр таваҷҷуҳ кунем. Пеш аз ҳама, бояд ёдовар шуд, ки Фирдавсӣ аз зумраи суханварон ва бузургонест, ки ба осори даҳонии халқ бо назари нек менигарист ва аз истифодаи онҳо ҳеҷ гоҳ худдорӣ наменамуд. Шоир ба чигунагии самти таваҷҷуҳи худ дар истифодаи осори даҳонакии халқ ва мавҷуд

будани нақлу ривоятҳо, ки саропои “Шоҳнома”-ро дар бар мегирад, дар оғози достони Каюмарс чунин хабар додааст:

Сухангӯй деҳқон чӣ гӯяд нахуст,
Ки номи бузургӣ ба гетӣ кӣ ҷуст?
Кӣ буд он, ки дайҳим бар сар ниҳод?
Надорад кас аз рӯзгорон ба ёд.
Магар, к-аз падар ёд дорад писар,
Бигӯяд туро як ба як аз падар,
Ки номи бузургӣ кӣ овард пеш?
Киро буд аз он бартарон поя беш?! [6, с. 35].

Дар ин байтҳо андешаи аз падар ёд доштани писар ва аз қавли ӯ нақл кардан аз воқеаи рӯзгорони куҳан ба суннати шифоҳӣ ишора мекунад, ки дар байни мардуми мо то оғози расми китобат хеле маълум будааст. Ба ин маънӣ, ки гузаштагони мо эҷоди бадеиро аз тариқи нақли сина ба сина ба ояндагон интиқол медоданд. Абулқосим Фирдавсӣ дар бахшҳои ҷудогонаи “Шоҳнома” аз ҳамин суннати шифоҳӣ ба хубӣ истифода карда, дар офариниши чеҳраи Баҳроми Гӯр илова бар ин суннат аз нақли шифоҳии қисса ба сурати ҳамчун асотиру афсона маъмулшудаи он ҳам таваҷҷуҳ доштааст.

Сарчашмаи дигар ахбори хаттии мавҷуд аст, ки Фирдавсӣ дар тасвири симои Баҳроми Гӯр аз он ҳам суд ҷустааст. Яъне, дар тасвири Фирдавсӣ суннати шифоҳӣ, асотиру афсона, воқеияти таърихӣ ва ривояти достонӣ ба ҳам омехта шудаанд. Бинобар он ки паҳнои тасвир васеъ аст, Фирдавсӣ воқеаҳои марбут ба Баҳроми Гӯрро дар таркиби достонҳои хурд бозгӯ кардааст. Аз ин ҷост, ки масъалаи шаклшиносии достонҳои хурди таркиби достони Баҳроми Гӯр пеш меояд.

Дар хусуси мафҳуми шаклшиносӣ муҳаққиқи эронӣ Қадамалии Сарромӣ дар китоби худ “Аз ранги гул то ранҷи хор” маълумоти муфассал додааст. Ин муҳаққиқ дар бораи шаклшиносии достонҳои “Шоҳнома” таҳқиқот бурда, оид ба шаклшиносии асари мавриди назар чунин зикр мекунад: “Дар адабиёт шаклшиносӣ иборат аз таҳқиқ дар сохторҳои осори адабӣ ва шиносоии шакл ва гунаҳои онҳост. Ҳар навъ тақсимбандӣ дар адабиёт, ки битавонад осори адабиро бар асоси мушаххасҳое аз якдигар мумтоз кунад, аз мақулаи шаклшиносӣ аст” [4, с. 4]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки баҳси асосӣ дар шаклшиносии асари адабӣ, пеш аз ҳама, сохтори мунсаҷими асар мебошад. Масъалаи сохтори муҳтавоӣ ҳам ба ҳамин ҷиҳат иртибот мегардад.

Агар мо ба нақлу ривоятҳо, ки хосси адабиёти шифоҳӣ мебошанд, нигарем, мебинем, ки мавзӯъ ва ифодаи онҳоро саргузашти паҳлавонону шахсони таърихӣ ташкил медиҳанд, бинобар ин, онҳо ба ин адабиёт ҳамчун образи мусбат ва қаҳрамонони дӯстдоштаи халқ дохил мешаванд. Баҳроми Гӯр дар “Шоҳнома” аз қабили ҳамин гуна шахсонест, ки ба адабиёти даҳонии халқамон ҳамчун образи барҷаста дохил шуда буд. Дар қатори нақлу ривоятҳо, инчунин, китобҳои зиёди таърихии ба замони Сосониён бахшида шуда, ки аз саргузашту корнамоӣ ва шикорҳои Баҳроми Гӯр нақл мекарданд, вуҷуд дошт. Аз ҷумала, то замони зиндагии Фирдавсӣ китоби “Худойномак” маъруфу машҳур буд. “Худойномак” дар замони ҳукмронии падари Баҳроми Гӯр- Яздгирд навишта шуда ва доир ба ин сулола маълумотҳои зиёде медиҳад. “Худойномак” муносиб ба “Шоҳнома” аст, зеро дар гузашта шоҳонро худой меномиданд.

Забеҳуллоҳи Сафо зикр мекунад, ки “Худойнома китобе буд дар таърих ва сияри мулуки Эрон аз Каюмарс то подшоҳони охири Сосонӣ, ки дар он қасасу ривоёт ва достонҳои миллию мазҳабӣ ва ҳақоиқи таърихӣ роҷеъ ба аглаб аз подшоҳони Сосонӣ гирд омада буд” [5, с. 66]. Мутаассифона, матни паҳлавии “Худойномак” дар оғози аҳди исломӣ аз байн меравад ва ҳамин тавр то замони мо намерасад.

Вақте ки шоир достони “Баҳроми Гӯр”-ро менависад, симои ин шахси таърихиро хеле устодона тасвир мекунад. Образи офаридаи Фирдавсӣ ба сурати куллӣ қабл аз ӯ дар адабиёти даҳонии халқ пайдо шудааст, аз тариқи нақли шахсиятҳо то дараҷаи суратҳои гуногун ҳам пайдо карда буд. Ин шоири бузурги ҳамосасаро дар натиҷаи коркарди бадеӣ тавонистааст, ҳамчун офарандаи бемисли образи Баҳром симои ӯро чун шоҳи одилу оқилу саховатпеша тасвир намояд.

Аз ин ҷост, ки дар достон аз ҳаёти Баҳроми Гӯр силсиладостонҳои хурди зиёде оварда мешавад, ки дар онҳо симои Баҳром ҳамчун шахси дорои фазилату маърифат тасвир шудааст. Силсиладостонҳои хурди дохили достон мазмуну мундариҷаи асарро равшану возеҳ ва хеле пурқувват мекунанд. Як хусусияти хуби силсиладостонҳо аз он иборат аст, ки Фирдавсӣ ба воситаи онҳо ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии худро баён менамояд. Шаклшиносии силсиладостонҳои хурди достони Баҳроми Гӯр имконият фароҳам меоварад, ки ҷаҳонбинии шоири гуманистро то андозае муайян кардан осон гардад. Фирдавсӣ кӯшидааст, ки аз тасвири беҳуда канорачӯӣ намуда, дар қолаби достонҳои хурд бештар ба ҳақиқати воқеӣ таваҷҷуҳ намояд.

Дар достони подшоҳии Баҳроми Гӯр аввалин силсиладостони хурд достони “Баҳроми Гӯр бо Ланбаки обкаш” мебошад, ки ин достон аз 60 байт иборат аст. Дар достони мазкур ду қаҳрамонро мушоҳида менамоем, ки яке Баҳромшоҳ ва дигаре Ланбаки обкаш аст. Фирдавсӣ кӯшидааст, дар симои Баҳром шахси дорои хислатҳои хуби инсонӣ, ҳамчунин, шоҳи раиятпарвар, муносибати хуби шоҳро бо мардуми одӣ ва дар симои Ланбаки обкаш, ки аз қишри поёнии ҷамъияти ондавра ҳисоб меёфт, новобаста аз сатҳи зиндагӣ, мушкилоти рӯзгордории як шахси ҷавонмарду бохирадро тасвир намояд.

Сужети достон чунин оғоз мешавад, ки рӯзе Баҳром бо лашкари худ аз роҳ мегузашт, ки ногоҳ пирамарди хирадманде асо дар даст ба Баҳром дар бораи ду нафар хабар медиҳад:

Бишуд пирамарде асое ба даст,
Бад-ӯ гуфт, к-эй шоҳи яздонпараст.
Ду марданд, шоҳо, дар ин шаҳри мо,
Яке бонаво, дигаре бенаво.
Бироҳом мардест пурсиму зар,
Ҷуҳуде фиребандае бадгуҳар.
Ба озодагӣ Ланбаки обкаш,
Ба ороиши хону гуфтори х(в)аш [7, с. 438].

Чун Баҳром ин суханро аз даҳони пирамард бишнид, шефтаву мафтуни хислату рафтори Ланбаки обкаш гардида, аз лашкар ҷудо шуд ва худро ба хонаи Ланбак зад. Ланбак, ки худ шахси меҳмоннавоз буд, Баҳромро ба хушнудӣ қабул намуда, хуб меҳмондорӣ кард. Баҳром се рӯзе, ки дар хонаи Ланбак меҳмон мешавад, аз хислатҳои хуби Ланбак огоҳ мегардад ва дар рӯзи чаҳорум Баҳром ба Ланбак офарин хонда, ӯро дуои нек медиҳад.

Хулоса, Фирдавсӣ дар офаридани ду образи асосии ин достон, ки яке шоҳи одил ва дигаре инсони заҳматкаши қишри поёни ҷамъиятӣ мебошанд, кӯшидааст, ба хонанда хислатҳои хубу рафтори қобили эътимоди инсониро талқин намояд.

Дар достони дуюм, ки “Баҳроми Гӯр бо Бироҳоми Ҷуҳудӣ” унвон гирифтааст, Фирдавсӣ тавонистааст, дар офаридани хислати Бироҳим аз характери манфуру зишту мумсикии баъзе ашхоси дорои он давра ёдоварӣ намуда, онро дар риштаи хислатҳои зишти инсонӣ тасвир намояд.

Дар достони мазкур ҳам қаҳрамони мусбат ва ҳам қаҳрамони манфӣ дида мешавад ва Ҳаким Фирдавсӣ бештар ба қаҳрамони манфӣ таваҷҷуҳ дорад. Ба ҳамин восита Фирдавсӣ кӯшидааст, ки аз муносибати зишти Бироҳим бо Баҳроми

Гӯр дар тасаввури хонанда нисбат ба неку бад ва шинохти инсони асил нуктаеро нишон диҳад, ки хонанда худ хулосабарорӣ кунад.

“Достони Баҳроми Гӯр бо Меҳрбандод”, ки низ яке аз хурдтарин силсилаи достонҳо ба шумор меравад, аз 34 байт иборат мебошад. Фирдавсӣ, ки зодаи аристократияи деҳқонӣ аст ва ӯ дар ҳамин табақаи ҷамъиятӣ тамоми умри бобаракаташро адо кардааст, ҳамеша пушту паноҳ ва ҳимоятгари аҳли меҳнат буд ва онҳоро аз дилу ҷон дӯст медошт. Шоир ҳамин дилбастагии худро дар достони “Баҳроми Гӯр бо Меҳрбандод” дар образи деҳқони одии миёнаҳол – Меҳрбандод баён месозад. Меҳрбандод деҳқони пирест, ки дар ихтиёраш каме обу замин ва гову гӯсфанд дорад. Меҳрбандод бо ҳамдеҳагонаш аз ду шере, ки дар манзили онҳо макон гирифта буданд, дар тарсу ҳарос монда, аз хонаҳои худ намебаромаданд. Ҳангоме ки Баҳроми Гӯр шеронро мекушад, аввалин шуда аз байни мардуми деҳа Меҳрбандод аз ин ҳолат воқиф мешавад. Меҳрбандод шеронро кушта дида, аз далерии Баҳроми Гӯр хурсанд шуда, ӯро ба меҳмонӣ даъват мекунад. Меҳрбандод деҳқони миёнаҳол буда, марди хеле ҳимматбаланду саховатманд ва некгуфтору одамдӯст аст.

Мо саховатмандӣ ва ҳимматбаландии ӯро ҳангоми дар хонааш меҳмон шудани Баҳроми Гӯр равшан мебинем. Меҳрбандод барои меҳмоннавозии Баҳроми Гӯр чанде аз гӯсфандҳои фарбеҳи худро кушта, аҳли деҳаро ба ҳузури Баҳром даъват мекунад, ки аз ин ҷо хислатҳои одамдӯстии ӯ низ ҳувайдо мегардад. Одамшиносии Меҳрбандодро ҳангоми дар атрофи дастархон гуфтугузор карданаш бо Баҳроми Гӯр пай бурдан мумкин аст. Меҳрбандод рафтори неки Баҳроми Гӯрро дида мегӯяд:

Чунон дон, ки монандаӣ шоҳро,
Ҳамон ними шаб нимаи моҳро [7, с. 453].

Баҳроми Гӯр ҳамчун подшоҳи нексиришт ва раъиятпарвар хислатҳои неки Меҳрбандодро қадр карда мегӯяд:

Агар ман ҳаме нек монам ба шоҳ,
Туро додам ин бешаву ҷойгоҳ [7, с. 453].

Фирдавсӣ ба воситаи образи Меҳрбандод гуфтанист, ки рафтори неку хислати начиб ҳамеша ҳосили нек медиҳад ва нафъи он зуд ва ё дер ба инсон муяссар мегардад.

Достони “Баҳроми Гӯр бо бозаргоне ва шогирди ӯ” 58 байтро дар бар мегирад. Образи бозаргон тамоман мухолифи образи Меҳрбандод мебошад. Фирдавсӣ дар образи бозоргон ва Меҳрбандод хислатҳои гуногуни инсониро тасвир намуда, бештар ба кадом гурӯҳи одамон тааллуқ доштани ахлоқи нек ва зиштро нишон медиҳад. Бозаргон, пеш аз ҳама, марди хасису мумсик ба назар мерасад, мо ин хислатҳои пасти ӯро ҳангоми хоҳиши Баҳроми Гӯрро ичро накарданаш ҳис мекунем. Бар замми хасисию мумсикӣ бозаргон шахси беандеша ва бадгуфтор аст. Ӯ бо суханҳои талхи худ Баҳромро дар хиҷолат мегузорад:

Чу бишнид Баҳром аз ӯ ин сухан,
Бишуд з-орзуяш панири куҳан [7, с. 480].

Бозаргон дар қатори дигар хислатҳои зишташ марде дилозор низ мебошад. Ӯ аз шом то субҳ шогирдашро барои он сарзаниш мекунад, ки барои Баҳром як мурғи бирёнро бо арзиши дучанд харидааст. Ба андешаи Фирдавсӣ, одами хасис хушбахт шуда наметавонад, зеро ки маънии ҳақиқии ҳаётро, ки дар меҳнат ва дониш, саховат ва некӣ зоҳир мегардад, намефаҳмад, чунки вай бераҳм ва беандеша аст. Вайро ҳирси сарватгункунӣ фаро гирифтааст, ки ин хислатҳоро дар рафтору кирдори бозаргон мушоҳида карда метавонем.

Фирдавсӣ ба воситаи образи бозаргон кирдору рафторҳои нодуруст ва хислатҳои бади инсониро мазаммат карда, аз он дур буданро талқин менамояд.

Образи шогирди бозаргон бо образи Меҳрбандод аз рӯи монанд будани хислату рафторҳо дар як поя меистад. Шогирди бозаргон дорои хислатҳои неки инсонӣ аст. Ӯ, пеш аз ҳама, одамшиносу меҳмоннавоз ва баландҳиммат мебошад. Шогирди бозаргон ба ин хислатҳои некаш сазовори таҳсину офарини Баҳром мегардад. Образи шогирди бозаргон хеле таъсирбахш аст. Зеро ки хислатҳои хуби ӯ хонандаро шефта мекунад.

Достони "Баҳроми Гӯр бо зани полизбон" дорои 113 байт мебошад. Шоири инсондӯст нисбат ба занҳо таваҷҷуҳи зиёде дорад. Ӯ, пеш аз ҳама, ба занҳои бовафову ростқавл, дурандешу мулоҳизакор ва шуҷову мардсифат майли беандоза дошта, онҳоро аз мардони ноуҳдабаро боло мегузорад. Образи зани полизбонро аз қабили образи занҳои шуҷоъ ва баландҳиммат ҳисобидан мумкин аст. Мо ақидаи шоири бузургро дар хусуси бартарӣ доштани баъзе занҳо аз мардҳои риёкору бадкирдор ва дилозор дар муқоисаи зани полизбон ва образи бозаргон бараъло мушоҳида карда метавонем. Образи зани полизбон тамоман образи мухолифи шавҳараш – полизбон аст. Зани полизбон, пеш аз ҳама, инсони одамдӯст аст ва ин хислати неки ӯ ҳангоми ба хонааш омадани Баҳром ба назар мерасад. Ӯ ба шавҳараш мефармояд, ки меҳмонро қабул намуда, ба аспи ӯ коҳу беда диҳад:

Бад-ӯ гуфт: Коҳ ору аспаш бимол,
Чу шона надорӣ, ба пашмин ҷувол [7, с. 486].

Ин гуна хислатҳою мардсифатии зани полизбон ҳангоми арзи ҳол карданаш бо Баҳром падидор мегардад. Зани полизбон сабабгори ҳамаи бедодгариҳоро аз бепарвоӣ ва ноуҳдабароии худи шоҳ медонад. Баҳроми Гӯр ба гуфтаҳои ин зани чобукандеш рафтор мекунад ва тез аз паи осудагии мардум мешавад. Ҳамин тариқ, образи зани полизбонро аз беҳтарин образҳои достони "Баҳроми Гӯр" шуморидан зарур аст.

Образи полизбон бо образи бозаргон дар як радиф меистад. Ин образҳо аз ҳамдигар ҳеҷ фарқе надоранд, зеро ки тамоми хислатҳои ба бозаргон хос буда, ба рафтору кирдорҳои полизбон низ рост меояд. Як хусусияти фарқкунандаи образи полизбон аз бозаргон дар он аст, ки ӯ бештар меҳмонбезор аст ва ин рафтори зишти полизбонро ҳангоми пинҳон шуданаш аз назари Баҳром мушоҳида карда метавонем. Хислатҳои хасисию мумсикии полизбон ҳангоми муноқиша бо зани саховатмандаш аён мегардад. Дар охир ӯ мисли бозаргон бо таъсири Баҳроми Гӯр аз ҳамаи рафтори зишташ халос мешавад.

Дотони "Баҳроми Гӯр бо Кабрӯй ва ҳаром кардани ӯ майро" аз бисту се байт иборат аст. Достон чунин оғоз мешавад:

Чу биншаст, май хост аз бомдод,
Бузургони лашкар бирафтанд шод.
Биёмад ҳамон гаҳ яке марди меҳ,
Варо мева овард лахте зи деҳ [7, с. 453].

Дар достони мазкур ду қаҳрамони асосӣ амал мекунад, ки яке Кабрӯй ва дигаре Баҳром мебошанд. Кабрӯй ки бо кулвори зиёде ба сӯи Баҳром меомад, баробари дидан Баҳром ӯро ба назди худ мехонад. Аз ин рафтори шоҳ Кабрӯй хурсанд мешавад. Маҷлиси шоҳонае барпо мекунанду зиёфате ороста шаробнӯшӣ мекунанд. Баъди маҷлис Кабрӯй бо аҳли гурӯҳи худ мехоҳад ба зодгоҳаш равад. Чун Кабрӯй бисёр нӯшида буд, аз миёни гурӯҳ ҷудо шуда, ба сӯи кӯҳ меравад. Ҷои мувофиқ ёфта, аз асп поин мешаваду дар сояе мехобад. Дар ҳамин вақт аз кӯҳ зоғи сиёҳе поин омада, ду чашми Кабрӯйро канда мегирад. Аҳли гурӯҳ дар ташвиш афтода, дар ҷустуҷӯй мешаванд, вале Кабрӯйро мурда меёбанд. Аз дидани чунин ҳол аҳли гурӯҳ ба шӯр омада, аз чунин зиёфати шоҳона нафрат пайдо карданд.

Вақте ки Баҳром аз хоб мехезад, яке аз шахсони некхоҳаш ҳодисаи дар ҳоли мастӣ кандани чашмони Кабрӯй аз ҷониби зоғ ба ӯ мерасонад. Бо шунидани

чунин хабар рухи шоҳи ҷаҳон зард шуда, аз чунин ранг гирифтани кор афсӯс мехурад. Дарҳол Баҳром ба дарбориён хитоб намуда, ҳаром будани майро дар ҷаҳон, новобаста аз ҷоҳу мансаб, эълон мекунад:

Ҳамон гаҳ баромад зи даргаҳ хурӯш,
Ки эй номдорони бо фарру ҳуш.
Ҳаром аст май дар ҷаҳон сарбасар,
Агар паҳлавон аст, агар пешавар [7, с. 455].

Достони “Кӯдаки кафшгар бо шер ва ҳалол кардани Баҳроми Гӯр майро” аз сию шаш байт иборат мебошад. Достон чунин оғоз меёбад:

Ба-дин гуна бугзашт соле тамом,
Ҳамедоштӣ ҳар касе май ҳаром.
Ҳамон гуна шоҳ чун маҷлис орастӣ,
Ҳамон номаи бостон хостӣ [7, с. 455].

Вақте чун Баҳром маҷлис меорояду аз гузаштагон ёд мекунад ва аз қиссаи кӯдаки кафшгар, ки ба ӯ зан медиҳанду ӯ наметавонад, бо занаш ҳамхобагӣ кунад, ошно мешавад. Чун модари кӯдак ин ҳодисаро мебинад ба фарзандаш хӯрдани майе, ки ҳафтсол дошт пешкаш менамояд. Чун кӯдаки кафшгар аз он май менӯшаду сархуш мегардад бо занаш ҳамхобагӣ намуда комашро мебарорад. Аз бисёр нӯшидани май маст шуда, ба берун баромада, бар шери ғуррон нишаста, гӯши шерро ба даст мегирад. Мардумон чунин ҳолатро дида, дар шигифт ва ба подшоҳ хабар мерасонанд ва подшоҳ мӯбадонро даъват мекунад, то аслу насаби ӯро маълум кунанд, зеро чунин далериро танҳо паҳлавонзодаҳо метавонистанд. Чу аз модари кӯдак аслу насаби ӯро мефаҳмад, модар чунин ҷавоб медиҳад:

Ниё кафшгар буд, падар кафшгар
Ва-з он пеша бадтар наёмад гуҳар [7, с. 458].

Аз шунидани чунин суханон ва дидани қаҳрамониҳои кӯдак Баҳром майро ҳалол эълон намуда, майхора зиндагӣ намуданро тайин мекунад.

Дар достони мазкур ду қаҳрамони асосӣ мушоҳида мешавад, ки яке Баҳром, дигаре кӯдаки кафшгар мебошад. Дар достон Баҳром ҳамчун шоҳи бохирад ва дурандеш таҷассум ёфтааст. Дар диди Фирдавсӣ, образи кӯдак новобаста аз синну сол аз далериву қаҳрамонии кӯдак ва аз қувватбахшии май дар ниҳоди ӯ ва ба даст даровардани шер барҷаста мебошад. Ӯ маҳз дар ҳолати мастӣ қарор доштанаш наррашерро ҳамчун хар савор мешавад. Достони мазкур бо достони Баҳром бо Кабрӯй хеле монандӣ дорад. Дар достони Баҳром бо Кабрӯй май сабаби марги Кабрӯй мешавад ва аз ҳамин лиҳоз Баҳром майро ҳаром эълон мекунад. Аммо дар достони мазкур май ҳамчун рамзи далериву шуҷоатмандӣ маънидод шудааст.

Ҳамин тариқ, достони “Баҳрои Гӯр” дар байни дигар достонҳои қисмати сеюми “Шоҳнома” мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ҳаким Фирдавсӣ тавонистааст, бо эҷоди силсиладостонҳо асолати таърихиро нигоҳ дошта, дар ҷоҳонбинии хонанда таъсири мусбӣ расонад. Қисми зиёди фикру андешаҳои Фирдавсӣ ҳоло ҳам аҳамият ва арзиши худро гум накардаанд ва дар тарбияи ахлоқии насли наврас кӯмак мерасонанд.

**АДАБИЁТ**


1. Амонов, С. Зиндагии Фирдавсӣ ҳамоса аст / С. Амонов // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2019. – Саҳ. 73-77.
2. Қодирова, М. Корномаи Баҳром дар “Шоҳнома” / М. Қодирова // Паёми донишгоҳ. – Душанбе: Сино, 2009. – С. 197-204.
3. Саидзода, Ҷ. Фирдавсӣ –шоири миллатдӯст ва ватанпараст / Ҷ Саидзода // Паёми Душанбе, 2016, аз 21 сентябр. – С. 5.
4. Сарромӣ, Қадамалӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор. Шаклшиносии қиссаҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ / Қадамалии Сарромӣ – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1367ҳ. – 1087 с.
5. Сафо, Забеҳулло. Ҳамосасаройӣ дар Эрон / Забеҳулло Сафо. – Теҳрон, 1333. – 358 с.
6. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 1 / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе, 1964. – 467 с.

7. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома, ҷилди 7 / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 652 с.
8. Шарифов,Х.“Шоҳнома” ва шеъри замони Фирдавсӣ / Х. Шарифов. – Душанбе, 2016. – 400 с.
9. Шарифов, Х. Достонҳои бузурги “Шоҳнома” / Х. Шарифов. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 400 с.
10. Шарифзода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Худоӣ Шарифзода, Мисбоҳиддини Нарзиқул. – Душанбе: ТоРус, 2017. – 416 с.

## ШАКЛШИНОСИИ ДОСТОНҲОИ ХУРДИ ТАРКИБИ “ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮРӢ”-И ФИРДАВСӢ

Дар қисмати таърихии “Шоҳнома” образи як қатор шахсони таърихӣ, ба назар мерасад вале ҳеҷ кадоме аз ин образҳо ба образи Баҳроми Гӯр аз ҷиҳати адлу адолат баробар шуда наметавонад. Фирдавсӣ аз аввал то охири достон Баҳроми Гӯрро ҳамчун подшоҳи одилу оқил, далеру шуҷоъ ва баландҳиммату саховатманд тасвир менамояд. Дар достони “Баҳроми Гӯр” нақш ва мавқеи ҳикояҳо бағоят калон аст, зеро, ки онҳо дар баробари аз корнамоиву саргузашти аҷоиби Баҳроми Гӯр нақл карданашон, инчунин, бештари ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Фирдавсиро низ ифода мекунанд. Ҳикояҳои дохили достон барои кушоду равшан кардани ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Фирдавсӣ ва дар баробари он, барои барҷастатар нишон додани характери қаҳрамонҳои достон ва хусусан, Баҳроми Гӯр аҳамияти аввалиндараҷаро соҳиб аст. Дар бораи Баҳроми Гӯр ва корнамоиҳои ӯ дар ду достони “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ маълумоти муфассалро дида метавонем. Зода шудани Баҳроми Гӯр ва оғози корномаи ӯ дар достони “Подшоҳии Яздгирди Базагар” ва подшоҳиаш дар достони “Подшоҳии Баҳроми Гӯр” оварда шудааст. Дар достони якум як достони хурд бо унвони “Достони Баҳром бо канизаки чангзан дар шикор” оварда шудааст, ки аз 496 байт иборат аст. Дар достони “Подшоҳии Баҳроми Гӯр” 9 достони хурди дигар оварда шудааст, ки миқдори байтҳои таркибии онҳо чунин аст: достони якум – 60 байт; дуюм – 81 байт; сеюм – 34 байт; чорум – 23 байт; панҷум – 129 байт; шашум – 157 байт; ҳафтум – 58 байт; ҳаштум – 536 байт; нуҳум – 1482 байт. Агар абёти мазкурро ба ҳам ҷамъ оварем, маълум мешавад,ки аз ҷиҳати ҳаҷм достони мазкур аз 2600 байт иборат аст. Таҳлили шаклшиносии достонҳои хурди таркиби достони “Баҳроми Гӯр” имконият медиҳад, ки оид ба сохтори ҷисмҳои таркиби асар, ва дараҷаи таввоҷуҳи шоир ба масъалаҳои мавриди қарор додааш ва сохтори муҳтавоии ҳар кадом амиқтар баррасӣ анҷом дода шавад. Фирдавсӣ кӯшидааст, ки аз тасвири бекироя канорачӯй намуда, дар қолаби достонҳои хурд бештар ба ҳақиқати воқеӣ таваҷҷаҳ намояд.

**Калидвожаҳо:** достон, Фирдавсӣ, Баҳроми Гӯр, таърих, адабиёт, қаҳрамон, байт, шоир, ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, Шоҳнома.

## ФОРМИРОВАНИЕ НЕБОЛЬШИХ КОМПОЗИЦИЙ ПОЭМИ ФИРДОУСИ “БАХРОМИ ГУР”

Поэма «Царство Бахроми Гур» является одна из самых популярных поэм «Шахнаме» Фирдоуси. Поэт составил в ней девять небольших поэм с одинаковым содержанием. По словам Фирдоуси королевство Бахроми Гур просуществовало 63 года. Каждое стихотворение его произведения тесно связано друг с другом. В этой статье обсуждалось формирование композиции маленьких стихов в стихотворении Бахроми Гур. Было выяснено, что Фирдоуси сосредоточился на реальности в своей работе и избегал использования нереальных моментов. Мы можем узнать больше о Бахроме Гуре и его достижениях в двух рассказах Фирдоуси «Шохнома». Рождение Бахром Гура и начало его карьеры описаны в рассказе «Королевство Йездгирда Базагара», а его правление - в рассказе «Королевство Бахром Гур». В первом рассказе есть рассказ под названием «История Бахрома с пыльной служанкой на охоте», состоящий из 496 байт.

**Ключевые слова:** Шахнаме, Фирдоуси, Бахроми Гур, поэма о царстве Бахроми Гур, формирование, небольших поэм, структура смысла.

## FORMING SMALL COMPOSITIONS OF POEMI FERDOWSI “BAHRAME GUR”

The poem "the Kingdom Bahrami Hur" is one of the most popular poems of Shahnameh by Ferdowsi. The poet composed in it nine small poems with the same content. According to Firdowsi, the kingdom of Bahromi Gur lasted 63 years. Each poem of his work is closely related to each other. This article discussed the formation of the composition of small poems in the poem by Bahromi Gur. It was found that Firdousi focused on reality in his work and avoided using unreal moments. We can learn more about the Fringe góra and its achievements in two stories of Ferdowsi "Shohnoma". The birth of Bahram Gur and his early career is described in the story "the Kingdom of Yazdgerd Besahara", and his reign - in the story "the Kingdom of Bahram Gur." The first story has a story called "the story of Fringe with the dusty maid on the hunt", consisting of 496 bytes.

**Keywords:** Shahnameh, Ferdovsi, Bahrame Gur, the poem about the Kingdom Bahrame Gur formation, of small poems, the structure of meaning.

**Сведения об авторе:** ***Пиров Салахиддин Ахмадович*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса кафедры истории таджикского литературы, Тел.: **917 55 26 05**

**Information about the author:** ***Pirov Salahiddin akhmadovich*** –Tajik National University, second-year master's student of the Department of history of Tajik literature, Tel.: **917 55 26 05**

# ҲАММАЪНОИИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МАКОН БО ИБОРАИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

***Розиқов Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаи муродифоти синтаксисӣ яке аз бахшҳои ниҳоят муҳим ва кам тадқиқшудаи наҳвиёти забони адабии тоҷик ба шумор меравад. «... зимни муродифоти синтаксисӣ чунин воҳидҳои том /ибораҳо, ҷумлаҳои сода, ҷумлаҳои мураккаб/ дар назар дошта мешавад, ки бо вуҷуди гуногунии сохту таркибашон як маънои умумии грамматикиро ифода намуда, бо тобишҳои маъно ва хусусияти услубиашон фарқ мекунанд» [6, с. 9].

Ҳаммаъноии ҷумлаҳои пайрав бо анвои мухталифи ибораҳо яке аз қисматҳои муҳимми муродифоти синтаксисӣ буда, таҳқиқи он аҳамияти калони назарию амалӣ дорад.

Ба ибораҳои мухталиф муродиф будани ҷумлаҳои пайрав аз наздикию ҳаммаъноии қолабҳои гуногуни наҳвӣ шаҳодат медиҳад. Фаровонии қолабҳои наҳвӣ нишонаи қудрату тавоноии забон, шоҳиди ғановату боигарии забон аст.

Дар наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаҳои пайрави дигар муродифи ибораҳои мухталиф бошанд ҳам, ҷумлаи пайрави ҳоли макон асосан ба ибораи сифати феълӣ ҳаммаъност. Ибораҳои сифати феълӣ аз рӯи вазифаи дар ҷумла доштаашон муродифи ҷумлаи пайрави макон мебошанд.

Дар ҷараёни нутқ ва ифодаи фикр гӯянда ва нависанда гоҳо ҷумлаи пайрави ҳоли макон ва гоҳо ибораҳои сифати феълиро истифода бурда, ба такрор роҳ намедиҳад ва фикрро рангину ҷолиб ифода мекунад.

Албатта, ин маънои онро надорад, ки ин ду воҳиди наҳвӣ комилан яканду аз ҳам фарқ надоранд. «Маъно ва вазифаи ҷумлаҳои пайрав ва ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ ба ҳам хеле наздиканд, аз ин ҷиҳат онҳо яке ба дигаре бармегарданд. Лекин онҳо ба ҳамдигар баробар нестанд ва аз якдигар фарқ мекунанд» [7, с. 19].

Наҳвшиносони тоҷик ҳангоми таҳқиқи анвои ҷудогонаи ҷумлаҳои пайрав масъалаи ҳаммаъноии ҷумлаҳои пайравро низ ба ибораҳо /-и номӣ, сифати феълӣ, масдарӣ, феъли ҳолӣ/ мавриди омӯзиш қарор дода, умумият ва тафовутҳои ин ду воҳиди наҳвиро нишон додаанд [6, с. 10; 11, с. 2; 5, с.12].

Маълум аст, ки ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ бо ҷумлаҳои пайрав ҳаммаъно бошанд ҳам, воҳиди нисбатан содаи нутқ буда, ба ҷумлаи сода марбутанд. Ҷумлаи пайрав бошад, чун воҳиди предикативӣ дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ нақши калон дошта, ба наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаб мутааллиқ аст.

Масъалаи муродифияти ҷумлаи пайрави ҳоли макон ба ибораҳо ҳанӯз тадқиқ нашудааст. (Бояд гуфт, ки умуман ҷумлаи пайрави макон ҳанӯз мавриди пажӯҳиши алоҳидаи ҷиддӣ қарор нагирифтааст).

Аз ин рӯ, маърӯзаи мо ба пажӯҳиши ҳамин масъалаҳои наҳви ҷумлаҳои мураккаб ва ҳусни баён – ҳаммаъноии ҷумлаи пайрави ба ибораҳо, хосатан ҳаммаъноии ҷумлаи пайрави макон ба ибораҳо рабт дошта, вобаста ба баррасии мавқеи ин воҳидҳои наҳв дар забони адабии тоҷик (вобаста ба имконияти зеҳнии шогирдонаамон) бахшида шудааст.

Масъалаи муродифияти ҷумлаи пайрави ҳоли макон ба ибораҳо ҳанӯз тадқиқ нашудааст. *Муаллифони «Наҳви забони тоҷикӣ» менависанд, ки «ҷумлаҳои тобеи пуркунанда, замонӣ, мақсадӣ ва сабабиро ба ибораҳои исми феълӣ /масдарӣ / иваз кардан мумкин аст, ивазкунӣ ба таври поён ба ҷо оварда мешавад. а/ Бандаки ҷумлаи тобеъ бардошта мешавад. б/ Ба ҷои хабари феълии ҷумлаи тобеъ исми феълӣ оварда мешавад»* [3, с. 25].

Дар аввалин грамматикаи забони тоҷикӣ барои мактабҳои олӣ ҳамин маълумот бо каме тағйирот оварда шудааст: «Баъзе ҷумлаҳои пайрав /сабаб, мақсад, пуркунанда, тарзи амал ва ғайра/ мувофиқи вазифа ва аҳамияти худ ба ибораҳои масдарӣ наздиканд, бинобар ин онҳо ба ибораҳои масдарӣ табдил ёфта метавонанд. Дар вақти ба ибораи масдарӣ баргардонидани ҷумлаҳои пайрав: а/ пайвандак намеояд, б/ хабари ҷумлаи пайрав ба шакли масдар меояд...» [4, с. 165].

Н.Маъсумӣ дар хусуси ибораҳои масдарӣ ва муносибати он бо ҷумлаҳои пайрав ба баъзе ҷиҳатҳои муҳими таркиби ибора муфассал дахл намуда таъкид мекунад, ки ибораҳои масдарӣ бо ҷумлаҳои пайрави хабар, пуркунанда, ҳоли замон, сабаб, мақсад ҳамвазифаанд [9, с. 289].

М.Н.Қосимова дар мақолаи хеш «Ибораҳои изофии масдарӣ» ҳаммаъноии ин воҳиди наҳвиро бо баъзе ҷумлаҳои пайрав тадқиқ намудааст. Муҳаққиқ ибораҳои масдарии ба вазифаи пуркунанда, ҳоли замон, шарт, сабаб, мақсад омадаро муродифи ҷумлаҳои пайрав /-и пуркунанда, ҳоли замон, шарт, сабаб, мақсад/ нишон дода, далелҳои қотеъ овардааст [8, с. 31].

Дар маҷмӯъ, ҳаммаъноии ҷумлаҳои пайрав бо ибораҳо дар забони тоҷикӣ аз бисёр ҷиҳат омӯхта шудааст. Вале аз диди нав бо назардошти хусусиятҳои ҷумлаи пайрав ва ибораҳо баррасӣ намудани ин воҳидҳои наҳв, азҷумла, ҷумлаи пайрави макон ва муайян кардани хусусиятҳои услубии онҳо хеле ҷолиб мебошад. Аз ин рӯ, мо дар назди худ мақсад гузоштем, ки ҳаммаъноии ҷумлаҳои пайрави ҳоли маконро бо ибораҳо дар доираи имкон таҳлил намуда, махсусиятҳои онро дар шакли хулоса натиҷагирӣ намоем. Дар рафти таҳлилу баррасии мавзӯъ ҳамчун сарчашмаи илмӣ асосан ба тадқиқотҳои дар ин соҳа анҷомдодаи муҳаққиқон: М.Н. Қосимова, Н. Маъсумӣ, Х. Ҳусейнов, Ш. Рустамов, Ф. Зикриёев, С. Атобуллоев, Д. Хоҷаев, В. Абдулазизов, М. Мирзоева такя намудем.

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳоли макон дар забони адабии тоҷик серистеъмол аст. Он аз ҷумлаҳои пайравест, ки як аъзо ё тамоми сарҷумларо эзоҳ медиҳад. Бинобар ин, ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои маъноӣ ва аломатҳои сохтории ҷумлаҳои пайрави ҳоли макон ба сарҷумлаи он, махсусан, ба хабар ва ҳоли макони сарҷумла, ки ҷумлаи пайрав бевосита ба онҳо алоқаманд буда, онҳоро эзоҳ дода, пурра мекунад, аҳамияти махсус додан лозим аст. Зеро хабар ва ҳоли макони сарҷумла, ки ҷумлаи пайрави ҳоли макон ба он тобеъ аст, барои ифодаи ҳамин ҷумлаи пайрав асосӣ буда, маъною вазифаи ҷумлаи пайрав ба ҳамон аъзои возеҳшавандаи сарҷумла вобастагӣ дорад.

Дар баъзе ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави ҳоли макон фарқи сарҷумла аз ҷумлаи содаи мустақил дар он аст, ки сарҷумлаи чунин ҷумлаҳо аз лиҳози маъною оҳанги талаффуз нотамом аст. Бинобар ин, сарҷумлаю ҷумлаи пайрав ҳамеша ба якдигар вобастаанд. Онҳо вазифаи мухобиротиро дар бутунии ҳайаташон иҷро менамоянд. Сарҷумла бе ҷумлаи пайрав, ҳарчанд ҷумлаи асосӣ аст, ноқис мебошад. Маъмулан сарҷумла фикри асосиро ифода мекунад, вале дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави ҳоли макон ҳолатҳои дигарро низ дидан мумкин аст, ки сарҷумла танҳо шаклан ҷумлаи содаи дигарро тобеъ мекунад, аммо фикри асосӣ дар ҷумлаи пайрав ифода меёбад, бидуни ҷумлаи пайрав сарҷумла номукаммал ва ноқис аст. Чунончи:

Душвории кор дар ин ҷо буд, ки дар он ҷо чим ва лои шитта набуд (С.А.).
***Ҳар ҷо ки*** *илму дониш бошад,* манзили ман **ҳамон** аст. ***Дар ҷое ки*** *зулму ситам ҳаст,* **он ҷо** хароб мешавад (С.А.).

Таҳлили маводи гирдовардашуда нишон медиҳад, ки ҷумлаҳои пайрави ҳоли макон дар ифодаи маъно ва вазифаи наҳвӣ ба ибораҳои **сифати феълӣ, масдарӣ ва ибораи номӣ** муродифанд.

Ҷумлаи пайрави ҳоли макон пеш аз ҳама (ва бештар) ба ибораҳои масдарӣ муродиф аст. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар таркиби ҷумлаи сода истифода шудани ибораҳои масдарӣ,сифати феълӣ ва ибораҳои номӣ яке аз ҳодисаҳои маъмули забонист. «Ибораи масдарӣ, - таъкид кардааст Ш. Рустамов, дар таркиби ҷумла вазифаҳои гуногуни грамматикиро иҷро мекунад. Он чи дар иҷрои вазифаи сараъзоҳои ҷумла ва чи дар иҷрои вазифаи аъзои пайрави ҷумла бе ягон маҳдудият кор фармуда мешавад» [10, с. 138]. Вале возеҳ аст, ки ҷумла тобишҳои модалӣ ва экспрессиви (ҳисси)-ро низ ифода мекунад. Ибораҳои **масдарӣ, сифати феълӣ** аз ифодаи чунин тобишҳо маҳруманд.

Чи тавре ки пештар зикр намудем, ҷумлаи пайрави ҳоли макон асосан ба ибораҳои **сифати феълӣ** муродиф аст.

Агар мазмуни ҷумлаи мураккаби тобеъ (бо ҷумлаи пайрави ҳоли макон) бо ҷумлаи содаи тафсилӣ ифода карда шавад, дар ин маврид пеш аз ҳама пайвандак фурӯгузор гардида, пешоянди таркибӣ истифода мешавад ва хабари ҷумлаи пайрав ба сифати феълӣ табдил дода мешавад. Чунончи:

| Ҷумлаи мураккаби тобеъ | Ҷумлаи сода |
|---|---|
| Улоқҷӯён аз канори об дуртар, ***дар ҷое ки*** *тири дарёгарди Темурмалик* ***ба он ҷо*** *намерасид,* рафта манзил кард (С.А.). | Улоқҷӯён аз канори об дуртар, ***дар ҷои*** *тири дарёгарди Темурмалик* ***ба он ҷо*** *намерасидагӣ* рафта манзил кард.// Улоқҷӯён …… аз канори об |

| | |
|---|---|
| | дуртар, ***дар ҷои*** *тири дарёгарди Темурмалик намера-сидагӣ* рафта манзил кард. |

Агар ҷумлаи мураккаби тобеъ (бо ҷумлаи пайрави ҳоли макон) пайвандаки **куҷое ки, дар куҷое ки, ба куҷое ки, ҳар ҷо ки** истифода шуда бошад, ҳангоми ба ҷумлаи содаи тафсилӣ ифода кардани ин маънӣ пайвандак фурӯгузор мешавад, ва ба ивази онҳо пешоянди таркибии **ба ҷои** истифода гардида, хабари ҷумлаи пайрав ба сифати феълӣ табдил дода мешавад. Дар ин маврид хабари ҷумлаи пайрав /масдар/ бандакҷонишин мегираду фикр таъкид карда мешавад. Чунончи:

| Ҷумлаи мураккаби тобеъ | Ҷумлаи сода |
|---|---|
| ***Ба куҷо ки*** *фармоед*, ба дилу ҷон меравам (Р.Ҷ.).<br>*Даҳ пуд ангиштро ба тахтапушт мегираду* ***ба куҷо ки*** *хоҳад,* мебарад (Р.Ҷ.) | ***Ба ҷои*** *мефармудагиатон* ба дилу ҷон меравам. // ***Б***а дилу ҷон ***ба ҷои*** *мефармудаги****атон*** меравам.<br>*Даҳ пуд ангиштро ба тахтапушт мегираду* ***ба ҷои*** *мехостаги****аш*** мебарад. |

Агар дар ҷумлаи мураккаби тобеъ (бо ҷумлаи пайрави ҳоли макон) пайвандакҳои ҷуфт (**куҷое ки он ҷо, дар ҷое ки… ҳамон ҷо, ҳар ҷо ки … он ҷо,** …) истифода шуда бошад, ҳангоми ба ҷумлаи содаи тафсилӣ ифода кардани ин маънӣ пайвандак ва ҷуфти дар сарҷумла будаи он (**он ҷо, ҳамон ҷо, ҳамон**) фурӯгузор мешавад ва пешояндҳои **ҷои**, **ба ҷои, ҳар ҷои** ва таркибии ***ҳар ҷои*** истифода гардида, хабари ҷумлаи пайрав ба сифати феълӣ табдил дода мешавад. Чунончи:

| Ҷумлаи мураккаби тобеъ | Ҷумлаи сода |
|---|---|
| ***Дар ҷое ки*** *зулму ситам ҳаст,* **он ҷо** хароб мешавад (С.А.).<br>***Ҳар ҷо ки*** *илму дониш бошад,* манзили ман **ҳамон** аст /Фолклор/.<br>***Ҳар ҷо ки*** *аён аст*, ҳоҷат ба баён нест (Фолклор). | ***Ҷои*** *зулму ситам будагӣ* хароб мешавад.<br>***Ҳар ҷои*** *илму дониш будагӣ* манзили ман аст.// ***Ҷои*** *илму дониш будагӣ* манзили ман аст.<br>***Дар ҷои*** *аён буда(гӣ)* ҳоҷат ба баён нест.// ***Дар ҷои*** *аён* ҳоҷат ба баён нест. |

Агар дар ҷумлаи мураккаби тобеъ (бо ҷумлаи пайрави ҳоли макон) калимаҳои ҳамнисбат ( **ҷое**, **куҷое, дар куҷое, ҳар ҷое)** истифода шуда бошад, ҳангоми ба ҷумлаи содаи тафсилӣ ифода кардани ин маънӣ пайвандак фурӯгузор мешавад, ва ба ивази калимаҳои ҳамнисбат пешоянд(-и **ҷои, дар ҷои, ҳар ҷои)** истифода гардида, хабари ҷумлаи пайрав ба сифати феълӣ табдил дода мешавад. Чунончи:

| Ҷумлаи мураккаби тобеъ | Ҷумлаи сода |
|---|---|
| **…. Ба ҷое** афтодааст*, **ки** дар вақтҳои гузаштани сел ….. монанди як ҳавзча ба ҳар ҷо …. обе пайдо шуда будааст* /С.Айнӣ/.<br>….. аз тарси дуздон пулро **ҷое** пинҳон кардан даркор буд, ***ки*** *ҳеҷ кас надонад* (С.А.). | **…. Ба ҷои** *дар вақтҳои гузаштани сел ….. монанди як ҳавзча ба ҳар ҷо …. обе пайдо шудагӣ* афтодааст…… аз тарси дуздон пулро **ҷои** *ҳеҷ кас намедонистагӣ* пинҳон кардан даркор буд. |

Баъзе ҷумлаҳои пайрави ҳоли макон ба ибораи масдарӣ ва ибораи номӣ муродифанд. Ин дар мавридҳое имконпазир аст, ки барои ташаккули ҷумлаи мураккаби тобеъ таркибҳои ҷуфт (дар ин ҷо …. дар он ҷо, …..) истифода шуда бошад:

| Ҷумлаи мураккаби тобеъ | Ҷумлаи сода |
|---|---|
| Душвории кор **дар ин ҷо** буд, *ки* ***дар он ҷо*** *чим ва лои шитта набуд* (С.А.).<br>*Як гурӯҳ ……..,* ***дар ҷое ки*** *аз чашми босмачиён пинҳон буд,* пул баста ба он сӯи Сорбуг гузаштанд (С.А.).<br>***Дар куҷо ки*** *кор ҳаст*, хурсандӣ, таърифкунӣ, ранҷонидан, дилбардорӣ ҳам | Душвории кор ***дар он ҷо*** *набудани чим ва лои шитта* буд.<br>Як гурӯҳ ……..,* ***дар ҷои*** *аз чашми босмачиён пинҳон/будагӣ/* пул баста ба он сӯи Сорбуг гузаштанд.<br>***Дар ҷои*** *кор /будагӣ/* хурсандӣ, таърифкунӣ, ранҷонидан, |

| | |
|---|---|
| ҳаст(Р.Ҷ.). | дилбардорӣ ҳам ҳаст. |

Аз мисолҳои боло возеҳ мегардад, ки гунаҳои аввал хоси услуби забони адабӣ буда, гунаҳои дуюм як тарзи ифодаи забони гуфтугӯист.

*Ибораҳои масдарӣ бо ҷумлаҳои пайрави ҳоли макон ҳаммаъно бошанд ҳам, воҳиди нисбатан соддаи нутқ буда, ба ҷумлаи содда марбутанд. Ҷумлаҳои пайрав бошанд, чун воҳиди предикативӣ дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ нақши калон дошта, ба наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаб марбутанд.*

*Дар ҷараёни нутқ ва ифодаи фикр гӯянда ё нависанда гоҳ ҷумлаи пайрави ҳоли макон ва гоҳо ибораҳои масдариро истифода бурда ба такрор роҳ намедиҳад ва фикрро рангину ҷолиб ифода мекунад. Муродифоти ин воҳидҳои наҳвӣ ба гӯянда имконият фароҳам меорад, ки ин ё он мазмунро бо тарзҳои гуногун, ҷолибу ҷаззоб баён кунад.*

Материалҳои забони адабии тоҷик гувоҳи онанд, ки ҷумлаҳои пайрави ҳоли макон ва ибораҳои сифати феълӣ, масдарӣ ва ибораи номӣ бо вуҷуди ҳаммаъно буданашон комилан як (баробар) набуда, на ҳамеша якдигарро иваз карда метавонанд. Ҷумлаи пайрави ҳоли макон чун воҳиди наҳвии ҷумлаҳои мураккаб дорои вижагиҳое мебошад:

1. Ҷумлаи пайрави ҳоли макон воҳиди предикативӣ буда, ба сарҷумла тобеъ аст ва як ҷо бо он вазифаи мухобиротиро иҷро мекунад. Ибораи ба он муродиф воҳиди номинативӣ буда, танҳо ба як калимаи асосии ин воҳид тобеъ аст.
2. Ин ду воҳиди ҳаммаъно аз рӯи сохтор, воситаҳои алоқаи наҳвӣ низ фарқ мекунанд.
3. Ҷумлаи пайрави ҳоли макон чун як воҳиди мухобиротӣ фикреро тасдиқ ё инкор мекунад. Ибораҳо бошанд, аз ин хусусият маҳруманд.
4. Ҷумлаи пайрави ҳоли макон дорои маъноҳои гуногуни модалӣ мебошад, воҳидҳои муодили он аз ин маҳруманд.

Бояд зикр кард, ки истифодаи ин ду воҳиди наҳвӣ якрангу баробар набуда,ҷумлаи пайрави ҳоли макон нисбат ба ибораҳои ҳаммаъноянш бештар истифода мешавад. Албатта, ин ба имконоти нисбатан васеъ доштани ҷумлаи мураккаб вобаста мебошад, зеро гӯянда ё нависанда бо ҷумлаи мураккаб фикрашро возеҳтар, рангину ботафсилтар ифода карда метавонад. Ҳамчунин маънои хабар (феъл) нақши муҳим дошта, соҳибсуханро водор мекунад, ки ҷумлаи пайрав истифода бурда, хабарро пурра кунад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдулазизов В. Сложноподчиненные предложения с придаточными дополнительными предложениями в таджикском литературном языке: Автореф. дис... канд. филол. наук. – Душанбе-1993. – 20 с.
2. Атобуллоев С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1957. - 193 с.
3. Беленитский А.М., Ҳоҷизода Б. Наҳви забони тоҷикӣ. Барои синфҳои VI-VII. К.2. – Сталинобод - Самарқанд: Нашрдав. Тоҷикистон, 1936. – С. 22-34.
4. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Нашр. дав. Тоҷикистон, 1963.– С. 128-155.
5. Зикриёев Ф. Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 121 с.
6. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён. –Душанбе: Ирфон, 1986.– С. 5-12.
7. ҚосимоваМ. Н. Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик. – Сталинобод: Нашр. АФ Тоҷикистон, 1961. – 77 с.
8. Қосимова М. Н. Ибораҳои масдарӣ //Мактаби советӣ. -1965. №6. – С. 27-31.
9. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик, – Сталинобод: Нашр. дав. Тоҷикистон, 1959.
10. Рустамов Ш. Ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони ҳозираи тоҷик. //Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш.1976. – С. 62-101.
11. Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1968. – 111 с.
12. Ходжаев Д. Сложноподчиненные предложения с придаточными определительными в современном таджикском литературном языке: Автореф. дис. канд.фил. наук. – Душанбе, 1980. – 19 с.


**ҲАММАЪНОИИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МАКОН БО ИБОРАИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ**


Дар мақола яке аз масъалаҳои муҳими наҳви ҷумлаҳои мураккаб ва ҳусни баён – ҳаммаъноии ҷумлаи пайрав бо ибораҳо, хосатан ҳаммаъноии ҷумлаи пайрави макон ба ибораи сифати феълӣ ва мавқеи ин воҳидҳои наҳв дар забони адабии тоҷик мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар асоси маводи забонӣ нишон дода шудааст, ки ҷумлаҳои пайрави ҳоли макон ва ибораҳои сифати феълӣ, масдарӣ ва ибораи номӣ ҳаммаъно бошанд ҳам, комилан баробар набуда, на ҳамеша якдигарро иваз карда метавонанд. Ибораҳо бо ҷумлаҳои пайрав ҳаммаъно бошанд ҳам, воҳиди нисбатан содаи наҳв буда, ба ҷумлаи сода марбутанд. Ҷумлаи пайрав бошад, чун воҳиди предикативӣ дар таркиби ҷумлаи

мураккаби тобеъ нақши калон дошта, ба нахвиёти ҷумлаҳои мураккаб мутааллиқ аст ва вижагиҳои худро дорад. Ибораҳо ва ҷумлаҳои пайрави макон бо вуҷуди гуногунии сохту таркибашон як маъноии умумии грамматикиро ифода намуда, бо тобишҳои маъно ва хусусияти услубиашон фарқ мекунанд.

**Калидвожаҳо:** наҳв, ҷумлаи пайрав, ҳаммаъної, ибора, ибораи масдарӣ, ибораи сифати феълӣ, ибораи номӣ, ҷумлаи пайрав,ҷумлаи пайрави макон,умумият,тафовут, хусусияти услубӣ.

**СИНОНИМИЯ ПРИДАТОЧНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ МЕСТА С ПРИЧАСТНЫМИ СЛОВОСОЧЕТАНИЯМИ**

В статье рассмотрен один из актуальных проблем синтаксиса сложноподчинённых предложений – синонимика придаточных предложений с словосочетаниями, а именно, синонимика придаточного предложения места с причастными словосочетаниями и место этих синтаксических единиц в современном таджикском литературном языке. На основе языкового материала показано, что хотя придаточные предложения места синонимичны с причастными, инфинитивными и именными словосочетаниями, однако совершенно не единотичны и не всегда могут заменить друг друга. Словосочетания хотя единозначны с придаточными предложениями, но являются более простой синтаксической единицей и относятся простым предложениям, а придаточного предложения как предикативная единица имеет большое значение в составе сложноподчиненного предложения и имеет свои особенности. Словосочетания и придаточные предложения не смотря на структурные различие выражают одинаковое значение и отличаются оттенками значения и стилистическими особенностями.

**Ключевые слова:** синтаксис, придаточное предложение, словосочетание, причастное словосочетание словосочетание, инфинитивное словосочетание, именное словосочетание, придаточное предложения места, общность, различие, стилистические особенности.

**SYNONYMOUS OF THE SUBORDINATE CLAUSE OF PLACE WITH PARTICIPIAL**

In the article have been researched one of the vital syntactic issues of the complex sentences and expressiveness of speech – synonymous of the subordinate clause to phrases, mainly synonymous of the subordinate place clause to the participial and position of this syntactic units in the modern Tajik literary language. It is shown on the basis of the language materials, that subordinate clause of circumstances of the place and participial, infinitive phrase, nominal phrase are also synonym, even they are completely not equal, and they always cannot change each others place. Even the phrases are synonym with subordinate clause, they considered as rather simple unit of syntax and subjects to simple sentence. But subordinate clause plays crucial role as predictive units in the structure of subordinate complex sentences and it depends on the syntactical complex sentences, so it has its own features. The phrases and subordinate clause of place in spite of being different structure they express only one common grammatical meaning, they vary with shade of meaning and stylistic peculiarity.

**Keywords**: syntax, subordinate clause, synonymous, phrase, infinitive phrase, participial, nominal phrase, subordinate place clause, commonality and differences, stylistic peculiarity.

**Сведения об авторе:** ***Розиков Фируз*** **–** магистрант 2-го курса специальности таджиский язык и литература факультета фыилологии Таджикского национального университета.Телефон: **904-27-64-64**

**Information about the author:** ***Rozikov Firuz*** – 2nd year master's student of the specialty Tajik language and Literature of the Faculty of Philology of the Tajik National University. Phone: **904-27-64-64**

# ЖАНРОВАЯ СПЕЦИФИКА РУССКИХ ПОСЛОВИЦ

***Халифазода А.***
**Таджикский национальный университет**

Пословицы определяются как «краткие, меткие, глубокие по силе мысли народные изречения или суждения о жизненных явлениях, выраженные в художественной форме» [3, с. 93]. Подчеркивая, что «в пословицах нашел отражение длительный опыт социальнобытовой и исторической жизни народа, его идеология, психология и жизненная мудрость» [Там же], что они применяются «к различным явлениям жизни», исследователи фиксируют внимание на широте их диктумного содержания, на его обращенности к самым разным значимым для представителей фольклорного коллектива ценностным смыслам.

Жанровая цель пословицы – «фиксация коллективных ценностей, заданных традицией, в лаконичной, эстетически значимой форме, обеспечивающей ее комфортное включение в нефольклорный речевой процесс» [4, с. 226]. Пословицы по своим жанровым установкам прямо направлены на передачу ценностноориентирующего фольклорного модуса, усиленного дидактическим жанровым ракурсом. Направленность фольклорного дискурса на полную фиксацию национально-культурной ценностной картины мира отражается в пословице наиболее прямо и последовательно. Пословица реализует механизмы «лексикографирования» национально-культурных ценностей, фиксируя их в перечне кратких клишированных,

содержательно емких речений, к которым носитель соответствующей национальной культуры обращается для подтверждения собственной позиции как к источнику коллективного опыта. Корпус пословиц как логических суждений фиксирует не оценку, в основе которой – коллективные ценности, а сам перечень этих ценностей, к которым в коммуникативном процессе субъект обращается для выражения оценки.

Н. Ф. Алефиренко и Н. Н. Семененко, обращаясь к выявлению «механизмов кодирования культурно значимых смыслов посредством паремических образований» [1, с. 170], сосредотачиваются на разграничении значения паремий (пословиц, поговорок, примет, загадок), являющегося «планом содержания сложного языкового знака-текстемы» [Там же] и их смысла, который «представляет собой результат речевой реализации их значений в сопряженном взаимодействии с иной информацией (дискурсивной, ситуативной, энциклопедической, субъективно переосмысленной и т. д.)» [Там же]. Авторы указывают на то, что «для значения паремии важны в первую очередь те функционально-категориальные признаки, которые определяют отбор и компоновку лексических единиц, характеризующих денотаты исходной ситуации» [Там же].

В пословице, направленной на эстетическое отражение полной картины ценностей национальной культуры, эти ценности реализуются в объективнологическом аспекте и предстают как опыт логического освоения мира, выраженный в иносказательной форме. Диктумное содержание пословицы, соответствующее ее поверхностной семантике, отражает действия и состояния материальных предметов окружающего мира как парадоксальные ((а) *Есть девка серебряна, поискать парня глиняного*; (б) *Кумушкины слезки на базаре дешевы*; (в) *Мужика не шуба греет, а топор*), но на уровне глубинной семантики эта парадоксальность снимается за счет наличия у членов фольклорного коллектива «знания» традиции, в котором заключается глубинное содержание пословицы – ее ценностноориентирующий смысл ((а) ««Девка» и «парень» должны соответствовать друг другу»; (б) «*Нельзя выдавать мелкие проблемы за настоящее горе»*; (в) «*Нужно работать, чтобы комфортно жить*»).

В результате взаимодействия поверхностной и глубинной семантики в пословице фиксируются ценностно значимые для данной культуры качества и функции человека, и единицы с конкретной семантикой, к которым относятся и соматизмы, принимают участие в их фиксации. Соматизмы выступают в качестве одного из видов таких лексических единиц. В поверхностной семантике пословицы они выступают как номинации материальных предметов, участие которых в действиях и пребывание в определенных состояниях предстает как парадоксальное. В ее глубинной семантике содержание соматизма утрачивает парадоксальность за счет наличия в традиции (1) стабильного ценностно ориентирующего содержания соматизма, заданного на уровне национально-культурного кода, (2) представления о жанровой поэтике пословицы, включающей положение о ее иносказательности, а также (3) знания ценностно ориентирующего содержания конкретной пословицы (ее глубинной семантики). Например, парадоксальность поверхностной семантики пословицы с соматизмом *сердце Из сердца не выкинешь да в сердце не вложишь* на уровне глубинной семантики снимается за счет (1) общекультурной/общефольклорной кодовой семантики соматизма сердце «локус эмоций и чувств», (2) дешифровки иносказательности, приводящей данное высказывание к ценностноориентирующему: *Из сердца не выкинешь да в сердце не вложишь* → «Нельзя вынуть из сердца эмоции и чувства» → «Нельзя заставить испытывать/не испытывать эмоции и чувства», и (3) обеспеченного традицией «знания» данной конкретной пословицы: «Нельзя заставить испытывать эмоции и чувства» → «Нельзя заставить полюбить/разлюбить». Пословица жанрово ориентирована на прямое отражение системы культурных ценностей.

За каждым соматизмом закрепляется определенный компонент ценностной системы национальной культуры. Это позволяет в конкретноситуативных условиях использовать пословицы с соматизмами для оценки реальной действительности. Стабильность содержания соматизма, заданная на уровне национально-культурного кода, обеспечивает возможность перехода от глубинной семантики паремии, фиксирующей национально-культурные ценности, к ее ситуативно обусловленному смыслу, направленному на выражение оценки. В конкретных пословичных текстах эти ценности реализуются в высказываниях двух типов: (1) оформляющих свернутые ситуации (пословицы-ситуации), где соматизм метафорически реализует функцию участника ценностно значимых действий (*Дурная голова ногам покоя не дает* – ценность интеллекта, *Глаза боятся, а руки делают* – ценность активности); (2)

представляющих ценностные характеристики соматизмов как носителей кодовых смыслов (пословицы-характеристики) (*Глаза без души слепы, уши без сердца глухи; Гнило слово от гнила сердца* – ценность духовного отношения к действительности).

Слово «локус» при формулировании общекультурного/общефольклорного кодового смысла мы используем метафорически, чтобы избежать объемной формулировки «та часть тела человека, которая связывается с определенным аспектом его характеристики».

В связи с этим в процессе восприятия пословицы кодовые смыслы прочитываются достаточно конкретно и однозначно: каждый соматизм, включенный в оценочное пословичное высказывание, становится носителем информации о различных ценностно значимых качествах человека. Конкретность и однозначность прочтения кодового смысла лексемы в определенной пословице обеспечивается последовательностью реализации метафорического основания в организации текста и содержания паремий. Например, по данным [2, с. 174], соматизм *голова* реализует в паремиях следующие значения: голова1 – «пространство, в котором осуществляется интеллектуальная деятельность» («вместилище ума»): *пустая голова; дырявая голова; ветер в голове; На голове-то густо, а в голове-то пусто; Голова без ума – что фонарь без свечи*; голова – «инструмент, с помощью которого осуществляется интеллектуальная деятельность»: *потерять голову; голову снесло; Голова завита, да не делом занята. Легче работать руками, чем головой; Кто голову теряет, тот в дураках бывает.*

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Алефиренко Н. Ф. Значение и смысл русских паремий в свете когнитивной прагматики / Н. Ф. Алефиренко, Н. Н. Семененко // Известия Уральского государственного университета. Серия 1: Проблемы образования, науки и культуры. – 2010. – № 6 (85), ч. 2. – С. 169–180.
2. Гудков Д.Б., Ковшова М.Л. Телесный код русской культуры: материалы к словарю. – М.: Гнозис, 2007. – 288 с.
3. Русское народное поэтическое творчество: хрестоматия / под ред. А. М. Новиковой. – 3-е изд., испр. и доп. – М.: Высш. шк., 1987. – 512 с.
4. Тубалова И.В. Полифонический текст в устных личностно-ориентированных дискурсах. Томск: Изд-во Том. ун-та, 2016. – 370 с.


**ЖАНРОВАЯ СПЕЦИФИКА РУССКИХ ПОСЛОВИЦ**


В статье описывается, что пословицы определяются как «краткие, меткие, глубокие по силе мысли народные изречения или суждения о жизненных явлениях, выраженные в художественной форме». Они применяются «к различным явлениям жизни», исследователи фиксируют внимание на широте их диктумного содержания, на его обращенности к самым разным значимым для представителей фольклорного коллектива ценностным смыслам. Описанные свойства пословицы позволяют обращаться к ней в процессе анализа соматизмов в частушке и лирической песне для выявления их общекультурного кодового содержания, на фоне которого жанровое содержание народной лирики приобретает определенную специфику.



**Ключевые слова:** пословица, жанр, своеобразие, явление жизни, народ, смысл, фольклор, частушка, лирическая песня, аспект, информация, качества человека, конкретность, однозначность.


**GENRE SPECIFICITY OF RUSSIAN PROVERBS**


The article describes that Proverbs are defined as " short, accurate, deep in the power of thought folk sayings or judgments about life phenomena, expressed in an artistic form." They are applied "to various phenomena of life", the researchers fix their attention on the breadth of their dictum content, on its appeal to a variety of significant values for the representatives of the folklore collective. The described properties of the proverb allow us to refer to it in the process of analyzing somaticisms in chastushka and lyric song to identify their General cultural code content, against which the genre content of folk lyrics acquires a certain specificity.



**Keywords:** proverb, genre, originality, phenomenon of life, people, meaning, folklore, chastushka, lyrical song, aspect, information, human qualities, concreteness, unambiguity.


**ЖАНР ДАР ЗАРБУЛМСАЛХОИ РУСӢ**


Дар мақола гуфта мешавад, ки масалҳо ҳамчун "кӯтоҳ, дақиқ, амиқи қудрати андешаҳои халқӣ ё андешаҳои марбут ба зуҳуроти зиндагӣ дар шакли бадеӣ" муайян карда мешаванд. Онҳоро "ба зуҳуроти мухталифи зиндагӣ" татбиқ мекунанд, муҳаққиқон ба паҳлӯҳои мазмуни диктатураи худ, муроҷиати он ба маъноҳои мухталифе, ки барои намояндагони коллективи фолклор муҳиманд, диққат медиҳанд. Хусусиятҳои тавсифшудаи масал ба шумо имкон медиҳанд, ки онро дар ҷараёни таҳлили соматизм дар суруди литтӣ ва лирикӣ барои муайян кардани мундариҷаи умумии фарқияти рамзи фарҳангии онҳо, ки ба он мундариҷаи жанрии сурудҳои халқӣ хосият медиҳанд, ба даст оваред.



**Калидвожаҳо:** исбот, жанр, асолат, падидаи ҳаёт, одамон, маъно, фольклор, дитт, суруди лирикӣ, ҷанба, маълумот, сифатҳои инсонӣ, конкретӣ, беназирӣ.

# ИҚТИСОД –ЭКОНОМИКА – ECONOMICS

## САРМОЯГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН БА СОҲАҲОИ САНОАТ ВА ЭНЕРГЕТИКАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Қаландаршоев Г. А.***
**Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон**

Дар шароити имрӯза соҳаҳои энергетика, саноати кӯҳӣ, саноати химия, сохтмон ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, коммуникатсия ва сайёҳӣ ҳамчун соҳаҳои ҷолиб барои сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии “дарҳои боз”-ро пеш гирифта, ҷонибдори ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷониба бо давлатҳои дигар мебошад, ки инро ҳамкориҳои сармоягузории бисёрҷониба бо Ҷумҳурии Мардумии Чин исбот менамоянд.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин 04.01.1992 шурӯъ гардиданд. Дар давраи мушкили барқароршавии давлатдории тоҷикон якчанд маротиба ёрии беғаразона расонида, сиёсати роҳбарияти ҷумҳурии моро дастгирӣ менамуд. Муносибатҳои ду кишвари ҳамсоя дар ҳамаи заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба асоси усули ҳамзистии осоишта, дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва эътимоди мутақобил бемайлон рушд меёбанд ва шарикии стратегии Тоҷикистону Чин ҷавобгӯи манфиатҳои аҳолии ҳар ду кишвар аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин робитаҳои сармоягузории худро дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, саноати кӯҳӣ ва ғайра ба роҳ мондааст. Солҳои охир ҳаҷми сармоягузориҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба болоравӣ дорад. Аз соли 2007 то соли 2019 аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Тоҷикистон 2 863,5 млн доллари ИМА сармоя ворид гардидааст ва бо ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Мардумии Чин дар сатри рӯйхати сармоягузорони хориҷӣ қарор дорад.

Зимни вохӯриҳо роҳбарони Тоҷикистону Чин пайваста доир ба ҳамкориҳои сармоягузории худ гуфтугӯи судманд анҷом медиҳанд ва натиҷаҳои лоиҳаҳои амалигардидаро ҷамъбаст намуда, барои татбиқи дигар лоиҳаҳо мубодилаи афкор менамоянд. То имрӯз байни ҶТ ва ҶМЧ чи дар сатҳи дуҷониба ва чи дар доираи созмонҳову ташкилотҳои байналхалқӣ якқатор созишномаҳои сармоягузорӣ ба имзо расидаанд.

Бунёди хати интиқоли барқи 500 кВ “Ҷануб-Шимол”, хати интиқоли барқи 220 кВ “Лолазор-Хатлон” ва таъмиру азнавсозии роҳи Душанбе-Хуҷанд-Чанак тадбирҳои хеле дурандешона ва оқилона буд, ки дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай бо маблағгузории ҶМЧ тарҳрезӣ гашта, имрӯз ба мардуми кишвар хидмат мерасонанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки маблағи умумии ин созишномаҳо 639 миллион доллари ИМА буд. Дар ҷараёни ба имзо расонидани созишномаҳо қайд гардид, ки маблағи пешниҳодшуда дар доираи имтиёзҳои аз тарафи ҶМЧ пешниҳодгардида амалӣ карда мешавад. Дар амалигардонии ин лоиҳа ҳиссаи ҷониби Тоҷикистон 36 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Амалӣ гардидани ин лоиҳаҳо барои бунёд намудани инфрасохтори муосири интиқоли нерӯи барқ ва пайваст намудани маркази кишвар бо ноҳияҳои қисмати шимолӣ тавассути роҳи ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилаӣ аҳамияти хоса дорад ва иҷрошавии онҳо даррав оғоз гардид [6].

| | Номи тарҳ | Арзиш маҷмӯии тарҳ | Манбаи сармоягузорӣ | | Ширкати пудратчӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Қарзи Бонки содиротию воридотии ҶМЧ | Саҳми ҶТ | |
| | **Хати интиқоли барқи 500 кВ “Ҷануб-** | 281 283 633 долл ИМА | 267 219 452 долл ИМА | 14 064 181 долл ИМА | ширкати “ТВЕА”-и ҶМЧ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Шимол”** | | | | |
| | **Хати интиқоли барқи 220 кВ “Лолазор-Хатлон”** | 58 134 305 долл ИМА | 55 227 590 долл ИМА | 2 906 715 долл ИМА | ширкати “TBEA”-и ҶМЧ |
| | **Навсозии роҳи мошингарди Душанбе-Хуҷанд-Чанак** | 295 900 000 долл ИМА | 281 100 000 долл ИМА | 14 800 000 долл ИМА | ширкати “China Road and Bridge”-и ҶМЧ |

Ҳангоми сафари Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати вохӯрии сарварони давлатҳои аъзои СҲШ ба шаҳри Шанхайи ҶМЧ, рӯзҳои 14-16.06.2006, дар қатори дигар созишномаҳо бо ҶМЧ масоили равнақи ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика низ баррасӣ гашт ва дар бораи маблағгузории се лоиҳаи муштараки инвеститсионии Чин дар Тоҷикистон ба миқдори 603,5 млн доллари ИМА шартнома ба имзо расид [10].

***ҷадвали 1***

***Сарчашма: Холикназар Х., Вклад Республики Таджикистан в становление и развитие Шанхайской организации сотружничества (1996-2014гг). Душанбе: “Ирфон”, 2016.***

Аз ҷумла, Созишномаи бунёди хатти интиқоли барқи 500 кВ-и “Ҷануб-Шимол” бо дарозии 350 км. Дар созишнома чунин қайд гардидааст:

“Сохтмони хатти интиқоли барқи 500 кВ-и “Ҷануб-Шимол”, дарозияш 350 км, арзиши лоиҳа тақрибан – 281,3 миллион доллари ИМА, аз он ҷумла, кредит – 267,2 миллион доллари ИМА (қарзи Бонки содиротию воридотии ҶМЧ), муҳлати амалӣ гаштан 3 сол ва муҳлати пӯшонидани маблағи харҷшуда 7 сол мебошад. Амалӣ гардонидани ин лоиҳа, системаи барқи то ин вақт ҷудо будаи вилояти Суғдро ба системаи марказии барқи Тоҷикистон пайваст менамояд. Дар натиҷаи баланд бардоштани сатҳи таъминоти барқ дар вилояти Суғд имкон медиҳад, ки саноат бештар тараққӣ ёбад ва сифати таъминоти аҳолӣ бо қувваи барқ беҳтар гардад. Қобилияти интиқолии ХИБ “Ҷануб-Шимол” 8 миллиард кВт/соат нерӯи барқ дар як сол мебошад” [6].

Дар заминаи Созишномаҳои зикргардида, санаи 16.09.2006 дар мавзеи Чорбоғи ноҳияи Варзоб – ҷои бунёди Зеристгоҳи “Душанбе 500 кВ” маросими расмии тантанавии оғози сохтмони хати баландшиддати интиқоли нерӯи барқи “Ҷануб-Шимол” сурат гирифт. Дар маросими оғоз бахшидан ба корҳои сохтмонӣ Сарвари мамлакат Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ карда, оғози сохтмони хати баландшиддати интиқоли нерӯи барқи “Ҷануб-Шимол”, шохроҳи мошингарди “Душанбе-Хуҷанд-Чанак” ва нақби Шаҳристонро бо маблағгузорӣ ва иштироки мутахассисони Чин, ибтидои марҳилаи нави дорои аҳамияти таърихии ҳамкориҳои иқтисодии ду кишвари ҳамсоя номиданд. Дар амал татбиқ гардидани лоиҳаҳои сохтмони хатҳои “Ҷануб-Шимол”, “Лолазор-Хатлон” ва нерӯгоҳҳои барқи оби “Сангтӯда-1” ва “Сангтӯда-2” метавонад ҷумҳуриамонро бо шабакаи азими хатҳои минтақавӣ пайваст карда, ба кишвари бузурги тавлидкунандаи нерӯи барқ табдил диҳад.

Ҳамин тариқ, 16.09.2006 сохтмони зеристгоҳи “Душанбе-500 кВ” оғоз гардида, 8 сентябри соли 2009 ба истифода дода шуд. Зеристгоҳи мазкур бо дигар зеристгоҳҳо, аз қабили “Регар-500”, “Ҷангал”, “Орҷиникидзеобод-2” ва “Новая” пайваст гардида, транзити нерӯи баркро амалӣ мегардонад. Вазифаи асосии ин зеристгоҳ тавассути ХИТ 500 “Ҷануб-Шимол” ба зеристгоҳи “Суғд-500”, ба шимоли мамлакат интиқоли нерӯи барқ мебошад.

29 ноябри соли 2009 бошад, дар вилояти Суғд маросими ба истифода додани хатҳои интиқоли барқи баландшиддати 500-кВ-и “Ҷануб-Шимол” ва се хати 220 киловолта баргузор гардид. Сарвари давлат қайд намуданд, ки *хати интиқоли барқи* “Ҷануб-Шимол” барои кишвари мо аҳамияти хосаеро молик аст. Мутобиқи лоиҳа дарозии хати интиқоли барқи 500 кВ-и “Ҷануб-Шимол” 325 километрро ташкил медиҳад. Дар сурате, ки эҳтиёҷоти пурраи вилояти Суғд ба нерӯи барқ дар як шабонарӯз ба 27 миллион киловатт/соат баробар буда, он дар як сол имконияти интиқоли 8 миллиард кВ/соат нерӯи барқро дорад. Дар шароите, ки мо ҳоло аз системаи энергетикии давлатҳои Осиёи Марказӣ берун буда, танҳо дар такя бо

иқтидорҳои худӣ кор мекунем, аҳамияти хати интиқоли барқи 500 кВ "Ҷануб-Шимол" беназир аст.

Дар созишномаи сохтмони хатти баландшиддати 220 кВ-и "Лолазор-Хатлон" қайд гардидааст"

"Сохтмони хати интиқоли барқи 220 кВ-и "Лолазор-Хатлон", масофаи 90 км, арзиши тахминии лоиҳа – 58,1 млн доллари ИМА, аз он ҷумла кредит-55,2 млн доллари ИМА буда, муҳлати амалигардонии он 2 солу 6 моҳ ва муҳлати пӯшонидани харҷ 5 сол мебошад. Иқтидори хати "Лолазор-Хатлон" дар як сол 4 миллиард кВт/соат буда, имконият медиҳад, ки қувваи барқи нерӯгоҳҳои Сангтӯда ба вилояти Хатлон, дар оянда инчунин ба Афғонистон интиқол дода шавад. Амалӣ гардидани лоиҳаи мазкур, муътадил гардонидани таъмини қувваи баркро ба вилояти Хатлон дар оянда тараққӣ додани иқтисодиёти онро таъмин менамояд" [6].

Роҳи автомобилгарди Душанбе-Хуҷанд-Чанак ба воситаи роҳхати Душанбе – Айнӣ – Шаҳристон – Истаравшан – Хуҷанд – Бӯстон - Чанак (сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон) мегузарад. Таъмиру азнавсозии ин роҳ, ки 355 км дарозӣ дорад, дар солҳои 2006-2013 ба анҷом расидааст. Ин роҳ бо харҷи 304,524 млн доллар ИМА навсозӣ гардид, ки 281,105 млн доллар ИМА қарзи Ҳукумати Чин мебошад. Ҳадафи асосии тарҳ раҳоии ҶТ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини иртиботи ҳамасола ва систематикии нақлиётии ноҳияҳои марказ бо шимоли ҷумҳурӣ бо 355 километр роҳи мошингард, сохтмони нақбҳои Шаҳристон ва Дӯстӣ ва 39 купруки калону хурд мебошад.

Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз сармоягузорони асосӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад. Дар тӯли 28 соли ҳамкории иқтисодӣ сармояи хориҷии ҶМЧ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллии кишварамон ворид гардидааст. Дар асоси сармояи чинӣ дар ҷумҳурӣ корхонаҳои муштарак бунёд ва ба истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулот машғул гардидаанд, ки дар натиҷа талаботи дохилӣ ба ин намуди маҳсулотҳо то андозае қонеъ гардид. Дар баробари ҳамкории сармоягузорӣ дар соҳаҳои нақлиёту энергетика, сармояи чинӣ ба соҳаи саноати кишвар низ равона гардидааст.

Корхонаи муштараки Тоҷикистону Чин "Зарафшон" дар заминаи Комбинати тиллои тоҷик таъсис дода шуд. Соли 2007 аксияҳои корхонаро ширкати чинии "Zijin Mining Group Co., LTD" харидорӣ намуд, ки дар натиҷа 75%-и ҳиссаи корхона ба ширкати чинӣ ва 25%-и дигар ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад. 27 августи соли 2008 Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати Чинии "Корпоратсияи саҳомии саноати кӯҳии Сизин Лимитед Co. LTD" ба имзо расид. Дар натиҷа аз тарафи ҶДММ КМ "Зарафшон" иқтидорҳои иловагии зерин: сехи оҳакбарорӣ бо иқтидори 10 000 тонна дар як сол, сехи ба навъҳо ҷудокунанда – майдакунанда бо иқтидори 10 000 тонна маъдан дар як шабонарӯз, майдони ишқоронидани ғарам, масоҳаташ 35000 м$^2$ барои коркарди на камтар аз 2,5 млн. тонна маъданҳои камфайз дар 1 сол, фабрикаи ғанигардонии маъдан бо иқтидори 2000 тн маъдан дар як шабонарӯз, коргоҳи холискории тилло ва нуқра сохта шуда, мавриди истифода қарор дода шуданд. Соли гузашта Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 5%-и аксияҳои корхонаро харидорӣ намуда, ҳиссаи худро дар сармояи корхона зиёд намуд. Акнун, ҳиссаи Тоҷикистон дар сармояи оинномавӣ 30% (7,3 млн доллари ИМА) ва ҳиссаи ҶМЧ 70% (17 млн доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад.

Моҳи июни соли 2007 дар заминаи «Идораи маъдани Олтин-Топкан» Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Чин» таъсис ёфт. Ширкати нави таъсисдодашуда корҳои барқарорсозии конҳои маъдани зеризаминиро дар моҳи августи соли 2007 оғоз намуда, 18-декабри соли 2007 ба сохтмони фабрикаи бойгардонӣ бо ворид намудани дастгоҳҳо, техника ва мутахассисон оғоз намуд. Корхона корҳоро дар барқарорсозии конҳо, сохтмони фабрикаи бойгардонӣ, партовгоҳ, обанбор, коргоҳҳои ёрирасон, биноҳои маъмурӣ маишӣ ва ғайра ҷоннок намуд. Айни замон фабрикаи бойгардонӣ бо иқтидори коркарди 3,0 млн. тн маъдан дар як сол сохта шуда, фаъолият намуда истодааст. Дар баробари истеҳсоли хокаи сурбу руҳ, аз тарафи корхона дар соли 2013 истеҳсоли хокаи мис ва шурӯъ аз моҳи ноябри соли 2017 истеҳсоли сурби металлӣ ба роҳ монда шудааст. Бо мақсади рушд ва эътирофи манфиатҳои судманди ҷонибҳо, дар моҳи сентябри соли 2014 ҳангоми ташрифи расмии

Роҳбари аввали ҶМЧ ҷаноби Си Ҷинпин ба ҶТ Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ оид ба лоиҳаи «Минтақаи саноатии Тоҷикистон ва Чин» байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ ва Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ширкати байналмилалӣ Тачен оид ба захираҳои СУАР»-и ҶМЧ», ба имзо расонида шуд. Мақсади ба имзо расонидани санади мазкур, ин ривоҷ додани соҳаи саноати маъдани кӯҳӣ, ҷалб намудани сармояи хориҷӣ, технологияҳои нави истеҳсолӣ, ба кор даровардани иқтидорҳои нави саноатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, равнақ додани инфрасохтори минтақаҳои саноатӣ ва зиёд намудани маҳсулоти саноатии содиротшаванда мебошад.

Мавқеи ҷуғрофии ҶТ имкон медиҳад, ки дар ҳудуди он навъҳои гуногуни масолеҳи сохтмонӣ истеҳсол карда шаванд. Солҳои охир дар кишварамон бунёди корхонаҳои сементбарорӣ зиёд гардидааст ва ин имкон медиҳад, ки воридоти ин навъи маҳсулот аз хориҷи кишвар ба маротиб кам гардад. Дар ҶТ якчанд корхонаҳои семенбарорӣ бо сармоягузории ҶМЧ бунёд гардидаанд, ки ҶДММ “Ширкати байналмилалии истеҳсолии Ҷунгтсай Моҳир семент”-и ноҳияи Ёвон яке аз онҳо мебошад. Корхонаи мазкур ба истеҳсоли семент, гаҷкартон ва халта машғул мебошад, ки иқтидори истеҳсолии солонаи он ба 1,2 млн тонна семент ва 80 млн донна халта мебошад. Сохтмони ин корхона соли 2014 бо арзиши лоиҳавии 145 млн доллари ИМА оғоз гардида, моҳи августи соли 2016 ба истифода дода шуд. Бо назардошти он ки саҳми ҶМЧ ва мутахассисон он, чи дар сохтмон ва чи дар идоракунии он зиёд аст, аз ин рӯ ҳиссаи бештар низ ба ҶМЧ рост меояд: сементбарорӣ: 35% Тоҷикистон ва 65% ҶМЧ; гаҷкартон 49% Тоҷикистон ва 51% ҶМЧ; халтабарорӣ: 49% Тоҷикистон ва 51% ҶМЧ. Соли 2017 зиёда аз 850 ҳазор тонна семент истеҳсол намуда, 260 ҳазор тоннаи онро содир намудааст [11].

Яке аз корхонаҳои дигари соҳа корхонаи истеҳсоли гаҷкартон - ҶДММ “Ху Чан Ғаюр Индастриал”-и ноҳияи Ёвон мебошад, ки гаҷкартон истеҳсол менамояд. Иқтидори истеҳсолии он 2,5 млн дона гаҷкартон дар сол мебошад. Сохтмони корхонаи мазкур соли 2014 бо иқтидори 17,8 млн доллари ИМА оғоз гардида, соли 2015 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Дар ин корхона низ ҳиссаи ҶМЧ зиёд буда, 65%-ро ташкил медиҳад. Ба ҶТ бошад, 35% рост меояд. Дар соли 2017 1,1 миллион дона гаҷкартон истеҳсол карда, аз ин миқдор 46,4 ҳазор донаашро ба хориҷа содир намудааст.

ҶДММ «Ғаюр»-и ноҳияи Ёвон бо ширкати Чинии «Хуаксин Сентрал Эйша Инвестмент» корхонаи муштараки «Хуаксин Ғаюр семент»-ро таъсис дода, 15 сентябри соли 2011 сохтмони заводи сементро бо иқтидори солонаи 1,0 миллион тонна дар ноҳияи Ёвон бо маблағи умумии 125 млн. доллари ИМА оғоз намуд. Бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон санаи 29 августи соли 2013-ум корхона ба фаъолият оғоз намуд. Дар соли 2017 881,8 ҳазор тонна семент истеҳсол намуда, 319,0 ҳазор тоннаи онро содирот кардааст.

ҶДММ “Хуаксин Ғаюр семент”-и н. Бобоҷон Ғафуров ба истеҳсоли семент машғул мебошад, ки иқтидори солонаи он 1200 ҳазор тонна семент дар як сол ташкил медиҳад. Корхонаи мазкур дар муддати солҳои 2014-2016 сохта ба истифода дода шуд. Арзиши лоиҳавии он 150 млн доллари ИМА-ро ташкил дод, ки ҳиссаи бештари он ба ҶМЧ тааллуқ дорад: 25% ҳиссаи Тоҷикистон ва 75% ҳиссаи ҶМЧ мебошад. Дар соли 2017 688,8 ҳазор тонна семент истеҳсол намуда, 276,9 ҳазор тоннаи онро содир намудааст.

Яке аз корхонаҳои барои соҳаи кишоварзии кишварамон муҳим, корхонаи “Азот” соли 2011 фаъолияти худро қатъ намуд, ки дар натиҷа хоҷагиҳои мамлакат карбамидро аз кишварҳои хориҷӣ ворид менамуданд. Ҳукумати кишвар ин ҳолатро ба инобат гирифта бо ҷалби сармояи хориҷӣ истеҳсоли нуриҳои азотиро ба роҳ монд. Сармоягузорони ҶМЧ дар таъмиру таҷдиди корхона ҷалб гардиданд ва 2,9 млрд сомонӣ (360 млн доллари ИМА) сармоя ба кишвар ворид гардид. Дар сармояи оинномавии Ҷамъияти саҳомии “Азот” ҳиссаи тарафҳо баробар мебошад. Марҳилаи якуми лоиҳа иқтидори истеҳсоли 120 ҳазор тонна аммиаки сунъӣ ва 200 ҳазор тонна карбамид дар як сол ва марҳилаи дуюми он иқтидори истеҳсоли 300 ҳазор тонна аммиаки сунъӣ ва 500 ҳазор тонна карбамидро дорад. Ба истифода додани корхонаи мазкур имкон фароҳам овард, ки хоҷагиҳои кишвар нуриҳои азотиро бо нархи арзон дастрас намоянд [11].

19.12.2014 дар ноҳияи Данғара сохтмони маҷмааи коргоҳҳои нассоҷӣ оғоз гардид. Бунёд гардидани 4 корхонаи нав – ресандагӣ, бофандагӣ, рангубори матоъ

ва дӯзандагӣ, имкон медиҳанд, ки 6 ҳазор нафар аҳолии минтақа бо кори доимӣ таъмин гарданд. 31.08.2016 навбати аввали Маҷмааи нассоҷии ҶСП "Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил" бо иқтидори истеҳсоли 10 ҳазор тонна нахи пахта дар як сол мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Иқтидори умумии истеҳсолии корхона ба коркарди 52 ҳазор тонна нахи пахта ва истеҳсоли 150 млн метри мураббаъ матои пахтагин дар як сол баробар мебошад. Ин маҷмааи нассоҷӣ дар ҳамкорӣ бо сармоягузорону мутахассисони ҶМЧ бунёд гардид, ки барои сохтмони он 600 млн сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст. Навбати дуюми ин маҷмаа 05.11.2018 ба истифода дода шуд, ки иқтидори истеҳсолии он ба 15 ҳазор тонна коркарди саноатии нахи пахта ва истеҳсоли 12 ҳазор тонна ришта дар як сол мебошад. Дар маҷмӯъ иқтидори истеҳсолоти ресандагии маҷмааи нассоҷӣ коркарди қариб 25 ҳазор тонна нахи пахта дар як сол мебошад. Дар нӯҳ моҳи соли 2018 дар ин маҷммаи нассоҷӣ зиёда аз 8 ҳазор тонна ришта истеҳсол гардидааст. Ҳиссаи маҷмаа дар истеҳсолоти нассоҷии кишвар дар соли 2018 21%-ро ташкил дода, дар муддати ду соли охир ба ҶМЧ 13 тонна риштаи пахта содир намудааст. Маҳсулоти истеҳсолшудаи ин маҷмаа корхонаҳои бофандагии мамлакатро бо ришта таъмин менамояд ва ба Федератсияи Русия, Чин, Туркия, Беларус ва Қирғизистон содир мешаванд. Инчунин, ба бунёди се корхонаи нав, аз қабили корхонаи истеҳсоли ришта бо иқтидори коркарди 25 ҳазор тонна нахи пахта дар як сол, рангубор ва истеҳсоли матоъ оғози расмӣ бахшида шудааст ва мувофиқи нақша соли 2021 ба истифода дода хоҳанд шуд.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои оморӣ Ҷумҳурии Мардумии Чин сармоягузори асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Сармояи чинӣ ба тамоми соҳаҳои кишвар равона гардидааст ва бо истифода аз он соҳаҳои гуногун рушд намуда истодаанд. Дар асоси сармояи чинӣ: хатҳои интиқоли барқ ва маркази барқу гармидиҳӣ бунёд гардиданд, ки аҳолии кишварро бо гармӣ ва барқ таъмин менамоянд; роҳҳои автомобилгард ва нақбҳо таъмиру азнавсозӣ гардиданд, ки аҳолии ҷумҳуриро ба ҳам наздиктар месозанд; корхонаҳои истеҳсолӣ сохта шуданд, ки дар онҳо маҳсулотҳои гуногун истеҳсол мешаванд ва то андозае талаботи аҳолиро қонеъ мегардонанд.

Умуман, Ҷумҳурии Мардумии Чин шарики стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин ду кишвар ҳамкориҳои худро дар сатҳи дуҷониба дар роҳи расидан ба мақсадҳои барои ҳар ду тараф манфиатовар мустаҳкамтар хоҳанд намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пеши худ чор ҳадафи стратегиро (баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, истиқлолияти энергетикӣ, дастрасӣ ба ғизои солим ва саноатикунонии кишвар) гузоштааст ва воридшавии сармояи Чин ба иқтисодиёти кишварамон барои расидан ба ин мақсадҳо мусоидат менамояд. Гуфтан бамаврид аст, ки ҳамкориҳои иқтисодии ҶМЧ бо ҶТ таърихи тӯлонӣ дошта, рӯз аз рӯз боз ҳам беҳтар шуда истодаанд ва барои иқтисодиёти кишвари мо ҷалби сармоягузориҳо аз ин кишвари ҳамсоя зарурияти хоссаеро доро мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Зиёев Х.М., Восиева Р.Қ., Сухане чанд аз робитаҳои ду сарзамини тамаддунофар. Душанбе: "Эр-граф", 2012. − 130 саҳ.
2. Маҳмадов А.Н., Тоҷикистон-Хитой: заминаҳои маъданӣ, таърихӣ ва дурнамои стратегӣ. Маводи конференсияи байналмилалӣ. Душанбе, 2010. – 130 саҳ.
3. Маҳмадов П., Тоҷикистон-Хитой дар масири шарикии стратегӣ. Душанбе: "Эр-граф", 2013. – 152 саҳ.
4. Садриддинов Н., Шодиев И., Сармоягузориҳои хориҷӣ: зарурат ва дурнамои он дар ҶТ. Душанбе, 2016. – 278 саҳ.
5. Сатторов А., Ҳ. Зарифӣ, Тоҷикистон-Хитой: ташаккули сарҳади давлатӣ. Таърих ва замони муосир. Душанбе: "Ирфон", 2016. – 544 саҳ.
6. Холиқназар Х., Тоҷикистон дар Созмони Ҳамкории Шанхай: субот ва шукуфоӣ. Душанбе: Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ, 2014. – саҳ. 60
7. Алимов Р. Таджикистан и Китай: диалог культур (1992-2012). 2013. – 198 стр.
8. Алимов Р.К., Таджикистан – Китай: на пути друг к другу. Возможен ли равноправный и взаимовыгодный диалог? – М.: ИДВ РАН, 2012. – 248 стр.
9. Ли Цзин, Сотрудничество Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики в рамках ШОС (1996-2012 гг.), диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук. Душанбе: «Наука», 2012.
10. Холикназар Х., Вклад Республики Таджикистан в становление и развитие Шанхайской организации сотружничества (1996-2014гг). Душанбе: "Ирфон", 2016. – 536 стр.
11. Сомонаи расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон www.sanoat.tj

## САРМОЯГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН БА СОҲАҲОИ САНОАТ ВА ЭНЕРГЕТИКАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муносибатҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин матраҳ мегарданд. Ҷумҳурии Мардумии Чин дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон нақши назаррас дорад ва яке аз шарикони асосии стратегии он мебошад. Имрӯз, ин ду кишвари ҳамсоя ҳамкориҳои иқтисодии худро дар соҳаҳои саноат, нақлиёт, энергетика, тиҷорат, сохтмон ва дигар соҳаҳои муҳим ба роҳ мондаанд ва муносибаҳои сармогузории Тоҷикистону Чин низ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ба назар мерасанд, ки дар байни ин соҳаҳо саноат ва энергетика мавқеи хосро ишғол менамоянд. Дар соҳаҳои энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби сармояи чинӣ лоиҳаҳои барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим амалӣ гардидаанд, ки барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ, саноатикунонии кишвар, мусоидат менамоянд. Ҳадафи асосӣ аз навиштани ин мақола пешниҳод намудани маълумоти мухтасар оиди самараи сармоягузориҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин ба ин соҳаҳои калидии иқтисодиёти кишвар ва таҳлил намудани фаъолияти лоиҳаҳои амалигардида мебошад. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур оиди лоиҳаҳое, ки дар соҳаҳои энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҷумҳурии Мардумии Чин сармоягузорӣ шудаанд, маълумот дода шудааст. Инчунин, дар мақола рақамҳои омории вазорату идораҳои дахлдор оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, сармоягузории мустақим, энергетика, саноат, созишномаи сармогузорӣ, фазои сармоягузорӣ.

## ИНВЕСТИЦИИ КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ В ПРОМЫШЛЕННОЙ И ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ СЕКТОРАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматриваются инвестиционные отношения Республики Таджикистан с Китайской Народной Республикой. Китайская Народная Республика играет значительную роль в экономическом развитии Таджикистана и является одним из его ключевых стратегических партнеров. Сегодня эти две соседние страны наладили экономическое сотрудничество в промышленности, транспорте, энергетике, торговле, строительстве и других важных областях, и инвестиционные отношения между Таджикистаном и Китаем отражаются во всех сферах экономики, среди которых промышленность и энергетика занимают особое место. В энергетическом и промышленном секторах Республики Таджикистан были реализованы проекты с участием китайских инвестиций, которые имеют важное значение для экономики Республики Таджикистан, способствуя достижению энергетической независимости и достижению четвертой национальной цели - индустриализации страны. Основная цель написания данной статьи - дать краткий обзор инвестиций Китайской Народной Республики в эти ключевые секторы экономики страны и проанализировать деятельность реализованных проектов. Таким образом, в данной статье представлена информация о проектах, которые были инвестированы Китайской Народной Республикой в энергетическом и промышленном секторах Республики Таджикистан. В статье также приведены статистические данные профильных министерств и ведомств.

**Ключевые слова.** Республика Таджикистан, Китайская Народная Республика, прямые инвестиции, энергетика, промышленность, инвестиционное соглашение, инвестиционный климат.

## INVESTMENTS OF THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA IN THE INDUSTRIAL AND ENERGY SECTORS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the investment relations of the Republic of Tajikistan with the People's Republic of China. The People's Republic of China plays a significant role in the economic development of Tajikistan and is one of its key strategic partners. Today, these two neighboring countries have established economic cooperation in industry, transport, energy, trade, construction and other important areas, and investment relations between Tajikistan and China are reflected in all spheres of the economy, among which industry and energy occupy a special place. In the energy and industrial sectors of the Republic of Tajikistan, projects were implemented with the participation of Chinese investments, which are important for the economy of the Republic of Tajikistan, contributing to the achievement of energy independence and the achievement of the fourth national goal - the industrialization of the country. The main purpose of this article is to provide a brief overview of the investments of the People's Republic of China in these key sectors of the country's economy and to analyze the activities of the implemented projects. Thus, this article provides information on projects that have been invested by the People's Republic of China in the energy and industrial sectors of the Republic of Tajikistan. The article also provides statistical data from relevant ministries and departments.

**Key words.** Republic of Tajikistan, People's Republic of China, direct investment, energy, industry, investment agreement, investment climate.

**Сведения об авторе:** ***Каландаршоев Гулшер Алишерович*** – магистрант 2-го курса финансово-экономического факультета Таджикского национального университета, тел.: **+992 555 90 00 44,** E-mail: **gulsheralisher1997@mail.ru**

**Information about the author: Kalandarshoev Gulsher Alisherovich** – 2nd year master's student of the faculty of finance and economics of the Tajik National University, tel.: +**992 555 90 00 44**, E-mail: **gulsheralisher1997@mail.ru**

# БАРРАСИИ РАВАНДИ ИНКИШОФИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ ДАР ҶАҲОН ВА ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ ОНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ғаюров Ғ.Ҳ., Нурматов Ҷ.Ҳ., Ҳакимӣ А.Ғ.***
**Донишгохи миллии Точикистон**

Дар шароити муосир бонкдории исломӣ ва низоми бонкии исломӣ ба тадриҷ рушд ёфта истодааст. Бонкдории исломӣ яке аз шаклҳои бонкдорие ба ҳисоб мераванд, ки дар аксари кишварҳои тараққикарда ба таври васеъ истифода шуда истодааст. Шумораи ин бонкҳо дар бисёр давлатҳои ҷаҳон, яъне на танҳо дар давлатҳои мусулмонӣ, балки дар давлатҳои Аврупоӣ низ, афзуда истодааст. Молияи исломӣ аз механизмҳои анъанавӣ бо он фарқ менамояд, ки дар доираи он, масъулияти баробар ва ҳуқуқи баробар оиди гирифтани даромад мутаносибан аз ҳиссаи моликияти бонк ва муштарӣ асос ёфтааст.

Имрӯзҳо, раванди афзоишёбии бонкҳои исломӣ, вобаста ба афзун гардидани талабот ба хизматрасониҳои молиявии исломӣ, ба назар мерасад.

Молияи исломӣ яке аз бахшҳои нав ва босуръат рушдёбанда, ба шумор меравад. Муассисаҳои молиявии исломӣ, дар бисёр кишварҳои ҷаҳон намояндагӣ дошта, инчунин дар даҳсолаи охир суръати афзоиши дороиҳои исломӣ низ дар сатҳи 15–20% нишон дода шудааст. Дороиҳои умумии ташкилотҳои исломӣ дар соли 2017, 1,9 трлн. доллари ИМА–ро ташкил дода, дар соли 2018 ба 2,1 трлн. доллари ИМА баробар шудааст (Расми 1).

Дурнамои рушди бахши молияи исломӣ, хеле мусбӣ мебошад. Тавре, ки яке аз файласуфони арабиасос Н.С. Кирабаев қайд менамояд: “Ҷуғрофияи мусалмонӣ бо ягон макони ҷуғрофӣ ба таври мустақим алоқаманд набуда, балки воқеан тамоми ҷаҳони континенталӣ ва субконтиненталии муосирро фаро мегирад. Чунин гуфтаҳо оиди низоми молияи исломӣ дуруст аст, зеро наметавонад молияи исломӣ ба ягон минтақа ва ё ин ки қитъа маҳдуд бошад” [3, с.25].

Тавре маълум аст, дар 100 кишвари ҷаҳон зиёда аз 1100 муассисаҳои молиявӣ мавҷуд ҳастанд, ки онҳо ба мизоҷон хизматрасониҳои молиявии исломиро пешниҳод менамоянд. Якчанд кишварҳое ба мисли, Арабистони Саудӣ, Эрон ва Малайзия мавҷуд ҳастанд, ки аз рӯи ҳаҷми дороиҳои молиявии исломӣ, дар байни дигар давлатҳо, мақомҳои пешсафро ишғол менамоянд [4, 39с.]. Имрӯзҳо, расман дар Эрон ба мисли Судон як модели монестикии молияи исломӣ амал менамояд. Ҳамзамон, коршиносони рус дар соҳаи молияи исломӣ А.Ю. Журавлев ва Р.И. Беккин дар асарҳои худ нишон медиҳанд, ки амалияи Эрон дар аксар вақт бо роҳу равишҳои бартаридоштаи бахши молияи исломӣ дар ҳолати муқобил, қарор дорад. Барои муайян намудани андозаи воқеии дороиҳои умумии муассисаҳои молиявии исломӣ дар ҷаҳон, тавсия дода мешавад, ки андозаи дороиҳои ташкилотҳои молиявии исломии Эрон, ки дар доираи амалиётҳо таъсис дода шуда, аммо вобаста ба хислатҳои худ ба роҳу равишҳои онҳо мувофиқ нестанд, кам карда шаванд. Аммо бояд қайд кард, ки барои иҷроиши чунин амал, маълумотҳои лозимае мавҷуд нест, ки ин иҷроиши раванди мазкурро боз ҳам мушкилтар менамояд. Мутобиқан чунин кор метавонад танҳо дар ҳолати аз ҷониби ташкилотҳои молиявии исломии Эрон эътироф намудани ҳаҷми номиналии дороиҳои умумиашон, амали гардад, зеро Эрон аз ҷиҳати рушди молияи исломӣ, яке аз давлатҳои пешсаф ба шумор меравад (Расми 1).




***Расми 1. Кишвари бузургтарин аз рӯи ҳаҷми дороиҳои молияи исломӣ ба санаи 01.01.2018***

Мувофиқи маълумотҳои Thomson Reuters, мавқеи пешсафро оиди ҳаҷми дороиҳои бонкҳои исломӣ, Эрон ишғол менамояд, ки 23%-и тамоми дороиҳои бонкҳои исломӣ ба Эрон, тақрибан 20% -аш ба Арабистони Саудӣ ва 12% - аш ба Малайзия, рост меояд. Ҳамин тавр, ба Эрон, Арабистони Саудӣ ва Малайзия зиёда аз 50% - и дороиҳои бонкҳои исломии ҷаҳонӣ рост меояд.

Бояд зикр намуд, ки рушди низоми бонкдории исломӣ аз як қатор омилҳо вобаста аст, аз ҷумла:

- Норасоии кадрҳои баландихтисос;
- Пардохтпазирии барзиёд, ки ба ҷой надоштани самаранокии бозори байнибонкӣ алоқаманд аст;
- Низоми рушднаёфтаи назорат ва танзими фаъолияти бонкдории исломӣ;
- Хавфҳои мушаххасе, ки ба мувофиқатии қонунҳои шариатӣ алоқаманд аст;
- Дараҷаи баланди тақсимоти минтақавӣ, дар бахши молияи исломӣ [2, 48с].

***Ҷадвали 1. Афзоиши дороиҳои бонкҳои исломӣ дар сатҳи минтақавӣ барои солҳои 2013 – 2018***

| | **2013, бо млрд. дол. ИМА** | **Бо %** | **2014, бо млрд. дол. ИМА** | **Бо %** | **2015, бо млрд. дол. ИМА** | **Бо %** | **2016, бо млрд. дол. ИМА** | **Бо %** | **2017, бо млрд. дол. ИМА** | **Бо %** | **2018, бо млрд. дол. ИМА** | **Бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шарқи Наздик** | 750 | 5,5 | 892 | 19 | 987 | 10,5 | 1098 | 11,2 | 989 | -10 | 1132 | 14 |
| **Африқо** | 11 | -0,2 | 11 | 0,2 | 10 | -3 | 11 | 2 | 8 | -22 | 9 | 12 |
| **Осиё** | 170 | 30 | 209 | 22 | 249 | 19 | 260 | 4 | 269 | 4 | 320 | 18 |
| **Дигар** | 53 | 25 | 55 | 2,5 | 22 | -60 | 24 | 8 | 17 | -26 | 19 | 12 |
| **Ҷаҳон** | 983 | 10 | 1166 | 18 | 1267 | 8,6 | 1392 | 10 | 1273 | -9 | 1480 | 16 |

Аз ин рӯ, коршиносон барои рушди низоми бонкдории исломӣ, таҳкимёбии тамоюлҳои зеринро пешгӯӣ менамоянд:

Аввалан, гузариши ботадриҷ аз афзоиши миқдори маҳсулотҳои бонкдории исломӣ ба соддагардонӣ ва стандартигардонии онҳо;

Дуюм, муттаҳидшавӣ дар бахши омӯзиши бонкҳои исломии калони ба ғасби минтақаҳо нигаронидашуда.

Чи тавре ки дар ҷадвали 1 дида мешавад, дороиҳои бонкҳои исломӣ дар тӯли 6 сол яъне аз соли 2013 – 2018, 50% афзуда, ба 1,5 трлн. доллари ИМА баробар шуда буд. Аммо дар соли 2015 дороиҳои умумии бонкҳои исломӣ 8,8% коҳиш ёфта, 1,3 трлн. доллари ИМА–ро ташкил дода буд, зеро дороиҳои Шарқи Наздик 37% коҳиш ёфта буд, ки ин ба вазъи мураккаби иқтисодии минтақа, дар шароити пастшавии нархи нафт, вобаста буд. Ҳамзамон, дороиҳои бонкҳои исломӣ дар кишварҳои Халиҷи Форс 14,1% ва дар кишварҳои Осиё (ба истиснои кишварҳои араб) 4% афзоиш ёфтааст. Аммо аллакай дар соли 2018 суръати афзоиши дороиҳои исломӣ дар ҷаҳон ба 16%, ки нисбат ба 9% - и соли 2017, 7% зиёд шуда буд, ташкил дода буд. Беҳтаршавии назарраси ин нишондиҳанда аз ҳисоби зиёд шудани ҳамаи дороиҳо дар сатҳи минтақа, буд.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, муайян карда шуд, ки дороиҳои бонкҳои исломӣ нисбат ба бонкҳои анъанавӣ, имрӯзҳо, бо суръати хеле зиёд мавриди рушдёбӣ қарор доранд. Аммо бояд қайд кард, ки дар се соли охир сураъти миёнаи солонаи афзун шавии дороиҳои бонкҳои исломӣ нисбат ба давраи пешина ( тақрибан 10% дар солҳои 2017 – 2018 нисбат ба 17% дар соли 2013) паст буд, ки он ба якчанд омилҳои асосӣ вобастагӣ дошт, ба мисли:

- Пастшавии қурби асъори кишварҳои рӯ ба тараққӣ;
- Суст шудани суръати рушди иқтисоди ҷаҳонӣ;

❖ Давраи дарозмуддати нархҳои паст, барои барандагони энергия (қувваи барқ);
❖ Паст шудани сатҳи боварии сармоягузорон ва истеъмолкунандагон ба бахши бонкӣ.

Аз тарафи дигар бо назардошти маълумотҳои соли 2016, мо боварӣ дорем, ки суръати миёнаи солонаи бонкҳои исломӣ ба нишондиҳандаҳои солҳои гузашта бармегардад.

Соли 2018 дар ҷаҳон 363 ташкилоти қарздиҳии исломӣ мавҷуд буд, ки аз онҳо тахминан 69%-ашро бонкҳои мустақили исломӣ ва 31% -и дигарашро бонкҳои анъанавие, ки тавассути "равзанаҳои исломӣ" хизматрасониҳои исломиро пешниҳод менамуданд, ташкил медод [3,54с]. Дар солҳои охир бонкҳои исломӣ ғасби берунаи худро таҳвият дода, мехостанд доираи таъсироти худро ба давлатҳои қабулкунанда васеъ намуда, бо ин ба сохтори муосири трансмиллии бонкӣ мутобиқат намоянд ва дар натиҷа ба бозори байналмиллалии сармояи бонкӣ ва ҷараёнҳои байналмилалии сармоягузорӣ саҳмгузор бошанд.

Оғози фаъолияти бонкҳои исломӣ дар кишварҳои Ғарб ба солҳои 1970–уми асри гузашта вақте, ки дар соли 1978 дар Люксембург бонки Islamic Banking System ( ҳозир Islamic Finance Bank) ва дар Швейтсария дар соли 1981 Dar al-Mal al-Islami (дар айни замон Faisal Private Bank), ки ба Ithmaar Bank –и Баҳрейн таалуқдошта сармояро дар ҳаҷми 1 млрд. доллари ИМА идора менамояд, ташкил шуда буданд.

Яке аз марказҳои муҳими маблағгузории исломӣ Лондон мебошад, ки имрӯзҳо дар он ҷо 6 бонки исломӣ ва 17 шӯъбаҳои махсуси британиёии бонкҳои хориҷӣ мавҷуд буда, ба пешниҳоди маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои молиявии исломӣ, машғул ҳастанд. Бояд қайд кард, ки васеънамоии бахши хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи бонкӣ дар асоси принсипҳои исломӣ, инчунин аз ҷониби бонкҳои бузурги Ғарбие (масалан, Goldman Sachs, Citibank, Deutsche Bank, BNP Paribas, JP Morgan Chaise), ки дорои бахшҳои махсуси худ буда, дар асоси он бахшҳо ба мизоҷонашон хизматрасониҳои молиявии исломиро бо мақсади тавассути хизматрасониҳои молиявӣ ба даст овардани сегментҳои нави бозор пешниҳод менамоянд, сурат мегирад.

Ҳаҷми дороиҳо дар "равзанаҳои исломӣ"–и бонкҳои анъанавӣ мавҷудбуда, ҳатто аз маҷмӯи дороиҳое, ки дар бонкҳои исломии комил мавҷуд ҳастанд, зиёдтар аст. Эҳтимоли пайдоиши муассисаҳои молиявии исломӣ дар кишварҳои ғайримусалмонӣ аз миқдори зиёди ниёзҳои он мусалмононе, ки дар ин кишварҳо зиндагонӣ менамоянд ва мехоҳанд аз чунин хизматрасониҳои молиявӣ дар доираи шариати исломӣ истифода намоянд, вобаста буд. [1,35-48с.]




***Расми 2. Таносуби дороиҳои исломӣ ба дороиҳои бонкҳои анъанавӣ барои санаи 01.01.2018*** *[8]*

Расми 2 инъикоскунандаи таносуби дороиҳои исломӣ ба дороиҳои бонкҳои анъанавӣ барои санаи 01.01.2018 – ум сол, мебошад.

Бояд зикр намуд, ки бо вуҷуди рушди босуръати дороиҳои бонкҳои исломӣ, ҳиссаи онҳо дар аксари кишварҳои исломӣ ҳоло ҳам, нисбатан кам аст. Масалан, ҳиссаи онҳо нисбат ба дороиҳои бонкҳои анъанавӣ дар Қувайт 38,9%, дар Қатар – 26,1%, дар Яман - 33% ва дар Малайзия – 23% -ро ташкил додааст. Камтар аз 10% -и ҳамаи дороиҳои бонкӣ, ба бонкҳои исломии якчанд кишварҳо, ба мисли, Баҳрайн, Иордания, Покистон, Миср, Оман, Туркия, Индонезия ва ғайраҳо, рост

меояд. Танҳо дар ду давлати исломӣ, ҳиссаи бонкҳои исломӣ дар тамоми сохтори низоми бонкӣ дар сатҳи аз 49% (Арабистони Саудӣ) то 100% (Судон ва Эрон), қарор гирифтааст (Расми 2). Дар солҳои охир, саҳмгузорони асосӣ дар бахши бонкдории исломӣ, кишварҳои Халиҷи Форс ва Эрон, ба шумор мераванд. Минтақаи Ҷанубӣ ва Ҷанубу – Шарқии Осиё, ҷои дуюмро дар ҷаҳон дар бахши бонкинги исломӣ бо ҳиссаи 15% аз ҳиссаи умумии бонкинги исломӣ дар ҷаҳон, ишғол менамоянд. Ба ин минтақа, Бруней ва Малайзия ва инчунин Индонезия, - ки дар ҷаҳон яке аз мамлакатҳои пешсаф аз ҷиҳати шумораи зиёди аҳолии мусалмон ба шумор меравад, дохил мешаванд.

Новобаста аз оне, ки Покистон ва Бангладеш яке аз давлатҳои сераҳолӣ дар минтақа мебошанд, ҳиссаи онҳо дар бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои молиявии исломӣ аз 2% зиёд нест. Умуман, бо назардошти суръати афзоиши аҳолӣ ва даромади кишварҳои исломӣ барои рушди бонкинги исломӣ, имконоти бузурге мавҷуд аст. Хусусан, ин ба шумораи зиёди кишварҳои исломие, ки дар онҳо бахши исломӣ на онқадар рушдёфта аммо дар онҳо шумораи зиёди аҳолии мусалмон зиндагони менамоянд, таалуқ дорад [5,61с].

Тибқи маводҳои таҳқиқшуда, аксари бонкҳои исломӣ дар ҷаҳон, нисбатан хурданд. 11%-и бонкҳои мавҷудаи исломӣ дороиҳоро бо маблағи зиёда аз 20 млрд. доллари ИМА, инчунин 11% -и дигар дороҳояшон аз 10 – 20 млрд. доллари ИМА, 12% -и бонкҳо дороиҳоро дар ҳаҷми аз 5–10 млрд. доллари ИМА, дороиҳои 27% -и бонкҳои исломии дигар аз 1–5 млрд. доллари ИМА ва боқимонда 40% -и бонкҳои исломии дигар дороиҳоро дар ҳаҷми на камтар аз 1 млрд. доллари ИМА, доро мебошанд. Сарфи назар аз андозаи хурди дороиҳо, дар маҷмӯъ 51 бонки исломӣ хуб сармоягузорӣ шуда, инчунин сатҳи баланди бозоргириро доро мебошанд.

Ҳаҷми дороиҳо дар “равзанаҳои исломӣ” –и бонкҳои тиҷоратии анъанавӣ, ҳатто аз ҳаҷми дороиҳои умумии бонкҳои исломии комил, зиёд мебошад. Аз ин хотир, этҳимолияти пайдоиши ташкилотҳои молиявии исломӣ, дар кишварҳои ғайримусалмон ба зиёд шудани шумораи аҳолии мусалмон дар кишварҳои мазкур ва ба миён омадани талаботи онҳо ба хизматрасониҳои молиявие, ки дар чорчӯбаи шариати исломӣ пешниҳод мешаванд, алоқаманд аст.

Ҳоло шумораи бонкҳои исломӣ аз 400 адад зиёд аст. Мувофиқи ҳисоботи охирини Ernst & Young «World Islfmic Banking», дар давоми соли 2016, дороиҳои умумии бонкҳои исломӣ дар ҷаҳон ба 1,5 трлн. доллари ИМА баробар шуда буд ва муқаррар карда шуд, ки сураъти солонаи афзоиши дороиҳо дар чор соли охир, 14% - ро ташкил додааст.




***Расми 3. Тақсимоти дороиҳои молияи исломӣ дар ҷаҳон барои санаи 01.01.2018.*** *[5]*

Дар расми 3, тақсимоти дороиҳои молияи исломӣ барои соли 2018, инъикос шудааст. Мувофиқи расми мазкур муайян намудан мумкин аст, ки мақомҳои пешсафро дар бозори молияи исломӣ дар соли 2018 Эрон, Арабистони Саудӣ ва Малайзия ишғол менамоянд. Ин маълумотҳоро коршиносони ширкати Ernst & Young дар ҳисоботи “Рақобат дар бонкинги исломии ҷаҳонӣ барои солҳои 2017 – 2018”, ки дар Конфронси ҷаҳонӣ оиди бонкдории исломӣ, дар Баҳрайн пешниҳод шуда буд, нашр намудаанд.

Ғайр аз ин, меъёри кифоятии сармоя барои бонкҳои исломӣ одатан аз талаботҳои меъёрӣ, хеле баландтар мебошад. Дар соли 2018 бонкҳои исломии Британияи Кабир, Туркия, Африқо, давлатҳои Халиҷи Форс ва Эрон ба сатҳи баланди талаботҳо оиди кифоятии сармоя, ҷавобгӯ буданд. Масалан, дар соли 2018, меъёри кифоятии сармоя барои бонкҳои исломӣ дар ин кишварҳо 33%, 32%, 26% ва 19% -ро ташкил дода буд, ки ин аз меъёри ҳадди аққалӣ кифоятии сармоя,

ки 8% -ро мувофиқи Созишномаи Базели III ташкил медод, хеле баланд буд”. [3,82с]




***Расми 4. Сохтори минтақавии дороиҳо ва шумораи бонкҳои исломӣ ба санаи 01.01.2018 с.***

Чӣ хеле ки мо дар расми 4 мебинем, қисми зиёди дороиҳои бонкҳои исломӣ (77%) дар минтақаи Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ, сипас дар минтақаи Осиё (18%), Аврупо (3,73%) ва кишварҳои Африқо ба қисмати ҷануб аз минтақаи Сахара (камтар аз 1%), ҷойгир шудаанд.

Дар минтақаи Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ, қисми зиёди дороиҳои бонкҳои исломӣ ҷойгир шудаанд ва аз нисф зиёди ин дороиҳо ба бонкҳои эронӣ (451 млрд. доллар) таалуқ доранд ва ба ҳафт бонки калонтарин, 80% -и бозори Эрон рост омада, ҳаҷми дороиҳои онҳо дар умум зиёда аз 20 млрд. доллари ИМА – ро ташкил медоданд.

Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда мо тахмин менамоем, ки дар оянда таваҷҷӯҳ ба муассисаҳои молиявии исломӣ афзоиш хоҳад ёфт ва тамоюли афзоиши шумораи мизоҷони онҳо аз ҳисоби ғайримусалмонон, нигоҳ дошта хоҳад шуд. Тағйироти бозаргонии бахши молиявию бонкӣ дар Россия сармоягузориҳои назаррас ва ҷалби сармояи хориҷиро ба кишвар дар шаклҳои гуногун, талаб менамояд. Аз ин рӯ ташкилотҳои молиявии исломӣ, рӯз то рӯз имкониятҳои алтернативӣ (муқобил) –ро, бо мақсади ба даст овардани захираҳои қарзӣ барои ташкилотҳо ва бонкҳои ватанӣ, кушода истодаанд.

Дурнамои рушди бонкдории исломиро дар иқтисоди ҷаҳонӣ то соли 2020 метавон дар шакли расми 5, инъикос намуд.




***Расми 5. Афзоиши дороиҳои бонкҳои исломӣ барои соли 2020***

Яке аз кишварҳое, ки дар он имрӯзҳо, низоми бонкдории исломӣ дар марҳалаи рушдёбӣ қарор гирифтааст, ин Ҷумҳурии Қазоқистон ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон имрӯзҳо, ба масъалаи молияи исломӣ диққати ҷиддӣ дода шудаистодааст. Барои ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ пойгоҳ (база)–и муайяни меъёриву ҳуқуқие, ки дар ҳолати параллелӣ ба қонунгузориҳои асосии бахши бонкии кишвар бо мақсади танзими раванди истифодаи усулҳои молияи исломӣ истифода мегардид, ташкил карда шуда буд. Дар соли 2011, Бонки миллии Ҷумҳурии Қазоқистон ба Шӯро оиди хизматрасониҳои молиявии исломӣ (Islamic Financial Services Board - IFSB), шомил шуд. Бонки миллии Қазоқистон, дар самти ҷойгирнамои ва пешбурди маҳсулотҳои молиявии исломӣ дар қаламрави кишвар,

мавқеи фаъолро ишғол намудааст. Аз ҷониби Бонки миллии Қазоқистон дар асоси стандартҳои AAOIFI, стандартҳо оиди баҳисобгирии муҳосибӣ барои бонкҳои исломӣ ва ташкилотҳои махсуси молиявии исломӣ, коркард карда шудааст. Дар бозори молиявии Қазоқистон имрӯзҳо, 2 бонки исломӣ Al Hilal Bank ва Заман банк, ташкилоти исломии лизингӣ Kazakhstan Ijara Company, ташкилоти исломии тиҷоратию – молиявии ТОО NewFinance, мавҷуд ҳастанд. Дар Қазоқистон манфиати ҷомеаи соҳибкорро дар бахши молияи исломӣ, "Ассотсиатсияи рушди молияи исломӣ" (АРМИ) муаррифӣ менамояд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар тули 10 сол, аниқтараш аз соли 2010 – 2020 татбиқи нишондиҳандаҳои зерин, пешбинӣ шудааст **(ҷадвали 2):**

| Нишондиҳанда | Соли 2010 | Соли 2015 | Соли 2020 |
|---|---|---|---|
| **Бонкҳои исломӣ** | 1/33 млн. долл. ИМА | 3 | 5 |
| **"Равзанаҳои исломӣ"** | 0 | 6 | 10 |
| **Ташкилотҳои қарзии хурди исломӣ** | 0 | 5 | 7 |
| **Ташкилотҳои исломии лизигӣ** | 0 | 3 | 5 |
| **Сукуки мустақил** | 1/500 млн. долл. ИМА (нақша) | 2 | 3 |
| **Хукуки корпоративӣ** | 0 | 10 | 20 |
| **Фондҳои сармоягузории исломӣ** | 0 | 10 | 15 |
| **Ташкилотҳои такаффулӣ** | 1 | 4 | 7 |
| **Ташкилотҳои ҳуқуқии пешниҳодкунандаи машваратҳо оиди молияи исломӣ** | 3 | 10 | 15 |
| **Ташкилотҳои машваратии молиявӣ** | 3 | 10 | 15 |

***Ҷадвали 2. Пешбини шудани ҷараёни татбиқи нишондиҳандаҳо дар Ҷумҳурии Қазоқистон, барои солҳои 2010 – 2020***

Пас аз амалишавии чунин нишондодҳо ҳамзамон, дар рушди бонкдории исломӣ дар Қазоқистон чунин мушкилиҳо боқӣ мемонанд, ба мисли:

- Аз сабаби нокифоя будани шумораи қарзгирандагони боэътимод дар бахши сармоягузориҳо, маҳдудиятҳо ба миён меоянд;
- Зиёд шудани хавфҳо дар бонкҳое, ки мувофиқи принсипҳои исломӣ фаъолият менамоянд ва зарурияти мустаҳкам намудани бахши идоракунии хавфҳои бонкҳои мазкур;
- Вобаста ба коҳиш ёфтани фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар сатҳи таваҷҷӯҳ ба хизматрасониҳои ташкилотҳои молиявии исломӣ, хеле паст мегардад;
- Талабот ба кадрҳои баландихтиссос ва коршиносони бахши молияи исломӣ меафзояд;
- Талабот ба баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии шахсони ҳуқуқию воқеӣ оиди молияи исломӣ, ба миён меояд;
- Зарурияти такмил додани қонунгузорӣ оид ба андозбандии ташкилотҳои молиявии исломӣ, инчунин ташкил намудани инфрасохтори дахлдори саноатӣ, ба миён меояд ва ғайраҳо.

Дар асоси таҳлилҳо ва омӯзишу баррасии низоми бонкдории исломӣ дар кишварҳои ҷаҳон, ба хулосае омадан мумкин аст, ки бонкдории исломӣ метавонад дар баробари бонкдории анъанавӣ фаъолият намояд ва таъсири худро дар рушду инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон расонад.

**АДАБИЁТ**


1. Беккин Р.И. Исламская модель беспроцентной экономики и современность // Вестн. С.– Петерб. ун-та. Сер. 5, Экономика. – 2007. – Вып. 2. – С. 79–89.
2. Беккин Р.И. Исламская экономика: краткий курс / Рос. Акад. наук, Ин-т Африки. – М.: АСТ: Восток–Запад, 2008. – 272 с.
3. Беккин Р.И. Исламская экономика: между капитализмом и социализмом // Вопр. экономики. – 2007. – № 10. – С. 147–155.
4. Беккин Р.И. Исламская экономическая модель в мусульманском мире: некоторые исторические факты // Проблемы соврем. экономики. – СПб., 2004. – № 4. – С. 272–280.
5. Беккин Р.И. Исламская экономическая модель и современность. – М.: Изд. Дом Марджани, 2009. – 336 с.
6. Мусаев, Р.А. Магомедова, Ю.Д. Тенденции развития исламских финансовых институтов в условиях глобализации / Р.А. Мусаев, Ю.Д Магомедова // Проблемы теории и практики управления. – 2015. -№11.- Саҳ- 35-48.
7. Шариатский стандарт № 8. Мурабаха. Пер. с англ. [Ред. Совет: Р.Р. Вахитов и др.] Организация бухгалтерского учета и аудита исламских финансовых учреждений (ААОИФИ). – М.: Исламская книга. – С. 54.
8. Шабакаи интернетии www.thomsonreuters.com.


**БАРРАСИИ РАВАНДИ ИНКИШОФИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ ДАР ҶАҲОН ВА ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ ОНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


Дар мақола масъалаҳо оиди пайдоиш ва рушди бонкдории исломӣ, инъикос гардидааст. Муаллифон ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъаларо ба таври возеҳу равшан таҳқиқ намудаанд. Муайян гардидааст, ки дар шароити муосир ташкилнамоии бахши бонкдории исломӣ дар қаламрави кишвар, яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Зеро танҳо дар ҳолати ташкил намудани низоми бонкдории исломӣ дар қатори низоми бонкдории анъанавӣ метавонад рақобатнокии байни бонкҳо (аз он ҷумла байни бонкҳои исломӣ ва бонкҳои анъанавӣ)-ро ба миён овард. Инчунин ҳангоми таъсисёбии бонкҳои исломӣ дар қаламрави кишвар, он қисми аҳолие, ки танҳо дар чорчӯбаи "Шариати исломӣ" амал менамоянд ва то ҳол аз маҳсулотҳои бонкҳои анъанавӣ истифода накардаанд, метавонанд аллакай бо таъсисёбии бонкҳои исломӣ, дар шакли пурра талаботҳои худро бо маҳсулотҳои бонкҳои исломӣ қонеъ гардонанд. Ҷиҳати ташкилнамоии рушди бахши бонкдории исломӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби муаллифон бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешқадам дар бахши мазкур, як қатор пешниҳодҳо тавсия шудааст.



**Калидвожаҳо:** бонкдории исломӣ, молияи исломӣ, иқтисоди исломӣ, фонди иҷтимоӣ, дороиҳо, даврахои ташаккулёбӣ,


**РАССМОТРЕНИЕ ПРОЦЕССА РАЗВИТИЯ ИСЛАМСКОГО БАНКИНГА В МИРЕ И ПРИМЕНЕНИЕ ИХ ОПЫТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**


В статье рассматриваются вопросы возникновения и развития исламского банкинга. Авторы четко исследовали теоретические и практические аспекты проблемы. Определено, что в современных условиях создание в стране исламского банковского сектора является одним из важнейших вопросов. Потому что только в случае создания исламской банковской системы наряду с традиционной банковской системой может возникнуть конкуренция между банками (в том числе между исламскими банками и традиционными банками). Также с созданием в стране исламских банков те слои населения, которые работают только по «исламскому шариату» и еще не использовали продукты традиционных банков, уже могут полностью удовлетворить свои потребности продуктами исламских банков с созданием исламских банков. Для организации развития исламского банковского сектора на территории Республики Таджикистан авторы использовали ряд предложений, используя опыт ведущих стран в этом секторе.



**Ключевые слова:** исламский банкинг, исламские финансы, исламская экономика, социальный фонд, активы, сроки формирования.


**CONSIDERATION OF THE DEVELOPMENT PROCESS OF ISLAMIC BANKING IN THE WORLD AND APPLICATION OF THEIR EXPERIENCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**


The article examines the emergence and development of Islamic banking. The authors clearly investigated the theoretical and practical aspects of the problem. It was determined that in modern conditions, the creation of an Islamic banking sector in the country is one of the most important issues. Because only if an Islamic banking system is created along with the traditional banking system, competition between banks can arise (including between Islamic banks and traditional banks). Also, with the creation of Islamic banks in the country, those strata of the population that work only according to the "Islamic Sharia" and have not yet used the products of traditional banks can fully satisfy their needs with the products of Islamic banks with the creation of Islamic banks. To organize the development of the Islamic banking sector on the territory of the Republic of Tajikistan, the authors used a number of proposals, using the experience of leading countries in this sector.



**Key words:** Islamic banking, Islamic finance, islamic economics, social fund, assets, terms of formation.

**Сведения об авторах:** Гаюров Гайрат Хакимович, к.э.н., старший преподаватель кафедры банковской деятельности Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Айни 35, E-mail: gayrat-gayurov@mail.ruТел: **(+992) 904-46-68-68;**
**Нурматов Джурабек Хайдарович**. – магистрант 2-го курса кафедры банковская деятельность Таджикского национального Университета. E-mail: j_nurmatov@inbox.ru Тел: **(+992) 988-07-07-97.**
**Хакими Абдул Гафур** – магистрант 2-го курса кафедры банковская деятельность Таджикского национального Университета. E-mail: hakimi.ghafoor@gmail.com Тел: **(+992) 000-01-20-87.**

**Information about the authors:** Gayrat Khakimovich Gayurov, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer, Department of Banking, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Avenue 35, E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru Tel: **(+992) 904-46-68-68;**
**Jurabek Haydarovich Nurmatov** – Master student of the 2nd course of the Department of Banking of the Tajik National University. E-mail: j_nurmatov@inbox.ru Tel: **(+992) 988-07-07-97.**
**Abdul Ghafoor Hakimi** – Master student of the 2nd course of the Department of Banking of the Tajik National University. E-mail: hakimi.ghafoor@gmail.com Tel: **(+992) 000-01-20-87.**

# НАҚШИ МАЛАКАИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНАИ МАМЛАКАТҲОИ ТАРАҚҚИҚАРДА ДАР ПЕШБУРДИ СОҲИБКОРИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

***Рахматова Ш.С.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Дар пешрафти соҳаҳои тиҷорат ва системаҳои иқтисодӣ молияи корхонаҳои хурду миёна мавқеи асосиро ишғол менамоянд, зеро молияи корхонахои хурду миёна ифодагар ва суръатбахшандаи инкишофи муносибатхои тиҷоратӣ дониста мешаванд.

Дар шароити гузориш ба иқтисоди бозорӣ нишондиҳандаҳои асосии тичоратӣ ба даст даровардани натиҷаи дилхоҳи молиявӣ мебошад.

Аз ин рӯ, молия ва механизмҳои молиявӣ дар ихтиёри корхонаҳои хурду миёнаи тиҷоратӣ ҳамчун воситае мебошанд, ки бо ёрии онҳо истифодаи самараноки манбаъҳои молиявӣ ташкил карда мешаванд. Бинобар ин, механизмҳои молиявӣ аз тарафи корхонаҳои хурду миёнаи тичоратӣ ҳамчун фишанги таъсиррасон ба ҳолати молиявӣ ва бавучудоию муфлисшавии тиҷорат истифода шуда, яке аз нишондиҳандаҳои суръату дараҷаи инкишофи шаклҳои гуногуни моликият дониста мешаванд.

Дар шароити иктисоди бозорӣ бо ёрии фишангҳои молиявӣ вазифаҳои гуногун, аз ҷумла танзими меъёри умумии андухтаҳои захираҳои молиявӣ барои соҳаҳои истеҳсолӣ, таъмин намудани мутаносибии раванди такрориистеҳсол, таъмини риояи интизоми ҳуқуқӣ, танзими ҳолати молиявии корхонаҳои тичоратӣ, танзими раванди сармоягузорӣ, танзими муносибатҳои берунаи корхонаҳо ичро карда мешаванд. Истифодаи механизмхои молиявӣ ва натанхо сабаби инкишофи иқтисодиёту пешрафти ҷамъият мегардад, балки ба такмил ёфтани онхо низ мусоидат мекунад. Барои пешрафту тараққиёти иктисодиёт, танзими молиявию ҳавасманд гардонии истеҳсолот, моблағгузории пешрафти илмию техникӣ ва бо ёрии суғурта ҳимоя намудани истеҳсолоти чамъиятӣ нақши беҳамто мебозад. Танзими молиявию ҳавасмандгардонии истеҳсолот дар шароити иктисоди бозорӣ воситаи таъсири байнихамдигарии давлат ба соҳибкорӣ мебошад. Аз механизмҳои молиявие, ки дар танзими иктисодиёт истифода мегарданд, андоз нақши асосиро ичро менамояд. Давлат бо истифода аз меъёр ва анвои андоз ба дараҷаи даромаднокӣ ва ҳачми андохтхои пулие, ки дар ихтиёри корхонаҳо амал менамоянд, таъсир мерасонад. Меъёр ва имтиёзҳо нисбат ба андоз ҳамчун механизми молиявии танзими иктисодиёт ва давлат имконият медиҳад, ки он ба сатҳу дарачаи инкишофи пешрафти илму техника ва ба дараҷаи истифодаи самараноки захираҳои истехсолии корхонаҳо таъсир расонад.

Истифодаи андоз ҳамчун механизми молиявии танзими иктисодиёт на танхо ташкилдиҳандаи рақобат дар байни соҳаҳо ва дохили корхонаҳо, балки воситаи ташкили шаклҳои нави истеҳсолот ва муфлисшавии соҳибкорию тафриқасозии аҳолӣ мегардад. Кайд кардан лозим меояд, ки меъёри фоизи қарзу суғурта ва самаранокии бозори молиявию механизмхои он ба давлат имкониятҳои ба иқтисодиёт таъсиррасонири ба вуҷуд меорад. Дар сатҳи баланди андозбандию хизматрасонии молиявӣ на танҳо маҳдудкунии имконияти молиявии соҳибкорӣ

нисбат ба васеъ намудани имконпазирии онҳо, балки сабаби пайдоиши иқтисодиёти нихонӣ ва кам воридшавии маблаҳо ва даромади бучет ба вучуд меояд. Бояд тазаккур дод, ки зуд-зуд тағирдихӣ ва тарзи ситонидани андозхо сабаби ба вуҷуд омадани нобоварӣ ба сиёсати молиявии давлат ва коҳиши ҷалби сармоягузории хоричӣ мегардад. Иқтисоди бозорӣ ва усулубҳои хочагидорӣ нисбат ба бартараф намудани ҳолати инҳисории истеҳсолкунанда, ки монеъаи шиддатнокию рақобатпазирии байни соҳибкорон мегардад, талаботро нисбати батартибандозии он ба миён меоварад. Кабули Конуни Ҷумхурии Точикистон оид ба зидди инхисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии савдои хоричи бадалшавандагии асъор воситаи ҳалли мушкилоти ҳолати инҳисории истеҳсолкунанда бошад ҳам, истифодаи имтиёзи иқтисодӣ ва қарзҳои имтиёзнок ҳамчун механизми молиявӣ ба соҳибкорони хурд имконияти ҳалли мушкилоти танзими иктисодиётро таъмин менамояд. Тақсими аз ҳама дурусти даромад дар байни давлату субъектҳои иктисодиёт талаб менамояд, ки даромадҳои шахсони ҳукукӣ вобаста ба ҳаҷму даромаднокии миёнаи шаклҳои соҳибкорӣ ба амал дароварда шаванд. Давлат бо таъмину тақсими муфиди даромадҳо метавонад аз механизми фузунсозии дарормадҳо моҳирона истифода намуда, ба майл ба истеъмол ва пасандози шахсони ҳуқукӣ таъсир расонад ва сабаби рушду инкишофи соҳаҳои соҳибкорию фаровонии бозор шавад ва ё баръакс ба он монеъ гардад. Андоз аз шахсони воқеъӣ ва ҷуброни бекурбшавии пасандози онҳо аз ҷониби давлат, агар аз як тараф, мушкилоти ситонидани андозро ҳал намояд, аз тарафи дигар ба ҳалли мушкилоти ичтимоӣ ва фаъолгардонии меҳнатии аҳолии қобили меҳнат имкон медиҳад. Механизми мавҷуда метавонад воситаи тезонидани инкишофу вусъатбахшии истеҳсолот ва ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон гардад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ давлат ба соҳибкорон ҳуқуқи васеъи муносибатҳои иқтисодии хориҷиро пешниҳод намуда, танзими онро бо ёрии боҷу хироҷи гумрукӣ, ҳамчун механизми молиявӣ ба роҳ мемонад.

Ҳамин тавр андози боҷу хироҷ имтиёзҳо нисбат ба андоз, қарз, суқурта, содироту воридот, индексатсия, услуби ҳисоби истеҳсолот, мероси будани нафақа ва ғайра ҳамчун механизми молиявии танзими иқтисодиёт ба шумор меравад. Мушкилоти норасоии захираҳои молиявиро бо ду роҳ яъне экстенсивӣ ва интенсивӣ чудо намудан мумкин аст. Ҳар як мамлакат тамоми захираҳои моддию ғайримодии дар ихтиёр доштаро ба манбаи ба вуҷуд оварандаи захираҳои молиявӣ табдил медихад. Масалан, ҳаво, кайҳон, хирад, навигариҳои бавучудовардашаванда ва ғайра, ки онро бо тарзи экстенсивӣ пайдо кардани манбаҳои молиявӣ ифода мекунанд. Бо таври интенсивӣ пайдо кардани манбаъҳои молиявӣ бо роҳи зиёд намудани пул таъмин карда мешавад. Барои ин аз имтиёз, фоиз, бозори коғазҳои қиматнок, суръату тарзу услуби ҳисоббаробарнамоиҳо истифода мебаранд.

Дар Тоҷикистон имрӯз тарзи экстенсивию интенсивии пайдо кардани пул ва ташкили захирахои молиявӣ ба дараҷаи зарурӣ, ки ба талаботи бозори ҷахонӣ ҷавобгӯй бошад ва аз ӯхдаи ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон баромада тавонад, ташкил карда нашудааст. Механизмҳои интенсивию экстенсивии ташкили манбаҳои молиявӣ дар Тоҷикистони дар давраи гузориш қарордошта, бо таври бояду шояд ташкил нагардидааст, аз ин сабаб ҳамчун механизми танзими молиявии иқтисодиёт мавриди баҳрабардории пурра қарор надорад ва натиҷаи дилхоҳи танзимро таъмин карда наметавонад.

Дар шароити низоми бозорӣ ҳамаи корхонаҳо навобаста аз шакли моликият дорои хуқуки васеъи баамалбарории муносибатҳои содиротӣ мебошанд. Васеъшавии мустакилияти содиротии корхонаҳо зарурияти аз тарафи давлат ба танзим даровардани муносибатҳои хоричии корхонаро ба миён мегузорад. Давлат танзими ғайримустақими муносибатҳои содиротиро нисбат ба муносибатҳои иқтисодии корхонаҳо бо ёрии истифодаи боҷу хироҷи гумрукӣ ба роҳ мемонад.

Мақсади асосии истифода бурдани боҷу хироҷи гумрукӣ дар он аст, ки ҳамчун механизми танзими иқтисодиёт аз тарафи давлат ба танзимандозии муносибатҳои хоричии корхонаро ба миён мегузорад. Давлат танзими ғайримустақими муносибатҳои содиротиро нисбат ба муносибатҳои иқтисодии корхонаҳо бо ёрии истифодаи боҷу хироҷи гумрукӣ ба роҳ мемонад. Мақсади асосии истифодаи боҷу хироҷи гумрукӣ ҳамчун механизми танзими иқтисодиёт аз

тарафи давлат аз худ кардани қисми даромади иловагист, ки корхонаҳо аз хисоби фарқи нарх нисбат ба содироту воридоти баъзе молхо ба даст меоранд.

Қайд намудан зарур аст, ки бо тағир ёфтани меъёри пардохтҳо давлат метавонад ҳавасмандиро нисбат ба ташкили истеҳсолоти содиркунанда васеъ намуда, корпаратсияи меҳнатро бо ширкатҳои хоричӣ афзоиш дихад. Ё ин, ки ҳимояи баъзе сохаҳоро аз рақобати воридкунандагони хоричӣ ҳифз намояд, яъне сиёсати протексионистиро истифода барад.

Бо ҳамин роҳ истеҳсолкунандагони ватаниро ҳавасманд намояд. Ба акидаи мо танҳо чунин фаъолият метавонад, ки зарурати ҷаҳонӣ гардонии савдои хориҷиро аз байн барад.

Вобаста ба ин, нарасоии манбаҳои аъсорию молиявӣ ва мушкилоти иктисодӣ ба давлат имконият медиҳад, ки корхонаҳоро маҷбур созад, ки онҳо як қисми маблақхои асъории аз содирот ба дастовардаи худро фурӯшанд ва ё меъёри маблаҷи асъори ба хориҷ бурдашавандаро маҳдуд намоянд. Дар ҳама ҳолатҳо танҳо давлат меъёри боҷу хирочро нисбат ба содирот ва воридот муайян менамояд.

Мавриди кайд аст, ки ин амалиёт дар навбати дигар ҳавасмандии сохибкорони ватаниро нисбат ба равнақи содирот паст менамояд.

Яке аз механизҳои дигари танзими иктисодӣ, ки давлат аз он дар шароити имрӯза хеле васеъ истифода менамояд, санксияи молиявӣ мебошад.

Санксияи молиявӣ аз сабаби мувофиқи таъинот истифода намудани манбаҳои молиявӣ мувофиқи нишондоди дастураамал тақсим накардани фоидаи андозбандишаванда, аз меъёре, ки дастурамал муқаррар намудааст, зиёд ташкил намудани манбаҳои молиявие, ки таъиноти хоси истифодабарӣ доранд, дар муҳлати муқарраршуда напардохтани маблаг, ва ё пешниҳод накардани молу хизматрасонӣ ва ғайра мавриди бахрабардорӣ қарор медихад.

**АДАБИЁТ**


1. Конституция Республики Таджикистан. (с дополнениями и изменениями). – Душанбе,2003.
2. Закон Республики Таджикистан « О предпринимательской деятельности» ( с дополнениями изменениями), Душанбе,1997.
3. Закон Республика Таджикистан «О защите прав потребителей», – Душанбе – 2001.
4. Бойматов А.А., Кодиров А. Основы предпринимательства и маркетинга. – Хучанд: ЧММ «Хуршед»,2002.
5. Бондаренко В. Где и как поддерживают малый бизнес// Бизнес длч всех. № 20, май,2006.
6. Бусигин Л.В. Предпринимательство. – М.: Бусигин,2003.
7. Комилов С. Д., Забиров Н. Предпринимательство: основы развития и государственное регулирования. – Душанбе – 2004.
8. Государственное регулирование рыночной экономики: Учебник. Издание 2-е , перераб. И доп. / Кушлин В.И.- общ.ред. – М.: Изд-во РАГС 2005.
9. Джамшедов М., Хабибов С.Х., Факеров Х.Н. Потребительский рынок Таджикистана. Душанбе: Ирфон,2003.
10. Исматуллоев И.У, Хабибов С.Х. Рынок и бизнес: консультирование. - Душанбе: «Деваштич», 2002.
11. Исоматов Б.И., Факеров Х.Н. Таърихи тичорат. – Душанбе: «Ирфон», - 2007.
12. Комарова Г.Б., Аминов И.А.Экономика торговли. Худжанд ИЭТ ТГУК: Худжанд – 2010.
13. Хабибов С.Х., Факеров Х.Н.., Мирзоалиев А.А., Шаропов Ф.Р., Менеджмент. Учебник для вузов. Душанбе: «Хумо», - 2003.
14. Шаропов Ф.Р. Сохибкории тичорати ва стратегияи рушди он дар Точикистон. Душанбе: «Иофон»2007.
15. Шамхалов Ф. Государство и экономика. Основы взаимодействия. Учебник.- М.: Экономика 2010.
16. Хоскинг А. Курс предпринимательства/ Пер сангл. М.: Международные отношения. - 1993.г.
17. Шамсиев К. Б. Экономичческие проблемы развития предпринимательства Республики Таджикистан. «Ирфон», Душанбе – 2004.
18. Экономика предприятий торговли и общественного питания / Под редакцией Т.И.Николаевой и Н.Р. Егоровой. М., - 2009.


**НАҚШИ МАЛАКАИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНАИ МАМЛАКАТҲОИ ТАРАҚҚИКАРДА ДАР ПЕШБУРДИ СОҲИБКОРИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ**

Дар пешрафти соҳаҳои тиҷорат ва системаҳои иқтисодӣ молияи корхонаҳои хурду миёна мавқеи асосиро ишғол менамоянд, зеро молияи корхонахои хурду миёна ифодагар ва суръатбахшандаи инкишофи муносибатхои тиҷоратӣ дониста мешаванд. Дар шароити гузориш ба иқтисоди бозорӣ нишондиҳандаҳои асосии тичоратӣ ба даст даровардани натиҷаи дилхоҳи молиявӣ мебошад. Дар шароити иктисоди бозорӣ бо ёрии фишангҳои молиявӣ вазифаҳои гуногун, аз ҷумла танзими меъёри умумии андухтаҳои захираҳои молиявӣ барои соҳаҳои истеҳсолӣ, таъмин намудани мутаносибии раванди такрориистеҳсол, таъмини риояи интизоми ҳуқукӣ, танзими ҳолати молиявии корхонаҳои тичоратӣ, танзими раванди сармоягузорӣ, танзими муносибатҳои

берунаи корхонаҳо ичро карда мешаванд. Истифодаи механизмхои молиявӣ ва натанхо сабаби инкишофи иқтисодиёту пешрафти ҷамъият мегардад, балки ба такмил ёфтани онхо низ мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** молия, механизмҳои молиявӣ, корхона, иқтисодиёт, иқтисоди бозоргонӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ, захираҳои молиявӣ, ҷамъият, истеҳсолот, асъори молиявӣ, воридот, содирот.

## РОЛЬ ФИНАНСОВЫХ НАВЫКОВ МАЛЫХ И СРЕДНИХ ПРЕДПРИЯТИЙ В РАЗВИТЫХ СТРАНАХ В РАЗВИТИИ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

Финансирование малых и средних предприятий играет ключевую роль в развитии торгово-экономических систем, поскольку финансирование малых и средних предприятий считается выражением и ускорителем развития торговых отношений. В контексте отчета о рыночной экономике ключевыми коммерческими показателями являются достижение желаемого финансового результата. В рыночной экономике с помощью финансовых инструментов решаются различные задачи, включая регулирование общей скорости накопления финансовых ресурсов для производственного сектора, обеспечение сбалансированности воспроизводственного процесса, обеспечение правовой дисциплины, регулирование финансового состояния коммерческих предприятий, регулирование инвестиционного процесса, регулирование внешних отношений. являются. Использование финансовых механизмов не только способствует экономическому развитию и прогрессу общества, но и способствует их совершенствованию.

**Ключевые слова:** финансы, финансовые механизмы, предприятие, экономика, рыночная экономика, торговые отношения, финансовые ресурсы, общество, производство, финансовая валюта, импорт, экспорт.

## ROLE OF FINANCIAL SKILLS OF SMALL AND MEDIUM-SIZED ENTERPRISES IN DEVELOPED COUNTRIES IN THE DEVELOPMENT OF INTERNATIONAL ENTREPRENEURSHIP

Financing of small and medium-sized enterprises plays a key role in the development of trade and economic systems, since financing of small and medium-sized enterprises is considered an expression and accelerator of the development of trade relations. In the context of a market economy report, the key commercial indicators are the achievement of the desired financial result. In a market economy, various tasks are solved with the help of financial instruments, including regulation of the overall rate of accumulation of financial resources for the production sector, ensuring a balanced reproduction process, ensuring legal discipline, regulating the financial condition of commercial enterprises, regulating the investment process, and regulating external relations. are. The use of financial mechanisms not only contributes to economic development and the progress of society, but also contributes to their improvement.

**Keywords:** finance, financial mechanisms, enterprise, economy, market economy, trade relations, financial resources, society, production, financial currency, import, export.

**Сведения об авторе:** ***Рахматова Шахло Шамсудиновна*** – магистр второго курса факультета экономики и управления Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. Тел.:**93 775 14 25**

**Information about the author:** ***Rakhmatova Shakhlo Shamsudinovna*** – second-year Master of the Faculty of Economics and Management of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Tel.: **93 775 14 25**

# САМАРАНОКИИ СИЁСАТИ ФИСКАЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Гулов Ш.М., Сайдуллоев М.Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Нишондиҳандаҳои муҳими иқтисоди бозорӣ ин некуаҳволии халқ, субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ маҳсуб меёбад. Зеро мақсади ҳар як давлат дар шароити муосир пеш аз ҳама ,баланд бардоштани сатҳи некуахволии ҳалқ ба ҳисоб меравад. Барои дастраси пайдо намудан ба ин, давлат аз роҳҳо ва усулҳои гуногун истифода менамояд.

Акидахои олимон вобаста ба зарурати дахолати давлат ба иқтисодиёт гуногун мебошад. Як гурӯҳи олимон бар он ақидаанд, ки иқтисоди бозори бе дахолати давлат тавассути фишангу механизмҳои бозор худро ба танзим медарорад. Гурӯхи дигари олимон бар он ақидаанд, ки иқтисодиёти бозорӣ дар алоҳидагӣ, бе дахолати давлат ба таври пурра худтанзимшаванда буда наметавонад.

Маҳз бо ҳамин хотир, зарурати танзими давлатии иқтисодиёт бо роҳҳо ва усулҳои гуногун ба миён меояд. Яке аз роҳҳои муҳими танзими давлатии иқтисоди бозорӣ, сиёсати монетарӣ ва сиёсати андозӣ - буҷетии давлат (фискалӣ) ба ҳисоб меравад.

Агар мо ақидаҳои олимони мактаби классикиро дида бароем, аён мегардад ки онҳо ақидаҳои гуногунро оиди дахолати давлат ба иқтисодиёт пешниҳод кардаанд. Намояндагони мактаби классикӣ бо сарварии Адам Смит дар чунин ақида буданд, ки сиёсати молиявӣ ҳамчун усули дахолат ба иқтисодиёт набояд аз ҷониби давлат амалӣ карда шавад. Мувофиқи консепсияи Кейнсгароён, ки баъдтар пайдо шуд, баръакс, номукамалии механизмҳои бозор дахолати давлатро ба иқтисодиёт ба миён меорад. Дар натиҷа, усули кейнсионии сиёсати молиявӣ бо таъсири бошууронаи давлат тавсиф карда мешавад. Даромад ва хароҷоти буҷаи давлатӣ, бо мақсади танзими иқтисодиёт, мувозинати маҷмӯи тақозо ва арза нигоҳ дошта мешавад.

Аз ин бар меояд, ки ақидаҳои олимон оиди дахолати давлат ба иқтисодиёт бо роҳу усулҳои ба мақад мувофиқ самаранокӣ ва рушди иқтисоди бозориро таъмин мекунад. Бо ин мақсад моро зарур аст аз доираи мавзуӣ интихобнамудаи худ берун нарафта дар доираи сиёсати фискалӣ маълумот диҳем. Ба ақидаи мо танзими андозӣ буҷети тарзе ба роҳ монда шавад, ки дар баробари ғани гардонидани буҷаи давлат аз ҳисоби андозҳо рушди иқтисодиёт низ таъмин карда шавад.

Сиёсати фискалии давлат ин истифодабарии имкониятҳо оид ба ситонидани андозҳо ва хароҷоти маблағҳои буҷети давлатӣ буда барои танзими сатҳи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳалли масъалаҳои воқеии иҷтимои нигаронида шудаанд.

Дар адабиётҳо ду намуди сиёсати фискалиро аз ҳамдигар ҷудо менамоянд**:**

1. **Сиёсати дискрессионӣ**, ки ба дахолати мустақими давлат ба иқтисодиёт асос ёфтааст;
2. **Сиёсати ғайридискрессиони (автоматӣ)**, ки ба муътадилкунонии автоматӣ асос ёфтааст.

**Сиёсати дискрессиониро-** сиёсати фаъоли фискалӣ низ меноманд, ки вай ба сифати тағйироти қонунӣ (расмӣ)-и андозаи хариди давлатӣ, андозҳо ва трансфертҳоро бо мақсади муътадилгардонии иқтисодиёт аз тарафи давлат ба роҳ мемонад. Ин намуди сиёсати фискалӣ метавонад бо ёрии воситаҳоои мустақим ва ғайримустақим ба амал бароварда шавад[2,саҳ-50]. Ба воситаҳои мустақим тағйир додани хариди давлатии мол ва хизматрасонӣ, трансфертҳо таалуқ доранд. Воситаҳои ғайримустақим тағйир додани андозбандиро (меъёри андоз, имтиёзи андозӣ манбаи андоз) дар худ мегирад.

Дар навбати худ, боз ду намуди сиёсати дискрессиониро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд(вобаста аз марҳилаи даври иқтисодиёт), ки инҳоянд:

–сиёсати фискалии ҳавасмандгардонӣ;

–сиёсати фискалии бездоранда.

1. **Сиёсати фискалии ҳавасмандгардонӣ** дар давраи пастравии иқтисодиёти миллӣ истифода бурда мешавад. Мақсади асосии он кам кардани сатҳи бекорӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Воситаҳои асосии баамалбарории сиёсати фискалиро инҳо дар бар мегиранд:

- ✓ Зиёд кардани хариди давлатӣ;
- ✓ Пастравии меъёри андозҳо;
- ✓ Зиёд кардани трансфертҳо.

Истифодаи ин намуди сиёсати фискалӣ дар охир ба касрии буҷет оварда мерасонад.

2. **Сиёсати фискалии бездоранда** дар марҳилаи болоравии иқтисодиёт истифода бурда мешавад. Мақсади асосии он паст кардани афзоиши таваррум, кам кардани хароҷоти давлатӣ ва баланд бардоштанти андоз ба шумор меравад.

Воситаҳои асосии сиёсати фискалии бездоранда инҳо ба ҳисоб мераванд:

- ✓ Кам кардани хариди давлатӣ;
- ✓ Баланд бардоштани меъёри андоз
- ✓ Кам кардани пардохтҳои трансферти.

Ин намуди сиёсати фискалӣ бо зиёдшавии буҷети давлатӣ оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ гуфтан мумкин аст, ки мақсади асосии сиёсати дискрессионӣ - ин таъсиррасонӣ ба тағйирёбии даври иқтисодӣ, ба воситаҳои ҳавасмандкунӣ ё маҳдуднамоии маҷмӯи талабот мебошад. Аз ин рӯ, ин сиёсатро сиёсати зиддидаврави (муътадилнокӣ) меноманд.

Сиёсати фискалии ғайридискрессионӣ (автоматӣ) бо амаликунии муътадилкунандагони ҷорикардашуда алоқаманд аст.

Муътадилкунандагони ҷорикардашуда - ин воситаҳое мебошанд, ки андозаи онҳо тағйир намеёбад, лекин буданни онҳо ба таври автоматӣ иқтисодиётро устувор мегардонад ва бо усули ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар марҳилаи пастравӣ ва дар марҳилаи болоравӣ иқтисодиётро боз медорад.

Ба муътадилкунандагони автоматӣ инҳо дохил мешаванд:

а) андоз аз даромад;

б) андозҳои ғайримустақим;

в) кӯмак барои бекорон;

г) кӯмак барои оилаҳои камбизоат.

Андоз аз даромад бо чунин тарз ба роҳ монда мешавад: ҳангоми пастравии иқтисодиёт сатҳи фаъолияти соҳибкорӣ **(У)** кам карда мешавад, ки дар ин ҷо функсияи андозӣ намуди зеринро мегирад[2 саҳ-54]:

$$T = t \times Y$$

Дар ин ҷо: Т - андозаи даромадҳои андозӣ; t - меъёри андоз; Y - андозаи маҷмӯи даромадҳо.

Бартарии асосии сиёсати фискалии ғайридискрессионӣ дар он аст, ки муътадилкунандагони ҷорикардашуда дар ҳолати таъғйирёбии иқтисодиёт фавран ба ҳаракат дароварда мешаванд.

Камбудии ин раванд дар он ифода меёбад, ки вай танҳо ҷунбиши давравиро ба нуқтаи мувозинат оварда мерасонад, гарчанде онро ба пурраги таъмин карда натавонад.

Арзёбии саамаранокии сиёсати андози буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар асоси нишондиҳандаҳои муайяне амалӣ карда шавад, ки баҳо додани натиҷаҳои татбиқи сиёсати буҷетӣ, пеш аз ҳама барои аҳолии Ҷумҳурӣ имконият бидиҳад. Дар ҷараёни таҳлил ва таҳқиқ пеш аз ҳама бо мақсади арзёбии системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои муайян кардани робитаи байни даромадҳо ва андозҳо гузаронида мешавад. Тавре, ки ба мо маълум аст қисми зиёди даромади буҷети мамлакати моро андозҳо ташкил, медиҳанд ба ҳамин хотир таҳлили буҷет яке аз қисмҳои мавзуи интихобнамудаи мо маҳсуб мешавад. Ҳиссаи воридоти андозҳо дар ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ дар моҳҳои январ-августи соли 2020-ум 67,4 фоизро ташкил дод [1].

Низоми буҷетӣ зернизоми молиявии дилхоҳ давлат ба ҳисоб рафта, маҷмӯи муносибатҳоеро таҷассум мекунад, ки бо ёрии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар натиҷаи ташкил ва иҷрои буҷети давлатӣ ва буҷетҳои гуногуни ғайридавлатии ҳудудӣ (мунисипалитет) танзим карда мешавад. Дар низоми буҷетӣ инчунин фондҳои воситаҳои молиявие, ки бо талаботи меъёрҳои ҳуқуқии кишвари мушаххас, ки бо буҷет дохил намешаванд, аммо таҳти идораи давлат аз ҳисоби воситаҳое, ки вазифаҳои давлатиро амалӣ менамоянд қарор доранд, қабул карда шудааст. Ба ин гурӯҳ фондҳои ғайрибуҷетии таъиноти иҷтимоӣ низ дохил карда мешаванд.

Аз рӯи маълумотҳои омории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ- сентябри соли 2020 ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ 16505,9 млн. сомонӣ ё 96,7 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил кардааст[1].

Тайи даҳсолаи охир дар аксарияти давлатҳои фавқулинкишофёфтаи бозорӣ бо таври васеъ усули бо воситаи буҷа батартибдарории ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ: харида гирифтани корхонаҳои ба касодӣ дучоргардида ё худ ба онҳо дасти ёрӣ дароз кардан ва аз ҳолати бӯҳронӣ баровардан, васеъ кардани андоза ва ҳаҷми фонди иҷтимоӣ, зиёд кардани нафақа, ёрдампулиҳо, имтиёз ба соҳибкорону корчаллонони хурд, ҳифзи муҳити зист, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва ғайра вусъат меёбад. Ин тадбирҳо дар амалияи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба назар менамояд. Зеро Ҷумҳурии мо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳони ҳамчун як кишвари ру ба инкишоф шинохта шудааст.

**АДАБИЁТ**

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013” ш. Душанбе 19 ноябри соли 2012, №904.
3. Фазлиддин Шомуродов, “Низомҳои андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Душанбе-2015.
4. Ф. Шомуродов, “Асосҳои системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Душанбе “Эр-граф” 2009.
5. Иброҳимов И.Р., Мирбобоев Р.М., Мирзоева Е.Ш., “Идораи молияи давлатӣ”, Душанбе 2013.
6. Исайнов Ҳ.Р, “ Иқтисоди милли”, ш. Душанбе 2018.
7. Ҷурабоев Ғ. “Макроиқтисод”, Душаннбе 2010.

**Сарчашмаҳои интернетӣ**

1. Tajfan.tj

2. Durashon.tj

**САМАРАНОКИИ СИЁСАТИ ФИСКАЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақолаи мазкур, оиди масъалаи самаранокӣ ё аниқтараш дар вобаста ба самаранокии сиёсати фискалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот оварда шудааст. Дар бораи муаммоҳо ва самтҳои муҳими сиёсати буҷетию андоз ақидаҳои назарияви оварда шудааст. Оиди масъалаҳои мубрам дар соҳаи андозу буҷет ақидаҳои олимони мактабҳои Классики ва мактаби Кейнсионӣ назарияҳо оварда шудааст. Дар мақолаи мазкур таъриф, ҳадафҳо ва намудҳои асосии сиёсати буҷетӣ муҳокима карда мешавад. Он инчунин самаранокии сиёсати буҷетиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳисобкунии нишондиҳандаҳои сатҳи андозӣ ва чандирии системаи андоз таҳлил менамояд. Вобаста ба намудҳои сиёсати фискалӣ аз нигоҳи мактабҳои мухталифи иқтисодӣ назарияҳо оварда шуда, вобаста ба истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо оварда шудааст. Сиёсати фискали воситаи асосии танзими иқтисодиёд, дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин вобаста ба низоми буҷетӣ, ки зернизоми молиявии дилхоҳ давлат ба ҳисоб меравад маълумотҳои оморӣ ва таҳлилҳо оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** Сиёсати фискалӣ; андоз; буҷаи давлатӣ; пардохтҳои трансфертӣ; сиёсати монетарӣ; касри буҷа.

**ЭФФЕКТИВНОСТЬ ФИСКАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В данной теме представлена информация об эффективности или, точнее, результативности фискальной политики в Республике Таджикистан. Представлены теоретические взгляды на проблемы и важные направления фискальной политики. А также, представлены взгляды ученых классической и кейнсианской школ на вопросы налогообложения и бюджета. В этой статье рассматриваются определение, цели и основные виды бюджетной политики. Также анализируется эффективность налогово-бюджетной политики в Республике Таджикистан на основе расчета налоговых ставок и гибкости налоговой системы. В зависимости от типа фискальной политики с точки зрения различных экономических школ представлены теории и предложения относительно ее применения в контексте Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** Фискальная политика; налог; бюджет государства;
плата за перевод; денежно- кредитная политика; дефицит бюджета.

**EFFECTIVENESS FISCAL POLICY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In the selected topic of my article, l provide information on the effectiveness or, more precisely, the effectiveness of fiscal policy in the Republic of Tajikistan on the problems and important directions of budgetary and tax policy. The article discusses the definition, objectives and basic types of fiscal policy. It also analyzes the effectiveness of the fiscal policy in the Republic of Tajikistan on the calculation of indicators of the level of tax burden and the elasticity of the tax system. Depending on the type of fiscal policy from the point of view of various economic schools, theories and proposals regarding its application in the context of the Republic of Tajikistan are presented. Fiscal policy is the main instrument of economic regulation in a market economy. There are also statistics and analyzes related to the budget system, which is the financial subsystem of any state.

**Keywords:** Fiscal policy; tax; state budget; transfer payments; monetary policy; budget deficit.

**Сведения об авторах:** ***Гулов Шерали Махмадсаидович*** **–** Таджикский национальный университет, к.э.н. доцент кафедры налог и налогообложение. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **902 42 66 55**
***Сайдулоев Махмаджон Файзалиевич*** **–** Таджикский национальный университет магистрант кафедры налог и налогообложение. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Тел.: **915 26 63 66**

**Information about authors:** ***Gulov Sherali Makhmadsaidovich*** **–** Tajik National University, associate professor chair of tax and taxation. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe Rudaki avenue 17. Phone: **902 42 66 55**
***Sayduloev Mahmadjon Fayzalievich*** – Tajik National University, master of the department of Tax and taxation. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe Rudaki ave. 17. **Phone: 915 26 63 66**

# ТАҲҚИҚИ ПАҲЛУҲОИ НАЗАРИЯВӢ-АМАЛИИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ВА ОМИЛҲОИ БА ОН ТАЪСИРРАСОН ДАР МАНОТИҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ғаюров Ғ.Ҳ., Салимов Б.С., Зарифзода Ҳ.П.**
**Донишгохи миллии Точикистон**

Дар шароити мураккабгардии муносибати мизоҷ бо ташкилотҳои қарзӣ мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкӣ заминаи мусоидест ҷиҳати ба роҳ мондани муносиботи самарабахш ва саривақтӣ. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хизматрасониҳои бонкии аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳодшаванда ниёз ба мукаммалгардонӣ доранд [1, с. 18]. Ва имрӯз хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун қисми

муҳими бозори бонкӣ дониста шуда, омилҳои зиёде метавонанд ба инкишофёбӣ ва рушди онҳо сабаб гарданд.

Ушаков Д.Н. инкишофёбиро ҳамчун раванди гузариш аз як сатҳ ба сатҳи дигар, яъне ба сохти нисбатан мукаммалгашта арзёбӣ менамояд [6, с.22].

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои иқтисодӣ мо як катор омилҳое, ки ба рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъсири зиёд доранд гурӯҳбандӣ намудем (расми 1) [4,62с].




Вазъи иқтисодии кишвар ба тартиби кори бонкҳо ва фаъолияти онҳо, инчунин ҷалби мизоҷон ба бонк таъсири зиёд дорад. Яъне бо дар назардошти нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ сатҳи таваррум, даромади аҳолӣ, сатҳи бекорӣ ва ғайраҳо метавонад фаъолияти бонкҳоро тағйир диҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2000-ум аз сабаби ноустувор будани вазъи иқтисоди бонкҳо наметавонистанд фаъолияти самаранок ва вазъи устувор дошта бошанд. Воқеан бо интишори пули миллӣ Сомонӣ мо тавонистем сар карда аз солҳои 2000 – ум иқтисодиёти худро рушд диҳем ва дар баробари ин ташкилотҳои қарзӣ низ зина ба зина инкишоф ёбанд. Инчунин зикр намудан ба маврид аст, ки бухрони молиявие, ки соли 2008 ба вукуъ пайваста буд бисёре аз мамлакатҳои абарқудратро аз инкишофёбӣ боздошт ва ба иқтисодиёти онҳо зарари ҷиддӣ расонид. Дар баробари ин сатҳи даромади аҳолӣ коҳиш ёфта, шумораи ҷойҳои корӣ низ кам гардиданд, ки ин ҳама ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бетаъсир намонд.

Омили дигаре, ки ба рушди хизматрасониҳои бонкӣ таъсири зиёд дорад ин рақобатпазирӣ дониста мешавад. Дар воқеъ имрӯз рақобатпазирӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мақоми махсус дорад ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст барои нигоҳдории рақобатнокии худ аз усулҳои муосир ва таҷрибаи ташкилотҳои қарзии хориҷӣ кишвар истифода намоянд. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба таври якзайл рушд надорад. Дар баъзе минтақаҳо ин хизматрасониҳо агар тамоюли инкишофёбӣ дошта бошанд, дар минтақаҳои дигар тамоюли инкишофёбӣ ба назар намерасад. Махсусан минтақаҳои дурдасти кишварро метавон арзёбӣ намуд, ки аҳоли ба хизматрасонҳои бонкӣ ба таври зарурӣ дастраси надорад. Инчунин таҷрибаи давлатҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки бонкҳои давлатӣ дар бозор нисбат ба дигар бонкҳо рақобатпазириашон устувортар аст. Зеро ин бонкҳо дастраси ба маблағҳои буҷетиро доро мебошанд ва аз ин маблағҳо метавонанд истифода намоянд. Дастрасӣ ба ин маблағҳо метавонад вазъи рақобатпазирии ин гуна бонкҳоро хубтар гардонад. Вобаста ба ин метавонем БДА ҶТ «Амонатбонк» - ро мисол орем, ки дар мамлакати мо ягона бонки давлатӣ дониста мешавад. Ҳамчунин маврид ба ёдоварист, ки ин бонк нисбат ба дигар ташкилотҳои қарзии амалкунанда дар минтақаҳои дурдасти кишвар шуъбаҳо ва марказҳои хизматрасонии худро дорад ва ба мардум бештар хизматрасониҳои бонкиро пешниҳод менамояд.

Тибқи нишондиҳандаҳои омори соли 2018 БДА ҶТ «Амонатбонк» дар ҳудуди кишвар бо 75 филиал, 509 марказҳо хизматрасонии бонкӣ ва 232 нуқтаҳои интиқоли маблағ ба мардум хизмат расонидааст. Дар ин сол активҳои бонк 39% ва сармояи он 12% зиёд гардидаанд. Шумораи амонатгузорони ин бонки давлатӣ низ сол аз сол афзоиш ёфта дар соли 2018 ба 1,1 млн нафар расиданд. Дорандагони кортҳои пардохтии ин бонк дар ин сол 47% зиёд гардидаанд. Тибқи омори БМТ аз

ҳаҷми умумии кортҳои бонкии бароварда шуда 74 % онҳо ба БДА ҶТ «Амонатбонк» рост меояд.

Аз ин рӯ зикр намудан ба маврид аст, ки БДА ҶТ «Амонатбонк» бо дастраси ба маблағҳои буҷети харҷи бештар кӯшиш намуда истодааст, то ба аҳолӣ махсусан ба соҳибкории хурду миёна қарзҳои имтиёзнок пешниҳод намояд, ки ин боиси рушди иктисодиёт дар маҷмуъ мегардад.

Ин ҷо метавон қайд намудан, ки омили муҳим барои инкишофёбии ин бонк ин боварии аҳолӣ дониста мешавад. Яъне бо мақоми давлатӣ доштан БДА ҶТ «Амонатбонк» тавонистааст ба боварии аҳолӣ сазовор гардад. Ва ин омил дар рушди минбаъдаи ин бонк ба ақидаи мо таъсири калидӣ дорад.

Дигар омиле, ки ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бевосита таъсиррасонанда ба фикри мо ин боварии аҳолӣ ба бонкҳо ва низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Барои ташкилотҳои қарзӣ ҷалби маблағҳои озоди аҳолӣ ҳамчун амонату пасандоз омили калидӣ дониста шуда, дар шароити муосир ҳаҷми маблағҳои ҷалб карда шуда, дар аксари кишварҳо то ба 80 –90%-и кулли дороиҳои бонкҳо баробар аст. Агар аҳолӣ маблағҳои худро барои нигоҳдори ба бонкҳо пешниҳод намояд ин заминаи мусбиест барои идома ёфтани фаъолияти бонк дар оянда. Боварии аҳолии имрӯз на танҳо барои ташкилотҳои қарзӣ балки барои тамоми иктисодиёти кишвари мо муҳим арзёбӣ мегардад. Масъалаи боварии аҳолӣ ба сохтори бонкӣ метавонад аз нуқтаи назари фалсафӣ, психологӣ, иҷтимоӣ, иқтисоди таққиқ карда шавад. Ҷабҳаи психологии боварӣ ба сохтори бонкӣ бениҳоят аҳамиятнок дониста мешавад. Боварӣ ҳамчун вазъи психологии инсон аз ахлоқи ӯ вобаста аст. Масалан агар муносибат бо бонк барои муштари натиҷаи мусбӣ дода бошад дар ин ҳолат муштарӣ метавонд дар оянда низ бо ин бонк ҳамкорӣ намояд, агар натиҷа дилхоҳ набошад муштарӣ дигар бо ин бонк ҳамкорӣ наменамояд. Аз ин лиҳоз ташкилотҳои қарзиро зарур аст баҳри ба даст овардани боварии аҳолӣ ин нуқтаро фаромӯш насозанд.

Ба назари мо барои ба даст овардани боварӣ мӯҳлати зиёд лозим аст то аҳолӣ хулосаи худро нисбати бонк барорад. Яъне фаъолияти софдилонаи бонк аз ҷониби аҳолӣ баҳогузорӣ карда мешавад ва баъдан аҳолӣ нисбати ин бонк боварӣ ҳосил менамояд. Агар фаъолияти бонк ғаразнок бошад ин бонк метавонад дар як муддати кутоҳ муфлис гардад.

Масъалаи муҳим имрӯз ин боварии аҳолӣ барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин сохтор дониста мешавад. Махсусан фаъолияти баъзе ташкилотҳои қарзӣ таи солҳои 2017- 2018 боиси кам гардидани боварии аҳолӣ нисбати сохтори бонкӣ гардид. Инчунин қайд намудан ба маврид аст, ки дар қонунгузории амалкунандаи бонкӣ мавқеи амонатгузорон ба таври мушаххас аниқ нагардидааст, ки ин омили муҳим ба хисоб меравад.

Тибқи нишондоди Ушакова Д.И. боварӣ – ин бузургие ба ҳисоб меравад, ки баҳодиҳии он мушкил аст [6, с.28]. Ҳамин тавр таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки боварӣ ба низоми бонкии мо имруз аз якчанд омилҳои асосӣ иборат мебошад, ба монанди [2, 59с]:

- сатҳи дастрасии муштариён ба иттилоот дар бораи фаъолияти бонк;
- дараҷаи танзим ва назорати низоми бонкӣ аз ҷониби давлат;
- дараҷаи муносибати бонк бо муштарӣ ва ҳалли одилонаи мушкилиҳое, ки миёни муштарӣ ва бонк ба амал меоянд;
- ҷой надоштани низоми махсусе, ки барои боз пас гирифтани амонат ва пасандозҳое, ки муштариён дар бонк гузоштаанд мусоидат намояд;
- фаъолият намудан тибқи шартномае, ки миёни муштарӣ ва бонк ба имзо расидааст;
- сатҳи коррупсия дар ташкилотҳои қарзӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр яке аз омили асосие, ки имрӯз ба ақидаи коршиносон муҳим аст ин дастрасии мизоҷон ба иттилоот дар бораи фаъолияти ташкилоти қарзӣ мебошад. Яъне таъмини мизоҷон бо маълумотҳои бонкӣ шаффофияти фаъолияти бонкро нишон дода, дараҷаи боварии мизоҷро нисбати бонк меафзояд.

Ҳангоми вусъат ёфтани муносибатҳо ва баланд гардидани сатҳи хавфҳо дар фаъолияти ташкилотҳои қарзи талабот ба маълумот зиёд мегардад. Имрӯз муштариён маълумот оиди фаъолияти ташкилотҳои қарзиро танҳо ба воситаи Интернет ва ё ВАО мегиранд, ки ин онҳоро қаноъатманд намегардонад. Воқеан чи тавре, ки бонкҳо ҳангоми пешниҳоди қарз муштарии худро ҳамаҷиҳата таҳлил

менамоянд ва маълумотҳои зиёдеро оиди фаъолияти ӯ ҷамъоварӣ, муштарӣ низ ҳангоми пешниҳоди маблағ ба бонк ҳамчун пасандоз бояд аз маълумоти зиёд оиди фаъолияти бонк бархурдор бошад. Дар шароити имрӯза бонкҳо бештар ба хавфи карзӣ ва фоизӣ дучор гардида истодаанд.

Воқеан имрӯз талабот ба информатсия на танҳо барои муштариён, балки барои ташкилотҳои қарзӣ низ муҳим дониста мешавад. Бо пешниҳоди қарз ташкилотҳои қарзӣ кӯшиш менамоянд оиди қарзгиранда маълумоти бештар дошта бошанд. Имрӯз дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз оне, ки аксари муштариён нисбати бонкҳо муносибати беғаразона доранд, лек хавфи барнагаштани карзҳо бениҳоят баланд аст. Ин омил метавонад ба ноустувории вазъи ташкилоти қарзӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, ташкилотҳои қарзӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то маълумоти дақиқ ба даст оварда бошанд. Дар кишварҳои хорича аслан ҷамъоварии маълумот оиди муштариён ба души бюроҳои қарзӣ вогузор карда шудааст. Бюрои қарзӣ метавонад муштариро дақиқ омӯзад ва ба вазъи молиявии он дуруст баҳо диҳад, ки ин болоравии хавфҳои бонкиро коҳиш дихад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи таърихи қарз» 26 – уми марти соли 2009 қабул гардидааст. Тибқи нишондоди қонуни мазкур таърихи қарз ин иттилооти мусбат ё манфии ичрои ухдадориҳои субъекти таърихи қарз аз руйи шартномае, ки дар Бюрои таърихи қарз нигоҳ дошта мешавад ба ҳисоб меравад. Худи иттилоот бошад ҳамчун маълумот дар бораи субъекти таърихи қарз, ки дар воситаҳои алоқаи электронӣ ва сабтҳои коғазӣ, ки иштирокчиёни системаи ташаккули таърихи қарз пешниҳод мекунанд ва истифодаи он, ки дар мавриди зарурӣ бо имзои электронии рақами тасдиқ карда мешавад дар қонуни мазкур шарҳ дода шудааст. Инчунин дар Қонуни мазкур Бюрои қарзи шахсони ҳуқуқӣ, ки ҳамчун ташкилоти тиҷорати тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур барои ташкилу коркард, нигоҳдошти таърихи қарз, пешниҳоди ҳисоботи қарз ва дигар иттилоот хизмат мерасонад.

Ҳамин тариқ бояд зикр намуд, ки Қонуни мазкур фарогирӣ чабҳаҳои муҳими фаъолияти Бюроҳои қарзӣ мебошад. Вале имрӯз аксари филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкҳо дар минтақаҳои ҶТ аз Бюрои мазкур кор намегиранд ва ин боиси барнагаштани қарзҳо ва фоизи онҳо мегардад.

Ҳамин тавр метавон қайд намуд, ки бонкҳо ҳангоми фаъолияти худ ба хавфҳои гуногун дучор мегарданд. Ва аз ин лиҳоз фаъолияти бонкӣ ин шакли соҳибкориест, ки аз болои он танзим ва назорати доимӣ бурда мешавад.

Муравьева А.В. бар он ақидааст, ки фаъолияти бонкӣ бо тамоми самтҳои муҳими иктисодиёт алоқамандӣ дошта аз амонат ва пасандозҳои аҳолӣ вобастагии беандоза дорад [4, с.68]. Дар аксари кишварҳои олам, инчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои қарзӣ қисми зиёди амалиётҳои худро аз ҳисоби маблағҳои пасандози ба роҳ мемонанд. Ин омил имрӯз барои бонкҳо муҳимияти зиёдеро касб намудааст. Яъне вақте ки қисми зиёди муштариён маблағҳои худро аз ҳисобҳои бонкҳо гирифтани мешаванд дар ин ҳолат бонкҳо метавонанд пардохтпазирии худро аз даст диҳанд.

Аз ин лиҳоз фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон имруз баҳри беҳдошти муносибати ташкилотҳои қарзӣ бо муштариён дар самти зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Инчунин БМТ ҷиҳати ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва истифодаи самараноки онҳо барои ташкилотҳои қарзӣ бояд аз сиёсати пулию қарзии созгор истифода намояд. То боварии амонатгузорон нисбати ташкилотҳои қарзӣ махсусан дар минтақаҳои кишвар афзояд.

Имрӯз барои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар минтақаҳо мо бояд пеш аз ҳама технологияҳои иттилоотӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳо тариқи Интернетро дар низоми бонкӣ инкишоф диҳем. Аслан хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи Интернет, телефон, телефонҳои мобилӣ ва дигар дастгоҳҳои худхизматрасонии бонкӣ ба муштариён пешниҳод мегарданд. Ва бояд қайд намуд, ки мутаассифона ин гуна хизматрасониҳо танҳо дар марказҳои шаҳрҳои бузурги ҷумҳурӣ дастраси аҳолӣ ҳастанду халос. Бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ имрӯз бояд ба муштариёне, ки дар минтақаҳои дурдастанд ин гуна хизматрасониҳоро дастрас намоянд.

Яке аз самтҳои дигари рушди хизматрасониҳои бонкӣ ин инфрасохтори бонкӣ ба ҳисоб меравад. Рушди инфрасохтори бонкӣ метавонад хизматрасониҳои бонкиро чӣ дар минтақаҳо ва чӣ дар тамоми кишвар инкишоф диҳад. Ташкил намудан ва фаъолияти самараноки бюроҳои қарзӣ ва макомотҳое, ки эътимоднокии ташкилотҳои қарзиро муайян мекунанд заминаи муҳимест барои таъмини мизоҷон бо иттилоот оиди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва баландбардории саводнокии молиявии аҳолӣ. Аз ин лиҳоз, бояд чунин ташкилотҳо имрӯз ташкил карда шаванд то ки фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дуруст баҳогузорӣ шавад.

Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар чорчӯбаи қонунгузориҳои бонкӣ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии БМТ амал менамояд. Ва яке аз омилҳое, ки имрӯз метавонад ба рушди ин бозор монеа гузорӣ кунад ин амал накардан дар доираи қонунгузориҳо ба ҳисоб меравад. Тибқи қонунгузориҳо амал накардани ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо бештар дар минтақаҳо ба чашм мерасад, ки ин ҳамчун омили манфӣ дар ин самт дониста мешавад.

Нишондиҳандаҳои омории БМТ нишон медиҳанд, ки дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ то ҳол дар сатҳи паст қарор доранд. Дар алоҳидагӣ аз таҳлилҳо бар меояд, ки ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ ҳар як филиали бонк ба 7,4 ҳазор нафар хизматрасонии бонкӣ пешниҳод менамояд. Ин нишондиҳанда гувоҳи он аст, ки пешниҳоди хизматрсониҳо дар сатҳи паст аст.

Бояд қайд намоем, ки тамоми бонкҳои дар ҷумҳурӣ амалкунанда ҳамасола филиалҳо ва шӯъбаҳои худро дар саросари мамлакат васеъ менамоянд. Дар ин замина танҳо 10 бонк аз 17 бонки амалкунанда фаъоланду халос. Таи чанд соли охир ҳолатҳое низ ба чашм мерасанд, ки баъзе бонкҳо ҷиҳати камгардонии хароҷотҳои худ фаъолияти филиал ва бахшҳои худро дар минтақаҳо қатъ менамоянд.

Масъалаи муҳим имрӯз рушди сохтори бонкӣ дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд ба ҳисоб меравад. Яъне бонкҳои амалкунанда имрӯз на ба минтақаҳои дурдаст балки кӯшиш намуда истодаанд, то фаъолияти худро дар ин ду шаҳр бештар ба роҳ монанд. Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки 60% филиалҳои бонкҳои мавҷуда дар пойтахти кишвар ҷойгиранд, ки ин метавонад сабаби рушд наёфтани хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои кишвар дониста мешавад.

Ҳамин тавр дар маҷмуъ метавонем кайд намуд, ки дар шароити имрӯза омилҳои ба бозори молиявӣ ва махсусан ба бозори хизматрасониҳои бонки таъсиррасонанда зиёданд. Ва ташкилотҳои қарзӣ бояд имрӯз ба як қатор самтҳо аҳамияти махсус диҳанд, зеро ин омилҳо барои нигоҳдории вазъи устувори онҳо ва ҷалби бештари муштариён сабаб хоҳанд гашт.

Ба назари мо ҷиҳати рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои кишвар бояд ба самтҳои зерин аҳамият дода шавад:

1. дастгирии давлатии сохтори бонкӣ;
2. суғуртакунонии амонатҳои аҳолӣ;
3. рушди технологияҳои иттилоотӣ;
4. фаъолият накардан аз руи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ;
5. шароити нобаробарии рақобатнокӣ;
6. боварии аҳолӣ ба сохтори бонкӣ;
7. дар сатҳи паст қарор доштани хизматрасониҳои пешниҳодшаванда;
8. муносибати кормандони бонк бо муштариён;
9. ба таври зарурӣ рушд накардани маркетинги бонкӣ;
10. этика ва қобилияти кори надоштани кормандони бонкҳо;
11. рушд наёфтани инфрасохтори бонкӣ.

Дар маҷмуъ мо чунин меҳисобем, ки ташкилотҳои қарзӣ барои рушди минбаъдаи хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳо бояд кӯшиши зиёд дошта бошанд, зеро кисми зиёди аҳолии кишвар дар минтақаҳо зиндагӣ доранд ва бо баланд рафтани саводнокии молиявии онҳо бонкҳо метавонанд соҳиби муштариёни зиёд гарданд.

**АДАБИЁТ**


1. Гаюров Г.Х. К вопросу о повышения качества банковского обслуживания в условиях рыночной экономики / Г.Х. Гаюров // Вестник ТНУ. – 2015. № 2/5 (172). – С. 63-67.
2. Друкер П. Бизнес и инновации / П. Друкер // - М.: «Вильямс», 2009. – 255с.
3. Кох Л.В. Инновации в банковском бизнесе. / Л.В. Кох // - СПб.: Финансы, 2008. – 525 с.
4. Муравьева А.В. Банковские инновации / А.В. Муравьева // дис… к.э.н. – Москва, 2011. – С 19.

5. Санто Б. Инновация как средство экономического развития/ Б. Санто // – М.: Прогресс. 2010. – 295с.
6. Ушакова Д.Н. Толковый словарь русского языка: в 4 т. / под ред. Д.Н. Ушакова. М:., 2000, – 856 с.

## ТАҲҚИҚИ ПАҲЛУҲОИ НАЗАРИЯВӢ – АМАЛИИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ВА ОМИЛҲОИ БА ОН ТАЪСИРРАСОН ДАР МАНОТИҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола паҳлуҳои назариявӣ ва амалии рушди бозори хизматрасониҳои хизматрасониҳои бонкӣ дар манотиқи кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Қайд шудааст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятнок дар низоми бонкӣ ин бозори хизматрасониҳои бонкӣ дониста мешавад. Муаллифон ҳангоми таҳқиқот ба ҷанбаҳои назариявии масъала диққати махсус дода, ба таври возеҳ ақоиди кормандони соҳаро баррасӣ намудаанд. Ҳамчунин вазъи муосири бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, ҳамаҷониба омӯзиш карда шудааст. Дар ҳамин асно, мушкилоти мавҷуда дар ин самт ва омилҳои ба он таъсиррасон пажуҳиш шуда, дараҷаи таъсиррасонии онҳо баҳогузорӣ карда шудааст. Дар мақола омилҳои ба рушд бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиррасон гуруҳбандӣ гардидааанд ва роҳҳои бартарафнамоии онҳо пешниҳод гардидаанд. Асоснок гардидааст, ки самаранокии фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои дигари қарзӣ-молиявӣ пеш аз ҳама аз дараҷаи рушду инкишофи бозори хизматрасонҳо вобастааст. Фаъолияти густурда ва устувори ташкилотҳои қарзӣ аз сифати пешниҳоди хизматрасониҳо вобастагӣ дорад. Махсусан дар шароити муосир яке аз нишондиҳиндаҳои муҳим ва калидӣ дар раванди фаъолияти бонкҳои ин сатҳу сифати пешниҳоди хизматрасониҳои ба шумор меравад, ки аз ҷониби муаллифон ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ҷониби муаллифон ҷиҳати рушду инкишофи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва бартараф намудани омилҳои ба он таъсиррасон пешниҳодҳои зарурӣ тавсия гардидааст.

**Калидвожаҳо:** ташкилотҳои қарзӣ, хизматрасониҳои бонкӣ, хизматрасониҳои фосилавӣ, минтақаҳо, инфрасохтори бонкӣ, сармоягузорӣ, низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ.

## ИССЛЕДОВАНИЯ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ И ПРАКТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ РАЗВИТИЯ РЫНКА БАНКОВСКИХ УСЛУГ В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты развития рынка банковских услуг в регионах страны. Было отмечено, что в нынешних экономических условиях одним из важнейших и приоритетных направлений в банковской системе является рынок банковских услуг. В ходе исследования авторы уделили особое внимание теоретическим аспектам вопроса и четко обсудили взгляды сотрудников. Также была проанализирована и детально изучена текущая ситуация на рынке банковских услуг в Республике Таджикистан. При этом изучены существующие проблемы в этой сфере и факторы, влияющие на нее, и оценена степень их воздействия. В статье дана классификация факторов, влияющих на развитие рынка банковских услуг в Республике Таджикистан, и предложены пути их преодоления. Обосновано, что эффективность работы банков и других кредитно-финансовых институтов зависит в первую очередь от уровня развития рынка услуг. Обширная и стабильная работа кредитных организаций зависит от качества предоставляемых услуг. Особенно в современных условиях одним из важнейших и ключевых показателей в процессе деятельности банков является уровень и качество оказания услуг, которые были тщательно изучены авторами. Авторами внесены необходимые предложения по развитию рынка банковских услуг и устранению влияющих на него факторов.

**Ключевые слова:** кредитные организаций, банковские услуги, дистанционные банковские услуги, регионы, банковская инфраструктура, инвестиции, банковская система, коммерческие банки.

## RESEARCH OF THEORETICAL AND PRACTICAL ASPECTS OF DEVELOPMENT OF THE MARKET OF BANKING SERVICES IN THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the theoretical and practical aspects of the development of the banking services market in the regions of the country. It was noted that in the current economic conditions one of the most important and priority areas in the banking system is the banking services market. During the study, the authors paid particular attention to the theoretical aspects of the issue and clearly discussed the views of employees. The current situation on the banking services market in the Republic of Tajikistan was also analyzed and studied in detail. At the same time, the existing problems in this area and the factors influencing it were studied, and the degree of their impact was assessed. The article provides a classification of factors affecting the development of the banking services market in the Republic of Tajikistan, and suggests ways to overcome them. It has been substantiated that the efficiency of the banks and other credit and financial institutions depends primarily on the level of development of the services market. Extensive and stable work of credit institutions depends on the quality of the services provided. Especially in modern conditions, one of the most important and key indicators in the process of banks' activities is the level and quality of services, which have been carefully studied by the authors.

**Keywords:** credit institutions, banking services, remote banking services, regions, banking infrastructure, investments, banking system, commercial banks.

**Сведения об авторах:** ***Гаюров Гайрат Хакимович*** – к.э.н., старший преподаватель кафедры банковской деятельности Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Айни 35, E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru. Тел: **(+992) 904 46 68 68**
***Салимов Бузургмехр Садиевич*** – магистрант 2-го курса кафедры банковская деятельность Таджикского национального Университета.Тел: **(+992) 001 01 59 59**

***Зарифзода Хабибулло Почохон*** – магистрант 2-го курса кафедры банковская деятельность Таджикского национального Университета. E-mail: habibullo.zarifzoda@mail.ru Тел: **(+992) 988 00 09 00**

**Information about the authors:** Gayrat Khakimovich Gayurov, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer, Department of Banking, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Avenue 35, E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru Tel: (+992) 904-46-68-68;
**Buzurgmehr Sadievich Salimov** – Master student of the 2nd course of the Department of Banking of the Tajik National University. Tel: **(+992) 001 01 59 59**
**Habibullo Pochokhon Zarifzoda** – Master student of the 2nd course of the Department of Banking of the Tajik National University. E-mail: habibullo.zarifzoda@mail.ru Tel: **(+992) 988 00 09 00**

# ТИҶОРАТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА ОМИЛҲОИ БА ОН ТАЪСИРКУНАНДА

***Ғафорзода Ҷ.Ғ.***
***Садат С. Ҷамолудин***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Яке аз шаклҳои аввалин ва асосии муносибатҳои байналхалқӣ иқтисодӣ тиҷорати (савдои) байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Тиҷорати байналхалқӣ гуфта, чунин шакли муносибатҳои байналхалқӣ иқтисодиеро меноманд, ки тавассути содирот ва воридоти молу хизматҳо ба амал меояд.

Тиҷорати байналхалқӣ маҷмӯи созишҳоро оид ба иваз намудани молу хизматҳо дар байни давлатҳо ифода мекунад. Асоси инкишофи тиҷорати байналхалқиро манфиатҳои тарафайн аз мубодилаи молу хизматҳо ташкил медиҳанд ва сабабҳои асосии мавҷудияти тиҷорати байналхалқӣ инҳо мебошанд:

- таксимот ва таъминоти нобаробари захираҳои иқтисодӣ;
- мавҷуд будани дараҷаҳои гуногуни самаранокии технологияҳои гуногун дар кишварои гуногун.

Моҳияти асосии тиҷорати байналхалқӣ дар он ифода меёбад, ки тавассути он маҳдудияти захираҳои иқтисодӣ бартараф карда шуда, ҳаҷми бозори дохилӣ васеъ карда мешавад ва даромади иловагӣ аз ҳисоби фарқият дар байни хароҷотҳои миллӣ ва берунии истеҳсолӣ ба даст оварда мешавад. Инчунин ба воситаи тиҷорати байналхалқӣ ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ, аз ҳисоби захираҳои хориҷӣ, зиёд карда мешавад.

Шаклҳои асосии тиҷорати байналхалқӣ ин содирот ва воридоти молу хизматҳо мебошад. Содирот гуфта ин ба беруни кишвар фурӯхтани молу хизматҳо дар назар дошта мешавад. Воридот гуфта аз беруни кишвар харидани молу хизматҳоро меноманд.

Ҳаҷми содирот ва воридот аз сиёсати тиҷорати байналхалқӣ вобаста мебошад. Сиёсати тиҷорати байналхалқӣ гуфта чорабиниҳои давлатиеро меноманд, ки дар соҳаи тиҷорати байналхалқӣ амалӣ карда мешаванд.

Асосан дар назарияи иқтисодӣ ду шакли сиёсати тиҷорати байналхалқиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд: сиёсати ҳимоягарӣ (протексионистӣ) ва сиёсати тиҷорати озод (фритредерӣ).

Сиёсати ҳимоягарӣ – сиёсатест, ки барои ҳимояи бозори миллӣ (дохилӣ) аз молҳою хизматҳои хориҷӣ, тавассути маҳдуд намудани воридот, сурат мегирад. Самтҳои асосии сиёсати ҳимоягарӣ инҳо мебошанд:

- боҷҳои гумрукӣ, ки ҳангоми содирот дараҷаашон паст буда ҳангоми воридот дараҷаи онҳо баланд бардошта мешавад;
- монеаҳои ғайритарифӣ, ки ба онҳо монополияи давлатӣ, литсензиякунонӣ ва муайян кардани ҳисса дохил мешавад.

Монополияи давлатӣ ин ҳуқуқи махсус додан ба ташкилотҳои давлатӣ, оид ба анҷом додани амалиётҳои гуногуни тиҷорати байналхалқӣ мебошад.

Литсензиякунонӣ – ин иҷозат додан ба ташкилотҳои гуногун оид ба анҷом додани тиҷорати байналхалқӣ мебошад. Муайян кардани ҳисса бошад, таъин намудани ҳиссаи содироту воридоти молҳои алоҳидаро ифода мекунад.

Сиёсати тиҷорати озод дар охири асри XVIII ба муқобили сиёсати ҳимоягарӣ пайдо шудааст ва истифодаи ягон монеаҳоро пешбинӣ намекунад.

Нишондиҳандаҳои асосии тиҷорати байналхалқӣ инҳо мебошанд:

1. Гардиши тиҷорати байналхалқӣ, ки суммаи содироти воридоти молу хизматҳоро ифода намуда аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\mathbf{E_x + I_m = T_б}$$

2. Ҳиссаи тиҷорати байналхалқӣ дар МММ, ки бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\mathbf{T_б}\% = \frac{\mathbf{Ex + Im}}{\mathbf{MMM}} \times \mathbf{100}\%$$

3. Ҳиссаи содирот дар МММ, ки бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\mathbf{Ex}\% = \frac{\mathbf{Ex}}{\mathbf{MMM}} \times \mathbf{100}\%$$

4. Ҳиссаи воридод дар МММ, ки бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\mathbf{Im}\% = \frac{\mathbf{Im}}{\mathbf{MMM}} \times \mathbf{100}\%$$

Масъалаи дигар дар ин самт иборат аз муайян намудани муносибатҳои консептуалӣ оид ба таҳқиқи тиҷорати байналхалқӣ мебошад.

Баъди ноил гаштан ба соҳибистиқлолии давлатӣ ва гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат аз техникаи баамалбарории амалиётҳои содиротӣ ва воридотӣ тибқи талаботи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба молҳои содиротӣ чунин намуди боҷҳои гумрукиро истифода мебаранд:

- боҷи махсус ба молҳои воридотие истифода мешавад, ки агар ин молҳо ба истеҳсолкунандагони ватании ҳамин хел намуди мол ва ё молҳои рақобатнок зарар оваранд;
- зиддидемпингӣ (ин намуди боҷҳо дар он шароит истифода бурда мешаванд, ки молҳои воридотӣ дар бозори дохилӣ аз нархи ҳақиқии он пастар фурӯхта мешаванд);
- ҷубронӣ (ин боҷ ситонида мешавад дар сурати ворид кардан ба ҳудуди гумрукии давлат моле, ки дар вақти истеҳсолот ва ё содирот аз тарафи давлат кӯмакпулӣ дода шудааанд ва агар ин намуди воридот ба истеҳсолкунандагони ватании ин намуди молҳо зарар расонад ё ба ташаккул ё васеъ кардани истеҳсоли ин намуди молҳо монеъ шавад.);
- мавсимӣ (боҷе, ки бо мақсади танзими амалкунандаи содирот ва воридоти моли алоҳида истифода мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷҳои мавсимӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешавад ва мӯҳлати амали онҳо на зиёда аз 6 моҳ дар як сол мебошад).

Мизони миёнаи тарифҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд нестанд, вале таъсири онҳо ба тиҷорати берунӣ хеле муҳим мебошад. Чунки бо ёрии боҷҳои нисбатан паст мумкин аст воридоти молҳоеро, ки фоидаовар нестанд маҳдуд карда, бо гузоштани боҷҳои баланд ба ашё, ки истеҳсоли онҳо дар дохили давлат зарур аст, ҳавасманд гардонад.

Дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 намуди низоми гумрукӣ муқаррар карда шудааст, аз ҷумла [1]:

Иҷозат барои муомилоти озод. Ин низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли хориҷӣ бе маҳдудият барои истифода ва истеъмол ба қаламравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешавад.

Содирот – низоме мебошад, ки мувофиқи он моли ватанӣ аз ҳудуди ҷумҳурӣ бе ягон хел ӯҳдадориҳо оиди бозгашт бароварда мешаванд.

Транзити гумрукии байналмилалӣ- ин низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати гумрукҷойи расидани онҳо ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷойи баровардани онҳо бидуни пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз интиқол дода мешавад.

Коркард дар ҳудуди гумрукӣ низоме мебошад, ки молҳои хориҷӣ дар асоси қоидаҳои муайян карда шуда, дар ҳудуди кишвар кор карда ва минбаъд содир карда мешаванд.

Коркард барои муомилоти озод низомест, ки тибқи он моли ба ҳудуди гумрукӣ овардашуда бо мақсади иҷрои амалиёти коркард ва баровардани маҳсули коркардашуда барои муомилоти озод бо пардохти боҷ истифода бурда мешавад.

Коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ. Мувофиқи ин низом моли ватанӣ аз ҳудудди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои амалиёти коркард бароварда мешавад.

Воридоти муваққатӣ низоме мебошад, ки истифодаи молҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ ё берун аз он бо роҳи қисман озод намудан аз боҷҳои гумрукӣ ба роҳ монда мешавад.

Анбори гумрукӣ ин низоме гумрукие мебошад, ки молҳои воридотӣ дар анборҳои махсус нигоҳ дошта мешаванд, аз болои назорати гумрукӣ бе гирифтани боҷҳои гумрукӣ ба роҳ монда мешавад ва мӯҳлати онҳо муқаррар карда мешавад. Дар зери низоми амволҳои гумрукӣ ҳама гуна молҳо ба ғайр аз молҳое, ки бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои воридшавӣ манъ карда шудаанд, нигоҳ доштан мумкин аст.

Реимпорт ин низоми гумрукие мебошад, ки молҳое, ки аз ҳудуди Тоҷикистон берун мешаванд дар асоси режими гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозгашт бе гирифтани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо ба ҳудуди ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Барои пешниҳод намудани молҳои реимпорт ба режими гумрукӣ бояд молҳое, ки мухлати онҳо аз даҳ сол зиёд нест нишонаҳои молӣ дар шакли аввала яъне вақти баровардан мутобиқ кунад, ба инобат гирифта мешаванд.

Реэкспорт низоме мебошад, ки молҳои хориҷӣ аз ҳудуди ҷумҳурӣ бе гирифтани андозҳои гумрукӣ ба роҳ монда мешавад.

Нобудкунӣ - мувофиқи ин низом моли хориҷӣ таҳти назорати гумрукӣ бе пардохти боҷҳо нобуд карда мешавад.

Даст кашидан ба манфиати давлат ин низоме мебошад, ки ҳангоми он мол ройгон, бе ситонидани боҷ ва андоз ба моликияти давлат гузаронида мешавад.

Содироти муваққатӣ - ҳангоми ин низом, моли ватанӣ метавонад дар мӯҳлати муайян аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо озодкунӣ аз ситонидани боҷи гумрукӣ содир карда шавад.

Савдои бебоҷ ин низоми гумрукие мебошад, ки молҳои воридшуда ё молҳои ватанӣ ба тариқи чакана ба шахсони воқеии берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон сафаркунанда мустақиман дар мағозаи савдои бебоҷ зери назорати органҳои гумрукӣ фурӯхта мешаванд.

Минтақаи озоди гумрукӣ ин низоме мебошад, ки молҳои хориҷӣ дар ҳудудҳои муайяни сарҳадӣ ҷойгир карда шуда ва истифодабарии онҳо бе гирифтани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо ба роҳ монда мешавад.

Анбори озод низоме мебошад, ки ҳангоми он мол дар биноҳои дахлдори ба сифати анбори озод истифодашаванда бидуни ситонидани боҷу андоз ҷойгир ва истифода бурда мешавад.

Интиқоли захираҳо ин низомие мебошад, ки ҳангоми он моли барои истифода дар ҳавопаймоҳо ва қатораҳо таъингардида, ки барои интиқоли бор ё мусофирон пешбинӣ шудаанд бе ситонидани боҷу андоз интиқол дода мешавад, истифода мегарданд.

Низомҳои гумрукии махсус нисбати моли зерине, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешавад, муқаррар мегардад:

- моли аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда, ки барои намояндагиҳои расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа таъин гардидааст;
- моле, ки барои пешгирии офатҳои табии интиқол дода мешавад;
- молҳое, ки бо мақсади корҳои илмию тадқиқотӣ аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда мешаванд;
- моли ватанӣ, ки байни мақомоти гумрук аз ҳудуди дигар давлати хориҷӣ бароварда мешаванд.

Танзими ғайритарифӣ, ин системаи чорабиниҳое мебошад, ки ба танзими гумрукии амалиётҳои содиротию воридотӣ мувофиқи усулҳои маъмурию иқтисодии танзими давлатии фаъолияти иқтисоди берунӣ қабул карда шудаанд.

Андозаи ставкаҳои ғайритарифӣ имконият доранд ба маҳдудкунии фаъолияти иқтисоди берунӣ биёранд.

Мисол, системаҳои гуногуни назорат аз болои воридот ва содирот, боҷҳои тағйирёбанда ва дигар ченакҳое, ки дар иттиҳоди ҷаҳонӣ ба намуди маҳдудкунии тиҷорати берунӣ қабул карда шудаанд.

Дар аксар мавридҳо дар назди ҳукумат алтернатива ба вуҷуд меояд, кадом намуди фишанги сиёсати тиҷоратро, яъне тарифӣ ё ғайритарифиро дар шароити конкретӣ истифода барад. Бисёр вақт афзалият ба усулҳои ғайритарифӣ дода мешавад, барои он ки дар намуди иқтисодӣ онҳо бисёр ҷоиз мебошанд. Зеро назар ба тарифҳо андози иловагӣ бар манфиати аҳолӣ нест, ғайр аз ин барои комёб шудан ба натиҷаи матлуб ставкаҳои ғайритарифӣ дар маънои муайян бисёртар мувофиқат мекунад.

Бояд қайд кард, ки маҳдудиятҳои ғайритарифӣ қариб аз тарафи созишномаҳои байналхалқӣ танзим карда намешаванд ва дар рафти истифода бурдани онҳо дар сиёсати тиҷоратии худ давлат худро назар ба истифода бурдани

маҳдудиятҳои тарифӣ, ки аз тарафи ташкилоти байналхалқии тиҷорат (Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат) танзим карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, истифодаи методҳо ва омилҳои дохилию берунии таъмини бехатарии иқтисодӣ имконият фароҳам меоварад, ки давлат бо фишангҳои танзимкунандаи воридотию содиротӣ барои рушди устувори соҳаҳои афзалиятнок ва муҳими хоҷагии халқ ва дар ин асос баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии ҷомеа заминаи воқеӣ ба вуҷуд орад.

Дар сатҳи макроиқтисодӣ сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ баҳри истифодаи механизмҳои иқтисодие, ки рушди устувори иқтисодиёт, шуғли пурраи аҳолӣ, устувории нарҳҳо ва тавозуни пардохти далатро таъмин мекнанд, равона карда шудааст.

Аз ин бар меояд, ки дар ин мавриди инкишофи системаи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ва таъсири он ба рушди ҳаҷми ҳақиқии ММД ба ҳар як сари аҳолӣ мебошад. Бинобар ин ба сифати унсурҳои савдои дохилифирмавӣ дар системаи савдои байналхалқӣ пеш аз ҳама унсури рушди инсонӣ истифода мешавад, ки нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Дарознокии умр;
2. Дараҷаи маълумотнокӣ;
3. Дараҷаи фарогирии аҳолӣ дар муассисаҳои ибтидоӣ, минёна ва олии таълимӣ;
4. ММД ба ҳар як сари аҳолӣ (нишондиҳандаи сатҳи зиндагонӣ) [2].

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ дар хусуси савдои дохилифирмавӣ ҳамчун нишондиҳандае, ки самаранокии иқтисодии паҳлуҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ ва омилҳои алоҳидаи истеҳсолотро тавсиф медиҳанд, ақидаи ягона вучуд дорад.

Савдои дохилифирмавӣ пеш аз ҳама аз дуруст истифода бурдани омилҳои истеҳсолот (меҳнат, сармоя асосӣ ва гардон, қобилияти слоҳибкорӣ) иборат мебошанд:

1. ҳосилнокии меҳнат ва ё меҳнатғунҷоишии маҳсулот;
2. сармояғунҷоишии маҳсулот;
3. фоидадиҳии захираҳо ва ё даромаднокии захираҳои истифодашаванда дар иқтисодиёт.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ барои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии фаъолияти давлат як қатор нишондиҳандаҳои умумӣ ва хос истифода мешаванд.

Ба нишондиҳандаҳои хос нишондиҳандаҳое дохил мешаванд, ки фаъолияти корхона ва ё ташкилотҳоро тавсиф медиҳанд.

Ба ин нишондиҳандаҳо ҳосилнокии меҳнат, фондғунҷоиш ва масолеҳғунҷоишии маҳсулот, даромаднокӣ ва фоидадиҳии захираҳои истифодашаванда дохил мешаванд.

Барои баҳодиҳии самаранокии савдои дохилифирмавӣ нишондиҳандаҳои вазъи тавозуи тиҷоратӣ байналхалқӣ (таносуби содирот ва воридоти мол ва хизмат) ва активҳои молиявӣ (таносуби воридот ва содироти сармоя) истифода бурда мешавад.

Бинобар ин имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи имкониятҳо, аз ҷумла мавҷудияти санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, захираҳо, сарватҳо мавҷуд мебошад, ки корхонаҳои муштарак таъсис дода шуда инкишоф ёбад. Ин имкониятҳо барои соҳибкорон ва корхонаҳои ватанӣ шароит фароҳам меоварад, ки онҳо ба ширкатҳои хориҷии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти муштарак ҷустуҷӯдошта ҳамкорӣ намояд ё ташаббусро ба даст гирифта, мустақилона робитаҳоро бо ширкатҳои хориҷӣ ба воситаи Палатаи савдою саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ярмаркаҳо, биржаҳои қарордодӣ ва ё дигар роҳҳои имконпазир пеш барад.

**АДАБИЁТ**

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳ. 297
2. Основы изучения человеческого развития, М., 1998. – С. 40.

**ТИҶОРАТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА ОМИЛҲОИ БА ОН ТАЪСИРКУНАНДА**

Яке аз шаклҳои аввалин ва асосии муносибатҳои байналхалқӣ иқтисодӣ тиҷорати (савдои) байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Тиҷорати байналхалқӣ гуфта, чунин шакли муносибатҳои байналхалқӣ иқтисодиеро меноманд, ки тавассути содирот ва воридоти молу хизматҳо ба амал меояд. Тиҷорати байналхалқӣ маҷмӯи созишҳоро оид ба иваз намудани молу хизматҳо дар байни давлатҳо ифода мекунад. Моҳияти асосии тиҷорати байналхалқӣ дар он ифода меёбад, ки тавассути он маҳдудияти захираҳои иқтисодӣ бартараф карда шуда, ҳаҷми бозори дохилӣ васеъ

карда мешавад ва даромади иловагӣ аз ҳисоби фарқият дар байни хароҷотҳои миллӣ ва берунии истеҳсолӣ ба даст оварда мешавад. Инчунин ба воситаи тиҷорати байналхалқӣ ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ, аз ҳисоби захираҳои хориҷӣ, зиёд карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** тиҷорат, захираҳои иқтисодӣ, захираҳои хориҷӣ, истеҳсолот, харочот, истеҳсолоти миллӣ, тиҷорати байналхалқӣ, хизматрасонӣ, даромад, созишномаҳо, мол, содирот.

## МЕЖДУНАРОДНАЯ ТОРГОВЛЯ И ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА НЕЕ

Одна из первых и основных форм международных экономических отношений - международная торговля. Международная торговля - это форма международных экономических отношений, которая осуществляется посредством экспорта и импорта товаров и услуг. Международная торговля - это набор соглашений между странами об обмене товарами и услугами. Суть международной торговли заключается в устранении ограничений экономических ресурсов, расширении размера внутреннего рынка и получении дополнительных доходов за счет разницы между национальными и внешними издержками производства. Объем отечественного производства за счет зарубежных ресурсов также будет увеличиваться за счет международной торговли.

**Ключевые слова:** торговля, экономические ресурсы, иностранные ресурсы, производство, расходы, национальное производство, международная торговля, услуги, доходы, соглашения, товары, экспорт.

## INTERNATIONAL TRADE AND FACTORS INFLUENCING IT

One of the first and main forms of international economic relations is international trade. International trade is a form of international economic relations that is carried out through the export and import of goods and services. International trade is a set of agreements between countries for the exchange of goods and services. The essence of international trade is to remove restrictions on economic resources, expand the size of the domestic market and generate additional income from the difference between national and external costs of production. Domestic production from foreign resources will also increase due to international trade.

**Keywords:** trade, economic resources, foreign resources, production, expenses, national production, international trade, services, income, agreements, goods, export.

**Сведения об авторе:** ***Гафорзода Ҷонона Гафор*** – заведующая кафедрой экономики и управления Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. Тел.:**000 33 99 77**
***Садат С. Ҷамолудин*** – магистр второго курса факультета экономики и управления Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. Тел.:**93 101 86 86**

**Information about the author:** ***Gaforzoda Jonona Gafor*** – Head of the Department of Economics and Management of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Tel.: **000 33 99 77**
***Sadat S. Jamoludin*** – second-year Master of the Faculty of Economics and Management of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Tel.: **93 101 86 86**

# ҚАРЗИ БОНКӢ: ЗАРУРИЯТ, АҲАМИЯТ, ПРИНСИПҲО ВА НАҚШИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТ

***Сайфуров К.Ф., Фозилова Ш.Б.,Зарифзода Ҳ.П.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷараёни такрористеҳсоли ҷамъиятӣ гардиши доимии маблағҳои пулиро тақозо менамояд ва ҳангоми ин раванд маблағҳои пулии баъзе истеҳсолкунандагон мувақаттан озод мемонад, аммо дигар гуруҳи истеҳсолкунандагон бинобар маҳдуд будани ҳаҷми захираҳои молиявиашон, ба ин гунна маблағҳо эҳтиёҷот пайдо мекунанд. Дар амалияи ҷамъиятӣ ин гуна зиддият тавассути қарз ҳал карда мешавад [6, с.71].

Тибқи нишондоди адабиёти соҳавӣ қарз дар маънои васеъ – ин муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки ба ихтиёри шахсони воқеӣ ё шахсони ҳуқуқӣ додани амвол ё маблағҳои пулиро бо шартҳои мӯҳлати муайян, бозгардонидан ва пардохти фоизи муайян ифода мекунад [2, с. 58]. Қарз мувофиқи тадқиқоти олимон дар давраи аз байн рафтани сохти ибтидоии ҷамъият ба миён омада дар давраи сармоядорӣ васеъ паҳн шудааст. Амвол ва маблағҳои пулие, ки ҳамчун қарз пешниҳод карда мешаванд – сармояи судхурӣ номида мешаванд [4, с. 29].

Бояд зикр намуд, ки сарчашмаи асосии қарз ин маблағҳои дохилии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад, ки дар натиҷаи гардиши сармоя мувакқатан озод ба вуҷуд меояд ва онҳоро ба қисмҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1. Маблағҳое, ки барои барқарор намудани сармояи асосӣ таъмин шудаанд ва дар фонди истеҳлок (амортизатсионӣ) ҷамъ гардидаанд. Корхонаҳо то харидани воситаҳои истеҳсолот (сармояи асосӣ) метавонанд ин маблағҳои ҷамъшударо ба дигар субъектҳо ҳамчун қарз пешниҳод намоянд;

2.Қисми сармояи гардон, ки бинобар сабаби номувофиқ омадани вақти фурӯши мол, хариди ашёи хом, сӯзишворӣ, додани музди кор ва ғайраҳо дар шакли маблағҳои пулӣ боқӣ (озод) мондаанд;

3. Захираҳои пули корхонаю ташкилотҳои буҷавӣ ва фондҳои мақсаднок;

4. Даромадҳои пасандозшудаи аҳолӣ.

Мавриди зикр аст, ки қарз дар иқтисодиёт ҳамчун сарчашмаи муҳим дар рушду инкишофи хоҷагидорӣ баромад намуда, дорои якчанд вазифаҳо мебошад, ба монанди [1,66с]:

Азнавтақсимкунӣ, яъне ба воситаи қарз захираҳои пулию молӣ дар байни ноҳияҳо, фирмаҳо, соҳаҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ бо шарти бозгардонидан, аз нав тақсим карда мешаванд;

Ивазкунии пул, яъне қарз имконият медиҳад, ки пулҳои нақд бо пулҳои қарзӣ (банкнотҳо, вомбаргҳо ва ғайраҳо) иваз карда шаванд. Ин вазифаи пул имконият медиҳад, ки хароҷотҳои муомилот кам карда шуда, суръати гардиши пул тезонида шавад;

Самаранокӣ, яъне қарз самаранокии истеҳсолотро зиёд намуда, боиси афзоиши он мегардад, зеро ки қарз дар бештари ҳолатҳо барои васеъ намудани истеҳсолот ба даст овардани техникаю технологияи нав ва сохтани корхонаҳои истеҳсолӣ истифода карда мешавад.

Қарзро вобаста ба шакл, мӯҳлат ва хусусиятҳо метавонба зинаҳои гуногун ҷудо намуд. Вобаста ба шакли қарздиҳӣ асосан қарзи молӣ ва қарзи пулиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Қарзимолӣчунин намуди қарзест, кимолҳоигуногунҳамчунобъекти он баромадмекунад. Аз ҷумла молҳои саноатӣ, молҳои истеъмолӣ, ашёи хом, захираҳо ва воситаҳои истеҳсолот метавонанд ҳамчун объекти қарз баромад намоянд. Қарзи пулӣ гуфта қарзеро меноманд, ки дар шакли сармояи пулӣ (пули нақд, вексел, вомбарг, облигатсияҳо) дода мешавад. Вобаста ба мӯҳлати адои қарз шаклҳои зерини онро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд:

1. Қарзи кӯтоҳмӯҳлат, яъне қарзе ки мӯҳлати адояш то 1 сол аст;

2. Қарзи миёнамӯҳлат, яъне қарзе, ки мӯҳлати адояш то 5 сол аст;

3.Қарзи дарозмӯҳлат, яъне қарзе, ки мӯҳлати адояш то 10 сол аст;

4. Қарзи дарозмӯҳлати махсус, яъне қарзе, ки мӯҳлати адояш аз 20 то 40 солро ташкил медиҳад.

Вобаста ба хусусиятҳояш қарзро метавонем ба: қарзи байнидавлатӣ, қарзи давлатӣ, қарзи бонкӣ, қарзи тиҷоратӣ ва қарзи истеъмолӣ ҷудо намоем аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Қарзи байнидавлатӣ ин ҳаракати сармоя дар соҳаи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ мебошад. Қарзгиранда ва қарздиҳандаи ин намуди қарз бонкҳо, фирмаҳо ва шахсони алоҳида буда метавонанд. Қарзи давлатӣ – чунин шакли қарзест, ки онро давлат ба аҳолӣ ё ин ки соҳибкорони хусусӣ пешниҳод мекунад. Сарчашмаи асосии ин намуди қарз асосан вомбаргҳои давлатӣ мебошанд. Қарзи бонкӣ – чунин шакли қарзест, ки онро муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, фирмаҳо ва ғайра) ба дилхоҳ субъектҳои хоҷагидорӣ (фирмаҳо, шахсони алоҳида ва ғайраҳо) пешниҳод менамоянд. Ин гуна қарз асосан қарзи пулӣ мебошад. Қарзи тиҷоратӣ – чунин қарзест, ки онро як субъекти хоҷагидорӣ ба дигарон дар шакли фурӯши мол бо назардошти пардохти маблағи он пешниҳод намудааст. Ин гуна қарз асосан қарзи молӣ мебошад. Қарзи истеъмолӣ –қарзест, ки асосан ба шахсони алоҳида то мӯҳлати 3 сол бо фоизи баланд (то 36%) пешниҳод мешавад. Ин шакли қарз метавонад қарзи молӣ ва метавонад қарзи пулӣ бошад.

Қарз ҳамчун шакли табдилёфтаи фонди қарзӣ ё худ шакли ҳаракати сармояи қарзӣдорои сохтори мураккаб буда, мустақиман бо муомилоти пул ва муносибатҳои молияви алоқаманд мебошад. Муносибатҳои қарзи бениҳоят мураккаб буда, муносибатҳоро оид ба: ташкили сармояи пулӣ, бозорҳои пулӣ, молиявӣ, қарзӣ, суғурта, фонди қарзию пулӣ, қоғазҳои қимматнок, амалиёти қарзию пулии бонкҳо, муассисаю ташкилотҳо, субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ, буҷету андоз, хазинадорӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ ифода мекунад. Вобаста ба сатҳу дараҷа, макону замони амалиёт, субъекту объект, нақшу мақом ва ғайра сарчашмаҳои гуногуни ташкили фонди қарзиро ҷудо мекунанд: захираҳои худи субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла аҳолӣ, корхона, давлат ва ғайра [5, с.19].

Аз рӯи нишондоди адабиётҳои иқтисодӣ қарз сарчашмаи асосии таъмингари раванди муозини такрористеҳсоли ҷамъиятӣ буда, имкон медиҳад, ки[7,214с]:-сармояи пулӣ (дар сатҳҳои гуногун) ба мақсади ба роҳ мондани ҷараёни тавлидот, бо таври доими сарҷамъ ва андӯхта шавад; -тақсиму азнавтақсимшавии сармояҳои пулӣ ба роҳ монда шавад; -ташкили кор, сарфаи вақт, ҳосилноки ва самаранокии истеҳсолот таъмин карда шавад; -танзиму истиқрори иқтисодиёт ба роҳ монда шавад; -назорати молиявӣ нисбат ба гардиш ва гирдгардиши сармояи асосӣ таъмин карда шавад;-воситаҳои асосӣ ва гардони

корхона ташкил карда шавад;-ҳисоббаробаркунии байни молистеҳсолкунандагон ба роҳ монда шавад;-имконияти маблағгузорӣ пайдо шавад;-музди меҳнати коргарон сари вақт дода шавад; -ҳаҷми пули дар муомилот буда зиёд шавад; -даромади буҷет фаъолтар гардад;-сарфаи пули нақд, ҷудо кардани фоиз таъмин карда шавад; -тезонидани раванди истеҳсолот, рушди макроиқтисодӣ ва илму техника ба роҳ монда шавад;-робитаи дохили ва хориҷӣ густариш меёбад.

Нақши қарз дар пешбурди соҳаҳои хоҷагии халқ ниҳоятан баланд аст. Муносиабтҳои қарзие, ки ба баргардонидан ва муздноки қарз асос меёбанд, қарзгирандаро водор мекунад, ки сарфакориро риоя намуда, қарзи гирифтаашро тавре истифода барад, ки натиҷаҳои дилхоҳ ба даст ояд ва қарзро дар муҳлати муқараргардида бо фоизаш баргардонад. Хусусиятҳое, ки дар муносибатҳои қарзӣ вуҷуд доранд, дар муқоиса бо истифодаи маблаҳ аз буҷети давлатӣ ба чашм мерасанд, ҳол он,ки ба баъзе субъектҳои хоҷагидорӣ ва ба хусус ҷиҳати сохтмони иншоотҳои дорои аҳамияти умумииқтисодӣ дошта (сохтмони неругоҳҳои барқӣ, роҳҳои мошингард, кофтукови маъданҳои зеризамини ва ғайра) маблаҳ аз буҷети давлатӣ бемузд ва бебозгашт дода мешавад.

Хусусияти зикргардида, аз ҷумла баргардонидан, муздноки, мӯҳлатнокӣ нақши қарзро дар иқтисодиёт боло бурда, боиси истифодаи сарфакоронаи воситаҳои қарзӣ мегардад. Натиҷаи истифодаи қарз муҳим ва ҳамаҷониба мебошад. Хусусияти баргардонидани он ба ҷараёни истеҳсолот, фурӯш ва истеъмол, инчунин ба гардиши пул таъсир мерасонад.

Қобили тазаккур аст, ки муносибатҳои қарзӣ байни субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҳолати хариду фурӯши амвол низ ба вуҷуд меояд, аммо ин муносибати қарзӣ аз муносибати қарзии бонк бо муштарӣ ба куллӣ фарқ дорад. Дар ин муомила фурӯшанда ба харидор мол фиристода пардохти пули молро дарҳол талаб намекунад, яъне ба қарз медиҳад. Инчунин фоизи қарз низ талаб наменамояд. Харидор пули молро баъд аз чанд руз ба фурушанда мепардозад. Дар ин муносибати қарзӣ барои фурушанда ҷиҳати додани як миқдори мол ба қарз маблаҳҳоро аз дигарон ҷалб наменамояд. Ин муносибат ба таври доими сурат намегирад.Қарзи бонкиро бошад, субъектҳои хоҷагидори метавонанд ба таври доими истифода намоянд. Аз ин рӯ, нақши қарзи бонкӣ дар таъмини ҷараёни бефосилаи истеҳсолоти корхона зиёд аст. Гузашта аз ин, нақши қарзи бонкӣ дар қонеъ намудани соҳаҳои мавсимӣ ба маблаҳҳои пулӣ боз ҳам равшантар мушоҳида мегардад. Ташкилот ва корхонаҳое, ки фаъолияташон мавсими мебошанд, дар давраи тайёри ба мавсими кишту кор, коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ғайра ба маблаҳҳои пулӣ зарурат пайдо мекунанд ва ин зарурати онҳо тавассути гирифтани қарзи бонкӣ қонеъ мегардад. Нақши қарз дар тавсиа додани истеҳсолот хеле зиёд аст. Истеҳсолкунандагон барои рушди истеҳсолот қарзи кӯтоҳмуддат гирифта, захираи истеҳсолотро зиёд мекунанд ва истеҳсолоти молро афзун мегардонанд. Инкишофи ҷараёни истеҳсолот, афзоиши таҷҳизоти истеҳсолиро талаб менамояд. Ҳолати нокифоя будани воситаи хусусӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ метавонанд аз бонки муомиладори худ қарзи дарозмуддат бигиранд.

Ҳамин тариқ, нақши қарзи бонкӣ на танҳо фаъолияти бефосилаи истеҳсолотро таъмин менамояд ва боиси баланд шудани иқтидори иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ низ мегарданд.

Нақши қарзи бонкӣ дар беҳтар шудани некӯаҳволии аҳолӣ низ мақоми муҳимро ишғол менамояд. Вақти таъмири хонаҳои шахси, харидани манзилгоҳ, нақлиёти сабукрав, инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра шахсони воқеӣ низ метавонанд зарурияти худро ба маблаҳҳои пулӣ тавассути гирифтани қарзи бонкӣ қонеъ гардонданд. Нақшикарзвасамтиистифодаи он доиминабуда, балки тағйирёбандамебошад.

Тағйирёбии нақши қарз бо сатҳи тараққиёти истеҳсолот, усулҳои додани қарз ва идора кардани портфели қарзии бонкҳо вобастагии зиёд дорад. Масалан, то давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, қарзҳо ба субъектҳои хоҷагидорӣ (корхонаҳо, ташкилотҳои давлатӣ, аҳолӣ) дар ҳудуди муайян дода мешуданд. Инчунин мавҷуд набудани қарзҳои ипотекӣ ба зиёд шудани маблаҳгузориҳои бонкӣ монеъа мешуданд. Дар ин давраҳо талаботи соҳаҳои хоҷагии халқ ба таври пурра ба ҳисоб гирифта намешуданд. Баръакс, дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ самти муносибатҳои қарзӣ тавсиа меёбад ва нақши қарз дар иқтисодиёт низ боло меравад. Тавсиа ёфтани муносибатхои қарзӣ, бонкҳоро водор мекунад, ки усулҳои додани қарз ва идоракардани сандуқи қарзиро хуб ба роҳ монанд, ки ин боиси зиёд шудани нақши қарз дар ҳаёти ҷамъиятӣ мегардад. Ба миён омадани қарзҳои ипотекӣ низ нақши қарзро боз ҳам болотар мебарад, зеро дар натиҷаи истифодаи қарзӣ ипотеки муносибатҳои қарзӣ тавсиа ёфта, эҳтиёҷи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба маблаҳҳои пулӣ қонеъ мегарданд.

Аз тарафи дигар бошад, иқтисодчиён зарурати қарзро аз ҳаракати сармоя мебинанд. Нишон дода мешавад, ки сармоя ҳаракати гирдгардиро аз сар гузаронида, паи ҳам аз шакли пули ба шакли маҳсулдиҳанда ва аз он ба шакли молию пулӣ мегузарад. Зарурати қарзро дар ҳаракати беисту мурраттаби сармояву захираҳои корхонаҳо мебинанд. Мавҷудоти қарз ба соҳибкорон, сармоядорон ва хоҷагиҳо имкон медиҳад, ки дороияшонро ҳарчи беҳтару босамартар истифода баранд. Дар бисьёр ҳолатҳо сармояи қарзӣ ҳамчун иловаи сармояи истеҳсолӣ арзи вуҷуд мекунад. Аммо бе сармояи истеҳсолӣ фаъолияти мавҷудоти сармояи қарз душвор мебошад. Бо ҳамин сабаб ҳам сармояи қарзиро ҳиссаи ҷудошудаи сармояи истеҳсолӣ ҳисоб мекунанд, ки ин тасдиқот то андозае ба ҳақикати ҳаётӣ мувофиқат мекунад.

Дар бисёр мавридҳо ба қарз баҳои ночизе медиҳанд ва гумон доранд, ки вай мавқею аҳамияти маҳаллӣ дорад. Яъне нисбати ҳаракати самарабахшонаи сармояи ҷудогона (инфиродӣ) манфиатбахш метавонад.Дар назари мо, ин тасдиқот аз дуруст сарфаҳм нарафтан ба мазмуну моҳияти қарз бар меояд. Фаъолияти сармояи қарзӣ боиси он мегардад, ки захираву сармояҳои пулии дар ихтиёри буда, ба ҳиссаҳои ҷудогона тақсим шаванд: ба сармоя ҳамчун моликият; ба сармоя ҳамчун вазифа.

Сармоя ҳамчун моликият нишон медиҳад, ки захираҳо мансуб ба нафарони ҷудогона мебошанд. Дорандагони ин сармоя ҳамчун соҳибони моликияти хусусӣ бояд аз дороияшон нафъе гиранд. Маҳз ҳамин хислат ба онҳо ҳамчун асоси пайдо шудани фоизи қарз хизмат мерасонад. Ҳамин тавр, қарзхоҳон ба сармоядорон барои истифодаи моликияти онҳо муроҷиат намуда, дар ивазаш ба онхо фоизи қарз ваъда медиҳанд. Дар оқибати ин ҷараён фоидаи фаъолияти истеҳсолӣ ба ду ҳисса ҷудо мешавад: фоидаисоҳибкорӣ; фоизи қарз.

Яъне соҳибкорон бо мақсади гузаронидани ин ё он амалиёти истеҳсолию тоҷирӣ аз сармоядорон маблағи дороияшонро бо ваъдаи фоизи қарз талаб менамоянд ва он дороиро (сармояро) барои иҷрои мақсади гузоштаашон истифода мебаранд. Ба ин васила фоизи қарзу фоидаи соҳибкорӣ ба миён меоянд.

Ҳамин тариқ, муносибатҳои қарзӣ дар иқтисодиёт дар асоси як қатор принсипҳои асосӣ ба роҳ монда мешавад. Ин принсипҳо дар марҳилаҳои авали пайдоиши қарз ба вуҷуд омада, бо мурури замон қонунан мустаҳкам гардидаанд. Принсипҳои асосие, ки раванди муносибатҳои қарзӣ ба вуҷуд меоянд, инҳоянд:а) хислати бозгашт доштани қарз;б) муҳлатнок будани қарз;в) фоизнок будани карз;г) мақсаднок истифода бурдани карз;д) таъминоти моли доштани қарз.

1. Принсипи баргарданда будани қарз – бо он маънидод карда мешавад, ки маблағи пулие, ки ба қарз гирифта шудааст, баъд аз истифодабарии он аз тарафи қарзгиранда бояд ҳатман баргардонда шавад.Баъзан дар иқтисодиёт мафҳуми «қарзи бебозгашт» вомехӯрад, ки ин аз нигоҳи иқтисодӣ хато мебошад. Маблағипулие, кибебозгаштдодамешавад он на қарз, балки «субсидия» мебошад.Қарз дар ягонҷобепринсипибозгаштистифода бурда намешавад.

2. Принсипи муҳлатнокии қарз.Қарз аз тарафи қарзгиранда бояд дар муҳлати муайянкардашудае, ки дар шартномаи қарзӣ нишон дода шудааст, пасгардонда шавад. Яъне қарзгиранда ҳуқуқ надорад тарзе, ки вай мехоҳад карзро баргардонад.

Дар ҳолати вайрон кардани мӯҳлати пардохти қарз, қарздиҳанда, яъне бонк метавонад, чораҳои зарури андешад, ба монанди:

- баланд кардани фоизи қарз;
- муроҷиат ба мақомоти судӣбарои ба фуруш баровардани амволи ба гарав гузошта шуда ё худ маблағи қарзи додаашро баргардонда гирад.

3. Принсипи музднок (фоизнок) буданиқарз. Ин принсипи қарз на танҳо баргардонидани маблағҳои пулӣ, балки ҳаққи (фоизи) истифодабарии ин маблағҳоро низ талаб мекунад.

Моҳияти иқтисодии принсипии фоизнокии қарзро чунин ифода намудан мумкин аст [8, с. 69]:

П-Қ-П*ё ин ки:Пул-Қарз-Пул + %

Дар ин ҷо:

Пули ба қарз додашуда баъд аз муҳлати муайян бо фоизи муайян баргардонда мешавад (П*=П+ %).

4. Принсипи таъминотии қарз. Принсипи мазкур бо мақсади ҳимоя кардани ҳуқуқи моликият ё манфиатҳои шахси қарздиҳанда истифода бурда мешавад. Дар ҳолати вайрон кардани ӯҳдадориҳои ба зиммаи худ гирифта, шахси қарзгиранда, қарздиҳанда ё бонк метавонад барои подош кардани зарари худ амволи ба гарав гузоштаи қарзгирандаро ба фурӯш монад. Айни замон таъминоти молӣ доштани қарз яке аз принсипҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Ягон намуди қарзбегарав ё таъминоти молӣ дода намешавад.

5. Принсипи мақсаднокии қарз. Барои ҳамаи шаклҳои қарз истифода гардида, маблағҳои сари вақт маблағи ба қарз гирифташударо, бо мақсади муайян истифода бурда мешавад. Мақсади истифодабарии қарз бошад дар шартномаи қарзӣ ё нақшаи тиҷоратӣ нишон дода мешавад. Дар ҳолати вайрон кардани ин принсип ё уҳдадорӣ қарздиҳанда метавонад, қарзи додаашро пеш аз мӯҳлат баргардонда гирад.

Бояд зикр намуд, ки принсипҳои дарҷгардида раванди муносибатҳои қарзиро ба танзим дароварда, аҳамият ва нақши қарзи бонкиро дар иқтисодиёт боз ҳам баланд мебардоранд.

Мавриди зикр аст, ки қарзи бонкӣ яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузорӣ ба иқтисодиёт дониста шуда, истифодаи самараноки он метавонад тараққидиҳандаи бахшҳои гуногуни иқтисоди миллӣ бошад.

**АДАБИЁТ**

1. Астрелина В.В. Управление ликвидностью в российском коммерческом банке: учеб.пособие / В. В. Астрелина, П. К. Бондарчук, П. С. Шальнов. – М.: Форум: ИНФРА-М, 2012. – 175 с.
2. Банковские риски: учебник / под ред. О. И. Лаврушина, Н. И. Валенцовой. –3-е изд., перераб. и доп. – М. : КНОРУС, 2013. – 292 с.
3. Банковское право: учебник для магистров. - 3-е изд., перераб. и доп. / под ред. Д.Г. Алексеевой, С.В. Пыхтина.– М.: Юрайт, 2012. – 1055с.
4. Белоглазова Г.Н., Кроливецкая Л.П. Банковское дело организация деятельности коммерческого банка. Учебник для вузов. – М.:Издательство Юрайт, 2011 г. – 422 с.
5. Горелая, Н. В. Организация кредитования в коммерческом банке: учеб.пособие / Н. В. Горелая. – М.: Форум: ИНФРА-М, 2012. – 207 с.
6. Киреев, В. Л. Банковское дело: учебник / В. Л. Киреев, О. Л. Козлова. – М: КНОРУС, 2012. – 239 с.
7. Колпакова Г. М. Финансы, денежное обращение и кредит: учеб. пособие для бакалавров / Г. М. Колпакова. – 4-е изд., перераб. и доп. – М. : Юрайт, 2012. – 538 с.
8. Костерина, Т. М. Банковское дело: учеб. для бакалавров / Т. М. Костерина; Моск. гос. ун-т экономики, статистики и информатики. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрайт, 2013. – 332 с.

## ҚАРЗИ БОНКӢ: ЗАРУРИЯТ, АҲАМИЯТ, ПРИНСИПҲО ВА НАҚШИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақола паҳлуҳои назариявӣ ва амалии бозори қарзӣ, қарзи бонкӣ аҳамият, зарурият ва нақши он дар иқтисодиёт мавриди баррасиву пажуҳиш қарор гирифтаанд. Муаллифон асосан бо такя ба адабиёти соҳавӣ кӯшиш намудаанд, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъала ба таври возеҳ таҳлил карда шавад. Муаллифон қайд намудаанд, ки дар шароити муосири иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятнок дар низоми бонкӣ ин бозори қарзӣ дониста мешавад. Дар рафти таҳқиқот бештар ба масоили зарурияти қарзи бонкӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти миллӣ диққат дода шудааст. Муаллифон ба он ақидаанд, ки қарз дар раванди такрористеҳсолии ҷамъиятӣ нақши босазо дошта, метавонад рушди устувори истеҳсолотро таъмин созад. Ҳамчунин, шакл ва намудҳои қарзи бонкӣ дар мақола ба таври дақиқ таҳлил гардида, тартиби пешниҳоду истифодаи онҳо баррасӣ гардидааст. Асоснок гардидааст, ки дар раванди пешниҳоди қарзи бонкӣ яке аз масоили асосӣ ин риояи принсипҳои он ба ҳисоб меравад. Принсипҳои қарзи бонкӣ дар мақола ба таври васеъ таҳқиқ гардида, аҳамияти онҳо ҳангоми иҷроиши муносибатҳои қарзӣ баррасӣ гардидаанд. Қайд шудааст, ки самаранокии қарзи бонкӣ аз истифодаи дурусти принсипҳои он вобаста аст. Вобаста ба зарурият, аҳамият ва нақши қарзи бонкӣ дар иқтисодиёти мамлакат ва баландбардории самаранокии он аз ҷониби муаллифон як қатор пешниҳодҳо тавсия намудаанд.

**Калидвожаҳо:** қарз, қарзи бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, хизматрасониҳои бонкӣ, хизматрасониҳои фосилавӣ, инфрасохтори бонкӣ, сармоягузорӣ, низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ.

## БАНКОВСКИЙ КРЕДИТ: ПОТРЕБНОСТЬ, ВАЖНОСТЬ, ПРИНЦИПЫ И ИХ РОЛЬ В ЭКОНОМИКЕ

В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты кредитного рынка, значение, необходимость и роль банковского кредитования в экономике. Авторы постарались наглядно проанализировать теоретические и практические аспекты проблемы, опираясь в основном на полевую литературу. Авторы отмечают, что в нынешних экономических условиях одним из важнейших и приоритетных направлений в банковской системе является кредитный рынок. Исследование сосредоточено на необходимости банковского кредитования и его влиянии на национальную экономику. Авторы считают, что кредит играет важную роль в процессе общественного воспроизводства и может обеспечить устойчивое развитие производства. Также в статье подробно анализируются формы и виды банковских кредитов, обсуждается порядок их предоставления и использования. Обосновано, что одним из основных вопросов при предоставлении банковского кредита является соблюдение его принципов. В статье подробно изучаются принципы банковского кредитования, и обсуждается их значение при реализации кредитных отношений. Отмечается, что эффективность банковского кредита зависит от правильного применения его принципов. В зависимости от необходимости, важности и роли банковского кредитования в экономике страны и повышения ее эффективности, авторы предложили ряд рекомендаций.

**Ключевые слова:** кредит, банковский кредит, кредитные организаций, банковские услуги, дистанционное обслуживание, банковская инфраструктура, инвестиции, банковская система, коммерческие банки.

**BANK LOAN: NEED, IMPORTANCE, PRINCIPLES AND THEIR ROLE IN THE ECONOMY**

The article examines the theoretical and practical aspects of the credit market, the importance, necessity and role of bank lending in the economy. The authors tried to visually analyze the theoretical and practical aspects of the problem, relying mainly on the field literature. The authors note that in the current economic conditions one of the most important and priority areas in the banking system is the credit market. The study focuses on the need for bank lending and its impact on the national economy. The authors believe that credit plays an important role in the process of social reproduction and can ensure sustainable development of production.Also, the article analyzes in detail the forms and types of bank loans, discusses the procedure for their provision and use. It has been substantiated that one of the main issues when providing a bank loan is compliance with its principles. The article examines in detail the principles of bank lending, and discusses their importance in the implementation of credit relations. It is noted that the effectiveness of a bank loan depends on the correct application of its principles. Depending on the need, importance and role of bank lending in the country's economy and increasing its efficiency, the authors offered a number of recommendations.

**Keywords:** credit, bank credit, credit institutions, banking services, remote services, banking infrastructure, investments, banking system, commercial banks.

**Сведения об авторах:** ***Сайфуров Кароматулло Файзуллоевич*** – кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой банковской деятельности Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни 37.Тел: **+992 93 556 29 92**. E-mail: karom.bank@mail.ru;
**Фозилова Ш.Б.** - магистрант 2 – го курса кафедры банковское дело ТНУ. Телефон: +**992 93 880 32 07;**
**Зарифзода Ҳ. П.**- магистрант 2 – го курса кафедры банковское дело ТНУ. Телефон: +**992 988 00 09 00**.

**Information about the author:** - ***Sayfurov Karomatullo Fayzulloevich*** – candidate of economics, head of banking department. Tajik National University.734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 37 Ayni str. Phone: **+992 93 556 29 92.** E-mail: karom.bank@mail.ru;
**FozilovaSh. B.** – Master student of the 1st course of the Department of Banking of the Tajik National University. Telephone: +**992 93 880 32 07**;
**Zarifzoda H. P.** – Master student of the 1st course of the Department of Banking of the Tajik National University. Telephone: +**992 988 00 09 00**.

# ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГИИ ШИРКАТҲОИ ТРАНСМИЛЛӣ

***Ширзамон Хил Исматуллоҳ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Зиндагӣ дар бозорҳои ҷаҳонии рақобатпазир дар рӯзҳои мо на танҳо идоракунии захираҳои моддӣ, балки захираҳои ғайримоддиро низ талаб мекунад. Натиҷаи чунин муносибат таваҷҷӯҳ ва омӯзиш ба мавзӯъҳои марбут ба идоракунии дониш буд. Верна Али (1997) менеҷменти донишро чунин шарҳ медиҳад: Идоракунии дониш на танҳо идоракунии ҷараёни иттилоот аст, маънои онро дорад, ки роҳ барои ҷараёни озоди дониш дар ширкат фароҳам оварда мешавад. Ин ҷараёнро тавассути пурсиши худидоракунии ташкилотҳо ба даст овардан мумкин аст. Чунин нуқтаи назар дар афзалияти мубодилаи дониш нисбат ба идоракунии дониш кристаллӣ шудааст. Ин тафаккур далели он аст, ки ташкилотҳо бояд захираҳои гетерогении худро, ки дар дохили ташкилот бартарии рақобат ба вуҷуд меоранд, муттаҳид кунанд [7, с. 1-2].

Вазифаи ба ҳам пайвастани платформаҳои гетерогении дониш дар ташкилот бо назардошти шароити ҷаҳонии бозор хеле мураккаб гаштааст, бинобар ин, дониш дар байни доираи мафҳумҳои гуногун қарор дорад.Вобаста ба чунин шароит, аксари менеҷерон кӯшиш мекунанд, ки стратегияҳои стратегияи идоракуниро истифода баранд ва Барои дарёфти сармояи зеҳнӣ аз дониш кӯмак пурсед [8, с. 5].

Нақши дониш, хусусан дониши пинҳонкорона дар фароҳам овардани бартарии рақобатӣ, баланд бардоштани самарабахшӣ ва дар ниҳояти кор муваффақияти як ташкилот ниҳоят муҳим аст. Имрӯз масъалаи истеҳсоли дониш дар ҳама ташкилоту муассисаҳо шакл мегирад ва дар баъзе ҳолатҳо доираи он мебошад Масъалаҳои беруназ ташкилӣ ва ҳатто марзӣ паҳн шуданд. Истеҳсоли дониш яке аз самтҳои муҳимест, ки барои корпоратсияҳои бузурги трансмиллӣ ва дар маҷмӯъ ҷомеа арзиш ба вуҷуд меорад [9, с.1-2].

**Идоракунии дониш ва аҳамияти он:**

Идоракунии дониш дар асоси луғати идоракунии дониш (1998) стратегияи муназзам ва ҳисобшудаи оптимизатсияи тиҷорат мебошад, ки маълумоти барои тиҷорати ширкат заруриро интихоб, ҷамъбаст, нигоҳдорӣ, гурӯҳбандӣ ва интиқол медиҳад, то ин ки Фаъолияти кормандон ва афзалияти рақобатии ширкат беҳтар

карда шавад [1, с.44]. Мувофиқи суханони Малхотр (2004), идоракунии дониш ба ҷои коре, ки дуруст аст, дуруст кор мекунад. Диққат ба самаранокӣ, на самаранокӣ, бе самаранокӣ. Самаранокӣ ба шикасти ташкилот оварда мерасонад ва дар дарозмуддат ташкилот муваффақ мешавад, ки вазифаи дурусти навбатиро дарк кунад ва аллакай барои савори мавҷи оянда омода аст [1, с.38]. Ташкилот идоракунии донишро ҳамчун омили муҳимтарин дар фарқ кардани байни онҳо истифода мебарад. Муваффақият ва нокомӣ дар иқтисоди рақобатпазири ҷаҳон худро нишон дод.

Нанока ва Такэучи (1995) мегӯянд, ки қобилияти ширкат барои тавлид, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани дониш барои дар сафи пеши рақобат бо сифат, суръат, навоварӣ ва нарх муҳим будан муҳим аст. Ширкат танҳо тавассути тавсеа ва татбиқи системаҳо ва механизмҳои ҷамъоварӣ, таблиғ ва гурӯҳбандии дастовардҳои зеҳнии худ донишро ба қудрати корпоративӣ табдил дода метавонад [2, с.177-183].

Бо назардошти талаботе, ки ҳоло дар назди ташкилотҳои тамоми ҷаҳон гузошта мешаванд, омӯзиш дар ҷойҳои корӣ ва дар қувваи кории тағйирёбанда, ки аз дигаргуниҳои ҳаррӯза беш аз пеш таъсир мегиранд, зудтар, камхарҷтар ва самарабахштар аст. Баъзе масъалаҳои ҳаётан муҳиме, ки имрӯз дар назди ширкатҳо истодаанд, инҳоянд:

Барои муваффақ шудан на танҳо мондан, балки аз нав ташкил кунед, аз нав тарҳрезӣ кунед ва муҳандисии онро аз нав созед

Маблағи донишро, ки дар ҳар ду-се сол ба амал меояд, дучанд кунед.

Пешрафтҳо дар технологияи нав ва пешрафта.

Талаботи афзояндаи созмонҳо ба тағирот.

Тибқи шарҳҳои дар ин ҷо овардашуда, идоракунии дониш метавонад дар муваффақияти ташкилотҳо ва ширкатҳои нав нақши хеле муҳим дошта бошад [1, с.103-107].

**Манфиатҳои ташкили ширкатҳои трансмиллӣ:**

Консепсияи корпоратсияҳои трансмиллӣ маҳсули давраи пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон аст, ва ба назар чунин мерасад, ки ин истилоҳ то соли 1960 дар ҳеҷ ҷое истифода нашудааст ё ҳадди аққал дар матнҳои махсус сабт нашудааст. Истифодаи маъмулии тағирёбии корпоратсияи трансмиллӣ аз нашри шумораи махсуси маҷаллаи Business Week бо номи Корпоратсияҳои Миллӣ оғоз ёфт [4, с.28].

Имрӯзҳо дар ҷаҳон кам кишварҳое ҳастанд, ки барои ҷалби сармоя ҳарчи бештар кӯшиш накунанд. Барои ҷалби сармояи хориҷӣ рақобати бемайлон вуҷуд дорад, ки муваффақияти он на танҳо аз нуқтаи назари ҳукумат, балки аз нуқтаи назари шаҳрвандони оддӣ низ қобили қабул будани сиёсат ва ҷаззобии муҳити иқтисодӣ ва сиёсиро инъикос мекунад.

Ин рақобат дар байни кишварҳои рӯ ба тараққӣ бинобар зарурати рушди зудтар ва набудани манбаъҳои бештари молиявӣ ҷой дорад ва дар натиҷа онҳо кӯшиш мекунанд, ки барои ноил шудан ба рушд ва рушди иқтисодӣ ҳама намудҳои сармояро ҷалб кунанд. Илова бар афзоиш ва рушди иқтисодӣ, сармоягузории хориҷӣ метавонад ба кишвари мизбон дар ҳалли мушкилоти бекорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши истеҳсолот ва коҳиши таваррум, робита бо иқтисоди ҷаҳонӣ, тавсеаи бозорҳои содиротӣ ва беҳтар намудани тавозуни пардохт ва пешрафт дар таҳқиқот ва рушд кумак кунад. Оҳиста Дар соҳаи сармоягузорӣ маълум шуд, ки барои рӯ ба рӯ шудан бо мушкилоти зикршуда, роҳи дигаре ҷуз дастгирии сармоягузории хориҷӣ ва баланд бардоштани миқдор ва сифати маҳсулоти миллӣ вуҷуд надорад. Дар байни инҳо, ҷалби сармоя ба сохтори махсуси иқтисодӣ ба монанди афзоиши бозор, даромади ҳар сари аҳолӣ, дурнамои фоида, дастрасӣ ба бозор, суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, сифати меҳнат, фазои ҳуқуқӣ ва танзими он, дастрасӣ ба захираҳо, хароҷоти истеҳсолӣ, дастрасӣ ба технология Ниёз, дастрасӣ ба ашёи хом ва ғайра барои рақобат бо дигар иқтисодҳо лозим аст [1, с.83-102].

Аксари сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба кишварҳои суст тараққикарда аз ҷониби корпоратсияҳои трансмиллӣ гузошта мешаванд. Корпоратсияҳои трансмиллӣ мафҳуми дигари ин ширкатҳо мебошанд. Корпоратсияи трансмиллӣ

ширкатест, ки дар зиёда аз як кишвар истеҳсол мекунад ва амалиёти хориҷиро барои манфиатҳои худ муҳим меҳисобад. Чанде пеш, истилоҳи трансмиллӣ маънои ширкати калони хусусии истеҳсолии ИМА-ро дошт, ки дар кишварҳои хориҷӣ ба таври васеъ фаъолият мекард. Корпоратсияи трансмиллӣ метавонад андозаи гуногун ва аз тамоми ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои рӯ ба тараққӣ дошта бошад, аммо нисбатан кам [4, с. 111]. Имрӯзҳо, миллатҳои фаромиллӣ як гурӯҳи хеле мухталифро ташкил медиҳанд.Мувофиқи маҷаллаи Fortune, аз 500 ширкати калонтарини ҷаҳон дар соли 1994 танҳо 161-тои онҳо амрикоиҳо буданд. Япониҳо 128 доштанд. Мисол: Кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар қатори 500 ширкати беҳтарин, ба монанди Кореяи Ҷанубӣ, Африқои Ҷанубӣ, Ҳиндустон ва Туркия намояндагӣ мекунанд [5, с.12].

Инчунин, корпоратсияҳои трансмиллӣ на ҳамеша хусусӣ мебошанд. 500 ширкати беҳтарин, аз ҷумла як қатор ширкатҳои бузурги давлатии нафту пӯлод аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошанд. Корпоратсияҳои трансмиллӣ на ҳамеша калонанд; корпоратсияҳои хурд, хусусан дар Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ, солҳои зиёд дар кишварҳои хориҷӣ маблағгузорӣ мекунанд. Бисёр корпоратсияҳои трансмиллӣ дар саросари ҷаҳон дорои фурӯш ва дороиҳо мебошанд, ки аз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-и баъзе кишварҳои рӯ ба тараққӣ зиёдтаранд [5, с.15].

**Вазъи сармоягузории ширкатҳои хориҷӣ дар Афғонистон**:

Омезиши шароити мусоиди ҷуғрофӣ ва иқлимӣ, аз ҷумла гуногунии иқлим дар замини паҳновар, мавҷудияти захираҳо ва захираҳои назарраси зеризаминӣ, аҳолии истеҳсолӣ ва қувваи кории ҷавон ва корчӯ ва мавҷудияти бозори бузурги истеҳсолот ва истеъмол дар якҷоягӣ заминаи заруриро барои сармоягузорӣ ба Эрон фароҳам овард. Дар бораи ҳосилнокӣ ва даромаднокии онҳо ҳеҷ шакке нест. Дар вазъияте, ки бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ тавонистанд дар ду даҳсолаи охир раванди рушди иқтисодии худро тавассути истифодаи сармоягузории муштарак ва мустақими хориҷӣ (СМХ) идома диҳанд ва тақвият диҳанд. Сармоягузориҳое, ки ба иқтисоди Эрон ҷалб карда мешаванд, бо назардошти афзалиятҳои мавҷуда хеле каманд [6, с.21-22].

Ҷараёни ибтидоии сармоягузории хориҷӣ ба Эрон дар шакли ба даст овардани имтиёзҳо аз ҳокимони Эрон аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ ё шахсони алоҳида сурат мегирифт ва ин созишномаҳо аксар вақт хусусияти мустамликавӣ доштанд. Намунаҳои шартномаҳои Reuters, Darcy, моҳидории Шимолӣ ва ғайра мебошанд. Иҷрои мустамликавии ин қарордодҳо фарҳанги нохуши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар кишварро ба вуҷуд овард, ки то имрӯз идома дорад [6, с. 8-11].

Мутаассифона, бо сабабҳои зикршуда, аксари сиёсатҳо дар Эрон бо он муносибатҳое буданд, ки мо бояд тавассути таҳқиқот ва рушд дар кишвар дониши технологӣ эҷод кунем ва аз ин рӯ танҳо ба таҳқиқот ва рушди дохилӣ, тавсеаи сохторҳои таълимӣ дар асоси марказҳои донишгоҳӣ диққат диҳем. Таъсиси марказҳои тадқиқотии давлатӣ ва ғайра, яке аз оқибатҳои аёнии ин дидгоҳ будааст [6, с.15].

Ҳамзамон, кишварҳои пешрафта бо дарки воқеияти байналмилалии технологияҳои муосир, дар татбиқи стратегияҳои интихобии иқтисодӣ-технологӣ муваффақ шуданд. Тибқи ин нуктаҳо, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳеҷ як кишвар наметавонад сатҳи рақобати байналмилалии худро танҳо бо такя ба технология ва бозори худ нигоҳ дорад, аммо бояд ба саволи зерин посухи интихобӣ дошта бошад:

Он технологияҳое, ки онҳо наметавонанд самаранок ва оптималӣ рушд кунанд, чӣ гуна бояд ворид ва истифода шаванд?

Бо мақсади идоракунии самараноки дониш, дар боби оянда стратегияҳои маъмули идоракунии дониш дар ширкатҳои трансмиллӣ баррасӣ карда мешаванд [6, с.34-39].

**Стратегияи маъмули идоракунии дониш дар ширкатҳои трансмиллӣ:**

Тадқиқоти Ив ва Ҷаррон се намуди стратегияҳои идоракунии донишро дар корпоратсияҳои трансмиллӣ муайян карданд [1, с.5-6].

Дар стратегияи аввал, ки мо онро стратегияи мустақил меномем, ҳар яке аз зергурӯҳҳо мустақилона стратегияи худро муайян мекунанд, то дар натиҷаи

қабули чунин усул ҳар як бахш функсияи мустақил дошта бошад ва ҳамкорӣ дар байни воҳидҳо кам ба назар мерасад.

Модели дуюм, ки мо онро стратегияи мутамарказ меномем, ки дар он стратегияҳо мутамарказ муайян карда мешаванд.

Модели сеюм, ки мо онро ҳамчун стратегияи интерактивӣ шарҳ додем, байни ширкати асосӣ ва ширкатҳои фаръии он робитаҳои мустаҳкам дорад ва фаъолияти ширкат дар ҳамкорӣ ва кӯмаки тарафайн асос ёфтааст.

**Стратегияи аввал:**

Дар ин равиш, саридора тартиби идоракунии дониш, технология, таълими зарурӣ, сиёсат ва равандҳои кориро муайян мекунад. Чунин равиш тибқи таҳқиқоти Бертелд дар ташкилотҳое, ки маҳсулот ва хидматҳоро бо стандартҳои ҷаҳонӣ истеҳсол мекунанд, ба назар гирифта шудааст, то аз пасандозҳои микёсӣ истифода баранд. Дар ин стратегия стандартикунонии расмиёт ва сиёсати корӣ хеле муҳим аст. Бо сабаби қабули ин стратегия, бинобар возеҳии ҳама ҷанбаҳои кор, ширкатҳо метавонанд мустақилона тасмим гиранд ва амал кунанд [1, с.7].

**Стратегияи дуюм:**

Дар ин стратегия, ташкилотҳо аз як ситоди марказӣ истифода мебаранд, то ҳар як идораи маҳаллӣ муносибати худро пешгирӣ кунад. Ба ибораи дигар, бо татбиқи ин стратегия, илова бар доштани рисолати ягона, имконпазир аст, ки ҳалли масъалаҳо пешниҳод карда шавад ва тағироти маҳаллӣ мувофиқи шароити мавҷуда татбиқ карда шаванд. Дар чунин ташкилотҳо, штаб ташаббускори идоракунии дониш мебошад ва идораҳои маҳаллӣ метавонанд воситаҳо ва технологияҳои муайяншударо мувофиқи талаботҳои худ истифода баранд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки аксари роҳбарони ташкилотҳо бо ин ақида розӣ ҳастанд, зеро ҳангоми қонеъ кардани ниёзҳои маҳаллии худ онҳо бо ҳамтоёни глобалии худ дар тамосанд. [1, с.7].

**Стратегияи сеюм:**

Намуди сеюм аз ду дидгоҳи қаблӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ин равиш, умумиятҳои идоракунии дониш аз идораҳои ноҳиявӣ сарчашма мегиранд. Дар натиҷаи қабули чунин усул, идораҳои минтақавӣ дар ин минтақа бояд малака ва дониши худро табодул диҳанд, то самараноктар кор кунанд. Дар натиҷа, стратегияи мазкур саъйи бештарро барои ташкили менеҷменти маҷмӯии дониш дар ширкати асосӣ ва филиалҳои он, қароргоҳи минтақавӣ бо мақсади ташкили менеҷменти маҳаллии дониш сарф мекунад.

Ҳар як идораи маҳаллӣ барои ба даст овардани ҳадафҳои минтақа бо ҳар роҳ озод аст, ба шарте ки он дар доираи муайян бошад. Ин стратегияро метавон ҳамчун "тафаккури минтақавӣ ва амали маҳаллӣ" ҷамъбаст кард [1, с.8].

Аз тарафи дигар, талошҳои минтақавӣ аз сабаби муносибати наздик байни идораҳои маҳаллӣ камтар вақтро талаб мекунанд. Яке аз мушкилоти татбиқи ин стратегия душвории мубодилаи дониш дар соҳаҳои мухталиф мебошад, зеро ҳар як соҳа воситаҳои худро истифода мебарад [1, с.8].

Мушкилоти татбиқи стратегияҳои идоракунии дониш:

**- идоракунии тағирот**

Масъала ва монеаи муҳиме, ки дар аксари таҳқиқот ҳал шудааст, идоракунии тағиротҳост. Барои муваффақ шудан ба ин, бояд дар тарзи фикрронии кормандон оид ба тағирот аз мубодилаи дониш тағирот ворид кард, вақте ки зарурати мубодилаи доимӣ пайдо мешавад [1, с. 8-9].

Усули анъанавии мубодилаи донишҳо ба зарурати донистани он, ки як шахс донишро тавассути одамон тавассути почтаи электронӣ ё тавассути шахси дигар интиқол медиҳад, масалан тавассути саволҳо бидуни таваҷҷӯҳ ба қисматҳои дигари ташкилот асос ёфтааст [9, с.2].

Имрӯз аксарияти ташкилотҳо барои паҳн кардан ва нигоҳ доштани дониш анбори асосӣ доранд, аммо яке аз масъалаҳои муҳим иваз кардани ин усули анъанавӣ бо усулҳои нав мебошад. Агар ду нафар дар як гӯшаи олам донишро ба тариқи суннатӣ мубодила кунанд, ҳамтои онҳо, ки дар ҷои дигар бо ҳамин кор машғуланд, ҳеҷ гоҳ аз ин огоҳ нахоҳанд шуд [9, с.2].

Доштани чунин анбори дониш ҳадафи дигарро пайгирӣ мекунад Танҳо вақте ки як шахс дониши худро дар пойгоҳи додаҳои марказӣ мегузорад, одамони дигари ташкилот аз он огоҳ хоҳанд шуд. Дар ташкилотҳое, ки фаъолияташон танҳо бо як соҳа маҳдуд аст, шояд ин муҳим набошад, зеро муносибатҳои

ғайрирасмӣ мушкилотро ҳал мекунанд. Ҳарчанд ин мавқеи асосӣ дар ширкатҳои ҷаҳонӣ нест. На ҳама аъзои ташкилот дониши худро бо як забон ва дар як ҷой мубодила мекунанд, аз ин рӯ, наметавонем бо шахсе, ки дониш додааст, тамос гирем. Дар натиҷа, ташкилотҳо мекӯшанд, ки роҳи анъанавиро вайрон кунанд ва ба одамон таълим диҳанд, ки дониши худро бо ҳамсолони худ дар муошират бидуни пурсиш мубодила кунанд. Усули аз ҳама маъмул истифодашаванда тағир додани сохтори мукофот ва ташвиқи мубодилаи дониш мебошад [1, с.9].

**Фарҳанг**

Дониш дар фарҳангҳои мухталиф истифода ва мубодила мешавад, аз ин рӯ, ба даст овардани як стандарти ҷаҳонӣ дар идоракунии дониш душвор аст. Яке аз таърифҳои маъмултарини фарҳанг таърифи Ҳафстеда мебошад. Хофстеде фарҳангро ҳамчун маҷмӯи падидаҳо муайян мекунад, зеро ҳадди аққал як қисми онро одамоне, ки дар як муҳити иҷтимоӣ зиндагӣ мекунанд ё зиндагӣ мекунанд, тақсим мекунанд. Фарҳанг маҷмӯаест, ки аъзои гурӯҳ ё синфро аз дигарон фарқ мекунад. Ҳофстеде ба панҷ ҷанбаи фарҳанг ишора мекунад: масофаи қудрат, номуайянӣ, мардонагӣ-феминизм, коллективизм-индивидуализм ва уфуқи вақт [11, с.2-4].

Холигии қудрат нишон медиҳад, ки нобаробарӣ аз ҷониби аъзои фарҳанг чӣ қадар қабул карда мешавад. Аз тарафи дигар, номуайянӣ аз таҳаммулпазирӣ ба номуайянӣ ва зарурати қоидаҳои расмӣ шаҳодат медиҳад. Индивидуализм / коллективизм маънои дараҷаи манфиати худро аз манфиатҳои гурӯҳе, ки ба он мансубият дорад, афзалтар медонад. Фардият бо дараҷаи таъкид ба ҳадафҳои корӣ ба ҳадафҳои шахсӣ алоқаманд аст. Дар кишварҳое, ки дараҷаи баланди занона доранд, аз занон интизор меравад, ки дар хонаашон зиёдтар нигоҳубин кунанд ва фарзандонашонро нигоҳубин кунанд ва дар ниҳоят, уфуқи вақт дурнамои кӯтоҳмуддат ё дарозмуддати шахсро муайян мекунад. Ҷамъиятҳои Ғарб уфуқи замонро нисбат ба ҷомеаҳои Шарқӣ кӯтоҳтар доранд. Ҳар як андоза дар истифода ва табодули дониш нақши калидӣ дорад. Масалан, дар фарҳанги шарқӣ, ки диққати шахс ба шахс бештар аст, аъзои ташкилот ба истифодаи пойгоҳҳои дониш барои нигоҳдорӣ ва мубодилаи донишҳо камтар таваҷҷӯҳ доранд ва эҳтимолан шабакаҳои гуфтушунид ва ғайрирасмиро истифода мебаранд. Баръакс, ғарбиён барои табодули маълумот бештар ба истифодаи дастгоҳҳои электронӣ майл доранд [10, с.1-5].

**АДАБИЁТ**


1. Адлӣ, Фариба, Идоракунии дониш, Гузариш аз паҳлӯи дониш - Теҳрон: Нашрияҳои метатогнативи Андише 2005.
2. Майкл Марквад, Асосҳои Ташкилоти Омӯзишӣ, тарҷумаи доктор Меҳдӣ Эроннеҷод Паризӣ.- Теҳрон: Менеҷерон, 2008.
3. Муҳаммадии Беҳқиш, Муҳаммад, Иқтисоди Эрон дар шароити ҷаҳонишавӣ-Теҳрон: Нашри Ней 2001.
4. Малколм Гиллис ва дигарон, Иқтисоди рушд, тарҷумаи Ғолам Ризо Азад Армаки-Теҳрон: Нашри Ней, 2000.
5. Хабарҳо-Ҳафтаномаи таҳлилии иқтисод ва молия / Соли панҷум / Шумораи саду ҳафтоду ду, 20 октябри 2006.
6. Иқтисоди Эрон моҳона / соли 10 / нашри 105 / ноябри соли 1986.
7. Desouza, KC, Evaristo, R., (2003) Стратегияи глобалии идоракунии дониш.
8. Desouza, KC, Jayaraman, A. ва Evaristo, JR. (2003) Идоракунии Kowledge дар муҳитҳои ғайримуқаррарӣ: назар ба мутамарказ vs. Равишҳои тарҳрезии ғайримутамарказ. Дар раванди Конфронси сию шашуми байналмилалии Ҳавайӣ оид ба илмҳои система (HICSS-36), Лос Аламос, Калифорния. IEEE Press, Ҷазираи Биг, Ҳавайӣ.
9. Ролло, С. ва Т. Кларк (2001). Таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ: омӯзиши ҳолатҳо дар идоракунии дониш. Сидней, Standadrs Australia International Limited
10. todd R. Groff (2005), Муқаддима ба идоракунии дониш: КМ дар тиҷорат. Тавсифи китоб аз ҷониби Амазон.
11. Грофф, тодд Р. (2003). Муқаддима ба идоракунии дониш: КМ дар тиҷорат. Амстердам: Баттеруорт-Ҳейнеман.


**ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГИИ ШИРКАТҲОИ ТРАНСМИЛЛӢ**

Саноатҳои Афғонистон ҳоло дар кишварҳои ҳамсоя бартарии бозорӣ доранд, дар солҳои наздик метавонанд шароити муносиби дохилиро таъмин кунанд ва сатҳи иқтидори саноатиро баланд бардоранд, ин афзалият барои ташаккул додани ширкатҳои фаромиллӣ бо кишварҳои дорои сатҳ ва технологияи мувофиқ ва Дар натиҷаи чунин тафаккур, идоракунии муассири дониш дар корпоратсияҳои трансмиллӣ хеле муҳим ва ҳаётан муҳим аст, ки метавонад кишварро ба роҳи рушд ва рушд барад. Ин мақола кунҷҳои гумшуда дар идоракунии донишҳои байналмилалӣ ва

стратегияҳо дар ин соҳаро баррасӣ мекунад. Дар ин ҷо, бо ҷорӣ кардани се стратегияе, ки ташкилотҳо дар соҳаи идоракунии дониш дар сатҳи ҷаҳонӣ истифода мебаранд ва баррасии ин стратегияҳо, ҳадаф афзоиш додани адабиёти мавҷуда дар соҳаи идоракунии дониш бо таваҷҷӯҳ ба ташкилотҳои ҷаҳонӣ ва баррасии менеҷмент ва мубодилаи мушкилот мебошад. Дар ниҳоят, мо дарк кардем, ки менеҷерон ва роҳбарон бояд барои ноил шудан ба шиори ҳақиқии идоракунии дониш дар корпоратсияҳои трансмиллӣ саъй кунанд: «Глобалӣ фикр кунед ва дар маҳал амал кунед».

**Калидвожаҳо:** идоракунии дониш, корпоратсияҳои трансмиллӣ, стратегияҳои байналмилалии идоракунии дониш

## СТРАТЕГИЧЕСКОЕ УПРАВЛЕНИЕ ТРАНСНАЦИОНАЛЬНЫХ КОМПАНИЙ

Промышленность Афганистана теперь имеет рыночное преимущество в соседних странах, в ближайшие годы может обеспечить правильные внутренние условия и повысить уровень промышленного потенциала, это преимущество позволяет создавать транснациональные компании со странами с нужным уровнем и технологиями, а также В результате такого мышления эффективное управление знаниями в транснациональных корпорациях очень важно и жизненно важно, поскольку оно может вывести страну на путь роста и развития. В данной статье исследуются недостающие углы в управлении знаниями и международных стратегиях в этой области. Здесь, представляя три стратегии, которые организации используют в области управления знаниями на глобальном уровне, и анализируя эти стратегии, цель состоит в том, чтобы расширить существующую литературу в области управления знаниями, сосредоточив внимание на глобальных организациях и изучая проблемы управления и обмена. Трансграничное понимание знаний. В конце концов мы поняли, что менеджеры и руководители должны стремиться к воплощению истинного девиза управления знаниями в транснациональных корпорациях: «Действуйте глобально и локально».

**Ключевые слова:** управление знаниями, транснациональные корпорации, международные стратегии управления знаниями.

## STRATEGIC MANAGEMENT OF MULTINATIONAL COMPANIES

Afghanistan's industries now have a market advantage in neighboring countries, in the coming years can provide suitable domestic conditions and upgrade the level of industrial capability, this advantage to form multinational companies with countries with the right level and technology and As a result of such thinking, effective knowledge management in multinational corporations is very important and vital that can put the country on the path of growth and development. This article examines the missing angles in knowledge management and international strategies in this field. Here, by introducing three strategies that organizations use in the field of knowledge management at the global level and reviewing these strategies, the goal is to grow the existing literature in the field of knowledge management by focusing on global organizations and examining management and sharing problems putting knowledge across borders. In the end, we realized that managers and executives must strive to achieve the true motto of knowledge management in multinational corporations: "Act world-minded and local".

**Keywords:** knowledge management, multinational corporations, international knowledge management strategies

**Сведения об авторе:** ***Ширзамон Хил Исматуллоҳ*** **–** магистрант второго курса факультета экономики и управления Таджикского национального университета Тел: **880 99 59 59**

**Information about the author:** ***Shirzamon Khil Ismatulloh*** **–** second-year master's student of the faculty of economics and management of the Tajik National University. Phone: **880 99 59 59**

## ҲУҚУҚ ВА СИЁСАТ – ПРАВО И ПОЛИТИКА – LAW AND POLICY

# НАҚШИ ПРОКУРОР ДАР ТАТБИҚИ ЧОРАҲОИ ПЕШГИРИИ БА ҲАБС ГИРИФТАН ВА ҲАБСИ ХОНАГӢ

***Ашуров И. А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Чораҳои маҷбурии мурофиавӣ-ҷиноятӣ гуфта воситаҳои мурофиавии хусусияти маҷбуркунӣ доштаро мефаҳманд, ки дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбини шуда, ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби шахси мансабдор ва мақомоти давлатии ваколатдоршуда, дар сурати мавҷуд будани асосҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун нисбати айбдоршавандаҳо, гумонбаршудаҳо ва дигар шахсон барои огоҳ намудан ва пешгирӣ кардани амалҳои ғайриҳуқуқии онҳо бо мақсади тафтиш ва ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ, инчунин иҷрои дигар вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ татбиқ мешардад[1, саҳ 170].

Умуман чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавӣ – ҷиноятӣ доштаро ба ду гуруҳ ҷудо кардан мункин аст;

1. Чораҳои пешгирӣ – забонхат дар бораи тарк накардани маҳали истикомат; кафолати шахсӣ; таҳти назорати фармондеҳони қисмҳои ҳарби супоридани хизматчии ҳарбӣ; таҳти назорат супоридани ноболиғ; гарав; ҳабси хонагӣ; ҳабс:
2. Дигар чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиави дошта – ба монанди дастгир кардан; маҷбуран овардан; аз мансаб дур кардан; ҳабси молу мулк, мукотибот ва пасандоз ва ғ.

Чораҳои пешгири танҳо баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати гумонбаршаванда ё айбдоршаванда дар асоси қарори мақомоте, ки дар истеҳсолоти вай парвандаи ҷиноятӣ қарор дорад, интихоб ва татбиқ мегарданд.

Дар вақти ҳалли масъалаи татбиқи чораи пешгирӣ муфаттиш, прокурор, мақомоти таҳқиқ ва суд чунин ҳолатҳоро ба назар мегиранд: ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда, оқибати аз ҷиноят ба вуҷуд омада, ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, синну сол, аҳволи саломатӣ ва иҷтимоӣ, оилавии гумонбаршаванда ё айбдоршаванда, касбу кори вай, ҷойи истиқомат, имконияти саркаши кардан ё монеа барпо кардани онҳо.

Интихоб ва татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс нисбати гумонбаршаванда ё айбдоршаванда бо тартиби пешбиникардаи м.м. 110-112 КМҶ ҶТ амалӣ мегардад. Ба ҳабс гирифтан ба сифати чораи пешгирӣ бо қарори судя ё таъиноти суд танҳо дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандае татбиқ карда мешавад, ки барои ҷинояти содиркардаашон қонуни ҷинояти ҷазоро дар намуди маҳрум кардан аз озоди ба мӯҳлати зиёда аз ду сол пешбинӣ намудааст. Нисбат ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дар содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан танҳо мутобиқи вазнинии ҷиноят татбиқ карда шуданаш мумкин аст. Дар мавридҳои истисно ин чораи пешгирӣ мумкин аст, нисбат ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда оид ба ҷиноятҳое, ки барояшон қонун ҷазои маҳрум кардан аз озодиро ба мӯҳлати камтар аз ду сол пешбини намудааст, татбиқ карда мешавад, ба шарте, ки онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои истиқомати доими надошта бошанд ё шахсияташон муқаррар карда нашуда бошад ё ин ки онҳо аз мақомоти таъқиби ҷинояти ё суд пинҳон шуда бошанд ё чораи пешгириро риоя накарда бошанд.

Ҳангоми зарурати интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо ризои прокурор дархости дахлдорро дар шакли қарор ба суд пешниҳод менамоянд. Дар қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан асос ва сабабхое, ки аз рӯи он зарурати ба ҳабс гирифтани гумонбаршуда, айбдоршаванда ба миён омадааст ва интихоби дигар чораи пешгири ғайриимкон аст, дарҷ карда мешавад. Ба қарор маводе, ки асоснок будани дархостро тасдиқ менамояд, ҳамроҳ карда мешавад. Мақомоти пешбурди мурофиаи ҷинояти танҳо дар ҳолате чораи пешгириро татбиқ карда метавонанд, агар гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ба тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ё баррасии он аз тарафи суд мамониат кунанд, аз ҷумла маводи барои парванда

аҳамиятдоштаро пинҳон ё сохтакори кунанд ё бо роҳи ғайриқонуни ба шахсони дар мурофиаи ҷиноятӣ иштироккунанда таъсир расонанд, бе сабабҳои узрнок бо даъвати мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ҳозир нашаванд, ҷиноятӣ дигарро содир намоянд, ба иҷрои ҳукм монеъ шаванд.

Азбаски дахлнопазирии озодии шахсро Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст (м. 19), прокурор ҳамчун кафили қонуният бояд ҳамаи чораҳоро бинад, то ки ягон нафар айбдоршаванда ё гумонбаршаванда бе асос ва бархилофи тартиби муқарраркардаи қонун ба ҳабс гирифта нашаванд.

Ин намуди чораи пешгирӣ танҳо бо розигии прокурор ва иҷозати расмии суд татбиқ шуда метавонад.

Барои таъмини қонунӣ ва асоснок татбиқ гаштани чораи пешгири дар намуди ҳабс прокурор бояд ба масъалаҳои зерин диққат зоҳир намояд:

★ пешбурди парвандаи ҷиноятӣ кай, аз ҷониби кадом мақомот оғоз гардидааст?

★ тафтишоти парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи кадом моддаи КҶ ҶТ ҷараён гирифтааст?

★ кадом ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта муқаррар гаштаанд?

★ оё қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда бароварда, айб эълон шудааст ё не?

★ ба айбдоршаванда аз рӯи кадом моддаи КҶ ҶТ айб эълон гардидааст?

★ дар сурати дастгир шудани шахс ба сифати гумонбаршаванда, вай дар содир намудани кадом намуди ҷиноят гумонбар дониста шудааст, бо кадом асосҳо, дар кучо, кай дастгир шудааст?

★ оё барои содир намудани ҷинояте, ки шахс дар содир кардани он айбдор ё гумонбар эътироф гаштааст, қонуни ҷиноятӣ ҷазои маҳрумӣ аз озодиро пешбинӣ кардааст ва агар пешбинӣ карда бошад, пас ҳадди ниҳоии ин намуди ҷазо то чанд вақт муқаррар гаштааст?

★ ҷинояти содиршуда ба кадом аз категорияҳои ҷиноят дахл дорад (м. 18 КҶ ҶТ)?

★ оё дараҷаи хавфнокии ҷинояти содиршуда мувофиқи қонуни ҷиноятӣ муқаррар гаштааст?

★ оё дар маводҳои парвандаи ҷиноятӣ асосҳо (маълумотҳои воқеӣ) дар бораи ҳаракатҳои саркашӣ кардани айбдоршаванда аз суд ё тафтишот, қасди гурехтан ё манъ шудани вай ба тафтишот ё имкониятҳои вай оиди давом додани амалҳои ғайриқонунӣ мавҷуданд ё не? Агар мавҷуд бошанд, бо кадом далелҳо тасдиқи худро ёфтаанд?

★ оё имконияти татбиқ кардани дигар намуди чораи пешгирӣ, ки бо маҳруми аз озодӣ алоқаманд нест, мавчуд аст ё не?

★ оё дар бораи шахсияти айбдоршаванда ё гумонбаршаванда маълумотҳои пурра дар бораи вазъи саломатӣ, синну сол, намуди машғулият, шароити оилавӣ, ҷои кор, аҳволи руҳии вай ва ғайраҳо ҷамъ оварда шудаанд ё не?

★ оё ҳолатҳои дар банди боло зикршуда бо далелҳо тасдиқи худро ёфтаанд?

★ оё ҳолатҳои истисноӣ барои татбиқи ҳабс нисбати ноболиғи айбдоршаванда мавҷуд аст ё не?

Барои ҳалли дурусти масъалаҳои номбаршуда прокурор метавонад роҳу услубҳои зеринро васеъ истифода барад:

★ аз мақомотҳое, ки парвандаи ҷиноятӣ дар истеҳсолоти онҳо қарор дорад, тамоми маводҳои парвандаи ҷиноятиро барои омӯзиш талаб намояд;

★ маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, ҳолатҳои муқарраргаштаи содир шудани ҷиноят, далелҳои ҷамъ овардашуда ва нақши айбдоршавандаро дар содир кардани ҷиноят бодиққат омӯзад;

★ ба шакли айби шахс (қасд, беэҳтиётӣ) ва тасдиқи худро ёфтани айби шахс дар содир кардани ҷиноят аҳамияти ҷиддӣ диҳад;

★ барои ба нигоҳубин (нигоҳдорӣ) супоридани фарзандони ноболиғи айбдоршаванда ва амволи вай чораҳои зарурӣ андешад;

★ бо дархост, арзу шикояти айбдоршаванда ё ҳимоячии вай ё шахсони дигари манфиатдор шинос шавад;

★ айбдоршаванда ё гумонбаршавандае, ки нисбати онҳо ба сифати чораи пешгирӣ ҳабс интихоб гаштааст, шахсан пурсиш намояд (дар ҳама

мавридҳо пурсиши айбдоршаванда ё гумонбаршавандаи ноболиғ хусусияти ҳатмӣ дорад);

★ ба ичроиши қарори муфаттиш оиди интихоби чораи пешгирӣ ба намуди ҳабс розиги диҳад;

★ бо қарори худ қарори муфаттишро дар бораи интихоб ва татбиқи ҳабс тағйир диҳад ва ё татбиқи дигар намуди чораи пешгириро супориш диҳад;

★ доир ба ҳалли масъалаҳои ҳабси амволи айбдоршаванда, аз мансаб дур кардани айбдоршаванда супориш диҳад;

★ қарори беасос ва ғайриқонунии муфаттишро дар бораи интихоб ва татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс бекор намояд;

★ агар нисбати гумонбаршаванда ё айбдоршаванда пештар дигар намуди чораи пешгирӣ татбиқ шуда бошад, зарурияти ба ҳабс иваз шудани онро ҳаматарафа омузад, ба далелҳои ҷамъ овардашуда баҳои ҳуқуқӣ диҳад ё айбдоршавандаро шахсан пурсиш намояд;

Дар мавридҳои номбаршуда роҳу услубҳои баамалбарории назорати прокурорӣ он гоҳ самаранок эътироф мешавад, ки агар нисбати ягон нафар шахс бе асос ва ғайриқонунӣ чораи пешгирӣ татбиқ нагашта бошанд.

Мувофиқи моддаи 110 КМҶ ҶТ ҳабси хонагӣ дар маҳдуд намудани озодона гашту гузор намудани гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ва ҳамчунин манъ намудани робита бо шахсони муайян; гирифтан ва ё фиристонидани ахборот; гуфтугӯ намудан бо ҳар кадом намуди воситаҳои алоқа, ифода меёбад. Ҳабси хонагӣ чораи маҷбурӣ-ҷисмонӣ ба ҳисоб меравад, ки айбдоршавандаро ҷисман аз ҷамъият ҷудо мекунад, бе розигии ӯ ва мақомоти таъминкунандаи маҳдудиятҳои муқаррашуда интихоб карда мешавад. Ҳабси хонагӣ аз комилан чудо нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда аз ҷамъият бе таҳти ҳабс қарор додан, вале бо татбиқи махдудиятҳои ҳуқуқии муайянкардаи суд, судя иборат аст.

Ҳабси хонагиро метавон бо чораҳои зерин дар алоҳидаги ва дар якҷоягӣ татбиқ кард:

★ тамоман ё дар вақти муайян набаромадан аз манзил;

★ манъи гуфтугуи телефонӣ, мукотибот ва истифодаи воситаҳои алоқа, ба истиснои ҳолатҳои дар сархати панҷуми ҳамин қисм пешбинишуда;

★ манъи робита бо шахсони муайян ва дар хонаи худ қабул намудани ягон шахс;

★ истифодаи воситаҳои электронии назоратӣ, вогузории уҳдадори доир ба гирифта гаштани ин воситаҳо бо худ ва кори онҳоро таъмин намудан;

★ уҳдадор кардан дар хусуси ҷавоб додан ба зангҳои назоратӣ телефонии ё дигар ишораҳои (сигналҳои) назорати, занг задан бо телефон ё шахсан ҳозир шудан дар вақти муайян ба мақомоти таҳқиқ ё дигар мақомоти назораткунандаи рафтори гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда;

★ ба зери назорат гирифтани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ё ин ки манзил, инчунин муҳофизати манзил ё дигар ҷои ба у чун манзил ҷудокардашуда;

★ чораҳои дигар, ки рафтори дахлдор ва аз ҷамъият ҷудо нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандаро таъмин менамоянд.

Асосҳо ва тартиби ҳамчун чораи пешгирӣ татбиқ кардани ҳабси хонагӣ, муқаррар намудан ва дароз кардани муҳлати он, бекор кардани ҳабси хонагӣ бо меъёрҳои дахлдори марбут ба чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан танзим мегарданд. (м. 111 ва 112 КМҶ ҶТ).

Дар қарори судя ва таъиноти суд дар бораи ба ҳабси хонагӣ гирифтан маҳдудиятҳои мушаххасе, ки дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда татбиқ мегарданд, инчунин мақомот ё шахси мансабдоре нишон дода мешавад, ки чунин назоратро анҷом медиҳад.

Ҳамин тариқ, чи хеле, ки дар адабиётҳои таълимӣ қайд гардидааст «аз рӯи хусусият ва ҳаҷми маҳдудиятҳо ва манъкуниҳо ҳабси хонагӣ бо маҳдудкунии озодӣ ҳангоми ба ҳабс гирифтан монанди дорад»[2, саҳ 237]. Баъзе муаллифон, ҳабси хонагиро як навъи ба ҳабс гирифтан меҳисобанд[3, саҳ 270]. Мо ба чунин нуктаи назар рози шуда наметавонем. Мафхуми «ба хабс гирифтан» дар моддаи 111 КМҶ ҶТ дода шудааст: «Ҳеч кас наметавонад бе асосҳои қонуни дастгир карда шавад ва ба ҳабс гирифта шавад. Шахсе, ки нисбати ӯ чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс татбиқ карда шудааст, ҳамчунин шахсе, ки ба сифати гумонбаршуда дар содир намудани ҷиноят дастгир шудааст, бояд дар ҷои барои ҳаёт ва саломатӣ

бехавф нигоҳ дошта шаванд». Чи хеле ки, мебинем мафҳуми ҳабси хонагӣ ба чунин талаботҳо дохил намешавад.

Фарқияти асосии ҳабси хонагӣ аз ба ҳабс гирифтан дар он зоҳир меёбад, ки «айбдоршаванда (гумонбаршаванда) наметавонад маҷбуран дар биноҳои махсусгардонидашуда (шакли пушида) ҷойгир карда шавад»[4, саҳ 291]. Ҳамчунин, ҳабси хонагӣ дар фарқият аз ба ҳабс гирифтан айбдоршаванда (гумонбаршаванда) аз якҷоя зиндаги кардан бо оилаи худ ҷудо карда намешавад. Ҳамин тариқ, маълум аст, ки ҳабси хонагӣ ҳамчун чораи пешгирӣ дар фарқият аз ба ҳабс гирифтан хело «сабук» мебошад.

Дар як вақт, ҳарчанд бо маҳдудиятҳои ҳадди ақал «сабук» бошад ҳам ҳабси хонагӣ чорае мебошад, ки озодӣ ва имкониятҳои робита бо ҷаҳони берунаро маҳдуд мекунад.

Ҳабси хонагӣ ин яке аз чораи пешгирӣ мебошад, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, танҳо аз ҷониби суд татбиқ карда мешаванд. Аз рӯи табиати ҳуқуқи ва мақсади ин ду чораи пешгирӣ, қонунгузор муайян намудааст, ки чораи пешгирӣ дар намуди ҳабси хонагӣ низ, ҳангоми мавҷуд будани ҳамон тартиб ва ҳамон асосҳое, ки барои ба ҳабс гирифтан муайян шудааст, интихоб карда мешавад.

Дар давраи тафтишоти пешакӣ судя дар асоси дархости муфаттиш (шахси таҳқиқбаранда, прокурор) оиди интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ҳабси хонагӣ карор қабул мекунад. Асосхо ва тартиби хамчун чораи пешгири татбиқ намудани хабси хонаги, муқаррар намудан ва дароз кардани муҳлати он, бекор кардани ҳабси хонагӣ бо меъёрҳои дахлдори марбут ба чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан танзим мегардад. Барои интихоби ҳабси хонагӣ мавҷуд будани асосҳо, шароитҳо, сабабҳо ва аз ҷониби суд қабул намудани қарор ва ё таъиноти дахлдор зарур аст. (м. 101, 102, 110 КМҶ ҶТ).

Олимони соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ А.В. Смирнов ва К.Б. Калиновский нуқтаи назарро оиди он, ки «қонун ба сифати шароити махсус пешбинӣ мекунад, ки ҳабси хонагӣ ҳангоми мавҷуд будани асосҳо ва шароитҳои барои ба ҳабс гирифтан мавҷуд бошад, татбиқ карда мешавад, вале агар дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршаванда ва ё айбдоршаванда (ҷойгир кардан дар изолятори тафтишотӣ) бо баназаргирии якқатор ҳолатҳо ба мақсад мувофиқ набошад…» ҷонибдорӣ мекунанд[4, саҳ 292]. Аммо дар КМҶ ҶТ ҳеч чиз оиди ба мақсад мувофиқ набудани ба ҳабс гирифтан ҳамчун асос барои таъин намудани ҳабси хонагӣ гуфта нашудааст.

Кадом ҳолатҳо ҳамчун асос барои ба мақсад мувофиқ набудани ба ҳабс гирифтан ва қабул намудани қарор барои интихоби ҳабси хонагӣ эътироф мешаванд? Кодекси мурофиавӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати чунин ҳолатҳо синну сол, ҳолати саломатӣ, ҳолати оилавӣ ва дигар ҳолатҳоро пешбинӣ мекунад.

Бояд махсусан қайд намоем, ки дархостро оиди интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан баррасӣ намуда, судя уҳдадор аст, пеш аз ҳама мавҷуд будани ҳолатҳоеро, ки барои интихоби ҳабси хонагӣ ҳуқуқ медиҳанд санҷида барояд.

Агар чунин холатхо мавчуд бошанд, дархост рад карда мешавад.

Манъи гирифтан ва фиристодани муросилоти хаттӣ, мувофиқи ақидаи А.В. Смирнов ва К.Б. Калиновский, ки мо низ онро дастгири менамоем, маънидодкунии васеътарро талаб мекунад [4, с. 291]. Мувофиқи қонун ба муросилоти хаттӣ мактубҳо (оддӣ, фармоишӣ бо эълони нарх), кортҳои почта (оддӣ, фармоишӣ), сенограммаҳо (муросилоти почта, ки танҳо барои нобиноҳо пешбинӣ мешавад), бастаҳои қоғази (оддӣ, фармоишӣ бо эълони нарх) ва покетҳои хурд [5]. Ҳангоми ҳабси хонагӣ иловатан мумкин аст, гирифтан ва ё фиристодани ҳама намуди хизматрасониҳои почтави маҳдуд карда шавад (ахборот, муросилот, мухобирот, телеграмма ва дигар намудҳои алоқа).

Оиди он, ки оё мақомот ва ё шахси мансабдоре, ки ба зиммаи ӯ назорат бурдан аз болои маҳдудиятҳое, ки ба айбдоршаванда (гумонбаршаванда) вогузор карда шудаанд, муҳофизати бинои шахсе, нисбати ӯ ҳабси хонагӣ татбиқ карда шудааст ба амал бароварда метавонанд, дар адабиётҳои илми ақидаи ягона вуҷуд надорад. Масалан, муаллифони тафсири таҳти таҳрири И.Л.Петрухин пешниҳод мекунанд, ки «манзили шахсе, ки ба ӯ ҳабси хонагӣ татбиқ шудааст, бояд муҳофизат карда шавад» [3, с. 270]. Муаллифони дигар тафсир (зери таҳрири В.В. Мошкова) хусусияти ҳабси хонагиро дар он мебинанд, ки ин чораи пешгирӣ «бе

ҷойгир намудани посбонии кормандони милитсия ва ё дигар посбонон, ки манзили айбдоршаванда ва ё худи айбдоршавандаро нигаҳбони намоянд ва ӯро аз хонаи шахси баромадан намонанд» татбиқ карда мешавад [6, с. 239]. Мо фикр мекунем, ки санҷидани аз ҷониби гумонбаршаванда ва ё айбдоршаванда риоя гардидани маҳдудиятҳои аз ҷониби суд ба зиммаи онҳо гузошташуда ҳангоми интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ҳабси хонагӣ бе гузоштани муҳофизон номумкин мебошад.

Судя бо тартиб ва дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун, аз рӯи натиҷаи баррасии дархост оиди интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ҳабси хонагӣ яке аз чунин қарорҳоро қабул мекунад: 1) дар бораи нисбати айбдоршаванда (гумонбаршаванда) интихоб намудани чораи пешгирӣ дар намуди ҳабси хонагӣ; 2) оиди рад кардан аз конеъ гардонидани чунин дархост.

Оиди интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ҳабси хонагӣ қарори асосноки судя ва ё президуми суди дахлдор, дар ҳолати ҳайати коллегиалии дигар суд бошад таъиноти асоснок бароварда мешавад. Шакли қарори судяҳо бояд ба талаботҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ мувофиқат кунад. Дар карори (таъиноти) суд оиди интихоби ҳабси хонаги ба сифати чораи пешгирӣ, номгуи маҳдудиятҳои аниқ, ки ба айбдоршаванда (гумонбаршаванда) татбиқ мешаванд, нишон дода мешавад, бояд нишон дода шавад:

1. оё ба айбдоршаванда тарк кардани ҷои қарордодаш манъ карда мешавад? Агар аз хона баромадан иҷозат бошад, дар кадом вақти руз;
2. маълумотҳо нисбати шахсоне, ки бо айбдоршаванда робита карданашон манъ карда шудааст;
3. оё ба ӯ гуфтугӯи телефонии ва истифода бурдани дигар воситаҳои алоқа манъ карда шудааст;
4. оё ба ӯ гирифтан ва фиристодани ахборот манъ карда шудааст;
5. маълумотҳо оиди ҷойҳое, ки вақти гашту гузор намудани айбдоршаванда маҳдуд карда шудааст (ҷойҳои ҷамъиятӣ, фароғати, театр, вокзал, фурудгоҳҳо ва г.).

Ҳангоми аз ҷониби айбдоршаванда (гумонбаршаванда) вайрон намудан чораи пешгирӣ нисбати ӯ мумкин аст, чораҳои маҷбурии иловагии мурофиаи ҷиноятӣ татбиқ карда шавад: а) мувофиқи моддаи 113 ва 117 КМҶ ҶТ бо қарори суд мумкин аст, ҷарима ба андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъин карда шавад; б) интихоби чораи нисбатан вазнинтар, яъне дар намуди ба ҳабс гирифтан.

Ҳамин тариқ, чораҳои пешгирӣ яке аз намудҳои чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ мебошанд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои конституцсионии шаҳрвандонро маҳдуд мекунанд. Ҳангоми татбиқи онҳо кафолатҳои аниқи мурофиавӣ бояд муқаррар карда шавад, ки қонунӣ ва асоснок будани ин чораҳоро таъмин намояд. Маҳз прокурор ҳамчун кафили қонуният бояд тамоми чораҳоро андешад, ки чораҳои пешгирӣ қонуни ва асоснок татбиқ карда шаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ/ Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. Душанбе, 2016.
2. Уголовный процесс: Учебник для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденсия» // под. ред. В.П. Божьева . 3-е изд..испр и доп. – М. 2002.
3. Комменатрий к уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации. // под ред. И.Л. Петрухина. – М., 2002.
4. Смирнов А.В. Калиновский К.Б. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации// под. ред. А.В. Смирнов. СПб. 2003.
5. Конуни Чумхурии Точикистон «дар бораи алоки почта» (Ахбори Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон соли 2003, №8, мод.462; соли 2004, №5, мод. 341; соли 2007, №7, мод. 684)
6. Комментарий к Уголовно - процессуальному кодексу Российской Федерации// Под. ред. В.В. Машкова. – М., 2002. -С. 239.
7. Петрухин И.Л. Свобода личности и уголовно-процессуалҳное принуждение. М. Наука, 1985. – С. 20-40.


**НАҚШИ ПРОКУРОР ДАР ТАДБИҚИ ЧОРАҲОИ ПЕШГИРИИ БА ҲАБС ГИРИФТАН ВА ҲАБСИ ХОНАГӢ**


Дар мақолаи мазкур яке аз мавзуъҳои мубрами рӯз нақши прокурор дар тадбиқи чораҳои пешгирии ба ҳабс гирифтан ва ҳабси хонагӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Азбаски дахлнопазирии озодии шахсро Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст, прокурор ҳамчун кафили қонуният бояд ҳамаи чораҳоро бинад, то ки нисбати ягон нафар бархилофи тартиби муқарраркардаи қонун чораи пешгирӣ татбиқ карда нашавад. Муаллиф дар асоси таҳлилӣ мавзуъи мазкур роҳу усулҳои дурусти татбиқи чораҳои пешгириро пешниҳод намудааст, ки то ки

нисбати ягон нафар чунин воситаҳои маҷбуркунии мурофиавӣ бе асос ва бархилофи муқаррароти қонун татбиқ карда нашавад.

**Калидвожаҳо:** прокурор, суд, маҷлиси судӣ, парвандаи ҷиноятӣ, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, чораҳо пешгирӣ, ба ҳабс гирифтан, ҳабси хонагӣ.

**РОЛЬ ПРОКУРОРА В ПРИМЕНЕНИИ МЕР ПРЕСЕЧЕНИЯ АРЕСТА И ДОМАШНЕГО АРЕСТА**

В данной статье изучается один из самых актуальных тем - роль прокурора в применении мер пресечение ареста и домашнего ареста. Поскольку неприкосновенность свободы человека гарантируется Конституцией Республики Таджикистан, прокурор как гарант верховенства закона должен принимать все меры для обеспечения того, чтобы в отношении кого-либо в нарушение закона не принимались превентивные меры. На основе анализа данной темы автор предлагает правильные способы и методы применения мер пресечения, чтобы никакие такие средства принудительного производства не применялись к кому-либо без обоснования и вопреки положениям закона.

**Ключевые слова:** прокурор, суд, судебное засидание, уголовное дело, подозреваемый, обвиняемый, подсудимый, меры пресечения, заключение под стражу, домашний арест.

**ROLE OF PROSECUTOR IN OVERCOMING THE MEASURE OF INTERSECTION OF ARREST AND HOUSE ARREST**

This article studies one of the most pressing problems, the role of the presecutor in overcoming the measure of intersection of arrest and house arrest. Since the inviolability of human freedom is guaranteed by the Constitution of the Republic of Tajikistan, the presecutor, as a guarantor of the rule of law, must take all necessary measures to ensure that preventive measures are not taken against anyone in violation of the law. Based on the analysis of this problem the author proposes the right ways and methods of applying intersection measure to avoid applying of any means of forced production without justification and contrary to the provisions of the law.

**Keywords:** prosecutor, court, trial, criminal case, suspect, inculpated, the defendant, measure of intersection of arrest, imprisonment, home arrest.

**Сведения об авторе***:* Ашуров Исфандиёр Ашурович – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. Тел: **005 77 23 24.**

**Information about the author:** Ашуров Исфандиёр Ашурович – Tajik National University, graduate student of Law Faculty. Tel: **005 77 23 24.**

# НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ ЗАМИНСОЗӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Абдуганизода Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Замин – бойигарии арзишманд ва ивазнашавандаи ҷомеа мебошад. Замин асоси захираҳои табиӣ, манбаи моддии ҳаёт ва фаъолияти инсон, ҷойгиркунӣ ва рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, воситаи асосии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ ва таъмини маводи ғизоӣ мебошад. Аз ин рӯ, истифодаи пурра, оқилона ва самараноки замин асоси муҳим барои афзоиши некӯаҳволии аҳолӣ мебошад [10, с. 145-150].

Дар байни шартҳои асосии вуҷуд доштани инсоният, замин ҷой махсусро ишғол менамояд. Қувваи тамомнашавандаи истеҳсолии замин натанҳо воситаи таъминкунандаи ҳаёт, балки кафолати ояндаи ҷамъияти инсоният мебошад. Аз ин лиҳоз, барои омӯзиши замин ва таҳқиқоти қувваҳои истеҳсолии он соҳаҳои пешсафи илмҳои ҷамъияти аз ҷумла илми ҳуқуқшиносӣ нигаронида шудааст.

Воқеан 93 дарсади ҳудуди кишвари моро кӯҳҳо ва танҳо 7 фоизро ҳамворӣ ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар ҶТ мувофиқи омори расмӣ ба ҳолати 1 январи соли 2017 ҳудуди 14137685 гектар замин мавҷуд мебошад, ки аз он 6853512 гектараш заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба ҳисоб мераванд [3].

Мувофиқи Конститутсияи ҶТ замин моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Тавре ки аз суханронихои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат бармеояд: «Замин бойигарии асосии мамлакати мост. Ояндаи ҷумҳурӣ, ояндаи халқи Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки муносибат ба замин дар кишвари мо чи гуна ба роҳ монда мешавад” [4].

Назорати давлатӣ яке аз шаклҳои амалӣ гардонидани ҳокимияти давлатӣ, ки риояи қонунҳо ва санадҳои дигари ҳуқуқии мақомоти давлатӣ баровардаро таъмин мекунад. Назорати давлатиро мақомотҳои гуногун амалӣ менамоянд, мисол, дар соҳаи молия Вазорати молияи ҶТ, дар соҳаи кишоварзӣ Вазорати

кишоварзии ҶТ, дар соҳаи замин Кумитаи давлати идораи замин ва геодезии ҶТ ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ ва ғайра [6].

Муносибатҳои ҷаъмиятӣ ва ё ҳуқуқие, ки дар доираи танзимнамоии меъёрҳои ҳуқуқӣ қарор доранд, набояд аз мадди назари мақомоти давлатӣ дур қарор дошта бошанд. Идоракунии давлатии истифода ва ҳифзи замин дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодиёти миллӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошад.

Бинобар соҳаи васеъ ва мураккаб будани муносибаҳои заминистифодабарӣ, алоқамандӣ бо доираи тамоми аҳолӣ, масъалаи таъмини қонуният ва интизом дар он, умуман идоракунӣ дар соҳаи замин таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад.

Масоилҳо вобаста ба идоракунии давлатии муносибатҳо оид ба замин дар асоси як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад. Ба монанди, КЗ ҶТ (м. 4-8), Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ» аз 15 июли соли 2004 (м.7-17) ва Қонуни ҶТ «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, №356 (м. 8-14) ва ғ.

Пеш аз муайян кардани масъалаҳои идоракунии давлатии муносибатҳо оид ба замин, мафҳумҳои «идоракунӣ», «идоракунии давлатӣ» ва «идоракунии давлатии истифода ва ҳифзи замин»-ро шарҳ додан лозим аст.

Зери мафҳуми «идоракунӣ» ин қобилияти идора намудани чизе, фаҳмида мешавад. Ба маънои васеаш, фаъолияти ҷобаҷогузории ҷараён, ки дар табиат, техника, ҷамъият вуҷуд дорад, бартараф кардани бетартибӣ, паст кардани номаъ-лумӣ ва овардани онҳо ба ҳолати лозимӣ бо дарназардошти таррақиёти анъанавии онҳо ва тағйироти муҳит, фаҳмида мешавад.

Таҳти мафҳуми «идоракунии давлатӣ» - ин таъсирасонии мақсадноки ташкилию танзимнамоии давлат (ба воситаи низоми мақомоти он ва шахсони мансабдор) ба раванди иҷтимоӣ, муносибатҳо ва фаъолияти одамон мебошад [11, с. 65].

Дар зери мафҳуми «идоракунии давлатии истифода ва ҳифзи замин» фаъолияти мақомоти ҳокимияти оммавӣ ва дигар субъекти ваколати давлатиро меноманд, ки барои гузаронидани ин фаъолият истифодаи оқилонаи муҳофизати дурусти замин дар ҷамъият таъмин карда мешавад.

Бояд, қайд кард, ки мақсаду вазифаи идоракунии давлатии заминистифодабарӣ дар мавриде таъмин карда мешавад, агар асоси онро принсипҳое, ки таҷрибаи заминистифодабариву муҳофизати заминро муайян кардааст ва қарорҳои онҳоро мустаҳкам намуданд, ташкил намоянд:

– хусусияти мунтазам доштани идоракунӣ;
– қонуният асоси фаъолияти идоракунӣ;
– идоракунӣ бояд илман асоснок бошад;
– идоракунӣ бояд мақсаднок бошад.

Идоракунии истифода ва ҳифзи замин бояд ҳамчун фаъолияти ташкилию ҳуқуқии мақомоти ваколатдор ҳисобида, барои таъмини истифодаи оқилона ва самараноки замин бо ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ дар доираи муайяннамудаи қонунгузории замини ҶТ фаҳмида шавад.

Функсияи идоракунии давлатӣ ба ду гурӯҳ тақсим карда мешавад:

а) функсияи умумӣ;
б) фуксияи махсус.

Функсияи умумӣ идоракунии давлатӣ:

- Банақшагирӣ;
- Ҳамоҳангсозӣ;
- Ташкилӣ;
- Батанзимдарорӣ;
- Назоратӣ.

Фуксияҳои махсуси идоракунии давлатӣ:

- Додан ва мусодираи қитъаи замин;
- Доир намудани мониторинги захираҳои замин ва динамикаи тағйир ёфтани он;
- Пешбурди кадастри давлатии замин;
- Заминсозӣ;
- Баҳои замин (нархгузории замин);
- Назорати давлатии истифодаи самаранок ва ҳифзи замин;
- Ҳалли баҳсҳои замин, ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар соҳаи замин [8, с. 61, 62].

Мувофиқи м. 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ» аз соли 2008 Вазифаҳои асосии назорати давлатӣ дар соҳаи заминсозӣ иборат аст:

– таъмини риояи Қонуни мазкур;

– таъмини риояи меъёрҳои муайянгардида, қоидаҳо, дастурамалҳо, супоришҳои техникӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникӣ дар соҳаи заминсозӣ;

– таъмини иҷрои чорабиниҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои заминсозӣ муайян карда шудааст.

Назорати давлатӣ ба гузаронидани корҳои заминсозӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва мақомоти он дар маҳалҳо анҷом дода мешавад.

Мувофиқи м. 56 КЗ ҶТ вазифаи назорати давлатии риояи қонунгузории замин, истифода ва ҳифзи замин аз тарафи тамоми заминистифодабарандагон, мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз тобеият ва шакли моликияташон, шахсони мансабдор аз таъмини иҷрои қонунгузории замин, риояи талаботи (қоидаю меъёрҳои) махсус ва иҷрои чорабиниҳои оид ба истифодаю ҳифзи замин иборат мебошанд.

Вазифаи назорати давлатии замин – таъмини риояи талаботи қонунгузории замин аз тарафи вазорату идораҳо, муассисаҳо, ташкилоту корхонаҳои давлатӣ ва кооперативӣ, ҳамчунин аз тарафи шахсони мансабдор ва воқеӣ бо мақсади ҳифз ва истифодаи оқилона ва самараноки замин мебошад.

Мувофиқи моддаи мазкур вазифаҳои асосии назорати давлатӣ дар соҳаи заминсозӣ иборат аст:

– таъмини риояи Қонуни мазкур. Вазифаи асосии назорати давлатии заминсозӣ аз он иборат аст, ки талаботҳои дар Қонуни тафсиршаванда пурра аз ҷониби иштирокичёни муносибатҳои заминсозӣ риоя ва иҷро карда шаванд. Мақомоти ваколатдоре, ки назорати давлатии заминсозиро амалӣ менамоянд, аввалан, диққати худро ба он равон менамояд, ки принсипҳои гузаронидани корҳои заминсозӣ, риояи талаботи қонунгузории замин, талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ ва дигар талаботҳои дар Қонуни тафсиршаванда муқарраршуда дар кадом сатҳ риоя ва иҷро карда мешаванд. Ин вазифаи назорати давлатии заминсозӣ кафолати таъмини принсипи қонунияти ҳангоми гузаронидани чорабиниву корҳои заминсозӣ ба ҳисоб меравад;

– таъмини риояи меъёрҳои муайянгардида, қоидаҳо, дастурамалҳо, супоришҳои техникӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникӣ дар соҳаи заминсозӣ. Ҳамчуиин сати дигари назорати давлатии заминсозӣ ин назорати риояи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари Қонуни тафсиршаванда муносибатҳои заминсозӣ тавассути як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди қоидаҳо, дастурамалҳо ва ҳуҷҷатҳои техникӣ мавриди танзим қарор гирифтаанд. Иштирокчиёни муносибатҳои заминсозӣ ҳангоми гузаронидани корҳои заминсозӣ талаботи ин ҳуҷҷатҳоро риоя ва иҷро намоянд. Мақомоти ваколатдоре, ки назорати давлатии заминсозиро амалӣ менамояд, риояи талаботи ин ҳуҷҷатҳоро аз тарафи иштирокчиёни муносибатҳои заминсозӣ назорат менамояд;

– таъмини иҷрои чорабиниҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои заминсозӣ муайян карда шудааст. Вазифаи дигари назорати давлатии заминсозӣ ин назорати иҷрои чорабиниҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои заминсозӣ пешбинӣ шудаанд, ки шахсони масъул (иштирокчиёни муносибатҳои заминсозӣ) уҳдадоранд, онҳоро иҷро намоянд.

Дар Қонуни пештар амалкунанда (соли 2001) вазифаи дигари назорати давлатии заминсозӣ – пешгирӣ ва бартараф кардани норасоиҳо ҳангоми тайёр кардан ҳуҷҷати заминсозӣ пешбинӣ гардида буд.

Мувофиқи қисми дуюми моддаи мазкур назорати давлатӣ ба гузаронидани корҳои заминсозӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва мақомоти он дар маҳалҳо анҷом дода мешавад. Аз ин бармеояд, ки назорати давлатии заминсозӣ аз тарафи мақомоти ваколатдор – Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҶТ ва мақомоти он дар маҳалҳо – Кумитаи идораи замини шаҳри Душанбе, Кумитаи идораи замини Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Кумитаи идораи замини вилояти Суғд, Кумитаи идораи замини вилояти Хатлон, Кумитаи идораи замини минтақаи Кӯлоб, Кумитаҳои идораи замини шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба амалӣ карда мешавад.

Дар сохтори Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҶТ раёсати махсус яъне «Раёсати назорати давлатии замин» фаъолият мекунад, ки **вазифаҳо ва**

**функсияҳои асосии** назорати давлатии замин**ро** пеш мебарад, ки чунин фаъолият барои пешбурдӣ корҳои заминсозӣ ва назорати давлатии замин хеле муҳим аст. Мақомоти давлатии заминсозӣ ва мақомотҳои маҳалии он вазифаи зерини, назорати давлатии истифодаи замин ва ҳифзи онро анҷом медиҳанд:

– назорати давлатии истифода ва ҳифзи заминро амалӣ менамоянд;

– тафтиш ва муоинаи тағирёбии сифати заминҳоро ташкил мекунанд;

– барои аз байн бурдани вайронкуниҳои қонунгузории замин тадбирҳо меандешад;

– гузаронидани ташхиси барномаҳои маблағгузорӣ ва лоиҳаҳои истифодабарӣ ва ҳифзи замин, инчунин лоиҳаҳои танзими заминро ташкил мекунанд;

– дар тартиб додану тайёр намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба истифодаи замин ва ҳифзи он иштирок менамояд;

– тибқи тартиби муқарраршуда доир ба манъи истифодаи заминҳои вайроншуда ва ифлос, ки истифодаи чунин заминҳо барои ҳаёт ва саломатии инсон хатарнок аст, ба ҳолатҳои фавқулодда, офатҳо, вайроншавии мавзеъҳои меросӣ, таърихию фарҳангӣ ва шароити табии, муҳит ё ҳамчунин ба оқибатҳои манфии экологӣ ва ифлос шудани сифати маҳсулоти кишоварзӣ ва манбаъҳои об сабаб мешаванд, таклифҳо пешниҳод мекунанд;

– ба аҳолӣ доир ба ҳолати захираҳои замин, самаранокии истифодаи он ва тадбирҳое, ки оид ба ҳифзи замин андешида мешаванд, иттилоъ медиҳад;

– дар кори комиссия оид ба қабули заминҳои обӣ, барқароркардашуда ва ғайра, ки дар онҳо тадбирҳои беҳтаркунии вазъи сифати онҳо гузаронида шуданд, ҳамчунин қабули иншооте, ки бо мақсади ҳифзи замин бунёд шудаанд дар мувофиқаткунии ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ ва танзими замин иштирок намоянд;

– назорати давлатиро аз болои низоми муқарраршудаи истифодаи заминҳо, ки аҳамияти ҳифзи табиат ва барқароркунӣ доранд, анҷом медиҳанд.

– риояи талаботи КЗ ҶТ, санадҳои дигари қонунгузории замин, қарорҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, амрҳо, дастурамалҳо ва супоришҳои мақомоти давлатии заминсозии ҶТ-ро дар мавриди истифодаи оқилонаи замин аз тарафи ташкилоту корхонаҳо ва муассисаҳо, сарфи назар аз тобеъияти идорӣ ва шакли моликияти онҳо, ҳамчунин шахсони воқеӣ ва мансабдор санҷиш ва назорат менамояд;

– аз тарафи заминистифодабарандагон риоя шудани қоидаҳои истифодаи қитъаҳои замин тибқи мақсади муайяншуда;

– риояи баррасии муҳлати муқарраршудаи аризаҳои (дархостҳо) шаҳрвандонро оид ба ҷудо намудани қитъаҳои замин;

– саривақт пардохтани андози замин аз тарафи заминистифодабарандагон;

– пешгирии ҳодисаҳои худсарона азхудкунии замин;

– пешниҳоди маълумоти саҳеҳ дар бораи мавҷудият, ҳолат ва истифодаи захираҳои замин;

– сари вақт барқарор кардани заминҳои вайроншуда, барқарор намудани ҳосилнокии замин ва дигар хусусиятҳои муфиди замин, ҳамчунин истифодаи оқилонаи қабати ҳосилхези хок;

– тибқи лоиҳаҳои заминсозӣ ва дигар лоиҳаҳо оид ба истифода ва ҳифзи замин;

– лоиҳакашӣ, ҷобаҷогузорӣ ва сохтмони иншооте, ки ба ҳолати замин таъсир мерасонад;

– сари вақт ва хушсифат анҷом додани тадбирҳое, ки ҳолати заминро беҳтар мекунад, пешгирӣ кардан ва аз байн бурдани эрозияи хок, шӯршавӣ, ботлоқшавӣ, аз гардиши кишоварзӣ берунмонии замин, ифлосшавӣ ва дигар равандҳое, ки сабаби вайрон шудани замин мешаванд;

– насб ва нигаҳдории аломатҳои марзҷудокунӣ;

– сари вақт бозгардонидани заминҳое, ки барои истифодаи муҳлатнок дода шудаанд, назорат мекунанд [5, 7].

Дар умум хулоса намудан мумкин аст, ки идоракунии истифода ва ҳифзи замин бояд ҳамчун фаъолияти ташкилию ҳуқуқии мақомоти ваколатдор ҳисобида, барои таъмини истифодаи оқилона ва самараноки замин бо ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ дар доираи муайяннамудаи қонунгузории замини ҶТ фаҳмида шавад. Амали кардани ин татбирҳо ба рушди падидаи назорати давлатии заминсозӣ ва вазифаҳои он таъсири мусбати худро мерасонад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 64 с.
2. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996. – №23 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 13.02.2018).
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳисобот дар бораи заминҳои мавчуда, тақсимоти онҳо аз рӯйи гурӯҳҳо, намудҳои замин ва заминистифодабарандагони ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2017» аз 25 феврали соли 2017. – №81 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 13.02.2019).
4. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон: дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин. – Душанбе: Ирфон, 1996. – С. 230.
5. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.zami№.tj/i№dex.php/daru№i-bakhshi-mo№itori№g-va-kor-oi-№aliti -k (санаи мурочиат: 20.01.2019).
6. Соҳибов, М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: 12.00.03 / Соҳибов Муҳаммадҷон Маҳмдалиевич: дис. … номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 235 с.
7. Азимзода, А.Ш., Ойев Х. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / А.Ш. Азимзода, Х. Ойев. – Душанбе, 2016. – 320 с.
8. Соҳибов, М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.М. Соҳибов: китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 392 с.
9. Раҳимзода, М.З., Каримов, А.Қ., Фархудинов, Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.З. Раҳимзода, А.Қ. Каримов, Ҷ.И. Фархудинов. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 360 с.
10. Соҳибов, М.М. Становление и развитие законодательства о землеустройстве в Республики Таджикистан / М.М. Соҳибов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣназариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии ДМТ». – Душанбе: Чопхонаи ДМТ, 2019. – С. 145-150.
11. Чиркин В.Е. Государственное управление. Элементарный. курс. – М.: Юрист, 2003. – С. 25.


## НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ ЗАМИНСОЗӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур назорати давлатии заминсозӣ ва вазифаҳои он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ҳолатҳои зарурӣ барои муайян кардани мафҳум ва истилоҳот, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешаванд, моддаи (қисм, банд), ки моҳияти дақиқи ин истилоҳ ва мафҳумро ифода менамояд, бахшида мешавад. Ингуна талабот падидаи муқаррарӣ дар қонунгузории амалкунанда мебошад. Зеро, ки қариб тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ имрӯз ба қонун ба танзим дароварда мешаванд. Идоракунии истифода ва ҳифзи замин бояд ҳамчун фаъолияти ташкилию ҳуқуқии мақомоти ваколатдор ҳисобида, барои таъмини истифодаи оқилона ва самараноки замин бо ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ дар доираи муайяннамудаи қонунгузории замини ҶТ фаҳмида шавад. Амали кардани ин татбирҳо ба рушди падидаи назорати давлатии заминсозӣ ва вазифаҳои он таъсири мусбати худро мерасонад.



**Калидвожаҳо:** заминсозӣ, фаъолияти заминсозӣ, корҳои заминсозӣ, раванди заминсозӣ, лоиҳаи заминсозӣ, чорабиниҳои заминсозӣ, объектҳои заминсозӣ, заминистифодабарӣ, ташкили заминистифодабарӣ, марзакашии заминҳо.


## ГОСУДАРСТВЕННЫЙ КОНТРОЛЬ НАД УПРАВЛЕНИЕМ ЗЕМЛИ И ЕГО ФУНКЦИИ В СООТВЕТСТВИИ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В статье рассматриваются государственный контроль по землеустройству и его задачи. При необходимости, статья закона (раздел, абзац), в которой определяется точное значение терминов и определений, используется для определения терминов, используемых в нормативных правовых актах. Это требование является обычным явлением в действующем законодательстве. Управление землепользованием и охраной следует рассматривать как организационно-правовую деятельность уполномоченного органа, обеспечивающую рациональное и эффективное использование земель всеми хозяйствующими субъектами в рамках, установленных земельным законодательством Республики Таджикистан. Реализация этих мер положительно скажется на развитии феномена государственного контроля над землеустройством и его функциями.



**Ключевые слова:** землеустройство, землеустроительная деятельность, землеустроительные работы, землеустроительный процесс, землеустроительный проект, землеустроительные мероприятия, землеустроительные объекты, землепользование, организация землепользования, межевание земель.


## STATE CONTROL OVER LAND MANAGEMENT AND ITS FUNCTIONS IN ACCORDANCE WITH THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


This article discusses the legal categories in land management. If necessary, an article (section, paragraph), which defines the exact meaning of terms and definitions, is used to determine the definitions and terms used in regulatory legal acts. This requirement is a common occurrence in applicable law, because almost all social relations are regulated by law. This article discusses the legal categories in land management. If necessary, an article (section, paragraph), which defines the exact meaning of terms and definitions, is used to determine the definitions and terms used in regulatory legal acts. This requirement is a common occurrence in

applicable law. Management of land use and protection should be considered as an organizational and legal activity of the authorized body, ensuring the rational and efficient use of land by all economic entities within the framework established by the land legislation of the Republic of Tajikistan. the implementation of these measures will have a positive impact on the development of the phenomenon of state control over land management and its functions.

**Keywords:** land management, land management activity, land management work, land management process, land management project, land management measures, land management projects, land use, organization of land use, land surveying, state fund for land management documentation, land plan, on-farm land management, inter-farm land management, land conservation.

**Сведения об авторе:** ***Абдуганизода Бахтиёр*** – магистр второго курса юридического факультета ТНУ, кафедры транспорта и использования природных ресурсов. Тел.: **902 90 90 68**

**Information about the author:** ***Abduganizoda Bakhtiyor*** – second-year Master of the Faculty of Law of TNU, Department of Transport and Use of Natural Resources. Tel.: **902 90 90 68**

# ЭЛИТАИ СИЁСӢ: МОҲИЯТ ВА ХОСИЯТҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОН

***Раҳимзода Д.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар олами муосир нақш ва таъсири элитаи сиёсӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушду инкишофи ҳар як давлат хеле назаррас аст. Элитаи сиёсӣ қисми ҷудонашаванда ва зарурии ҳар як ҷомеа мебошад. Фаъолияти элитаи сиёсӣ ҳамчун яке аз субъктҳои асосии сиёсат дар раванди сиёсӣ, идоракунӣ ва қудрати сиёсӣ, ҳамзамон қабули қарорҳои сиёсӣ бисёр муҳим аст. Бинбар ин, масъалаи элитаи сиёсӣ ҳанӯз аз аҳди қадим сар карда то ба имрӯз дар маркази таваҷҷӯҳи файласуфон, сиёсатшиносон, муаррихон ва ҷомеашиносон қарор гирифтааст.

Мафҳуми элита аз забони фаронсавӣ (elite) гирифта шуда, маънои беҳтарин, баргузида, интихобшударо дорад [5, с. 504], ки ҳаммаънои мафҳуми тоҷикии «нухбагон» [7, №1.] мебошад. Дар забонҳои мухталифи Аврупои Ғарбӣ мафҳуми мазкур ба маънии обрӯманд, беҳтарин, интихобшуда, олимақом ва он чизе, ки ба мавқеи намоёни шахс дар ҷомеа ишора менамояд, маънидод карда мешавад. Ҳамин тариқ, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки мафҳуми «элита» маънои олимақом, обрӯманд, беҳтаринро дорад. Дар ин маъно, мафҳуми мазкур дар соҳаҳои мухталиф, нисбат ба падида ё предмет, ки хусусияти беҳтарин, олӣ буданро дорост, мавриди истифода қарор дода шудааст.

Элита ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ дар таркиби худ одамони қобилиятҳои мухталифро доро мебошад. Лекин фарқияти он на дар бартарӣ ва машҳурият, балки дар вазифҳои он зоҳир мегардад, ки аз мавқеи он, захираҳои ҳукуматӣ, қобилияти амалӣ намудани хоҳиши худ ба дигарон бармеояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар сиёсатшиносӣ ва сотсиологияи Ғарб элитаи сиёсӣ ҳамчун гурӯҳи одамоне тасниф карда мешавад, ки дар идоракунии давлат, иттифоқи давлатҳо ва иқтисодиёт мансабҳои баландро ишғол намудаанд. Д.Белл қайд менамояд, ки «элита ин намояндагони нисбатан маъруф ва машҳури ин ё он қисми ҷомеа, қишри болоӣ дар системаи иерархияи иҷтимоӣ мебошад» [3, с.332].

Сиёсатшиноси тоҷик Г.Н. Зокиров элитаи сиёсиро чунин тасниф додааст: «Элитаи сиёсӣ- қисми намоёни ҷомеа, табақа, гурӯҳ, ҳаракати сиёсӣ ва ғайра мебошад, ки соҳиби сифатҳои баланди корӣ ва касбӣ, ақли солим мебошанд ва бо хусусиятҳои хоси худ аз атрофиён фарқ мекунанд» [5, с.504].

Муҳаққиқи дигари тоҷик Муҳаммад Абдурраҳмон элитаи сиёсиро ҳамчун ақалияти мустақил тавсиф додааст, ки дорои сифатҳои муайяни психологӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ буда, дар қабули қарорҳои сиёсӣ ва таъсиррасонӣ ба онҳо бевосита иштирок менамояд [6, с.115].

Аз ин ҷо метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки гурӯҳи мазкур ҳолати афзалиятнокро дар таркиби сиёсию давлатӣ ва сиёсию ғайридавлатӣ ишғол намуда, бевосита вазифаҳои роҳбарии муносибатҳои ҳукуматиро дорад.

Элитаи сиёсӣ – ин гурӯҳи мустақил, олӣ ва нисбатан имтиёзнок аст, ки дорои сифатҳои олии психологӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ буда, бевосита дар қабул ва амалӣ намудани қарорҳои сиёсӣ иштирок менамояд.

Дар асоси назарияҳои мухталифи элитаи сиёсӣ метавон чунин таснифоти элитаро пешниҳод намуд: элита ин гурӯҳи ҳукмрони ҷомеа аст, ки дар қуллаи

синфи сиёсӣ қарор дошта, захираҳои асосӣ ва стратегии ҳокимиятро идора менамояд, қарорҳои сатҳи умумидавлатиро қабул менамояд, чунин як шакли ташкилии давлатро бунёд менамояд, ки дар он мавқеи асосиро ишғол менамояд, аз тарафи синфи сиёсӣ ташаккул меёбад ва онро ҳамчун сарчашмаи пурра гардидани худ истифода менамояд. Элитаи сиёсӣ гурӯҳи олии на он қадар калон, нисбатан имтиёзнок ва мустақил буда, дорои сатҳи баланди сифатҳои психологӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии барои идоракунии одамони дигар, ки бевосита дар амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ иштирок менамоянд, зарур аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки элита ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ дорои сохтори мураккаби дохилӣ аст. Дар асоси нишондиҳандаҳои гуногун дар дохили элита зергурӯҳҳои гуногун ҷудо карда мешаванд. Масалан, аз рӯйи нишондиҳандаи соҳавӣ – элитаи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ; аз рӯйи нишондиҳандаи функсионалӣ – элитаи идеологӣ, маъмурӣ; аз рӯйи ташаккули элита – элитаи таъиноти ва интихоботӣ ҷудо карда мешаванд. Илова бар ин, элитаро метавон мутобиқи шохаҳои ҳокимият ба элитаи қонунгузор, иҷроия ва судӣ; аз рӯйи доираи фарогирӣ – элитаи федералӣ ва минтақавӣ ҷудо намуд.

Элитаи сиёсӣ ин гурӯҳи имтиёзноки ҳукмрон аст, ки дар ҷомеаи демократӣ ба намояндагии халқ даъвогар буда, дар сатҳҳои гуногун аз тарафи омма назорат карда мешавад ва барои ворид шудани шаҳрвандон, ки дорои квалификатсияи зарурӣ ва фаъолнокии сиёсӣ мебошанд, нисбатан кушод ва озод аст.

Мавҷудияти элитаи сиёсӣ дар асоси мавҷудияти омилҳои зерин имконпазир мегардад:

- нобаробарии психологӣ ва иҷтимоии одамон, қобилият, имконият ва хоҳиши гуногуни онҳо нисбат ба иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа;
- қонуни тақимоти меҳнат, ки машғулияти касбии меҳнати идоракуниро ҳамчун шарти самаранокии он талаб менамояд;
- аҳамияти бузурги ҷамъиятии маҳнати идоракунӣ ва сабабияти мувофиқи он;
- имкониятҳои васеи истифодаи фаъолияти идоракунӣ барои ба даст овардани имтиёзҳои иҷтимоӣ;
- ғайрифаъолии сиёсии оммаи васеи аҳолӣ, ки манфиатҳои асосии онҳо одатан берун аз сиёсат ҷой дорад.

Қайд намудан зарур аст, ки ин омилҳо элитарияти ҷомеаро таъмин менамоянд. Элитаи сиёсӣ гуногунтаркиб ва дорои дифференсиатсияи дохилӣ буда, дар давраҳои алоҳидаи таърихӣ ва дар кишварҳои алоҳида дорои фарқияти муайян мебошад. Дар вобастагӣ аз сарчашмаҳои таъсиррасонӣ элитаи меросӣ ҷудо карда мешавад, масалан, аристократия. Дар доираи аристократия чунин навъҳои элита ҷудо карда мешавад:

-элитаи арзишӣ, нафароне, ки мансабҳои баланди бонуфуз ва таъсиррасони ҷамъиятӣ ва давлатиро ишғол менамоянд;
- элитаи ҳокимиятӣ, дорандагони бевоситаи ҳокимият;
- элитаи функсионалӣ, маъмурони касбӣ, ки барои ишғоли вазифаҳои роҳбарикунанда дорои квалификатсияи зарурӣ мебошанд.

Дар байни элитаҳо, элитаи ҳукмрон, ки дорои ҳокимияти сиёсӣ; литаи мухолиф ё аксулэлита; элитаи кушода, ки аз ҳисоби ҷомеа таркиб ёфта мукаммал мегардад; элитаи пӯшида, ки танҳо аз муҳити муайян ташаккул ва мукаммал мегардад, ҷудо карда мешавад.

Худи элита ба элитаи болоӣ ва мобайнӣ ҷудо карда мешавад. Элитаи болоӣ ё олӣ бевосита ба қабули қарорҳо, ки барои тамоми давлат аҳамият доранд, таъсир мерасонад.

Ба элитаи мобайнӣ ҳамон нафароне дохил мешаванд, ки дорои се нишондиҳандаи асосӣ мебошанд: даромади зиёд, мавқеи касбӣ, маълумотноки. Нафароне, ки аз ин нишондиҳандаҳо танҳо ба ду ё як нишондиҳанда ҷавобгӯ мебошанд, ба элитаи маргиналӣ дохил мешаванд. К.Дойч қайд менамояд, ки «Умуман, одамон, ки сатҳи маълумотнокии онҳо нисбат ба даромади онҳо баланд аст, одатан нисбат ба муносибатҳои мавҷуда ба таври танқиди менигаранд, дар ақидаву эътиқоди худ ба сентризм ё радикализми чап майлу хоҳиш пайдо менамоянд. Одамоне, ки даромад нисбат ба маълумотнокии онҳо баландтар аст, аз мавқеи ва нуфӯзи худ розӣ нестанд ва чун қоида мавқеи рости сиёсиро ишғол менамоянд. Ҳамин тариқ, ин гурӯҳи одамон элитаи ҷомеаро ташкил менамоянд, ки дар асоси мутобиқати даромад, мавқеи касбӣ ва сатҳи маълумотноки муайян карда мешавад, метавонанд, маълум намоянд, ки аз нуқтаи назари сиёсӣ дар мамлакати мазкур кадом амал ҷоиз аст ё ҷоиз нест» [1, с.63].

Аксарияти ҷомеашиносон самти болоравии нақши элитаи миёна, махсусан, қишрҳои нави онро, ки субэлита номида мешавад, қайд менамоянд. Дар чунин ҳолат бо мафҳуми «субэлита» хизматчиёни болоӣ, менеҷерон, олимон, муҳанисон ва зиёиён ифода карда мешаванд, ки дар раванди тайёр намудан, қабул ва иҷрои қарорҳои сиёсӣ ширкат меварзанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин қишр одатан аз элитаи сиёсӣ дар самти доштани иттилоот, ҷиҳатҳои ташкилӣ ва қобилият ба амалҳои ягона бартарӣ дорад.

Ба элитаи сиёсӣ, ки бевосита дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ иштирок менамояд, элитаи маъмурӣ дохил мешавад, ки барои фаъолияти иҷроия таъин гардидааст, лекин дар воқеият дорои таъсири бузург ба сиёсат мебошад.

Яке аз навъбандиҳои пурмазмуни элитаи сиёсӣ дар ҷомеаи демократӣ дар вобастагӣ бо сатҳи рушд ва мутобиқати алоқаҳои амудӣ ва уфуқӣ мебошад, ки чор навъи он ҷудо карда мешавад.

- элитаи демократии устувор: сатҳи баланди намояндагӣ ва интегратсияи гурӯҳӣ;
- элитаи сиёсии плюралистӣ – сатҳи баланди намояндагӣ ва сатҳи пасти интегратсияи гурӯҳӣ;
- элитаи сиёсии ҳокимиятӣ – сатҳи пасти намояндагӣ ва сатҳи баланди интегратсияи гурӯҳӣ;
- элитаи сиёсии дезинтегратсионӣ – сатҳи пасти намояндагӣ ва интегратсияи гурӯҳӣ.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки барои ҷомеа элитаи демократии устувор мувофиқ аст, ки алоқаи наздик бо оммаи мардум ва сатҳи баланди ҳамкориҳои гурӯҳиро фаро гирифта, имконият медиҳад, ки оппонентҳои сиёсӣ дарк карда шаванд ва қарорҳое қабул карда шаванд, ки барои ҳама манфиатовар аст.

Элитарияти ҷомеаи муосир далели истобшуда аст. Тамоми кӯшишҳои бартараф кардани он ва тарозаи сиёсии аҳолӣ танҳо ба ҳукмронии элитаи истибдодӣ ва бенатиҷа оварда расонид, ки дар натиҷа ба тамоми халқ зарари зиёд расонид. Бартараф намудани элитарият танҳо тариқи худидоракунии ҷамъиятӣ имконпазир аст. Лекин дар давраи кунунии инкишофи тамаддуни инсонӣ, худидоракунии халқ нисбат ба воқеият танҳо идеяи диққатҷалбкунанда аст. Барои давлати демократӣ аҳамияти аввалиндараҷаро на муборизa бо элитарият, балки ташаккули элитаи нисбатан натиҷабахш ва фоидаовар, таъмини намоядагии иҷтимоии он, мукаммал намудани саривақтии он, бартараф намудани олихархиягардии он, бартараф намудани мубаддалгардии он ба қишри ҳукмрони имтиёзнок касб менамояд.

Натиҷанокии иҷтимоии элита, ки самаранокии иҷроиши вазифаҳои роҳбарикунандаро дар ҷомеа нишон медиҳад, дар асоси нишондиҳандаҳои зиёд муайян карда мешавад. Ба қатори муҳимтарин нишондиҳандаҳо мутобиқати интегратсияи уфуқӣ ва амудӣ, самаранокии системаи интихоб ва самтгириҳои арзишии барои кадрҳои роҳбарикунанда муҳим, ба монанди бошарафиву бовиҷдонӣ, эҳтироми қонун ва ҳуқуқҳои инсон, ғамхорӣ нисбат ба некуаҳволии умумӣ дохил мешаванд.

Интегратсияи уфуқӣ – ин ҳамкории намояндагони гуногуни элита ва муттаҳидии гурӯҳӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи муайян нигоҳ дошта, он шарти зарурии қабули қарорҳои коллективӣ, ҳифз намудани ҷомеа аз поляризатсия ва радикализатсияи сиёсӣ, баланд бардоштани қобилияти роҳбарон нисбат ба дарёфти қарорҳои компромиссӣ ва ба даст овардани консенсу, бартараф ва ҳал намудани моҷароҳо баромад менамояд.Лекин интегратсияи дохилигурӯҳӣ ба натиҷанокии иҷтимоии элита дар ҳамон ҳолат мусоидат менамояд, ки аз ҳисоби заифгардии намояндагии иҷтимоии он, ки аз тарафи элита инъикоси манфиатҳои тамоми ҷомеаро муайян менамояд, амалӣ нагардида бошад. Е. Хоффман таъкид менамояд, ки «элитаҳои муосир дорои самти озодшавӣ аз асоси худ мебошанд, ки талаботи онро амчун маҳдуд гардидани озодии қабули қарор қабул менамоянд» [1].

Инъикоси дархост ва афкори аҳолӣ аз тарафи элита аз як қатор сабабҳо вобаста аст. Яке аз чунин сабабҳо – баромади иҷтимоии намояндагони он мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки баромади иҷтимоии намояндагони элита аз бисёр ҷиҳат ба самтгириҳои сиёсӣ таъсир мерасонад.

Қайд намудан зарур аст, ки баромади иҷтимоӣ аз қишрҳои поёнӣ, гурӯҳҳои муайяни этникӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои дархости қишрҳои гуногуни аҳолӣ беҳтар дарк карда шавад. Лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давлатҳои муосир номутаносибии намояндагӣ дар элита хеле бузург аст. Масалан,

дар кишварҳои Ғарб намояндагони хатмкунандагони донишгоҳҳо нисбат ба дигар гурӯҳҳо бештар намояндагӣ доранд. Чунин ҳолат пеш аз ҳама ба мавқеи баланди иҷтимоии волидайн алоқаманд аст.

Нисбат ба инъикоси расмии сохтори иҷтимоӣ аз тарафи элита кафолати намояндагии иҷтимоии элита шомилият ба ташкилоти он баромад менамояд. Он бо самтгириҳои арзишии одамон алоқаманд аст. Илова бар ин, ҳизбҳо ва дигар ташкилотҳо одатан дар самти зарурӣ дорои имкониятҳои кофии таъсиррасонӣ ба аъзоёни худ мебошанд.

Дар ҷомеаҳои демократии муосир, механизмҳои ҳизбии назорат аз болои фаъолияти элитаи сиёсӣ ба институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ пурра карда мешавад. Ба чунин институтҳо интихобот, воситаҳои ахбори умум, пурсишҳои афкори умум, гурӯҳи манфиатҳо дохил мешаванд.

Ба намояндагии иҷтимоӣ, таркиби босифат, салоҳиятнокии касбӣ ва натиҷанокии элита ба таври умумӣ системаи интихоби он таъсири бузург мерасонад. Чунин система тартиб ва нишондиҳандаҳо, доираи интихоб ва боисияти талқинкунандаро муайян менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки ду навъи системаи интихоби элита мавҷуд аст: системаи гилдий ва антрепренерӣ (соҳибкорӣ). Дар шакли алоҳида ин системаҳо хеле кам мушоҳида карда мешаванд. Системаи антрепренерӣ (соҳибкорӣ) дар давлатҳои демократӣ, системаи гилдий бошад, дар кишварҳои сотсиализми маъмурӣ бартарӣ доранд. Қайд намудан зарур аст, ки як қатор ҷиҳатҳои системаи гилдий дар кишварҳои Ғарб, махсусан дар иқтисодиёт ва соҳаи давлативу маъмурӣ васеъ паҳн гардидааст.

Ҳар як система дорои хусусиятҳои худ мебошад. Барои системаи гилдий чунин хусусиятҳо хос мебошад:

- тарзи пӯшида будани элита, интихоби номзадон ба мансабҳои нисбатан баланд аз қисмҳои поёнии худи элита, болоравии оҳиста, доимӣ ба боло. Масалан, зинаи мураккаби мансабӣ, ки болоравии доимиро дар доираи зинаҳои хизматии иерархӣ пешниҳод менамояд.
- сатҳи баланди институтсионализатсияи раванди интихоб, мавҷудияти полоиши институтсионалӣ, яъне талаботи расмӣ барои ишғоли мансаб, масалан, ҳизбият, синну сол, давомнокии меҳнатӣ, маълумот, тавсияи роҳбарон;
- доираи маҳдуд, пӯшида ва на он қадар калони интихобкунанда.

Чун қоида, ба ин гурӯҳ танҳо аъзоёни мақомоти болоии роҳбарикунанда ё роҳбари якум дохил мешаванд;

- интихоб ва таъин намудани кадрҳо аз ҷониби доираи маҳдуди роҳбарон, мавҷуд набудани рақобати озод;

Системаи антрепренерии (соҳибкорӣ) интихоби элита аз бисёр ҷиҳат ба системаи гилдий мукобил гузошта шудааст. Хусусиятҳои фарқкунандаи системаи гилдийро метавон чунин баррасӣ намуд:

- тарзи кушода будани элита, имкониятҳои васеъ барои намояндагони ҳар як гурӯҳи ҷамъиятӣ роҷеъ ба даъво намудан ба ишғоли мансабҳо дар иерархияи сиёсӣ;
- мавҷудияти на он қадар зиёди талаботҳои расмӣ;
- доираи васеи интихобкунандагон, ки ҳатто метавонад тамоми интихобкунандагони кишварро фарогир бошад;
- сатҳи баланди рақобати интихоб, шиддатнокии рақобат барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунанда;
- тағйирёбанда будани таркиби элита, ки дар ин самт аҳамияти якуминдараҷаро сифатҳои шахсӣ, фаъолнокии фардӣ, маҳорати дарёфти дастгирии васеъ, ҷалби оммаи мардум бо идея ва барномаҳои диққатҷалбкунанда ишғол менамоянд.

Ин система одамони барҷастаро қадрдонӣ менамояд. Он барои сарварони ҷавон ва навовар кушода аст. Лекин қайд намудан зарур аст, ки истифодаи ин система як қатор ҷиҳатҳои манфӣ дорад. Масалан, эҳтимолияти хатар ва бекасбият дар сиёсат, сатҳи пасти ояндабинӣ дар сиёсат, шавқу рағбати сарварон нисбат ба истифодаи омилҳои беруна. Лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки системаи антрепренерӣ (соҳибкорӣ) ба рушди ҳаёти муосир хуб мувофиқ гардидааст. Системаи гелдий низ дорои ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии худ мебошад. Ба ҷиҳатҳои мусбии ин система қарорҳои муътадил, сатҳи пасти хатар дар қабули қарор, сатҳи пасти эҳтимолияти моҷароҳои дохилӣ, имконияти бузурги ояндабинии сиёсат дохил мешаванд. Арзишҳои асосии ин система консенсус, мувофиқат ва муттасилӣ ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар системаи гилдий ба

бюрократизатсия, консерватизм, ивази талаботҳои расмӣ ба критерияҳои ғайрирасмӣ рағбат дорад. Қайд намудан зарур аст, ки системаи гилдий конформизми оммавиро ба миён оварда, ислоҳ намудани хатогиҳо ва бартараф намудани камбудиҳо бо ташаббуси қишрҳои поёниро мушкил мегардонад. Бидуни илова намудани механизмҳо аз тарафи рақибон ин сестема ба таври муттасил ба дегенератсияи элита, дур шудани он аз ҷомеа ва мубаддал гардидани он ба қишри имтиёзнок оварда мерасонад.

Ҷомеаро як шахс дар шакли инфиродӣ ё ҳама дар якҷоягӣ идора карда наметавонанд. Идоракунии ҷомеаро он гурӯҳи одамоне амалӣ менамоянд, ки бо хусусиятҳои психологию маҳорати кории худ аз дигар бошандагони ҷомеа ба куллӣ фарқ менамояд. Масъалаи алоқамандии элитаи сиёсӣ ва идоракунии ҷомеа яке аз масъалаҳои актуалӣ ба ҳисоб рафта раванду ҳодисаҳои дигари ҷамъиятӣ аз он маншаъ мегирад. Аз ин хотир муносибати тарафайни элитаи сиёсӣ ва омма, таъсиррасонии он ба гурӯҳҳои мухталифи ҷамъиятӣ, амалигардонии идоракунии ҷомеа мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Дар баробари ин таъсири элитаи сиёсӣ ба равандҳои мухталифи ҷомеа низ мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт [2, с.98].

Агар сиёсат ҳамчун санъати идоракунии давлат ва ҷомеа баррасӣ карда шавад, элитаи сиёсӣ дорои ҳуқуқи мутлақи коркард ва таҳияи барномаҳои сиёсӣ, қабули қарорҳои зарурӣ ва назорати иҷроиши онҳо мебошад, ки мазмуну мундариҷаи он ба ҳисоб мераванд.

Дар шароити имрӯза дар байни коршиносон ақида паҳн гардидааст, ки мувофиқи он ҳокимият дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла дар Тоҷикистон ин вазифаро иҷро намекунанд ва қобилияти қабул ва мубаддалгардонии манфиатҳои ҷомеа ба лоиҳаҳои сиёсии дорои аҳамияти махсусро надоранд. Лекин ин маънои онро надорад, ки системаи таъсиррасонии ҳокимият ба ҷомеа ҷой надошта бошад. Муносибати тарафайни ҳокимият ва ҷомеа дар минтақа дорои хусусиятиҳои хоси худ мебошад. Ҷомеаҳо дар кишварҳои минтақа – ҷомеаҳои мураккабе ба ҳисоб мераванд, ки аз як тараф, сохтори қавмӣ- авлодӣ, аз тарафи дигар, намояндагии ғайрирасмии ҳудудӣ мавҷуд аст.

Мафҳуми «элита» маънои олимақом, обрӯманд, баҳтаринро дорад. Дар ин маъно, мафҳуми мазкур дар соҳаҳои мухталиф, нисбати падида ё ашё, ки хусусияти беҳтарин, олӣ буданро дорост, мавриди истифода қарор дода шудааст. Истифодаи мафҳуми «элита» дар шакли ҷамъ, аз он бармеояд, ки он барои ифодаи элитаҳои соҳавӣ истифода карда мешавад. Масалан, элитаи ҳарбӣ, элитаи минтақавӣ, элитаи иқтисодӣ, элитаи фарҳангӣ. Дар чунин ҳолат мафҳуми «элита» барои ифода намудани зергурӯҳҳои воқеии элита ва гурӯҳҳое низ истифода мешаванд, ки ба элита ҳамчун гурӯҳи ҳукмрон алоқамандие надоранд.

Элита ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ дар таркиби худ одамони қобилиятҳои мухталифро доро мебошад. Лекин фарқияти он на дар бартарӣ ва машҳурият, балки дар вазифҳои он зоҳир мегардад, ки аз мавқеи он, захираҳои ҳокимиятӣ, қобилияти амалӣ намудани хоҳиши худ ба дигарон бармеояд.

Ҳамин тариқ, элитаи сиёсӣ – ин гурӯҳи мустақил, олӣ ва нисбатан имтиёзнок аст, ки дорои сифатҳои олии психологӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ буда, бевосита дар қабул ва амалӣ намудани қарорҳои сиёсӣ иштирок менамояд. Мувофиқи ақидаи як қатор муҳаққиқон, элита ҳамон нафаронеро фарогир аст, ки мавқеи олиро дар «сегонаи бузург», яъне сохторҳои давлатӣ, ширкатҳои бузург ва артиш ишғол намудаанд. Элитаи ҳукмрон дорои сатҳи баланди мобилияти уфуқӣ мебошад, як нафар метавонад, ки дар давоми пешравии мансабии худ аз як мансаби пешбари яке аз ин сохторҳо ба мансаби пешбари сохтори дигар гузарад ё онҳоро дар якҷоягӣ ишғол намояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Антология мировой политической мысли. Т.1. Зарубежная политическая мысль: истоки и эволюция. – М., 1997.
2. Афанасьев М.Н.Правящие элиты и государственность посттотолитарной России.- М., 1996. – С.98.
3. Белл Д. Социальные рамки информационного общества// Новая технократическая волна на Западе. – М., Прогресс, 1986. – С. 332.
4. Зинчина А.Б., Климов А.В., Крюков А.В. Краткий курс по политологии. – М., 2005. –С. 63.
5. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ.-Душанбе: «Деваштич», 2007. – С. 554.
6. Маҳмадов А. Н. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе, 2010. – С.115.
7. Раҳнамо А. Насли нави элитаи тоҷик//Элита, фев.2010.- №1.

**ЭЛИТАИ СИЁСӢ: МОҲИЯТ ВА ХОСИЯТҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОН**

Мақола ба масъалаи хусусиятҳои ташаккули элитаи сиёсӣ бахшида шудааст. Мафҳум, моҳият ва таснифоти элитаи сиёсӣ дар асоси таҳлилу тадқиқи ҷомеаи устувор баррасӣ гардидааст. Хусусиятҳои муҳими чунин ҷомеаро тағйиротҳои назарраси арзишҳои ҷамъиятӣ ва меъёрҳои ичтимоӣ ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, истифода намудани асосҳои назарияи классикии элитаи сиёсӣ барои таҳлил намудани он дар шароити муосири тоҷик имконпазир аст. Дар асоси муқаррар намудани давраҳои гузариш баъзе хусусиятҳои элитаи сиёсии тоҷик шарҳ дода шуда, нақш ва фаъолияти он дар рушди давлатдории тоҷик баҳогузорӣ мешавад.

**Калидвожаҳо:** элита, элитаи сиёсӣ, элитагароӣ, назарияи классикии элита, консепсияҳои илмии элитаи сиёсӣ, трансформатсияи элитаи сиёсӣ.

**ПОЛИТИЧЕСКАЯ ЭЛИТА: СУЩНОСТЬ И ЕЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ**

Статья посвящена проблеме особенности формирование политической элиты. Теории, определения и классификация политической элиты были сформулированы на основе анализа и исследований стабильных обществ. Характерной чертой таких обществ является радикальное изменение общественных ценностей и социальных норм. Тем не менее, на наш взгляд, применить основные положения классических теорий элитизма, а также основополагающие принципы современных западных теорий к реалиям таджикской политической системы, всетаки, возможно, так как закономерности развития современных обществ и роль политической элиты в них тождественна.

**Ключевые слова:** элита, политическая элита, элитизм, классическая теория политического элитизма, научные концепции политического элитизма, трансформация политической элиты.

**POLITICAL ELITE: ESSENCE AND ITS THEORETICAL FEATURES**

The article is devoted to the problem of formation of the political elite. Theories, definitions, and classifications of the political elite were formulated based on analysis and research of stable societies. A characteristic feature of such societies is a radical change in social values and social norms. Nevertheless, in our opinion, it is still possible to apply the main provisions of the classical theories of elitism, as well as the fundamental principles of modern Western theories, to the realities of the Tajik political system, since the laws of development of modern societies and the role of the political system in the country.

Keywords: elite, political elite, elitism, classical theory of political elitism, scientific concepts of political elitism, transformation of the political elite.

**Сведения об авторе:** ***Рахимзода Дилшоди Мирзошариф*** – магистр кафедры политологии Таджикского национального университета. Тел. **+992 900-01-91-12**

**Information about the author:** ***Rahimzoda Dilshod Mirzosharif*** – master of the Department of political sciences, Tajik National University. Tel. **+992 900-01-91-12**

# МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ВАЗИФА ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ

***Шарифзода С.Ш., Қодиров У.***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

Тарбияи ҳуқуқӣ масъалаҳои муҳим ва марказӣ дар илму амалияи ҳуқуқшиносӣ мебошад. Муҳим будани ин масъала пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки тарбияи ҳуқуқи кисми таркибии тарбияи идеологӣ мебошад ва дуюм ба ҳама аҳолӣ паҳн мешавад. Тарбияи ҳуқуқи яке аз самтҳои тарбияи идеологӣ буда, бо тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ ва байналмиллалию ватандустӣ алоқаи зич дорад. Тарбияи ҳуқуқӣ ин фаъолияти мақсаднокӣ ташкилиест, ки ба ташаккули, ақидаи ҳуқуқии демократӣ равона карда шудааст. Тарбияи ҳуқуқӣ, ин яъне ба воситаи тартиботи ҳуқуқ фаъолияти амалӣ ҳуқуқии тарбияшаванда ба ҳаёт ва руҳияи он таъсир бахшидан мебошад.

Илова бар ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он фикру андешаҳои зиёд ва гуногун ҷой дорад. Масалан, П.П.Баранов қайд мекунад, ки тарбияи ҳуқуқӣ ин «раванди ба нақша гирифташуда, идорашаванда, муташаккил, низомнок ва мақсадноки таъсиррасонӣ ба шуур ва психологияи шахрвандон тавассути ҳамаи шаклҳо, воситаҳо ва усулҳои тарбияи ҳуқуқӣ баҳри ташаккули донишҳо, тасавварут, талабот, арзишҳои ҳуқуқӣ, одати рафтори ҳуқуқӣ дар шуури одамон» мебошад [1, с. 488].

Ба андешаи А.С. Пиголкина - «шакли фаъолияти давлат, мақомоти он ва шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ баҳри ташаккули эҳтиром ба ҳуқуқ, донишҳо, ақидаҳои ҳуқуқӣ, одатҳои таъминкунандаи рафтори ҳуқуқӣ, мавқеи фаъоли ҳуқуқӣ ҳангоми истифода ва ичрои меъёрҳои ҳуқуқӣ» тарбияи ҳуқуқи фаҳмида мешавад [2, с.553].

В.Д.Перевалова менависад, ки тарбияи ҳуқуқӣ ин «фаъолияти мақсаднок баҳри интиқоли фарҳанги ҳуқуқӣ, таҷрибаи ҳуқуқӣ, ғояҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳалли низоъҳо дар ҷомеа аз насл ба насл» мебошад [3, с. 218].

Ба андешаи профессор Р.Ш.Сотиволдиев тарбияи ҳуқуқӣ – фаъолияти мунтазами муташаккил, мақсаднок ва танзимгаштаи мақомоту муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон мебошад, ки бо мақсади баланд намудани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ба сомон мерасад [4, с.720].

К. Маркс ва Ф. Энгелс дар тарбияи афзалияти омили инкишофи одамон қобилият ва истеъдодӣ онҳоро медиданд, ки чӣ тавр онҳо ба шароити муайяни ҳаёти ҷамъият вобаста мебошанд. К. Маркс ва Ф. Энгелс исбот кардаанд, ки тарбия характери синфӣ дорад ва онҳо таҳкурсии назарияи умумии равияро гузаштанд, моҳияти онро ҳамчун фаъолияти ҷамъиятӣ кушода додан ва манбаъҳои асосии тарбияро дар шароити бозсозӣ ва давлати ҳуқуқбунёд баён карданд.

***Аз ин хотир метавон гуфт, ки моҳияти асосии тарбияи ҳуқуқӣ*** пеш аз ҳама бояд ба ташаккул ва инкишофи баланди маданияти ҳуқуқии шахсият, баланд бардоштани тафаккури ҳуқуқшиносӣ равона карда шуда бошад. Вазифаҳои ин фаъолият бояд аз инҳо иборат бошанд:

1. Ҳосил намудани муносибати дуруст ба иҷроиши қонунҳо;
2. Донистани қонунҳои асосӣ оид ба давлат ва ҳуқуқ;
3. Мустаҳкам намудани интизоми таълимӣ-меҳнатӣ;
4. Ташаккули низомӣ донишҳо оид ба қонунҳои амалкунанда;
5. Ташаккули этиқод ба зарурияти муборизаи рӯзмарра баҳои риояи қонуниятҳо ва тартиботи демократӣ.

Илова бар ин, айни замон дар адабиёт ҳуқуқӣ *тарбияи ҳуқуқӣ чун намуди тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ* ва м.и. таҳлил мешавад. Дар ин ҳолат хусусиятҳои фарқкунандаи ҳар як намуди тарбия омӯхта мешаванд. Дар ҳолатҳои дигар умумияти ҳамаи намудҳои тарбия дар заминаи объекти умумии онҳо - шахсияти инсон - муайян мешавад.

Азбаски инсон донишҳои ҳуқуқиро ҳам дар рафти тарбияи ҳуқуқӣ ва ҳам берун аз он азхуд мекунад, дар адабиёт ду мафҳум ҷудо карда мешаванд: а) «*тарбияи ҳуқуқӣ*» (дар заминаи истифодаи воситаҳову усулҳои махсуси тарбияи ҳуқуқӣ) ва б) «*ташаккули ҳуқуқии шахс*» (бо таъсири омилҳои мухталифи ҷомеа) [5, с.485].

Муаллифони дигар ин мафҳумҳоро ҷудо накарда, оқибат тафовути байни тарбияи ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқиро намебинанд [6, с.425]. Дар адабиёт самтҳои тарбияи ҳуқуқӣ, ҳадафу вазифаҳои он таҳлил мешаванд [7, с.316].

Ташаккул ва баланд намудани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ аз ҷумлаи *ҳадафҳои асосии тарбияи ҳуқуқӣ* эътироф мешавад. Як қатор муаллифон ҳадафҳои тарбияи ҳуқуқиро мушаххас мекунанд ва дар ин ҷода ҳадафҳои зерин номбар мешаванд: ташаккули донишҳои оиди қонунгузорӣ, қонуният, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо; баланд намудани нуфузи қонун, муборизаи муқобили нигилизми ҳуқуқӣ; ташаккули самти амали ҳуқуқии шаҳрвандон, одати риояи қонун, малакаи иштирок дар адолати судӣ, ташаккули фазои эътироз муқобили поймолгардии ҳуқуқ[8, с. 553-554]. Ҳамчунин *ҳадафҳои стратегӣ, дарозмуддат ва наздик, ҳадафҳои умумӣ ва хусусии тарбияи ҳуқуқӣ* ҷудо карда мешаванд [9, с. 409-410].

Дар адабиёт оиди таносуби мафҳумҳои «*низоми тарбияи ҳуқуқӣ*» ва «*механизми тарбияи ҳуқуқӣ*» андешаҳо гуногунанд. Як қатор муаллифон онҳоро як мешуморанд [10, с. 8].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар давлати ҳуқуқбунёд тарбияи ҳуқуқӣ барои инкишофи ҳарҷонибаю баҳам пайвастани одамон майдони васеъ мекушояд, вай барои зоҳир шуданӣ кобилиятҳои онҳо, конеъ гардонданӣ талаботи оқилонаи ҳар шаҳрванд тамоми имкониятҳои моддӣ ва маънавиро муҳайё мекунад. Дар таракдиёти иқтисодию иҷтимоӣ ҷамъият инкишофи маданият ва шуурӣ ҷавонон хама тарафа пешбинӣ карда шудаанд. Сиёсати иқтисодию иҷтимоии ҷамъиятӣ мо инкишофи ҳарҷонибаю баҳампайвасти шахсиятро таъмин ҳохад кард. Мақсади олии ҷамъияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарҷониба инкишоф додани ҳамаи одамони ҷумҳурӣ мебошад, ки онҳо иштирокро дар тараққиёти халқи худ вазифаи асосии ҳаёти худ мешуморанд.

Дар Конституцияи амалкунанда ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарбияи маънавӣ ва ҳуқуқии ҷавонон диққату эътибори калон дода шудааст. Ислоҳоти созмони маорифи халқ, бозсозии кори макотибҳои олӣ ба инкишофи

ҳарҷонибаю баҳампайвастаи шахсият дар мамлакати мо хеле мусоидат мекунад. Дар давраи бозсозӣ ва давлати ҳуқуқбунёд ба инкишофи ҳарҷонибаи шахсият, баланд бардоштани сифатҳои иҷтимою сиёсӣ, фаъолияти ӯ дар иҷрои вазифаҳои тараққиёти мамлакат ҷидду ҷаҳдӣ асосии халқ равона мекунад.

Вазифаи тарбияи ҳуқуқӣ бошад, ин ташаккул додани ақидаи ҳуқуқӣ, ҳар ҷониба инкишоф додани шуури ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии хонандагон мебошад. Мақсади тарбияи ҳуқуқӣ натанҳо ҳурмат ва риоя кардани ҳуқуқ, балки тамоми фаъолияту ҳаёти худро ба қонун итоат кунонидан ва барои мустаҳкам кардани қонунияти демократӣ мубориза бурдан мебошад.

Ҳамчунин профессор Р.Ш. Сотиволдиев *ҳадафҳои зерини тарбияи ҳуқуқиро* қайд мекунад: а) ташаккули донишҳо роҷеъ ба қонунгузорӣ, қонуният, ҳуқуқу уҳдадориҳо; б) баланд намудани нуфузи қонун; в) мубориза бо нигилизми ҳуқуқӣ; г) таъмини амали ҳуқуқии шаҳрвандон; д) ташаккули одати риояи қонун; е) ташаккули малакаи иштирок дар адолати судӣ; ж) ташаккули фазои эҳтиромиҳуқуқҳои инсон; з) ташаккули муқовимат ба ҳама гуна ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ[11, с. 8].

Мазмуни тарбияи ҳуқуқӣ, ҳамчун кисми таркибии тарбияи демократӣ аз ташаккули тарбияи хислатҳои ғоявӣ ва манънавию психологии одамон ҳамчун ҳуқуқшиносӣ олии идеявӣ, ҳурмат кардани қонун ва мубориза барои ҷорӣ намудани қонуният иборат мебошад. Тарбияи ҳуқуқӣ, эътиқоднокӣ, нишондодҳои рафтору одоберо ташаккул медиҳад, ки онҳо натанҳо барои риоя кардани меъёрҳо, балки барои мубориза барои ҷорӣ намудани қонуният низ заруранд. Зарурияти кисмати зерини тарбияро талаботи ҷиддӣ нави давраи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инкишофи минбаъдаи иқтисодӣ, зарурияти ба хочагии халқ ҷараён гирифтани одамони маълумотнок, ки дар баланд гардонидани шахсиятҳо бо донишу малакаҳои нав, фаъол гардидани мавқеи ҳаётии онҳо зоҳир мегардад.

Мазмуни фаъолияти тарбияи ҳуқуқӣ гуфта идеяҳои ҳуқуқӣ, ақида, эътиқод ва вокеъҳое фаҳмида мешавад, ки онҳо дар шуури аҳолӣ ҷойгир шуда, ҳурмату эҳтиром намудани қонуну қоидаҳоро таъмин менамояд.

Ташаккули шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта фаъолияти басо мураккаб аст, ки дар он на танҳо идеянокии демократӣ, балки фаъолияти ҷамъиятӣ, ахлоқи ҳамида ва ҳуқуқшиносӣ низ дохил мегардад. Мактаби ҳозира - яке аз омилҳои характерноки кушишест, ки роҳбару, роҳнамои тамоми кори тарбиявӣ гардад.

Ҳамин тарик, вазифаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки ҳуқуқшиносии шахсони алоҳидаро инкишоф дода, ҳуқуқшиносии ҷамъиятро мустаҳкам гардонад. Ташаккули ҳуқуқшиносии фардӣ аз бисер ҷиҳат ба тарбияи ҳуқуқии эътимодбахш, далелнок, объективӣ ва таъсирнок вобаста аст. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки тарбияи ҳуқуқӣ дар баробари мазмуну моҳият ва вазифаҳояш инчунин дорои принсипҳои ба худ хос мебошад. Тарбияи ҳуқуқӣ *принсипҳои* зерин дорад: 1) қонуният; 2) мақсаднокӣ; 3) инсондӯстӣ; 4) низомнокӣ; 5) алоқа бо ҳаёт ва амалияи ҳуқуқӣ; 6) мазмуни илмии тарбияи ҳуқуқӣ; 7) касбият; 8) аёнияти тарбияи ҳуқуқӣ.

Аз мафҳумҳо ва андешаҳои дар боло зикр шуда чунин хусусиятҳои тарбияи ҳуқуқиро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. *Тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти мунтазам аст*, давра ба давра, дар тӯли ҳаёту фаъолияти инсон сурат мегирад. Мунтазамии тарбияи ҳуқуқӣ муҳим аст, зеро бо пешрафти ҷомеа, алалхусус дар давраҳои гузариш аз як сохт ба сохти дигари ҷомеа, дар шароити дигаргуниҳои куллӣ санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ қабул мешаванд, ки дарк ва омӯзиши воқеъбинона ва ҳаматарафаро талаб мекунанд. Ҳамаи ин мунтазамии раванди тарбияи ҳуқуқиро талаб мекунад.

2. *Тарбияи ҳуқуқӣ раванди муташаккил аст*, яъне муташаккилона, тибқи нақша, бо дарназардошти синни тарбиятгарон, вазъи иҷтимоиву ҳуқуқии онҳо, бо иштироки субъектҳои муайян, бо ҷалби воситаҳои молиявӣ, моддӣ, техникӣ ва диг. сурат мегирад.

3. *Тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти мақсаднок аст*, баҳри афзун намудани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа сурат мегирад. Баҳри ноил гаштан ба ин ҳадафи асосии стратегӣ дар рафти тарбияи ҳуқуқӣ вазифаҳои мушаххас муайян мешаванд. Ин вазифаҳо бо дарназардошти фаъолияти ҳар як субъекти тарбияи ҳуқуқӣ (мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва м.и.) муайян мешаванд.

4. *Тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти танзимгашта* буда, тибқи қонунҳо, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ сурат мегирад. Бо дарназардошти аҳамияти тарбияи ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус низ қабул мешаванд. Чунончи, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарори ҳукумати Тоҷикистон, Барномаи давлатӣ ва санадҳои дигар дар соҳаи тарбияи ҳуқуқӣ қабул шудаанд.

5. *Тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти барои давлат ва ҷомеа муҳим буда, бо иштироки ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ сурат мегирад*. Дар он мақомоти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидора, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон ширкат меварзанд.

6. *Ҳадафи асосии тарбияи ҳуқуқӣ – ташаккулу баланд намудани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ аст*. Ин ҳадаф дар рафти фаъолияти мақомоту ташкилотҳои муайян мушаххас мегардад. Чунончи, муассисаҳои таҳсилоти касбии олии ҳуқуқшиносӣ тарбияи ҳуқуқии донишҷӯёни ҳуқуқшиносро баҳри омодагии касбии онҳо, ташаккули шуури ҳуқуқии касбии онҳо ба роҳ мемонанд. Муассисаҳои адои ҷазо тарбияи ҳуқуқии маҳкумшудагонро баҳри ислоҳи онҳо ба сомон мерасонанд. Ҳадафи асосии тарбияи ҳуқуқӣ дар робита бо ҳадафу вазифаҳои давлати ҳуқуқбунёд, аз ҷумла баҳри воқеӣ намудани арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд амалӣ мешавад.

7. *Тарбияи ҳуқуқӣ намуди тарбияи иҷтимоӣ* буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва диг. сурат мегирад. Намудҳои тарбияи инсон бо ҳам алоқаи зич дошта, якҷоя дар тарбияи инсони комил истифода мешаванд. Ташаккули инсони комил истифодаи якҷояи ҳама намудҳои тарбияро талаб мекунад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти арзишҳои ахлоқӣ, дар рафти фаъолияти меҳнатӣ, бо дарназардошти тафаккури сиёсӣ ва ғ. ба сомон мерасад. Тарбияи ҳуқуқӣ махсусан бо тарбияи ахлоқӣ робитаи зич дорад, чунки ҳуқуқ ва ахлоқ бо ҳам алоқаи зич доранд, ҳуқуқ арзишҳои ахлоқиро инъикос мекунад, одоб сифати зарури кормандони ҳифзи ҳуқуқ маҳсуб мешавад. Барои ҳамин дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фанни «Этикаи касбии ҳуқуқшинос» омӯхта мешавад, фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, судяҳоро кодексҳои одоб танзим мекунанд.

**АДАБИЁТ**


1. Теория государства и права / Под ред. Баранов П.П. – М.1976. – С. 488.
2. Теория государства и права / Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. С. 553.
3. Теория государства и права / Под ред. В.Д. Перевалова. С. 218.
4. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Д.2018. – С.720.
5. Ҳамон ҷо. С. 485-486.
6. Чечина Н.А. Воспитательная функция советского гражданского процессуального права. Л., 1972. – С.425.
7. Кудрявцев В.Н. Право и поведение. М., 1978; Личность и уважение к закону. Социологический аспект. М., 1979.-С.316.
8. Теория государства и права / Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. – С. 553-554.
9. Проблемы общей терии права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. – С. 409-410.
10. Правовая информация. М., 1974. С. 8.
11. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Д. 2014. – С.256.


**МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ВАЗИФА ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ**


Тарбияи ҳуқуқӣ солҳои охир яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ - амалӣ ба ҳисоб меравад, зеро бидуни тарбияи ҳуқуқӣ риояи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар маҷмӯъ пешрафти ҷомеаву давлат ғайриимкон аст. Тарбияи ҳуқуқӣ яке аз самтҳои тарбияи идеологӣ буда, бо тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ ва байналмиллалию ватандустӣ алоқаи зич дорад. Тарбияи ҳуқуқӣ ин фаъолияти мақсаднокӣ ташкилиест, ки ба ташаккули, ақидаи ҳуқуқии демократӣ равона карда шудааст. Тарбияи ҳуқуқӣ, ба воситаи тартиботи ҳуқуқ фаъолияти амалӣ ҳуқуқии тарбияшаванда ба ҳаёт ва руҳияи он таъсир бахшидан мебошад. Мазмуни тарбияи ҳуқуқӣ аз мақсаду вазифаҳо ва манбаъҳои хоси он бар меояд. Мазмуни фаъолияти ҳуқуқӣ демократӣ - ин муносибати психологии одамон ба қонунҳо ва дар меъёрҳои муқарраргардидаи тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷамъият мебошад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар давлати ҳуқуқбунёд тарбияи ҳуқуқӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаю боҳам пайвастани одамон майдони васеъ мекушояд ва барои зоҳир шудани қобилиятҳои онҳо, конеъ гардондани талаботи оқилонаи ҳар шаҳрванд тамоми имкониятҳои моддӣ ва маънавиро муҳайё мекунад.



**Калидвожаҳо:** тарбияи ҳуқуқӣ, мафҳуми тарбияи ҳуқуқӣ, мазмун, вазифаҳо, хусусиятҳо


**КОНЦЕПЦИЯ, ПРИРОДА, ФУНКЦИИ И ОСОБЕННОСТИ ПРАВОВОГО ОБРАЗОВАНИЯ**


В последние годы юридическое образование является одним из важнейших научных и практических вопросов, поскольку без юридического образования невозможно следить за законами, постановлениями и развитием общества и государства в целом. Юридическое воспитание является одним из направлений идеологического воспитания и тесно связано с нравственным, трудовым, интернациональным и патриотическим воспитанием. Юридическое образование - это целенаправленная организационная деятельность, направленная на формирование демократического правового мнения. Юридическое образование, основанное на верховенстве закона, - это практическая деятельность образованного студента, направленная на то, чтобы повлиять на его жизнь и дух. Содержание юридического образования исходит из его конкретных целей, задач и источников. Содержание демократической правовой деятельности – психологическое отношение людей к закону и установленным нормам правопорядка в обществе. Таким образом, можно сказать, что в правовом государстве правовое образование открывает широкое поле для полноценного развития и интеграции людей и предоставляет

все материальные и духовные возможности для проявления их способностей, удовлетворения рациональных потребностей каждого гражданина.

**Ключевые слова:** юридическое образование, концепция юридического образования, содержание, задачи, особенности.

**CONCEPT, NATURE, FUNCTIONS AND FEATURES OF LEGAL EDUCATION**

In recent years, legal education is one of the most important scientific and practical issues, since without legal education it is impossible to follow the laws, regulations and development of society and the state as a whole. Legal education is one of the directions of ideological education and is closely connected with moral, labor, international and patriotic education. Legal education is a purposeful organizational activity aimed at forming a democratic legal opinion. a law education based on the rule of law is the practical activity of an educated student aimed at influencing their life and spirit. the content of legal education is based on its specific goals, objectives and sources. the content of democratic legal activity is the psychological attitude of people to the law and the established norms of law and order in society. Thus, we can say that in a legal state, legal education opens up a wide field for the full development and integration of people and provides all the material and spiritual opportunities for the manifestation of their abilities, meeting the rational needs of each citizen.

**Keywords:** legal education, concept of legal education, content, tasks, features

**Сведения об авторе:** ***Шарифзода Сади Шариф*** – доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета ТНУ, Тел.: **919-99-59-09.** Email: **sadi_m_90@mail.**ru
***Кодиров Умеджон*** **–** магистр кафедры теории и истории государства и права юридичекого факултета Таджикского национального университета. Тел: **556 05 75 75**

**Information about the author:** ***Sharifzoda Sadi Sharif*** – Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law of the Faculty of Law of TNU, Tel.: **919-99-59-09.** Email: **sadi_m_90@mail.ru**
***Kodirov Umejon*** - Master of the Department of Theory and History of State and Law of the Faculty of Law of the Tajik National University. Tel: **556 05 75 75**

# ТАМОЮЛҲОИ АСОСИИ ПЕШРАФТИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОРА

***Ашуров И. А.***
**Донишгохи миллии Тоҷикистон**

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона санади меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби мақомоти олии қонунгузорӣ қабул гардида, муайян кунандаи кадом кирдорҳои барои шахсият, ҷамъият ё давлат хавфнок ҷиноят эътироф мегарданд ва намудҳои ҷазою оқибатҳои дигари ҳуқуқи ҷинои будани онро муайян менамояд. Кодекси мазкур 21-уми майи соли 1998 қабул шуда, аз 1-уми сентябри ҳамон сол мавриди амал қарор гирифт [5].

Қонунгузории ҷиноятӣ 4 вазифаи зеринро иҷро мекунад:

- ҳифзи объектҳои бештар муҳим аз таҷовузи ҷинояткорона, ки номгуи онҳо дар қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд;
- таъмини сулҳ ва амнияти башарият;
- тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи риояи Конституцсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ;
- пешгирии содиршавии ҷинояткорӣ аз ҷониби маҳкумшудагон (пешгирии махсус) ва аз ҷониби шахсоне, ки майл ба содиркунии ҷиноят (пешгирии умумӣ) доранд.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 аз 2 қисм иборат аст: умумӣ ва махсус.

Дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибаҳои муҳими ҷамъиятӣ бо қонунгузории мазкур ҳифзшаванда бо ифодаи онҳо дар фаслу бобҳо, муқаррар гардидаанд. Яке аз ҷиноятҳои қисми махсуси кодекси мазкур ин гирифтани пора ба ҳисоб меравад, ки ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта шомил мешавад.

Коррупсия зуҳуроте номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад. Ин зуҳурот решаҳои хеле қадимӣ дошта, мутаассифона, имрӯз мисли экстремизм ва терроризм ба проблемаи глобалӣ табдил ёфтааст.

Ҳанӯз дар аҳди бостон калимаи «коррупсия» ба истилоҳи фасод, вайронкунанда, зараррасонанда ва фурӯхтани мансаб маънидод карда шуда,

ҳамчун рафтори истифода намудани имкониятҳои мансаб ба манфиатҳои шахсӣ фаҳмида мешуд ва афроди ба чунин амал дастзада дар ҳамаи давру замонҳо аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум мегардиданд.

Бо шарофати ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи ин заминаҳо дар кишвари мо фароҳам оварда шуда, иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимият ва ҷомеаа шаҳрвандӣ дар мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб таъмин карда шудааст. Аз ҷумла дар ин самт қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи замон ҷавобгуй қабул шуда, ниҳоди махсусгардонидашудаи давлатӣ-Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва ниҳоди умумимиллӣ – Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсия таъсис дода шудаанд [3].

Мафҳуми коррупсия, ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва таснифи онҳо дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини нашудаанд.

Мафҳумҳои коррупсия ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсиноидошта дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия” оварда шудааст, ки тибқи моддаи 1 он *коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ба хисоб меравад. Мувофики моддаи 14 Конуни мазкур* чиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, кирдорҳои дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидае ҳисоб мешаванд, ки аз тарафи шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ба онҳо баробар кардашудабо*ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ*ва бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шудаанд ё ба ғайриқонунӣ пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, бартарият ва *имтиёзҳои дигар* ба онҳо вобастаанд [1].

Феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва тартиби баҳисобгирии омории онҳо бо дастурамале, ки аз тарафи мақомоти ҳамоҳангсоз таҳия ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар карда мешавад.

Тибқи банди 11 Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006, таҳти № 414 тасдиқ шудааст, гирифтани пора, ки дар модда 319 Кодекси ҷиноятии дарҷ гардидааст хамчун ҷинояти хусусияти коррупсионидошта баҳисоб меравад [4].

Мувофиқи мафҳуме, ки дар фарҳанги энсиклопедияи Шӯравӣ оварда шудааст “ Гирифтани пора – ин аз ҷониби шахси мансабдор бо ҳамаи роҳ ва дар ҳама шакл ба даст овардан арзишҳои модди ё ин ки неъматҳои моддӣ мебошад, ки ба манфиати порадеҳ барои содир намудан (ё содир накардани) амале, ки ба салоҳияти шахси мансабдори мазкур дохил мешавад, фаҳмида мешавад [7].

Гирифтани пора хамчун ҷиноят дар моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини гардида, аз 4 қисм ва эзоҳ, ки он низ 4 қисмро ташкил медиҳад, иборат аст.

Маънои гирифтани пора дарқисми 1 моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода гардидааст, ки тибқи он аз ҷониби шахси мансабдор шахсан ё ба воситаи миёнрав гирифтани пора дар намуди пул, қогазҳои қимматноки дигар, молу мулк ё фоидаи дорои характери молумулки дошта, барои иҷро кардан ё накардани амали муайян ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ, чунин ҳаракат (беҳаракати) ба доираи ваколати хизматии шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ дохил бошанд ё онҳо вобаста ба қудрату мавқеи мансабиашон ба чунин ҳаракат (беҳаракати) мусоидат карда метавонанд, ҳамчун барои пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хизмат.

Бо ҷарима ба андозаи аз се ҳазору шашсаду панҷоҳ то нуҳҳазору яксаду бисту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озоди ба муҳлати панҷ сол бо маҳрум кардан аз ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

Хусусияти гирифтани пора дар он мебошад, ки порагир дорои ваколатҳои ҳокимияти тавонад манфиатҳои шахси мансабдорро намояндаги намояд. Аломати муҳими гирифтани пора предмети ҷиноят мебошад. Бинобар, ин тарафҳои ҷиноятӣ мазкур кӯшиш менамоянд, ки чунин усули пардохтро интихоб намоянд, ки исбот намудани онро мушкил мегардонад.

Гирифтани пора яке аз ҷиноятҳои хавфноктарини муқобили ҳокимияти давлати ва манфиатҳои хизмати давлатӣ ба ҳисоб рафта, обрӯву нуфузи давлатро коҳиш медиҳад. Дигар хусусияти хавфнокии гирифтани пора дар он аст, ки дорои латетнокии баланд мебошад, яъне ин ҷиноят нисбати содиршавиаш камтар дар мақомоти ҳифз ҳуқуқ ба қайд гирифта мешавад, зеро дар асл ҳам порадиҳанда ва ҳам порагиранда кӯшиш мекунанд, ки ин кирдор пинҳони содир шавад ва сирри миёни тарафҳо пинхон боқи монад. Аз ин ҷо бармеояд, ки тарафҳо барои ошкор гардидани кирдорҳои пинҳониашон ҳавасманд намебошанд.

Объекти гирифтани пора – муносибатҳоиҷамъиятии бо қонунгузории ҷинояти ҳифзшавандае, ки обрӯву нуфузи ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатиро таъмин менамояд, ташкил медиҳад.

Ба сифати предмети гирифтани пора – пул (мисол, асъори миллӣ – сомонӣ (дирам) асъори хориҷӣ – рубли Россия, доллари ИМА, евраи Аврупо ва ғайра), қоғазҳои қимматнок (мисол, чек, аксия, вексел ва ғайра), дигар молу мулк (мисол, зару зевар, аудио ва видеоапаратураҳо, компютер, чиҳози хона, автомашинаҳо ва ғайра) ё фоидаи дорои хусусияти молу мулки дошта (таъмири замонавии ҳуҷра, сохтмони хона, бо нархи арзон харидории маҳсули пешинҳодгардида, паст кардани пардохти иҷора ва ғайра) баромад мекунад. Предмети додани пора (моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва гирифтани пора ягона аст.

Субъекти ҷинояти гирифтани пора махсус эътироф мешавад: шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё ташкилоти байналмилалӣ.

Таҳти мафҳуми шахси мансабдори давлати хориҷӣ дар моддаи 319-321 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси дар мақомоти қонунгузор, иҷроия ё судии давлати хориҷа ягон мансабро ишғолнамуд (интихобгардида ё таъингардида) ва дигар шахсе, ки барои ин мақомоти давлати хориҷӣ ягон фуксияи давлатиро иҷро менамояд, фаҳмида мешавад.

Таҳти мафҳуми шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ хизматчии ташкилоти байналмилалӣ ё дигар шахсе, ки ваколатдор аст аз номи ин ташкилот фаъолият намояд, фаҳмида мешавад.

Агар шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷи ё шахси ташкилоти байналмилалӣ, пораро ба воситаи миёнрав гирад, ҳаракатҳои миёнрав хамчун шарики дар гирифтани пора вобаста ба нақши ӯ дар содир кардани ҷиноят, банду баст карда мешавад. Дар ин ҷо, ба ҳайси миёнрав хамчун субъекти ҷиноят – дилхоҳ шахси воқеии мукаллафе, ки ба синни 16 расидааст, баромад карда метавонад.

Агар пора аз ҷониби шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хоиҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ барои ҳаракат (беҳаракатии) ғайриқонуни гирифта шавад, мутобиқи қисми 2 моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгари ҷинояти кашида шуда, хамчун ҷинояти вазнинкунанда бо ҷарима ба андозаи аз панҷҳазору чорсаду ҳафтоду панҷ то дувоздаҳҳазору ҳафсаду хафтоду панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озоди ба муҳлати аз се то ҳафт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол вазо дода мешавад.

Гирифтани пора аз ҷониби шахсе содир шуда бошад, ки вазифаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё сардори мақомоти худидораи маҳаллиро ишғол мекарда бошад, ҷавобгари тибқи қисми 3 моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд. Ҷазо барои он бо маҳрум сохтан аз озоди ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ба маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян аз се то панҷ сол.

Дар қисми 4 – уми моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгари хамчун ҳолати вазнинкунанда пешбини мекунанд, ки тибқи он:

а. такроран.

б. аз ҷониби гуруҳи муташаккил.

в. бо тамаъҷуии пора.

г. ба миқдори калон.

- бо маҳрум кардан аз озоди ба муҳлати аз ҳафт то дувоздаҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати панҷ сол ҷазо дода мешавад [2].

Гирифтани пора дар замони имрӯз яке аз ҷиноятҳои маъмултарини хусусияти коррупсионидошта ба шумор меравад, ки ҳамаи соҳаҳои иҷтимоиро дар бар гирифтаастства ба ҳамаи фаъолияти муқаррарии сохтори ҳокимияти давлатӣ таъсир мерасонад, инчунини дар дигаргуншавии ақидаи ҷамъияти мусоидат менамояд. Ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти гирифтани пора дар он аст, ки ҷинояти мазкур ва манфиатҳои конституцсионии шаҳрвандонро поймол мекунад, асосҳои демократиро аз байн мебарад, обрӯи мақомотҳои давлатиро кост мегардонад.

Сабабҳои гирифтани пора ҳамчун ҷинояти хусусияти коррупсионидошта ба омилҳои гуногун вобаста аст. Дар байни мутахассисон ва аҳолӣ чунин ақидае вуҷуд дорад, ки решаи гирифтани пора ва умуман коррупсия аз камбизоати ва сатҳи пасти иқтисодиёт маншаъ мегирад. Ин ақида то ҷое ҳам дурурст аст. Лекини, камбизоатӣ ва иқтисодиёти паст агар як сабаби рушди ҷиноятҳои коррупсионӣ бошад, пас дигар сабабҳо низ вуҷуд доранд. Гирифтани пора натанҳо дар давлатҳои камбизоат ва сатҳи пасти иқтисодиёт дошта хос набуда, дар давлатҳои абарқудрат низ вуҷуд дорад. Масалан, дар Амрико ҳар гуруҳи муташаккили ҷиноятқоре, агар ошкор шавад, ҳадди ақал як аъзои он шахси мансабдор мебошад [6].

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои боло ба чунин хулосе омадан мумкин аст, ки гирифтани пора ва дигар ҷиноятҳои хусусияти коррупсиони дошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба якчанд омилҳо вобаста аст:

Якум, иқтисодёт, новобаста аз чорачуии Ҳукумати кишвар вобаст ба кам намудани сатҳи камбизоати тақрибан 65 – 70% дар ҳолати камбизота қарор доранд. Маоши миёнаи кормандон 450 – 500 сомони зиёд нест, дар ҳолате, ки саҳми маҷмуи маҳсулоти дохили ба ҳар як сокини ҷумҳури 1200 – 1500 сомониро ташкил медиҳад.

Дуюм, сиёсӣ, яъне сиёсати нодурусти кадрӣ, ба сари ҳокимият омадани шахсоне, ки онҳо набояд аз руи хислатҳои кори ва шахсиашон ин мансабҳоро соҳиб шаванд сабаби мегардад.

Саввум, сатҳи паст будани шуур ва маданияти ҳуқуқи мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ва омилҳои баёншуда чунин пешниҳод карда мешавад, ки :

- ҳавасмандгардонӣ аз ҷиҳати моддӣ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар хизматчиёни давлатӣ;

- баланд бардоштани музди меҳнати онҳо;

- баланд бардоштан сатҳи шуури ҳуқуқии мардум тавассути чораҳои прафилактикӣ;

- пурзӯр намудани назорат дар ин самт.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи мубориза бар зидди корупсия” ш. Душанбе аз 24.07.2005 №100.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон , ш.Душанбе, 1998
3. Суханронии Асосгузору сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Рахмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 10.01.2017 , шаҳри Душанбе.
4. Сиёсатӣ зиддикоррупсионӣ/ Зери таҳрири Раҳимзада Р.Ҳ. Душанбе, 2016
5. Сатторов Г.С., Шарипов Т.Ш. Общая часть уголовного право. Учебное пособие (альбом-схем). – Душанбе – 1999.
6. Мауленов Г.С Теоритическое проблемы предупреждения оганизованной преступной и коррупсия в Республике Казакистан. Астана. – С 20
7. Фарҳанги энсиклопедии Шӯравӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1983. – С. 217

**ТАМОЮЛҲОИ АСОСИИ ПЕШРАФТИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИБ БА ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОРА**

Дар мақолаи мазкур тамоюлҳои асосии пешрафти қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои гирифтани пора таҳлил карда шуда, дар он мафҳумҳои коррупсия, ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, гирифтани пора ва ҷавобгарӣ барои онҳо дарҷ гардидааст. Муаллиф гирифтани пораро ҳамчун ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта мавриди омӯзиш қарор дода, татбиқи онро дар санадҳои меъёри ҳуқуқи таҳлил намуда, омилҳои зуҳурёбии гирифтани пораро муайян намуда, баҳри пешгирии он пешниҳодҳо кардааст. Коррупсия зуҳуроте номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад. Ин зуҳурот решаҳои хеле қадимӣ дошта, мутаассифона, имрӯз мисли экстремизм ва терроризм ба проблемаи глобалӣ табдил ёфтааст.

**Калидвожаҳо:** ҷиноят; коррупсия; гирифтани пора; предмети пора; субъект; объект; ҷазо.

**ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАНА ОБ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ПОЛУЧЕНИЕ ВЗЯТКИ.**

В настоящей статье исследуются основные тенденции развития уголовного законодательство Республике Таджикистана об ответственности за получение взятки, включается понятие коррупция, преступления коррупционного характера, получения взятки и ответственность за него. Автор изучая получение взятки как преступления коррупционного характера, исследуя применение его в нормативных правовых актах, определяя факторы появление получение взятки, выдвинул некоторые предложение для его предотвращение. Коррупция – это нежелательное явление, которое подрывает доверие общества к государству, подрывает его репутацию, создает условия для развития теневой экономики и нецелевого использования государственных средств и, в целом, ведет к нарушениям прав человека и ослабляет моральные основы общества. Это явление имеет очень древние корни и, к сожалению, сегодня, как экстремизм и терроризм, стало глобальной проблемой.

**Ключевые слова:** преступление; коррупция; получение взятки; предмет взятки; субъект; объект; наказание.

**MAIN TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF CRIMINAL LEGISLATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON RESPONSIBILITY FOR ACCEPTING A BRIBE**

This article examines the main trends in the development of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan on responsibility for taking a bribe, includes the concept of corruption, corruption crimes, taking a bribe and responsibility for it. The author, studyies bribe taking as a corruption crime, examines its application in regulatory legal acts, determining the factors of the appearance of bribe taking, puts forward some proposals for its prevention. Corruption is an undesirable phenomenon that undermines public confidence in the state, undermines its reputation, creates conditions for the development of the shadow economy and the misuse of public funds, and, in general, leads to violations of human rights and weakens the moral foundations of society. This phenomenon has very ancient roots and, unfortunately, today, like extremism and terrorism, has become a global problem.

**Keywords:** crime; corruption; receiving a bribe; subject of the bribe; subject; object; punishment.

**Сведения об авторе***: **Ашуров Исфандиёр Ашурович*** - Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. Тел: **005 77 23 24**.

**Information about the author:** ***Ашуров Исфандиёр Ашурович*** – Tajik National University, graduate student of Law Faculty. **Tel: 005 77 23 24**.

# БИОЛОГИЯ – БИОЛОГИЯ – BIOLOGY

## ПЕРСПЕКТИВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА И ПРОДОВОЛЬСТВЕННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Абдуллаев Ф.Ф.***
**Худжандский государственный университет им. акад. Б. Гафурова**

Развитие мира, происходящее с всё более быстрым темпом, налагает на человечество ответственность за его настоящее и будущее, в связи с чем Генеральной Ассамблеей ООН была принята резолюция «Преобразование нашего мира: Повестка дня в области устойчивого развития на период до 2030 года», в которой были объявлены «Цели в области устойчивого развития» (ЦУР) [12]. В соответствие с ЦУР Правительством Республики Таджикистан была утверждена Национальная Стратегия Развития на период до 2030 года [8, с. 9-15]. В настоящее время реализуется программа «Международное десятилетие действий «Вода – для устойчивого развития», 2018-2028», инициирующая конференция по которой была проведена в Душанбе [6, с. 7].

Всё возрастающее население мира и изменение климата делают актуальным проблему продовольственной безопасности. А последние изменения в мировой экономике, связанные с пандемией коронавирусной инфекции, наглядно показали и показывают, как продовольственная безопасность каждой страны является гарантом здоровья его жителей [17].

Особенно этот вопрос стоит остро для Республики Таджикистан, как аграрно-индустриальной страны с преобладающим горным рельефом (93%), население которой растёт (на 25% за 2005-2017, на 2,5% в год – 2019), а изменение климата ощущается как никогда прежде [5, с. 9, 15, 19, 14]. Продовольственная безопасность на сегодняшний день становится одним из важных атрибутов независимости государства [2].

Впервые понятие «продовольственная безопасность» получило политическую значимость и закрепилось в научном обороте на Всемирной продовольственной конференции в Риме, проведенной в 1974 г. Продовольственной и сельскохозяйственной организацией ООН [4].

По наиболее часто используемому в мире определению, обеспечение продовольственной безопасности достигается путем обеспечения физического и экономического доступа к безопасному и достаточному продовольствию [1, с. 56].

Рост числа заболеваний, связанных с пищевыми отравлениями, делает актуальным проблему безопасности продуктов питания. Некачественное продовольствие, вызывающее заболевания, могут привести к негативным последствиям для страны, на её внутреннюю и внешнюю торговлю, а также на доходы и занятость отдельных категорий населения. Так, наглядной была ситуация в начале этого года с крупнейшим государством-экспортером мира – Китаем, когда на ее территории вспыхнула тогда ещё эпидемия коронавирусной инфекции [3].

В соответствии с Национальной стратегией развития Республики Таджикистан на период до 2030 года обеспечение продовольственной безопасности страны является одной из ключевых целей на ближайшее десятилетие, для реализации которой требуются системный, многосекторальный подход, детальный мониторинг и статистический анализ данных, инновационные технологии и новаторские решения.

Так как продовольственная безопасность подразумевает сбалансированное соотношение импортных и отечественных продуктов питания, следует активно поддерживать отечественных производителей продуктов питания и другого пищевого сырья, обеспечив тем самым здоровую конкуренцию.

Республика Таджикистан – аграрно-индустриальная страна с большими перспективами развития горнодобывающей, энергетической, аграрной и туристической отраслей экономики. Сельское хозяйство, способствует обеспечению продовольственной безопасности; это и аграрный сектор экономики, составляющий 19,8% ВВП страны, в котором занято 60,8% трудоспособного населения и на который приходится 2/3 действующих производственных предприятий страны [13].

Вместе с тем развитие сельского хозяйства тормозит ряд проблем, как регионального, так и глобального характера. К таковым можно отнести:

• сложности в освоении предгорных и горных богарных земель, связанные как с климатическими особенностями местности (короткие весна, лето и осень, как следствие

короткий период вегетации у растений-эндемиков, холодная талая вода, промерзание почвы, быстрая смена погодных условий, сильные ветры и пр.), так и с медленным развитием коммуникационно-транспортной инфраструктуры, что ограничивает рост населения в горных регионах страны;

• дефицит воды в оросительных каналах равнинных местностей, находящихся вдали от крупных рек и водохранилищ, построенных в советский период, когда их водоснабжение регулировалось централизованно на территории всех среднеазиатских советских республик;

• глобальные изменения климата, последствия которых в особенности наблюдаемы на территории Республики Таджикистан, в виде ощутимого понижения влажности воздуха, повышения среднегодовой температуры, тёплых зим, и, как следствие, приводящие к центральным для региона проблемам – активному таянию ледников, опустыниванию земель и деградации почв [16, с. 46].

Сельское хозяйство Республики Таджикистан была развита и индустриализована в период существования СССР за счёт создания сети оросительных каналов на территории всей Центральной Азии, обеспечивавших относительно бесперебойное орошение пахотных земель, которое в итоге привело к истощению Аральского моря [9]. Сегодня же обеспечение орошения всей площади каналов невозможно из-за нерациональности и несогласованности водопользования государств региона [11].

Сельское хозяйство Республики Таджикистан является важнейшей отраслью материального производства. Одним из способов повышения показателей сельского хозяйства и фермерства является государственная поддержка аграрного сектора, научно-исследовательских институтов и высших учебных заведений, исследующих эту тематику. А также внедрение аграрным сектором (государственные и частные сельхозпредприятия, государственные и дехканские хозяйства), НИИ и ВУЗами современных агротехнических приёмов, мероприятий и технологий.

Так, для сельского хозяйства, в частности растениеводства, актуальным является [10]:

• развитие аграрной науки, исследования по модернизации сельского хозяйства, усовершенствованию его механизмов и структуры, его адаптации к изменениям климата;

• создание в научно-исследовательских институтах новых сортов, гибридных форм, подвоев основных сельскохозяйственных культур, которые обладали бы как высокими урожайностью и качеством урожая, так и адаптивностью к абиогенным условиям и устойчивостью к заболеваниям и вредителям;

• обеспечение качественными семенами сельскохозяйственных культур;

• обеспечение высококачественным посадочным материалом;

• создание и расширение площадей высокоинтенсивных садов;

• рациональное использование орошаемых и богарных земель;

• внедрение технологии капельного орошения, и её расширенное использование в регионах с дефицитом воды или её ограниченным доступом;

• внедрение гидропонной, а также аэропонной технологий, и их расширенное использование на территориях с малой площадью, в регионах со скалистой местностью или с неплодородными землями и деградированными почвами.

Для обеспечения продовольственной безопасности следует модернизировать сельское хозяйство, согласовав водопользование со странами-соседями, на территории которых расположились крупные речные бассейны Центральной Азии, а также учитывать опыт развитых стран и тенденции мирового сельского хозяйства, наблюдаемые в настоящее время, исследуя экологические и климатические показатели, непрерывно изменяющиеся с ускоряющимся темпом [8, с. 13].

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Бурмистров В. Н., Холопов К. В. Внешняя торговля Российской Федерации : Учеб. пособие / Под ред. В.Н. Бурмистрова. - М. : Юрист, 2001. - 382 с. [Электронный ресурс] URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01000701513 (дата обращения: 22.03.2020)
2. Закон Республики таджикистан. О продовольственной безопасности. // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2010 год, №12, ч-1, ст. 830. [Электронный ресурс] URL: https://tpp.tj/business-guide2017/pdf/zakonodatelstvo (дата обращения: 25.03.2020)
3. Калмыков А. Коронавирус обрушил экономику Китая. На очереди - остальной мир. Электронная статья Русской службы BBC News – 17 апреля 2020. [Электронный ресурс] URL: https://www.bbc.com/russian/news-52319211 (дата обращения: 18.04.2020)

4. Комитет по всемирной продовольственной безопасности. Термины и терминология. [Электронный ресурс] URL: http://www.fao.org/3/MD776R/MD776R.pdf (дата обращения: 24.03.2020)
5. Комитет по охране окружающей среды при Правительстве Республики Таджикистан. Таджикистан: Окружающая среда. Экологический доклад. 2008. Х. Ибодзода, О. Шарипова, Т. Назаров и др. [Электронный ресурс] URL: https://zoinet.org/wp-content/uploads/2018/01/Tajikistan-env-report5jun2018-ru.pdf (дата обращения: 11.04.2020)
6. Международная конференция высокого уровня по Международному десятилетию действий «Вода для устойчивого развития» 2018-2028 гг., организованная Правительством Республики Таджикистан совместно с Организацией Объединенных Наций. [Электронный ресурс] URL: https://unrcca.unmissions.org/ru. (дата обращения: 20.03.2020)
7. «Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития», 2018–2028 годы» – Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей. [Электронный ресурс] URL: https://undocs.org/ru/A/RES/71/222. (дата обращения: 20.03.2020)
8. Национальная стратегия развития на период до 2030 года, утвержденная Правительством Республики Таджикистан. [Электронный ресурс] URL: http://ef-ca.tj/publications/02.2_rus(FILEminimizer).pdf (дата обращения: 18.03.2020)
9. Новикова Н. М. Эколого-географический аспект Аральского кризиса. Часть 1. Развитие Аральской проблемы, ее изучение, оценка и разработка мероприятий // Экосистемы: экология и динамика. 2019. №1. [Электронный ресурс] URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ekologo-geograficheskiy-aspekt-aralskogo-krizisa-chast-1-razvitie-aralskoy-problemy-ee-izuchenie-otsenka-i-razrabotka-meropriyatiy (дата обращения: 03.05.2020).
10. Партоев К. Проблемы сельского хозяйства в Таджикистане: нехватка качественных семян и высокие кредиты – Интервью Курбонали Партоева, доктора сельскохозяйственных наук для CABAR.asia. [Электронный ресурс] URL: https://cabar.asia/ru/problemy-selskogo-hozyajstva-v-tadzhikistane-nehvatka-kachestvennyh-semyan-i-vysokie-kredity (дата обращения: 29.03.2020)
11. Пол Б., Абдуллаев И. и др. Переосмысление водной проблематики в центральноазиатском контексте: ущерб от бездействия и преимущества водного сотрудничества. [Электронный ресурс] URL: https://carececo.org/main/ckh/publications/pereosmyslenie-vodnoy-problematiki-v-tsentralnoaziatskom-kontekste-ushcherb-ot-bezdeystviya-i-preimu (дата обращения: 03.05.2020)
12. «Преобразование нашего мира: Повестка дня в области устойчивого развития на период до 2030 года» – Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей. [Электронный ресурс] URL: http://unctad.org/meetings/en/SessionalDocuments/ares70d1_ru.pdf (дата обращения: 16.03. 2020)
13. Статистический ежегодник за 2019 Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан.
14. Статистический сборник «Численность населения Республики Таджикистан на 1 января 2020 года» Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан
15. Устойчивое развитие: концепция, принципы, цели. [Электронный ресурс] URL: http://csrjournal.com/ustojchivoe-razvitie-koncepciya-principy-celi (дата обращения: 16.03.2020)
16. ФАО. 2016. Положение дел в области продовольствия и сельского хозяйства. Изменение климата, сельское хозяйство и продовольственная безопасность. Рим. [Электронный ресурс] URL: http://www.fao.org/publications/sofa/2016/ru/ (дата обращения: 17.03.2020)

## ПЕРСПЕКТИВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА И ПРОДОВОЛЬСТВЕННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Продовольственная безопасность важный атрибут независимости государства. Изменение климата и распространившаяся по всему миру коронавирусная инфекция по-новому показывают сложности в обеспечении продовольственной безопасности, раскрывая отдельные проблемы институционального характера. Обеспечению продовольственной безопасности страны способствует сельское хозяйство, которое в виду многих факторов имеет ограничения для активного роста и развития. Так остро стоят вопросы мелиорации и освоения горных и предгорных богарных земель. Водопользование становится всё более актуальной тематикой в связи с активным таянием ледников. Тем не менее сельское хозяйство является важной составляющей экономики (19,8% ВВП) Республики Таджикистан, как аграрно-индустриальной страны. В связи с чем следует активно поддержать аграрный сектор и развивать аграрную науку, внедряя в сельское хозяйство новые агротехнические решения, инновационные технологии и биотехнологии, адаптировав его к изменяющимся с быстрым темпом условиям окружающей среды и обеспечив устойчивую продовольственную безопасность страны.

**Ключевые слова:** продовольственная безопасность, сельское хозяйство, изменение климата, пандемия коронавирусной инфекции, инновации, биотехнологии, цели в области устойчивого развития.

## PERSPECTIVE DIRECTIONS OF AGRICULTURAL DEVELOPMENT AND FOOD SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Food security is an important attribute of state independence. Climate change and the worldwide spread of coronavirus infection show the challenges of food security in a new way, revealing institutional problems. Agriculture contributes to ensuring the country's food security, which, in view of many factors, has limitations for active growth and development. The issues of irrigation and development of mountain and foothill rainfed lands are acute. Water use is becoming an increasingly important topic due to the active melting of glaciers. Nevertheless, agriculture is an important component of the economy (19.8% of GDP) of the Republic of Tajikistan as an agrarian-industrial country. In this regard, it is necessary to actively support the agricultural sector and develop agricultural science by introducing new agricultural solutions, innovative technologies and biotechnologies into agriculture, adapting it to rapidly changing environmental conditions and ensuring sustainable food security of the country.

**Keywords:** food security, agriculture, climate change, coronavirus pandemic, innovation, biotechnology, sustainable development goals.

**Сведения об авторе: Абдуллаев Фируз Фирдавсович** – Худжандский государственный университет им. акад. Б. Гафурова, магистрант. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **sparda.soil@mail.ru**. Тел.: **(+992) 92-923-39-88**

**Information about the author: Abdullaev Firuz Firdavsovich** – Khujand State University named after acad. B. Gafurov, Master's student. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Ave. 1. E-mail: **sparda.soil@mail.ru**. Tel: **(+992) 92-923-39-88**

# МАТЕМАТИКА ВА ИНФОРМАТИКА – MATHEMATICS AND INFORMATION THEORY – МАТЕМАТИКА И ИНФОРМАТИКА

УДК 574,6:477.63/64

## ТАҲИЯИ БАРНОМА БАРОИ ОМӮЗГОРОНИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ

***Саидов И., Мақсудӣ А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Муҳтаво.** Ҷиҳати истифодаи самарабахш ва мақсаднок ба роҳ мондани омӯзиши технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ якчанд барномаҳои нав қабул шудааст.

Фанни технологияи информатсионӣ дар ҳолати рушд қарор дорад, чунки рӯз аз рӯз метод ва барномаҳои навтарине коркард шуда истодаанд, ки ба рушди зеҳнии дониши хонандагон таъсири мусбат мерасонанд[1].

**Амсилаи компютерӣ.** Амсилаи компютерӣ бо ёрии забони барномарезии объектгарои C# сохта шудааст. Барномаи сохташуда барои омӯзгорони мактабҳои миёна ва хонандагон бисёр имкониятҳои хуби омӯзиширо фароҳам меорад. Барнома имконияти васеи корӣ дошта, дар он барои имӯзгор ва хонанда маводҳои илмию методии зиёде ҷойгир карда шуда аст.

Дар ин барнома китобҳои электронӣ, барномаҳои дарсӣ, призентатсияҳо, матни лексияҳо ва намунаи саволҳои тестӣ оид ба мавзӯъҳои дарсӣ ҷамъоварӣ шудаанд. Барномаи таҳияшуда як роҳнамои хубе барои омӯзгорони мактабҳои миёна ба ҳисоб меравад.

Равзанаи асосии барнома чунин аст:

***Расми 1. Равзанаи асосии барнома.***
***Figure 1. The main program window.***

Барои вориди барнома шудан, пеш аз ҳама аз логин ва рамзи махсус истифода бурдан лозим аст. Мақсади истифодабарии логин ва рамз аз бехатарӣ ва амнияти иттилоотии барнома вобастагӣ дорад.

Ҳангоми таҳия намудани барнома барои сохтани логину рамз аз чунин намуди кодгузорӣ истифода намудем:

```
namespace WindowsFormsApplication1
{ public partial class Form1 : Form
{ public Form1()
{ InitializeComponent();
}
private void button1_Click(object sender, EventArgs e)
{
if (textBox1.Text == "1")
```

```
{
Form r = new Form2();
Form1.ActiveForm.Visible = false;
r.Show();
}
if (textBox1.Text != "010201")
{ label1.Visible = true;
label1.Text = "Рамз нодуруст дохил карда шуда аст!"; } }
```

Ҳангоми дуруст ворид намудани рамз равзанаи навбатии барнома пешниҳод мегардад, ки он намуди зеринро дорад.




***Расми 2. Равзанаи иттилоотӣ.***
***Figure 2. Information window.***

Равзана аз чор менюҳои асосӣ иборат аст:

1. Нақшаи тақвимӣ;
2. Китобҳои электронӣ;
3. Намунаи тестҳо;
4. Мавзуъҳои таълимӣ.

***Нақшаи тақвимӣ.*** Равзанаи нақшаи тақвимӣ дар ин барнома имконияти истифодабарии нақшаҳои тақвимиеро медиҳад, ки дар барнома ҷойгир шудаанд. Бо ёрии он синфи лозимиро интихоб намуда, аз он мавзӯъи дарсиро интихоб менамоем.

***Китобҳои электронӣ.*** Равзанаи китобҳои электронӣ дар барнома имконият медиҳад, ки истифодабаранда тавассути он китобҳои элетронии дарсиро дастрас намояд. Дар ин меню ҳамаи китобҳои дарсии фаннӣ барои ҳамаи фанҳо синф ба синф гӯруҳбандӣ карда шудаанд.

***Намунаи тестҳо.*** Равзанаи намунаи тестҳо имконият медиҳад, ки истифодабаранда тавассути он намунаи тестҳои фанниро дастрас намуда бо таври мусақилона дониши худро сайқал диҳад. Дар ин меню танҳо намунаи тестҳо аз фанни технологияи информатсионӣ барои ҳаммаи синфҳо ҷойгир карда шудаанд.

***Мавзуъҳои таълимӣ.*** Тавасути ин меню истифодабарандаи барнома имконият дорад, ки мавзӯъҳои дарсии фани таълимиро пай дар пай дастрас намуда мутолиа намояд.

**Коди барнома**

```
using System;
using System.Collections.Generic;
using System.ComponentModel;
using System.Data;
using System.Drawing;
using System.Linq;
using System.Text;
using System.Threading.Tasks;
using System.Windows.Forms;
namespace WindowsFormsApplication1{
public partial class Form2 : Form
{ public Form2()
```

```
{ InitializeComponent();}
private void Form2_Load(object sender, EventArgs e) private void webBrowser1_DocumentCompleted(object sender, WebBrowserDocumentCompletedEventArgs e) private void дарси9СистемаҳоиКомпютерӣСахтафзорВаНармафзорToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e) { webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\7\\Information\\9.PDF\\"); }
private void toolStripMenuItem2_Click(object sender, EventArgs e) //Чопи китобҳои электронии синфи 5 дар webBrowser1 private void адабиёт52008ToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e) {
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\5\\Адабиёт.pdf\\");
}private void toolStripMenuItem12_Click(object sender, EventArgs e)
private void ботаникаToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e) {
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\5\\Ботаника.pdf\\"); }
private void забониРусӣToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e)
{ webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\5\\З.руси.pdf\\");}
private void забониАToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\5\\З.англиси.pdf\\");}
private void toolStripMenuItem9_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\5\\З.точики.pdf\\");}
private void забониТоҷикӣToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\5\\З.точики.pdf\\");}
private void касбуҲунарбароиДухтарҳоToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){}
private void касбуҲунарбароиДухтаронToolStripMenuItem3_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\5\\Касбу хунард.pdf\\");}private void касбуҲунарбароиПисаронToolStripMenuItem2_Click(object sender, EventArgs e){webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\5\\Касбу хунарп.pdf\\");}
private void математикаToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\5\\Математика.pdf\\");}
private void санъатиТасвирӣToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e)
{
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\5\\Санъати тасвири.pdf\\");}
private void сурудToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\5\\Суруд.pdf\\");}
private void тарбияиҶисмонӣToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\5\\Т.ҷисмонӣ.pdf\\");}
//Чопи китобҳои электронии синфи 6 дар webBrowser1
private void адабиётToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\adabiyot.pdf\\");}
private void алифбоиНиёгонToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\alifboi_n.pdf\\");}
private void ботаникаToolStripMenuItem1_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\Ботаника 6.pdf\\");}
private void географияToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\География 6.pdf\\");}
private void забониРусӣToolStripMenuItem1_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\з.руси 6.pdf\\");}
private void забониНемисӣToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\З.немиси 6.pdf\\");}
private void забониФаронсавӣToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e)
{ webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\З.франсави 6.pdf\\");}
private void забониТоҷикӣToolStripMenuItem1_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\Забони точики 6.pdf\\");}
private void касбуҲунарбароиПисарҳоToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
}
```

```
private void математикаToolStripMenuItem1_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\Математика 6.pdf\\");}
private void сурудВаМусиқӣToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\Суруд ва мусики синфи 6.pdf\\");}
private void таърихиАсрҳоиМиёнаToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\Т.ҷисмонӣ.pdf\\");}
private void таърихиТоҷикToolStripMenuItem_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\Таърихи точик 6.pdf\\");}
private void toolStripMenuItem12_Click_1(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\касбу хунар 6 (барои писархо. (2004) ).pdf\\");}
private void toolStripMenuItem13_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\kasb_d.pdf\\");}
private void санъатиТасвирӣToolStripMenuItem2_Click(object sender, EventArgs e) {
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\sanati_t.pdf\\");
}
private void забониАнглисӣToolStripMenuItem2_Click(object sender, EventArgs e){
webBrowser1.Navigate(Application.StartupPath + "\\book\\6\\eng.pdf\\");} } }
```

**Хулоса.** Технологияи информатсионӣ рӯз аз рӯз рушд намуда истодааст. Барои фароҳам овардани шароити хуби омӯзиши ин фанни таълимӣ бояд аз технологияҳои чандрасонаӣ, тахтаҳои электронӣ ва барномаҳои ёрирасоне, ки барои таълими салоҳиятноки ин фани таълимӣ лозиманд истифода намоем.

Барномаи компютерии омодашуда, дар такмил додани дониши омӯзгорони фанни технологияи информатисионӣ ва хонандагони мактабҳои миёна нақши созгореро мебозад.

Амсилаи компютерии сохташуда метавонад дар оянда як барномаи хуби омӯзиши барои омӯзгорони фанни технологияи информатсионии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бошад. Чунки дар барномаи сохташуда маҷмӯи зиёди маводҳои лексионӣ, китобҳои электронии дарсӣ ва саволномаҳои тестӣ гирд оварда шудаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Комилов Ф.С. Талаботи меъёрӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ нисбат ба дараҷаи азхудкунии фанни информатика дар машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ / Ф.С. Комилов, И.М. Саидов, З.Ф. Раҳмонзода // Ахбори шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ. №2. Душанбе, 2016. -С.95-101.
2. Саидов И.М. Нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ / Саидов И.М. // Паёми пажуишгоҳи рушди маориф. №1,(29). ISSN 2617-5620., Душанбе, 2020. -С. 161-166.
3. Асосҳои амсиласозии риёзӣ. Китоби дарсӣ, Душанбе, 2020.-152с
4. Комилов Ф.С. Информатика ва технологияи иттилоотӣ. – Душанбе, 2016. – 480с.
5. Олимов, И.И. Проблемаҳои ташаккул ва тайёрии донишҷӯён ба сафоднокии компютерӣ: Автореф… дис. кан. пед. наук / И.И. Олимов. – Душанбе, 2004. – 31 с.
6. Раҳимов, Х. Педагогика (китоби дарсӣ донишҷӯён мактабҳои олии педагогӣ) / Х. Рахимов, А. Нуров. – Душанбе: Ҳумо, 2007. – 447 с.
7. Раҳмон, Э. Масъулият барои ояндаи миллат. Паёми Маҷлиси Олии Тоҷикистон / Э. Раҳмон. - «Азиа Плюс», 2012.
8. Раҳмон, Э. Паёми президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ. - «сомонаи президенти ҶТ», 2019.
9. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Душанбе, 2015.
10. Стратегияи миллии рушди таҳсилот барои солҳои 2006-2015. – Душанбе, 2005. – 32 с.


**ТАҲИЯИ БАРНОМА БАРОИ ОМӮЗГОРОНИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ**


Масъалаи истифодаи самараноки технологияи иттилоотӣ ва амсилаҳои компютерӣ ҳамчун омили рушди зеҳнии дониши хонандагон дар якчанд таҳқиқотҳои илмӣ дарҷ гардидааст. Ҳадафи асосии мақолаи мазкур аз таҳияи амсилаи компютерӣ барои самаранок ба роҳ мондани таълими фанни технологияи информатсионӣ дар мактабҳои миёна иборат аст. Ҳар як барномасоз вобаста аз мафкура ва талаботи ҷомеа метавонад, барномаҳои мураккаб ва хело зарӯриро созад. Амсилаи компютерие, ки рӯйи кор омадааст метавонад барои рушди дониши ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагони фанни технологияи информатсионӣ нақши созгореро бозад. Амсилаи компютерии сохташуда метавонад дар оянда як барномаи хуби омӯзиши барои омӯзгорони фанни технологияи информатсионии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бошад. Чунки дар барномаи сохташуда маҷмӯи зиёди маводҳои лексионӣ, китобҳои электронии дарсӣ ва саволномаҳои тестӣ гирд оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** амсила, барнома, компютер, омӯзгор, равзанаи корӣ, иттилоот, тест, роҳнамо, таҳсилот.

**РАЗРАБОТКА ПРОГРАМЫ ДЛЯ УЧИТЕЛЕЙ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ**

Вопрос об эффективном использовании информационных технологий и компьютерных моделей как фактора интеллектуального развития студентов обозначен в нескольких научных исследованиях. Основная цель данной статьи - разработать компьютерную модель для эффективного обучения информационным технологиям в средней школе. Любой программист, в зависимости от идеологии и потребностей общества, может создавать сложные и столь необходимые программы. Разработанная компьютерная модель может сыграть важную роль в развитии знаний как учителей, так и студентов в области информационных технологий. Встроенная компьютерная модель может стать хорошей программой обучения учителей информационных технологий в средних школах в будущем. Потому что разработанная программа содержит большой набор лекционных материалов, электронных учебников и тестовых анкет.

**Ключевые слова:** модель, программа, компьютер, учитель, рабочее окно, информация, тест, руководство, обучение.

**DEVELOPMENT OF A PROGRAM FOR TEACHERS OF INFORMATION TECHNOLOGY**

The issue of the effective use of information technologies and computer models as a factor in the intellectual development of students has been identified in several scientific studies.Key words: model, automation, computer, information, information systems, schedule, equipment, store, object, cash register, client, application, service. The main goal of this article is to develop a computer model for effective teaching of information technology in high school. Any programmer, depending on the ideology and needs of society, can create complex and much-needed programs. The developed computer model can play an important role in the development of knowledge of both teachers and students in the field of information technology. The embedded computer model could be a good curriculum for teaching information technology teachers in high schools in the future. Because the developed program contains a large set of lecture materials, electronic textbooks and test questionnaires.

**Key words:** model, program, computer, teacher, working window, information, test, guidance, training.

**Сведения об авторах:** ***Саидов Исроил Маҳмадович*** **–** к.т.н., доцент кафедры информатики ДМТ. 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17,ТГНУ, Тел:**904 48 55 55**, **E-mail:** isroil-84@list.ru.
***Максуди Абдул Халил*** **–**магистр кафедры информатики ДМТ. 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17,ТГНУ, Тел.: 937 44 41 74 76, E-mail: khalimaqsudi@yahoo.com

**Information about authors:*****Saidov Isroil Maumadovich*** – Ph.D., dotsent of the Department of Informatics, TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, TSNU, Tel: **904 48 55 55**, E-mail: isroil-84@list.ru.
***Maqsoodi Abdul Khalil*** **–** Magister of the Department of Informatics of TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, Phone: **93 744 41 74 76**, E-mail: khalimaqsudi@yahoo.com

**УДК 574,6:477.63/64**

# АМСИЛАИ КОМПЮТЕРИИ ХУДКОРСОЗИИ ОБЁРИҲОИ ҚАТРАГӢ ДАР ҶТ

***Саидов И., Қосимӣ А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Гузориши масъала.** Дар шароити муосир барои обёрӣ намудани заминҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ якчанд усул ва методҳои гуногуни зиёдеро истифода намудан мумкин аст, ки яке аз онҳо ин обёрии қатрагӣ ба ҳисоб меравад.

Истифодаи усули обёрии қатрагиро метавон аз таҷрибаи васеи давлатҳои тараққикардаи олам ба монанди ИМА, Исроил, Зеландияи Нав, Эрон ва дигар давлатҳо истифода намоем[1-2].

Мақсади асосии мақолаи мазкур аз коркарди системаи худкори идоракунии обёрии қатрагӣ иборат мебошад.

Барои расидан ба ин мақсадҳо мо бояд:

- ҳолати заминҳои хушкида ва нозукиҳои технологияи парвариши растаниҳо дар минтақаҳои гуногуни ҶТ омӯзем;
- барои баҳодиҳии ҳолатҳои ҷойдошта амсилаҳои математикӣ ва компютерӣ созем ; афзори компютерӣ барои идоракуни дар низоми худкорро созем.

Обёриҳои қатрагӣ. Усули обёриҳои қатрагиро дар давлатҳои Исроил, ИМА, Олмон ва Хитой бо таври васеъ истифода мебаранд. Имрӯз таҷҳизоте, ки дар Тоҷикистон истифода карда шуда истодааст, барои деҳқонони тоҷик беҳтарин ба ҳисоб меравад. Агар об лойолуд бошад ҳам, истифода бурдани он мумкин асту

мушкилиҳо ба миён намеоянд. Вақте ки қатрадиҳакҳо фарсудаву бо лой пур мешаванд, онро тоза карда, боз истифода бурдан мумкин аст [1-3].

Обёрии қатрагиро мо метавонем дар боғҳои интенсивии Тоҷикистон ба роҳ монем. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки усулҳои обёриҳои қатрагӣ дар шароити Тоҷикистон ва давлатҳои ҳаммарзи он самараи хуб медиҳанд.

Технологияи парвариши зироатҳо обёрии боғҳо ва ба роҳмонии масъалаи обёрии қатрагӣ дар шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳими саривақтӣ ба ҳисоб меравад [8].

**Амсилаи компютерӣ.** Таҳияи барномаи компютерӣ барои системаи обёрии қатрагии худкор, як кори мубрам ва муҳим ба ҳисоб меравад.
Самаранокии системаи худкори идоракунии обёрии қатравӣ метавонад марбут ба ин ё он намуди растанӣ бошад. Сохтор ва алгоритми тақсимшавии обро метавон аз расми 1 мушоҳида намуд.



***Расми 1. Амсилаи тақсимоти обёрии қатрагӣ.***
***Figure 1. Drop irrigation distribution process***

Дар компютер барои таҳияи амсила ва коркарди додаҳо мо аз забони объектгарои C# истифода менамоем.

Барнома дар C# метавонад амалҳои зеринро анҷом диҳад:

1. идоракунии обдиҳии минтақаи интихобшуда;
2. тариқи имкониятҳои махсус гирифтани маълумот аз нишондодҳои додадаҳо дар вақти воқеӣ;
3. таҳияи графикҳо;
4. тавассути Интернет барои идоракунии фосилавии обёрии қатрагӣ, баҳодиҳии мониторинги майдони кишт.

Равзанаи асосии кории барномаи таҳияшударо дар намудҳои зерин дидан мумкин аст.
Тавассути равзанаи асосии барнома имконият аст, ки мо масоҳат ва радиуси обпошакҳоро муайян намоем. Дар натиҷа барнома ба мо пешниҳод менамояд, ки

**Расми 2.Равзанаи асосии барнома**
**Figure 2. The main program window**



**Расми 3. Раванди ҳисобкунии сарфшавии об.**
**Figure 3. Water consumption calculation process**

чанд нуқта ва чи миқдор об сарф карда мешавад.

Дар равзанаи дуюми барнома имконияти тасвири график, нишон додани сана ва вақтро метавонем мушоҳида намоем. Чунки ҳамаи ин имкониятҳо бо таври муфассал барномарезӣ шудаанд.

Яке аз имкониятҳои хуби барномаи сохташуда дар он аст, ки мо метавонем бо воситаи интернет ва сомаи гугл – картаҳо мавқеи дар харита ҷойгиршудаи замини обёришавандаро мушоҳида намоем.

Яке аз равзанаҳои асоситарини барнома ин равзанае мебошад, ки он нақшаи

**Расми 4. Нишондоди натиҷа вобаста аз вақт.**
**Figure 4. Output indicator depending on time**




**Расми 5. Муайянкунии мавқеи ҷой дар харита.**
**Figure 5. Determining the position of the location on the map**

ҷойгиршавии дастгоҳҳои обпошандаро нишон медиҳад. Барои истифодаи ин имконият аз тугмачаи фармонии «Нақшаи ҷойгирӣ»-и истифода намудан лозим аст. Бо пахши тугмачаи мазкур барнома нақшаи ҷойгиршавии обпошакҳоро пешниҳод мекунад.

***Расми 6. Нақшаи ҷойгиршавии обпошакҳо.***
***Figure 6. Map of the location of sprinklers.***

**Кодгузории барнома**

```
using System;
using System.Collections.Generic;
using System.ComponentModel;
using System.Threading.Tasks;
using System.Windows.Forms;
namespace DO
{ public partial class Form1 : Form
{ string datatime;
public Form1()
{ InitializeComponent();
textBox8.KeyDown += (s, e) =>
{ if (e.KeyData == Keys.Return)
{ button1_Click(null, null); } };
textBox8.TextChanged += (s, e) =>
{ if (Regex.IsMatch(textBox8.Text, "[^0-9-.]"))
 textBox8.Text = textBox8.Text.Remove(textBox8.Text.Length - 1);
textBox8.SelectionStart = textBox8.Text.Length;
```

```
};
Random range = new Random();
datatime = range.Next(-100000, 100000).ToString(); }
private void button1_Click(object sender, EventArgs e)
{ SolidBrush solidBrush = new SolidBrush(Color.Aqua);
SolidBrush solidBrush2 = new SolidBrush(Color.Red);
Pen pen = new Pen(Color.Black); }
private void button2_Click(object sender, EventArgs e)
{ Try
{
Raschet ras = new Raschet();
ras.animate(pictureBox1);
double shumura = as.QuantityOfRasp(textBox1.Text,numericUpDown1);
double ob = ras.OB_raskhod(shumura*shumura);
textBox2.Text = "" + (int)shumura*(int)shumura;
textBox3.Text = "" + ob;
textBox4.Text = "" + ((1040 / 60));
    File.WriteAllText($@"C:/Users/ROCKSTAR/Desktop//file{datatime}.txt Санаи
    амалиёт : " + System.DateTime.Now + "\n");
timer1.Enabled = true;
timer2.Enabled = true; }
catch (Exception ex)
{
MessageBox.Show(ex.ToString()); }
int i = 0;
double obrashod = 0.0288888888888889;
double miqdori_ob = 100000;
double obi_obanbor = 100000;
private void timer1_Tick(object sender, EventArgs e)
{ i++;
if (i>=600)
{
timer1.Enabled = false; }
Raschet ras = new Raschet();
double shumura = ras.QuantityOfRasp(textBox1.TextnumericUpDown1);
double ob = ras.OB_raskhod(shumura * shumura);
double shumora= ras.QuantityOfRasp(textBox1.Text,numericUpDown1);
label13.Text = "Обёри шуд : ";
label13.Text = label13.Text+ progressBar1.Value.ToString()+"%";
progressBar1.Value =(int)(obrashod * 100) / 17;
textBox5.Text = obrashod.ToString();
obrashod =obrashod+ 0.0288888888888889;
SolidBrush solidBrush = new SolidBrush(Color.White);
Pen pen = new Pen(Color.Black);
miqdori_ob = miqdori_ob - 0.0288888888888889;
double raskhodi_ob_umumi =obrashod*shumora ;
miqdori_ob = miqdori_ob - raskhodi_ob_umumi;
label8.Text = (obi_obanbor - obrashod *
* int.Parse(textBox2.Text))+" литр";
int raskhod = (int)(miqdori_ob * 100) / 100000;
int prod= (int)(((obi_obanbor - obrashod *
*int.Parse(textBox2.Text)) * 100) / 100000);
progressBar2.Value = prod;
label7.Text = progressBar2.Value.ToString()+"%";
pictureBox1.CreateGraphics().FillRectangle(solidBrush,
0,100- raskhod, 120, 1);
label9.Text = "Расходи об дар мачмуъ : ";
label9.Text = label9.Text +""+(100000-(obi_
obanbor-obrashod*int.Parse( textBox2.Text)));
double z = (100000 - (obi_obanbor - obrashod *
 int.Parse(textBox2.Text)));
chart1.Series["Water"].Points.AddXY(i,z); }
async private void button1_Click_1(object sender, EventArgs e)
```

```
{
 textBox8.Enabled = false;
button1.Enabled = false;
await Task.Run(() =>
{
WebClient wb = new WebClient();
     string line = wb.DownloadString($"http://free.ipwhois.io/xml/{textBox8.Text}");
if (!line.Contains("invalid"))
{
Action action = () => {
Match match = Regex.Match(line,
"<country>(.*?)</country>(.*?)<region>(.*?)</region>(.*?)<city>(.*?)</city>(.*?)<org
>(.*?)</org>(.*?)<currency>(.*?)</currency>");
Match matchloc = Regex.Match(line,
"<latitude>(.*?)</latitude>(.*?)<longitude>(.*?)</longitude>");
string latitude = matchloc.Groups[1].ToString();
string longitude = matchloc.Groups[3].ToString();
webBrowser1.Url = new
Uri($"https://www.google.com/maps/search/?api=1&query={textBox6.Text},{textBox7.
Text}");
Debug.WriteLine(textBox6.Text + ":" +textBox7.Text); };
if (InvokeRequired)
Invoke(action);
else
action(); }
else
{
MessageBox.Show("");});
textBox8.Enabled = true;
button1.Enabled = true;
}
public class Raschet : Form
{
public double QuantityOfRasp(string masohat,NumericUpDown rad)
{
try
{
double a = double.Parse(masohat);
return (a * (double)(100/rad.Value)) / 10000;
}
catch (Exception ex)
{
MessageBox.Show(ex.Source);
return 0;
} }
```

**Хулоса.** Ҳангоми таҳияи амсилаи компютерӣ барои системаи худкори обёрии қатрагӣ дар шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои муҳимтарине, ки барои ин самт лозиманд, ҳама ба назар гирифта шуда аст. Нақшаи амсилаи компютерии системаи худкори идоракунии обёрии қатрагӣ, дар асоси технологияҳои муосири барномасозӣ сохта шуда аст.

Сохтори системаи худкори идоракунии обёрии қатрагӣ бо истифодаи системаи геоиттилоотии пайвандӣ дорад. Дар амсила ҳангоми коркарди додаҳо барои муайян сохтани намнокии замин ва вазъи кунунии он ҷунксияи махсусе сохта шудааст, ки иттилоотро аз шабакаи умумиҷаҳонии интернет дастрас менамояд.

Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотӣ аз эҷодӣ ва тадбиқӣ будани он иборат аст.

**АДАБИЁТ**


1. Бандишоева, Р.М. Планирование режимов капельного орошения хлопка с использованием метода нечёткой логики / Р.М. Бандишоева // Вестник Таджикского технического университета имени ак. М.С. Осими. -2015. -№ 4(32). – С. 62-66.
2. Бандишоева, Р.М. Водно-энергетический баланс управления высшим растением на основе метода группового учёта аргументов / Р.М. Бандишоева, Н.И. Юнусов, У.Х. Джалолов, Ш.Ё.

Холов // Политехнический вестник. Серия Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2018. №1 (41). - С. 66-74.
3. Бандишоева, Р.М. Разработка автоматизированного модуля минерализации поливной воды/ Р.М. Бандишоева //Вестник Новосибирского государственного университета. Серия: Информационные технологии. 2018. -Т. 16. - № 3. - С. 64–73.
4. Гофман В. Э., Хомоненко А. Д. C#. - СПб.: БХВ - Санкт-Петербург, 2006. -С.800 .
5. Гофман В. Э., Хомоненко А. Д. Работа с базами данных в Delphi. — СПб. БХВ-Петербург, 2002. –С.656 .
6. Матросов А. В., Сергеев А. О., Чаунин М. П. HTML 4.0. - СПб.: БХВ-Пе-тербург, 2000. – С.672 .
7. Хомоненко А. Д., Цыганков В. М, Мальцев М. Г. Базы данных: Учебник для высших учебных заведений. / Под ред. проф. А. Д. Хомоненко. - СПб. КОРОНА принт, 2012. –С.416 .
8. Саидов И.М. Татбиқи методҳои вариатсионӣ барои ҳисоб намудани масофаи байни хатҳои суфта/ Идиев Ғ.А, Саидов И.М. // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. 2019. №1. – С. 84-89. ISSN 2413-452X.
9. Саидов И.М. Муқоисаи алгоритмҳои ёфтани масофаи байни хатҳои суфта / Идиев Ғ.А, Саидов И.М. // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. 2019. №4. С. 49-45. ISSN 2413-452X.

## АМСИЛАИ КОМПЮТЕРИИ ХУДКОРСОЗИИ ОБЁРИҲОИ ҚАТРАГӢ ДАР ҶТ

Дар шароити муосир барои обёрӣ намудани заминҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ якчанд усул ва методҳои гуногуни зиёдеро истифода намудан мумкин аст, ки яке аз онҳо ин обёрии қатрагӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии мақолаи мазкур аз коркарди системаи худкори идоракунии обёрии қатрагӣ иборат мебошад. Барои расидан ба ин мақсадҳо дар амсилаи компютерӣ сохта шуд. Барнома сохташуда метавонад амалҳои зеринро анҷом диҳад:1. идоракунии обдиҳии минтақаи интихобшуда; 2.тариқи имкониятҳои махсус гирифтани маълумот аз нишондодҳо дар вақти воқеӣ; 3.таҳияи графикҳо; 4.тавассути Интернет барои идоракунии фосилавии обёрии қатрагӣ, баҳодиҳии мониторинги майдони кишт. Ҳангоми таҳияи амсилаи компютерӣ барои системаи худкори обёрии қатрагӣ дар шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои муҳимтарине, ки барои ин самт лозиманд, ҳама ба назар гирифта шуда аст. Нақшаи амсилаи компютерии системаи худкори идоракунии обёрии қатрагӣ, дар асоси технологияҳои муосири барномасозӣ сохта шудааст.

**Калидвожаҳо:** амсила, компютер, иттилоот, худкор , таҷҳизот, обёрии қатрагӣ, объект, иқлим, барнома, додаҳо,зироъат.

## КОМПЬЮТЕРНАЯ МОДЕЛЬ АВТОМАТИЗАЦИИ КАПЕЛЬНОГО ОРОШЕНИЯ В РТ

В современных условиях для орошения земель в фермерских хозяйствах можно использовать множество различных методов, одним из которых является капельное орошение. Основная цель статьи - разработка автоматизированной системы управления капельным орошением. Для достижения этих целей была построена компьютерная модель. Встроенная программа может выполнять следующие действия: 1. Управление поливом на выбранной территории; 2. Получать данные в реальном времени через специальные возможности; 3. Разработка графиков; 4. Через Интернет для дистанционный управлении капельным орошением, мониторинга и оценки пашни. При разработке компьютерной модели системы автоматического капельного полива в климатических условиях Республики Таджикистан были учтены все важнейшие факторы, необходимые для данного направления. Компьютерная модель автоматической системы управления капельным орошением основана на современных технологиях программирования.

**Ключевые слова:** модель, компьютер, информация, автоматизация, оборудование, капельное орошение, объект, климат, применение, данные, урожай.

## COMPUTER MODEL OF AUTOMATION OF DRIP IRRIGATION IN THE MOUTH

In modern conditions, many different methods can be used to irrigate land on farms, one of which is drip irrigation. The main goal of the article is to develop an automated drip irrigation control system. To achieve these goals, a computer model was built. The firmware can do the following: 1. Management of irrigation in the selected area; 2. Receive data in real time through accessibility features; 3. Development of schedules; 4. Via the Internet for remote control of drip irrigation, monitoring and evaluation of arable land. When developing a computer model of an automatic drip irrigation system in the climatic conditions of the Republic of Tajikistan, all the most important factors necessary for this direction were taken into account. The computer model of the automatic drip irrigation control system is based on modern programming technologies.

**Keywords:** model, computer, information, automation, equipment, drip irrigation, facility, climate, application, data, harvest.

**Сведения об авторах:** ***Саидов Исроил Маҳмадович*** **–** к.т.н., доцент кафедры информатики ДМТ. 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17,ТГНУ, Тел:904485555, **E-mail:** isroil-84@list.ru.
***Косими Абдул Джалил*** –магистр кафедры информатики ДМТ. 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17,ТГНУ, Тел.: (+992) 918224493, E-mail: mnasim.nasari@yahoo.com

**Information about authors:** ***Saidov Isroil Maumadovich*** - Ph.D., dotsent of the Department of Informatics, TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, TSNU, Tel: 904485555,E-mail: isroil-84@list.ru.
***Qasimi Abdul Jalil*** - Magister of the Department of Informatics of TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, Phone: 918224493, E-mail: mnasim.nasari@yahoo.com

УДК 574,6:477.63/64

# ТАҲИЯИ АМСИЛАИ КОМПЮТЕРӢ БАРОИ МУАЙЯНКУНИИ ШУМОРАИ ХАЗИНАДОРҲО ДАР МАҒОЗАҲО

***Саидов И., Назарӣ М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Муҳтаво.** Дар ҳар давру замон одамон барои коркарди иттилоот аз усулу воситаҳои гуногун истифода мебурдаанд. Марҳилаҳоеро, ки восита ва усулҳои коркарди иттилоотии онҳо боиси тағйироти қатъӣ ва куллии ҷомеа гаштаанд, инқилобҳои иттилоотӣ ном гирифтаанд. Инқилобҳои иттилоотӣ ҷомеаро ба сатҳи болотари инкишоф бароварда, фарогири сифатҳои нав мегардонанд [5].

Аҳамияти мавзӯи тадқиқотии додашуда дар он аст, ки дар замони муосир бо тараққӣ кардани иқтисоди бозорӣ низоми савдоротавассути технологияхои компютерӣ бояд ба роҳ монд.

Ҳудкорсозии кори хазинаҳои мағозаяк самти муҳимми мақолаи мо ба ҳисоб меравад. Ар амалия раванди тақсимоти маҳсулот ва гирифтани маблағро метавон бо воситаҳои хеле зиёд ташкил кард, ки ин ҳолат сарфаҷӯии вақт ва раванди корро хеле осон мекунад.

Ҳудкорсозӣ – яке аз самтҳои муҳим ва пешрафта дар идоракунии корхонаҳо ва дигавр соҳамухталифи ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб меравад. Ҳудкорсозӣ пеш аз ҳама имконият медиҳад, ки аз воситаҳои техникии худтанзимкунӣ ва методҳои риёзӣ-компютерӣ самаранок истифода бурда шаванд.

***Худкорсозии мағозаҳо.*** **Ҳудкорсозии** мағоза имконият медиҳад, ки ҳама низоми кории мағозаҳо бо тартиби муайян ва саривақт иҷро карда шаванд. Барои худкор сохтани системаи иттилоотии мағозаҳо пеш аз ҳама ба алгоритм ва сохтори кории онҳо баҳодиҳӣ намудан лозим аст.

Яке аз роҳ ва усулҳои беҳтарини худкорсозии мағозаҳо ин истифодаи барномаҳои тадбиқии компютер ба ҳисоб мераванд. Ба сифати барномаҳои тадбиқи метавон ҷадвали электронии MS Excel ва ё барномаи «1С»-ро истифода бурд, ки ин барномаҳо имконияти худкорсозии ҳамаи намудҳои мағозаҳоро доранд, аз ҷумла худкорсозии шабакавии мағозаҳоро, масалан: худкорсозии мағозаи хӯрокворӣ, худкорсозии мағозаи пойафзол, худкорсозии мағозаи либосҳо, худкорсозии шабакавии мағозаҳо, худкорсозии мағозаи китобҳо ва дигар намудҳои мағозаҳо.

Барои таҳлил ва муайян намудани хизматрасониҳо дар мағоза, амсилаи

***Расми 1. Амсилаи консептуалии кори мағоза.***
***Figure 1. Conceptual model of the store operation***

консептуалии гардиши молҳо ва тарзи санҷиши расид ва пардохти маблағро дар чунин намуд тасвир намудан мумкин аст.

**Амсиласозии риёзӣ.** Амсилаҳо ва гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ тавассути онҳо аз давраҳои қадим то имрӯз мавриди омӯзиш ва истифода қарор доранд.

Амсиласозии риёзӣ қариб дар ҳамаи соҳаҳо бо таври пурра ва мукаммал истифода мешавад. Масалан дар соҳаҳои

- коргузории техникӣ;
- сохтмон ва меъморӣ;
- нуҷумшиносӣ ва физика;
- химия ва биология;
- илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ.

Муваффақияти бузург ва эътирофшавандаии амсиласозии риёзиро қариб дар тамоми соҳаҳои илми-тадқиқотӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Барои фаҳмиш ва дарки ягон объекти додашуда системаи ягона ва ё қоидаи махсусе вуҷуд надорад. Дар ҳар як сохтор ва коргоҳ мафҳуми амсиларо бо фаҳмиши худашон дарк мекунад[5].

Истилоҳи “модел” ва ё “амсила” дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон васеъ истифода мешавад ва маъноҳои зиёди илмӣ ва маънавӣ дорад.

Модел (дар илм) объекти ивазкунандаи ашёи аслӣ, воситаи шинохтанест, ки муҳаққиқ дар байни худ ва ашё мегузорад ва бо ёрии он баъзе хусусиятҳои аслиро обектро меомӯзад[6].

**Раванди амсиласозӣ аз се марҳила иборат аст:**

1. Интихоби мавзӯъ (муҳаққиқ) ва обекти таҳқиқшаванда;
2. Таҳлили обеъкти додашуда;
3. Шинохт ва дарки объекти таҳқиқотӣ ва интихоби омилҳое, ки барои рӯи кор омадани афзорҳои тадқиқотӣ мусоидат мекунанд.

Барои сохтани амсила мо метавонед ҳама гуна объекти табиатро мавриди омӯзиш қарор диҳем вале бештар объектҳои мураккабро барои амсиласозӣ интихоб намудан лозим аст. Маҳз амсиласозӣ натиҷаҳоеро ба даст меорад, ки бо дигар усулҳои таҳқиқот онҳоро ба даст овардан ғайриимкон аст[6].

Барои сохтани дилхоҳ амсила пеш аз ҳамма амсиласоз бояд ба рафти кор ва ҷузъҳои таъсиррасони объекти додашуда диққати ҷиддӣ диҳад.

Барои таҳия намудани амсилаи риёзии нуқтаҳои фуруши маҳсулотҳо дар мағозаҳо мо пеш аз ҳамма алгоритми рафти кории мағозаро мушоҳида намуда, пас аз он амсилаи риёзиро месозем.

Аз усулҳои маъмули амсиласозии математикӣ истифода намуда, миқдори хазинаҳоро дар мағоза ҳисоб мекунем.

Барои ин шарти масъаларо ба забони математикӣ мегардонем ва амсилаи математикии ба он мувофиқро месозем. Барои сохтани амсилаи математикӣ пеш аз ҳама интихоб намудани тағйирёбандаҳо зарӯр аст. Бинобар ин мо тағйирёбандаҳои зеринро интихоб мекунем:

К – миқдори зарурии хазинаҳо;

В – вақти хизматрасонӣ барои як мизоҷ;

Т – вақти кории мағоза;

N – миқдори харидороне, ки дар як рӯз ба мағоза ворид мешаванд.

Акнун миқдори харидоронеро, ки як хазинадор дар як рӯзи корӣ хизмат мерасонад ҳисоб мекунем. Барои ин мувофиқати байни вақти кории мағозаро бар вақти хизматрасонӣ барои як мизоҷ муайян менамоем: Т/В. Бо ҳамин усул миқдори хазинаҳоро чунин ҳисоб мекунем, ки онҳо ба ҳамаи харидорон хизмат расонида тавонанд:

$$\mathbf{K = N /(T / B)}$$

Акнун ҳаммаи маълумотҳои гирдовардаамонро ба тағйирёбандаҳо гузошта, фарзияҳоро дохил намуда, фарз мекунем, ки:

В = 3 дақиқа,

Т = 780 дақиқа (13 соат),

N = 2000 нафар харидор.

Акнун миқдори хазинаҳоро ҳисоб мекунем:

$$K = 2000 /(780/3) = 7,69$$

Ҳамин тариқ, аз ҳисобкуниҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои он, ки бе навбат ба харидорон хазинадорон хизмат расонида тавонанд на кам аз 8 хазина бояд фаъолият намояд [8-10].

Масъалаи дар боло гузошташуда ҳал шуд, аммо ҳамиро ба назар бояд гирифт, ки харидорон ба мағоза дар як рӯз нобаробар ворид мешаванд. Рӯзона миқдори харидорон кам буда, бегоҳӣ хеле зиёд мешавад. Барои ҳамин рӯзона як хазинадор бекор мемонад, ё ин, ки бегоҳӣ дар 8 хазина навбати дурудароз пайдо мешавад, ки он рафти кори мағозаро халалдор месозад.

Аз ҳисобкуниҳои болои хулоса баровардан мумкин аст, ки амсилаи матетматикии мо хеле содда аст ва ба талабот ҷавогӯ нест. Барои он ки кори мағоза ба талабот ҷавобгӯ гардад, миқдори харидоронро на барои як рӯзи пурра балки барои ҳар як соати алоҳида ҳисоб намудан лозим аст. Барои ин амсилаи математикии навбатии навро месозем.

Дар амсилаи навбатии риёзӣ мо тағйирёбандаҳоро чунин интихоб мекунем:

Ki – миқдори хазинаҳо барои як соати муайяни кории мағоза;

Ni – миқдори харидорон барои як соати муайяни кории мағоза

Азбаски мо миқдори хазинаҳоро барои як соат ҳисоб мекунем барои ҳамин T=60 дақиқа мебошад.

Дар натиҷа амсилаи математикии мо намуди зеринро мегирад:

Ki = Ni /( T / B)

Амсилаи нави мо имконият медиҳад, ки мо элементҳоро дар шакли массив ба он дохил кунем. Ба сифати элементҳои массив миқдори харидорон барои ҳар як соати кории мағозаро дар намуди ҷадвали зерин тартиб медиҳем[10]:

***Ҷадвали 1.***

| **Соатҳо** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Харидорон** | **50** | **70** | **80** | **100** | **180** | **120** | **100** | **130** | **170** | **280** | **310** | **240** | **170** |

***Диаграммаи ҷадвали болоиро тавассути MS Excel месозем (Расми 2):***




***Расми 2. Диаграммаи қайди харидорони мағоза дар рӯзҳои муқаррарӣ.***
***Figure 2. Store buyer registration chart on normal days***

Аз расми 2. ба хулосае омадан мумкин аст, ки мақдори зиёди харидорон ба соати 18:00 рост меояд ва маълум мегардад, ки бояд миқдори хазинаҳо на камтар аз 16 –то бояд бошанд.

**K11=310 /(60/3) = 15,5≈16**

Барои он ки дар рузҳои корӣ дар мағоза навбати тӯлонӣ пайдо нагардад, бояд миқдори хазинаҳо на кам аз 16-то бошанд.

Акнун миқдори харидоронро барои рӯзҳои истироҳатӣ бо таври фарзиявӣ ҳисоб менамоем. Аз таҳлилҳо ва ҳисобкуниҳо бар меояд, ки дар рӯзҳои истироҳатӣ шумораи харидорон дар мағоза тақрибан то 4000 нафар мерасанд.

**Ҷадвали 2.**

| **Соатҳо** | | | | | | | | | | **0** | **1** | **2** | **3** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Харидор** | **50** | **00** | **10** | **70** | **70** | **00** | **70** | **10** | **90** | **30** | **00** | **20** | **80** |

Диаграммаи ин ҷадвалро тавассути MS Excel месозем:




***Расми 3. Диаграммаи қайди харидорони мағоза дар рӯзҳои истироҳат.***
***Figure 3. Store buyer registration chart on weekends***

Аз диаграммаи расми 2 ба хулосае меоем, ки мақдори зиёди харидорон ба соати 14:00 рост меояд ва маълум мегардад ки миқдори хазинаҳо бояд на камтар аз 24 –то бошанд.

$$K7=470/(60/3) = 23,5\approx 24$$

Яъне, барои он, ки дар рӯзҳои истироҳатӣ навбати дурудароз пайдо нагардад, бояд ки на кам аз 24-то хазина кор кунад.

Акнун миқдори харидоронро барои рӯзҳои ид ҳисоб менамоем. Аз рӯи ҳисобкуниҳо ва таҳлилҳо шумораи харидорон дар рӯзҳои истироҳат то 6000 нафар мерасанд.

***Ҷадвали 3.***

| **Соатҳо** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Харидор** | **140** | **210** | **390** | **460** | **520** | **650** | **610** | **590** | **520** | **580** | **5600** | **470** | **300** |

Аз диаграммаи 3 ба хулосае меоем, ки мақдори зиёди харидорон ба соати 13:00 рост меояд ва маълум мегардад ки миқдори хазинаҳо на камтар аз 33 –то бояд бошанд.

$$K6=650 /(60/3) = 32,5\approx 33$$

Барои он ки дар рӯзҳои ид дар мағоза навбати дурудароз пайдо нагардад бояд, ки 33-то хазина фаъолият намояд**.**

**Таҳияи амсилаи компютерӣ.** Барномаи компютерӣ бо ёрии забони барномасозии объектгарои C# сохта шудааст. Барномаи сохташуда барои истифодабарандагон имкониятҳои васеи корбариро пешниҳод менамояд.

Намуди умумии барнома чунин аст.



***Расми 5. Равзанаи асосии барнома.***
***Figure 5. The main program window***

Дар равзанаи асосии барнома якчанд тугмачаҳои фармонӣ сохта шудааст. Инчунин дар тарафи рости равзана рӯзҳои ҳафта бо рузҳои ид ҷойгир карда шудаанд, ки ҳангоми интихоби яке аз ин рӯзҳо, барномаи таҳияшуда барои он маълумот пешнишод менамояд. Дар равзанаи асосии барнома тугмачаҳои “Ҳисоб барои як рӯзи алоҳида”, “Тозакунӣ”, “Ҳисоб барои соати алоҳида”, “Печат-чопкунӣ”ва “Чопкунӣ дар блокнот” ҷойгир карда шудаанд.

Муайянкунии шумораи зарурии хазинахо дар як рузи корӣ вобаста ба соат дар расми 6. оварда шудаанд.

***Расми 6. Шумораи хазинаҳо дар рӯзи душанбе.***




***Figure 6. Number of treasures on Monday***

Муайянкунии шумораи зарурии хазинахо дар як рузи истироҳатӣ вобаста аз соати корӣ.

Муайянкунии шумораи зарурии хазинаҳо дар рӯзҳои ид.




***Расми 8. Шумораи хазинаҳо дар рӯзҳо ид.***
***Figure 8. Number of treasures on holidays***

Диаграммаи шумораи лозимии хазинахо дар як руз вобаста ба вақти кории мағоза.

**Хулоса.** Муваффақияти бузурги амсиласозии риёзӣ ва компютериро қариб дар тамоми соҳаҳои илмию-тадқиқотии муосир мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар мақолаи мазкур ҳам амсилаи риёзӣ ва ҳам амсилаи компютерӣ сохта шудааст, ки метавонад як барномаи хуби корие барои танзимоти хазинаҳо дар мағозаҳои калон бошад.

Дар мақола асосан метод ва усулҳои ба роҳ мондан ва муайян намудани миқдори хазинаҳои мағозаҳои калон вобаста аз вақт ва рӯз мавриди тадқиқл қарор гирифтааст. Бо боварии том гуфтан мамкин аст, ки бо такмил додан ва илова намудани баъзе параметрҳо, барномаи сохташударо метавонем дар хизматрасонии дилхоҳ мағозаҳо истифода намоем.

**АДАБИЁТ**


1. Саидов И.М. Нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ / Саидов И.М. // Паёми пажуишгоҳи рушди маориф. №1,(29). ISSN 2617-5620., Душанбе, 2020. -С. 161-166.
2. Саидов, И. М. Табдилдиҳии амсилаи математикӣ ба афзори пешбинандаи динамикаи популятсияи моҳиҳои экосистемаи обанбори пастоб / Ф.С. Комилов, И.М. Саидов, И.Л. Ҳосимов, М.Р. Ёров // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. 2017. №1/5. ISSN 2413-452X. Душанбе, 2017. С. 27-32.
3. Саидов, И. М. Талаботи меъёрӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ нисбат ба дараҷаи азхудкунии фанни информатика дар машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ / Ф.С. Комилов, И.М. Саидов, З.Ф. Раҳмонзода // Ахбори шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ. №2. Душанбе, 2016. -С.95-101.
4. Саидов И.М. Муқоисаи алгоритмҳои ёфтани масофаи байни хатҳои суфта / Саидов И.М. Идиев Ғ.// Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. №4., ISSN 2413-452X., Душанбе, 2019. -С. 45-49.
5. Саидов И.М. Таҳияи амсилаи компютерӣ барои танзимоти миқдори хазинаҳо дар мағозаҳо/ Саидов И.М., Ризоев С. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба “5500-солагии Саразми бостонӣ”, “700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ” ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф(солҳои 2020-2040)”.
6. Асосҳои амсиласозии риёзӣ. Китоби дарсӣ, Душанбе, 2020.-152с
7. Комилов Ф.С. Информатика ва технологияи иттилоотӣ. – Душанбе, 2016. – 480с.
8. А.И.Верченко. Математика в школе. Издательство «Школа – Пресс», Москва, 2014 год.
9. Гуров В. Интернет для бизнеса , М.: ООО «Электронинформ», 1997 г.
10. Соломатин Е. Internet-трейдинг: тенденции, концепции, технологии.// Computerworld, 2000, № 8.

**Саҳифаҳои интернетӣ**

1. http://www.cnews.ru/comments/2001/03/16/content2.shtml
2. http://www.cnews.ru/comments/2001/04/05/content1.shtml
3. http://www.libertarium.ru/libertarium/l_eldoc_ots1/


## АМСИЛАСОЗИИ КОМПЮТЕРИИ ТАНЗИМОТИ ХУДКОРИ ХАЗИНАҲО ДАР МАҒОЗАҲО


Мавзӯи таҳқиқотии мақолаи мазкур дар ташаккул додани дониш, малака ва салоҳиятнокии касбии мутахассиси ояндаи соҳаи информатика нақши муҳим мебозад. Муваффақияти бузурги амсиласозии риёзӣ ва компютериро қариб дар тамоми соҳаҳои илмию-тадқиқотии муосир мушоҳида намудан мумкин аст. Дар мақолаи мазкур ҳам амсилаи риёзӣ ва ҳам амсилаи компютерӣ сохта шудааст, ки метавонад як барномаи хуби корие барои танзимоти хазинаҳо дар мағозаҳои калон бошад. Дар мақола асосан метод ва усулҳои ба роҳ мондан ва муайян намудани миқдори хазинаҳои мағозаҳои калон вобаста аз вақт ва рӯз мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.



**Калидвожаҳо:** амсила, компютер, иттилоот, системаҳои иттилоотӣ, ҷадвал, худкор, таҷҳизот, мағоза, объект, хазина, мизоҷ, барнома, хизматсрасонӣ.


## РАЗРАБОТКА КОМПЬЮТЕРНОЙ МОДЕЛЬ ДЛЯ ОПРЕДЕЛЕНИЯ КОЛИЧЕСТВА КАССИРОВ В МАГАЗИНАХ


Исследования тема данной статьи играет важную роль в формировании знаний, навыков и профессиональной компетентности будущего специалиста в области информатики. Автоматизации рабочего места кассира в магазина - важнейший аспект нашей статьи. На практике процесс распространения продуктов и получения средств можно организовать с помощью множества инструментов, что экономит время и значительно упрощает рабочий процесс. С помощью математического и компьютерного моделирования можно увидеть результаты во всех областях современных исследований. В данной статье разработана математическая и компьютерная модель, для определения кассиров в крупных магазинах. В статье в основном рассматриваются методы приемы настройки и определения количества кассиров в крупных магазинах в зависимости от времени и дня.



**Ключевые слова:** модель, автоматизация, компьютер, информация, информационные системы, расписание, оборудование, магазин, объект, касса, клиент, приложение, услуга.


## DEVELOPMENT OF A COMPUTER MODEL TO DETERMINE THE NUMBER OF CASHIERS IN STORES


Research topic of this article plays an important role in the formation of knowledge, skills and professional competence of the future specialist in the field of computer science. Automation of the cashier's workplace in a store is the most important aspect of our article. In practice, the process of distributing products and receiving funds can be organized using a variety of tools, which saves time and greatly simplifies the workflow. With the help of mathematical and computer modeling, you can see the results in all areas of modern research. In this article, a mathematical and computer model has been developed to identify cashiers in large

stores. The article mainly discusses methods for setting up and determining the number of cashiers in large stores depending on the time and day.

**Keywords:** model, automation, computer, information, information systems, schedule, equipment, store, object, cash register, client, application, service.

**Сведения об авторах:** ***Саидов Исроил Маҳмадович*** **–** к.т.н., доцент кафедры информатики ДМТ. 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17,ТНУ, Тел: **904 48 55 55**, **E-mail:** isroil-84@list.ru.
**Назари Мухаммад Насим –** магистрант кафедры информатики ДМТ. 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17, ТНУ, Тел.: **(+992) +93 744 41 71 35**, E-mail: mnasim.nasari@yahoo.com

**Information about authors:** ***Saidov Isroil Maumadovich*** – Ph.D., assistant professor of the Department of Informatics, TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, TSNU, Tel: **904 48 55 55**, E-mail: isroil-84@list.ru.
***Nazari Mohammad Nasim*** **–** Magister of the Department of Informatics of TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, Phone: **93 744 41 71 35**, E-mail: mnasim.nazari@yahoo.com

# МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

## Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Муҳаққиқи ҷавон» пешниҳод мегарданд

**Телефон: (992-37)227-74-41 E-mail:** : *molodoy.issledovatel@mail.ru*

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи «Муҳаққиқи ҷавон» пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матн бо забони русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матн бо забони тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 8 то 10 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб, дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола таҳсил мекунад;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25;

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар **аз 3 номгӯ** ва на бештар аз 10 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– баъди рӯйхати адабиёти истифодашуда маълумоти зерин бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) омода карда шавад: номи мақола; насаб, ном ва номи падар; номи муассиса; аннотатсия ва калидвожаҳо (аннотатсия на камтар аз **18 сатр** ва калидвожаҳо **то 10** номгӯ);

– дар охири мақола бо ду забон (**русӣ ва англисӣ**) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), номи муассисае, ки дар он муаллиф мехонад, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кор в ё таҳсили муаллиф.

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Молодой исследователь»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

**Требования к оформлению научных статей:**

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой учится автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 3 и не более 10 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы оформляется следующая информация на трех языках (на таджикском, русском и английском языках): название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 18 строк, ключевые слова до 7 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, название организации, в которой учится (авторы), телефон, e-mail, а также почтовый адрес место учебы автора).

# INFORMATION FOR THE AUTHORS

## Requirements for scientific articles submitted to the scientific journal "Young researcher»

All submitted scientific journal articles must meet the following requirements: a) the article must be written in compliance with the established requirements; b) the article must be the result of scientific research; c) the article must conform to one of directions (sections) of the journal.

**Requirements for registration of scientific articles:**

The article should be prepared in Microsoft Word format, Times New Roman font, size 14, margins 2.5 cm on all sides, interval 1.5.

The volume of the article (including the abstract and the list of references) should be within the range of 8 to 10 pages of A4 format.

The article should have the following structure:

- UDC index (the index can be obtained in any scientific library);
- article title;
- surname and initials of the author (for example, D. M. Sharipov);
- name of the organization where the author of the article studies;
- main text of the article;
- when quoting specific material, the references are indicated in square brackets [ ]. Sample: [4, p. 25]. That is, literature #4 and page 25;
- tables, diagrams, diagrams, and drawings should be grouped and numbered. Tables, diagrams, diagrams, and drawings must have a name;
- list of references (no less than 3 and no more than 10 titles of scientific literature). The list of references is made according to the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;
- after the list of references, the following information is made out in three languages (Tajik, Russian and English): the title of the article, the author's full name, the name of the organization, the abstract and keywords (abstract of at least 18 lines, keywords to 7 words or phrases);
- Information about the author in Russian and English (full name of the author, the name of the organization where the author studies, phone number, e-mail, and postal address of the place of study or work of the author are indicated here).

# МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

## ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ – HISTORY AND ARCHAEOLOGY


***А.Абдуллоев, Зиёзода Т.Н.*** Инъикоси ғояҳои эъломияи Куруши Кабир дар эъломияи умумии ҳуқуқи башар..... ***5***
***Носири Важма.*** Ҷунбиши занон дар Афғонистон пас аз суқути ҷунбиши “Толибон”..... ***12***
***Қодиров М.Н.*** Аввалин задухӯрдҳо миёни арабҳо ва нерӯҳои эронӣ..... ***17***
***Азизраҳимӣ Марзия.*** Нақши Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ дар ислоҳоти Амир Шералихон..... ***15***
***Нуриддинов Р.Ш., Некзод Шарафуддин.*** Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар самти Осиёи. Марказӣ..... ***27***
***Бутаева Г.М.*** Ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият..... ***32***


## ФАЛСАФА – ФИЛОСОФИЯ – PHYLOSOPHY


***Нурматова А.М.Гардоншоев А.М.*** Коркард ва таҳлили ахбори тадқиқоти сотсиологӣ..... ***38***
***Ашуров Р.***Нақши волидон дар тарбияи фарзанд ..... ***42***
***Нурматова А.М.*** Инфографика ҳамчун тасвири графикии натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ. ***46***


## ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ – ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ – PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY


***Нурии Нақибулло.*** Хусусиятҳои психологии ҳаёти эмотсионалии кӯдакон..... ***49***
***Гурезов Ф.*** Хусусиятҳои психологии диққат ва хотири кӯдакон ..... ***54***
***Нурии Нақибулло.*** Хусусиятҳои психологии ҳаёти иҷтимоии кӯдакон..... ***59***


## ФИЛОЛОГИЯ – ФИЛОЛОГИЯ – PHILOLOGY


***Алиева Г.*** Современная динамика концепта "бережливость" в русскоязычной картине мира…..… ***63***
***Бегонова С.Х.*** Вижагиҳои маънавӣ ва мавзӯии ашъори Давлати Раҳмониён…….. ***65***
***Меликов Ф.*** Вижагиҳои услубии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ..... ***70***
***Негмонов Х.К.*** Усули таълифи қисса андар қисса дар таълифи асари “Анису-т-толибин”..... ***75***
***Орипова Н.*** Зиндагии Ҳабиб Юсуфӣ аз нигоҳи муҳаққиқон..... ***79***
***Пиров С.*** Шаклшиносии достонҳои хурди таркиби “Достони Баҳроми Гӯр”-и Абулқосим Фирдавсӣ ..... ***83***
***Розиқов Ф.*** Ҳаммаъноии ҷумлаи пайрави макон бо ибораи сифати феълӣ..... ***90***
***Халифазода А.*** Жанровая специфика русских пословиц……... ***94***


## ИҚТИСОД –ЭКОНОМИКА – ECONOMICS


***Қаландаршоев Г. А.*** Сармоягузории ҷумҳурии мардумии Чин ба соҳаҳои саноат ва энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ..... ***97***
***Ғаюров Ғ.Ҳ., Нурматов Ҷ.Ҳ., Ҳакимӣ А.Ғ.*** Баррасии раванди инкишофи бонкдории исломӣ дар ҷаҳон ва истифодаи таҷрибаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***103***
***Рахматова Ш.С.*** Нақши малакаи молиявии корхонаҳои хурду миёнаи мамлакатҳои тараққикарда дар пешбурди соҳибкории байналхалқӣ..... ***110***
***Гулов Ш.М., Сайдуллоев М.Ф.*** Самаранокии сиёсати фискалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***113***
**Ғаюров Ғ.Ҳ., Салимов Б.С., Зарифзода Ҳ.П.** Таҳқиқи паҳлуҳои назариявӣ-амалии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӢ ва омилҳои ба он таъсиррасон дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***116***
***Ғафорзода Ҷ.Ғ., Садат С. Ҷамолудин*** Тиҷорати байналхалқӣ ва омилҳои ба он таъсиркунанда ..... ***122***
***Сайфуров К.Ф., Фозилова Ш.Б.,Зарифзода Ҳ.П.*** Қарзи бонкӣ: зарурият, аҳамият, принсипҳо ва нақши он дар иқтисодиёт ..... ***126***
***Ширзамон Хил Исматуллоҳ*** Идоракунии стратегии ширкатҳои трансмиллӣ..... ***131***

## ҲУҚУҚ ВА СИЁСАТ – ПРАВО И ПОЛИТИКА - LAW AND POLICY

***Ашуров И. А.*** Нақши прокурор дар татбиқи чораҳои пешгирии ба ҳабс гирифтан ва ҳабси хонагӣ..... ***137***

***Абдуганизода Б.*** Назорати давлатии заминсозӣ ва вазифаҳои он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***142***

***Раҳимзода Д.М.*** Элитаи сиёсӣ: моҳият ва хосиятҳои назариявии он..... ***147***

***Шарифзода С.Ш., Қодиров У.*** Мафҳум, моҳият, вазифа ва хусусиятҳои тарбияи ҳуқуқӣ..... ***152***

***Ашуров И. А.*** Тамоюлҳои асосии пешрафти қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои гирифтани пора..... ***156***

## БИОЛОГИЯ – БИОЛОГИЯ – BIOLOGY

***Абдуллаев Ф.Ф.*** Перспективные направления развития сельского хозяйства и продовольственная безопасность Республики Таджикистан ..... ***161***

## МАТЕМАТИКА ВА ИНФОРМАТИКА – MATHEMATICS AND INFORMATION THEORY – МАТЕМАТИКА И ИНФОРМАТИКА

***Саидов И., Мақсудӣ А.*** Таҳияи барнома барои омӯзгорони технологияи информатсионӣ..... ***165***

***Саидов И., Қосимӣ А*** Амсилаи компютерии худкорсозии обёриҳои қатрагӣ дар ҶТ..... ***169***

***Саидов И., Назарӣ М.*** Таҳияи амсилаи компютерӣ барои муайянкунии шумораи хазинадорҳо дар мағозаҳо..... ***175***

# ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

**Научный журнал «Молодой исследователь»**

Научный журнал «Молодой исследователь» основан в 2019 г. Выходит 6 раз в год.

**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»**

**2020. №4**

Над номером работали:

Ответственный редактор: М. Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: *molodoy.issledovatel@mail.ru*
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Ба матбаа 10.09.2020 супорида шуд.
Ба чопаш 00.00.2020 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 23,3.
Супориши № 00. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кучаи Лохути, 2.